ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

№ 6 (83)

Душанбе – 2019

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гарданд, шомил шудааст.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2018 таҳти № 061/ЖР аз нав ба қайд гирифта шудааст.

ISSN 2219-5408

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Тел. : (+992 37) 224-20-12

Факс: (+992 37) 224-13-83

Почтаи электронӣ:
vestnik. tgpu@gmail. com

Сомонаи маҷалла:
http: //vestnik. tgpu. tj

Сармуҳаррир: Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Муовини сармуҳаррир: Мирзораҳимов Акобир Каримович *– доктори илмҳои биология муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Котиби масъул: Одинаев А. Н.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР)шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст. http: //elibrary. ru

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Қосимов О. А. *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Пирумшоев Ҳ. П. *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Саидов. А. С. *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Салимӣ Н. Ю. *- доктори илмҳои филологӣ, академик*
Солеҳов Ш. А. *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Убайдуллоев Н. К. *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ҷаматов С. С. *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Худойдодов А. О. *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2019

Журнал основан в 1978 году
Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук.
Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 11 июня 2018 года за № 061/ЖР
ISSN 2219-5408

Тел. : (+992 37) 224-20-12

Факс: (+992 37) 224-13-83

Электронная почта:
vestnik. tgpu@gmail. com

Сайт журнала*:*
http: //vestnik. tgpu. tj

Главный редактор*:* ***Гаффори Нуъмонджон Усмонзоде*** *- доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*
Зам. главного редактора*:* ***Мирзорахимов Акобир Каримович*** *- доктор биологических наук, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный редактор*:* ***Одинаев А. Н.***

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки. http: //elibrary.ru

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Джаматов С. С. *- доктор филологических наук, профессор*
Косимов О. Х. *- доктор филологических наук, профессор*
Пирумшоев Х. П. *- доктор исторических наук, профессор, член-корр. АНРТ*
Саидов А. С. *- доктор исторических наук, профессор*
Салими Н. Ю. *- доктор филологических наук, академик*
Солехов Ш. А. *- доктор филологических наук, профессор*
Убайдуллоев Н. К. *- доктор исторических наук, профессор*
Худойдодов А. О. *- доктор филологических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2019

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.
The magazine is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on June 11, 2018 for No. 061/ZhR

ISSN 2219-5408

Phone: (+992 37) 224-20-12

Fax: (+992 37) 224-13-83

E-mail:
vestnik. tgpu@gmail. com

Journal website:
http: //vestnik. tgpu. tj

Editor-in-chief: Gaffori Nu'monjon Usmonzoda *- doctor of historical sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

Deputy Editor-in-chief: Mirzorahimov Akobir Karimovich *- doctor of biological sciences, vice-rector on scientific works of TSPU named after S. Ayni*

Executive Editor: Odinaev A. N.

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru

THE EDITORIAL BOARD:

Jomatov S. S. - *doctor of philological Sciences, Professor*
Khudoyadodov A. O. - *Doctor of Philology Sciences, Professor*
Pirumshoyev H. P. *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Corresponding Member of ASRT*
Qosimov O. H. - *Doctor of Philology Sciences, Professor*
Saidov A. S - *Doctor of Philology Sciences, Professor*
Salimi N. U*. - Doctor of Philology Sciences, academic*
Solehov Sh. A. - *Doctor of Philology Sciences, Professor*
Ubaidulloyev N. K. *- Doctor of Historical Sciences, Professor,*

© Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, 2019

МУНДАРИҶА /СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Исмоилов Ш.
Як воситаи офаридани образи бадеӣ.....8
Ҳасанзода А. А.
Иртиботи забони ашъори як шоири ситоишкунандаи ҳунари қарни XVII дар гӯишҳои ҳозираи тоҷикӣ.....21
Шокиров Т. С.
Неологизмы и их интралингвистические особенности.....30
Маҳмадҷонов О., Мухамедова З. Ш.
Равандҳои нави глобализатсионӣ: забон ва гендер.....35
Ҳасазода А. А.
Бори дигар аз таърихи ҷойвожаи Хуҷанд.....40
Турсунов Ф. М.
Роҷеъ ба воҳиди тарҷума ва воҳиди забон.....44
Сайфуллоева Х. Г., Холова Ш. Қ.
Муқоисаи қолабҳои рефлексивии мафъул дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ.....52
Салохиддинов В. Ю.
Коррелятивное употребление форм будущего времени глагола в структуре бессоюзного сложного предложения (на материале таджикского и английского языков).....56
Иноятов С. Б.
Некоторые особенности сопоставительного изучения отдельных лексических единиц языков разного грамматического строя (на примере двух глагольных лексем узбекского и таджикского языков).....59
Темирова Ш.
Корбурди вожаҳои аслии тоҷикӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор».....63
Шокиров Т. С., Аҳмадҷонова М.
Фарҳангнигории тарҷумавӣ ва вижагиҳои он.....67
Третьякова Л.Н.
Концепт «мундир» как феномен русской военной лингвокультуры.....73
Ҷӯраев Х.А.
Сарчашмаҳои ташаккул ва таҳаввулоти истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....76
Абдусаломова М.А.
Русский язык и литература в периодических изданиях: опыт систематизации.....81
Турсунова М.А.
Таҳлили лингвистии оронимҳои воҳаи Сурхон.....83
Ҳусанбоев Н.
Хусусиятҳои истилоҳоти юнонӣ дар “Хазинаи тибби қадим”-и Ҳомидҷон Зоҳидов.....88
Бобоҷонова М.
Реалияҳои ҷуғрофию ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва топонимҳо дар муқоиса дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....91

Нурматова З. Ш., Касимов О.Х.
Семантические оттенки придаточных атрибутивных предложений в русском и таджикском языках 93
Хушматов Н.Р.
Мавқеи усули когнитивӣ дар таҳқиқи таъсири мутақобилаи забон ва фарҳанг....99
Мирзоева М.М., Абдуллаева М.М
Исконные слова в заголовках таджикской и английской прессы 104

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Насриддинов Ф. А.
Бунёдгузори илми арӯз ва луғатнигорӣ....109
Худойдодов А. О.
Андешаҳо оид ба шарҳҳоитуркии Девони Хоҷа Ҳофиз 115
Боқиев Ҳ.
Маорифпарварӣ ва тавлиди матбуоти тоҷик....119
Ҳамидова Ш. М.
Муштаракоти адабии Шамсиддин Шоҳин ва Тошхоҷа Асирӣ....123
Ризобоева Н. М.
Баррасии бархе аз хусусиёти ашъори сапеди Гулноз....128
Абдуқодирзода С.
Масъалаҳои методологии омӯзиши фаъолияти тафсирнигории Ҳусайн Воиз ба Қуръони Карим 131
Латифзода А.
Махсусияти афкори иҷтимоии шеъри Қутби Киром....137

ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ
ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

Раҷабов Ҳ., Ғаффоров Н. У.
Адиб ва муборизи шӯълавари халқи Ҳиндустон....141
Дубовицкий В. В.
Крупный ученый и видный дипломат 144
Сафолзода М. К.
Республика Таджикистан и Афганистан – взаимоотношение во второй половине 1997 г....148
Махмадшоев Р. М.
Деятельность международных научных экспедиций в Афганистане 156
Мирзоев Н. М.
Густариши ҳамкориҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой дар даврони навин 162
Мирзоев Н. М., Комилова Х.
Обеспечение национальной безопасности Республики Таджикистан как гарант региональной стабильности в Центральной Азии....169
Мирзоев Н. М., Мирзоев Ҳ., Нурова Л.
Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумиии Чин: мушкилот ва дурнамоии робитаҳо....173

Мирзоев Н. М., Мирзоев Ҳ. Т.
Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар доираи СҲШ.....179
Мирзоев Н. М., Нурова Л. Н., Мирзоев Ҳ. Т.
Самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар марҳилаи навин.....186
Холикназар Х., Наимов И. Н.
Вклад ИРИ по борьбе с международным терроризмом на современном этапе.....191
Нурова Л. Н.
Марҳилаҳои ташаккули робитаҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони навин.....197
Расулиён Қ., Ҷумаева П. А.
Ҳамкориҳои самарабахши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Покистон.....202
Раҷабов Ҳ.
Саҳми академик Бобоҷон Ғафуров дар омӯзиши Ҳиндустон.....206
Азизов Ш.С.
Таърихи ташаккул ва рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.....209
Зарипова Г.С.
Нигоҳе ба вазъи занони аморати Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX.....215
Ализода Б. П.
Ташаккули мақомоти идоракунии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон.....217
Мирзоев Н.М., Мирзоев Х.Т.
Новые горизонты стратегического сотруничества Республики Таджикистан и Китайской народной Республики.....222
Муродов Н. С.
Инъикоси хусусиятҳои хоси ҳаракати маздакия дар осори муаррихони асримиёнагии тоҷик.....228
Носирова Ф.И.
Таҳлил ва баррасии ҷанбаҳои таърихию сиёсии хизмати давлатӣ.....233
Нодиров М. А.
Амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори сиёсат ва муҳити ниҳодӣ дар Тоҷикистон.....238
Набиев В. М.
Аз таърихи ташкилёбии аввалин иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар Тоҷикистон (охири солҳои 80-ум – оғози солҳои 90-уми асри XX).....243
Бобоходжаева Г.Д.
Таджикская женская трудовая миграция в годы независимости.....252
Нодиров М. А.
Вазъи ҳозира ва сатҳи амнияти озуқаворӣ дар шароитҳои Тоҷикистон.....254
Чилаев Р. С.
Проблемы и перспективы развития энергетический отрасли в Республики Таджикистан.....260
Акризоев М. М.
Сатҳи инъикоси ҳунари кашидадӯзии мардуми Дарвоз дар асарҳои А. А. Бобринской.....268
Сайнаков С. П., Акризоев М. М.
Граф А. А. Бобринской и результаты работ его научных экспедиций на Памире.....271

ЯК ВОСИТАИ ОФАРИДАНИ ОБРАЗИ БАДЕӢ

Исмоилов Ш.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Як қабати таркиби луғавии забони тоҷикиро калимаҳои сермаънӣ ташкил медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар забони тоҷикӣ теъдоди маънӣ дар муқоиса бо калима ва таркибу ибора чанд баробар зиёд аст. Сабаби ин ҳодиса дар он аст, ки баъзе аз калима ва таркибу ибораҳо метавонанд дар ифодаи чанд маънӣ – ҳам маънии асосӣ ва ҳам маъниҳои иловагию тобишҳои гуногуни мъноӣ ба кор раванд. Ин падидаи воқеиро дар забоншиносӣ бо номи ҳодисаи **сермаъноӣ** дар калима**,** ё ба истилоҳи маъмул **полисемия,** мешиносанд.

Сермаъноӣ дар калимаҳо ва таркибу ибораҳо одатан зимни тағйирот ва табодулоти хурду бузурге, ки дар сохтори иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ба вуҷуд меояд, пайдо мешавад: зуҳуроти техникаву технологияи нодир дар ҳаёт, рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар истеҳсолот, олоти корӣ, дастгоҳҳои нави меҳнат, бархӯрди фарҳангҳову забонҳои ақвоми гуногнуни бо ҳам хешу бегона ва амсоли инҳо заминаи асосии ба амал омадани маъноҳои мухталифро дар калимаҳо ва таркибу ибораҳо таъмин месозанд. Сермаъноӣ бошад, чунон ки М. Муҳаммадиев менигорад, дар навбати худ, яке аз роҳҳои муҳими бой гардидани таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад [Муҳаммадиев 1968, 11].

Воқеан, таркиби луғавии забон муҳррик аст. Вай ҳамеша дар ҷунбиш, тараққиёту такомулот ва тағйиоту таҳаввулот қарор дорад. Ин аст, ки пайваста фонди захиравии худро аз ҳисоби вожаҳои нодир ва умдаю зубдаи нутқ, мафҳумҳои нав зина ба зина такмил мебахшад. Ҳодисаи рушд ва афзоиши маънӣ дар калима ва таркибу ибора, рафта-рафта тавсеа ёфтани худуди маънӣ, зуҳуроти тобишҳои рангоранги услубӣ аз ниҳоди калима ва таркибу ибора, дар ҳақиқат, рӯйдоди ҳамешагист. Аммо, баръакси ин, бояд донист, ки раванди аз миён рафтани маъниҳои қаблӣ ва нузули маъноҳою тобишҳои нави маъноӣ дар вожаҳо ва таркибу ибораҳо низ дар забон истисно нест. Балки ин ҷараён ногузир ва қонунию бардавом аст, ки дар ҳама забонҳои олам вобаста ба муҳити нутқ мунтазам, вале гоҳ бооҳистагву гоҳ ботундӣ сурат мегирад. Ин равандро С. И. Ожегов дар мисоли маводи забони русӣ ба тадқиқ гирифта, онро аз омилҳои ташаккулу таҳаввули маъноҳои иловагӣ дар калима маънӣ мекунад [Ожегов 1974, 69].

Аксарияти унсурҳои сермаънои забони тоҷикӣ баромади сирф тоҷикӣ(эронӣ) доранд ва аз давраҳои хеле қадим то ба имрӯз дар муносибату муошрати мардуми тоҷик ба кор мераванд. Аз қабили **сар** -узви биологии инсон ва ҳайвонот, паррандаю хазандаҳо(сари кӯдак); **сар**-аввал, ибтидо (сари кор, сари роҳ); **сар**-баландӣ, боло, қулла (сари дарахт, сари кӯҳ); **себ**-дарахт, **себ**-мева(дарахти себ, себи ширин), **сӯк** -хасакҳои сӯзанмонанди хӯшаи гандуму ҷав (сӯки ҷав); **сӯк**-кабурғаҳои борик-борику нӯгтези моҳӣ(сӯки моҳӣ), **даромад**-ворид шудан(ба хона даромадан), **даромад**- дахл, даромад кардан(фоида дидан) ва ғайра.

Маъноҳои гуногуни калимаҳо ва таркибу ибораҳои сермаъно ба паҳлӯҳои мухталифи ашё, аломат, шаклу намуди зоҳирии предмет, амалу ҳаракат, хислат, тарзи иҷрои амалу ҳаракати инсон, миқдору дараҷа, замону макони иҷрои амал ва амсоли инҳо вобаста мебошанд. Сермаъноӣ дар калимаҳо зимни пайдоиши маъниҳои иловагии худи унсурҳои забон ба амал меояд. Маъноҳои иловагӣ, дар навбати худ, вобаста ба завқу шавқ ва аҳдофи гӯянда, муносибати ниҳоии ӯ ба амалу воқеият ва ашёи атроф пайдо мегарданд. Аз ин рӯ, байни маъниҳои луғавии унсурҳои сермаъно як навъ муносибати мураккаб ва печидае эҳсос мегардад, ки натиҷагирӣ аз ин ё он маънии калима як навъ тааммул ва мушоҳидаю мулоҳизаи дақикро тақозо мекунад.

Н. М. Шанский мегӯяд, ки дар муайян намудани маъниҳои калима мавқеи матн ниҳоят калон аст. Берун аз матн собит намудани маънӣ хусусияти тахминӣ пайдо мекунад [Шанский 1972, 36].

Ин ақида комилан дуруст аст, зеро маҳз дар дохили матнҳои яклухт ва таркибу ибораҳои алоҳида метавонанд маъниҳои иловагӣ ё тобишҳои маъноии як калима ё таркибу ибораҳо равшан ба ҷилва оянд. Барои мисол сифати **мустаҳкамро** мегирем, ки чанд маънӣ дорад ва маъниҳои он дар алоқа бо ашё (исм) дар қолаби ибора равшан мешаванд: **мустаҳкам** (банди мустаҳкам, бақувват), **мустаҳкам** (дӯстии мустаҳкам, абадӣ**),** **мустаҳкам** (бинои мустаҳкам, устувор) ва ғайра.

Унсурҳои сермаънӣ дар асарҳои бадеӣ зиёд ба кор мераванд. Сабаб он аст, ки услуби бадеӣ истифода аз воситаҳои образнок, пурмаънӣ, дорои хусусиятҳои экспрессивию эмотсионалиро бештар тақозо мекунад ва яке аз ҳамон гуна воситаҳои пуробраз, муассир ва дорои маънию мантиқи баланд калимаҳои сермаънӣ мебошанд. Зеро маҳз тавассути ҳамин гуна воситаҳои забонӣ адиб имкон пайдо мекунад, ки ӯ аз хислат, характер, рафтору кирдор ва муносибату муошарати персонажҳои асари худ ба аҳли ҷомеа хубтар қисса кунад ва ҳам маромии эҷодии худро равшантар рӯи коғаз барорад. Ҳамин гуна имконият дар воҳидҳои сермаънӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳои луғавӣ-маъноии калимаҳо бештар ба мушоҳида мерасад.

Дар ҳақиқат, маъниҳои аслию иловагии калимаҳои сермаънӣ хусусияти образнокӣ доранд. Аз ин ҷиҳат, онҳо барои офаридани образҳо, мукаммал намудани сужети асар, саҳеҳ баён сохтани матлаб, таъмин кардани обуранги бадеӣ ва тобишҳои мантиқию услубии забони асар, дар ҷой ва мавриди муносиб ба қалам додани маъниҳои зарурӣ, инчунин барои мушаххасу мӯҷаз ба риштаи тасвир кашидани тарзи гуфтор, муносибату муошират ва кору фаъолияти персонажҳо ба адиб имконияти васеъ фароҳам меоранд.

Дар адабиёти тоҷик асарҳои пурмазмун, аз нигоҳи ғоя ва сужет бақувват, пур аз васоити тасвир, аз ҷиҳати забон ва шеваи нигориш дар пояи баланд зиёданд. Яке аз онҳо «Занони Сабзбаҳор» ном романи Гулрухсор аст. Ин асар аз калима ва таркибу ибораҳои сермаънӣ, гуногунмаънӣ, ифодаҳои маҷозию образофар, фразеологизмҳо, ки намаки сухан ҳисоб меёбанд, ниҳоят бой аст. Ин навъи вожаҳо ва таркибу ибораҳо дар роман, ки он ба тасвири ҳаёт ва кору пайкори занҳои кӯҳистони Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мисоли фаъолияти занҳои як деҳаи кӯчак - Сабзбаҳор бахшида шудааст, вазифаҳои муайяни услубию бадеӣ пайдо карда, бори махсуси маънӣ низ бар дӯш мегиранд. Калимаю таркибҳои сермаънӣ дар “Занони Сабзбаҳор” ҳамчун воситаи муҳими услубӣ ва омили зиндаву дар гардиш ба қалам гирифтани ҳодисаву воқеаҳои тасвиршаванда ба кор рафтаанд. Адиб ин навъи воҳидҳои нутқро ҳам дар сухани тасвирии худ ва ҳам дар нутқи персонажҳои асар мавриди истифода қарор дода, бо ин роҳ ҷиҳатҳои услубию бадеии забони асари худро пурқувват намудааст. Барои намуна аз китоби мазкур таркиби **сар доданр**о далел овардан мумкин аст. Ин воҳиди луғавӣ дар луғат бо маъниҳои зерин ба қайд гирифта шудааст: а) раҳо кардан; б) аз сари худ ҷудо шудан, в) худро ба куштан додан (ФЗТ 1969, 196). Дар забони халқ таркиби **сар додан** боз ба маъниҳои «талоқ додан, ҷудо шудан аз ҳамсари худ », «ба ҷӯйе об равон кардан» ва дигару дигар маъноҳои иловагию маҷозӣ низ ба кор меравад, ки аз инҳо мафҳумҳои “раҳо кардан, талоқ додан, об равон кардан ба ҷӯйе” зимни ҳодисаи сермаъноӣ сар зада бошанд, «худро қурбон кардан» бо онҳо дар мавқеи омонимӣ қарор мегирад. Таркиби мазкур дар “Занони Сабзбаҳор” дар нутқи Зебо (қаҳрамони марказии асар) дар мавриди нишон додани муносибати ӯ бо Зикаи сабукпо, ки бо Тош хилват-хилват ишқварзӣ мекард, бо маънои якумаш ба кор рафтааст:

Садқаи духтаронат шавӣ, беномус! Маро сар деҳ, ҳаром [с. 199].

Аз ин таркиб истифода кардани адиб дар сухани қаҳрамон бевосита ба талаботи услуб алоқамандӣ дорад, чунки Зика ба домони Зебо сахт часпида, бо зорӣ узри гуноҳ мепурсад ва бо чашмони пурашк илтиҷо мекунад, ки сири ӯро фош насозад, аммо Зебо бо кароҳат ӯро тела дода, бо овози баланду шунаво «сар деҳ» мегӯяд, ки ин мафҳуми « нафрат ва халос шудан аз ягон чизи ифлосу олуда »-ро дорад. Дар ҳамин маврид синонимҳои он ин тобиши услубиро ифода карда наметавонанд. Дигар ин ки, таркиби **сар додан** хусусияти омиёна дошта, мансуб ба забони халқӣ-гуфтугӯӣ шинохта мешавад ва Зебо, ки худ намояндаи халқ асту маълумоти касбӣ надорад, дар нутқи ӯ маҳз ҳамин таркиб бояд истифода мешуд, на муродифҳои адабӣ-китобӣ (раҳо кардан ва ғайра)-и он, ки ин аз маҳорати хуби суханшиносию мавридпазирию дошtани нависанда берун меояд.

Мисли ин таркиби **гиребон доштан** низ аз воҳидҳоест, ки дар забон ду маъниро фаро мегирад: а) аз гиребони касе қапидан, ба касе пархош варзидан, дастбагиребон шудан; б) ҳайрон мондан, тавба кардан, аз Худо авфи гуноҳ пурсидан. Албатта, маънои дуюм заминаи маҷозӣ дорад ва аз он ҷо сар задааст, ки мардуми кӯҳистон дар мавриди ҳайрон мондан аз кори касе ва ё аз Худо пурсидани авфи гуноҳ ҳамеша даст ба гиребони худ мебаранд.

Ин таркиб дар сухани тасвирии адиб ҳангоми ба қалам додани вазъи парешониву ҳайратзадагии Зебо, ки ӯ аз рӯ ба рӯ омадан бо Зикаю Тоши айшхоҳ ба ҳамин ҳолати ногувор гирифтор гардида буд, ба кор рафтааст:

-Сад тавба! Занаки душавҳара? Зебо гапашро гум карда, гиребон дошт [с. 199].

Чунон ки дида мешавад, ин ҷо таркиби **гиребон доштан** дар мафҳуми дуюм рӯи кор омадааст ва ҳадафи адиб аз истифодаи он, аз як тараф, нишон додани вазъи рӯҳии каҳрамони марказии асар -Зебо бошад, аз тарафи дигар, пеши чашми хонанда ба ҷилва овардани хусусиятҳои психологӣ ва нишон додани ҷиҳатҳои этникии мардуми маҳалҳои алоҳидаи Тоҷикистон аст.

Истифодаи ин ё он маънии калима ва ибораю таркибҳои сермаъно ба завқи мусоҳиб ва ҳадафҳои ниҳоии ӯ вобаста аст, ки он ҳадафҳо дар рафти суҳбат аз мушоҳидаи авзои давр ва муқоисаю муқобилаи ҷиҳатҳои аёну ноаёни ҳодисаҳои руйдода дар табиату ҷамъият сар мезананд.

Дар ҳақиқат, маъниҳои калима ва таркибу ибораҳои сермаъно аз як манбаъ ба зуҳур меоянд. Аз ин рӯ, иртиботи маънӣ миёни онҳо ҳеч гоҳ гусиста нест. Дар мавриди канда будани ришгаи алоқа миёни маъниҳои асосиву иловагии калима мебояд мо на дар хусуси ҳодисаи сермаъноӣ дар забон, балки доир ба муносибати омонимии воҳидҳои нутқ муҳокима ронем.

Дар асарҳои бадеӣ адибон вожаҳои сермаъниро аз рӯйи ҳадафҳои муайян ба кор мебаранд: а) аз ҳисоби онҳо меъёрҳои забони адабиро ғанӣ месозанд; б) забони асар ва тарзи баёни худро ҷилои бадеӣ мебахшанд. Ба ин муносибат калимаҳои сермаънӣ ду ҷанба пайдо мекунанд, ки якеи ҷанбаи захиравӣ ва дигаре ҷанбаи услубӣ мебошад. Ҷанбаи захиравии ин навъи калимаҳо чунин маънӣ дорад, ки ҷоҳои холии луғати забони адабӣ ба воситаи онҳо пур мегардад. Ҷанбаи услубии унсурҳои сермаънӣ ба робитаи бевоситаи худи онҳо бо дигар вожаҳо сурат мегирад. Бо ин роҳ лавҳаҳои ҷаззоби адабӣ бо услуби зебои бадеӣ офарида мешаванд ва ҳодисоти давр воқеӣ, ҷоннок ва мувофиқ ба дарки хонандагон тасвир меёбанд. Бинобар он, ҷанбаи услубии онҳо чун воситаи хуби тасвир дар ҷойи аввал қарор мегирад. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта, адибони соҳибтаҷриба аз вожаҳои сермаънӣ ба сифати воситаи хуби услубӣ дар асарҳои худ ҳамеша истифода мекунанд.

Аксарияти маъниҳои иловагӣ дар калимаю таркибҳои сермаънӣ зимни маҷоз ба амал меоянд. Масалан, таркиби феълии **ҷон кандан**, ки дар романи “Занони Сабзбаҳор” ба қалам рафтааст, моҳиятан халқӣ- гуфтугӯй буда, мафҳуми фразеологӣ (дар дами марг будан) дорад ва дар ҳамин замина боз маънии «азоб кашидан, ранҷ бурдан»-ро низ ифода мекунад, ки ин тобиши он низ дар асоси маҷоз пайдо шудааст. Бояд гуфт, ки феъли **ҷон кандан** маънии «ранҷу азоби андак»-ро не, балки маънии «меҳнату заҳмати аз ҳад зиёд вазнину сангин»-ро мефаҳмонад.

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» Гулрухсор аз маънои дуюми он истифода кардааст. Чунки мақсади ӯ ба нишон гирифтани маросими дафни кампири Марҷон ва ба арзи хонанда расонидани ранҷу азоби вазнини ӯ дар зиндагист. Кампири Марҷон фарзанд надошт ва тамоми мушкилоти ҳаётро дар танҳоӣ бо азобу меҳнати сахт паси сар мекард. Аз ҷониби дигар, зимни истифода аз ин рехтаи фразеолгӣ, ки хусусияти халқӣ дорад, адиб хостааст, ки лутфу меҳрубонии ҳамдиёронро дар муносибати Нурия бо кампири Марҷон пас аз маргаш ба тасвир гирад ва ба ин восита рисолати одамии ӯро ҳамчун инсони комил дар ҷомеа нишон диҳад. Воқеан, вазифаи ҳар як асари бадеӣ, пеш аз ҳама, тарбияи инсони комил аст, инсоне, ки ба ҷомеа нафъ бирасонад ва дар ҳама бурду бохти зиндагӣ ҳамрозу мададгори мардум бошад:

-Инсофатона Худо гирад!- Марҷони берӯзӣ **ҷон канда** хона обод кард, ки мисли фалғарии дар Кӯҳи Намак мурда гӯраш кунед?- Арвоҳи кампир ҳамаатона мезанад [с. 216].

Таркиби пешоядии **ба по хестан** низ дар се маънӣ роиҷ аст: а) боло шудан, аз ҷо рост хестан; б) ба шӯр омадан, қиём кардан, мубориза бурдан; в) хурсандӣ кардан, болидан,

ифтихор намудан, ба шавқ омадан. Маъноҳои дуюму сеюми он тобиши фразеологӣ доранд ва дар иртибот ба маънии аввала ба амал омадаанд. Дар романи «Занони Сабзбаҳор» таркиби мазкур ба маънии сеюми худ истифода шудааст ва тавассути он адиб тавонистааст, ки ҳусни таваҷҷуҳи ҳамдиёронро нисбат ба Нозӣ дар мавриди гӯштӣ гирифтани ӯ бо марди ношинос ва ҳаводории мардумро нисбат ба ӯ дар ҳамон лаҳзаи басо хассос ва шодиву хурсандии онҳоро аз ин амали мардонагии як нафар зани ҷасуру баор ба қалам диҳад:

– Ҳа, бигир, ҳа, бизан ӯро!-Фарёд мекарданд мардум **ба по хеста** [с. 230]

Ё худ мегирем ибораи **гули қаҳқаҳаро**, ки дар забони халқ ба ду маъни роиҷ аст: а) номи як навъи гули баҳорӣ; б) лақаби занҳои шӯхмизоҷу хандонрӯй. Маънии дуюми он дар заминаи монандкунӣ ё шабоҳати ду ашё- дар айни ҳол Зебо бо гули қаҳқаҳа, ки он гул ҳамеша шукуфону кушодабарг мебошад, пайдо шудааст. Зебо ҳам, ки доим худро зоҳиран хушҳол нишон дода, дар аксар маврид хандон буду бо табассуми ба худ зебанда суҳбат мекард, дар асар зимни ташбеҳ бо он гул ҳамин лақабро гирифтааст:

Аз дари хонаи раис ворид шуда, **Гули қаҳқаҳа** мешукуфт, абрувонаш, ки аксар гӯё ба ҷояш меандешиданд, сар ба сар мерасиданд [с. 174].

Адиб аз истифодаи ин ибораи фразеологӣ нисбат ба Зебо, ки ӯ раиси ҷамоат асту пайваста ба мардуми гуногунхислат сари кор мегирад, ду максад дорад: а) мехоҳад, ки роҳбар дар ҳама гуна шароит, ҳатто дар мавриди ноҷӯриҳои зиндагӣ низ, ба тобеону корафтодагон бо чеҳраи кушоду лаби пуртабассум суҳбат дошта бошад, то ки мусоҳиб тавонад арзи худро беҳарос ба роҳбар расонад; б) табассум, гуфтори накӯ, нарму ҳалимона ва пур аз лутф, ки зеби инсон аст, аз ниҳоди касе берун меояд, ки, дар ҳақиқат, тарбия дида бошад. Зебо, воқеан, дар дасти падари мехрубони худ - амаки Наим, ки саводи хуби динӣ дошт, тарбияи дуруст гирифта буд.

Маводи асосии забон калима ва таркибу ибораҳост. Калима ва таркибу ибораҳо, ки дорои маънию мафҳумҳои муайян мебошанд, ҳамвора дар тағйирот ва инкишофи маънӣ қарор доранд. Тағйироту тараққиёти маънӣ дар калимаҳо зимни дигаргуниҳои ҳаёти ворисони забон сар мезанад. Зеро дар ҳар давру замон предметҳои нав ва ҳодисаҳои матлубу номатлуб дар ҷомеа ногузир ба зуҳур меоянд, ки онҳо аз соҳибони забон ном тақозо мекунад. Барои ин мардум бештар аз унсурҳои тайёри лафзӣ кор мегиранд, ки ин рафта-рафта ба сермаъноиву сервазифагии вожаҳо бурда мерасонад. Масалан, калимаи **дам**, ки маънои асосии он «нафас, пуф, садо, овоз» мебошад, ба ҳамин восита маъноҳои иловагии «лаҳза» (як дам) «субҳидам» (дами саҳар), «асбоби оҳангарӣ» (дами оҳангарон) ва ғайра (ФЗТ 1969, 37) пайдо кардааст, ки ин маъниҳо хусусияти муассирии нутқи гӯянда ё нависандаро таъмин намуда, дар мавридҳои зарурӣ чун ифодаҳои образноку пур аз бадеият барои ба тасвир кашидани лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёти персанажҳо дар асарҳои бадеӣ ба кор мераванд.

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» аз маънии якуми калимаи **дам** (нафас, садо, овоз) истифода шудааст. Тавассути он нависанда як лаҳзаи карахтӣ ва ҳайронию аз шиддати алам ба дарун афтидани нафасу садои кампири Асал ва лолу беҳис гардидани келини ӯ- Тобонро, ки пас аз овардани хати сиёҳи Шодӣ аз ҷониби Зебову Суман ба сари онҳо бор гардида буд, нишон додааст:

Суман хати сиёҳро аз остин бароварда таги намад монду кампирро ба такяи худ гирифт. **Дами** кампиру арӯсак ба дарун афтида буд [с. 197].

Дар ин порча вожаи **дам**(нафас, овоз) хусусияти марказӣ пайдо карда, дигар калимаҳоро дар атрофии худ муттаҳид намудааст, ки дар натиҷа тамаркузи ҳадафмандонаи маънӣ дар як матни яклухт ба амал омадааст. Ба ин восита адиб тавонистааст, ки як лаҳзаи барои хонанда бисёр муассир, яъне ҳолати руҳию эҳсосоти қалбии персанажҳоро бо тамоми ҷузъиёт, воқеъбинона ва аз диди амиқи психологию этникӣ ба тасвир гирад.

Вожаи мазкур дар забони халқ маънии дигар ҳам дорад, ки он маънӣ ин аст: «хӯрок, хӯрданӣ, хӯриш, ғизои гарм». Нависанда дар асар аз ин маънии **дам** дар мавриди ба тасвир гирифтани муносибати хубу хуши ду палонҷ -Марҷону Аслия, ки дар як ҳавлӣ умр ба сар мебаранд, кор гирифта, бо ҳамин асосӣ будани сулҳу салоҳро зимни зиндагии якҷоя дар ҳар як оила бунлоди ҳаёти хубу хуш меҳисобад:

Ҳар гоҳ ки Аслия **дами гарм** пухта, ӯро муроот мекарду Марҷон сари як дастурхон бо кӯдакони шавҳари собиқаш менишаст, гуноҳи ӯро ҳазор бор бахшида, шукри ободии хонаи

онҳоро мекард [с. 217].

Дар услуби бадеӣ ҳар як калима ва таркибу ибора ҷои корбасти худро дорад ва дар мавридҳои муайян барои амалӣ намудани аҳдофи адиб ба кор бурда мешаванд. Аз ин рӯ, иваз намудани онҳо ба калимаҳои ҳаммаъно ё наздикмаъно он имконияти услубиеро, ки дар матн фароҳам омадааст, аз миён мебарад. Бинобар он адибони хушзавқ барои ба маърази таваҷҷӯҳи хонанда гузоштани воқеаҳо ва ба нишон расондани ниятҳои услубиву эҷодии худ ба ковиш ва ҷустуҷӯи вожаҳои зарурӣ миён мебанданд. Ҳамин гуна як амали савоб дар романи «Занони Сабзбаҳор» аз ҷониби Гулрухсор эҳсос мешавад. Адиби маъруфи рус А. Фадеев дар вақташ дуруст гуфта буд, ки «Барои ёфтани калимаи даркорӣ бисёр меҳнат мебояд кард, аз калимае кор гирифтан лозим аст, ки андешаи муассиру ҳаяҷонбахши адибро дақиқу амиқ ва нозуку пурмаънӣ ифода карда тавонад» [Фадеев 1960, с. 84].

Дар ҳақиқат, калима ва таркибу ибораҳои сермаъно пуртаъсиранд ва мудаои адибро равшан фаро гирифта, хонандаро водор месозанд, ки аз чанд маънии калимаи даркорӣ сари он маънии бақаламдодаи нависанда ба хотири дарёфт аз аҳдофи ӯ чуқур ба андеша нишинад.

Дар романи «Занони Сабзбаҳор», чунон ки дида мешавад, адиб аз ду навъи унсурҳои сермаъно- аз калимаҳо ва таркибу ибораҳо истифода ба амал овардааст.

Ҳодисаи сермаъноӣ дар калимаҳои алоҳида аз он ҷо ба зуҳур меояд, ки калимаҳо дар баробари ифодаи як мафҳум имкон дорад, ки зимни инкишофи ҳаёти ҷомеа боз дар маънии дигар ашё ва руйдодҳои олами воқеӣ низ истифода шаванд. Масалан, вожаи арабии **<u>барқ</u>** дар забони адабии тоҷик асосан дар ду маънӣ ба кор меравад: а) дар маънии оташак- як ҳодисаи табиат (раъду барқ);б) дар маънии чароғи электрикӣ. Аммо дар забони гуфтугӯии халқ калимаи мазкур зимни маҷоз маънии «сӯзи дарунӣ, алами дил, дарди ҷонгудоз»-ро низ ифода карда метавонад. Ин маънӣ, албатта, дар заминаи маънои бунёдӣ рӯидааст, ки миёни он маъноҳо торҳои пайванд то ҳол гусиста нестанд. Дар роман аз маънии халқии он кор гирифта шудааст, зеро ҷойи истифодаи калимаи мазкур, ки нутки персонажи деҳотӣ -Нозӣ мабошад, тақозо намудааст, ки адиб аз мафҳуми халқии он истифода намояд.

- Қабри муллоро ту оташ задӣ?

- Ман не, оромтар ҷавоб дод занак, -ман не, **<u>барқи дили ман</u>** аз осмон ба қабр афтод [с. 227].

Дар таркиби ибораи **барқи дили ман** чун ҷузъи меҳвар ба қалам рафтани вожаи **<u>барқ</u>** ва ба он тобеъ сохтани исми **дил**, аз як тараф, ба хотири таъмини обуранги бадеии сухани персонаж бошад, аз тарафи дигар, барои аз он маъниҳои боло ҷудо кардану ба самъи хонанда расондани маънии маҷозии **барқ** дар сухани халқ мебошад. Чунки мафҳуми маҷозӣ пайдо кардани он танҳо ба воситаи ҷузъи тобеи он - вожаи **дил** ба амал меояд.

Маълум аст, ки сермаъноӣ аз зуҳуроти муҳими забон ҳисоб меёбад. Ифоданокиву пурмазмунии матн дар асарҳои бадеӣ дар бисёр маврид ба сермаъноии калима зич алоқамандӣ дорад. Ин аст, ки нависандагон пайваста аз вожаҳои сермаъно истифода мекунанд ва ба ин восита образнокии забони асарҳои худро таъмин менамоянд.

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» адади вожаҳои сермаъно, ки мафҳумҳои гуногунро дар иртибот ба якдигар фаро мегиранд, зиёданд. Нависанда ба маънои бунёдии вожаҳо такя намуда, дар ин замина аз маъноҳои дуюму сеюми онҳо истифода ба амал меорад. Барои намуна вожаи **<u>тафро</u>** мегирем. Калимаи мазкур дар луғатҳо ба маънии «гармӣ, ҳарорат, бухор» оварда шудааст [ФЗТ 1969, 339]. Лекин дар забони зиндаи халқ калимаи **<u>таф</u>** асосан маънии «қанот» (қаноти парранда)-ро ифода карда, зимни ҳодисаи метафора боз мафҳуми як ҷузъи самолёт(қаноти он)-ро низ дар бар мегирад (тафи самолёт). Илова бар ин, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ **<u>таф</u>** ба маънои як узви биологии инсон (аз китф то оринҷ) ҳам ба кор меравад.

Маъноҳои маҳаллии вожаи **<u>таф,</u>** чунон ки мебинем, дар забони халқ зимни шабоҳати предметҳо ва вазифаи онҳо дар ҳаёти инсону ҷонварон ба зу[ур омаданд.

Дар роман ин вожа аз рӯи маънои сеюм дар мавриди ба қалам додани ҳолати беморию беҳолии раиси калхоз- Ҳасан Ризо, ки аз захми тири аду дар Ҷанги Ватанӣ ба ин ҳол гирифтор шуда буд, дар сухани тасвирии худи адиб ба кор рафтааст:

Зеборо аз орзуи бадаш шарм омад. Китфашро зери **таф**и Раис гузошт:

-Рафтем!

-Ё пирам! Раис ба по рост шуд [с. 175].

Дар ҷои дигар нависанда вожаи **тафро** дар сухани тасвирии худ ба маънии «даст, бозу, оринҷ» истифода карда, ба ин восита вазъи ниҳоят сангину мудҳиши кампири Марзияро, ки марги писараш-Саид ба сараш бор карда буд ва дар чунин рӯз аз ҳамдиёрон лутфу эҳсон дидани ӯро дар муносибати хайрандешонаи Нозӣ бо ӯ ба қалам овардааст:

Нозӣ аз дигар тараф пайдо шуда, **тафи** кампиро, ки пойҳояш заминрӯб буданд, гирифт [с. 283].

Воқеан, калимаи **таф** аз рӯи он се маънои боло, ки он маъниҳо бо ҳам робитаи наздик доранд, моҳияти лаҳҷавӣ пайдо карда, аз зумраи вожаҳои сермаънои лаҳҷавӣ ба ҳисоб меравад ва бо калимаи **таф**, ки дар луғатҳо ба маънии «гармӣ, ҳарорат, бухор» оварда шудааст, дар мавқеи омонимӣ қарор мегирад.

Дар омади гап, бояд гуфт, ки калима[ои лаҳҷавӣ доираи васеи интшор надоранд ва онҳо дар ҳудуди гӯишҳои алоҳида ба кор мераванд. Аз ин рӯ, дар сухани тасвирии адиб истифода шудани онҳо дар асарҳои бадеӣ бе тақазои услуб салоҳ дониста намешавад. Дар ваҷташ устод Айнӣ Пӯлод Толисро барои он сарзаниш карда буд, ки дар ҳикояи «Студентшавандаҳо» аз калимаҳои лаҳҷавии зодгоҳи худ (ким, қачан, чӯред) кор гирфта буд (Айнӣ 1948, 37-41). Бинобар он, Гулрухсор дар ин маврид мебоист аз муодили тоҷикиву классики он-**каш** (таги каш), ки дар луғатҳо муфассал тафсир ёфтааст, ё худ муодили дигари он- **баҷал**, ки имрӯз дар забони адибии тоҷик бо ҳамин маънӣ маъруфият дорад ва метавонад вожаи **таф**-и лаҳҷавиро пурра бадал созад, кор мегирифт.

Калимаи **хат** ҳам сермаънист ва дар луғат ба чандин маънии аслию маҷозӣ ба кор рафтани он зикр ёфтааст (ФЗТ 1969, 469-470), ки яке аз он маъниҳо «нома, мактуб» мебошад.

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» **хат** ба ҳамин маънӣ корбаст шудааст, чунки услуби нигориш ва рафти тасвири воқеаҳо, ҷою мавриди истифодаи вожаи мазкур дар асар, ки нутқи персонажи мактабнадида аст, тақозо намекунад, ки муродифҳои адибӣ-китобии он, аз қабили «мактуб ё нома» руйи кор оянд. Дигар ин ки, дар забони гуфтугӯии мардуми тоҷик, бахусус дар лаҳҷаҳои кӯҳистон, танҳо ҳамин муодил истемол меёбад, на муродифҳои адабии он - мактуб ё нома. Воқеан, ин лаҳзаи тасвирро адиб дуруст ба ҳисоб гирифта, ба ин восита хостааст, ки мухити зист ва маърифати мардуми маҳаллиро, чунон ки ҳаст, бе ягон таҳаввул дар сурати асл тавассути муошират ва табодули афкори онҳо ба хонанда бозгӯ намояд.

– Аз Саид хату хабар ҳаст?- пурсид раис.

– Дина **хат** гирифтам, - кӯтоҳ ҷавоб дод Зебо [с. 175].

Бояд афзуд, ки бунёди ин пораи матн заминаи воқеӣ дорад ва аз ниҳоди он чунин маънӣ метавон ба берун овард: вазъи душвору печидаи зиндагии мардуми точик дар даврони ҷанг, интизорӣ ва парешониву нигаронии падару модарон, пайванду наздикон ва занҳои ҷавон аз ваҷҳи фарзандону шавҳарони худ, ки дар сангар қарор доштанд. Ин ҷо вазни асосии маънӣ бар дӯши вожаи **хат** бор гардида, меҳвари бунёдии тасвир қарор гирифтааст.

Вожаи **хат** дар забони гуфтории мардуми тоҷик синоними **хабар** низ дорад ва ин ду синоним дар аксар маврид дар шакли ҷуфт (хату хабар) ба кор мераванд. Дар сатри аввали матни боло дар нутқи раиси калхоз- Ҳасан Ризо истифода шудани ин синоними ҷуфтистеъмол моҳияти услубӣ зоҳир кардааст ва ҷиҳати услубии он тавассути чузъи дуюм -вожаи **хабар**, ки андар таъкиди лексемаи **хат** омада, маънии онро қувват мебахшад, равшан эҳсос мегардад.

Дар воқеъ, як омили хуби амиқу дақиқ ба хонанда расонидани андешаи ниҳоии адиб ва ҳиссиёти ботинии ӯ низ дар бамаврид кор гирифтан аз калимаҳои алоҳида мебошад. Ин паҳлуи масъала дар таркиби синоними ҷуфтистеъмолии **хату хабар** (мактуб, нома) пурра инъикос ёфтааст.

Калимаи **пай** ҳам ҳамин гуна хусусият дорад. Вай аз ҷумлаи вожаҳои серистеъмолу сермаънои забони тоҷикист, ки маънии бунёдии он «қадам, пой» буда, дар ин замина боз дигар маъноҳои иловагӣ низ пайдо намудааст. Ҳамчун «нишон, асар, нақши пой», «баъд, пас, барои, баҳри» ва ғайра (ФЗТ 1969, 92). Мавқеи вожаи мазкур ба сифати ҷузъи фаъол дар зуҳуроти калимаҳои мураккабсохт низ бузург аст. Ҳоло бисёр воҳидҳои луғавӣ, аз зумраи **пайроҳа, пайгир, пайшинос, пайрв** ва амсоли инҳоро метавон намуна оварда, ки маҳз тавассути ҷузъи **пай** ташаккул ёфтаанд.

Дар ҳақиқат, калима дар забон, ҳар қадар ки фаъол бошад ва дар шаклҳои гуногуни услубии нутқ зиёд истифода шавад, ба ҳамон андоза беш маъниҳои иловагию маҷозӣ пайдо

мекунад. Калимаи **пай** аз ҷумлаи онҳост.

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» вожаи **пай** бо пешоянди **аз** таркиб баста, ба ин восита моҳияти пешояндӣ касб намудааст, ки мафҳуми «пас, қафо, аз паси, аз қафои»-ро ифода мекунад ва ин аз нахустмаънии он пайдо шудааст.

Ҳамин хусусияти онро Қ. Мухторӣ дар эҷодиёти Рӯдакӣ ба қайд гирифтааст (Мухторӣ 2006, 74). Ин далели он аст, ки моҳияти пешояндӣ зоҳир намудани вожаи **пай** дар забони тоҷикӣ ҳодисаи нав нест, балки ин рӯйдодест пешина, ки ҳанӯз аз даврaҳои аввали рушди забони адабии тоҷик ба амал омадааст.

Бояд гуфт, ки пешояндҳои таркибии номӣ аксаран бо ҳамин роҳ зуҳур меёбанд ва тобишҳои маъноӣ-грамматикии онҳо дар заминаи ҷузъи номӣ сар мезанад. Баъзан ҷузъи номии онҳо метавонад дар мавридҳои муайяни услубӣ унсурҳои гуногуни грамматикӣ қабул намояд. Аз ҷумла бандакҷонишин гирифтани вожаи **пай** дар романи «Занони Сабзбаҳор» бо тақозои ҳамин амри воқеӣ сурат гирифтааст.

Ҳасан Ризо лангон-лангон идораро тарк кард. Аз пайаш дигарон низ сархам баромаданд [с. 170].

Аз шакли энклитикии ҷонишин шахси сеюми танҳо кор гирифтани нависанда бо калимаи **пай**, аз як тараф, ба хотири ишораи мушаххас ба объекти муҳокима ва баёни фишурда дар ифодаи андеша бошад, аз ҷониби дигар, ба хотири нишон додани мақоми шахс дар ҷомеа, дар айни хол Ҳасан Ризост, ки чун раис амал ва рафтору кирдори ӯ дар асар намунаи ибрат баҳри дигарон тасвир ёфтааст.

Чунон ки маълум аст, адиб офаридгор аст, офаридгори портрет ва лаҳзаҳову порчаҳои бадеӣ. Офаридани симоҳои барҷаста дар асар ва порчаҳои бадеӣ аз адиб тақозо мекунад, ки худи ӯ низ дар иртибот бо маъниҳи қаблӣ ё ҷории вожаҳо маънӣ ё тобишҳои нави маъноӣ биофарад. Маъноҳои нав, албатта, аз ниҳоди калимаҳое ба берун оварда мешаванд, ки онҳо меҳвар ё муттакои матн ба ҳисоб мераванд ва ҳам мароми эҷодии адиб низ такя бар онҳо дорад. Ин зарурат дар мавриде пеш меояд, ки агар маъниҳои ҷории калимаи меҳвар натавонанд лаҳзаҳои тасвирро бо ҳама ҷузъиёт фарогир буда бошанд ва мароми эҷодии адибро низ, ки ба хонанда расонидани он аз вазифаҳои нахустини ҳар як асари бадеист, натавонанд бартамом инъикос намоянд.

Ана ҳамин вазъи эҷоди бадеӣ боис мегардад, ки дар асарҳои бадеӣ зимни услуби нигориши аҳли қалам калимаҳои ҷудогона маъноҳои пав ба нав пайдо намоянд. Барои мисол вожаи **аламр**о мегирем. Ин воҳиди луғавӣ дар луғат ба чандин маънӣ сабт ёфтааст, ки «дард, озор, нохушӣ» аз зумраи онҳоянд [ФЗТ 1969, с. 54-55].

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» **алам** ба ҳамон маънии боло корбаст шуда, тавассути он нависанда тавонистааст, ки ҳолати рӯҳӣ ва кайфияту вазъи психологии персонажро хуб ба тасвир овард.

Марҷон ҳар қадар худашро даст мегирифт, ҳамон қадар **аламаш** сӯзонтар мешуд [с. 185].

Дар баробари ин вожаи мазкур боз дар ифодаи номи хоси шахс низ оварда шудааст, ки ин мафҳум аз ниҳоди ҳамон воҳидҳои ҳаммаънои «дард, озор, нохушӣ, ранҷ, азоб, навмедӣ, » рӯидааст. Инро адиб ба хотири таъмини тамаркузи маънӣ ва офаридани образ ба ҷо овардааст. Воқеан, образи Алам дар роман бисёр ҷолиб аст:

– Чӣ ном дорӣ? – Алам!

-- Алам? Ҳмм...

– Ҳа, Алам, - оҳ кашида ҷавоб дод Хайрия, номаш ҳамроҳи худаш омад, мисли номи Нишона. Нишона нишони падар аст, Алам алами ҳама [с. 37].

Дар ин порчаи бадеӣ контрасти маънӣ ба се руйдоди воқеӣ такя дорад:

а). Падруд гуфтани Майса-модари Алам олами ҳастиро дар мавриди ҳамл ва аз модар ятим мондани Алами кӯчак;

б). Сӯзу гудоз ва дарди ниҳонии кампири Хайрияву духтари ӯ- Нишона аз вазъи ҳодисаи фавти духтару хоҳари эшон-Майса;

в). Вазъи ночӯру носозгори даври ҷанг, ки осори он то деҳаи дурдасти кӯҳистони Тоҷикистон-Сабзбаҳор расидааст.

Дар ин ҳолат вазни маънӣ асосан ба болои вожаи Алам меафтад, ки дар айни ҳол зимни табодул ба номи хоси шахс маънии иловагӣ пайдо намуда, бо ҳамин доираи маънои матнро

тавсеа бахшидааст.

Дигар ҳадафи адиб аз тасвири чунин манзара ин аст, ки ӯ ин носозгории иҷтимоиро, ки замони ҷанг ба бор оварда буд, вале натавонист азму суботи мардумро шиканад ва армонҳои халқро барбод диҳад, бозгӯ созад. Дар ин маврид низ вожаи **алам** хусусияти марказӣ зоҳир карда, зимни иртиботи қавӣ бо дигар воҳидҳои луғавии матн дар таҳаввули бадеияти сухани адиб ва ифоданокиву образнокии он мавқеи назаррас пайдо намудааст.

Дигар аз вожаҳои сермаъно дар забони тоҷикӣ, чунон ки гуфта шуд, калимаи **сар** мебошад. Ин унсури нутқ дар «Ғиёс-ул-луғот» ба маънои «фикру хаёл ва зӯр ва қувват ва сардор ва муқаддам ва майлу хоҳиши чизе... » (Ғиёс-ул-луғот 41 1987, 419) ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо маънии «калла, яке аз узвҳои бадани инсон ва ҳайвонот... » ва ба ин монанд маъниҳои хеле зиёд ба қайд гирифта шудааст [ФЗТ 1969, с. 193].

Албатта, маънои асливу асосии он яке аз узвҳои биологии инсон ва ҳайванот аст, ки аз гардан боло қарор дорад ва дигар маъноҳои вожаи **сар**, ки дар забон фаровонанд, дар иртибот ба ҳамин маънӣ сар задаанд. Ҳамчун “ибтидо, аввал қулла нӯг, баланд, баландӣ, назд, назди” ва ғайра.

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» ин вожа ба ду маънӣ ба кор рафтааст:

а) «китф, боло, баландӣ»: Муйсафедон тобути кампирро **сари** дӯш гирифта, сӯи қабри навканда равон шудаанд [с. 219]

Чунон ки мебинем, ин ҷо маънии вожаи **сар** бо мафҳуми умумии матн яклухт дар алоқаи ногусастанӣ қарор гирифтааст ва ба ин восита нависанда имкон пайдо намудааст, ки аз тарзи амалу ҳаракат ва иҷрои суннатҳои мардуми маҳал дар мавриди дафн сухан ба миён оварад.

б) «назд, низди, наздики, қариб, қариби». Ин маънӣ ҳам ҳангоми ба тасвир гирифтани он анъанаи мардумӣ, ки то назди гӯр рафтани занҳо дар суннати сокинони кӯҳистон иҷозат нест, ҳини ба хок супоридани ҷасади кампири Марҷон истифода шудааст: То **сари** гӯр рафтанашон дигар мумкин набуд [с. 219].

Ин ду маънии вожаи **сар**, ки дар «Занони Сабзбаҳор» дучор меоянд, маъниҳои иловагии он ҳисоб меёбанд ва, агар чуқуртар бингарем, мебинем, ки, дар ҳақиқат, аз ниҳоди ҳамон маънои асосии вожаи мазкур ба берун омадаанд. Инро ба мушоҳида гирифта, профессор Ҳ. Маҷидов менависад, ки «Маъниҳои иловагии луғавӣ давоми мантиқии маънои асосӣ мебошаяд. Дар онҳо аломатҳои гуногуни маънои асосӣ, паҳлуҳои мухталиф ва нишонаҳои фарқноки он инъикос меёбад» (Маҷидов 2007, 48).

Бояд гуфт, ки маъниҳои иловагии вожаҳо, бахусус дар асарҳои бадеӣ, равшан зоҳир мешаванд, зеро онҳо имконияти таъмини бадеияти забони асарро хуб ба вуҷуд меоранд ва хонандаро водор мекунанд, ки сари дарку фаҳми мантиқу маънии лавҳаҳои тасвир ва аҳдофи андешапарвари нависанда ба андеша нишинанд.

Тавассути калима олами маонӣ, дунёи рангини адиб, ҷаҳони ҳодисоту воқеоти давр зимни гирудор ва такопӯи персонажҳои асар дар зиндагӣ ба риштаи тасвир кашида мешавад. Аз ин рӯ, лозим меояд, ки дар бисёр маврид нависанда маъниҳои дуюму сеюми калима, ки баъзан ҳамин маъниҳо мақсадро равшантар ифода карда метавонанд ва ҳам ҷилоҳои услубӣ дар онҳо боризтар менамоянд, истифода ва амал орад.

Мегирем калимаи **манзил**ро, ки дар луғатҳо ба чандин маънӣ оварда шудааст: «ҷои фуруд омадан... ва ба маънои мутлақ - хона ва макон» [Ғиёс-ул-луғот 1988, с. 308], «работе, ки дар масофаи муайяни роҳ барои дамгирии корвониён бино карда мешуд, истгоҳ, ҷои дамгирии мусофирон, маҳалли махсуси асп иваз кардани чопорҳо, корвонсарой «[ФЗТ 1969, 632]. Вале дар романи «Занони Сабзбаҳор» **манзи**л ба маънии «гӯр, қабр» ба кор рафтааст, ки ин маънии баъдии он буда, зимни ҳодисаи сермаъноӣ аз ҳамон маънои бунёдиаш (хона, макон) сар задааст ва дар забони халқ бисёр маълум мебошад. Вай дар таркиби ибора дар шакли **манзили охират** ҳам истифода мешавад.

Марҷон дар бағали Нурия оромона мехобиду аз кунҷи лабаш ҷӯйчаи гулобие мешорид. Чашмони берӯҳаш суи мазор -манзили охирататаш нигаристаанд. Нурия оҳиста чашмони кампирро пӯшонид [с. 215].

Чунон ки мебинем, мафҳуми «қабр» ё «гур»-ро фаро гирифтани вожаи **манзил** заминаи халқӣ дошта бошад ҳам, бо маънои яклухти матн алоқаи қавӣ пайдо намудааст. Ана ҳамин иртиботи устувори маънии як вожа бо матн дар маҷмӯъ ба нависанда имкон додаст, ки як

манзараи бисёр ҳассос ва пур аз дарду алами инсон, дар айни замон кампири Марҷонро дар охирин лаҳзаҳои ҳаёташ -дар лаҳзаи мавт тасвир намуда, ҳамзамон дӯстиву рафоқати аҳли диёрро дар симои Нурияву дигар занҳои деҳ ва муносибати ғамхоронаву дилсӯзонаи онҳоро дар сангинтарин лаҳзаҳои зиндагӣ бо якдигар нишон диҳад.

Ҳамин гуна як хусусияти сермаъноӣ дар вожаи **бар** ҳам ба мушоҳида мерасад. Маълум аст, ки ин калима дар забони адабии муосири тоҷик дар ифодаи чанд маънӣ роиҷ буда, чандин тобиши маъноиву услубӣ низ зоҳир карда метавонад.

Бояд қайд кард, ки сермаъноии воҳиди луғавии **бар** дар мавриде зуҳур меёбад, ки агар дар таркиби ибора вазифаи ҷузъи асосиро ба уҳда дошта бошад. Намунаи инро метавонем дар асоси маводи «Занони Сабзбаҳор» ба мушоҳида гирем: **бар** (бари рӯ-як тарафи рӯ), **бар** (паҳлу ё назди чизе:бари хирман), **бар** (паҳлу ё танаи девор, баландӣ, бағал ё оғӯши теппа, кӯҳ: бари кӯҳ**), бар** (назди роҳ: бари роҳ) ва ғайра:

Зика бари рӯи арғувонашро молида, Зеборо хоҳарвор оғӯш кард [с. 199].

Бо муйсафедҳо маслиҳат карда бо қароре омаданд, ки расму русуми мурдадориро ба ҷо оварда, тобутро аз бари хирман ба мазор мебаранд [с. 216].

Хирси бари деворум,

Ба ҳеҷ кас кор надорум [с. 214].

Дар мавриди дигар калимаи **бар** бо вожаҳои ҳамгуни худ муносибати омонимӣ ҳам пайдо менамояд(Талбакова 2006, 7), ки ин масьалаи дигар буда, дар ҷои дигар мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Чи тавре ки дида мешавад, вожаи **бар** дар асл хоси забони адабист, аммо он мафҳумҳое, ки дар романи «Занони Сабзбаҳор» аз ниҳоди он баромадаанд (бари девор, бари хирман, бари роҳ) маншаи халқӣ-гуфтугӯӣ доранд. Истифодаи адиб аз ин маъниҳо, аз як тараф, ба хотири тобиши халқӣ бахшидан ба забони романи худ бошад, аз тарафи дигар, ба хотири нишон додани хусусиятҳои этникию психологии мардуми тоҷик, рӯзгор ва меҳнату заҳмати шабонарӯзии занҳо дар даврони ҷанг, ҳатто дар сари хирман аз гуруснагӣ ҷон додан, вале аз хизмати Ватан даст накашидани онҳо аст.

Ҳодисаи сермаъноии вожаҳо яке аз муҳимтарин зуҳуроти забонист, ки бадеият ва мазмуннокии саросарии матн дар асарҳои бадеӣ дар аксар маврид маҳз ба ҳамин ҳодиса иртибот мегирад. Масалан, калимаи **пир** дар забони тоҷикӣ маъниҳои зиёд дорад, ки «солхӯрда, куҳансол, умрдида, муқобили ҷавон» (марди пир, зани пир), «пуртаҷриба, корозмуда, устоди кори худ» ва ғайра аз ҳамон қабиланд. Дар алоқа ба маъниҳои баъдии он ибораи **пири кор** ба вуҷуд омадааст, ки маънии «дар ин ё он соҳаи кор моҳир ва тавонову уҳдабаро будан»- ро мефаҳмонад.

Дар забони адабиёти классикӣ ба маъниҳои аз ин ҳам фаровон ба кор рафтани он дар луғатҳо ба қайд гирифта шудааст [ФЗТ 1969, 62].

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» ин вожа ба ҷуз маъниҳои боло боз дар ифодаи се маънии дигар корбаст шудааст:

а). Ба маънои «муйсафед, ҳар каси огоҳ аз русуми гурондани мурда, ҷанозагар»:

Мурдаи кампир дар як порча замин назди чанд пири ҷанозагар ниҳоят танҳою бекас менамуд [с. 219].

б). Ба маънии «хаста, бенур, лоғар, рангпарида»:Чехраи қаҳрабоии раис ба назараш ниҳоят пиру пажмурда намуд [с. 193].

в). Ба маънии «беқувват, заиф, нотавон, бемадор». -Ӯ пир асту роҳ мушкил- ба ҷои Зебо рад кард соҳиби хона [с. 223].

Дар ин се мисол маъниҳои вожаи **пир** дар иртибот бо тамоми воҳидҳои луғавии таркиби матн фаҳмида мешаванд, ки алоқаи байни маъниҳо ва маъниҳою семантикаи калима аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Ана ҳамин пайванди маънӣ муассирии нигоришоти адибро таъмин намуда, неруи иҷтимоии сухани ӯро дар роман зиёд кардааст.

Вожаи **қарор** низ аз воҳидҳои сермаъни забони тоҷикист. Дар забони тоҷикӣ ба чунин маъниҳо истифода шудани он дар луғат зикр ёфтааст: «ором, осоиш, оромӣ, осоиштагӣ, ист, ҷои ист, аҳд, қавл, тартиб, сахт истодан» ва ғайра [ФЗТ 1969, с. 676]. Дар «Занони Сабзбаҳор» бошад, вай бо маънии «қатъият, устуворӣ, пофишорӣ, якравӣ кардан дар қавли хеш” ба кор

рафтааст, ки ин ҳам ба маъниҳои боло решапайванд аст.

-Ҳо, ӯро ба хонаи худаш мебарам-гуфт Аслия.

***Қарори** Аслия касеро ҳайрон накард [с. 217].*

Зимни истифода аз ин маънии вожаи **қарор** адиб вафодорӣ ва боаҳдиву намакшиносии персонанси асар- Аслияро нисбат ба паломҷаш-Марҷон, ки «Марҷон барои ман бохчун (палоҷ –Ш. И.) не, хешованд буд» - мегӯяд, пас аз маргаш нишон додан хостааст. Ин, албатта, як роҳи тарбияи инсон дар роҳи зиндагӣ аст ва вазифаи ҳар як асари бадеӣ низ сараввал тарбия намудану дар ниҳоди инсон парвариш кардани маърифати гуманистии ӯст.

Бояд қайд кард, ки дар забон маънии бисёре аз калимаҳо инкишоф меёбад. Инкишофи маънии калима оҳиста- оҳиста ва батадриҷ ба амал меояд, ки ин оқибат ба сермаъноӣ бурда мерасонад. Яъне, дар калима маъниҳои иловагӣ пайдо мешаванд. Маъноҳои иловагии калимаҳо ва таркибу ибораҳо вобаста ба протсесси нутқ зуҳур мекунанд ва бо мурури замон ба системаи лексикаи забон ворид гардида, ҷойҳон холии онро пур месозанд. Ҳама гуна маънии иловагӣ, чунон ки гуфта шуд, аз маънии бунёдии калима сар мезанад. Барои мисол вожаи **роҳр**о мегирем, ки дар забонамон маъниҳои зиёд дорад ва маънии аслию асосии он «гузаргоҳ, ҷода, кӯча» (ФЗТ 1969, 146-148) буда, дигар маъниҳои он иловагиянд ва дар иртибот ба ҳамон маънӣ рӯидаанд. Тавассути он бисёр калимаҳои таркибан муракаб ҳам сохтан мумкин аст. Аз қабили **роҳбар, раҳнамо, роҳгузар, роҳсоз, раҳовард, раҳсипор, роҳпӯй, роҳрав, роҳчӯ, роҳсанҷ, роҳдур, раҳорах** ва ғайра, ки мавкеъи онҳо дар таъмини бадеияти забони асарҳои бадеӣ, махсусан дар бобати афзудани ифоданокию образнокии сухан ва хаёлоти адиб дар мавриди тасвир ниҳоят калон аст.

Вожаи **роҳ** дар романи «Занони Сабзбаҳор», пеш аз ҳама, дар мафҳуми муқарарии худ (кӯча, ҷода, кӯй) ба кор рафтааст: Роҳ дароз буду дили Нозӣ пури зардоби алам [с. 227].

Дар баробари ин Гулрухсор дар роман боз аз маъниҳои зерини он истифода намудааст:

а) «мақсад, ният, раъй, фикр, андеша, ақида»: Ҳарчанд Зебо дили раисро гуфта буд, ӯро аз ин роҳ гардонданӣ шуд [с. 222].

б) «ҷой, макон, манзил, маҳал, мавзеъ»: Лола роҳи дур рафтани модарашро тифлона ҳис карда, гардани ӯро сар намедод [с. 224]

в) «сафар, саёҳат, аз ҷое ба ҷое рафтан»: Ӯ медонист, ки дар **роҳ** ду чиз муҳим аст: тӯшаи кироӣ ва хамсафари боэътимод(с. 225).

г) «иҷозат, рухсат, изн»: Мурдаи кампирро ба хонаи шавҳари собиқаш бурдан аҷобате надошт, аммо Нурия зинҳор ба ин кор роҳ доданӣ набуд [с. 217].

ғ) « сад, монеа, банд кардан, манъ кардан, боздоштан»: -Очат мурдаст, ё чӯҷаи мурғ? Куҷо меравӣ? Туро гов сина додаст? -кампир дигаронро ҳам аз роҳ боздошт [с. 219].

д) Дар таркибҳои феълӣ ба маънии «равон шудан, рафтан»: Нишона дасти росташро, дасти кориашро, ки дамодам варам мекард, молида сӯи масҷид роҳ гирифт [с. 247].

Чи тавре ки мушоҳида мешавад, вожаи **роҳ** дар забони муосири тоҷик аз унсурҳои серистеъмол аст. Ана ҳамин истеъмолу истифодаи зиёд оҳиста- оҳиста маъниҳои иловагии онро ба зуҳур оварда, зимнан тавонистааст, ки таркиби луғавии забони тоҷикиро як андоза такмил бахшида, ба ин восита эҳтиёҷи аҳли ҷомеаро раво созад. Дар воқеъ, ин калима дар забони адабиёти классикӣ, хусусан дар асрҳои XI-XII низ серистеъмол буд ва маъниҳои зиёдро ифода мекард [Негмат- заде 2001, 12-13].

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» муаллиф аз вожаҳои классикӣ, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ доираи истеъмолашон чандон фарох набуда, ҷо-ҷо дар нутқи аҳолии мавзеъҳои алоҳида боқӣ мондаанд ва ҳоло ҳамчун диалектизми луғавӣ шинохтаву омӯхта мешаванд, кор гирифта, зимни маънии асосии онҳо худ маънии иловагӣ офаридааст. Масалан, калимаи **бева** дар луғат ҳамчун сифат дар маънии «зани шавҳармурда, зани талоқшуда» зикр ёфтааст(ФЗТ 1969, 168). Аммо нависанда дар нутқи персонаж онро ба маънии умуман «зан» истифода кардааст, ки моҳияти исмӣ дорад.

*- Мард лозим, **бевaҳо**, мард!-гуфт ӯ.*

-Даст нарасонед- таъкид кард Марзия [с. 218].

Дар ҷои дигари роман калимаи **бева** ба маънии «қашшоқу камбағал, бекас ва бечораву, бенаво» дар сухани тасвирии худи адиб ба кор рафтааст. Ҳатто аз он дар алоқа бо вожаи

бечора як таркиби ҷуфт сохтааст, ки ҷузъҳои он синоними якдигаранд:

Алами дигаре, ки дили беморро тазъиқ медод, аҳволи тоқатфарсои **беваю бечораҳо** буд [с. 221].

Аз унсурҳои лаҳҷавӣ кор гирифтани адиб ба хотири услуб -муассиру завқовар баромадани тарзи баён аст. Зеро, ба қавли устод М. Турсунзода, «Нависанда бояд захираи луғавии халқи худро чунон истифода барад, ки хонанда аз мутолиаи асарҳои ӯ дунё-дунё завқ гирад [Турсунзода 1967].

Дигар вожаи сермаъно дар забони тоҷикӣ калимаи **об** аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маъноҳои хеле зиёд ба кор рафтани он қайд ёфтааст [ФЗТ 1969, с. 882-891]. Профессор Д. Тоҷиев дар як мақолаи худ, ки махсус ба тадқиқи ин воҳиди луғавӣ бахшида шудааст, аз чандин маънои луғавӣ ва тобишҳои маъноӣ дар он ёд мекунад(Таджиев 1952, 42-60). Дар романи «Занони Сабзбаҳор» калимаи мазкур, пеш аз ҳама, ба ҳамон маънии муқаррарии худ-унсури табиат, моеъи шаффоф, ки аз он одамон ва ҷонварон нӯш мекунанд, истифода шудааст:

То деҳаи Сичароғ расида, барои **обу** коҳ додани асп таваққуф карданд [с. 230].

Дар дигар маврид адиб дар таркиби ибораи **оби дида** онро ба мафҳуми «сиришк, киноя аз ашк» кор фармудааст:

-Бас, бас, ин ҷо Сабзбаҳор нест, худатро даст гир -ҳамраҳашро ором карданӣ шуд Зебо, ки **оби дид**а рухсораҳояшро мешуст [с. 236].

Доманаи маънои калимаи **об** дар забони тоҷикӣ хеле фарох аст. Вай дар таркиби ибораҳову калимаҳои мураккаб корбаст шуда, чанд маънои дигарро низ ифода менамояд. Ин аст, ки дар романи «Занони Сабзбаҳор» нависанда боз аз маъниҳои зерини он кор гирифтааст:

а) «ҷӯй, ҷӯйбор, наҳр, дарё»: «Дар лаби **оби** равон лабташна мемирем мо!»- замзама кард бо чашмони пӯшида Нишонаро пеши назар оварда [с. 243].

б) «номи ҷуғрофӣ»:Вақте ба **Оби Гарм** расиданд танҳо чароғи моҳ байни осмони шаб фурузон буд [с. 238].

в) «шира, шарбат, ё афшурдаи зардолу, зардолуоб»: Барои кӯдак **ғулингоб** овард. Бача ба коса часпида оташи даҳону забонашро нишондан мехост [с. 248].

г) «ашкполо, ашкрез, пурсиришк»:Аз дард чашмонаш пуроб шуданд [с. 247]

ғ). Дар таркиби ибораи фразеологии «об аз сар лой» ба маънии «беадолатӣ, нобаробарӣ, ноҳаққӣ»: Ҳо, **об аз сарбандаш лой** аст. Росту дурӯғро одамон мувофиқи дил сохтанд [с. 239].

Дар мисоли «Барои кӯдак **ғулингоб** овард», вожаи **ғулингоб** хусусияти лаҳҷавӣ дошта, аз ду реша- **ғулинг** ва **об** таркиб бастааст ва ҳиссаи якуми он (ғулинг), ки маънои «зардолуи хушк”-ро дорад, бештар дар доираи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ амал мекунад ва муродифи он дар шеваи шимолӣ **зардолуқоқ** аст. Дар сухани тасвирии худ истифода кардани адиб аз ин унсури маҳалӣ, аз як тараф, ба хотири рӯҳи халқӣ бахшидан ба забони асар бошад, аз тарафи дигар, ӯ мехоҳад баён созад, ки **зардолуоб** беҳтарин давост дар бобати паст задании ҳарорати бадан дар ҳолати беморӣ. Чун синоним дар радифи вожаи **ғулингоб** дар луғати русӣ ба тоҷикӣ калимаи **зардолуоб** зикр ёфтааст (Руско-таджикский словарь 1985, с. 403). Вожаи **зардолуоб**, ба назари ин ҷониб, аз чанд ҷиҳат нисбат ба **ғулигоб** бартарӣ дорад:

а) **зардолуоб**, пеш аз ҳама, калимаи адабӣ-китобист ва ҷузъҳои таркиби он (зардолу-об) ба шарҳу эзоҳ ниёз надоранд;

б) дар тасвир ва ҳам гуфтор **зардолуоб** равон ва мутантан садо медиҳад;

в) аз нигоҳи бадеият **зардолуоб** болотар буда, ба сухан таровати тоза мебахшад. Бинобар он, агар адиб ба ҷои **ғулингоб** аз муродифи ҳамафаҳми он **зардолуо**б истифода ба амал меовард, беҳтар мебуд. Зеро тавассути он метавонист бадеият ва таровати забони асарро боз ҳам бештар таъмин созад.

Чунон ки маълум аст, ҳама гуна ашё ва ҳодисоти олами воқеӣ дар тафаккуру тасаввури инсон маҳз тавассути калимаву мафҳумҳои мухталиф инъикос меёбанд. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки маънои калима бо ашё ва моҳияту хусусияти он пурра ва комилан мувофиқат мекарда бошад. Албатта, ин тавр нест, зеро калима метавонад дар ифодаи мафҳуми як ашёи мушаххас истифода шавад, ё ин ки дар маънии як гурӯҳи калони предметҳои бо ҳам наздик ба кор равад. Ба таври дигар, як мафҳуми барои чанд ашё умумӣ имкон дорад, ки дар забон ба

воситаи як калима ифода гардад. Дар ин маврид дар калима зарурати пайдоиши маъниҳои нав, ё тобишҳои иловагии маънӣ ба миён меояд. Тадкиқи ин масъала дар романи «Занони Сабзбаҳор» аз он шаҳодат медиҳад, ки шинохта гирифтану дуруст истифода кардани вожаҳои сермаъно дар ин асар дар бисёр ҳолат ба маҳорати забонфаҳмии нависанда, дарки қонунҳои вокеъии ҳаёт аз ҷониби ӯ ва таҷрибаи хуби андӯхтаи ӯ дар бобатн эҷоди асарҳои бадеӣ вобастагӣ дорад. Зеро, ба қавли Горький А. М., «Адиб на танҳо бо қалам иншо мекунад, балки бо калимаҳо сураткашӣ менамояд» [Горький 1953, с. 443].

Бояд кайд намуд, ки воҳидҳои сермаънои ҳар як забон дар матн хубтар шинохта мешаванд. Масалан, вожаи **ҳалқа** дар луғат дар ифодаи панҷ - шаш маънӣ оварда шудааст, ки маънии якуми он «ҳар чизи доирашакл, гирдаки миёнхолӣ» мебошад [ФЗТ 1969, с. 722]. Дар романи «Занони Сабзбаҳор» адиб аз се маънии он истифода кардааст, ки ин маъниҳо бо ҳам дар иртиботи қавӣ қарор дошта, аз таҳдоби нахустмаънии худ ибтидо мегиранд:

а) «тӯдаи бачаҳо, ки даври якдигар гирд омадаанд»: Мурабияро дар **ҳалқаи** бачаҳо дида, хумор ки дошт, бо ҷуръат наздаш рафт [с. 247].

б) «қисми доирашакли меҳроби дохили масҷид»: Дар **ҳалқаи** меҳроб селаи аҷинаҳои сермӯю чиркин лаҳзае дар чашми хаёлу ҳаросаш намуда, ӯро масхаракунон нопадид шудаанд [с. 258].

в) «байн, мобайн, миён»: Вақте мардум гирди дастархони нимрӯзӣ менишастанд, Зебо аз ҳалқаи духтарҳо ноаён ҷудо мешуд[с. 283].

Дар ин се мисол вожаи **халқ**а хусусияти метафорӣ зоҳир кардааст, зеро ки маъниҳои он зимни шабоҳати предметҳои бо ҳам монанд, дар айни ҳол ҳалқаи як гурӯҳ духтарҳою бачаҳо бо ҳалқаи меҳроб, ба зуҳур омадаанд ва, чи тавре ки дида мешавад, маъниҳои калимаи **ҳалқа** маҳз дар таркиби ибора (ҳалқаи бачаҳо, ҳалқаи духтарҳо, ҳалқаи меҳроб) ва матнҳои яклухт аз ҳам ҷудо мешаванд, вагарна дар алоҳидагӣ аз ин вожа берун кашидани маъниҳои иловагӣ аз доираи иқтидори дарку фаҳми хонанда дур аст.

Метафора ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ дар забони тоҷикӣ дар бобати ба зуҳур омадани ҳодисаи сермаъноӣ дар калимаҳо ва пайдоиши мафҳумҳои фразеологӣ мавқеи калон дорад. Метафораҳо дар романи «Занони Сабзбаҳор» дар асоси монандии ашёи гуногун ва қаробати маънии асосии калима бо ифодаҳои метафорӣ ба амал омадаанд. Ба ин гурӯҳ вожаҳои **рост, гирд** ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

Вожаи **рост** дар забони тоҷикӣ аз унсурҳои фаъоли нутқ аст. Дар луғатҳои тафсирӣ мураттибон аз чандин маънии он ёд кардаанд [ФЗТ 1969, с. 141]. Дар романи «Занони Сабзбаҳор» муаллиф аз чунин маъниҳои калимаи **рост** кор гирифтааст, ки он маъниҳо зимни муқоисаву муқобила бо тобишҳои метафорӣ сар задаанд:

а) «дуруст, боварибахш, қобили қабул, саҳеҳ, ҳақ»: Ҳо **рост** мегӯянд, гов дар диёри мардум гӯсола аст- чор сӯйро бо нигоҳи пурсандаю ҷӯяндааш чен карда гуфт Нозӣ [с. 262].

б) «туғрӣ, тирвор, муқобили кач, теғ кашида»: Марҷон **рост** ба чашми ҳамроҳаш менигарист [с. 183];

в) «дасте, ки дар муқобили дасти чап воқеъ гаштааст: Нишона дасти **росташр**о, дасти кориашро, ки дамодам варам мекард, молида сӯи масҷид роҳ гирифт [с. 247].

Калимаи **гирд** низ дар фарҳангномаҳо бо маъниҳои зиёд зикр ёфтааст, ки маънии нахустини он «доира» мебошад [ФЗТ 1969, с. 264] ва дигар маъниҳои он дар такя бо ҳамин маънӣ рӯидаанд.

Дар романи «Занони Сабзбаҳор» Гулрухсор вожаи мазкурро ғайр аз он маънии асосӣ боз ба маънии «атроф, ҳалқа, давра» низ ба кор бурдааст:

Муйсафедону ҷавонон аз фоҷиаи **гирд**и гулхан бехабар хирман кӯфтаву коҳ бод карда, арзу орзуи дили худро бо тарона сабук мекарданд [с. 215].

Калимаи **гирд** дар забони тоҷикӣ ба маънии «гирду пеш, гӯшаю канор, тараф, атрофу акноф» низ истеъмол меёбад, аммо барои он ки ҳамин маънии он таъкид ёбад, ё ба хонандаву шунаванда равшан гардад, ҳатман бо калимаи **атроф** якҷоя омада, як ҷуфти синоимиро ташкил медиҳад (гирду атроф). Дар ин маврид ҷуфти **гирду атроф** хусусияти услубӣ зоҳир намуда, барои мутанантану муассир баромадани забони нигориш ва ҷалб намудани диққати хонанда бо ҳодисоти сарзада хизмат мекунад. Аз ин намуна Гулухсор дар романи «Занони

Сабзбаҳор» ҳангоми нишон додани вазъи ногувор ва пур аз эҳтироси Нишона (ҳолати ҳомиладории ӯ), ки аз дасти Ёғӣ Хидир ба ин рӯзи сахту вазнин гирифтор гардида буд, истифода кардааст:

Нишона зуд-зуд сари по нишаста, хӯрдаашро мегардониду бо ҳарос ба **гирду атроф** менигарист [с. 286].

Аз тадқиқи вожаҳои сермаъно дар романи «Занони Сабзбаҳор» метавон ба чунин натиҷа расид:

1). Сермаъноӣ дар забон ҳодисаи тасоддуфӣ набуда, балки вобаста аст ба талаботи ҳаёти маънавию иҷтимоии мардум, зеро теъдоди вожаҳо дар муқоиса бо ашё ва мафҳумҳои гуногун, ки дар зиндагии ҳамарӯзаи мардум ба кор мераванд, чанд баробар каманд. Ана ҳамин камию костагии луғат зимни ҳодисаи сермаъноӣ аз ҳисоби захираҳои дохилӣ, ки ин ҳодиса зарурати дар калимаҳо зуҳур кардани маъноҳои мухталифро ба миён меорад, пурра мегардад.

2). Истифодаи зиёд ва пайдарпайи калима дар забон рафта-рафта имконияти ба амал омадани маъноҳои иловагиро дар он таъмин мекунад. Тавассути маъниҳои иловагӣ бошад, аз як тараф, эҳтиёҷи ҷомеа бароварда шавад, аз тарафи дигар, таркиби луғавии забон ғаноманду қавитар мегардад.

3). Дар асарҳои бадеӣ аҳли қалам аз унсурҳои гуногунмано бештар кор мегиранд. Сабаб дар он аст, ки мазмун ва бадеияти матн дар аксар маврид маҳз бо ҳамин рӯйдоди воқеъ вобастагӣ дорад. 4). Дар романи «Занони Сабзбаҳор» чун дигар асарҳои назмиву насрии Гулрухсор калимаҳои содаю сохта, мураккаб, таркибҳои феълӣ, ифодаҳои гуногунмаъно ва ба инҳо монанд воҳидҳои зиёди нутқ ба мушоҳида мерасанд, ки маъниҳои фаровонро дар бар мегиранд. Адиб дар такя ба маънии асосии калимаҳо аз маънии дуюму сеюми онҳо истифода ба амал меорад ва дар баъзе мавридҳо худи ӯ низ мафҳумҳои нав месозад, ки ин амал дар роҳи таъмини бадеияти забони асар, ифоданокиву ҷаззобият ва образнокии нигоришоти ӯ аз васоити муҳим ба ҳисоб меравад.

5). Нависанда дар ин асар, на танҳо аз унсурҳои сермаънои умумиҳалқӣ, ҳамчунин аз калимаҳое низ истифода кардааст, ки характери шевагӣ доранд, ё ин ки умумиҳалқӣ бошанд ҳам, бо таъсири нутқи шевагӣ маъниҳои иловагӣ пайдо кардаанд. Ин иқдоми ӯ, ба гумони мо, танҳо ба хотири рӯҳи халқӣ бахшидан ба забони роман ва аз нав эҳё намудани вожаҳои ноби забони адабиёти классикӣ аст, ки имрӯз аз истеъмоли умум баромада, ҷо-ҷо дар нутқи аҳолии мавзеъҳои алоҳидаи қисмати ҷануби Тоҷикистон тагшин мондаанд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Мактуби кушод ба Пӯлод Толис. Шарқи сурх, №11, 1948, С. 37-41.
2. Горький А. М. О литературе. Советский писатель. М., 1953, с. 443.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик, ҷ. 1. Душанбе, 2007 - 242 с.
4. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, 1968, 74 с.
5. Негмат-заде Ф. Лексико-семантическое особенности поэма «Семь красапвиц» Низоми Ганджави. АКД. Душанбе, 2001, 18 с.
6. Ожегов С. И. Лексикология. Лексикография. Культура речи. М., 1974 - 341 с.
7. Русско-таджикский словарь. М., 1985 - 1280 с.
8. Таджиев Д. Слово “об”-вода в современном таджикском языкее. Тр-ы ИЯ СССР, т. 1, М., 1952, С. 42-60.
9. Талбакова Ҳ. Усули таҳлили луғавӣ ва фразеологии вожаҳо. Душанбе, 2006, - 80 с.
10. Турсунзода М. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт. Тоҷикистони советӣ, 13. 07. - 1967.
11. Фадеев А. Як-ду сухан аз таҷрибаи адабии худ. Шарқи сурх, №6, 1960, - 84 с.
12. ФЗТ(Фарҳанги забони тоҷикӣ), ҷ. 1. М., 1969 - 951 с.
13. ФЗТ(Фарҳанги забони тоҷикӣ), ҷ. 2. М., 1969 - 950 с.
14. Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка. М., 1964 - 370 с.

ПОЛИСЕМИЯ-ОДНОЙ ИЗ СПОСОБОВ ХУДОЖСТВЕННОЙ ИЗОБРАЖЕНИЕ

Многозначность, или полисемия в худжожственной произведении является одной из средств художственного изображения. По этому опытные поэты и писатели в своей творчестве очень часто обращаются к словам, имеющий разные, но и тонкие значение, как способа стилистические и художственные выражение мысль. При помощью таких слов литератор находить возможность тварить типп, изобразить пейзаж, создать художственных образов и разные эпизоды, а также способствует индивидуальность языка героя в своем творчестве.

В данной статьи автор подробно охарактеризоваль способ, место и необходимостью

использовании многозначных слов в романе Гулрухсора Сафиевой "Занони Сабзбахор"("Жешины Сабзбахора"). Доказывает, что большинство таких слов в романе имеют таджикское происхождении и они дали возможность писателью повышать тонкость стил своего иследования, нравственного, художственного качества, образности и экспрессивно-эмоционального воздействия языка своего произведении.

Язык-это живая система и его функции разделены на коммуникативную и экспрессивную, для осуществления которых необходым ряд условий: точное выражение мысли, разнообразие лексики, наличие разные оттенка лексической значении. Реализация же всего перечисленного напрямую зависит от такого языкового явления как полисемия.

Гулрухсор в романе "Занони Сабзбахор" в основном использовала три типа многозначных слов: а) слова, имеющий литературный характер; б) слова, относящийся к диалектами; в) слова -фразеологизмы. Эти три разние типи слова по значению дали возможность автору обеспечить экспрессивно-эмоциональность, стилистической тонкости, яркость и красочность языка романа.

Ключевые слова: *многозначность, полисемия, роман, образ, тонкость, стил, художственной литературы, произведения, прием, герой, диалектизм, фразеологизм, красочность, разнообразность, литератор, писатель, поэт, пейзаж, норма, сюжет, экспрессивность, эмоциональность, язык, коммуникативность и пр.*

POLYSEMY AS ONE OF THE WAYS OF AN ARTWORK.

Multiple meaning or polysemy is considered to be as a means of an artwork. That is why the experienced poets and writers often use the words which have different, but delicate meaning as stylistic and literary way of expressing the phrasing in their works. In this way literary artist finds the opportunity to create the character, depict the landscape, produce the word pictures and other different episodes. It also can express the language identity of the character in artistic creativity. In this article the author closely characterizes the method, place and the necessity of using the words with multiple meaning in a novel, written by Gulrukhsor Sa'dieva «Занонисабзбаҳор» (Women of Sabzbahor). It justifies that lots of such words of the above mentioned novel have Tajik background and they gave an opportunity to the writer to enhance the delicacy of his narration, morality and artistry of the quality, figurativeness and expressively emotional language effects of her work. A language is a living system and its functions are divided into communicative and expressive ones that, in order to be realized has the necessity for the set of circumstances: exact expressions of thoughts, lexis variety, existence of different tones of lexical meaning. And its realizationof all the above mentioned circumstances depend onsuch a lingual phenomenon called polysemy. Gulrukhsormainly used three types of words with multiple meaning in her novel: a). words having the features of literary meaning, b). words covering the dialects, c). phrasal words. These three different types of words gave an opportunity to the author to provide the expressively emotionality, stylistic delicacy, brightness and colorfulness of the language of the novel.

Сведения об автора:

Исмоилов Шамсулло- *доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзода. Телефон: (+992) 992988983623 E-mail: vesнīk-nу́az@ mail.ru.*

Аъзои њайати тањрир:

Ismoilov Shamsullo- *Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Tajik Language and the Theory of Linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda. Phone: (+992) 992988983623 E-mail: vesнīk-nу́az@ mail.ru.*

ИРТИБОТИ ЗАБОНИ АШЪОРИ ЯК ШОИРИ СИТОИШКУНАНДАИ ҲУНАРИ ҚАРНИ XVII ДАР ГӮИШҲОИ ҲОЗИРАИ ТОҶИКӢ

Ҳасанзода А. А.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Миробид Сайидои Насафӣ дар радифи аҳли адабе қарор дорад, ки барои инъикоси бештари хусусияти тоҷикӣ доштани забони модарияш заҳмати фаровоне ба харҷ дода, кӯшиш намудааст, ки ба василаи ашъори хеш ҳамбастагии қавӣ доштани шакли адабии забонро бо гунаи муҳоварааи он нишон диҳад. Маҳз бо чунин андеша шоир дар навиштаҳои хеш дастаи калони аносири луғавии хоси гӯишҳои мухталифи минтақаи Мовароуннаҳрро мавриди

истифода қарор дода, бо пеш гирифтани чунин иқдом таркиби луғавии забонро бой гардонидааст. Аз таҳлили дастае аз луғоти мустаъмали ашъори шоир ва қиёсу муқобалаи онҳо мусаллам мегардад, ки байни забони ашъори Сайидо ва гӯишҳои ҳозира пайванди қавие ба мушоҳида мерасад. Ҳанӯз дар нимаи нахусти садаи XX муҳаққиқи тавоно А. Мирзоев ҳамин вижагии забони шоирро дар назар дошта навишта буд, ки «навовариҳои Сайидо дар забон бузург аст. Аҳамияти навовариҳои Сайидо дар он аст, ки ӯ забони адабии хаттиро бо забони умумихалқӣ, бо забони гуфтугӯӣ наздик гардонд. Дар айни ҳол, ӯ ба дараҷаи зиёд онро бой гардонд; сониян, онро содаву фаҳмо ва дастраси халқ намуд, маҳз дар замоне, ки сабки ҳиндӣ ҳукмрон шуда, забони шеърро мураккаб ва душворфаҳм сохта буд» [14, с. 58). Ба ин тариқ, кӯшиши бештари Сайидо бар он будааст, ки бар ивази арабизмҳои фаровони нобарҷову номафҳуми маҳдудистеъмол аз забони зиндаи халқ, гӯишҳои он дурдонаҳоеро чида манзури умум гардонад, ки боиси рӯ ба инкишоф овардани забон гардидаанд.

Аз таҳлил, қиёси корбурд ва пойдормонии ин гуна аносири луғавӣ метавон ба чунин бардошт расид, ки иддае аз онҳо танҳо хоси гӯиши ҳавзаи Моваруннаҳранд. Далели чунин иддао ҳамин буда метавонад, ки ҳиссае аз калимаву ифодаҳои дар ашъори шоир мустаъмалро мо ҳатто аз комилтарин фарҳангномаҳои бароямон дастрас пайдо карда натавонистем. Қариб кулли ин гуна вожаву ибораҳо мансуб ба забони тоҷикӣ буда, танҳо гоҳ –гоҳе дар байни онҳо аносири луғавии иқтибосии арабиро метавон дучор омад.

Лозим ба таъкид аст, ки як даста луғоти мавриди истифода қарордодаи Сайидо имрӯз дар гӯишҳои тоҷикӣ гардиши фаъол дошта, баробари вижагиҳои қаблӣ боз хусусиятҳои навро доро гардидаанд. Аз нигоҳи доираи корбурдашон дар гӯишҳои муосир чунин аносири луғавӣ, ки ҳоло истифодаашон дар забони адабӣ басо маҳдуд гардидаанд ё аз он хориҷ шудаанд, ягона набуда, иддае дар ағлаби лаҳҷаҳо, ҳиссаи дигар дар бархе аз онҳо ва дастаи сеюм фақат аз забони мардуми ин ё он деҳ садо медиҳанд.

Аз назари қиёс гузаронидани ин гуна унсурҳои луғавии ашъори шоир бо маводи гӯишҳои имрӯза натиҷа чунин мешавад, ки бахши бештари онҳо дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ, ба хусус шимоливу ҷанубӣ побарҷо мондаанд. Чунин унсурҳои луғавӣ аз лиҳози мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ гоҳе ба исм, гоҳи дигар ба сифату феъл тааллуқ доранд.

Сайидо дар чанд маврид вожаи *палла* (< паҳлавӣ *parrak*)-ро, ки дар бархе вожаномаҳо се маънои он [15, ҷ. 1, 811; 22, ҷ. 2, 20] ишора гардидааст, ба маъноҳои: 1 дараҷа, мартаба; 2 каффа мавриди истифода қарор додааст:

Паллаи ҳуснат ба мизони назар бошад гарон,
Юсуфӣ, гар мезанӣ моро ба санги кам, биё [16, с. 21].

ххх

Зи лутфи ӯ ба гардун рафтаам аз паллаи пастӣ,
Набинад баъд аз ин санги камӣ чашми тарозуям [с. 341].

ххх

Маро афканда бар хоки мазаллат паллаи ҳастӣ,
Баландиҳои бечо кашкашон оварда дар пастӣ [с. 596].

Калимаи мавриди таҳлил ҳоло дар лаҳҷаҳои ҷанубии гурӯҳи шимолии Кӯлоб ва Бадахшонӣ дар шаклҳои *пала* / *палла* истифода гардида, дорои се тобиши маъноӣ: 1 самт, ҷониб, тараф; 2 нисф, порчаи чизе; 3 табақаи дар шудааст [13, с. 526].

Дар байни деҳқононии шимоли Тоҷикистон вожаи мазкур дар шакли *пал*(*и*) ба маъноҳои: 1 каффаи тарозу; 2 қитъаи ба таври мураббаъ ҷудошудаи замини кишт бисёр истифода мешавад: Шаб аҷ-Ҷом ӣ сӯбат шусода буд-у қойда ту йагбора ах-хишови пали пийоз гам мезанӣ мӣ? [1, с. 29]

Иддае аз чунин аносири луғавӣ агарчи решаи сирф эронӣ доранд, дар тӯли вуҷудашон ба таркиби луғавии чанд забони дигари ба тоҷикӣ хеш ворид шуда, бо қабули нишонаҳои овозии он забонҳо ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтаанд. Ин ҷо ҳадафи мо корбурди калимаи *заҳра* аст, ки ниёгон онро ба маъноҳои: 1 моеи сабзтоби талхи дар ҷигар пайдошаванда; 2 маҷ. ҷуръат, далерӣ истифода кардаанд [22, ҷ. 1, с. 446-447]. Ба эҳтимоли қавӣ, *заҳра* вожаи сохта буда, аз ҷузъҳои *заҳр* ва пасванди – *а* иборат аст. Ҷузъи аввал калимаест, ки дар он нишонаҳои забонҳои ҷанубӣ- ғарбӣ ва шимолӣ- ғарбии эронӣ омезиш ёфтааст. Ҳамсадои□-и оғозии

калимаи *ðadra*-и умумиэронӣ тибқи қонуни инкишофи забонҳои ҷанубӣ- ғарбӣ минбаъд ба *z* бадал гардида, гурӯҳи овозҳои *ðra* бар хилофи қонуни инкишофи ин гурӯҳи забонҳо таҳти таъсири забонҳои шимолӣ – ғарбии эронӣ, ба хусус портӣ ба *hr* табдил ёфтааст [20, с. 43].

Дар байтҳои зери Сайидо ин вожа ба маънои дуюм ба кор рафтааст:

Ашки ман рахнагари садди Сикандар бошад,
Заҳраи кист барад пеши ту пайғоми маро ? [с. 231].

ххх

Об созад оташи ман заҳраи парвонаро,
Шамъро мардонавор аз анҷуман берун кунам [с. 353].

ххх

Гардида об заҳраи барқ аз шарораам,
«Чун лаъл агарчи дар ҷигари санги хораам…» [с. 525].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ имрӯз вожаи *зāрадор* ба маънои «ҷасур, нотарс, бебок, далер, диловар» дар гардиш аст [13, с. 271], аз байни лаҳҷаҳои шимолӣ бошад, вожаи мавриди таҳлилро мардуми Исфара беш аз ҳама ба гунаи *зарра* ба ҳамон маънои фавқ истифода мебаранд: Ин кор ҳазил кор не, одам – ба зарри калон будан-аш даркор.

Қисме аз ин гуна воҳидҳои луғавӣ дар лаҳҷаҳои шимолӣ ба як шакл, вале дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба чанд гуна гардиш доранд. Чун намуна ин ҷо метавон аз калимаи *жанда* ёдовар шуд, ки маъноашро фарҳангнигорони пешину муосир «куҳан ва халақ, «ҷомаи дарида ва куҳангашта», «хирқа, пора, кӯҳна», «хирқа, далқ, пораи кӯҳна» ва м. инҳо эзоҳ додаанд [6, ҷ. 26, с. 39-40]. Ниёгон *жанда*ро дар радифи шакли дигар-*занда* фаровон мавриди истифода қарор додаанд. Сайидо гунаи *жанда*и вожаи мазкурро ба маънои «ҷомаи дарида ва куҳангашта» истифода кардааст:

Жанда пӯшидан нагардад ҷамъ бо танпарварӣ,
Хирқаи пашмина кардам то ба бар, чун мӯ шудам [с. 366].

Ба назар мерасад, ки гунаи *жанда* иқтибос аз забонҳои шимолӣ - ғарбии эронист, зеро дар бархе аз вожаҳои дигар низ дар ҳамин мавқеи фонетикӣ ҳамсадои *ж* омадааст, ки он барои забонҳои ҷанубӣ- ғарбии эронӣ бегона аст [8, с. 75.

Тазаккур бояд дод, ки ин вожа ҳоло дар гӯиши шимолӣ ба гунаи *ҷандӣ* дар баёни маънои «кӯҳна» мустаъмал аст: Пахта-ва ҷудо мӯл гашта анҷомо-ш-а ҳамма-ш ҷанда шудас (Хуҷанд).

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин вожа ба маънои «либоси даридаву дарбеҳнок» дар се шакл: *ҷанда*, *ҷайда* ва *ҷайдан* ба кор рафта, дар бунёди чанд калимаи дигар, мисли *ҷайданаки'* ба маънои «ҷандапӯш», *ҷайдоқ* ба маъноҳои: «урён, луч; бешарм, беҳаё» низ ҳисса гузоштааст [13, с. 872 -874).

Муқоисаи маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо форсии Эрон баёнгари он аст, ки вожаи мавриди таҳлил дар гуфтугӯи мардуми Қазвин низ ба гунаи *ҷанда* ба маънои «ҷомаи куҳан» маъмул будааст [6, ҷ. 15, 122].

Дар қатори чанд унсури луғавии тазаккурёфта дар ашъори Сайидо инчунин луғоти арабиасле ба кор рафтаанд, ки бо яке аз маъноҳои куҳанашон имрӯз танҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ побарҷо мондаанд, ба чунин маъноҳо истифодагардии онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба мушоҳида намерасад. Ҳадафи мо ин ҷо корбурди вожаи *усул* ба маънои «рақс» аст, ки Сайидо дар чанд маврид онро дар ифодаи ҳамин маъно мавриди истифода қарор додааст:

Маро чу шона дурӯиву садзабонӣ нест.
Чу зулф дар багалам бе усули шона биё! [с. 20]

ххх

Дасти худ кӯтаҳ кун, эй машшота, аз афсунгарӣ,
Зулфи ӯ бошад хабардор аз усули шонаҳо [с. 40].

ххх

Домани зулфи тамошо кай ба чанг ояд маро?
Не забони гуфтугӯе, не усули шонае [с. 471].

Ин вожа ба забони ниёгонамон ба маъноҳои зерин иқтибос гардидааст: 1 ҷамъи асл; 2 мақ. таърих ва моҳияти пайдоиши беморӣ; 3 қоидаҳои асосии ҳар илм, асосҳои ҳар илм; 6 ҳаракати мавзуни хушоянда, рақс; 7 оҳанги мусиқӣ, вазни мусиқӣ; 8 номи нағмаҳои ҳафтдаҳгонаи мусиқии классикӣ [22, ҷ. 2, 397].

Аз ахбори муаллифони фарҳангномаҳо бармеояд, ки чанде аз маъноҳои ин вожа баъди роҳёбияшон ба забони тоҷикӣ пайдо гардидаанд, ки бархе муаллифони фарҳангномаҳои гузашта онро бо истилоҳи «муфаррасот» ном бурдаанд. Аз ҷумла, С. А. Орзу таъкид намудааст, ки *усул*ро «… форсиён ба маънии ҳаракати мавзун ва хушоянда» истеъмол кунанд» [18, с. 23), Ромпурӣ дар баёни навъи махсуси рақс омадани онро, ки муодили “рақси баратал”-и ҳиндист, ишора менамояд [21, ҷ. 1, с. 375].

Тавре ки ишора гардид, ин маънои *усул* дар чанде аз лаҳҷаҳои тоҷикӣ, амсоли вахиёй-раштии лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба гунаи *усъл*, мисли Лахш, Майдонтерак ва шимолӣ, монанди Хуҷанд, Истаравшан, Ғончӣ дар шакли *усул* то ҳол боқист: И дъхта усъли хъшру мекъна [13, с. 720]. Канӣ, шумо-йам мийона-ба даромада, усул кара чорта ҳунар-атон-а нишон тид [1, с. 76]. Вай сози ту усул мекардагӣ не…[14, с. 104-143].

Мавриди қайд аст, ки ҳоло дар лаҳҷаи Фалғар феъли *усулидан* ба маънои “рақсидан” дар гардиш аст [11, ҷ. 1, с. 21].

Ал-амон аз вожаҳои дигари арабиаслест, ки ниёгон онро ҳамчун калимаи нидо дар вақти амон ва паноҳ хостан истифода менамуданд [22, ҷ. 1, с. 60]. Мисоли равшан ин байти Сайидост:

Фиғони ал-амон аз турбати Маҷнун алам гардад,
Ба саҳро сар диҳам рӯзе агар девонаи худро [с. 66].

Мавриди қайд аст, ки ҳоло дар гӯишҳои тоҷикӣ баробари таҳаввулоти маъноӣ дар ин вожа боз байни маъноҳои мустаъмали он дар лаҳҷаҳои мухталиф тафовуте ба чашм мерасад: дар лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобии Ҳисор, мисли Қарахонӣ луғати номбурда дар шакли *аламон* ба маънои «дастаи роҳзанон» ба кор меравад [13, с. 53], дар лаҳҷаи Исфара он маъноҳои: 1) тӯдаи одамони ба ғазабомада; б) ҷангу ҷидоли тӯдаи одамони ба касе баробар ҳуҷумкунандаро ифода мекунад [12, с. 48], дар гуфтори мардуми Конибодом айни авҷи тӯи хатнаро бо ин вожа баён менамоянд.

Дар гӯишҳои муосири тоҷикӣ чанде аз калимаҳои дар ифодаи аломату хусусият мустаъмали ашъори Сайидо низ ба таври густарда ба кор мераванд. Мисоли ин гуна луғот вожаи *қоқ* аст, ки он худ гунаи дигаргаштаи *кок* аст. Сайидо ин калимаро дар таркиби ибораи *нони қоқ* мавриди истифода қарор додааст:

Чун фалак аз меҳру маҳ бар суфра дорам нони қоқ,
Рӯзу шаб шармандагӣ аз меҳмон бошад маро [с. 99].

Қоқ яке аз он унсурҳои луғавист, ки зери таъсири забонҳои туркӣ аз шакли оғозияш дур рафтааст. Асли ин вожаро соҳибони фарҳангномаҳои тафсирии муосир туркӣ ба шумор оварда, ба чанд маъно, мисли: 1. хушк, хушкшуда: гӯшти қоқ, нони қоқ…; 2. лоғар, хароб, камгӯшт; 3. лаҳҷ. зардолуи хушконидашуда, ғӯлунг истифода гардиданашро ишора намудаанд ва ба ҳайси шоҳид аз осори аҳли адаби даврони мухталифи адабиёти гузашта байту порчаҳои алоҳида овардаанд [22, ҷ. 2, с. 702; 23, ҷ. 1, с. 687-688].

Роҷеъ ба решаи аслии *қоқ* ва гардиши он дар забонҳои мухталифи ҷаҳон байни аҳли илму фарҳанги даврони гузашта ва муҳаққиқони муосир назари ягона нест: бархе решаи форсӣ доштани онро таъкид намуда, гунаи ибтидоияшро *кок* ба шумор овардаанд ва вурудашро ба забони оромӣ ба шаклҳои *қоқ* ва *кока* ишора намудаанд [28, с. 205], гурӯҳи дигари олимон сарчашмаашро аз *k'k'*-и оромӣ донистаанд (на аз форсии *кок*), дастаи сеюм ҳадс задаанд, ки шояд асли ин луғат аз сарзамини Миср (қиёс: мисрии куҳан *k'k'* «ширинӣ, кик») сарчашма гирифта бошад ва гурӯҳи чорум иртиботеро миёни *кок*и форсӣ ва шаклҳои ба он шабеҳи забонҳои дигар надидаанд [26, ҷ. 4, с. 2104].

Сарчашмаи тоҷикӣ доштани *қоқ* ё *кок*ро бо ҳамин далел метавон собит сохт, ки он ҳам дар бархе забонҳои миёнаи эронӣ, мисли хоразмӣ (*k'k* «кок»), ҳам чанде аз забонҳои муосири эронӣ, амсоли балучӣ (*kāk* «навъе нони бузурги паҳн»), гилакӣ (*kākā* «навъе аз ширинии

хонагӣ, ки бо орд, тухми мурғ ва равған пазанд») гардиш дорад.

Лозим ба таъкид аст, ки ин вожа дар гӯишҳои мухталифи забони тоҷикӣ ҳам дар алоҳидагӣ, ҳам дар таркиби калимаҳои сохтаву мураккаби зиёде дар ифодаи маъноҳои мухталиф истифода мешавад. Масалан, дар гӯишҳои ҷанубиву шимолии забони тоҷикӣ *қоқ* ба маъноҳои: 1. хушк; 2. лоғар мавриди истифода қарор дошта, ба ҷуз ин, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ он дар калимасозӣ низ басо фаъол аст ва дар таркиби вожаҳои *қоқакӣ-1* (озах), *қоқакӣ-2* (хушк), *қоқала* (қоқина), *қоқандак* (харбузаи хушконидашуда), *қоқина* (камгӯшт), *қоқмағзак* (чормағзи пучак), *қоқовуз* (одами қоқинаи қаддароз), *қоқпочък* (пойборик), *қоқфатир*, *қоқшафтолу* (шафтолуқоқ) ва ғ. ҳамчун ҷузъи асосӣ побарҷо мондааст [13, с. 391-392].

Аз таҳлилу муқоиса метавон ба бардоште расид, ки *қоқ* ё *кок* яке аз вожаҳои сайёри тоҷикӣ маҳсуб гардида, бо *karkara*-и забони санскрит ба маънои «сахт, маҳкам, устувор» иртибот дорад ва дар забонҳои мухталифи ҷаҳон ба гунаҳои *каък* (арабӣ), *Keeks* (олмонӣ), *cakes* «анвои ширинӣ, шириниҷот» (англисӣ), *kakɛis* (юнонӣ) ва *kake* (қибтӣ) мустаъмал аст [26, ҷ. 4, с. 2104].

Дар байни аносири луғавии дигар вожаҳои мансуб ба феъл бо як хусусияти корбурдашон фарқ мекунанд, яъне аз байни маъноҳои зиёди ин навъи луғоти тоҷикӣ ҳоло дар гӯишҳои тоҷикӣ онҳое пойдор мондаанд, ки ба шакли меёрии забон бегона ҳастанд. Ба ҳайси шоҳид ин ҷо метавон аз феъли *расидан* ёдовар шуд, ки дар фарҳангномаҳо дар радифи нӯҳ маънои он дорои маъноҳои: 1 пухтани мева; 2 ҳадди булуғ ёфтан; 3 камол ёфтан низ ба қайд омадааст [22, ҷ. 2, с. 123; 15, ҷ. 2, с. 1655). Аз як ишораи М. Баҳор мусаллам мегардад, ки «ҳадди булуғ ёфтан, ба камол расидан» маънои ҳақиқии он ба шумор омада, вожаи мазкур ба ин маънӣ "... то дере дар назму наср истифода мешудааст ва имрӯз танҳо дар мавриди расидани мева ин маънӣ боқӣ мондааст" [2, ҷ. 1, с. 433].

Сайидо феъли номбурдаро ба маънои «тайёршуда, пухта» истифода кардааст:

Маи расидааму оби сард рехтаанд,

Тамом оташам, аммо фитода аз ҷӯшам [с. 388].

Таҳлили қиёсии забони Сайидо бо маводи гӯишҳои муосир далел бар он буда метавонад, ки маъноҳои: 1 пухтан; 2 тайёр шудан, ба қиём омадан (нун расидас…); 3 болиғ шудан, ба балоғат (воя) расидани феъли ёдшуда то ҳол дар забони мардуми тоҷик ба таври фаъол дар гардиш қарор доштааст: Анор, ки расид, мекафа; ҳамиҷа-да ангур ҷавзо-нда мерасидагис [13, с. 571]. Гӯр ин ходими гузар шавад, а ҳаққи касо-йа хӯрдан-а ҳамив вақто хамири нарасидагӣ бойин шуда бурафтас-а? [1, с. 165]

Пурсидан аз феъли дигаре аст, ки дар тӯли корбурди беш аз ҳазорсолааш баъзе маъноияш дар забони адабии муосир ва бархе маъноияш дар лафзи мардум маҳфуз мондаанд. Дар маъхазҳои асримиёнагӣ феъли мазкур дар ифодаи маъноҳои: 1 суол кардан; 2 пурсидан аз чизе ё касе; 3 аҳволпурсӣ кардан, ҷӯёи ҳол шудан мустаъмал буда [6, ҷ. 12, с. 218-221], баъдан маънои нахусту дуюм дар забони адабӣ пойдор монд, вале маънои сеюм хоси лафзи гӯишӣ гардид.

Дар ашъори Сайидо маънои «аҳволпурсӣ кардан, ҷӯёи ҳол шудан»-и феъли номбурдаи *пурсидан* ҳам ҳангоми дар шакли алоҳидагӣ ба кор рафтани он, ҳам ҳини чун ҷузъи вожаҳои мураккаб ё омехтасохт истифодагардияш ба мушоҳида мерасад. Чунончи, дар мухаммаси зерини байти иқтибоскардаи Сайидо ва мисраъҳои дуюм калимаи *дилпурсӣ* омадааст:

«Гарм мепурсӣ маро баҳри қариби дигарон,

Дар либоси дӯстдорӣ кори душман мекунӣ…» [с. 529].

ххх

Ҳилоли нохун аз гулҳои доғам даст бардорад,

Ба дилпурсӣ агар он лоларӯи хурдсол ояд [с. 216].

Ин калима дар чанд мавриди дигар (задаӣ захму ба дилпурсии доғ омадаӣ- [с. 473]; хат баровардаву дилпурсии ман месозӣ-[с. 474]; гар ба дилпурсии соҳибназарон меоӣ!- [с. 508] низ мавриди истифодаи шоир қарор гирифтааст.

Ба чунин маъно бакорравии *пурсидан* ба маънои фавқ дар таърихи забони тоҷикӣ собиқаи тӯлонӣ дорад. А. Деҳхудо дар «Луғатнома»-и хеш танҳо аз Фирдавсӣ бисту ду байтро

овардааст, ки дар онҳо *пурсидан* ба ҳамон маънои ёдшуда истифода гардидааст [7, ҷ. 4, с. 4798].

Дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ ин вожа ба ҷуз маънои маъмулияш инчунин ба маънои «пурсупос (пурсуҷӯ) кардан; ҳолпурсӣ намудан» низ ба гунаҳои *пърсидан* (дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ), *пустан* (Хуҷанд), *пурстан* (Конибодом) дучор меояд: *Пърсида* бъдъм шъмо-ра, чува шумо на'мепърсе [13, с. 563]. Хола-м шумо-йа *пуста-пуста* мондан. Ҳамма-шон-а *пурста* монид.

Лозим ба тазаккур аст, ки маҳфузмонии яке ё чанде аз маъноҳои куҳан танҳо хоси вожаҳои мансуб ба феъл набуда, дар ин вазифа корбурди иддае аз вожаҳои мансуб ба зарф низ ба назар мерасанд. Чунончи, дар ин байти Сайидо калимаи *нав* дар ифодаи мафҳуми «ҳозир, ба тозагӣ», ки дар гузашта яке аз маонии он маҳсуб мешудааст [7, ҷ. 13, с. 20130], мавриди истифода қарор гирифтааст:

Бо ту нав дил додаам, зинҳор озорам мадеҳ,
Мешавад хушдил карим аз меҳмони тозае [с. 481].

Ҳоло дар лаҳҷаҳои ҷанубиву [13, с. 472] шимолии Тоҷикистон ин калима дар радифи ду маънои дигар инчунин ба маънои «ҳоло, ҳозир, акнун» ба таври фаровон истифода мегардад.

Тавре ки қаблан ба қайд омад, дар ашъори Сайидо дар радифи луғоти алоҳида инчунин дастае аз ибораву ифодаҳои рехтае ба мушоҳида мерасанд, ки ағлаби онҳо имрӯз дар гӯишҳои тоҷикӣ бештар ба ҳамон гунаи қаблияшон пойдор монда, ҳиссаи ночизашон дучори таҳаввулоти шаклӣ шудаанд. Бархе аз ин гуна ифодаҳоро мо аз луғатномаҳои комилтарини бароямон дастрас пайдо карда натавонистем, ки ибораҳои рехтаи *аз теғи забонат гардам*, *аз гирди даҳонат гардам* ва амсоли инҳо шоҳиди чунин иддаоянд:

Мавҷи ҷавҳар шавам, аз теғи забонат гардам,
Чун хати пушти лаб, аз гирди даҳонат гардам [с. 334].

ххх

Лаб қушоӣ ба такаллум, зи каломат гардам,
Муждаи васл расонӣ, зи паёмат гардам [с. 338].

ххх

Бандаи марҳамати чашми сиёҳат гардам,
Аз сари чапғалатандози нигоҳат гардам [с. 339].

Ҳоло аз забони занони шимоли Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя вақти изҳори миннатдорӣ ба шахс ибораи *шумова гардам* бисёр садо медиҳад. Бино ба пажӯҳишҳои навини ба воҳидҳои фразеологии лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон ихтсосёфта ибораи мазкур дар иддае аз лаҳҷаҳои зикргардида низ гардиш доштааст [4, с. 228].

Баъзан дар ашъори Сайидо метавон бо корбурди ду унсури гӯишӣ дучор омад, ки яке вожаи муқаррарии забон ва дигаре ибораи рехта аст. Чунончи, дар байти зер шоир калимаи *алочапон* ва ибораи фразеологии *дум хода карда*нро ба кор бурдааст:

Дум хода карда омаду хобонд гӯшро,
Хартум бар замин заду гуфт: «Эй алочапон!» [с. 650].

А. Деҳхудо бо такя ба луғатномаи «Бурҳони қотеъ» ҳарчанд вожаи *чапон* ё *чаппон*ро «либоси кӯҳна ва мундарис» шарҳ додааст, вале дар хусуси мансубияти забонии он хомӯширо ихтиёр кардааст [7, ҷ. 5, с. 7068], дар ин луғатнома мо калимаи *алочапон* ва ибораи *дум хода карда*нро дучор наомадем.

Дар лаҳҷаҳои шимоли Тоҷикистон ҷузъи дуюми *алочапон-чапон* ва *дум хода кардан* ба ҳамон гунаву маънои дар ашъори Сайидо зикргардида гардиш дошта, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ *чапон* дар ду шакл: *чапон* (дар лаҳҷаҳои Гурдхам, Деҳи Калон, Ёзғанди гурӯҳи вахиёӣ-раштӣ) ва *чъпон* (дар бархе лаҳҷаҳои дигар) истифода мегардад: Чапон-т-а пуш, хънък-ай [13, с. 826].

Чунонки қаблан тазаккур ёфт, бархе аз вожаву таркибҳои дар ашъори Сайидо омада имрӯз танҳо дар ҳиссае аз гӯишҳои тоҷикӣ побарҷо мондаанд. Масалан, шоир дар чанд маврид пешоянди номӣ / таркибии номии *ранги* / *ба ранги*ро ҳамчун муодили пешояндҳои *мисли*, *монанди* истифода кардааст:

Мешавад аз бонг гӯшам ранги гардун пурсадо.
Аз лаби ӯ гунчаи гул гар ҳикоят мекунад [с. 183].

ххх

Чу мастон гунчаро дар боғ бе рӯи ту бӯ кардам.

Ба ранги шишаи май меравад хун аз димоғи ман [с. 442].

Дар луғатномаҳои бароямон дастрас ин вожа дар вазифаи фавқ ба назар нарасид. Аз ин рӯ, метавон тахмин кард, ки шояд бори нахуст калимаи мазкурро дар ин вазифа Сайидо мавриди истифода қарор дода бошад.

Ранги / *ба ранги* имрӯз яке аз пешояндҳои маъмули лаҳҷаҳои ҷанубӣ маҳсуб гардида, он ивазкунандаи асосии пешояндҳои номии *мисли*, *монанди*, *баробари* ба шумор меравад [13, с. 571].

Ҳиссаи дигари луғоту ибороти дар ашъори Сайидо дарҷёфта имрӯз танҳо дар доираи лаҳҷаҳои шимолӣ маҳдуд мондаанд. Чунончи, шоир дар байти зер калимаи *вожгун*ро истифода намудааст:

Тиҳидастӣ чу рӯй овард, толеъ вожгун афтад,

Зи май ҳар гаҳ шавад паймона холӣ, сарнагун афтад[с. 284].

Таҳлили гузаштаи дури вожаи фавқ, ки дар осори ниёгон ба ҷуз гунаи зикршуда боз дар шаклҳои *бошгуна, вожуна*, *воруна*, *вожгуна*, *божгуна*, *бошкуна*, *бозгуна*, *пошгуна*, *посгуна*, *бошгун*, *вожгун* мавриди истифода қарор доштааст, баёнгари он аст, ки, ба эҳтимоли қавӣ, дар зинаи нахусти инкишофи забони адабии тоҷикӣ аз байни гунаҳои зикргардида беш аз ҳама мувозиҳои *бозгуна* ва *бошгуна* маъмул будаанд, зеро дар ағлаби шоҳиди ба мо дастрас фақат вариантҳои ёдшуда ба мушоҳида расиданд.

Бар ивази кулли гунаҳои зикрёфта ҳоло дар гӯиши шимолӣ шакли *поскуно* маъмул гардидааст.

Дигар аз луғоти ин гурӯҳи дар ашъори Сайидо зикрёфта калимаи *батар* аст:

Намеоӣ ба болинам, намегирӣ хабар аз ман.

Илоҳӣ, дил ба бераҳме диҳӣ, гардӣ батар аз ман [с. 424].

Пайдост, ки *батар* мувозии тахфифёфаи вожаи *бадтар* аст. Ҷараёни аз зинаи меёрӣ то шакли гӯишӣ таҳаввулёбии *батар*ро муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» (қарни XVII) ба тариқи зайл нишон додааст: «… дар калимаи *бадтар* долро, ки ҳарфи охири калимаи аввал аст, ба воситаи қурби махраҷ ба то, ки ҳарфи аввали калимаи охир аст, ҳазф карда, *батар*и мухаффаф гуфтанд ё идғом намуда, *баттар*и мушаддада хонданд» [10, ҷ. 1, с. 55].

Дар гӯиши шимолӣ чун гӯишҳои дигар гунаи *батар* имрӯз корбурди фаровон дорад: Чува мийон-и зан- у шӯ-ба медаро-йӣ, охӣ хуп шуд, а ир-рӯз-ат батар шав [1, с. 105].

Чунин шакли истифодаи вожаи фавқ хоси чанде аз гӯишҳои забони форсии муосир, ба вижа гӯишҳои Исфаҳону Қойин низ будааст [9, 128; 3, с. 22].

Дар ин дастаи аносири луғавӣ низ метавон бо онҳое дучор омад, ки дар ашъори Сайидо ва лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ ба маъное мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ба забони адабии ҳозираи меъёрии тоҷикӣ бегонаанд. Ин ҷо ҳадаф корбурди феъли *рафтан* ба маънои «зудуда шудан, барҳам хӯрдан» аст, ки дар як байти иқтибоскардаи Сайидо дучор меояд:

«Дар ошёнаи гул бо ту ҳамзабон будам,

Ту ҳамчу ранг нишастиву ман чу бӯ рафтам» [с. 606].

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” агарчи ҳашт маънои ин феъл ба қайд оварда шудааст [22, ҷ. 2, с. 126], вале корбурди он дар баёни маъноҳои “монанд будан”, “барҳам хӯрдан”, “зудуда гаштан” ишора наёфтааст. М. Муин низ перомуни баёнгардии маънои “зудуда шудан” тавассути ин феъл хомӯширо ихтиёр кардааст [15, ҷ. 3, с. 1664].

Маънои зикргардидаи *рафтан* ҳоло дар гӯиши шимолӣ маъмул аст: Илоҳим собун-кэти буравад-дийа [14, в. 3, с. 182; 14, в. 5, с. 59].

Як вижагии ашъори Сайидо дар мавриди истифодаи феълҳо бакоргирии шакли таркибии онҳост. Масалан, дар чанд байти поён феълҳое, амсоли *шунидан гирад*, *тапидан гирад*, *вазидан гирад* ба мушоҳида мерасанд:

Дар чаман гул чу ҳадиси ту шунидан гирад,

Бар сари шох дили гунча тапидан гирад,

Об чун мавҷ ба ҳар сӯй давидан гирад,

«Дар гулистон чу насими ту вазидан гирад,

Чашми наргис ба сари сабза паридан гирад» [с. 618].

Лозим ба ёдоварист, ки ин гуна феълҳои таркибии феълӣ, мутобиқи андешаи бархе гӯишшиносон, дар забони тоҷикӣ таҳти таъсири забони ӯзбекӣ зуҳур кардаанд. Шояд ҳамин тавр ҳам бошад, вале дар дасти мо баъзе далелҳое вуҷуд доранд, ки таҳти таъсири забони ӯзбекӣ зуҳур кардани чунин қолаби баёнро таҳти шубҳа қарор медиҳанд. Дар иртибот ба ин масъала ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар ин гуна феълҳо, чунин ки ишора гардид, ҷузъи асосиро феълҳои мустақилмаъно ташкил дода, ба сифати ҷузъи ёвар феълҳои аслан соҳибмаъное истифода шудаанд, ки дар чунин таркибҳо вазифаи ёридиҳандагиро бар дӯш доранд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар ин вазифа феълҳое чун *баромадан*, *бурдан*, *дидан*, *рафтан*, *мондан* ва монанди инҳо, ки онҳоро П. Н. Хонларӣ “феълҳои оғозӣ” номидааст [25, ҷ. 3, с. 467], нақши муҳим доранд [5, с. 235-236].

Дар заминаи забони ӯзбекӣ ва умуман забонҳои туркӣ бунёд нагардидани чунин тарзи ифодаро метавон бо панҷ нукта собит сохт: 1) ҳанӯз дар садаи XII вуҷуд надоштани забони ӯзбекӣ; 2) на танҳо дар қолаби ифода, балки дар луғат таъсири ночиз доштани забонҳои туркӣ дар давраи мазкур; 3) басо кам мустаъмал будани феълҳои ёридиҳанда дар забонҳои туркӣ дар садаи XI; 4) мавҷудияти чунин қолабҳо дар забонҳои дардӣ, ба вижа ҳиндӣ [17, ҷ. 2, с. 397]; 5) истифодаи чунин қолабҳои феъл дар гӯиши ҷанубии тоҷикӣ.

Аз ин рӯ, ба назар мерасад, ки ин тарзи баён дар заминаи худи забонҳои эронӣ зуҳур кардааст.

Тавассути вожаи *гирифтан* ташаккули феълҳое, назири *бигаштан гирифт*, *дуо кардан гирифт*, *омадан гирифт* дар матнҳои умри беш аз ҳазорсола доштаи тоҷикӣ, амсоли «Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ба назар мерасанд.

Бояд таъкид кард, ки дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ташаккули чунин феълҳо аз тариқи ба вожаҳои мустақилмаъно замима гардидани феъли *гирифтан* басо фаровон дучор меоянд.

Пайдост, ки дар гӯиши шимолӣ чунин тарзи истифодаи феълҳои таркибии феълӣ вусъати тамом дорад: Ҳа, қанӣ даҳани кармон-а беиво калонтар кушодан гирид [1, с. 67].

Сайидои Насафӣ дар ҷараёни баёни андеша дар радифи дигар аносири луғавӣ чанд ибораи феълии рехтаеро мавриди истифода қарор додааст, ки онҳо имрӯз ба ҳайси унсурҳои фаъоли гӯиши шимолӣ пойдор мондаанд. Яке аз чунин ифодаҳо *бӯи чизеро шунидан* аст, ки дар байти зерин омадааст:

Зи бӯи гул шунидам то ҳадиси бевафоиро,

Чу тифли гунча пеш аз марг дар фикри кафан рафтам [с. 342].

Тавре ки аз байт ба мушоҳида мерасад, як вижагии ашъори Сайидо ҳамин аст, ки шоир ба воситаи ашъори нобаш маънои куҳани силсилаи калимаҳоеро эҳё мекунад, ки ҳазор сол пеш Фирдавсӣ онҳоро ба чунин маъноҳои дар давраи ҳозира, ба қавле, матрукшуда мавриди истифода қарор додааст ва имрӯз барои забони адабии тоҷикӣ бегона аст. Ин ҷо танҳо бо зикри як далел маҳдуд хоҳем шуд. Масалан, ҳоло тоҷикзабонон феъли *шунидан*ро ба маънои истимоъ бо гӯш медонанд, вале ин калима дар гузашта боз дар ифодаи маънои ҳис кардан ба воситаи узви бӯёӣ низ бисёр ба кор мерафт. Як назари сатҳӣ ба осори *Фирдавсӣ* (наванд аспи ӯ бӯи аспон шунид…), *Саъдӣ* (бӯи пироҳани гумкардаи худ мешунавам) *Мирсаид Алии Ҳамадонӣ* (бӯи лутфаш зи дами рояту накбо шунаванд) ва дигарон метавонад ин гуфтаҳоро собит созад.

Аз байни шоиру нависандагони даврони шӯравӣ ва пасошӯравӣ, аз рӯи мушоҳидаҳои мо, ба ин маъно вожаи мазкурро Ҳаким Карим, Ҳасан Ирфон, Лоиқ Шералӣ, Фарзона, Баҳманёр ба кор бурдаанд. Лозим ба таъкид аст, ки ин вожа ба маънои ҳис кардани бӯй то ҳол дар гӯиши шимолӣ ба таври фаровон гардиш дорад [7, с. 98].

Дигар аз чунин аносири луғавии ашъори Сайидо ибораи *ном баровардан* аст:

То лабат ном бароварда ба ширинсуханӣ,

Тӯтиёнро ба сар афтода гами қӯҳканӣ [с. 513].

А. Деҳхудо дар ифодаи мафҳуми «машҳур шудан, соҳиби шӯҳрат ва овоза шудан, номовар шудан, шӯҳрат гирифтан» ибораҳои *ном овардан* ва *ном баровардан*ро зикр намудааст ва барои ибораи аввал чун шоҳид аз Анварӣ ва барои ибораи дуюм аз Низомӣ ва Вола байти шоҳид овардааст [Дехх, ҷ. 13, 19655, 19656].

Ибораи фавқ имрӯз пайваста аз забони мардуми шимоли Тоҷикистон шунида мешавад.

Ба ин тариқ, дар ашъори Сайидои Насафӣ ибораву ифодаҳои рехтае, чун **мард медонам**

(Тангчашмонро ба неъмат сер кардан мушкил аст, Мард медонам, ки мӯреро зиёфат мекунад-с. 183), **ранг паридан** (Дар барам дил метапад, аз чеҳра рангам мепарад, Булбулу гул хонахез аз саҳни боғам меравад-с. 279), **бӯ гирифтан** (Шӯхе наёфтам, ки кунам сарф умри хеш, Дар шиша бӯ гирифт гулобе, ки доштам-с. 330), **ҷои гарми худро сард сохтан** (Ҷои гарми худ насозам сард ҳар дам чун сипанд, Умрҳо месӯзаму чун шамъ тоқат мекунам [с. 331], **устухон сафед шудан** (Устухонам шуд сафеду ашк мерезам ба хок, Донаам чун орд шуд, фикри зироат мекунам-с. 332), **хона кардан** (Ҳамчу сурати девор гаштаем ҳайронат, Як назар намесозӣ ҷониби асиронат, Хона карда дар дилҳо ғунчаҳои пайконат…-с. 535), **ба сари касе омадан** (Бар сарам меоиву афганда дар хун меравӣ, Ҳамраҳи ағёр бо рухсори гулгун меравӣ-с. 604) ва даҳҳои дигар дучор меоянд, ки ҳоло чун унсури фаъоли забон дар забони мардум гардиш доранд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллозода Р. Ибораҳои халқӣ. -Душанбе: Дониш, 1974. - 204с.
2. Баҳор М. Т. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Ҷилдҳои 1-2. Теҳрон, 1337.
3. Бухороӣ, А. Ҳидояту-л-мутааллимин фи-т-тиб. Бо эҳтимоми Ҷалоли Матинӣ. Чопи дувум, Машҳад, 1371 - 914 с.
4. Гадоев Н. Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб). Душанбе, 2019. - 335 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. –Душанбе: дониш, 1985. - 355с.
6. Деҳҳудо А. Луғатнома. Ҷилдҳои 12, 15, 26. –Теҳрон, 1325 - 1345.
7. Деҳҳудо А. Луғатнома. Ҷилдҳои 4, 5, 13. –Теҳрон, 1373.
8. Ефимов В. И., Расторгуева В. С., Шарова Е. Н. Персидский, таджикский, дари / Ефимов В. И., Расторгуева В. С., Шарова Е. Н. // Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. -М.: Наука, 1982. -С. 5-230.
9. Зумуррадиён Р. Баррасии гӯиши Қойин. Теҳрон, 1368 - 209 с.
10. Инҷу, Ҳ. Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ. Ҷилдҳои 1-2. Машҳад, 1351.
11. Қосимӣ М. ва дигарон. Фарҳанги масодири забонҳо ва гӯишҳои эронии Тоҷикистон. Ҷилдҳои 1-2, Душанбе, 1376 - 317с.
12. Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Мақсудов Т. -Душанбе: Ирфон, 1997. - 159 с.
13. 13. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ, Бердиев Б. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. Душанбе, 2012. - 946 с.
14. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. –Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1947 - 230 с.
15. Муин М. Фарҳанги форсӣ. Ҷилдҳои 1-4. Теҳрон, 1375.
16. Насафӣ, С. Асарҳои мунтахаб. Мураттиб Ҷ. Шанбезода. -Душанбе: Ирфон, 1977 - 700 с. Ҳамаи мисолҳо аз ҳамин нашр аст.
17. Опыт историко-типологического исследования иранских языков. М., том 1-2, - 1975.
18. Орзу С. А. Чароғи ҳидоят. –Душанбе: Ирфон, 1992. 228с.
19. Расторгуева В. С. Очерки по таджикской диалектологии / Расторгуева В. С. - М.: Изд-во АН СССР, выпуск. 3, 1956, 191 с. ; выпуск 5, 1963. - 250 с.
20. Расторгуева В. С., Молчанова. Среднеперсидский язык // Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. –М.: Наука, 1983. – С. 6-146.
21. Ромпурӣ М. Ғ. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилдҳои 1-2. Таҳияи матн, бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феристи А. Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987 - 1988.
22. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилдҳои 1-2. -М.: Советская энсиклопедия, 1969.
23. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Душанбе, 2008. - 949 с. ; æилди 2. - 944 с.
24. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта / Фозилов М. -Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Ҷилди 1, 1963. - 952 с. ; ҷилди 2, 1964. -802 с.
25. Хонларӣ П. Н. Таърихи забони форсӣ. Ҷилди 3. Теҳрон, 1336.
26. Ҳасандӯст М. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷилдҳои 1-4. –Теҳрон: Нашри осор, 1393.
27. Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ). –Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - 253 с.
28. Шир Э. Вожаҳои форсии арабишуда. Тарҷумаи доктор Ҳамиди Табибиён. Теҳрон, 1389.

СВЯЗЬ ЯЗЫКА ПРОИЗВЕДЕНИЙ ПОЭТА, ВОСХВАЛЯЮЩЕГО РЕМЕСЛО XVII ВЕКА С СОВРЕМЕННЫМИ ТАДЖИКСКИМИ ГОВОРАМИ

В статье подвергнуты анализу пути сохранения лексических единиц в произведениях одного из выдающихся поэтов XVII столетия Миробида Сайидо Насафи.

На основе собранного фактологического материала указанные лексические единицы разделены на три группы: слова, сохранившиеся в южных и северных говорах таджикского языка; слова, сохранившиеся только в южных говорах; слова, сохранившиеся только в северных говорах таджикского языка.

Делается вывод, что часть лексики творчества Сайидо сегодня используется без изменений в форме и семантике. Некоторые лексические единицы подвергались определенной эволюции как в плане формы, так и семантики. Третья группа слов приобрели совершенно новые особенности.

Ключевые слова: *история таджикского языка, язык произведений Сайидо Насафи, лексические единицы, говоры таджикского языка, семантика лексических единиц.*

CONNECTION OF THE LANGUAGE OF THE POET'S PRODUCTIONS PRAISING THE CRAFTMANSHIP OF THE XVIII-TH CENTURY WITH CONTEMPORARY TAJIK VERNACULARS

The article dwells on the analysis of the ways of preservation of lexical units in the literary productions by one of the outstanding poets of the XVII-th century Mirobid Sayido Nasafi. Proceeding from the connected factological material, the author of the article divides the indicated lexical units into three groups: words preserved in southern and northern vernaculars of the Tajik language; words remained only in southern vernaculars; words remained only in northern vernaculars. He comes to the conclusion that a part of the vocabulary making up Sayido's creation is used today without changes in form and semantics. Some lexical units were subjected to a certain evolution, both in the plane of form and semantics. The third group of words acquired quite new peculiarities.

Keywords: the *history of Tajik nation, the language of the productions by Sayido Nasafi, lexical units, Tajik language vernaculars, semantics of lexical units.*

Сведения об авторе:

Хасанзода Абдужамол Ашраф *- доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой таджикского языка ГОУ Худжандского государственного университета им. акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

About the autor:

Hasanzoda Abdujamol Ashraf, *Dr. of Philology, Professor, chief of the department of the Tajik Language under the SEI "Khujand State University named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand) E-mail: abdujamol58@mail. ru*

НЕОЛОГИЗМЫ И ИХ ИНТРАЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

Шокиров Т. С.

Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

Лексический состав любого языка состоит из активных и пассивных слов, в числе которых необходимо включить неологизмов и архаизмов. Неологизмы как один из источников обогащения языка способствуют его развитию. Таджикские неологизмы имеют интралингвистические и экстралингвистические особенности, которые благодействуют внутренним законам развития языка, т. е. законам, отражающие процессу эволюции языка как общественного явления и системы, элементы которой связаны между собой внутренними взаимоотношениями. По мнению профессора В. А. Звегинцева, данное понятие часто употребляется в филологической литературе, однако не имеет конкретного определения из-за отсутствия в чёткой классификации категорий «развитие» и «изменение».

Термин «развитие» применяется неординарно: он описывает либо смену состояния языковой единицы (например, развитие суффикса отдельной лексической единицы или появление нового ЛСВ в семантике слова), либо процесс адаптации языка к переменам в общественной жизни и связанным с ними новым потребностям общения [3, с. 168].

Есперсен О. утверждал, что «существуют универсальные законы мышления, которые отражаются в законах языковых изменений», поэтому ряд внутренних законов развития являются универсальными для всех языков: унификация однозначных форм, исключение лексической и грамматической омонимии, избегание избыточности средств выражения и др. [11, с. 128]. Эти тенденции реализуются благодаря лингвистической системности и взаимодействия их элементов.

Обычно универсальными факторами развития языка считают диалектические по своей природе и определяющие его эволюцию: кинематическая и статическая, термины которые заимствованные из физики. Первая тенденция является стимулом к языковым

преобразованиям, а вторая направлена на сохранение устойчивости языка как системы, благодаря которому язык выполняет свои основные функции [2, с. 104; 12, с. 214]. Таким образом, с одной стороны, язык, подчиняясь требованиям коммуникации, стремится сохранить определённую стабильность, но с другой, будучи системой открытого типа и взаимодействуя с окружающей средой, с познавательной и практической деятельностью человека, он постоянно обогащается и расширяет свои возможности, в том числе за счёт неологизмов. [8, с. 107]. Кинематическая тенденция с помощью определённых факторов приобретая большую силу преодолевает стремление языка к статичности, что влияет качественному изменению языковой системы.

В развитие языка на лексическом уровне играют существенную роль внешние факторы. В словарном составе не всегда исключительно экстралингвистические причины порождают изменения. Появление неологизмов происходит под влиянием факторов, имеющих не только внешнего, но и внутреннего характера. По этому Б. А. Серебренников отмечает, что язык как инструмент коммуникации своим носителям даёт возможность воспользоваться неологизмами [7, с. 71].

Внутренние неологизмы менее заметны по сравнению с языковыми новациями, образованными под воздействием экстралингвистических факторов, потому что, они не называют новые предметы, а употребляются для обозначения уже бытующих в жизни человека реалий. Экспрессия новизны таких языковых единиц не выражается столь отчётливо.

В основном лексические новообразования опосредованы одновременно внешними и внутренними стимулами. Согласно С. И. Алаторцевой, экстралингвистические факторы приводят в действие языковой механизм, в рамках которого то или иное явление получает определённое обозначение средствами языковой системы и в соответствии с современными тенденциями в жизни общества [1, с. 493].

Интралингвистические факторы возникновения неологизмов все более привлекают внимание лингвистов. Так, Т. В. Попова указывает, что последнее время активизировалась стремление носителя языка к выразительности, экспрессивности, речевой экономии, образование по аналогии, и это тоже приводить к появлению неологизмов [6, с. 9]. И. А. Тропина относит к внутренним факторам пополнения словарного состава языка, трансноминацию известных явлений, экономию речевых средств выражения, стремление к обобщению, тенденцию к дифференциации, потребность в новой эмоционально-экспрессивной лексической форме для обозначения бытующих понятий [9, с. 58].

Внутрисистемные новации отличаются по своим основным свойствам, и по характеру выполняемых ими функций. Новые слова, появившиеся в результате стремления языка к выразительности, проявляются не только в индивидуально-авторские окказионализмы и семантические неологизмы. Они употребляются во всех сферах жизни и во всех лексических категориях. Это доказывается, анализом таджикского литературного языка, которое базируется на языке классической таджикско- персидской литературы и имеет многовековою историю. Изучение лексического состава современного таджикского языка является одним из актуальных вопросов таджикского языкознания, связанное с его внутренней структурой, и функционированием.

Если в течение многих столетий этот литературный язык, с точки зрения грамматической структуры существенно не изменялся, то с точки зрения лексики и стиля, претерпел серьёзных изменений. В настоящее время таджикский язык, так же как и многие другие языки, переживает терминологического и неологического ренесанса.

Политические и экономические преобразования в Таджикистане конца XX и начала XXI веков, характеризуются ощутимыми изменениями в лексической и словообразовательной подсистемах языка[4, с. 12].

Лексико-фразеологический подъем последних лет находит яркое отражение в публицистике, в языке средств массовой информации и литературе. За короткие время появились огромное количество лексические и семантические неологизмы[10, с. 27]. Лексико-фразеологическими неологизмами называются представляющие собой слова, составные термины и фразеологические единицы. По назначению неологизмов можно разделить на четыре группы.

В первой группе можно отнести слова обозначающие названия реалий и понятий, которые раньше не существовали. Они в основном заимствованы с русского языка: ***ваучер// ваучерӣ (ваучер+ӣ)*** *– специальная драгоценная бумага;* ***эҳёгарон-*** *возрождающие, последователи различных псевдопатриотических движений;* ***грант*** *– форма дополнительное финансирование в виде определённых дотаций;* ***десоветизм*** *– ликвидация или преобразование советское государство, течение, направление, движение на подобий антисоветизм; названия продуктов, такие как* ***гамбургер, ходдог, шаурма,*** *комютерной терминологии* ***(в*** *основном европоизмы)* ***интернет, принтер, гигабайт, протсессор, веб, гугли, яндекс, мейл, фейсбук, ватсарр, вайбер, имо, мессенҷер и др.***

Подобные неологизмы имеют русско-интернациональные корны и считаются посредственными. Как в советское, так и в настоящее время научные и промышленные неологизмы в таджикский язык принимаются через русский язык.

Неологизмы второй группы обозначают названия явлений, которые уже бытовали в жизни общества, но не получили по тем или иным причинам распространение: **иктишоф-** разведка; **кошона-**салон; **сарнишин**-пилот, командир, верховенствующий; **сарпараст-** куратор, руководитель, обеспечивающий; **боҷ-** налог; **мушовара-** коллегия; **муҳоҷир-**мигрант; **мусофир-** пасажир; **раҳпаймоӣ-** шествия; **овеза-** вывеска; **бурс**-квота, **хушунат-** насилство; **ифротгар-** экстремист; **ифротгароӣ-**экстремизм, **сомона-** сайт**, бахтнома-**(конституция, образно)**, иттилоия-** вести, новости сведение**, пешоҳанг-** пионер, авангард; **ҳалнома- решение, заключение(суда); назарпурсӣ-**опрос**; ҳамоиш-** заседания, собрания, конференция и др.

В третью группу входят неологизмы, которые обозначают реалии в ограниченной сфере употребления: **потент-** разрешительный документ; холдинг- форма управления предприятиями; **киборг** – получеловек-полуробот, **космолёт** – космический самолёт-корабль, **космоплан-** специальный космический аппарат; **ипотека**-вид кредитной помощи и др.

Четвёртая группа неологизмов состоит из коннотационных лексических единиц: **хислатнома**- сифатнома, тавсифнома; **ҳолнома**- тачумаи ҳол; **низом**-система; **ташхис-** эксперт; **таҳлилгоҳ**- ташхисгоҳ, лаборатория; **тимсол**-образ; **мақом**//мақомот- ниҳод, **раиси ҷумҳур**-президент; **пажӯҳишгоҳ-** тадқиқотгоҳ, институт; **тасвиб**-имзо; **тамрин**-машқ; **таворум**-бекрбшавӣ, инфляция; **фишурда**-резуме, автореферат ва ғ. Это могут быть полные (идеографические) синонимы, тождественные по значению и стилистической окраске.

Многочисленные лексические новообразования имеют таджикскую основу: ***афшура*** *– сок, выжатый из фруктов;* ***адвинҷот*** *– лекарство, химическое вещество, которое применяют против вредоносных насекомых;* ***абардастон*** *– силнейшие, суперсилные;* ***бодгона*** *– форточка;* ***довталаб*** *– абитуриент;* ***зоднома*** *– свидетельство о рождении;* ***миёнҷӣ-*** *посредник;* ***миёнҷигарӣ -*** *посредничество;* ***душаҳрвандӣ*** *– двойное гражданство;* ***камбизоат -*** *малоимущий, бедный;* ***гузарнома*** *– пропуск;* ***ҷондор*** *– телохранитель;* ***карахтӣ*** *– застой, кризис;* ***ошкорбаёнӣ – свобода слова; мушкилот*** *– трудности ;проблема.*

Большую группу неологизмов указанного периода равитие таджикского литературного языка составляют заимствованные слова. По способу проникновения, заимствованные неологизмы делятся на две группы: а) неологизмы, заимствованные из русского языка и б) неологизмы, вошедшие через персидский язык[5, с. 7].

а) Неологизмы, заимствованные или принятые из других языков посредством русского языка. Их можно назвать евронеологизмамы. Но необходимо отметить, что такие заимствование в период суверенитета республики в основном происходить по электронным сетям, и трудно сказать, что они заимствованы через русского языка. Наоборот все более ускоряется и увеличивается проникновения лексические заимствования из английского языка. Причина такого темпа, по-видимому, кроется в развитии современной науки, техники и в расширение влияние английского языка. Сегодня во всем мире часто встречаются такие слова как: ***аудит*** - отражение результатов проверки финансовой деятельности организации; ***аудиодиск*** - пластическая карта, которая имеет круглую и тонкую форму, применяемая для сохранения звукового материала»; ***видеодиск*** – пластический диск, который применяется для сохранения видеоматериалов; ***бизнес***-предпринимательство, коммерция, торговля, ***виндоус*** – основная системная программа компьютера, ***генотсид*** – искоренение какой-нибудь нации или

расы; ***глобалӣ***– глобальный; **дискет** – пластическая карта объёмом до 4, 5 мб, ***депортатсия*** – выселение нелегальных граждан из одного государства в другое; ***дивиди фУВ*** – специальный технический прибор, с использованием которого приводят в действие звуковые и отражающие материалы на карте; ***Интернет*** – всемирная компьютерная информационная сеть; ***квота*** – доля, часть; ***ксерокс*** – компьютерная копия документов; ***саммит*** – встреча официальных лиц государств нескольких стран, сплочённых в единый союз и многое другое. Подобные слова заимствованы без лексико-фонетических изменений.

б) Начиная с конца 80-их годов XX века, в таджикский язык ускорился внедрение персидской лексики, и это произошло двумя способами. Первая группа арабско- персидских слов заимствовалась в результате расширение влияние СМИ для обозначение новых предметов и понятий или с целью сближение исторические лексические корни: **оташангез-** *огнеопасно* ***арзёбӣ*** *– изложение, оценка;* ***бавижа*** *– в особенности;* **паёмад** *-результат, плоды,* ***бархӯрд*** *– поведение, отношение;* ***баҳрабардорӣ*** *– применение, использование, употребление;* **ибтикор-***инециатива*, ***бунбаст*** *– тупик, трудности, кризис;* ***вироиш*** *– редактирование, выправление;* ***гиро*** *– увлекающий, влиятельный, эффективный;* ***гаравгон*** *– заложник;* ***вом*** *– долг;* ***вомбарг*** *– заём,* ***р*асид-***квитанция*, **оташангез-***огнеопасно*, **қатънома-***соглашение*, **таъйидноама-** доверенность, **дудмон-***семейство*, племя, **нофарҷом-** *нежелательный*, ***арусак*** *– кукла;* **зоеъ-***зря, безполезный,* мусамман- восмеугольник, **оташангез-***огнеопасно и др.*

Необходимо отметить, что эти слова существовали в лексический фонд таджикского языка, но или не использовались или имели ограниченной сферой использование.

Среди заимствованных персидских неологизмов встречаются слова арабского происхождения: **мунши** в значении «высокая должность, главный руководитель организации или партии»; **муҳосиб** – бухгалтер; **нозир** – инспектор; **муҳассил** – ученик, студент; **ғосиб** – оккупант, насильно отбирающий что-то, принадлежащее местному жителю, **асъор** – валюта; **барқия** – телеграмма; **инфиҷор** – взрыв; **муҷтамеъ** – скопление, концентрация; **дафтар** – кабинет, офис, концелярия; **муҳаррик** – мотор; **қатора** – поезд; **масир** –направление, течение, маршрут; **мувозибат** – забота; **марз** – поле, граница; **маҷмаа** - комплекс, ассамблея; **мақула** – категория; **асолат** – благородство, корень, коренной.

Основным фактором появления лексических новообразований в современном таджикском языке является деривационная система. Словообразовательными моделями языка наряду с собственно таджикские новообразования, проходят и заимствованные новоявления из других языков, которые отражают жизненные и языковые изменения: **тезпаз, тезхур**-бистро, **тезрасон-**срочная, быстрая доставка (со словом тез образованы более 10 неологизмы), **автоташхис** (техосмотр, автоэксперт), **автобону** (автоледи), нусхабардорӣ (копирование), **хушкашӯӣ** (химическая стирка), **худпок** (самоочишающая), **девора** (стенка), **нимдевора** (полустенка), **зардеворӣ** (обои), шаҳкурсӣ (кресло), такякурсӣ (кресло) и др. Уместно отметить, что многие из употребляемые неологизмы (в основном калькированные) не отвечают требованиям таджикской деривации и через определённое время могут не существовать, однако пока они выполняют свои коммуникационную функцию.

Специалисты отмечают [5, с. 16], что к основными факторам появления новых слов в таджикском языке 90-х годов XX века и начала XXI века можно отнести следующие: а) приобретение государственного суверенитета Республикой Таджикистан: ***магоза*** *– магазин,* ***афсар*** *– офицер,* ***ҳизб / аҳзоб****(мн. число)* *– партия,* ***иҷлосия*** *– сессия,* ***коргардон*** *– режиссёр,* ***осорхона*** *– музей,* ***қатора*** *– поезд,* ***сарнишин*** *– лётчик, пилот;* ***шиноснома*** *– паспорт(и более 20 наименование документов с элементом -нома),* ***оҳангсоз*** *– композитор,* ***муҳосиб*** *– бухгалтер,* б) развитие науки и технологии: ***компутер, принтер, Интернет, дискет, фитнес, дивиди (DVD), сиди (CD); мушак*** *– мышика,* ***шабака*** *– сеть,* ***сомона*** *– сайт,* ***мавҷгир*** *– антенна* ***(кальки)***; в) политические и социальные преобразования: ***ошкорбаёнӣ*** *– гласность,* ***раъйпурсӣ*** *– референдум*, **бозхонд-** недоверие, возвращение, ***даргирӣ*** *– противостояние, война*; г) делопроизводство: ***дабир*** *– секретарь,* ***додгоҳ*** *– прокуратура,* ***макула*** *– категория* ***дафтар*** *– кабинет,* ***киф*** *– сумка.*

В появление неологизмов полисемия играет особую роль. Ибо она представляет собой следствие переноса наименования с одного предмета на другой и постепенного развития значения лексемы. Переносное значение и образования неологизмов в современном таджикском языке имеют следующие способы:

Употребление слова в переносном значении на основе сходства в каком-либо отношении двух предметов или явлений, которое называется метафорой: ***дилак-*** *сердечка от замка;* ***норинҷак*** **-***(маленький мандарин) в значении «граната»,* ***барқ-*** *(молния) в значении «электричество»,* ***моҳвора-*** *параболическая антенна(тарелка),* ***мушак-****мышка компьютера,* ***тори анкабутак-*** *интернетпаутина,* ***ситора (звезда)-****популярный и знаменитый артист;* ***чанбар-****руль машини,* ***хамира*** *(тесто) «зубная паста»,* ***хока-*** *порошок; и др.*

Метонимические неологизмы. Путём метонимии возникли слова: **садо ва симо- радио и телевизион** (досл. садо-звук, голос) (симо-лицо, облик), **қаламӣ** – дословно- карандашный- в значении «рукопись» и т. д. ;

Непереносное развитие значения слова также способствовали появлению многих новых значений, например, неологизмы ***ҳакам*** *(суд) и* ***довар*** *(правитель, Бог)* в знач. «*судья в спортивных соревнованиях»;* ***бӯҳрон*** *(большое изменение) - «экономический и политический кризис»;* ***даста*** *(ручка) - «команда»;* ***қатора*** *(ряд, линия) «поезд»;* ***ришта*** *(нить, нитка) - «отрасль, сфера»,* ***ҷондор*** *(одушевлённый, тот кто имеет душа, жывой, хранитель живого) - «телохранитель»* и т. п.

Неологизмы в таджикском языке в основном общеязыковые, которые создаются для обозначения нового предмета или явления. Отдельные из них входят в пассивный словарный запас языка, но большое количество неологизмы употребляются активно и разнообразно. Они в таджикском языке, как и в других языках, не только способствуют обогащению его словарного состава, но и благоприятствуют расширению знания и мировоззрения, улучшению взаимодействие членов общества и сотворению добра на благо всеобщей цивилизации.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алаторцева С. И. Проблемы неологии и русская неография: Дис. на соиск. доктора филол. наук / СПб., 1998. -317с.
2. Жирмунский В. М. Общее и германское языкознание. -М.: Книга по требованию, 2013. -694с.
3. Звегинцев В. А. Очерки по общему языкознанию. -М.: Либроком, 2009. -327с.
4. Мачидои Х,. Забони адабии муосири точик. -Ҷилди I -Луғатшиносӣ -Душанбе, 2007. - 243 с.
5. Музофиршоев М. О. Неологизмы и способы их образования в современном таджикском литературном языке (на материалах периодической прессы 90-ых гг. XX и начала XXI веков). -Автореф. дисс. на соиск. канд. филол наук. -Душанбе, 2012. - 26 с.
6. Попова Т. В. Русская неология и неография. Учеб. текстовое издание. -Екатеринбург: изд-во Урал. ун-та, 2005. -96с.
7. Серебренников Б. А. Роль Человеческого Фактора в Языке. Язык и мышление. -М.: Либроком, 2010. -284с.
8. Соссюр Ф. де. Курс Общей Лигвистики. -М.: Либроком, 2011. -256с.
9. Тропина И. А. Наречия-инновации: лингвопрагматический аспект. Автореф. диссертации канд. филолог. наук. -Ростов-на-Дону, 2007. -24с.
10. Шокиров Т. С. Наввожаҳои замони навини забони тоҷикӣ. - Хуҷанд: Наргис, 2012. - 86 с.
11. Jesperson O. Mankind, Nation and Individual From a Linguistic Point of View. -Oslo: H. Aschehoug and Co., 1925 -221pp.
12. Lightfoot D. The Development of Language: Acquisition, Change and Evolution. -Malden: Blackwell Publishers, 1998. -257pp.

НЕОЛОГИЗМЫ И ИХ ИНТРАЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

В статье раскрывается неологизмы таджикского языка и их интралингвистические особенности и факторы. Автор указывая на интралингвистические и экстралингвистические факторы при помощи лингвистического анализа показывает, что указанные факторы играют огромную роль в появление и распространение неологической лексики. Интралингвистический фактор способствует развитию и взаимообогащению лексического состава регионального и межрегионального языков. Неологизмы таджикского языка и их проявления путём заимствование, серьёзно влияет развитию языка и его лексического фонда. В таджикском языке встречаются лексические, семантические, деривационные, и заимствованные неологизмы с разними лексическими корнями, которые показаны, автором, конкретными примерами.

Ключевые слова: *язык, лексика, семантика, слово, неологизм, заимствование, лексический фонд, развитие, деривация, фактор, стимул, понятие, метафора, метонимия, перенос, взаимообогащение, употребление.*

NEOLOGISMS AND THEIR INTRALINGUISTIC FEATURES

The article reveals the neologisms of the Tajik language and their intralinguistic features and factors.

The author is pointing the intralinguistic and extralinguistic factors with the help of linguistic analysis shows that these factors play a huge role in the emergence and dissemination of neological vocabulary. The intralinguistic factor contributes to the development and mutual enrichment of the lexical composition of regional and interregional languages. Neologisms of the Tajik language and their manifestations by borrowing, seriously effects the development of the language and its lexical fund. In the Tajik language there are lexical, semantic, derivational, and borrowed neologisms with different lexical roots, which are shown, by the author, with specific examples.

Keywords: *language, vocabulary, semantics, word, neologism, borrowing, lexical fund, development, derivation, factor, stimulus, concept, metaphor, metonymy, transference, mutual enrichment, use.*

Сведение об авторе:

Шокиров Т. С. *- доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (ТГУПБП) Тел: (+992) 918639965, e-mail: shokirov1953@mail. ru*

About the autor:

Shokirov T. S. *- doctor of Philology, Professor of the Tajik Language Department of the Tajik State University of Law, Business and Politics (TGUPBP) Phone: (+992) 918639965, e-mail: shokirov1953@mail.ru*

РАВАНДҲОИ НАВИ ГЛОБАЛИЗАТСИОНӢ: ЗАБОН ВА ГЕНДЕР

Маҳмадҷонов О.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улугзода;
Мухамедова З. Ш.
Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва гомҳои нахустини худ барои бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду озод ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардид. Ин мушкилот, пеш аз ҳама, дар интихоби роҳу равиши дурусту муайянкунандаи дурнамои сиёсати давлат, мамлакат барои ояндаи наздиктарини эъмори ҷомеаи мутамаддине буд, ки ба сиёсати онрӯзаи ҷомеаи тоҷик, ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ халале ворид насозад. Дар ин давраи тақдирсоз моро лозим омад, ки дар баробари пеш гирифтани роҳу равиши мусолиматомез бо неруҳое, ки ҷомеаи онрӯзаи тоҷикро ба ҷунбиш ва ҳаракат оварда буданд, истодагарӣ карда тавонем ва якпорчагии кишвари тозаистиқлолро ҳифз карда тавонем. Мутаассифона, чархи таърих ба нафъи мардуми мо давр нахӯрд ва дар ҷомеаи онрӯзаи мо чунин ҳолат сурат нагирифт ва кишвари моро ба нокомиҳо рӯ ба рӯ намуд, ки то имрӯз хисороти он мавҷро мо ҷуброн карда истодаем.

Имсол мо 28-умин маротиба соҳибистиқлолии кишварамонро ҷашн мегирем ва ин 28 сол барои таърих муддати на он қадар тӯлонӣ аст, вале барои мо, фардони ҷомеа, соҳибватанон замонест, ки имкон дорем, ба гузаштаи начандон дури кишвари худ назар андозем ва бурду бохт ва комёбию нокомии онро аз диди имрӯз ва дар баробари равандҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангиву идеологии ҷомеаи башарӣ баррасӣ намоем.

Албатта, ин чиз мусаллам аст, ки бо вуҷуди ҳодисаву воқеаҳои нохуши солҳои сипаригашта дар ҷомеаи мо ақли солим боло гирифт ва дар ҳамин давраи мушкилтарини истиқлолиятхоҳии ҷомеаи тоҷик фарде ба роҳбарии кишвар интихоб гардид, ки бо диди нав, нигоҳи тоза, назари нек ба ояндаи кишвар назар андӯхт ва аз қадамҳои нахустин талош ба он варзид, ки мардуми кишварро ҷамъ оварад ва пеш аз ҳама, якпорчагии мардуми кишвар ва марзи мамлакатро устувор намояд. Дар ҳамин давраи тақдирсози кишвар, ки бо пошхӯрии сохти давлатдории абарқудрати шӯравӣ ва идеологияи он рост омад, ба ҷомеаи мо ҳамчун узви ин сохтори пошхӯрдаи шӯравӣ мавҷи равандҳои нав, ҷунбишҳои тоза ворид гардиданд.

Ҳамзамон, бо ин ҳаракатҳо ҷанбаҳои нави мафҳумҳое роҳ ёфтанд, ки дар мафкураи мардумони мо ва идеологияи замони шӯравӣ бо рангу фаҳмишҳои мухталиф ҷой доштанд. Мо дар ин бобат мафҳуму равандҳоеро дар назар дорем, ки бо равандҳои ҷомеаҳои пешрафта ва мутамаддини ҷаҳонӣ аз қутби дигар ба зиндагӣ ва кору фаъолияти ҳаррӯзаи мардуми мо дохил гаштанд. Дар замони ҳокимияти шӯроҳо мафҳумҳои «миллатгаро», «миллатдӯст», «мансабхоҳ», «худшиносии миллӣ» то андозае хусусияти манфӣ пайдо намуда буданд ва имрӯз

ин истилоҳҳо боз бо ранги нав ва ҷилои тоза рӯйи кор омаданд. Бояд имрӯзҳо ҷанбаҳои мусбати ин мафҳумҳо аз ҷониби пажӯҳишгарон ҳамаҷониба зери таҳқиқ гирифта шаванд ва барои ҷавонон – наслҳои ояндаи ҷомеаи тозаистиқлоли мо шаклҳои дурусту фаҳмо ва усулу равишҳое пешниҳод карда шаванд, ки ба фарҳангу маънавиёти ҷомеаи мо созгор ва қобили қабул бошанд. Ба ҷавонон талқин ва роҳнамоӣ карда шавад, ки шахс, фарди соҳибмиллат бояд миллати худ, ватани худ, сарзамини худро дӯст дорад ва ба рамзҳои давлати худ, муқаддасоти фарҳангии худ арҷ гузорад, онҳоро омӯзад ва ба дигарон омӯзонад. Дар баробари ин, ба фарҳанги дигари миллатҳо, расму русум, анъаноти дигар мардумон эҳтиром гузорад. Аз он фарҳангҳо ҷанбаҳои пешрафта, ҷолиб ва қобили қабулашро иқтибос намояд ва дар чаҳорчӯбаи расму русум, суннат ва фарҳанги хеш онро такмил диҳад ва он гоҳ ба ҷомеа пешкаш намояд.

Имрӯз раванди глобализатсия ва ё ҷаҳонишавӣ ба воситаи технологияи нави пурқудрати муосир – компьютер ва Интернет – шабакаи ҷаҳонӣ ба тамоми бахшҳои фаъолияту зиндагии роҳ ёфтааст, албатта. ҳар як падидаи иҷтимоӣ – фарҳангӣ бо ду қутб ба ҷомеа роҳ меёбад, якеаш мусбат- манфиатбахши ҷомеа ва дигараш манфӣ- таконбахши ҷомеа. Моро лозим аст, ки дар чорроҳаи сарнавиштсози миллат роҳи дурусту солимро интихоб карда тавонем ва аз амвоҷи равандҳои ҷаҳони глобализитсия бидуни хисорае раҳоӣ ёбем.

Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки ҳамқадами замони худ бошем ва аз тамоми таҳаввулот ва тағйироте, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ рух медиҳад, бохабар бошем, андешаи озодонаи худро дошта бошем ва аз он ҳаракатҳо барои худ ва ҷомеаи худ чизи судманде гирифта тавонем ва ё ин равандҳоро ба нафъи ҷомеаи худ ва ба хизмати ҷомеаи худ равона карда тавонем.

Яке аз равандҳо ва ҷунбишҳое, ки дар солҳои охир ба ҷомеаи соҳибистиқлоли мо ворид гардид, ин ҳаракати гендерӣ ва дар баробари он, мафҳуми гендер ва гендершиносӣ мебошад. Ин мафҳум ва ин раванд ба ҷомеа бегона ва ё нав набуд. Ин ҳаракат дар ҷомеаи мо мавҷуд буд, вале бо номи дигар ва тарзу равиши дигар ва доираи истифодааш низ то андозае танг буд, яъне дар чаҳорчӯбаи илми забон омӯхта мешуд.

Забон ҳодисаи ҷамъиятӣ аст ва ҳар як падидаи наве, ки дар ҷомеа рух медиҳад, ҳатман дар забон таҷассум меёбад ва тавассути забон барои ҷомеа пешниҳод мегардад. Муносибати гендерӣ низ падидаи иҷтимоиест, ки дар ҷомеаи инсонӣ зуҳур кардааст ва ҳамчун илм дар ҷомеаи инсонӣ омӯхта мешавад, ки яке аз бахшҳои ин раванди тозаэҷоди илм дар ҷомеашиносӣ бо унвони лингвистикаи иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) ёд мешавад.

Гендер ё муносибати гендерӣ масъалаест, ки аз замонҳои қадим дар ҷомеаи башарӣ вуҷуд дорад ва дар ҳаёти ҷамъият ва афкори мардум бозтоби худро ёфтааст. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки муҳаққиқон ба ин масъала ҳамчун ба яке аз ҷанбаҳои сотсиолингвистика – забоншиносии иҷтимоӣ тайи чанд соли охир рӯ овардаанд. Ин таваҷҷӯҳ бо фаъолиятҳои феминистии ҷаҳон робита дошта, дар васати назҳати баробарии иҷтимоӣ ҷустани занон дар баробари мардон инкишоф ёфтааст.

Дуруст аст, ки таърихан дар забони тоҷикӣ ҷинсият ҳамчун категорияи грамматикӣ мавҷуд буд ва баъдтар дар даврaҳои манбаъдаи рушду инкишофи забонҳои эронӣ ва минҷумла, забони тоҷикӣ ин хусусиятро аз даст дод. Имрӯз мо дар забонҳои мустаъмали ба забони тоҷикӣ хеш – забонҳои мардуми Бадахшон ифодашавии ин категорияи грамматикиро ба хубӣ дида метавонем. Ҳарчанд ки ин категорияи грамматикӣ дар аксарияти забонҳои эронӣ – ҳам шарқиву ҳам ғарбӣ аз байн рафтааст ва мо, хушбахтона, ҳифз шудани ин хусусияти муҳими грамматикиро дар забонҳои имрӯзаи помирӣ мушоҳида карда метавонем, ки аз ҷониби муҳаққиқон ҳамаҷониба таҳқиқ шудааст (ниг. Карамшоев, 1972, 61 – 69; 1975, 24 - 44). Дар забони муосири тоҷикӣ ифодашавии ин хусусияти грамматикӣ мунтаҳо дар исмҳои хос, махсусан, антропонимия ва топонимияи он зоҳир мегардад.

Омӯзиши топонимҳо дар радифи гендершиносӣ яке аз қисматҳои камтадқиқшуда ва нисбатан чавони илми забоншиносии кунунии точик ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқони тоҷик дар солҳои охир кӯшидаанд, ки ба ин масъала аз чанбаҳои гуногуни он даст зананд ва тадқиқотҳои номшиносии минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон ва хамчунин кишварҳои ҳамҷавори мо – Афғонистону Эрон исботи гуфтаҳои болоянд. Олимон ба таври мушаххас номҳои ҷуғрофии як минтақаро омӯхта ва ё ба таври умумию ҷузъи дар баробари таҳқиқи шеваю лаҳҷа, таъриху этнография, баррасии хусусиятҳои лексикии осори таърихӣ ба

ин масъала дахл намудаанд.

Бояд зикр шавад, ки имрӯз дар баробари таҳаввулоти куллии сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии фарогири ҷомеа нигоҳи олимон, муҳаққиқон ба ҷанбаҳои гуногуни забоншиносии тоҷик ва аз ҷумла, номшиносӣ аз диди нав, мувофиқи шароити нав ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин, таваҷҷӯҳи забоншиносонро масъалаҳои наве, ки аз ҷониби ҷомеаи имрӯза ба миён омадаанд, аз қабили баррасии гендер дар забон ҷалб намудаанд.

Инсон барои танзими фаъолияти ҳамоҳангсозию робитавиаш объектҳои марбути таъсирашро нишонӣ мегузорад ва дар ин раванд мисли дигар ҷанбаҳои забон дар худ нақши ҳаёти иҷтимоии мардумро равшан менамояд. Дар он, алалхусус, нақши фарҳанг, шуури иҷтимоии халқ, анъанаҳову расму оинҳо, хулоса, хусусиятҳои этносотсиалии мардум ба назар мерасанд.

Табиист, ки дар номгузории маҳалҳои бо фаъолияти марду зан вобаста хусусиятҳои иҷтимоии ҷинсияти забоншиносӣ дар робита бо ҷанбаҳои этносотсиалии мардуми маҳал бараъло инъикос ёфтааст. Баррасии номвожаҳои ҷуғрофие, ки дар онҳо бозтоби ҷанбаҳои забоншиносии ҷинсият мушоҳида мешавад, мазмуни пажӯҳишҳои гендер дар топонимикаро ташкил медиҳад.

Масъалаи мазкур ба таври фишурда ва ё умумӣ дар қисматҳои нави забоншиносии тоҷик, аз қабили антропонимика ва топонимикаи статистикӣ (антропотопостатистика) ва лингвистикаи иҷтимоӣ (социолингвистика) аз ҷониби муҳаққиқони ҷавон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор ёфта истодааст. Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки дар таҳқиқоти маъруф оид ба топонимикаи тоҷик танҳо ба зоҳири масъала – ифодаи ҷинсияти лингвистии номҳо таваҷҷӯҳ гардидааст, вале аз баррасии иллатҳои иҷтимоии гендер дар номгузорӣ сарфи назар шудааст.

Топонимика низ ҳамчун инъикосгари падидаҳои иҷтимоӣ дар масири таърих қарор дорад ва дар худ ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти мардумро инъикос намудааст. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки ба таври фишурда муносибати номшиносӣ ва бозтоби масъалаҳои гендериро дар мисоли антропонимикаи қисмати шимолии водии Ҳисор ва дар қиёс бо номвожаҳои ҷуғрофии баъзе аз маҳалҳои сукунатии Тоҷикистон баррасӣ намоем.

Чун номвожаҳои ҷуғрофӣ таҷассумгари ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, дигаргуниҳои сохти ҷомеа буда, бо ҳаёти рӯзмарраи инсон зич алоқаманданд, пас дар онҳо нақши ҳаёти марду занро ҳамчун узви ин ҷомеа низ пайдо кардан мумкин аст. Бо ин мақсад мо дар мисоли беш аз 5000 топоними аз минтақаҳои водии Ҳисор гирдовардаамон муайян намудем, ки аз онҳо дар ҳудуди 400 адад номвожаҳои ҷуғрофие мебошанд, ки мансуби исмҳои мардонаю занона ва ифодагари ҳодисаю воқеаҳо, шуғли мардум, фаъолияти рӯзмарра ва ҳаёти онҳо мебошанд ва бо истилоҳи антропотопонимҳо ёд мешаванд. Ин гурӯҳи топонимҳоро аз рӯи ифодаашон ба ду бахш ҷудо намудем:

А. Антропотопонимҳое, ки исми мардон ва мавзеъҳои кору фаъолияти мардонро ифода мекунанд.

Б. Антропотопонимҳое, ки ба исми занон ва объектҳои кору фаъолияти занон марбутанд.

1. Антропотопонимҳои мансуб ба исми мардон

Антропотопонимҳое, ки ба исми мардон ва объектҳои кору фаъолияти онҳо алоқаманданд. Ин гуна номвожаҳои чуғрофӣ дар инзоми маводи гирдовардаи мо хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд ва онҳоро бо назардошти доираи густаришашон ва нақши исми шахс дар ташаккули онҳо ба таври зайл тақсимбандӣ намудан мумкин аст:

1. Антропотопонимҳои сода, яъне номвожаҳои ҷуғрофие, ки дар асоси исмҳои хоси мардона ба вуҷуд омадаанд: Каримдод (дараи хурд), Хол (деҳа), Чингиз (дара), Исҳоқӣ (замин), Шоавдуллоӣ (замин), Муллопар (даҳана), Шовалӣ (хамбӣ //пастхамӣ), Шодӣ (дашт), Неъматбой (деҳа) ва ғ.

2. Антропотопонимҳои иборавӣ. Ин навъи антропотопонимҳо дар заминаи қолабҳои ибораороии забони муосири тоҷик сурат гирифтаанд ва бо назардошти хусусиятҳои мушаххаси онҳо ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд:

а) антропонимҳо: Хуҷайи Ғазза (зиёратгоҳ), Хуҷайи Ғъдон (мазорҷой), Ҳазрати Мавлавӣ (қабристон), Ҳоҷаи Оби Гарм (осоишгоҳ), Хоҷаи Амбиё (шаҳрак);

б) антропотопоним ва истилоҳи ҷуғрофии «замин»: Замини Сайиди Қодир, Замини Давлати Шариф, Замини Кали Сафар, Замини Азимбойино, Замини Ҳоҷиҳо;

в) антропоним ва истилоҳи «дара»: Дарийи Лъфтило //Лутфулло, Дарийи Азиз, Дарийи Маҳмудсолеҳ, Дарийи Хоҷидев, Дарийи Қоқи Одина;

г) антропоним ва истилоҳи «нов» (яғн. -дара, дараи хурд): Нови Хуҷаамин, Нови Қозӣ, Нови Шомирзо, Нови Маҳмурод;

ғ) антропоним ва истилоҳи «дашт»: Дашти Сиддиқ, Дашти Хуҷии Суфӣ, Дашти Қозӣ, Дашти Хуҷаи Мирзо, Дашти Муллонур;

д) антропоним ва истилоҳи «чашма»: Чашми Муллонур, Чашми Ашур, Чашми Тоҳирӣ, Чашми Миралӣ, Чашми Хоҷийо ва ғ.

Дар доираи антропогидронимияи ин мавзеъ дар баробари калимаи тоҷикии «чашма» муодили яғнобӣ (суғдӣ) – и он «хок» ва ё турки «булоқ» низ мавҷуд аст, ки якҷоя бо исми одамон ташаккул ёфтаанд. Ин номвожаҳои ҷуғрофӣ миёни мардум камистеъмол бошанд ҳам, дар истифода мебошанд. Ба монанди Хоки Алӣ (чашма), Булоқи Лолақул (чашма, дара) ва ғайра.

Ҳамчунин, як қатор истилоҳҳои ҷуғрофӣ аз қабили боғ, мазор, гузар, қутан, айлоқ ва ғайра бо антропонимҳои мардона омада, антропотопонимҳое сохтаанд, ки онҳо ба шуғли мардон ва фаъолияту зиндагии ҳаррӯзаи онҳо мутаалиқ мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки чунин антропотопонимҳо дар низоми топонимҳои ин маҳал ба соҳибияти шахс ба замин, маҳал, ҷой, манзил далолат мекунанд ва танҳо бо исмҳои мардона ифода гардидаанд. Ин навъи топонимҳо дар минтақа маъмуланд ва ба муносибати мардон ва шуғлу фаъолияти онҳоро ба объектҳои ҷуғрофӣ нишон медиҳанд. Дар зуҳуроти антропотопонимҳо нақши занон низ кам нест, вале дар минтақаи мавриди таҳқиқ мо мисоли зиёдеро дар ин доираи номвожаҳо пайдо карда натавонистем, ки бо исми онҳо алоқаманд бошад.

2. Антропотопонимҳои мансуб ба исми занон

Антропотопонимҳое, ки ба исми занон ва объектҳои кору фаъолияти онҳо марбутанд, аз шумораи умумии антропотопонимҳои водии Ҳисор танҳо 15 – тоашро ташкил медиҳанд. Албатта, ин шаҳодати он аст, ки ҳодисаю воқеаҳои ба ҳаёту фаъолияти занон вобаста тақозо намуда, ки як идда мавзеъҳои ин водӣ бо исми занон номгузорӣ шаванд, аз қабили Дани //Даҳани Ширбону (номи дара), Боғи Моҳтърма (номи боғ), Санги Арӯс (зиёратгоҳ), Кӯҳи Момокампирак (номи дара), Нови Кампири Қоқ (дараи хурд), Ҷарии Бибипаридагӣ (кампирпаридагӣ).

Баррасӣ ва муқоисаи топонимия ва микротопонимияи водии Ҳисор бо минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ аз ҷумла, ҳудуди водии Кӯлоб нишон медиҳад, ки вазъияту ҳолати инъикоси номҳои мардона ва занона дар доираи антропотопонимияи ин маҳалҳо бисёр фарқкунанда ва омӯзанда аст. Аз шумораи зиёди топонимҳои гирдомадаи ин минтақаи Кӯлоби бостонӣ танҳо панҷ мисолеро зикр кардан мумкин аст, ки бо исми занон ба вуҷуд омадаанд. Нақши коста ва ночизи номҳои занонаро дар ташаккули антропотопонимияи минтақаи Кӯлоб баррасӣ карда, сабаби онро муҳаққиқон чунин натиҷагирӣ ва арзёбӣ менамоянд: «Шояд як омилаш он бошад, ки дар минтақа аксаран мардон ба фаъолияти хоҷагидорӣ машғуланд ва ё дар гузашта ва баъзан ҳоло низ кам гирифтани номи занон дар баъзе мавридҳо, умуман, аз нигоҳи дину шариат камтар ба назаррасии фаъолияти занон дар бахшҳои мухталифи хоҷагии халқ нисбат ба мардон мусоидат намудааст. Яъне баъзе анъанаҳои пешина ва баъзан ҳозира низ як сабаби камтар истифодашавии номҳои занона дар ташаккулёбии топонимияи маҳал шудаанд» (Алимӣ, 1995, 194).

Чӣ тавре ки мутахассисони забоншиносии феминистӣ таъкид мекунанд, кам будани антропонимҳои занона дар доираи топонимия ва микротопонимияи маҳал нишонаи нақши костаи онҳо дар ҷомеаи мазкур ба шумор меравад. Яъне, худи занон ва ҳаёту фаъолияти онҳо дар ҷомеа чандон сазовори ситоиш нест, ки бо исми онҳо ҷое ном бурда шавад ва ё номгузорӣ карда шавад. Дар ин маврид донишмандони ҷомеашинос чунин андешаро пеш меоранд, ки ҳодисаи хеле ками номгузориҳо бо исми занон нишонаи нақши тобеона, мутеонаи зан дар ҷомеа буда, ин ҷиҳати масъалаи мазкур таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷониба ва махсусро интизор аст. Мо дар заминаи баррасии маводи топонимии маҳалҳои мухталифи кишвар метавонем илова намоем, ки хусусияти асосии ин тавр сурат гирифтани номгузории мавзеъҳо дар Осиёи Марказӣ нишонаи нақши хеле ночизи занон дар масири таърих буда, бо урфу одат, расму

русум ва анъана, фарҳанг ва дину оини мардуми ин минтақа робитаи ногусастанӣ дорад.

Воқеан, ин гуна нақши антропотопонимҳоро натанҳо дар заминаи маводи топонимии минтақаҳо, балки дар номвожаҳои ҷуғрофии асарҳои бадеӣ низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Аз шумораи умумии номвожаҳои ҷуғрофии асарҳои устод Садриддин Айнӣ (ниг. Шодиев, 1994, 203 - 230), ки дар маҷмӯъ 950 адад мебошанд, теъдоди 90 – тоаш дар заминаи номҳои мансуби мардон ва танҳо 9 – тоаш дар асоси номи занон ба вуҷуд омадаанд. Номвожаҳои ҷуғрофии марбути исми занонаи осори устод Айнӣ инҳоянд: Гузари Арӯсон, Мазори Чилдухтарон, Гузари Модари Хон, Мадрасаи Модари Хон, Мадрасаи Бибихоним ва ғ.

Агар топонимияи дигар манотиқи Тоҷикистонро низ ба қиёс гирем, метавонем бубинем, ки инъикоси номҳои занон дар топонимия ва микротопонимияи маҳалҳо он қадар зиёд нест. Аз 300 номвожаи ҷуғрофии водии Зарафшон (ш. Панҷакент ва атрофии он) 48 – тоаш антропоними мардона ва танҳо 3- тоаш ба номи занона дорад.

Қобили таваҷҷӯҳ он аст, ки дар манотиқи дигари ҷумҳурӣ, аз ҷумла, дар Бадахшон, ки доираи фаъолияти зан дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии он ҷо хеле фарох ва озодтар ба назар мерасад, номгузории маҳалҳо бо исми занон бештар ба чашм мерасад. Ба андешаи мо, омили асосии пайдоиши ин падидаи иҷтимоӣ ва барои забоншиносӣ хеле муҳим аз эътиқоду суннатҳои қадимаи мардуми Бадахшон сарчашма мегирад.

Таносуби топонимия ва микротопонимияи водии Ҳисор нишон медиҳад, ки шумораи номвожаҳои марбут ба номҳои занон ҳам дар маҳаллҳо ва ҳам дар осори таърихӣ хеле ночиз буда, дар ҳудуди 0. 04-0. 1 дарсади шумораи умумии топонимҳои минтақа ба шумор мераванд ва мувофиқан антропонимҳои мардона 8 – 10 дарсадро дар ин водӣ ташкил медиҳанд. Ба таври дигар гӯем, аз ҳар 1000 топоним 8 – 10 – тоаш антропотопоними мардона ва танҳо 0, 4- тоаш антропотопоними занона мебошад.

Омӯзиши топонимҳои мансуби номҳои мардона далели онанд, ки дар ҳаёти ҷомеаи тоҷикон таърихан нақши мард ҳамчун соҳибмулк, доранда, фарди фаъоли ҷомеа маъмул будааст. Воқеан, фаъолияти мардҳо дар тамоми бахшҳои зиндагӣ ва аз ҷумла, дар забон назаррас ва барҷаста таҷассум гардидааст, ки ин ба суннатҳои бостонӣ ва мазҳабии мардуми мо, фарҳангу тарзи ҳаёти тоҷикон сахт алоқаманд аст.

Номвожаҳои ҷуғрофии дорои антропоними занона ба таври умумӣ баёнгари ҳодисаю воқеаҳои таърихии марбути занон буда ва ё хусусиятҳои услубӣ – ташбеҳӣ доранд, ки зуҳуроти онҳо баъзан характери тасодуфӣ низ пайдо намудааст.

Як қисми номвожаҳои ҷуғрофии марбути занон ягон ҳодисаи сарнавиштсоз ва ё мудҳишеро, ки ба тақдири зан вобастагӣ дорад ва он дар эҳсосоту хотираи мардум нақш бастааст, инъикос менамоянд. Чанде дигар аз ин номҳо ифодагари покию иффати занон ва ё орзуву омоли онҳо ҷиҳати ёфтани фарзанд буда, характери ахлоқӣ – тарбиявӣ мегиранд. Як идда топонимҳои ин гурӯҳ ҳодисаҳои табииеро ифода кардаанд, ки дар тафаккури мардум бо образи занон алоқаманд мебошанд.

Дар номгузории аксари маҳаллу минтақаҳои Тоҷикистон номи занро таърихан танҳо дар робита бо воқеоти хеле пуртаъсиру аксуламали бузургдошта ба забон меовардаанд. Чунин анъана ба психологияву фарҳанг ва суннатхои қадимии халқҳои Осиёи Миёна робитаи ногусастанӣ дорад.

Ҳамин тавр, омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин падидаи иҷтимоию забоншиносӣ барои равшанӣ андохтан ба ҷанбаҳои тозаэҷод ва омӯхтанашудаи сотсиолингвистика - лингвистикаи гендерӣ мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, барои маълум кардани заминаҳои психолингвистии проблема дар ҷомеа кӯмаки амалӣ мерасонад. Аз ин ҷиҳат зикр намудани андешаҳои муҳаққиқи варзидаи забоншиносии иҷтимоии асри гузаштаи аврупоӣ бамаврид аст, ки гуфтааст: «Ягон ҷанбаи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа аз тафаккури мутаззод (фарқкунанда), ки тамоми воқеиятро ба категорияҳои «занона» ва «мардона» ҷудо менамоянд, орӣ нест» (Эпштейн 2004, 15).

АДАБИЁТ

1. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 1995 – 196 с.
2. Алимӣ Ҷ. Топонимия Кулябского региона (лингвистическое исследование): АДД. – Душанбе, 1996. – 47 с.
3. Карамшоев Д. Выражение категории рода имени с помощью перегласовки в языках шугнанской группы // Памироведение (вопросы филологии). – Душанбе, 1975. – С. 24 -25.
4. Карамшоев Д. Грамматический род абстрактных имён в шугнано - рушанской группе //Забонҳои помирӣ ва фольклор. – Душанбе, 1972. – С. 61 - 64.

5. Карамшоев Д. Выражение категории рода имени с помощью перегласовки в языках шугнанской группы // Памироведение (вопросы филологии). – Душанбе, 1975. – С. 24 -25.
6. Карамшоев Д., Бахтибеков. Т. Выражении категории рода имени с помощью перегласовки в языках шугнанской группы //Памироведение (вопросы филологии). Душанбе, 1975. – С. 61 - 64.
7. Шодиев М. Лингвистический анализ топонимов произведений С. Айни. Рис. номз. илм. фил. – Д., 1994. – 200 с.
8. Эпштейн М. Мужчина и женщина по-английски. Интернет-публикация (http://studynlp. narod. ru/pt132. html), 2004.

НОВЫЕ ГЛОБАЛИЗАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ: ЯЗЫК И ГЕНДЕР

Язык - это социальное явление, и каждое новое явление, возникающее в обществе, обязательно отражается в языке и представляется обществу через язык.

Гендерные отношения -это социальный феномен, который возник в человеческом обществе и изучается как наука. Он является одним из аспектов этого современного научного процесса в социологии под названием "социальная лингвистика".

В данной статье мы намерены кратко рассмотреть гендерные вопросы на примере антропонимики северной части Гиссарской долины в сравнении с некоторыми географическими названиями сельских районов Таджикистана.

Ключевые слова: *государственная независимость, культура, общество, гендерное движение, гендер, мужчина, женщина, социальная лингвистика, топонимы, Гиссарская долина.*

NEW GLOBALIZATION PROCESS: LANGUAGE AND GENDER

Language is a social phenomenon, and every new phenomenon that arises in society is necessarily reflected in the language and presented to the community through the language.

Gender relations are social phenomenon, which is founded in human society and studies as a science. It is one of the aspects of this modern process in sociology titled "Social linguistics".

In this article we discuss shortly study gender problems on the material of anthroponomical of North part of Hissar Valley in similarity with some geographical names of village regions of Tajikistan.

Keywords: *state independence, culture, society, gender movement, gender, man, woman, social linguistics, place names, Gissar Valley.*

Сведения об авторах:

Махмаджонов Олимджон *- проректор по науке Таджикского государственного института языков им. С. Улугзаде; г. Душанбе, ул. Ф. Мухаммадиева 17/6, тел. : (+992) 2328730*

Мухамедова З. Ш. *- преподаватель кафедры таджикского языка и делопроизводства Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан; г. Душанбе, ул. Саид Носир 33, тел. : (+992 37) 2289281*

About the autors:

Mahmadjonov Olimjon *- Vice-rector on Science of Tajik state Institute of languages named after S. Ulugzade; Dushanbe, street F. Muhammadiev, 17/6, Tell: (+992) 2328730*

Mukhamedova Z. Sh. *- Lecturer of the Tajik language and administrative department of Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan; Dushanbe, street Said Nosir, 33, Tell: (+99 237) 2289281*

БОРИ ДИГАР АЗ ТАЪРИХИ ҶОЙВОЖАИ ХУҶАНД

Ҳасанзода А. А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Доир ба гузаштаи дури Хуҷанди куҳан, ки дар ҳама давру замон шаҳри сухан ва шаҳри фарҳанг ба шумор меомад, муаллифони осори таърихиву ҷуғрофӣ дар радифи дигар манотиқи Мовароуннаҳру Хуросон андешаҳои ҷолибро изҳор доштаанд. Ҳангоми шарҳу эзоҳи мавқеияти ҷуғрофии ин сарзамини бостонӣ қариб кулли соҳибони ахбор дар қашангиву дилрабоӣ беҳамто будани онро таъкид намудаанд. Аз ҷумла, Абӯисҳоқи Истахрӣ дар «Мамолик ва масолик»-и хеш фармудааст, ки «ва он шаҳре хушу назаҳ аст. Ва меваҳои он аз

меваҳои шаҳрҳои дигар некӯтар мебошад. Ва дар он шаҳр боғоту басотин бисёр аст» [4, с. 361]. Дар мавриди дигар низ ҳамин муаллиф ишора менамояд, ки «... ба миқдори як фарсанг боғоту басотин ҳаволии он ҳаст ва дар миёнаи басотину боғот хонаҳо бино кардааст» [4, с. 361].

Дигар соҳибони осор низ аз манзараи камназири Хуҷанди асримиёнагӣ ба ваҷд омада, дар нисбати ҳусну таровати он вожаҳоеро, амсоли «шигифтангез», «дилмазанда» мавриди истифода қарор додаанд. Ҳатто адиб, ҷуғрофидон ва сайёҳи форс-тоҷики нимаи дуюми садаи IX ва ибтидои қарни X Ибни Фақеҳ дар як байти ба арабӣ зикркардааш, ки тарҷумааш дар поён зикр хоҳад шуд, аз ҷумлаи нахустшаҳрҳои зебо ба шумор омадани Хуҷандро дар тамоми Шарқу Ғарб таъкид мекунад:

Надидам дар Шарқу Ғарб шаҳреро, ки хуррамтар аз Хуҷанда бо Зебоии он бандаро ба шигифт меоварад ва номаш ба форсӣ «Дилмазанда» аст.

Шояд маҳз ҳамин ишораҳои муаллифони маъхазҳои асримиёнагӣ устод С. Айниро водор сохта бошад, ки дар тавсифи Хуҷанд истифодаи иборaи «Тирози ҷаҳон»-ро амри воҷиб ҳисобад.

Дар ин ҷо мехоҳем ба як паҳлуи масъала таваҷҷӯҳи хонандаро равона созем. Сарфи назар аз он ки роҷеъ ба гузаштаву ҳозираи Хуҷанд аз ҷониби аҳли пажӯҳиш мақолаву осори таҳқиқӣ омода гардида, чоп шудаанд, вале перомуни решашиносии (этимологияи) вожаи Хуҷанд то ҳол оташи баҳсу талошҳо хомӯш нагардидааст. Гурӯҳе дар заминаи маводи илмӣ ва далоили мутааддид, қисми дувум бар асоси нақлу ривоят кӯшидаанд, ки сайри таърихии тононими мазкурро ошкор намоянд. Муҳаққиқон бештар ақидаеро ҷонибдорӣ кардаанд, ки мутобиқи он вожаи мазкур аз ҷузъҳои xvara- (хур) ва -kanta иборат буда, дар баёни маънои «макони офтобрӯя» истифода мегардад [3, с. 203]. Дар иртибот ба ин масъала афзуданием, ки муҳаққиқон баъзан на танҳо ҳангоми шарҳу тафсири таърихи зуҳури ин вожа ба иштибоҳ роҳ додаанд, балки аз хусуси мавқеияти ҷуғрофии он низ андешаи ботилеро изҳор доштаанд. Ҳатто муҳаққиқ ва луғатшиноси тавонои Эрон- М. Муин дар фарҳанги шашҷилдаи хеш зимни шарҳи вожаи Хуҷанд онро «яке аз шаҳрҳои Ӯзбакистон дар канори Сайҳун... » ҳисобида, таъкид мекунад, ки «... имрӯз онро Истолинобод гӯянд... » [12, ҷ. 5, с. 475].

Маводи гирдомада, муқоисаву муқобалаи онҳо бо далелҳои дар сарчашмаҳои кӯҳна зикрёфта xvarakanta ба шумор омадани бунёди вожаи Хуҷандро таҳти шубҳа қарор медиҳанд. Мехоҳем қабл аз таваҷҷӯҳ ба сарчашмаи пайдоиши ин калима ибтидо як ҳодисаи забони тоҷикиро, ки силсилаи зиёди воҳидҳои луғавӣ дучори он гардидаанд, ёдрас намоем. Таърихи инкишофи забонҳои эронӣ баёнгари он аст, ки гурӯҳи калони унсурҳои луғавӣ дар раванди мавҷудияташон аз даврони куҳан ба баъд ҳамвора аз лиҳози шаклу маъно ба таҳаввулот дучор гардида, дастае аз онҳо на танҳо аз овозҳои алоҳидаи худ, балки аз ҳиҷо ё ҳатто ҷузъҳои маънодорашон маҳрум гардидаанд. Инро метавон дар мисоли вожаҳои сабук (п. қ. ðꜝapuka), дигар (п. қ. dvitiyakara), фарох (п. қ. fraδaxvant) ва садҳо вожаи давраи қадими инкишофи забонҳои эронӣ дар давраи баъдӣ мусаввит ё сомити дигар бештар тибқи қонуни табодул ё баъзан аз роҳи ғайриқонунӣ зуҳур кардааст: мӯй (п. қ. mauda), рӯй (п. қ. rauda), пай (п. қ. pada), пой (п. қ. pāda).

Аз назари таҳлил гузаронидани гузаштаву ҳозираи вожаи Хуҷанд низ баёнгари он аст, ки ҳодисаҳои тазаккурёфта бо ин топоним низ рӯй додааст. Пеш аз таҳлили ин вожа мехоҳем боз як нуктаи дигарро қайд намоем. Калимаҳое, ки ҳоло дар оғозашон ҳамсадои x доранд, дар ҳамаи давру замон ба гунаи ҳозираашон мустаъмал набуда, балки қисме аз онҳо: а) дар ибтидо аз ин ҳамсадо маҳрум буданд (huš < п. м. hōš**,** умумиэронӣ uš; hezum < п. м. hesm < авестоӣ aesma; xašm / xišm < п. м. xēšm < авестоӣ aēšma; хишт < п. м. xišt < авестоӣ ištiya; б) силсилаи дигар бар ивази ҳамсадои h-и эронии бостон пайдо гардидаанд (xušk < п. м. hušk < п. қ. uška) [6, с. 37].

Бо вожаи Хуҷанд ҳодисаи охир рӯй додааст. Ба назар мерасад, ки ин вожа аз бахшҳои hu- ва kanta иборат аст. Дар бобати маҳфуз мондани hu- дар таркиби топоними Хуҷанд ин чиз далел буда метавонад, ки он (яъне hu-) ба ҳайси яке аз ҷузъҳои таркиби воҳидҳои луғавӣ бо як силсила калимаҳои дигар ҳамроҳ гардидааст: huzaina «соҳиби силоҳи «хуб» (ҷузъи зайна баъдтар ба шакли зин таҳаввул ёфта, тағйири маъно кардааст), hutava «пурзӯр» (hu- «хуб» tava аз tav «нирӯманд будан»), humartiya «одамони хуб», hukara «артиши хуб», hutaka «давандаи хуб» (аз tak «давидан»; ҳоло «такудав» мегӯянд. Муқ. Такоб, русӣ течь); модӣ *humiᵭ*a «дӯсти

хуб», huspaka «саги хуб», *hunāfa* «авлоди хуб»; порсии қадим hu*ðantu* «тухмаи хуб», авестоӣ (дерин) hvaspa, порсии қадим huaspa «аспи хуб» [13, т. 1, с. 245], huxratu «ақли хуб», авестоӣ haosafnaina «пӯлодӣ» (аз haosvana «оҳани хуб») [13, т. 1, с. 245].

Маводи гирдомада касро ба чунин андеша водор месозад, ки дар давраи қадими инкишофи забонҳои эронӣ ду вожаи қариб ҳамгуни ҳу вуҷуд доштааст: hu ва *hū***.** Ин воҳидҳои луғавӣ бо як унсури ҷузъӣ, вале аҳамияти муҳими лексикӣ ва грамматикӣ дошта аз ҳам тафовут доштаанд: **1)** *hū*, ки дар таркибаш садоноки дарози у дорад, бунёди худро аз *sū*-и ҳиндуаврупоӣ гирифтааст: *hūka*, авестоӣ *hū* «хук», ҳиндуаврупоӣ *sūko*. 2) Аммо аз шакли *su*- (ҳиндуаврупоӣ *su*, авестоӣ hu, порсии қадим hu) hu -и ҳиндуаврупоӣ минбаъд дар забони умумиэронӣ гунаи hu зуҳур кард.

Дар мавриди вожаи мустақил ё унсури калимасоз ба шумор омадани ҷузъи hu байни эроншиносон ақидаи ягона ба назар намерасад: онро гоҳ пешванд, гоҳ вожаи мустақил ба қалам додаанд [7, 81, 133, 143; 14, 137, 140-141]. Аммо, ба назари мо, аз он **чо**, ки дар матнҳои давраи миёна ин ҷузъ дар алоҳидагӣ дучор намеояд, аз ин рӯ онро унсури калимасоз ба шумор овардан саҳеҳ ба назар мерасад. Таъкиди ин нукта низ бамаврид аст, ки чузъи мавриди таҳлил дар аҳди куҳан инчунин дар шаклҳои hva-, ха низ мустаъмал будааст. Чунин гунаҳои корбурди ҷузъи hu-далел бар он аст, ки нуқтаи ибтидоии раванди табдили ҳамсадои h ба х ҳанӯз дар давраи қадими инкишофи забонҳои эронӣ сурат гирифта будааст: порсии қадим hvarsa «марди хуб», «қаҳрамон» (hu+aršan «мард»), harsad*ā* ta «қаҳрамон офаридашуда» (x^{v}ar*ša*-: x^{v}a-+-ar*šan*- «қаҳрамон» + d*ā*ta «офаридашуда», «додашуда»).

Ҳар ду майлон дар давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ, аз ҷумла порсии миёна баробар ҷараён пайдо кард. Ин аст, ки дар бархе вожаҳо табдили ҷузъи hu- ба xu- мушоҳида мегардад, вале дар дастаи дигар идома ёфтани ҳамон шакли куҳан ба назар мерасад. Масалан, калимаи huapah «амали хуб» (ҳиндуаврупоӣ opos «кор») дар порсии миёна гунаи hup /xub-ро пазируфт, аммо вожаи умумиэронии hupam «хушбахт, хушҳол» дар порсии миёна ба ҳамон гунаи куҳан побарҷо монд, дар порсии нав бошад, шакли xurram-ро пазируфт. Доир ба шакли охири истифодаи ҷузъи hu метавон далели бисёр овард, вале мо бо зикри танҳо як шоҳиди дигар маҳдуд мешавем. Се вожае, ки дар фалсафаи ойини зардуштӣ дар баёни се арзиши волои ахлоқӣ мавриди истифода қарор доштанд, **яъне** humat «пиндори нек», ***huxt*** «гуфтори нек», huvarst «рафтори нек» (авестоӣ humata, huxta, hvarsta) низ дар осори порсии миёна, амсоли «Баргузидаи андарзи пурйуткешон», «Менуи хирад» ба ҳамон гунаи куҳан фаровон ба кор рафтаанд [14, 187; 10, 184, 187]. Дигар ин ки дар осори порсии миёна иваз гардидани ин пешванд ба муодили худ, яъне сифати веҳ *vēh* «беҳ» низ ба назар мерасад ва ин ҳолат ҷараёни мансухгардии ҷузъи hu-ро дар даврони баъдӣ тезонд.

Дар давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ (шояд ҳатто аз охири давраи миёна) раванди гузариши h-и бостон ба х-и навин ба маротиб афзуд, вале ба таври истисно дар чанд унсури луғавӣ гунаи куҳан боқӣ монд: hužir / hujir «нек» < порсии миёна hu*čihr* < авестоӣ hu*čθ*ra [6, с. 75].

Имрӯз дар бархе гӯишҳои тоҷикӣ калимаи ҳулба / ҳулбӯ густариш дорад, ки он низ гунаи таҳаввулёфтаи ҳубӯйи куҳан аст. Дар иртибот ба гузаштаи ин вожа метавон аз корбурди он дар осори порсии миёна ёдовар шуд. Дар «Шаҳристонҳои Эрон», ки ба паҳлавии китобӣ таълиф гардидааст, дар мавриде, ки сухан аз хусуси шаҳристонҳои бунёдкардаи Хусрави Кавотон меравад, унвони яке аз онҳо ба шакли *Hubōy Šahristān* ба қайд меояд [10, с. 80 - 88].

Ба ин тариқ, аз таҳлили вожаҳои фавқ метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки дар таркиби топоними Хуҷанд (ху+ҷанд, ҳиссаи аввал шакли таҳаввулёфтаи пешванди умумиэронии hu – аст. Ҷузъи дувум -ҷанд низ аз ҷумлаи аносири куҳани эронӣ маҳсуб шуда, он гунаи таҳаввулёфтаи kanta -и эронии бостон аст.

Аз шавоҳиди дар сарчашмаҳои нахустасрҳои миёна тазаккурёфта бармеояд, ки ҷузъи -канд ба гунаҳои мухталиф: кат, канд, қанд, кас «шаҳр» дучор шуда, беш аз ҳама варианти охир мустаъмал будааст. Аз ҳама кам шакли -қанд мавриди истифода қарор гирифта, танҳо дар ду топоними дар маъхазҳои садаҳои IX-XIII зикршуда дучор меояд.

Топоформанти мазкур баъдан дар забонҳои куҳану муосири эронӣ мутобиқи қонуни ҳар кадоми онҳо гунаҳои мухталифи овоиву маъноӣ пайдо намудааст: авестоӣ - kata, хоразмӣ - kav, -kat, яғнобӣ -kant, -kanč, -kat «шаҳр», осетинӣ kent «бино», пашту kanday «маҳалла» [1, с.

590; 14, 10]. Ҷузъи мавриди таҳлил ба забонҳои ғайриэронӣ низ бо таҳаввулоти муайяни шаклӣ роҳ ёфтааст: уйғурӣ -kant, шеваҳои мухталифи туркии қадим -kent. Вожаи хата «хона»-и забонҳои славянӣ, ба хусус русӣ низ сарчашмаи худро аз kata-и авестоӣ пазируфта, ба ҷуз дар алоҳидагӣ мустаъмал буданаш ба ҳайси топоформант дар таркиби топоними Пятихатка-и украинӣ маҳфуз мондааст [15, с. 226; 13, 17. Аммо ии топоформант, ба назари мо, ҳанӯз дар садаи Х баробари шаклҳои маъмулияш боз ба гунаи -jand дар таркиби топоними Хуҷанд мавриди истифода қарор гирифтааст. Як назари сатҳӣ ба маводи осори ин давр, амсоли «Ҳудуд-ул-олам»-и маҷҳулмуаллиф, «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ ва монанди инҳо метавонад ин андешаро собит созад. Аз ҷумла, Абӯалии Балъамӣ низ дар «Таърихи Табарӣ» дар фасли «Хабари ғазои Қутайба ба Чочу Фарғона» ин вожаро ба шакли фавқ забт кардааст: «Ва чун ба Суғд расиданд, ин бист ҳазор мардро сӯи Чоч гусел кард ва худ ба Фарғона шуд, то Хуҷанд бирафт» [2, ҷ. 2, с. 1281]. Бо сабаби то замони мо нарасидани осори дар арафа ва давраи ҳуҷуми арабҳо таълифшуда, инчунин маҳв гардиданашон наметавон замони мушаххаси ба таҳаввулоти овоӣ дучор шудани ҷузъи -кант/-канд-ро ба -ҷанд нишон дод. Вале аз он **чо**, ки маврдҳои табдили ҳамсадоҳои к ба ч ва ҷ дар забонҳои эронӣ собит гардидааст [15, с. 58] ва ин унсур дар забонҳои дигари эронӣ ба ҳайси топоформант ба ҳамин шакл (яъне -ҷанд/-ҷонд) мавриди истифода қарор дорад, метавон натиҷагирӣ намуд, ки гузариши шакли -канд ба -*ҷанд* хеле пеш аз садаи Х ба вуқӯъ пайвастааст: Хуҷанд (Дарвоз), Ҷарачанд [Шоҳдара-5, с. 24], Бирҷанд [Эрон -12, ҷ. 1, с. 308].

Хулоса, аз таҳлили фавқ мусаллам мегардад, ки бунёди вожаи Хуҷанд бар пояи xvarakanta-и куҳан набуда, балки аз hukanta аст. Ин гуфтаҳоро чунин далел низ исбот менамояд, ки қариб кулли муаллифони осори асримиёнагии ба мо дастрас Хуҷандро «шаҳри зебо» шарҳ додаанд, на «шаҳри офтобрӯя». Kanta-и қадим дар мавридҳои ниҳоят кам ба гунаи -ҷанд табдил ёфтааст.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 1. Душанбе, 2016.
2. Балъамӣ А. Таърихи Табарӣ. Бо муқаддима ва тавзеҳоти М. Умаров ва Ф. Бобоев. Ҷилдҳои 1-2. Теҳрон, 1380 - 2001.
3. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар. Душанбе : Ирфон, 1989.
4. Истахрӣ А. Масолик ва мамолик: Тарҷумаи форсии қарни панҷум-шашуми ҳичрӣ. –Исфаҳон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Бидуни зикри соли нашр.
5. Офаридаев Н. Лингвистическое исследования ойконимии Горного Бадахшана. Автореф. дисс. докт. филол. наук. Душанбе, 2002.
6. Расторгуева В. С., Молчанова Е. К. Среднеперсидский язык // Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. М.: Наука, 1981. -С. 6-145.
7. Расторгуева В. С. Сравнительно-историческая грамматика западноиранских языков. Фонология. М.: Наука, 1990.
8. Рашидӣ А. Фарҳанги Рашидӣ. Ҷилдҳои 1-2. Теҳрон, 1364.
9. Саймиддинов Д. Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ. - Душанбе: Дониш, 1992.
10. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ. Душанбе, 2003.
11. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В 4-х томах. –М.: Прогресс, 1986-1987.
12. Халафи Табрезӣ М. Бурҳони қотеъ. Ҷилдҳои 1-2. Ба кӯшиши Муҳаммад Саидипур. Бидуни зикри соли нашр.
13. Хонларӣ П. Н. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. Чопи савум, Теҳрон, 1347.
14. Хотамӣ А. Шарҳи мушкилоти «Таърихи Ҷаҳонкушо»-и Ҷувайнӣ. Теҳрон, 1373.
15. Шариат М. Дастури забони форсӣ. Чопи панҷум, Теҳрон, 1371.

ЕЩЕ РАЗ ОБ ИСТОРИИ ТОПОНИМА «ХУДЖАНД»

На основе богатого материала из древнеперсидского и среднеперсидского языков, особенно персидского, доказывается несостоятельность мнения некоторых исследователей о том, что исконная форма топонима «Худжанд» является xvarakanta. Убедительно доказывается, что топоним «Худжанд» есть изменённая форма hukanta.

В статье приводятся многочисленные примеры как из древнего периода развития языка наших предков, так и позднейшего периода о превращении согласного «х» в начале лексических элементов в «х» и тем самым убедительность превращения hukanta в «Худжанд».

Ключевые слова: *история таджикского языка, древнеперсидский язык, среднеперсидский язык, топоним «Худжанд», этимология, «хвараканта», hukanta.*

ONCE MORE ABOUT THE HISTORY OF "KHUJAND" TOPONYM

Proceeding from the rich material taken out of Old Persian and Middle Persian, especially Modern Persian, the author proves non-justifiability of some researchers' opinion that a primordial form of the toponym "Khujand" is xvarakanta. He substantiates convincingly that the toponym "Khujand" is the changed form of hukanta. Numerous examples are addused in the article both from the ancient period of the development of the language of our ancestors and from the latest one when the consonant "За" transformed into "х" at the beginning of the lexical elements; the fact convincing the transformation of hukanta into "Khujand".

***Keywords: the** history of Tajik language, Old Persian, Middle Persian, "Khujand" toponym, etimology, xvarakanta, hukanta*

Сведения об авторе:

***Хасанзода Абдужамол Ашраф -** доктор филологических наук профессор, заведующий кафедрой таджикского языка ГОУ Худжандского государственного университета им. акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

About the autor:

***Hasanzoda Abdujamol Ashraf,** Dr. of Philology, Professor, chief of the department of the Tajik Language under the SEI "Khujand State University named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand) E-mail: abdujamol58@mail. ru*

РОҶЕЪ БА ВОҲИДИ ТАРҶУМА ВА ВОҲИДИ ЗАБОН

Турсунов Ф. М.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Масъалаи воҳиди тарҷума яке аз масъалаҳои баҳсталаб ва мураккаби тарҷумашиносӣ маҳсуб меёбад. Гуфтан бамаврид аст, ки объекти фаъолияти тарҷумон ин матни хаттӣ ё нутқи шифоҳӣ мебошад ва дар он маъноҳои тамоми воҳидҳои матн ташаккул меёбанд. Одатан матни забони мабдаъ ё худ забони асл (source language) якбора тарҷума карда намешавад ва ҳангоми тарҷумаи шифоҳӣ ё хаттӣ зарурати ба ҳиссаҳо ҷудо кардани он пеш меояд. Ҳар ҳиссаи ҷудогонаи воҳидҳои забонӣ, ҳадди ақал дар марҳилаҳои аввали раванди тарҷумаи матни ҷудогона дар алоҳидагӣ тарҷума мешавад. Дар ин робита дар адабиёти илмӣ оид ба тарҷума мафҳуме ба вуҷуд омадааст, ки онро воҳиди тарҷума меноманд.

Тадқиқ намудан ва донистани воҳиди тарҷума хеле муҳим аст. Агар воҳиди тарҷума дар раванди тарҷумаи матни мушаххаси ду забони муайян дуруст ташхис ва дарк карда нашавад, тарҷума саҳеҳ намебарояд ва дар ин сурат интизор шудани натиҷаи дилхоҳ ғайриимкон мебошад. Маҳз, ҳамин гуна зарурати амалӣ олимонро водор сохтааст, ки асосҳои илмии ин масъалаи мубрами тарҷумашиносиро муайян намоянд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур таҳлили асосҳои назариявии мафҳуми воҳиди тарҷума ва мутобиқати он бо воҳидҳои забон мебошад.

Омӯзиши илмии масъалаи мазкур аз солҳои 50-60 асри XX оғоз гардидааст ва дар ин ҷода чанд назари илмӣ ба мушоҳида мерасад. Бо вуҷуди ин, назарҳо дар навбати худ ба ҳамдигар ихтилоф дошта, то ба ҳол як фикри мушаххас ва якбора ҳалкунандаи масъалаи мавриди назар вуҷуд надорад. Ба чанде аз ин андешаҳо ишора мекунем. Тарҷумашиносони аврупоӣ Ж. П. Вине ва Ж. Дарбелне аввалин олимоне буданд, ки истилоҳи "воҳиди тарҷумаро" ба миён гузошта, оид ба он ибрози назар кардаанд, чунончи: "як ҳиссаи гуфторро ҳамчун воҳиди тарҷума муайян кардан мумкин аст, ки дар раванди тарҷума онро ба ҳиссаҳои дигар тақсим кардан мумкин набошад" [24, с. 37]. Аз рӯи ин ақида воҳиди тарҷума он аст, ки дар як шакли муайян маънои яклухт дорад ва бояд дар асоси маънои умумиаш бидуни тақсим кардани он ба ҳиссаҳои нисбатан хурдтар интиқол ёбад.

Тарҷумашиноси маъруф Я. И. Ретскер қайд менамояд, ки "аллакай дар марҳилаи таҳлили матн дар он ин гуна "воҳидҳои тарҷума" ҷудо карда мешаванд ва бигзор онҳо калима, ибора ё қисми ҷумлаҳо бошанд, ки дар забони тарҷума мутобиқати доимӣ ва устувори худро доранд [14, с. 9].

Ба ақидаи Р. К Миняр-Белоручев “забон аз унсурҳо (элементҳо) таркиб наёфта, балки баръакс ба унсурҳо ҷудо мешавад. Тарҷумон як навъ тамомияти маъниро дарк мекунад ва танҳо пас аз он дар раванди тарҷума онро вобаста ба амалҳои ногузири пешомада дар ҷодаи иҷрои вазифаи худ ба ҳиссаҳо ҷудо мекунад” [11, с. 77]. Ӯ ҷумларо воҳиди матни сатҳи аз ҳама баландтарин меҳисобад, ки барои як амали тарҷума хеле калонҳаҷм мебошад. Дар натиҷа тарҷумон маҷбур мешавад, ки дар матни асл онро ба ибора ва калимаҳо ҷудо намояд. Р. К Миняр-Белоручев қайд менамояд, ки ба унвони воҳиди тарҷума ҳама гуна воҳиди нутқ амал карда метавонад. Калон ва ё хурд будани онҳо аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад - хислатҳои касбии тарҷумон, яъне дониши забони хориҷӣ, дарки масъалаҳои мавриди тарҷума дар ин ё он лаҳзаи мушаххас, мустаҳкамии хотира, таҷрибаи корӣ, дараҷаи аксуламали фаврӣ дар тарҷумаи шифоҳӣ ва ғайра. Ӯ илова менамояд, гуруҳи воҳидҳои тарҷумае мавҷуданд, ки ба монанди ифодаҳои устувор, зарбулмасалҳо, истилоҳот, ифодаҳои образнок ва ғайра, сифати воҳиди тарҷумаро дар ҳама гуна шароит ҳифз карда метавонанд.

Ба ақидаи олими дигар Ю. П Степанов чунин воҳиди тарҷума ҳиссаи хурдтарини занҷираи маъноие мебошад, ки он ҳангоми тарҷумаи ҳамзамон қобили тарҷума бошад. Ӯ воҳиди тарҷумаро асосан дар тарҷумаи шифоҳии ҳамзамон дар мисоли забонҳои фаронсавӣ ва русӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва воҳиди тарҷумаро ба се гуруҳ ҷудо менамояд. Ба гуруҳи якум аз нигоҳи Ю. П. Степанов воҳидҳои тарҷумае дохил мешаванд, ки пас аз талаффуз шудан ба зудӣ қобили тарҷума мебошанд, яъне ҳангоми тарҷумаи онҳо фосилаи ками вақт мегузарад. Ӯ таъкид менамояд, ки ба ин гуруҳ бештар калимаҳои ҷудогона дохил шуда метавонанд. Ба гуруҳи дуюм муаллиф воҳидҳои тарҷумаеро дохил менамояд, ки бинобар сермаъно будани шаклҳои воҳидҳои луғавӣ, морфологӣ ва синтаксисии забон бо каме қафомонӣ тарҷума карда мешаванд. Гуруҳи сеюм воҳидҳоеро дар бар мегиранд, ки тарҷумаи онҳо то ба итмом расидани ҷумла имконпазир намебошад [15, с. 258-266]. Воқеан, таҷрибаҳои тарҷумаи ҳамзамон нишон медиҳанд, ки баъзе ҷузъҳои маъноии гуфтор танҳо пас аз дарки гуруҳи ҷумлаҳо равшан мегардад. Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки ҳиссаи ҷудогонаи раванди тарҷума чанд гуфтор, чанд воҳиди забониро метавонад дар бар гирад. Аз тарафи дигар ҳангоми тарҷумаи ҳамзамон бо расидани матни асл, яъне хабар, тарҷума дар ҳудуди гуруҳи маъноӣ оғоз мегардад ва ҳаҷми воҳиди раванди тарҷума дар ин ҷо бо он ҳиссаи гуфтор баробар аст, ки маънои нисбатан мустақил дошта бошад ва ба тарҷумон имкон диҳад, ки муодили сохтори ҷумларо дар забони тарҷума интихоб карда тавонад. Албатта, мушкилиҳои тарҷумаи шифоҳӣ, алалхусус тарҷумаи ҳамзамон, дар ҳолатҳое, ки тарҷумон тарҷумаро аз матни тарҷума намехонад ва аз нутқи гӯянда якбора тарҷума ва талаффуз мекунад, ба ҷуфти забонҳо ва самти тарҷума низ вобаста аст. Масалан, ҳангоми тарҷумаи ҳамзамон аз забонҳои англисӣ ва русӣ ба забони тоҷикӣ дарк ва ҷудо кардани воҳиди тарҷума ва дар навбати худ интихоб ва офаридани сохтори гуфтор дар тарҷума нисбатан осонтар аст, зеро асосҳои грамматикии ҷумлаҳои ин ду забон (сараъзои ҷумла - мубтадо ва хабар) ба ҳамдигар наздик ҷойгиранд ва матлаби гуфтор нисбатан осонтар дарк мешавад. Вале дар акси ҳолат, яъне ҳангоми тарҷума аз забони тоҷикӣ ба забонҳои русӣ ва англисӣ ин вазъият барои тарҷумон як андоза сарбории равонии иловагӣ зам менамояд, зеро пас аз садо додани мубтадо ӯ мунтазир мешавад ё фарз мекунад, ки хабари ҷумла чӣ метавонад бошад. Ин ҳолат ҳам, бешубҳа, ба масъалаи то чӣ андоза муваффақ шудан ба ҷудо кардани воҳиди тарҷума аз ҷониби тарҷумон ва умуман босифат анҷом додани тарҷума таъсири худро мерасонад.

Ба ақидаи Л. С. Бархударов мушкилии воҳиди тарҷума яке аз мушкилиҳои печидатарини тарҷумашиносии муосир мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки “воҳиди тарҷума воҳиди забонии хурдтаринест дар матни забони асл, ки дар матни забони тарҷума мутобиқати худро дорад” [1, с. 174].

В. М. Комиссаров низ таърифи фарогири воҳиди тарҷумаро пешниҳод менамояд. Ба ақидаи ӯ ба унвони воҳиди тарҷума ҳар воҳиде метавонад амал кунад, аз ҷумла: 1) воҳиди хурдтарини матне, ки дар раванди тарҷума ҳамчун объекти мустақили ин раванд амал мекунад; 2) воҳиди хурдтарини забонии матни асле, ки дар шакли яклухт тарҷума карда мешавад; 3) маҷмӯаи хурдтарини воҳидҳои луғавӣ ва грамматикие, ки бо категорияҳои луғавӣ

ва грамматикии забони тарҷума як андоза мутобиқат доранд ва ғайра. Дар ин гуна мавридҳо интихоби ҳиссаи аз нигоҳи маъно мукаммал дар ҳолатҳои мушаххас комилан ба тарҷумон вобастагӣ дорад, ки вазифаи ӯ таъмин кардани муошрати самараноки байнизабонӣ бо тарҷумаи дақиқ, комил ва саҳеҳ мебошад [7, с. 78].

В. С. Виноградов нақши аввалиндараҷа доштани ҷиҳати маъноии матни мавриди тарҷума ва хусусияти “иборагӣ” доштани тарҷумаи матни хаттиро таъкид менамояд [4, с. 33-34]. Тарҷумашинос ва тарҷумон В. Н. Крупнов низ ҷонибдори ҳамин ақида аст ва зикр менамояд, ки барои ноил шудан ба сифати баланди тарҷума моҳирона омехта кардани унсурҳои ҷузъӣ ба монанди калимаву ибораҳо бо унсурҳои кулл ба монанди кулли маъно дар сатҳи ҷумла бо дарназардошти контексти фарогиртар лозим меояд [8]. Мавқеи олими дигар Д. Жуков низ ба ин ақидаҳо наздик аст [6].

Бо вуҷуди ин, як қатор олимон, ба монанди В. С. Виноградов, А. А. Смирнитски, Л. О. Резников нақши калимаро ҳамчун воҳиди самтгирӣ таъкид менамоянд [4, с. 50]. Албатта, ин аз баҳсҳо холӣ буда наметавонад, зеро калима як воҳиди забониест, ки ба он сермаъногӣ хос аст ва ҷиҳатҳои маъноӣ ва услубии он маҳз дар дохили ибора ё калима мушаххас мегардад. Ҳамин гуна хусусияти калимаҳоро ба инобат гирифта, баъзе олимони тарҷумашинос ба монанди Латишев Л. К. ибора ва ҷумларо ҳамчун намунаҳои барҷастатарини воҳиди тарҷума меҳисобанд. Ба назари онҳо, дар раванди тарҷума тарҷумон маъмулан матни мавриди тарҷумаро ба ҷузъҳои гуногуни маъноӣ ҷудо мекунад ва онҳоро бо тартиби муайян ба забони тарҷума интиқол медиҳад. Яъне, матни тарҷума дар натиҷаи интихоби воҳидҳои аз ҷиҳати маъно мутобиқи ҷузъҳои ҳаҷман начандон калони матни асл ташаккул меёбад. Таърифи пешниҳоднамудаи воҳиди тарҷумаи Л. К. Латишев ҷолиб аст, чунончи: “воҳиди тарҷума ин воҳидҳои матни асл мебошанд, ки дар сатҳи онҳо мутобиқатҳои тарҷумавӣ муқаррар карда мешаванд [9, с. 168]. Дар ин ҷо муаллиф ибора ва ҷумлаҳоро дар назар дорад.

Гуфтаҳои О. И. Бродович оид ба воҳиди тарҷума ҷолиби диққатанд. Ба ақидаи ӯ воҳиди тарҷума ба тарҷума ҳамчун натиҷа, яъне матни тарҷума тааллуқ надошта, ба тарҷума ҳамчун раванд тааллуқ дорад ва бинобар ин бояд ҳамчун воҳиди амалиётӣ тасниф карда шавад. Ва “ин он воҳиди хурдтарини дорои маънои мустақиле мебошад, ки дар сатҳи он тарҷумон иттилои матни аслро ибтидоан мехонад... ва дар аксари мавридҳо калима ҳамчун воҳиди тарҷума интихоб карда мешавад, ҳарчанд дар матни ниҳоӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ ба мушоҳида намерасад” [3, с. 13]. Воқеан ҳам, агар раванди тарҷумаро ба ёд орем, ҳангоми кор бо матн тарҷумон бештар бо калимаҳо сарукор дорад ва аз рӯи анъана аксаран барои комилан дарк намудани ҷузъҳои маъноии матн кори луғавӣ мегузаронад, вале шояд дар таҳрири ниҳоӣ пас аз мутобиқ кардани матни тарҷума ва ҷузъҳои маъноии он бо хусусияти матни асл аз тарҷумаи калима ба калима шояд нишоне наемонад, зеро матни тарҷума маъмулан дар асоси ҷузъҳои маъноии ҷудогона аз таҳрири ниҳоӣ гузаронида мешавад ва воҳидҳои тарҷума ба воҳидҳои забон дар сатҳҳои гуногун мувофиқат пайдо мекунанд, на танҳо дар сатҳи калима. Чунон ки ҳамин муаллиф меафзояд, “дар баъзе мавридҳо бо матнҳое дучор шудан мумкин аст, ки воҳиди тарҷума дар онҳо ё аз калима хурдтар ва ё аз он калонтар мешавад” [ҳамон ҷо]. Дар ин ҷо матлаб ин аст, ки агар ҳар ҷузъ ё морфемаи калима ба маънои он саҳми ҷудогона гузорад, ҳар яки он бояд бо амали ҷудогонаи тарҷумон ба забони тарҷума интиқол дода шавад, яъне он морфема воҳиди ҷудогонаи тарҷума аст. Вале агар маънои ибора ё ҷумла нисбат ба калимаҳои таркибии худ маҷозан ё ба таври идиоматикӣ ифода ёфта бошад, ин гуна ибора ва ҷумлаҳо бояд яклухт, дар асоси маънои умумӣ ҳамчун воҳиди мустақили тарҷума ба забони дигар интиқол дода шавад, яъне дар ин ҷо воҳиди тарҷума ибора ё ҷумла аст. Зикри як фикри дигари ӯ оид ба воҳиди тарҷума хеле ҷолиб аст, ки мегӯяд: “воҳиди тарҷума на дар матнҳо, балки дар зеҳни тарҷумон аст” [3, с. 14]. Дар ҳақиқат, тарҷумон дар муайян намудани воҳиди тарҷума ва умуман ташкил намудани раванди тарҷума дар ҳолатҳои мушаххас нақши калидӣ дорад.

Олими забоншинос ва тарҷумашиноси дигар А. Д. Швейтсер мавҷудияти воҳиди тарҷумаро инкор мекунад. Ба ақидаи ӯ ҳиссаҳои ба сифати чунин воҳидҳо ҷудошавандаи нутқ ҳаҷм ва хусусияти гуногун доранд ва худи мафҳуми “воҳиди тарҷума” дар истилоҳот ихтилоф

ба вуҷуд меорад” [18, с. 72]. Асос надоштани ҷудокунии воҳиди тарҷума ба ақидаи ин муаллиф он аст, ки дар назарияи тарҷума ба унвони воҳид ҳиссаҳои матни асл қабул карда мешаванд, ки дар истилоҳоти забоншиносӣ муайян нагардидаанд. Ин нуктаҳоро аз он ҷиҳат метавон асоснок ҳисобид, ки раванди тарҷума як қолаби устуворе надорад, ки аз рӯи он воҳидҳои тарҷума ба ҳамдигар пайваст карда шуда, тамоми масъалаҳои марбут ба тарҷумаи матн ҳалли худро ёбанд. Баръакс, раванди тарҷума аз амалиёти мураккаб ва печида иборат аст. Л. А. Черняховская низ тарафдори мавқеи муаллифи зикргардида буда, ягон воҳиди забон ё порчаи матни аслро воҳиди тарҷума ҳисоб намекунад ва чунин менависад: “объекти тарҷума на ин ё он аломати забон, балки маълумоти мухталифи ба таври гуногун ифодаёфтаи матни асл ба шумор меравад [17, с. 27]. Мақсади муаллиф аз он иборат аст, ки мавриди таваҷҷуҳи тарҷумон маҳз иттилоъ ё худ ҷанбаи маъноии матни асл аст, ки он метавонад ҳам бо фонема (овоз) ва ҳам сархати ҳаҷман калонтар ифода ёбад. Ин ақида ҳам аз мантиқ холӣ нест, зеро дар ҳақиқат, тарҷума амалан вақте сурат мегирад, ки сохтори маъноии матн ташаккул ёфтааст ва аз ин лиҳоз воҳиди тарҷума ин ё он воҳиди забонии матни асл набуда, маънои ҷудогона аст, ки ҷузъи сохтори умумии маъноии кулли матн мебошад.

Ширяев А. Ф. низ истилоҳи “воҳиди тарҷумаро” як андоза ноком меҳисобад ва ба ивазаш истилоҳи “воҳиди самтгириро” пешниҳод мекунад ва қайд менамояд, ки “воҳиди самтгирӣ як ҳиссаи матни асл буда, аз нигоҳи маънӣ дарк кардани он ба тарҷумон имкони ҷустуҷӯ ё интихоби тасмими тарҷумавии навбатиро медиҳад [19, с. 20]. Бо вуҷуди ин, қайд карда мешавад, ки “воҳиди самтгирӣ” муродифи истилоҳи “воҳиди тарҷума” нест ва марҳилаи сарфаҳм рафтани “ҳиссаи” матни асл мебошад, ки барои тасмим гирифтан лозим аст” [5, с. 259]. Ҳамчун муҳаққиқи фаъолияти тарҷумонҳои ҳамзамон А. Ф. Ширяев аз нигоҳи тарҷумаи шифоҳӣ фикр меронад ва шояд аз ин лиҳоз ҳақ бар ҷониби ӯ бошад, зеро тарҷумаи шифоҳӣ, алалхусус тарҷумаи ҳамзамон, чунон ки дар боло ишора рафт, нозукиҳои худро дорад ва аз нигоҳи равонӣ бештар ба маъно ва иттилооти шунидашаванда сарукор дорад.

Е. В. Бреус ҷумла-гуфторро воҳиди асосии *самтгирӣ* меномад [2, с. 24].

Дуруст аст, ки мухолифони масъалаи ҷудо кардани воҳиди тарҷума дар раванди тарҷума диққати мутахассисони соҳаро ба мураккаб ва баҳсталаб будани он ҷалб мекунанд, вале амалияҳои тадқиқи тарҷумаҳо ин ақидаҳоро як андоза инкор мекунанд, ки ҳангоми таҳлили қонуниятҳои фаъолияти тарҷумонӣ зарурате пеш меояд, то ки ҷузъҳои мунтазам такроршавандаи ин раванди мураккаб ба ҳиссаҳо ҷудо карда шаванд. Шояд ин гуна ҷузъҳои такроршавандаро метавон воҳиди тарҷума номид.

Қобили зикр аст, ки мафҳуми воҳиди тарҷума дар адабиёти илмии даҳсолаи охир низ мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки аксарияти корҳои нав ба тадқиқоти пешин ишора мекунанд [13; 12; 10 ва ғ.].

Дар адабиёти илмии Ғарб низ чанд мулоҳизаро оид ба мафҳуми воҳиди тарҷума мушоҳида кардан мумкин аст. Воҳиди тарҷума дар забони англисӣ бо номи “unit of translation” (UT) маъруф аст. Питер Нюмарк оид ба ин масъала чанд нуктаи ҷолиб гуфтааст. Ӯ масъалаи мазкурро ба баҳсҳои миёни тарҷумаи озод ва тарҷумаи таҳтуллафзӣ нисбат дода, чунин қайд менамояд: “the freer the translation, the longer the UT; the more literal the translation, the shorter the UT, the closer to the word, or even to the morpheme” [22, с. 54]. Аз гуфтаҳои ин муаллиф бармеояд, ки тарҷума ҳар чӣ қадар озод бошад, воҳиди тарҷума ҳамон қадар ҳаҷман калон мешавад ва агар тарҷума ҳар чӣ қадар таҳтуллафзӣ анҷом дода шавад, ҳамон қадар ҳаҷми воҳиди тарҷума ҳам кӯтоҳ, ба калима ё ҳатто хурдтар аз он - ба морфема наздик мешавад. Ин гуфтаҳо, албатта, асос доранд, зеро ин ду тамоюли таърихии тарҷума солиёни зиёд бо ҳамдигар дар зиддият буданд ва дар даврaҳои муайян бо навбат яке аз дигаре бартарӣ ва тарафдорону мухолифони худро доштааст. Дар мулоҳизаҳои хулосавии худ дар ин бобат П. Нюмарк иброз медорад, ки дар ҷараёни иҷрои тарҷума аз нигоҳи ҳаҷм тамоми воҳидҳои забон дар лаҳзаҳои гуногун ва ё ҳамзамон метавонанд ба ҳайси воҳиди тарҷума истифода гарданд. Муқоиса кунед: “All length of language can, at different moments and also simultaneously, be used as a unit of translation in the course of the translation activity. …To me the unit of translation is a sliding scale, responding according to other varying factors” [ҳамон ҷо]. Ақидаҳои олимони

дигари англисзабон низ ба гуфтаҳои боло наздик аст ва дар байни онҳо фарқияти ҷиддӣ ба мушоҳида намерасад [20; 21; 23 ва ғ.].

Афкори аксарияти муҳаққиқоне, ки мо дар ин мақола таҳлил намудем, баҳсталаб ва ягона набудани қоидаи воҳиди тарҷумаро собит менамоянд. Чунон ки Ю. Найда оид ба таърифи худи мафҳуми тарҷума шӯҳиомез қайд карда буд, чӣ қадар шумораи муҳаққиқони ин масъаларо баррасикунанда зиёд бошад, шумораи таърифи тарҷума ҳам ҳамон қадар зиёд аст. Нисбат ба асосҳои илмии мафҳуми воҳиди тарҷума низ ёдовар шудани ин нукта мантиқан дуруст аст, зеро ҳар муҳаққиқ оид ба масъалаи мавриди назар диди шахсии худро дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки воҳиди хурдтарини тарҷума ҳиссаи ҷудогонаи гуфтор ё навиштор аст, маънои мустақил дорад ва онро дар алоҳидагӣ тарҷума кардан зарур меояд. Ин гуна воҳидхои тарҷума дар сатҳ ё бахшҳои гуногуни забон мушоҳида мешаванд.

1. **Дар сатҳи фонемаҳо.** Ҳарчанд фонема ё худ овозҳо маънои мустақил надоранд, дар лаҳзаҳои ҷудогонаи раванди тарҷума маҳз ин ё он овоз воҳиди тарҷума буда метавонад. Дар ин сатҳ асосан исмҳои хос - номи ширкату ташкилотҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, реалияҳо ва ғайра таҷума карда мешаванд. Мисолҳо: William – Вилям/Уилям, Абдуғаффор – Abdughaffor; General Motors – Ҷенерал Моторз; Фароз – Faroz; The Washington Post – Вашингтон Пост; Ҷумҳурият – Jumhuriyat; New York – Ню Йорк; Душанбе – Dushanbe; Хуҷанд – Khujand; Lord – Лорд; “Shutdown” – “Шатдаун” (реалияи сиёсӣ); Маҷлиси намояндагон – Majlisi namoyandagon; Қурутоб – Qurutob ва ғ.

2. **Дар сатҳи морфемаҳо**. Ин сатҳ ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки дар баъзе мавридҳо морфема ба сифати воҳиди тарҷума амал мекунад. Ин маънои онро дорад, ки дар мавридҳои мушаххаси раванди тарҷума ба ҳар морфемаи забони асл як морфемаи муайяни калимаи забони тарҷума рост меояд. Масалан, мутобиқати морфемавиро дар мисоли калимаи забони англисии tables ва тоҷикии миз+ҳо дидан мумукин аст. Чунон ки мебинем, ба решаи калимаи забони асл **table** решаи калимаи забони тоҷикӣ **миз** ва ба суффикси ҷамъбандии он **-s** суффикси **-ҳо** мувофиқат мекунанд. Чунин ҳодисаи мутобиқати морфемавиро ҳангоми тарҷумаи калимаи **poorhouse** низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки калимаи **фақирхона** ба он аз рӯи морфемаҳо-решаҳои **фақир** ва **хона** мутобиқат дорад. Мавриди зикр аст, ки забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба гуруҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд ва забонҳои мавриди назар аз нигоҳи қолаби номбурда миқдори нисбатан бештари муодилҳои калимаҳоро байни ҳам дошта метавонанд. Бо вуҷуди ин, дар умум тарҷума дар сатҳи форфема дар раванди тарҷума чандон маъмул нест, зеро сохтори морфологии калимаҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик аз нигоҳи грамматикӣ, яъне морфемаҳои калимасоз ва шаклсози забонҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

3. **Дар сатҳи калима.** I live in Dushanbe - Ман дар Душанбе зиндагӣ мекунам; Ман ба мактаб меравам – I go to school ва ғ.. Дар ин мисолҳо ба ҳар калимаи ду забон калимаҳо мутобиқат доранд, танҳо ивазшавии ҷойи онҳо вобаста ба ҷумлабандии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин табиист ва хилофи қоида нест. Вокеан, дар баъзе мавридҳо ҷумла ё ибораро калима ба калима тарҷума кардан мумкин аст, вале дар ин ҷода эҳтиёткор бояд буд, зеро тарҷумаи калима ба калима ё худ таҳтуллафзӣ на ҳамеша ба натиҷаи дилхоҳ меорад. Маҳорати тарҷумон низ маҳз дар он зоҳир мегардад, ки воҳиди забон ва тарҷумаро дуруст ташхис дода тавонад ва роҳи дурусти баргардон кардани онро пеша кунад. Дар ин сатҳ ҳолатҳое дар назар дошта мешаванд, ки калимаҳои ҷумлаи матни тарҷума ба калимаҳои ҷумлаи матни асл мувофиқат мекунанд ва маънои умумии ҷумла коста намегардад. Нуктаи дигар ин аст, ки сохтори ҷумла вайрон намешавад ва маънои он нигоҳ дошта мешавад, яъне ҷумла солим мебарояд.

4. **Дар сатҳи ибора:** Ин сатҳ ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки бо вуҷуди фарқияти воҳидҳои забон (ибораҳо) аз нигоҳи мутобиқати калимаҳо маънои умумии воҳидҳои ду забон якхела аст. Ҳамчун намунаҳои барҷастатарини тарҷума дар ин сатҳ воҳидҳои фразеологӣ, ибораву таркибҳои устувор ва ба онҳо монандро мисол овардан мумкин аст. Шарти асосӣ дар ин гуна мавридҳо аз он иборат аст, ки ибораҳо ба ҳамдигар аз ҷиҳати маъно мутобиқат дошта бошанд,

на аз рӯи калимаҳои чудогонаи худ: *to stay in touch - дар алоқа будан; talk through one's hat – аз ҳаво гап задан; make storm in a tea cup-аз пашша фил сохтан; бо дасти чап бархостан - to get out of bed by the wrong side* ва ғ. Чунон ки мебинем, маънои воҳиди фразеологӣ ба маъноҳои чудогонаи калимаҳои онҳо рост намеояд ва дар натиҷа тарҷумаи таҳтуллафзӣ дар аксари мавридҳо имконпазир намегардад ва кулли ибора ба унвони воҳиди тарҷума қабул карда шуда, тарҷума низ дар ҳамон сатҳ, яъне дар асоси маънои умумии ибора сурат мегирад.

Албатта, тарҷумаи таҳтуллафзии як зумра воҳидҳои фразеологӣ имконпазир аст, агар "шаклҳои дохилизабонии" онҳо, яъне ҷузъҳои алоҳидаи воҳидҳои забонҳои асл ва тарҷума бо ягон асос ба ҳамдигар мутобиқат дошта бошанд, масалан, *be afraid of one's own shadow-аз сояи худ тарсидан; he wouldn't hurt a fly- ӯ пашшаеро ҳам озор намедиҳад* ва ғ. Сабаби калима ба калима мутобиқат дошани ин гуруҳи воҳидҳо муодили пурра будани воҳидҳои ду забон мебошад, ки муодилҳои пурра баробарии ҳам шакл ва ҳам мазмуни воҳидҳои забониро дар назар дорад.

Бо вуҷуди ин, набояд тасаввуроти нодуруст ҳосил гардад, ки гӯё дар сатҳи ибора танҳо ибораҳои устувор ё фразеологӣ воҳиди тарҷума буда метавонанд. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ миқдори зиёди ибораву таркибҳои озодеро низ вохӯрдан мумкин аст, ки дар асоси маънои умумӣ, яъне ибора ё таркиб, тарҷума карда мешаванд. Чунончи: *to get inside – даромадан; to get out-баромадан; обу ҳаво – weather; сару либос – dress* ва ғ.

Ҳолатҳоеро низ бояд ба назар гирифт, ки дар ҳудуди як ҷумла ин ё он ҷузъи он метавонад дар сатҳи калима ва қисми дигари он дар сатҳи ибора тарҷума карда шавад.

Тарҷума дар сатҳи ибора дар раванди тарҷума хеле маъмул ва серистеъмол аст, моҳирона ва дуруст истифода кардани он ба малакаву маҳорати тарҷумон вобастагӣ дорад.

5. **Дар сатҳи ҷумла.** Мутобиқати воҳидҳои забон дар сатҳи мазкур низ ба маънои умумии ҷумлаҳо такя намуда, тарҷума низ дар асоси маънои умумии ҷумлаҳои дорои калимаҳои гуногун сурат мегирад. Яъне, дар ҳолатҳои чудогонаи раванди тарҷума мутобиқати тарҷумавӣ танҳо дар сатҳи ҷумла муқаррар карда мешавад. Дар ин ҷо ҳолатҳое дар назар дошта мешаванд, ки ҷумлаҳо шаклан устувор буда, маънои умумии онҳо бо маънои калима ва ибораҳои чудогонаи онҳо баробар нест. Мисол: *how old are you? - шумо чандсола хастед?; keep off the grass – чаманзорро поймол накунед ва г.*. Қайд кардан лозим аст, ки ба ин гуруҳ теъдоди зиёди ҷумлаҳои устувор, зарбулмасалу мақолҳо ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Мисол: *East or West home is the best - хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳ; you scratch my back, and I'll scratch yours – ба ҳамдигар дасти кӯмак дароз кардан; as you make your bed, so you must lie in it – худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ* ва ғ.

Чунон ки аз мисолҳо баремояд, ҳангоми ин гуна тарҷумаҳо кулли ҷумла воҳиди тарҷума ба ҳисоб меравад, яъне маънои умумии ҷумлаҳои ду забон якхелаанд ва дар дохили ин гуруҳи ҷумлаҳо мутобиқати калима ва ёбораро муқаррар кардан мумкин нест.

6. **Дар сатҳи матн.** Дар бобати мутобиқат дар сатҳи матн бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки байни сатҳи ҷумла ва матн дар ин маврид фарқи кам вуҷуд дорад, зеро мо матнҳоеро дар назар дорем, ки аз ҷумлаҳои кутоҳ иборатанд ва ҳамзамон матнҳои мустақиланд. Барои ин сатҳ матнҳои реклама (таблиғот, паёмҳои тиҷоратӣ), навиштаҷот, шиорҳо ва ғайраро ҳамчун мисол овардан мумкин аст. Мушкилии тарҷумонҳо, алалхусус, тарҷумонҳои навқалам ҳангоми тарҷумаи чунин мавод аз он иборат аст, ки ногузир будани дар сатҳи ҷумла ва матн тарҷума шудани онҳоро ба назар намегиранд ва аз рӯи одати ҳамешагӣ ин гуна маводи тарҷумаро аксаран бо як роҳ - тарҷумаи таҳтуллафзӣ - баргардон мекунанд, ки дар натиҷа тарҷума сунъӣ ва ҳатто хандаовар мебарояд. Ин гуна мисолҳои начандон қобили қабулро дар воситаҳои ахбори умум мушоҳида кардан мумкин аст (*контакт – есть контакт - контакт – ҳаст контакт)*. Ҳол он ки дар ин гуна мавридҳо як матн як воҳиди тарҷумаро ташкил медиҳад ва тарҷума бояд дар сатҳи матн, яъне аз рӯи муҳтавои умумӣ бо калимаҳои гуногун сурат гирад. Масалан, дар даромадгоҳҳои ташкилоту муассисаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ одатан навишта мешавад: *ба бегонагон даромадан манъ аст – personnel only; сигор кашидан манъ аст – no smoking ва ғайра.*

Намунаи барҷастатарини ин сатҳи тарҷумаро дар мисоли тарҷумаи осори назм равшан мушоҳида кардан мумкин аст ва тарҷума дар сатҳи матн бештар дар раванди тарҷумаи назм хеле серистеъмол аст. Ин ҷо ба унвони мисол аз як рубоии Умари Хайём ва тарҷумаи англисии он ёдовар мешавем:

Эй дӯст биё, то ғами фардо нахӯрем,
В-ин якдама умрро ганимат шумарем.
Фардо, ки аз дайри фано дар гузарем,
Бо ҳафтҳазорсолагон сарбасарем.
Тарҷумаи Эдвард Фитсҷералд:
Oh, my Beloved, fill the Cup that clears
To-day of past Regrets and future Fears-
To-morrow? Why, To-morrow I may be
Myself with Yesterday's Sev'en Thousand Years

Чунон ки мебинем, миёни матнҳои мазкур дар сатҳи калима (ба истиснои ду калимаи хаткашида), ибора ва ҳатто ҷумла мутобиқати воҳидҳои забонро муқаррар кардан мумкин нест, зеро ҷумлаҳои ҷудогонаи матни тоҷикӣ дар алоҳидагӣ, берун аз матн, аз рӯи маъно муодил ҳисобида намешаванд ва кулли матн дар ин ҷо воҳиди тарҷума аст ва матнҳои ду забон хусусияти бадеӣ ва маъноии ба ҳам наздик доранд.

Ҳамин тариқ, чунон ки аз бознигарии ақидаҳои як қатор олимон бармеояд, воҳиди тарҷума метавонад дар шакли ҳама гуна воҳиди забон амал кунад ва ҳаҷму сохтори он аз овозҳои забон то ба кулли матнро (фонема, морфема, калима, ибора, ҷумла ва матн) дар бар гирад. Мусаллам аст, ки тарҷумонҳои навқалам бинобар надоштани таҷрибаи кофӣ дар асоси мундариҷаи матн ба масъалаи муайян намудани воҳиди тарҷума таваҷҷуҳ намекунанд ва дар натиҷа ба тарҷумаи калима ба калима даст зада, муҳтавои матнро коста мегардонанд.

Ташхис додани воҳиди тарҷума ба шакли фаъолияти тарҷумонӣ (хаттӣ ё шифоҳӣ будани он) низ вобастагии калон дорад, зеро дар тарҷумаи хаттӣ ва шифоҳии паиҳам ва ҳамзамон воҳиди тарҷума якхела буда наметавонад.

Хулоса, бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло, ба тариқи зайл таъриф кардани воҳиди тарҷума шояд ба мақсад мувофиқ бошад: Воҳиди тарҷума мансуби раванди тарҷума буда, воҳидҳои бахшҳои гуногуни дар матн маънои мустақилдоштаи забон ва нутқ ба шумор мераванд ва вобаста ба хаттӣ ё шифоҳӣ будани тарҷума дар ҳолатҳои мушаххас аз ҷониби тарҷумон муайян карда мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки маҳорати тарҷумон оид ба дуруст ташхис додани воҳиди тарҷума хеле муҳим аст ва ба сифати тарҷума таъсири бевосита мерасонад. Мафҳуми воҳиди тарҷума бо мафҳумҳои воҳидҳои забон ва муодилҳои тарҷумавӣ робитаи зич дорад.

АДАБИЁТ

1. Бархударов Л. С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода. Изд. 3-е. - М.: Издательство ЛКИ, 2010. – 240 с.
2. Бреус Е. В. Теория и практика перевода с английского языка на русский. М.: Изд-во УРАО, 2001. Ч. 1. 104 с.
3. Бродович О. И. Единица перевода: Онтология? Эвристика?//Мат-лы XXIX межвуз. научно-методич. конференции преподавателей и аспирантов. Вып. 8. Спб., 2000.
4. Виноградов В. С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы). М.: Издательство института общего среднего образования РАО, 2001. 224 с.
5. Гарбовский Н. К. Теория перевода: учебник. М.: Изд-во Моск. ун-та, 2007. – 544 с.
6. Жуков Д. А. Мы – переводчики. М.: Знание, 1975. 112 с.
7. Комиссаров В. Н. Слово о переводе. М.: Международные отношения, 1973. – 251 с.
8. Крупнов В. Н. В творческой лаборатории переводчика. М.: Международные отношения, 1976, 192 с.
9. Латышев Л. К. Курс перевода (эквивалентность перевода и способы ее достижения). М.: Международные отношения, 1981. 284 с.
10. Минченков А. Г. Проблема выделения единицы перевода и возможности ее решения в рамках когнитивно-эвристической модели//*Вестник Санкт-петербургского Университета. Серия 9: Филология. Востоковедение. Журналистика,* 2008, (Вып. 1, ч. 2), С. 162-166.
11. Миньяр-Белоручев Р. К. Теория и методы перевода. М., 1996.
12. Нуриев В. А. Единица перевода, единица ориентирования, переводема: различные подходы к определению одной категории//Известия Российского государственного педагогического университета им. А. И. Герцена. – Общественные и гуманитарные науки. №76-6, 2008. – С. 265-268.

13. Пушкина А. В. К вопросу о передаче единицы перевода на разных уровнях языка (на примере художественного произведения)//Международный научно-исследовательский журнал. №11 (65). Ч. 2, ноябрь. 2017. –С. 39-42.
14. Рецкер Я. И. Теория перевода и переводческая практика. Очерки лингвистической теории перевода/Доп. и комм. Д. И. Ермоловича. – 5-е изд., испр. И доп. – М.: Аудитория, 2016. – 244 с.
15. Степанов Ю. С. Французская стилистика. М, 1965. - 255 с.
16. Твердова Д. Г., Дронова Н. Л. Единица перевода//Научное сообщество студентов XXI столетия. Гуманитарные науки: сб. ст. по мат. V междунар. студ. науч. -практ. конф. № 5. URL: sibac. info/archive/humanities/5. pdf (дата обращения: 16. 01. 2019).
17. Черняховская Л. А. Перевод и смысловая структура / Л. А. Черняховская. М., 1976.
18. Швейцер А. Д. Перевод и лингвистика. М.: Воениздат, 1973. – 280 с.
19. Ширяев А. Ф. Синхронный перевод. М., 1979. – 183 с.
20. Bell R. Translation and Translating: Theory and Practice. – London & New York: Longman, 1991. – P. 29.
21. Haas, W. "The Theory of Translation", in The theory of Meaning. Edited by R. H. Parkinson. London: OUP, 1968.
22. Newmark, P. A Textbook of Translation /P. Newmark. - New York, 1988. - 292 p.
23. Routledge Encyclopedia of Translation Studies/Ed. by M. Baker – London and New York, 1998. - P. 286.
24. Vinay J. P., Darbelnet J.. Stylistique comparee du français et de l'anglais. Methode de traduction. Nouvelle edition revue et corrigee. P., 1965.

ЕДИНИЦА ПЕРЕВОДА И ЕДИНИЦА ЯЗЫКА

В настоящей статье анализируются и исследуются вопросы, связанные с понятием единицы перевода. Следует отметить, что само понятие единицы перевода в таджикском переводоведении не отражено должным образом, в то время как в русском и зарубежном переводоведении оно достаточно давно привлекает внимание ученых-лингвистов и перевдоведов, на ряд из которых будет указано в настоящей статье. Автор статьи проводит подробный анализ мнений исследователей относительно единицы перевода и указывает на различные позиции сторонников и противников выделения единиц перевода. Автор при рассмотрении данного вопроса также выражает свое отношение и выражает свою позицию относительно того или иного мнения ученых, в результате чего он либо принимает его позицию, либо отрицает его. Такое подтверждение или отрицание точек зрения ученых относительно рассматриваемого вопроса делается не на пустом месте и не без основы. Относительно своего высказанного мнения автор приводит свои доводы и подчеркивает, что процесс перевода является сложным психологическим процессом и может требовать нестандартные и нетрадиционные решения со стороны переводчика, особенно относительно отношения между единицей перевода и процессом перевода. Единица перевода, в самом деле, является одним из важных вопросов в теории перевода и имеет огромное значение для практике перевода. Пренебрегать вопросами, связанными с единицей перевода при изучении данного предмета, а также в самом переводческом процессе вообще, приводит не желаемым результатам, поскольку данное понятие тесно связано с такими понятиями, как переводческая эквивалентность, степень соответствия языковых единиц в отдельных случаях в процессе перевода. Следовательно, в статье особое внимание уделяется отношениям между единицей перевода и единицей языка. Автор в своих рассуждениях отмечает, что понятие единицы перевода относительное, и ученые по-разному рассматривают его, и невозможно подобрать единого и универсального подхода в отношении данного понятия. С этой точки зрения утверждения автора относительно соответствия единиц перевода единицам языка в конкретных случаях процесса перевода логически правильные.

Ключевые слова: *процесс перевода, единица перевода, переводоведение, английский язык, таджикский язык, единица языка, эквивалентность.*

THE UNIT OF TRANSLATION AND THE UNIT OF LANGUAGE

The article deals with the problem of unit of translation. It should be mentioned that the notion of the unit of translation is not well represented in the Tajiki translation studies yet, though it has been drawing western and Russian specialists` attention since very early times. This article mentions some of them. The author of the article analyzes the views of scientists concerning the unit of translation and points out the differences in the opinions of the followers and objectors of the notion in question. Considering the matter in question, the author also expresses his attitude and position towards the views of scientists, and as a result, he either accepts or denies them by presenting evidence and he proves that the process of translation

is a very difficult psychological process, and in certain cases, it demands non-standard and specific decisions to be made by translator, especially when the units of translation is concerned. The issue of unit of translation indeed is one of the important problems of Translation Theory and significantly affects the practice of translation. Ignoring the issues associate with unit of translation when learning translation skills and in the translation process itself leads to no positive results since it is connected with the notions such as inter-language equivalence in terms of translation, degrees of correspondence in the units of language in the translation process. Therefore, the article pays close attention to the relation between Units of Translation and Units of Language. The author points out that the notion of Unit of Translation is not an absolute notion, and the researchers have different attitude and opinion towards it. It is too hard to try to resolve the issue by a one or two opinions or universal units. Therefore, the conclusions made by the author concerning the correspondence between the units of translation and units of language is logically correct and to the point.

Keywords: *translation process, translation unit, translation studies, English Language, Tajik Language, Unit of Language, equivalence*

Сведения об авторе:

Турсунов Фаёзджон Мелибоевич *– доктор филологических наук, профессор кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Тел. : 2325003; 935772037; адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Ф. Мухаммадиева, 17/6; эл. почта: fayzbakhsh@rambler. ru*

About the autor:

Tursunov Fayoz Meliboevich *– Doctor of Philological Sciences, Professor of the Chair of Comparative Linguistics and Translation Theory of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Тел. : 2325003; 935772037; address: 734019, 17/6-Muhammadiev Street, Dushanbe City; email: fayzbakhsh@rambler. ru*

МУҚОИСАИ ҚОЛАБҲОИ РЕФЛЕКСИВИИ МАФЪУЛ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Сайфуллоева Х. Г., Холова Ш. Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Оид ба муқоисаи таъйиният бо пассив дар забони муосири олмонӣ бисёр забоншиносон андешаҳои худро баён кардаанд (А. М. Горлатов, М. М. Гухманн, W. Abraham, J. Buscha, G. Helbig, H. Brinkmann ва дигарон). Аммо вобаста ба он, ки кадом ибораҳои рефлексивиро аз лиҳози маъно ба пассив наздик шуморидан мумкин аст, дар забоншиносӣ дидгоҳҳои гуногунтарин изҳор карда шудаанд, зеро «бо ёрии шакли таъйинӣ, - чунон ки Л. С. Лашкарадзе одилона зикр намудааст, - тобишҳои мухталифи амал ифода ёфтан метавонад, аз амали фаъолона, ки субъект нисбат ба худ анҷом медиҳад, то ҳолате, ки сабаби берунӣ онро бармеангезад» (А. С. Лашкарадзе, 1953).

Ба наздикии ибораҳои рефлексивӣ бо категорияи грамматикии тарзи мафъул, масалан, А. М. Горлатов ишора мекунад. Вале ӯ оид ба мушобеҳати пурраи онҳо сухан намегӯяд, чунки «маънои ибораҳои рефлексивӣ бештар метавонад бо хусусияти мубтадо ва шартҳои матн муайян карда шавад» (Горлатов, 1994). Дар асари худ А. М. Горлатов пешниҳод мекунад, ки ибораҳои рефлексивии забони муосири олмонӣ, ки метавонанд дар муқоиса бо пассивиҳо баррасӣ гарданд, «ибораҳои таъйинӣ-пассивӣ» номида шаванд.

Ба ибораҳои шомили *sich,* ки шаклҳои рефлексивӣ ё ибораҳои таъйинӣ-пассивӣ меноманд, ба таври анъана асосан мулоҳизаи дорои муайянкунандаҳои баҳодиҳиро мансуб медиҳанд, ки онҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) ибораҳои дорои *sich* + феъли фаъоли дорои субъекти нофаъол*;* 2) ибораҳои ғайришахсии *sich ё sich lassen; 3)* ибораҳои дорои *sich* + *lassen* + *Infinitiv.* Ҳангоми тавсифи ибораҳои мазкур истилоҳоти гунонун корбаст мешаванд: passivisches Reflexiv (Г. Бринкман), Reflexiv-Passiv (К. Бринкер), Medioreflexiv (Г. Науман), die einfache Medialfugung (Ю. Кунтсе), ибораҳои зиддипассив (С. Шубик), ибораҳои фаъоли дорои ҷонишини нофаъол (Е. И. Шенделс). Одатан ҳама гурӯҳҳои дар боло овардашударо ба

ҳошияи майдони пассивият мансуб ба шумор меоранд.

Ибораҳои дорои sich + феъли фаъоли дорои субъекти нофаъол

Ба ин гурӯҳ чун анъана сохторҳои анвои зерин мутааллиқ дониста мешаванд:

1. Die Tür öffnet sich.

2. *Das Buch liest sich leicht.*

Масалан, Г. В. Озеров, ки майдони пассиви забони муосири олмониро пажӯҳиш кардааст, ҳошияи ин майдонро чудо менамояд, ки тибқи нуқтаи назари вай, ибораҳои мазкур дар он мавқеъ гирифтаанд. Ин ибораҳо, мувофиқи нуқтаи назари вай, ба пассив майлон доранд, бо вуҷуди он, ки пассивияти онҳо шубҳанок аст. Ба ақидаи вай, феълҳои дорои sich дар ибораҳои: *Die Tür öffnet sich, Das Buch verkauft sich gut* метавонанд чунин тобишҳои маънои пассивиро ифода кунанд, ки онҳо ифода шудан наметавонанд ё дар шакли пассив вуҷуд надоранд (Озеров, 1971).

Х. Науман низ ҳамин ақидаро ҷонибдорӣ менамояд. Қаробати ибораи таъйинии пассивро, масалан, ӯ дар он мебинад, ки субъекти грамматикии ҳар ду ибора объекти амали феъл мебошад ва чунин меҳисобад, ки дар асоси ин, шакли таъйинӣ ҳам ба андозаи муайян мафъул ва ҳато «худмафъул» аст (Науман, 1952).

Ғайр аз ин, М. М. Гухман махсусияти шакли таъйиниро дар робитаи он бо субъекти ғайрифаъоли ҷумла мебинад. Маҳз ҳамин аломатро вай ҳамчун умумӣ барои ибораи таъйинӣ ва пассив мепазирад. Вай таъкид мекунад, ки дар ин ва он ибора амали феъл бо доираи субъекти грамматикӣ маҳдуд мешавад ва дар ҳар ду ҳолат ба истилоҳ «интранзитиватсия» ба амал меояд (Гухман, 1948).

Барои он ки мувофиқати ибораҳои мазкур бо пассив ошкор гардонда шавад, забоншиносон ҷумлаҳои зеринро муқоиса менамоянд: *1. Die Tür öffnet sich. - 2. Die Tür wird geöffnet.* Аз дидгоҳи онҳо, дар ҳар ду ибора нақши мубтадоро объекти амал мебозад ва зимнан ҳам дар ҷумлаи якум ҳам дар ҷумлаи дувум ин амал ба муаррифии шахси амалкунанда вобаста карда мешавад.

Дар чунин ибораҳо субъекти грамматикӣ бо аломати семантикии объект, ки амал ба он мансуб дониста мешавад, тавъам мегардад. Дар ибораҳои дорои *sich* шахси амалкунанда номида намешавад, аммо робита бо он бидуни зерматни васеъ низ дарк карда мешавад, чунки феълҳои *öffnen, lesen, verkaufen* бо инсон айният дода мешаванд, зеро дар пушти ҳар амали аз тариқи хабари ин ибораҳо ифодаёфта инсон меистад. Аммо ин ҳанӯз барои оид ба муродиф будани сохторҳо асос намедиҳад: *Die Tür öffnet sich - Die Tür wird geöffnet,* чунки *sich* амалро бо доираи субъекти грамматикӣ маҳдуд мегардонад ва имконияти тамоили амалро ба объекти беруна истисно мекунад, дар ҳоле ки сохтори пассивӣ мустақиман ба он ишора мекунад, ки кадом объект ба таъсир дучор карда мешавад.

Аллакай дар грамматикаи Дуден, чунон ки ба назари мо метобад, фарқияти асосии байни ибораҳои «таъйинӣ-пассивӣ» ва ибораҳои пассивӣ оварда мешавад, ин фарқият аз он иборат аст, ки дар ибораҳои рефлексивӣ, бо тафовут аз пассивӣ, агенс номбар шудан наметавонад. Ҳақиқтан ҳам дар ибораи *Die Tür wird geöffnet* метавонад ба осонӣ агенс гузошта шавад, масалан: *Die Tür wird von meiner Mutter geöffnet (Дар аз ҷониби модарам кушода мешавад),* ин ақидаеро тасдиқ менамояд, ки сухан роҷеъ ба амал меравад. Чунин агенс гузоштан ба сохтори *Die Tür öffnet sich* номумкин аст, чунки дар ин ҷо ҳодиса дигар ҳамчун амал идрок карда намешавад. Аз ин сабаб баъзе забоншиносон (В. Г. Адмони, В. Г. Гулига, Е. И. Шенделс ва В. Шмидт) ҳаққанд, чун тасдиқ менамоянд, ки дар ибораи зикркардашуда *(Die Tür öffnet sich)* маънои пасивӣ вуҷуд надорад. Вале онҳо дар ибораҳое аз қабили: *Das Buch liest sich leicht. Die Ware verkauft sich gut* маънои рефлексивӣ-пассивӣ дармеёбанд ва ин сарфи назар аз он, ки Е. И. Шенделс воқеиятеро таъкид мекунад, ки дар пассив амалкунанда ба таври имплитивӣ ҳузур дорад, бинобар ин амал аз берун рӯй медиҳад, дар ҳоле ки дар сохторҳои шомили *sich* муаррифии шахс мавҷуд нест. Аммо, новобаста аз ин, вай бо худ ихтилоф меварзад, чунки мисли забоншиносони номбаршуда ибораҳои дорои муайянкунандаи баҳодиҳиро ба пассивиҳо баробар месозад (Шенделс, 1970).

Бо чунин тафсир розӣ шудан мушкил аст, чунки дар ибораи пассивӣ мо на танҳо субъекти амалкунандаро ба назар мегирем, балки инчунин метавонем онро ҳангоми зарурат дар мулоҳиза ҷойгир созем, ҳол он ки дар мавриди ибораи дорои *sich* мо онро пурра истисно

мекунем. Дар он ҷое, ки субъекти амалкунанда умуман вуҷуд надорад, амал вуҷуд надорад, пас дар он пассивият низ мавҷуд нест.

Зӯр. Решаи ин вожаи авастоӣ zūran буда, ба забони паҳлавӣ дар шакли zūr [8, с. 331] корбурд мешудааст ва имрӯз низ дар шакли зӯр мавриди истифода қарор дорад. Мисолҳо: Гӯё худои карим тақдири ҳар касро аз рӯзи азал муайян намуда, ӯро мувофиқи ҳамон хости худ доро ё нодор, фармондеҳ ё фармонбар, зӯр ё камзӯр наофарида бошад [6, с. 87].

Абрӯ//абрувон. Маънои ин вожагони маъруфи тоҷикӣ аслан ниёз ба шарҳу тавзеҳ надорад. Аммо муайян кардани решаи аслии он ҷолиб аст. Муҳаққиқ Манучеҳри Ориёнпури Кошонӣ решаи ҳиндуаврупоӣ доштани ин вожаро дар зимни таҳқиқоти арзишманди худ мушаххас намуда, дар забонҳои эронӣ ва дигар забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ шаклҳои ба ҳам наздик вуҷуд доштани онро ишора мекунад [8, с. 77-78]. Аз маводи китоби ин муҳаққиқ муайян мегардад, ки вожаи «абрӯ» дар забонҳои санскрит – bhrūh, bhrūs, авестоӣ – bravat, паҳлавӣ – brūg, brūk, юнонӣ – ophrys русӣ – brov ирландии миёна - - bhrfud, испанӣ – bhrūi, beso, олмонии куҳан – brūs, brāwa, англисии куҳан – bhrū, ofarbrū талаффуз мешудааст [8, с. 77-78]. Ба забони тоҷикӣ ин вожа аз забонҳои форсии куҳан ва паҳлавӣ бо андаке тағйироти овоӣ дар шакли абрӯ//абрувон гузаштааст, аз ин рӯ, вожаи аслии тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Дар романи «Се рӯзи як баҳор» вожаи «абрӯ» дар алоҳидагӣ як бор ва дар шакли ҷамъ – абрувон дар 8 маврид истифода шудааст. Мисолҳо: Ва баъде ки хизматгораш дасти ӯро зуд аз кушод, бештар абру барҳам кашида, ғурунгид: – Ба ту ҷавоб... [6, с. 147]. Ӯ ҳоло туфангашро дар миёни пойҳои дароз ва бақуввати худ ба ду даст маҳкам дошта, хаёломез ба самте

чашм медӯхт, ки аз он ҷо, паст бошад ҳам, садои дарё меомад. Чеҳраи гандумгунаш ҷиддӣ, китфони паҳнаш андак хам ва абрувонаш гиреҳ буданд [6, с. 117]. Нохост нигоҳи Усмон Азиз дар як нуқта қарор гирифта, ба абрувонаш гиреҳ афтид [6, с. 135]. Чашмони калон-калони вай дар зери абрувони сиёҳи ғафсаш равшан ва хеле зинда метофтанд [6, с. 224].

Чунин шеваи таҳқиқро метавон дар мисоли бисёре аз вожаҳои аслии тоҷикӣ, ки дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун истифода шудаанд, идома дод, аммо чунонки дар боло ишора кардем, ҳаҷми мақола барои таҳқиқи густарда имкон намедиҳад.

Аз баррасии фишурдаи решаҳои аслии вожагони аслии тоҷикӣ (дар мисоли забони романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун), ки дар ин мақола сурат гирифт, метавон ба чунин хулосаҳо расид:

1. Бахше аз вожаҳои аслии тоҷикӣ, ки дар забони навиштор ва гуфтории тоҷик мавҷуданд, решаҳои бисёр қадима дошта, аз сарчашмаи куҳан ибтидо мегиранд ва дар забонҳои гуногуни оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ бо тафовути андаки овоӣ ҳанӯз вуҷуд доранд.

2. Ба забони тоҷикӣ вожаҳои аслӣ мустақиман аз забонҳои эронии қадим, аз ҷумла забонҳои авестоӣ, паҳлавӣ ва суғдӣ бо андаке тафовути овоӣ ва гоҳо айнан гузаштаанд.

3. Нависанда Саттор Турсун дар истифодаи вожаҳои аслии тоҷикӣ маҳорати баланди забонфаҳмӣ дошта, ҳам вожаҳои аслӣ ва ҳам калимаҳои мураккаби аз онҳо сохташударо дар романаш бамавқеъ истифода бурдааст.

АДАБИЁТ

1. Ғаффоров, Р. Калимаҳои антонимӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо / Р. Ғаффоров // Мактаби советӣ, 1977, № 12. – С. 25–27. с. 5 «А».
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе, 1973. – 458 с.
3. Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Қисми 1. / М. Н. Қосимова. –Душанбе, 2003. – 490 с.
4. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. –Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. –243 с.
5. Муҳаммадиев, М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 63 с.
6. Саттор Турсун. Мунтахаби осор. – Душанбе: Адиб, 2013. 560 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, ҷилди 1. –1969. –951 с.
8. کاشانی منوچهر آریان پور. فرهنگ ریشه های هند و اروپایی زبان فارسی، جهاد دانشگاهی ۵۴۶.۱۳۸۴ ص.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ИСКОННЫХ ТАДЖИКСКИХ СЛОВ В РОМАНЕ «ТРИ ДНЯ ОДНОЙ ВЕСНЫ»

В статье рассматривается употребление исконных таджикских слов в романе «Три дня одной весны», которые широко используются в современном таджикском литературном языке. Автор отмечает, что указанные слова имеют древние корни и встречаются в некоторых индоевропейской языках с не небольшими отличиями. Установлено, что исконные слова в романе используются с большим мастерством, которые помогают писателю создать колорит той эпохи, о которой он рассказывает.

Ключевые слова: *«Три дня одной весны», роман, повести, рассказы, таджикский язык*

USE OF NATIVE TAJIK WORDS IN THE NOVEL «THREE DAYS OF ONE SPRING»

The article analyzes the use of native Tajik words in the novel «Three days of one spring», which are widely used in modern Tajik literary language. The author notes that these words have ancient roots and are found in some Indo-European languages with no small differences. It has been established that the original words in the novel are used with great skill, which help the writer create a colour of the era about which he tells.

Keywords: *"Three days of one spring", novel, novels, short stories, Tajik language.*

Сведения об авторе:

Темирова Шужоат *- старший преподаватель кафедры таджикского языка Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, тел. : 927758501*

About the author:

Temirova Shujoat *- Senior Lecturer, Tajik Language Department, Khujand State University named after Academician Bobodjon Gafurov, tel. : 927758501*

ФАРҲАНГНИГОРИИ ТАРҶУМАВӢ ВА ВИЖАГИҲОИ ОН

Шокиров Т. С.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Аҳмадҷонова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Фарҳангнигорӣ яке аз қадимтарин соҳаҳои забоншиноси тоҷик буда, дерест, ки маҳз барои баланд бардоштани дараҷаи забондониву забонфаҳмии аҳли ҷомеа хизмат мекунад. Онро дар Аврупо бо истилоҳи байналмилалии лексикография ифода менамоянд. Фарҳангнигорӣ дар Шарқ нисбат ба Аврупо хеле барвақттар арзи вуҷуд карда, бо номи луғатнигорӣ, луғатсозӣ низ маълум аст ва барои боло рафтани маънавиёту тамаддуни мардум саҳми зиёд гузоштааст. Аз ин ҷост, ки дар рушди тафаккур ва маърифати фарду ҷомеа фарҳанг, яъне луғат(словарь) саҳми махсус дорад ва муқаддамтарин сарчашмаи маърифатнокии шахс маҳсуб меёбад»[19, 36]. Фарҳангнигориро ба тафсирию тарҷумавӣ ҷудо намудаанд[2, 36; 4, 24; 6, 16; 14, 8]. Намуди дигари фарҳанг низ мавҷуд аст, ки ҳарду вазифаро иҷро менамояд ва онро фарҳанги омехта ё тафсирию тарҷумавӣ номидан дуруст аст. Вале нахустин фарҳангномаи то замони мо маълум **Frahang I oim-ewak «Фарҳанги авестоӣ ба паҳлавӣ»** мебошад, ки мансуби аҳди Сосониён буда, ба шарҳу эзоҳи луғату истилоҳоти давр ва тавзеҳи унсурҳои грамматикаи забони авестоӣ оид аст. Пажӯҳишгари таърихи забони тоҷикӣ Д. Саймуддинов доир ба ин луғат бо такя ба ақоиди уламои пешин менависад, ки «Фарҳангнома якҷо бо ташреҳи луғату истилоҳот масоили грамматикаи забони авестоиро низ фаро мегирад. Нигоранда мухтасари грамматикаи забони Авесторо дар мисоли чанде аз категорияҳои морфологии ҷинсият, шумора, ҳолатҳо (падежҳо) ва тасрифи феъл ба форсии миёна ташреҳ намудааст. Аз ин рӯ ин фарҳангро метавон нахустин намуна аз таърихи дастурнависӣ дар суннати аҳди Сосонӣ номид» [13, 62].

“Фарҳанги Оим-евак” фарҳангест, ки унвонаш аз калимаи авастоии **I oim** - “як” ва муодили паҳлавии он- **ewak** «як» гирифта шудааст. Фарҳанги дузабонаи авастоӣ -паҳлавӣ, яке аз осори лексикографии забони форсии миёна буда, соли таълиф ва мураттиби он маълум нест. Фарҳанг бо ҳуруфи авастоӣ ва паҳлавӣ китобат шуда, 1000 калимаи авастоӣ, 2250 калимаи паҳлавӣ, 833 калимаи бегона (оромӣ) ва 24 калимаи позандро фаро гирифтааст. Он аз 27 боб иборат буда, бобҳои 1-4 мавзӯӣ буда, 5-24 аз рӯи алифбои авастоӣ мураттаб гардида, калимаҳо аз як забон ба забони дигар баргардон шудаанд[3, 9].

Олимон бар ин ақидаанд, ки дар ин давра ва то ба тасарруфи арабҳо дохил шудани мардуми форсизабон ёдгориҳои маънавии хаттӣ бо таъсири илми юнонӣ таълиф мегардидаанд[17, 26; 18, 3197].

Олимони ватанию хориҷӣ С. Айнӣ, Сайид Нафисӣ, Содиқи Киё, Шаҳриёри Нақавӣ, Е. Э. Бертелс, С. И. Баевский, З. Н. Ворожейкина, В. А. Рубинчик, М. Фозилов, В.Капранов, Ҳ. Раупов, Ҳ.Аҳадов, А.М.Отахонова, А. Нуров, А. Воҳидов, Т. Шокиров, С. Мамадназаров ва дигарон масъалаҳои таърихи фарҳангнигорӣ, аҳамияту арзиши фарҳангҳои тафсирию тарҷумавии даврони гуногунро ба таҳқиқ кашида, мулоҳизаҳои судманде арз доштаанд. Аз ҷумла академик Бертелс Е. Э. бо омӯзиши фарҳангномаҳои Шарқи форсу араб машғул гашта, ба хулосае омадааст, ки фарҳангнигории форсӣ ба лексикографияи араб таъсири назаррасе расонида, боиси рушди он гардидааст[4]. Баъдтар бо «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ [2] шинос шуда, мақолаи калоне бо номи «Пути создания таджикских словарей» навишта, андешаҳояшро баён кардааст[5, 177-194].

Баъдтар С. Айнӣ, Т. Зеҳнӣ ва дигарон оид ба луғатнигорию фарҳангномаҳо фикру ақидаҳояшонро иброз доштаанд ва ҳамаи онҳо дар китоби В. Капранов таҳлили худро ёфтаанд. Ин муҳаққиқи нахустин фарҳангномаи то замони мо расида “Луғати фурс”-и Асадии Тӯсӣ профессор Капранов В. [8] пажӯҳишашро давом дода, вазъи фарҳангнигории тоҷикро дар ҳавзаи Ҳинди асрҳои 16-19 хеле муфассал баррасӣ карда, ақидаи олимони пешинро, ки аз асри Х то имрӯз бештар аз 250 луғати мукаммалу номукаммал расидааст мегуфтанд, тасдиқ

кард.

Покистоншинос Ғаффоров А. соли 1977 китобаш “Назми порсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX”-ро аз дасти чоп баровард, ки дар он ҷо низ бархе аз фарҳангҳои ҳавзаи Ҳинду Покистон баррасӣ шудаанд.

Солҳои 1981 ва 1987 шарқшиноси рус Баевский С. И. Средневековая персидская лексикография ва “Ранняя персидская лексикография X1-XV” в в. [2]-ро интишор намуд, ки тадқиқоти муфассалест оид ба мавзӯи фарҳангнигорӣ.

Яке аз фарҳангномашиносони варзидаи тоҷик Ҳ. Рауфов дуруст навиштааст, ки «Фарҳангҳои қадимаи тоҷикӣ аз баъзе ҷиҳатҳо хусусияти энциклопедӣ доранд. Дар онҳо на фақат инкишофи таърихии лексикаи забони тоҷикӣ инъикос ёфтааст, балки бисьёр воқеаҳои таърихӣ, адабӣ ва ғайра муфассалан баён шудаанд.

Фарҳангҳои қадимаи тоҷикиро ҳамчун сарчашмаҳои адабӣ низ истифода кардан мумкин аст. Сохтани луғатҳои истилоҳии соҳаҳои

гуногуни илм ва ба ин восита ба тартибу нормаҳои муайян андохтани истилоҳоти илмӣ аз масъалаҳои аввалини ҳаёти имрӯза ба шумор мераванд”[12, 6]. Воқеан ҳам фарҳангномаҳои қадима барои ҳалли ин гуна масъалаҳо аз бисьёр ҷиҳат кӯмак расонида метавонанд. Ба ин гуна фарҳангҳо ба таври танқидӣ назар намуда, аз онҳо самаранок фоида бурда тавонистан лозим аст. Бе истифода аз ин гуна луғатҳо инкишофи таърихии забони тоҷикиро тасаввур кардан имкон надорад. Фарҳангҳои қадима дар кори муайян сохтани рушди таърихии забон аҳамияти хоса доранд.

Фарҳангшиноси номӣ Воҳидов А. дар чанд нашри китоби лексикографиаш оид ба ин масъала ибрози андеша доштааст[7]. Минбаъд низ омӯзиши фарҳангномаҳо идома ёфта, ҷанбаҳои гуногуни фарҳангҳои тафсирӣ, тарҷумавӣ ва ғ. баррасӣ гардидаанд[8].

Аксари муҳаққиқон таъкид доштаанд, ки барои мардуми ориёитабор аз қадим фарҳанг мақоми махсус дорад. Маълум аст, ки фарҳангномаи тарҷумавӣ **дузабонаву бисёрзабона** мешавад. Албатта ҳамеша аввал фарҳанги дузабона пайдо мешаваду ба таълифи бисёрзабона асосу сарчашма мегардад.

Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ фарҳангҳои тарҷумавӣ аз замонҳои қадим дар байни мардуми минтақаи Ҳинду Хитой маъмул будааст(7, 14). Дар забони тоҷикӣ луғатҳои тарҷумавии форсию юнонӣ, арабию юнонӣ ва форсиву ҳиндӣ маълум аст, ки таърихи зиёда аз панҷҳазорсола доранд ва инро тақозои равобиту муносибатҳои ин мардум донистан лозим аст. Аз асри IX «Шомил-ул-луғот» ном фарҳанги форсию туркӣ бокӣ мондааст, ки таҳияи онро бо номи Қароҳисорӣ вобаста медонанд. Баъди истилои арабҳо луғатнигорони тоҷикро зарурате пеш омад, ки бештар бо таҳияи фарҳангҳои форсию арабӣ ва арабию форсӣ машғул гарданд. Дар натиҷа асри 11 Абулфазли Байҳакӣ, Сӯзанӣ, Адиби Натанзӣ луғатҳои арабию форсиро ба табъ расониданд. Хусусан аз асрҳои 12-13 фарҳангнигорӣ ривоҷ ёфта, Абулқосим Муҳаммад Замахшарии Хоразмӣ «Китоб-ас-самӣ-фи-л- ассамӣ», Абулфазли Майдонии Нишопурӣ «Тоҷ-ул- масодир»-ро таҳия намуданд. Абӯ Ҷаъфари Байҳақӣ, Муҳаммад Рашидаддини Ватвот ва дигарон низ фарҳангномаҳои тарҷумавии худро ба вуҷуд оварданд. Асри 13 дар Осиёи Марказӣ ва Систон «Сиҳаҳ-ул фурс»-и Абӯнасри Ҷавҳарӣ ба табъ расидааст. Дар ҳамин давра «Муҳзиб-ал- асмо» ва луғати арабию форсии муназзами Абунасри Фарохӣ бо номи «Нисоб-ус-сибён» ба хизмати мардум пешкаш карда шуд, ки дуюмӣ калимаҳои арабиро ба форсӣ бо назм шарҳу тарҷума мекунад.

Фахриддин ибни Санҷар ибни Абуллоҳи Нахҷувонӣ бо унвони «Сиҳоҳ-ул-Аҷам» луғати дузабонаи форсӣ-озарбойҷониро мураттаб сохтааст, ки гоҳо онро бо «Сиҳоҳ-ул-фурс» як меҳисобанд[8, 45]. Дар китоби мазкур ба забонҳои озарбойҷонӣ ва арабӣ очерки грамматикии забони форсӣ-тоҷикӣ низ ҷой дода шудааст. Ин китоб дар асоси лугати «Тоҷ-ул-луғот» (Сиҳоҳ-ул-арабия)-и Ҷавҳарӣ, ки луғатнависи машҳури асри X-и араб аст, сохта шудааст. Дар ин китоби Ҷавҳарӣ асосан калимаҳои арабӣ ва туркӣ (қисман форсӣ-тоҷикӣ) тарҷума ва тафсир шудаанд.

Асри 14 Муҳаммад ал-Холиқ Маъруфи Гелонӣ «Канз-ул-луғот»-ро офарид. Ин ҳама заминаи хубе гардид, барои рушди таҳияи луғатнигории тарҷумавӣ ва ҳамон тавре, ки

олимони рус Баевский С. И.[2] ва Пейсиков Л. С.[10, 7], Рубинчик Ю.[11, 14] қайд мекунанд, дар асри 15 тартиб додани луғати форсӣ- туркӣ авҷ гирифта, «Шамил-ал- луғат» –и Ҳасани Ҳисорӣ, «Луғати Ҳалимӣ»(1511), «Луғати Неъматулло»(а. 16), «Дастур-ал-амал»-и Риёзии Афандӣ(а. 17) арзи вуҷуд карданд. Абдулқодири Бағдодӣ соли 1667 «Фарҳанги Шоҳнома» ном асаре офарид, ки бо вуҷуди ба достони «Шоҳнома" вобаста будани номи китоб дар он мураттиб вожаҳои ин шоҳасари ҷаҳониро ба забони форсӣ туркӣ тарҷума кардааст. «Фирҳанги Шуурӣ» низ форсӣ ба туркист (соли таълифаш 1667).

Минбаъд маркази фарҳангнигорӣ ба Ҳиндустон расид, вале дар ин ҷо асосан фарҳангҳои тафсирӣ таҳия мешуданд.

Соли 1600 фарҳанги "Маҷмаъ -ул - фурс"- и Сурурӣ манзур мегардад, ки дар ҳошияаш тарҷумаи қариб 50 калимаи русӣ низ ҷой дода шудааст.

Яке аз сарчашмаҳои луғати дузабонаи форсӣ-туркӣ (1665), ки "Фарҳанги туркӣ" ном дорад, аз фарҳанги "Зуфонгуё" истифода кардааст. Дар даврaҳои минбаъда низ фарҳангнависони шарқ ин луғатро номбар кардаанд. Масалан, шаркшиноси асри 19-и рус В. В. Кушев дар китоби худ "Очерки афганской письменной культуры" (Очеркҳо оид ба маданияти хаттии афғонӣ), фарҳанги "Зуфонгуё"-ро асосу заминаи луғатҳои бисёрзабонаи ҳиндӣ, пашту, форсӣ, арабӣ ҳисобидааст. Дар "Аҷоиб-ул-луғот", ки соли 1228/1813 аз тарафи Муҳаммад Илохайрхон таҳия шудааст, низ ин луғатро ҳамчун сарчашма барои фарҳангҳои минбаъда номбар мекунад. Фарҳанги "Зуфонгуё" лексикаи умумистеъмолӣ ва архаистиро, ки қабатҳои гуногуни забони тоҷикӣ-форсиро ташкил мекунад, фаро гирифтааст. Мураттиби фарҳанг яке аз аввалинҳо шуда, таркиби луғавии забонро ба гурӯҳҳо (бахшҳо) тақсим карда, кӯшиши аз ҷиҳати баромад (этимология) муайян кардани онҳоро кардааст. Ӯ калимаҳои арабӣ, туркӣ ва юнониро алоҳида-алоҳида ҷой додааст.

Дар соли 1832 Муҳаммад Кишурӣ 18000 калимаи тоҷикиро ба урду баргадонида китобе бо номи «Луғати Кишурӣ» ба табъ рсонидааст, ки он ҳам вижагии тафсирӣ низ дорад. Чанде пас бо иловаю такмили луғавӣ Алӣ Носири Нисорӣ ҳамчунин фарҳанги тоҷикӣ- урдуро бо унвони «Носир-ул-луғот» чоп кардааст.

Соли 1870 Атоуллоҳи Лангарӣ дар фарҳанги худ «Нафоис-ул-луғот» бештар аз 15 ҳазор калимаи урдуро ба тоҷикӣ баргардонида, дар Лоҳур интишор медиҳад, ки ин аз барҷову соҳибэътибор будани забони тоҷикӣ дар Ҳинду Покистон шаҳодат медиҳад. Абдурраҳим Аҳмади Сури Биҳорӣ дар «Кашф ул-луғот ва -л-истилоҳот» истилоҳоту вожаҳои арабиро ба форсӣ баргардонидааст (1608). Дар асри 18-19 дар Покистон фарҳангҳои тафсирию тарҷумавии зиёд ба табъ расидаанд, вале мутаассифона мавриди баррасӣ нагардидаанд ва ҳол онки омӯзиши онҳо аз аҳамият орӣ нахоҳад буд.

Дар асри 19 ва ибтидои 20 чандин фарҳанги тарҷумавиии дузабонаву бисёрзабона интишор ёфтанд[13, 56], ки фарогири калимаҳои забони тоҷикианд. Вуллерс И. А., солҳои 1855-1864 дар 2 ҷилд «Фарҳанги решашиносии (этимологии) форсӣ-лотинӣ» (Vullers J.A. Lexicon Pcrsico-Latinum Etimologicum. T. 1-2, Bonnaead Rhenum) таҳия намуда, манзури ҳаводорон сохтааст, ки хеле қиммати зиёди илмӣ дорад.

Asa H. J. –Haug M. луғати вожаю таркибҳои зандиро ба паҳлавӣ баргадонида(An Old Zand- Pahlavi Glossary), соли 1867 дар Бомбай-Лондон ва китоби баръакси он –паҳлавию позанд(An Old Pahlavi - Pozand- Glossary)-ро соли 1870 дар ҳамон ҷо аз чоп бароврдааст.

Наливкнн В. Ф. калимаҳои гуфтугӯии мардуми Осиёи Марказиро гард оварда, баргардони забони русӣ намуда, соли 1889 дар шаҳри Петербург чоп кардааст («*Р*усско-персидский словарь по наречиям Туркестанского края»), ки маводи зиёди этимологиву шевашиносиро дорост.

Солҳои баъд фарҳангҳои дигар низ ба табъ расидаанд:Стейнгас Ф. Персидско-английский словарь. 1892.

Ягелло И.Д. Полный персидско-арабско-русский словарь. -Ташкент. 1910.

Хатымтаев Ш. Краткий русско-таджикский словарь. -Ташкент, 1913.

Гаффаров М. Персидско-русский словарь: в 2 т. - **М.:** Т. 1, 1914, т. 2. 1927 ва ғ. Аксари ин фарҳангномаҳо интизори пажӯҳиши фарогиранд, зеро фарҳангнигорӣ яке аз бахшҳои

муҳимтарини маданияти хаттии асри миёна буда, бисёр саҳифаҳои бозношудаи забоншиносии миллӣ ва муқоисавиро равшан хоҳанд кард. Он феҳрасте, ки академик К. Г.Залеман соли 1887 тартиб додааст, 180 фарҳанги тафсириро дарбар гирифтааст.

Дар рӯихати фарҳангҳои тафсирие, ки Саид Нафисӣ соли 1951 тартиб дода, ба 202 асар номгӯй шудааст. БаевскийС. А. 250 нусхаи мавҷударо маълумот медиҳад. Ба пиндори Капранов, Ҳ. Рауфов, А Нуров, А. Воҳидов шумораи чунин асарҳо аз 300 бештар аст. Воқеан ҳам бешубҳа алҳол шумораи зиёди фарҳангномаҳои гуногун сӯхтаву нобуд шудаву дар китобхонаҳои шахсӣ номаълум мондааст, ки шояд рӯзе маълум гардад. Дар китобхонаҳои калонтарини ҷаҳон низ баробари миқдори зиёди фарҳангҳои машҳур ба мисли “Луғати фурс”, “Фарҳанги Фахри Қаввос”, “Сиҳоҳ-ул-фурс”, “Меъёри Ҷамолӣ”, “Дастур-ул-афозил”, «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот» ва ғ. нусхаҳои дастнорасидае кам нестанд, ки пайдо кардану пажӯҳиданашон кори ояндааст. Ин ҳама имкон медиҳад бигӯем, ки фарҳангномаҳо ганҷинаи такрорнашавандаи тамаддуни хаттианд ва онҳо аз лиҳозии сохтор ва фарогирии маводи забонӣ вижагиҳои умумию фардиро дороанд. Ба луғатномаҳо на танҳо чун ба китоб оид ба маънои калима муносибат бояд кард. Баръакс ба он чун сарчашма ва маъвои нурпоши ақлу тафаккур, одоб, дониш, илм ва маърифат назар бояд намуд. Махсусан, дар Шарқ то садаи XX сарчашмаи асосии андӯхтани илму маърифат маҳз фарҳангнома будааст.

Дар Ғарб бошад, аввалин луғати забони форсӣ- англисӣ асри 13 пайдо шудааст. Нахустин луғати англисию русӣ ба асри 19 рост меояд.

Таҳияи луғатҳои тарҷумавии забони форсӣ ва яке аз забонҳои Ғарб дар Аврупо аз асри XVII ибтидо гирифтааст, зеро дар ин давра ба забонҳои аврупоӣ баргадонидани осори классикони адабиёти форс- тоҷик авҷ мегирад, ки ин, ба назари мо, зарурати таҳияи чунин луғатро ба вуҷуд овардааст.

Соли 1669 Фарҳангнигори ҳоландӣ Якоб Ҳолиус яке аз нахустинҳо шуда, луғати тарҷумавии форсӣ - лотинӣ таҳия намуда, дар Лондон нашр мекунад. Худи ҳамон сол дар Лондон фарҳанги ҳафтзабона аз чоп мебарояд, ки забони форсиро низ шомил буд. Соли 1780 дар Вена бо эҳтимоми Ф. Менинский луғати сезабонаи туркӣ - арабӣ - форсӣ мураттаб мегардад.

Донанда хуби фарҳангнигории форсу тоҷик И. С. Баевский менависад, ки “Самым ранним словарем персидского языка был, по видимому, словарь Джона Ричардсона, изданный в Лондоне в 1777 г. где был дан английский переводи достаточно большому числа персидских слов”[2, 95]. Баъд чанд луғатеро ном мебарад. Аз ҷула солҳои 1806 ва 1820 луғати Джон Ричардсон дар таҳрири нави Чарлз Вилкинс нашр карда мешавад. Тарҷумаи вожаҳои забони форсӣ ба забони аврупоӣ (англисӣ) аввалин бор дар луғати Френсис Ҷонсон ба назар мерасад. Ин луғат соли 1852 дар Лондон нашр шуда, зиёда аз 8 ҳазор калимаю ибораҳои арабии ба забони форсӣ дохилшударо дар бар мегирад, ки ба забони англисӣ баргардон шудааст. Баъдтар дар шаҳри Бонн Германия фарҳанги дуҷилдаи форсӣ -лотинӣ, ки аз тарафи И. Вуллерс таҳия шудааст, ба табъ мерасад.

Профессори забонҳои шарқи Донишгоҳи Москва А. В. Болдырев соли 1826 “Хрестоматияи форсӣ” мураттаб намуда, ба он қайдҳои мухтасари грамматикӣ оид ба забони форсӣ ва калимаҳои форсии эъробгузоришударо бо тарҷумаи русиашон замима кардааст, ки инро ҳам аз ҷумлаи аввалин луғатҳои форсӣ- русӣ ҳисобидан мумкин аст.

Дар шаҳри Тифлиси Гурҷистон аз тарафи эроншинос, Адолф Берже, ки солҳои 1853-1854 сафири Россия дар Эрон буд, соли 1868 дастури забони форсӣ бо матнҳои форсӣ таҳия карда шуда, ба он 6500 калимаву ибора бо тарҷумаи фаронсавиашон замима мегардад ва тавассути нашриёти Лейпсиг интишор дода мешавад.

Муаллими забони форсии Донишгоҳи Петербург Мирзошарифи Гуштосб соли 1869 дастури забони форсӣ таҳия карда, дар анҷоми он 4000 вожаи форсиро бо баргардни русиашон илова сохтааст[2, 6].

Соли 1876 шарқшиноси рус Филипп Ефремов 625 калимаи форсию туркиро ҷамъ оварда, бо номи «Феҳрасти калимаҳои Бухоро» дар Петербург интишор намудааст, ба эҳтимоли С. И. Баевский он нахустин луғатгунаи форсист.

Пас аз як сол (1877) бо супориши Екатирина II дар Петербург зери таҳрири академик П.С. Палласа “Сравнительные словари всех языков и наречий”чоп мешавад, ки дар он 285 калимаи русӣ ба 200 забони дигар (51 забони аврупоӣ, 149 забони шарқ) тарҷума карда шудааст.Вале И. С. Баевский низ бархе аз фарҳангномаҳои аврупоию русиро ёдовар нашудааст. Луғатшиносони дигар низ аз маҷудияти чунин асарҳо хабар намедиҳанд. Аксари фарҳангномаи матбуи Аврупоро фарҳангшиносон омӯхтаанд, вале аз чӣ бошад, ки чанд асари дар Фаронсаву Англия чопшуда аз назари онон низ дур мондааст. Аз ҷумла, соли 1683 А. де Биберштейн Казимирский дар Париж фарҳангеро бо унвони «Dialogues frangais-persans, prrecedes d’nn precis de la grammaire persane et suivls d’un vocabulaire frangais-persan (Фарҳанги фаронсавӣ- форсӣ, грамматикаи забони форсӣ ва луғати фаронсавию форсӣ) мунташир сохтаст, ки бино ба таъкиди мураттибу фарҳангнигори пурмаҳсули рус Адалберт Старчевский нахустин фарҳанги мукаммале будаст дар Аврупо. Вожаҳо дар тарҷумаи форсӣ бо ҳуруфи фаронсавӣ оварда шудаанд. Фарҳанги мазкур ҳамагӣ аз 1118 саҳифа иборат буда, аз муқаддимаи муфассал(26 саҳ.), очерки грамматикӣ- 126 саҳ., муҳовара-371 саҳ. ва луғат- 621 саҳ.- 20000 калимаи фаронсавӣ бо тарҷумаашон ба форсӣ таркиб ёфтааст. Вожаҳои муҳовара ва луғат дар ҳар саҳифа дусутунӣ ҷой дода шудаанд. Калимаҳои форсӣ бо транскрипсия ва ҳуруфи фаронсавӣ оварда шудаанд.

Соли 1869 дар Париж аз тарафи собиқ сафири Фаронса дар Эрон Т. Б. Николас «Dialogues persans-frangais, aceompagnes de notes sur les principales ingles de la grammaire persane et sur certaines locutions et idiotismes propres a cette langue a» VIII и 329 стр.(Фарҳанги форсӣ-фаронсавӣ, маълумоти мухтасар оид ба муҳимтарин масоили грамматикаи забони форсӣ, баъзе ибораҳои махсус ва таъбироти ин забон)-ро чоп кард. Китоб барои коршиносон, тоҷирону саёҳон муқаррар шудааст. Он аз муқаддима(8 саҳифа), қисми назария(8 саҳифа) ва қисми асосӣ- луғат (329 саҳифа) иборат аст.А. В. Старчевский қайд намудааст, ки дар китоб талаффузи вожаҳо бо хатти фаронсавӣ носаҳеҳ нишон дода шудааст.

Соли 1880 дар Париж Станислас Гуярд Роҳнамои корбурди вожаҳои форсиро(Manuel de la laugue persane–vulgaire. Vocabulaire francais, anglais et persan, avec la prononciation figuree ***f*** lettres latines. Precede d'un abrege de grammaire et suivi dialogues avec le mot a mot. Par ***Stanislas Quyard,*** pr seur ***к*** lecole drs bautes etudes. Paris, 1880) бо муқаддима, маълумоти грамматикӣ ва луғати муҳовараро таҳия карда, ба чоп расонида будааст.

Фарҳангномаҳои мазкур танҳо дар китоби фарҳангшиносу фарҳангнигори рус А. В. Старчевский «Переводчик с русского на персидский», чун сарчашмаи истифодашуда зикр гардидааст.

Бояд қайд кард, ки худи ҳамин китоби мазкур ва фарҳангҳои дигари таълифкардаи А. В. Старчевский низ дар сарчашмаю тадқиқотҳои фарҳангнигорӣ ба назар намерасанд.

Ба андешаи мо яке аз сабабҳои аз назари коршиносон дур мондани як қатор фарҳанггунаву фарҳангҳои тарҷумавӣ он аст, ки дар асрҳои 14-18 дар Росиия ба маънои калимаи «словарь»-и ҳозира вожаю таркибҳои дигар ба мисли «тилмоч»(толмач), «переводник» мустаъмал буданд ва аз охирҳои асри 19 муродифи имрӯзаи онҳо ҷорӣ гардидааст. Масалан, дар Россия бо супориши ҳукумати Россияи подшоҳӣ аз солҳои 60-уми асри 19 бештар 70 луғати тарҷумавии русӣ бо забонҳои дигар омода ва чоп шудааст, ки «Переводчик с русского на персидский», «Спутник русского человека по Средней Азии» [15] аз он ҷумлаанд.

«Переводчик с русского на персидский»-ро А. В. Старчевский соли 1876 дар шаҳри Петербург аз нашр баровардааст ва аз пешгуфтори мухтасар, очерк оид ба грамматикаи забони форсӣ, муҳовараи русӣ ба форсӣ ва луғати русӣ- форсӣ таркиб ёфтааст.

«Спутник русского человека по Средней Азии»-ро низ А. В. Старчевский бо супориши Сарситоди ҳарбии Россия таҳия намудааст, ки соли 1878 дар Петербугр чоп шуда, аз муқаддима, очеркҳои грамматикаи забонҳои фарогири луғат ва луғати русӣ ба забонҳои туркӣ(чағатоӣ ё ӯзбекӣ) туркманӣ, кирғизӣ(қазоқӣ), тоторӣ(қазонӣ ва оренбургӣ, сартӣ(ӯзбекии шаҳрӣ, асосан техникӣ) ва тоҷикӣ (бухорӣ)-ро дарбар гирифтааст. Ӯ худи ҳамон сол китоби дигаре бо номи «Карманный стоязычный словарь»-ро интишор медиҳад, ки дар он ҳам

вожаҳои забони тоҷикӣ ва ҳам забони форсӣ алоҳида ҷой дода шудаанд ва ин далели он аст, ки ҳанӯз дар асрҳои 18-19 забони тоҷикӣ дар Россия маълум будааст.

Дар Тоҷористон низ чандин фарҳанги дузабонаву бисёрзабона аз ҷумла тоҷириву форсӣ интишор шудаанд[20] ва бояд омӯхта шаванд.

Ҳамин тавр, фарҳангнигории тарҷумавӣ аз замонҳои қадим то ҳоло рисолати муҳими хешро ба иҷро расонида, барои рушди забоншиносӣ, ғаномандии таркиби луғавии забон ва маҳфуз доштани нодиравожаҳои ҳар як забон саҳми муҳим доранд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 12; ба чоп тайёркунандагон К.Айнӣ ва Ҳ. Рауфов. Душанбе - 1976.-564 саҳ.
2. Баевский С. И. Раняя персидская лексикография. XI-XV вв..- М.: Наука, 1989.-169с.
3. Баҳор, Маликушшуаро Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ.- Душанбе: Бухоро, 2012.- 570 с.
4. Берков В.П. Двуязычная лексикография. – М.: ООО «Издательство Астрель», 2004. – 236 с.
5. Бертельс А. Е. О происхождении рубрик тематических (идеографических) словарей.- // Переводная и учебная лексикография. – М.: Рус. язык, 1979. – С. 7– 27
6. Виноградов В. В. Избранные труды. Лексикология и лексикография. - М., 1977. - С. 140-161)
7. Воҳидов А. Фарҳангнигории форсӣ- оҷикӣ дар асрҳои X- XIX таърихи луғатнависии тоҷику форс.- Самарқанд, 1980.- 167с.
8. Капранов В. А. «Луғати фурс». Асади Туси и его место в таджикской (фарси) лексикографии.-Душанбе: АН Т ССР, 1964.-212 с.
9. Мамадназаров А. Становление и развитие таджикской переводной лексикографии XX и начала XXI вв. – Душанбе: РТСУ, 2013. – 241 с.
10. Пейсиков Л.С. Очерк истории персидской лексикографии.-М.: МГУ, 1975.-189–197с.
11. Рубинчик Ю. Лексикография персидского языка.- М.: Наука, 1991.-296 с.
12. Рауфов Ҳ. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикогра-фии тоҷику форс, Душанбе, 1973, саҳ. 6.
13. Современная русская лексикография.– Л.: Наука, 1983. – 163 с.
14. Старчевский А. В. Спутник русского человека в Средней Азии.- Санкт-Петербург: А. Траншель, 1878.-567 с.
15. Ҳошимов С. Луғатнигорӣ / С.Ҳошимов.- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2004.-79с.
16. Шокиров Т. С., Кенҷаева М. Фразеологические единицы в восточных словарях.- //Фундаментальные исследования. Филологические науки 2015, №2 (14).- С.3196-3200.
17. Шокиров Т. С. Аз таърихи фарҳангнигории тоҷик./Забон- рукни давлатХуҷанд: Дабир, 2017.- 347 с.
18. Юсупова А. Ш. Арабо-персидские заимствования в двуязычных словарях татарского языка XIX века: к проблеме языковых контактов.

ПЕРЕВОДНАЯ ЛЕКСИКОЛГРАФИЯ И ЕЕ ОСОБЕННОСТИ

Лексикография как одна из частей языкознание из дрвне имеет огромное значение для интелектуальной развитие человека. Переводная лексикография в основном имеет практичоское значение, ибо она даёт нам возможности паралелного ознакомление с лексческими фондами двух и более языков, о чем и говориться в данной статье.

Ключевые слова: *Словарь, словник, слова, составление, сбор, перевод, значение, просвещение, заимствование, исследование.*

TRANSLATED LEXICOGRAPHY AND ITS FEATURES

Lexicography as one of the parts of linguistics from the other is of great importance for the intellectual development of man. Translated lexicography is mainly of practical importance, because it gives us the possibility of parallel acquaintance with the lexical collections of two or more languages, as discussed in this article.

Keywords: *Dictionary, vocabulary, words, compilation, collection, translation, meaning, enlightenment, borrowing, research.*

Сведение об авторах:

Шокиров Т. С. - *доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (ТГУПБП) Тел: (+992) 918639965, e-mail: shokirov1953@mail. ru*

Ахмеджонова Мушараф Абдурасуловна *– преподаватель кафедры теория и методики преодавание родного языка Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова, тел.:+ 992 927570049.*

About the authors:

Shokirov Tugral Sirodzhovich *- professor of the Tajik language department of the Tajik State University of Law, Business and Politics, academician of the RAE, tel: + 992 918 63 99 65: El. mail: shokirov1953@mail.ru*
Akhmedzhonova Musharaf Abdurasulovna *- lecturer in the theory and methods of teaching the native language of the Khujand State University named after academician B. Gafurov, tel: + 992 927570049.*

КОНЦЕПТ «МУНДИР» КАК ФЕНОМЕН РУССКОЙ ВОЕННОЙ ЛИНГВОКУЛЬТУРЫ

Третьякова Л.Н.
Российский университет дружбы народов, Москва, Россия

Интерес к концепту «мундир» привлекает внимание ученых разных областей. Сегодня униформологию рассматривают как активно развивающуюся науку. Объектом изучения военной униформологии являются предметы обмундирования, которые были приняты в разное время для военных (работы А.В. Висковатова, С.О. Гонюхова, Н.Ю. Ефимова, В.В. Звегинцова, Е.К. Молло, С.А. Летина, О.В. Харитонова, П. Шипова и др.).

«Мундир» происходит от латинского слова moderati–умерять, управлять, руководить. В русский язык это слово пришло из польского и обозначал не только определенный костюм, а комплект вещей, необходимый военному человеку. Мундир – это некая эмблема принадлежности человека к военному обществу с определенным нравственным обликом, профессиональными знаниями и строгими нормами этики. Концепт «мундир» входит в систему понятий морально-нравственных традицийрусского общества. Мундир – это честь и достоинство офицера любого общества. Н.Ф.Павлов писал: «Военные, кроме армейских пехотных офицеров, торжествовали на всех сценах: от паркета вельможи до избы станционного смотрителя. Мундир брал в полон балы и не дожидался лошадей. Для мундира родители сажали сына за математику и хлопотали с дочерью; для мундира лелеяла девица богом данную ей красоту; для мундира юноша собирался жить. Всё благоговело перед мундиром или бредило мундиром». [7, с.192-193]. Ценностная акцентуализация концепта «мундир» дает основание говорить об особой этике военных, что выводит на первый план вопрос о семантической связи с другими концептами: «честь», «долг», «мужество». Концепт «честь мундира» наделен генеральной стратегией всего российского общества, которая ассоциируется в русском языковом сознании с социальным статусом офицера.Тема мундира освещена в литературных произведениях А.М. Аничковой, Н.Д. Бутовского, Н.В. Гоголя, В.Г. Короленко, А.И. Куприна, Л.Н. Толстого, М.И. Цветаевой, А.П. Чехова и др., этика и честь офицера подробно описаны в работах А.Л. Белотелова, Ю.М. Лотмана, Б.Н. Платонова, Я.В. Подоляка и др.

Определим понятийный уровень концепта по лексикографическим источникам. Согласно В.И.Далю, «мундир – форменная одежда, однообразная одежда служащих; парадная, праздничная служебная одежда, кафтан. *У нашего командира ни шляпы, ни мундира. Пил мадеру, да досталось и спине и мундиру* (солдатское)» [4, с.359]. В «Толковом словаре русского языка» под редакцией Д.Н.Ушакова представленодругое определение: «Мундир (от нем. *Montur*) (дореволюц. и загр.). Военная или гражданская форменная парадная одежда с золотым или серебряным шитьём. *Гусарский мундир.Картофель в мундире* (кулинар.). [3, с.279]. В словаре С.И.Ожегова «мундир – военная или гражданская форменная одежда. *Офицерский мундир. Честь мундира* (перен.: об официальном авторитете кого-чего-н.).*Картофель в мундире* – картофель, сваренный в кожуре. [6, с. 313]. В «Толковом словаре» С.И.Ожегова зафиксировано расширенноелингвокультурологическое поле концепта «мундир»: фразеологизм «честь мундира», который используется уже и в переносном значении.

Рассмотрим эволюцию концептов «мундир» и «честь мундира» в русской лингвокультуре. Военная форма представляет собой средство выделения военнослужащих государства. В древние времена каждый мужчина был воином и выходил на поля сражений в повседневной одежде. В связи с этимвозникла необходимость издали отличать свои войска от вражеских, что привело к появлениюоднообразнойформы иотличительных знаков. В 1469 году, например, жители города

Устюгполучили от Ивана III по триста сермяг и бараньих шуб, удобных для ратных походов за мужество, показанное в битвах.

Русское государство до Петра I развивалось самобытно, самостоятельно от других стран, русская военная одежда отличалась от европейской. Как пишет П.Шипов: «Одежда стрелков Императорской фамилии (стрельцов) была первым опытом русской одежды в нашем войске» [10, с. 3]. С XIдо XVIIвека черты русских одежд, в том числе военных, не изменялись. Изначально аналогом мундира был кафтан длиной до колен, застегивавшийся на груди длинными петлицами. Такая же одежда, только с короткими петлицами, называлась «зипун». Как пишет П. Шипов, «под влиянием татарского ига появились запашные одежды, т.е. у коих одна пола закидывалась за другую. Их было только две: турский и становой» [там же, с.5]. Эта одежда послужила прообразом мундиров императорских стрелков. Древний русский кафтан, а также ферезь, охобень, однорядка и шуба сохранялись до времен Петра I. Стрельцы носили особую униформу – красную одежду с белыми берендейками. Позже обмундирование стрельцов составляли длинные кафтаны из сукна.

Петр I, основатель регулярной русской армии, дал ей и единое обмундирование. Характер одежды петровских войск объясняется желанием укрепить дисциплину, подчинить младших старшим. Например, форма унтер-офицера отличалась от других наличием золотого галуна на обшлагах камзола и полях шляпы. Золотым галуном обшивали офицерские борты и карманы кафтанов. Офицерыносилибелый галстук, золоченые пуговицы, при парадной форме – белый с красным плюмаж на шляпе. Солдаты ПетраIценили свое обмундирование. Формасолдат Преображенского и Семеновского полковстала единой, традиционно однообразной. Служащие этих полков носили белый кант, сохранившийся в их форме на долгие годы. Белый цвет считался принадлежностью моряков, а для гвардейской пехоты являлся памятью ее участия в морских операциях ПетраI.Обмундирование петровских войск, которое было удобно для солдат и офицеров той эпохи, существовало с небольшими изменениями до начала царствования Павла. Павелрешил превратить русскую армию из грозной боевой силы, какой она была, в строгие рядысолдат. Многолетние традиции, связанные с деталями внешнего вида русских солдат, изменены. Бляхи, которые пожаловали офицерам Преображенского и Семеновского полков за битву за Нарву, были отменены. Военное обмундирование, которое было удобным для переходов и ведения войны, изменено, так как армия готовилась не к военным действиям, а только к парадным построениям.

Суворов вернул мундиру русских войск его истинное значение, а в период войн с Наполеоном 1805-1807 гг., Отечественной войны 1812 года и в последующее время военный мундир русского солдата снова приобрел должную практичность. Русская армия, которая разгромила войска Наполеона, получила мировое признание. В этой войне прославились десятки полков, прославивших форму своих мундиров. В этовремяв русской армии были окончательно внедрены погоны(впервые введены в 1801 году) и эполеты. Прообразом эполет являлись плотные металлические пластинки, которыеприкреплялись на плечи и ослабляли удар, спасая воинов от гибели.Позже эти защитные пластинки потеряли свое первоначальное значение и остались на мундирах, как эполеты. В практическом смысле Погоны были практически необходимы, так как при ношении ружей на плече они предохраняли верхнюю честь мундира от быстрого износа и скрепляли собой все части кожаного и матерчатого обмундирования – ранцевые ремни, портупею, перевязь. Позднее погоны стали важнейшей частью военного мундира в связи с тем, что знаки различия, появившиеся на них, указывали служебное положение офицеров и солдат, начальников и подчиненных,

Ценностные характеристики концепта «мундир» отражают вопросы этики русской армии в научных, художественных текстах, поэтических источниках и словарных статьях, в паремиях и афоризмах, а также в высказываниях и поведении профессиональных военных.

«Нам дорог мундир офицера,
В нем слава заветная есть,
В нем гордость народа,
В нем сила народа
И наша военная честь»
(С. Васильев.«Нам дорог мундир офицера», около 1945 г.).

«Все Георгии на стройном мундире
И на перевязи черной – рука».
(М. Цветаева.«Все Георгии на стройном мундире», 1915 г.).

Честь и символикамундира и погонов была и остается в русской армии важной. Срывание погонов с плеч того, кто своим поведением обесчестил их – позорная процедура для военнослужащего.Честь мундира – это бесстрашие и верность долгу и Родине, дисциплина. Надевший мундир офицера перестает располагать собой по собственному усмотрению и отдает свою жизнь порядку и отечеству.В повести А.И. Куприна «Поединок» поручик Федоровский обращается к подпоручику Ромашову, который собирается ехать к полковому командиру: «Готовы? Советую вам продеть портупею под погон, а не сверху. Вы знаете, как командир полка этого не любит».В «Очерках современного офицерского быта» герой говорит: «Нам нужен офицер, обожающий свой мундир, свой быт, все особенности военной службы»[2, с. 27]. Как пишет В.В. Широкова, «главной моральной заповедью офицера было сохранение чести мундира и чести воинской части» [11, с. 43].

Концепт «мундир» нашел отражение во фразеологии русского языка: мундиру и чести посвящены русские пословицы и поговорки: «Честь с мундиром не выдается» (Б. Васильев), «Величайшая честь – носить русский мундир» (М.И. Кутузов), «Честь мундира священна для командира», «Тот побеждает, кто держит в руках свою честь» и др. Фразеологизм «мундир марать» - о предосудительных поступках, несовместимых с ношением военного мундира: «Служил Богу и великому государю верой и правдой: на войне кровь проливал… Стало быть, взятками мне заниматься нельзя, *мундира марать* я не должен» (П.И.Мельников. На станции). В публицистическом стиле речииспользуется выражение «картошка в мундире»: статья «Картошка снова *в мундирах*?» (картофель убирают солдаты); «Великая утопленница – картошка без мундира» (картофельные поля залиты водой); статья «Честь «мундира» (неизвестное о нашей любимой картошке): «Лучше всего готовить картофель прямо в кожице – запекать или варить *в мундире*» [АиФ (№7, 17-23.02.2010 г.)].

Таким образом, концепт «мундир» является средством национальной самоидентификации русского человека. Проведенный анализ позволил определить развитие концепта «мундир» как военно-исторической и лингвокультурной единицы, установить специфику осмысления этого концепта в обиходном и профессиональном языковом сознании, определить его понятийные, образные и ценностные характеристики в русской лингвокультуре.

ЛИТЕРАТУРА

1. Белотелов А.Л. Культура поведения офицера русской армии XIXвека: историческое исследование. Дис. …к.ист.н., М., 2000. 194 с.
2. Бутовский Н.Д. Очерки современного офицерского быта. СПб.: Склад издания В.А. Березовского, 1899. 51 с.
3. Гонюхов С.О. История эволюции российского военного мундира и его роль в нравственном и патриотическом воспитании российской армии конца XVII и начала XX в. Дис. …к.ист.н., Красноярск. 1999. 253 с.
4. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. Т. II. М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1955. 1019 с.
5. Ефимов Н.Ю. Военнаяуниформология как социокультурный феномен: содержание и тенденции развития. Автореф. …к.филос.н., М., 2010. 23 с.
6. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка. М.: Русский язык, 1986. 797 с.
7. Павлов Н.Ф. Ятаган // Русская военная проза XIXвека / Сост. Свиясов Е.В. Л.: Лениздат, 1989. с.192.
8. Подоляк Я.В. Офицеру об этике. М.: Воениздат, 1991. 126 с.
9. Ушаков Д.Н. Толковый словарь русского языка. Т. II. М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1938. 279 с.
10. Шипов В. Русская военная одежда. СПб., 1901. 29 с.
11. Широкова В.В. Этический портрет офицера в русской литературе конца XIX- начале XX века // Известия Самарского научного центра РАН. Т. 15. № 1. 2013. С. 41-43.

КОНЦЕПТ «МУНДИР» КАК ФЕНОМЕН РУССКОЙ ВОЕННОЙ ЛИНГВОКУЛЬТУРЫ

В данной статье в концептологическом и лингвокультурологическом русле проведено исследование концепта «мундир». Объектом изучения являетсяпонятие «мундир», а предметом изучения – этнокультурные и лингвистические характеристики данной единицы.

Ключевые слова. *История мундира, русская военная концептосфера, концепт «мундир».*

THE CONCEPT OF "UNIFORM" AS A PHENOMENON IN THE RUSSIAN MILITARY LINGUISTICS AND CULTURE

The concept of "uniform"is studied in the article in the conceptual and linguistics-cultural context. The object of research is the concept of "uniform", and the subject is the ethno – cultural and linguistic characteristics of this unit.

Keywords. *History of uniform, the Russian military concept sphere, the concept "uniform".*

Сведения об авторе:

Людмила Николаевна Третьякова, *кандидат филологических наук, доцент кафедры русского языка №3 Российского университета дружбы народов, Москва, Россия. E-mail: ludmilatretyakova1@gmail.com.*

About the author:

Ludmila Nikolaevna Tretiakova, *candidate of philological sciences, associate professor, Russian language department № 3, Peoples' Friendship University of Russia, Moscow, Russia. E-mail: ludmilatretyakova1@gmail.com.*

САРЧАШМАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ИСТИЛОҲОТИ АДАБИЁТШИНОСИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҷӯраев Х.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар ташаккул ва таҳаввули ҳар як истилоҳ нақши асарҳои хаттӣ, ба вижа фарҳангҳо бағоят бузург аст, ки дорои шарҳу тафсири истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забони тоҷикӣ мебошанд.

Фарҳанги мазкур ба қалами яке аз адабиётшиносони маъруфи тоҷик А. Сатторзода тааллуқ дошта, соли 2011 таълиф гардидааст. Муаллиф дар таълифи фарҳанг кӯшидааст, ки тамоми истилоҳоти марбути илми бадеъро бо забони илмӣ ба аҳли илму адаб пешкаш намояд. Илова бар ин, муаллиф дар фарҳанг моро бо он истилоҳоте ошно месозад, ки дар рисолаҳои мутаффакирони даврони миёна, ба монанди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Муҳаммад бинни Умари Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Тоҷалҳаловӣ, Шарафуддини Ромӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Низомуддини Аҳмад, адабиётшиносони муосир, амсоли Сируси Шамисо, Тӯрақул Зеҳнӣ, Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҳими Мусулмониён, Қосими Тавсирконӣ, Наталия Чалисова, Худоӣ Шарифов ва дигарон ба кор рафтанд.

Ба қавли муаллифи фарҳанг, бадеъро Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» «илми маҳосин ва бадоеъи сухан» ё «илми санъат» номидааст ва он то ҷое, ки маълум аст, таърифи қадимтарини ин илм дар таърихи назариёти адабии форсии тоҷикӣ мебошад» [9, 5].

Бояд гуфт, ки ҳамаи истилоҳоти марбути илми бадеъро муаллиф ба чор боб тақсим намудааст. Дар фарҳанг ҳар як истилоҳи марбут ба илми бадеъ бо маънои луғавӣ ва истилоҳӣ шарҳ ёфтааст. Ба андешаи муаллиф «Санъатҳои бадеъӣ ҳилатҳоеро гӯянд, ки тааллуқ ба лафз ё ба маънӣ ва ё ба ҳар ду бувад ва ҷиҳати ороиши шакли асари бадеӣ ва ба хотири расоӣ ва барҷаста сохтани муҳтавои он истеъмол мешаванд» [6, 355]. Санъатҳои бадеӣ низ дар навбати худ ба ду бахш, яъне санъатҳои бадеии лафзӣ ва санъатҳои бадеии маънавӣ ҷудо мешаванд.

Боби якум «Дар баёни санъатҳои лафзӣ» ном дошта, моро бо истилоҳоте ошно месозад, ки ба баёни санъатҳои лафзӣ мутааллиқанд. Боби мазкур аз шарҳи истилоҳи «тарсеъ» маншаъ гирифта, бо тавзеҳи истилоҳи «мӯъҷам» ба поён мерасад. Миқдори умумии истилоҳоти марбути санъатҳои лафзӣ дар фарҳанги мазкур 52 - то буда, ҳамаашон баромади арабӣ доранд ва то ба имрӯз бо ҳамон шаклу маънӣ ба кор мераванд: *тарсеъ, таҷнис, иштиқоқ, мусаҳҳаф, тасдир, таъаттуф, радулматлаъ, музайял, ташреъ, мақлуб, акс, саҷъ, таштир, мусаммат, такрорулқавофӣ, иънот, тазмини муздавоҷ, сеҳри ҳалол, мавқуф, тафаннун, муфрад, таҷмеъ, муламмаъ, мақруъуллуғатайн, мақруи назму наср, тарвиҷ, таъриб, алмуъаррабутаъриб, мутазалзил, садомаъноӣ, тасғир, титол, иттирод, изморулҳуруф, тавсим, ҳарфгароӣ, ҳазф, мувассал, муқаттаъ, таътил ва манқут, рақто,*

хайфо, тавассул, тафсил, тазлеъ, мудаввар, мураббаъ, тарофуқ, маҳмуд, иқд, мусалсал, мӯъҷам [9, 18-95] ва ғайраҳо.

Дар боби дуюми фарҳанги фавқуззикр он истилоҳоте баррасӣ мешаванд, ки ба анвои санъатҳои маънавӣ марбутанд. Агар боби дуюм бо шарҳи истилоҳи «ташбеҳ» оғоз ёфта бошад, пасон тавзеҳи истилоҳи «истисно» ба он хотима мебахшад. Миқдори истилоҳоти ин бахш ба 67 баробар аст. Ҳамаи истилоҳоти ин боб ҳам баромади арабӣ доранд, амсоли: *ташбеҳ, таҷассум, истиора, маҷоз, киноя, муболиғат, иҳом, табодур, мутазод, талмеҳ, ташхис, такрор, тавзеъ ё ҳамовозӣ, суолу ҷавоб, амри бадеҳӣ, ирсоли масал, фӣ тақриб ил амсол бил абёт, лаффу нашр, ҷамъу тафриқу тақсим, руҷӯъ, мурооотунназир, тақобул, тансиқи сифот, ҷо ба ҷойи сифат ё инҳироф дар сифат, таҷоҳули ориф, сиёқатулаъдод, мутатобеъ, ҳусни матлаъ, ҳашв, татмим, иғол, бароати истиҳлол, таъриз, ирдоф, иқтибос, мӯҳтамалуззиддайн, мадҳи шабеҳ ба замм, замми шабеҳ ба мадҳ, мадҳи муваҷҷаҳ, мадҳи мусанно ва ҷомеъ, ҳусни талаб, истидрок, тафреъ, ҳазлуниэродбилҷиди, ибҳом, қавлибилмӯҷиб, мазҳаби каломӣ, эзоҳ, тафсир, музовиҷа, таҳаккум, таълиқ, идмоҷ, таҷрид, такмил, истифҳом, ҳусни таълил, илтифот, илҳоқ, ирсод, тардид, мушокила, тааҷҷуб, илғо, услубулҳаким, истисно* [9, 96-207].

Боби сеюми фарҳанг «Дар баёни истилоҳоти шеърӣ» ном дошта, моро бо истилоҳоти шеърӣ ошно месозад. Шарҳи истилоҳи «қасида» ба он нуктаи оғоз гузошта, истилоҳи «илми нақд» ба он ҳусни анҷом мебахшад. Дар маҷмӯъ, миқдори истилоҳоти боби мазкур ба 70 мерасад. Он истилоҳоте, ки дар ин бахш матраҳ мешаванд, баромади арабӣ дошта, дар назмшиносӣ истеъмоли фаровон доранд: *қасида, ташбиб ва насиб, байтулқасида, маҳдуд, дуои таъбид, ғазал, қитъа, рубоӣ, фард, байт, маснавӣ, тарҷеъ, мувассат, мустазод, тазмин, мувашшаҳ, муртаҷал, муаммо, таърих, луғаз, марсия, мунозира, таворуд, тарҷума, ҳусни тахлис, ҳусни мақтаъ, зоти матолеъ, мадҳ ва мидҳат, ҳаҷву ҳиҷо, ҳазл, мутоиба, ҷид, тавҳид, наът, манқатаб, мавъиза, асрор, қасамиёт, хамриёт, каломи ҷомеъ, муқаффо, мусарраъ, зулқавофӣ, муздавоҷ, муҷаммаъ, мураддаф, муталаввин, маснӯъ, зуннавъайн, созаҷ, радиф, ҳоҷиб, назм, наср, ҳал, балоғат ва фасоҳат, ҷазолат, салосат, мулоим, тафвиф, ибдоъ, эҷоз, инсиҷом, баст, саҳли мумтанеъ, мусовот, равият ва фикрат, мутакаллиф, матбӯъ, илми нақд* [9, 209-312].

Дар боби чаҳоруми фарҳанг истилоҳоти айбҳои шеърӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. Нахуст истилоҳи боби мазкур «илмом» буда, бо шарҳи истилоҳи «лағв» анҷом меёбад. Теъдоди онҳо он қадар зиёд набуда, ба 40 - то баробар аст, ба монанди: *илмом, салх, интиҳол, нақл, масх, мусолита, мутанофир, тахлеъ, удул, самоҳатул ибтидо, самоҳатул интиҳо, татобуъи изофот ё пайоварди вожагон, тазмин, заъфи таълиф, таъқиди лафзӣ, мухолифати қиёс, таноқуз, ғароиб, тазниб, таъқиди маънавӣ, қалбулмаънӣ, ихлол, муноқаза, нисбатушшайъ ило ғайри мо қавлиҳи, такрор, мухолифи урф, мухолифати насиб ва ташбиб, имтиноъ, ибромуссуол, инҳироф, аннузул филмадҳ, ракокатуттахлис, такаллуфулқофия, зиёдат, иқво, синод, икфо, ийто, имтизоҷ, татлим, лағв* [9, 316 -351].

Ҳамин тариқ, теъдоди умумии истилоҳоти баррасишудаи фарҳанг 230 адад аст ва асари мазкур ягона фарҳанги комилест, ки хонандаро бо тамоми паҳлуҳои истилоҳоти бадеъ ошно месозад. Илова бар ин метавон гуфт, ки то ҳол вожанома ва ё фарҳанге тадвин нагардидааст, ки қобилияти шарҳу тавзеҳи истилоҳоти бадеъро бо падидаҳои сермаъноиву ҳамгунагӣ ё муродифотиву мутазодӣ фарогир бошад.

Муаллифони фарҳанги фавқуззикр адабиётшиносон Расул Ҳодизода, Муҳамадҷон Шукуров ва Талъат Абдуҷабборов буда, он соли 1966 ба нашр расидааст. Дар таълифи фарҳанг муаллифон аз сарчашмаҳои гуногун ва баъзе рисолаҳои илмӣ, ки дастраси онҳо буданд, истифода кардаанд, ба монанди: «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммади Родуёнӣ (асри XI), «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот (асри XII), «Ал-мӯъҷам фӣ маойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ (асри XIII), «Маҷмаъ-ус-сонеъ» (асри XVII), «Ғиёс-ул-луғот», «Қофия дар назми тоҷик»-и Б. Сирус (Душанбе, 1955), «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ»-и Т. Зеҳнӣ (Душанбе, 1960), «Энсиклопедияи адабӣ» (нашрҳои пештара ва ҷилди якуми нашри нав), «Фарҳанги мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ»-и И. Тимофеев ва Н. Венгров (М., 1958).

Фарҳанг аз «Сарсухан» оғоз шуда, минбаъд дар он истилоҳоте, ки дар адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ истеъмол мешаванд, шарҳу тавзеҳ гардидаанд.


Ба назари муаллифон «Баъзе аз истилоҳот чанд мафҳумро ифода мекунанд ва бинобар ин, дар чанд ҷои луғат эзоҳ ёфтаанд. Масалан, «мусаддас» ҳам дар боби «мусаммат» ва ҳам дар боби «арӯз» омадааст. Ғайр аз ин, баъзе истилоҳҳо ба муносибати эзоҳи истилоҳоти дигаре такроран зикр шудаанд ва ба таври иловагӣ шарҳ ёфтаанд» [3, 4].

Дар фарҳанг он истилоҳоте, ки басомади бегона доранд, дар шакли ихтисора бо гунаҳои: англ. - англисӣ, ар. - арабӣ, ит. - италявӣ, нем. - немисӣ, рус. - русӣ, фр. - франсавӣ, юн. - юнонӣ, ӯзб. - ӯзбекӣ ҷойгир шудаанд. Бештари мафҳумҳои адабиётшиносии умумӣ дар фарҳанг бо муодили тоҷикиашон наомадаанд.

Фарҳанги мазкур аз шарҳи истилоҳи «абзатс» оғоз шуда, бо тавзеҳи истилоҳибораи «баҳри хафиф» анҷом меёбад.

Теъдоди умумии истилоҳоти дар фарҳанг шарҳёфта зиёда аз 700 ададро ташкил медиҳад, ки мо онҳоро бо дарназардошти аз кадом забон иқтибос гардиданашон дар шакли ҷадвал ба тариқи зайл пешниҳод намудем.

Расми 1. Маълумоти омории «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» - Р. Ҳодизода, М. Шукуров ва Т. Абдуҷабборов



Ҳамин тариқ, аз таҳлили омории фарҳанги мазкур аён гардид, ки шумораи зиёди ин фарҳанг ба забонҳои тоҷикиву арабӣ марбутанд, зеро дар гузашта ашъори шуарои форсу тоҷик ба истилоҳоти забони арабӣ эҷод мешуданд ва ҳоло ҳам он истилоҳҳо дар ҳамон шаклу маънӣ боқӣ мондаанд.

Луғати мазкур соли 1992 таълиф шуда, ба қалами адабиётшинос Холиқ Мирзозода тааллуқ дорад. То таълифи луғати фавқуззикр ягона луғате, ки ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти адабиётшиносӣ бахшида шуда буд, дар бахши қаблӣ ёдовар шуда будем.

Ба андешаи муаллиф «вазифаи луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ, ки ба хонандагон пешниҳод кардем, аз он иборат аст, ки ҷойи холии омӯзиши назарияи адабиётро, ки дар мактаб ҳаст, пурра намояд. Дар «луғат» он миқдор истилоҳоти адабиётшиносӣ дарҷ ёфтааст, ки ба тариқи минимум доираи мафҳумҳои назариявиро ба талабагон, махсусан, синфҳои болоӣ дода тавонад ва онҳо дар адабиётшиносии муосири тоҷик маъмуланд» [9, 4].

Бояд гуфт, ки луғати мазкур дар заминаи луғатҳои пешинаи истилоҳоти адабиётшиносии чи русӣ (Л.И. Тимофеев и Н. Венгеров «Краткий словарь литературоведческих терминов», 1963; А. Квятковский «Поэтический словарь», 1966; Л. И. Тимофеев и С.В. Тураев «Словарь литературоведческих терминов», 1974); чи ӯзбекӣ (Ҳ. Ҳомидов, Ш. Абдуллаева, С. Иброҳимова «Адабиётшунослик терминлари луғати», 1983), чи тоҷикӣ (Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ», 1966; С. Табаров «Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ», 1980), ҳамчунин, асарҳои назариявии классикҳо «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммади Родуёнӣ (асри XI), «Ҳадойиқ-ус-сеҳр фӣ дақойиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот (асри XII), «Алмӯъҷам фӣ маъойири ашъорул Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ (асри XIII), «Бадоеъулафкор фӣ саноеъ-ул-ашъор»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (асри XV), «Ғиёс-ул луғот»-и Ғиёсиддин Муҳаммад, «Қофия дар назми тоҷик»-и Б. Сирус (Д. 1955), «Сачъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик»-и Р. Мусулмонқулов (Д.1970), «Санъати сухан»-и Т. Зеҳнӣ (Д. 1979) таълиф гардидааст.

Он истилоҳоте, ки баромади ғайритоҷикӣ доранд, дар қавсайн бо ихтисораи ба кадом забон марбут буданашон бо маънои луғавӣ ва истилоҳиашон шарҳ дода шудааст, ба монанди: баллада


(***ит.*** бадеҳа (balllare) - дар луғат «рақс кардан» аст. Дар истилоҳ яке аз намудҳои назм буда, шеъри сужетноки на он қадар калон аст, на фақат фикру андешаву хислати шоирро, балки он чизҳоеро, ки сабаби пайдо шудани ҳаяҷони рӯҳии вай гардидааст, ба таври мухтасар тасвир мекунад. Дар адабиёти асрҳои миёнаи Итолиё, Франсия, Англия шеърҳои лирикии иборат аз се банд, ки ба тариқи тарона суруда мешуд, «баллада» меноманд. Баъдтар шеърҳои хурди сужетноке, ки характери афсонавӣ, қаҳрамонӣ ва таърихӣ дошт, «баллада» номиданд» [9, 18]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки «баллада» истилоҳи итолиявӣ буда, дар ҳамин шакл ва ё бо бархе аз фарқиятҳои овозӣ (фонетикӣ) ба дигар забонҳо гузашта, тавассути забони русӣ ба забони тоҷикӣ низ ворид шудааст.

Ҳамин тариқ, истилоҳоте, ки аз забонҳои англисӣ, арабӣ, лотинӣ, немисӣ, русӣ, фаронсавӣ, юнонӣ ва ӯзбекӣ иқтибос шудаанд, шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Шумораии умумии истилоҳот ва ибораистилоҳоти дар фарҳанг шарҳу тафсирёфта, 575 - воҳидро ташкил медиҳад. Истилоҳҳои иқтибосгардидаи адабиётшиносии луғати номбурдаро дар шакли расм ба тариқи зайл пешниҳод намудем.

Расми 2. Маълумоти омории «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ» - и Х. Мирзозода

Тавре ки аз таҳлилу баррасии истилоҳоти фарҳанги мазкур маълум гардид, аз се ду ҳиссаи онро истилоҳоти аз забони арабӣ иқтибосшуда ташкил медиҳанд.



Ҳамин тариқ, аз таҳлили омории фарҳанг рӯшан гардид, ки миқдори зиёди истилоҳоти он баромади арабӣ доранд ва ин ҳам бесабаб нест, зеро дар асрҳои миёна дар Шарқ забони арабӣ забони илм ба ҳисоб мерафт ва мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик баъзан дар мамолики араб иқомат карда, бо он забон гуфтугӯ менамуданд ва рисолаву асарҳои илмиии худро низ бо ҳамон забон таълиф мекарданд.

Дар ташаккулу таҳаввули истилоҳоти адабиётшиносии англисӣ бошад, саҳми истилоҳшиносону забоншиносон низ бағоят бузург аст. Агар ба таърихчаи ташаккули илми адабиётшиносии англис назар афканем, он аз пайдоиши қабилаҳои ютҳо, англо-саксониҳо ва фризианиҳо дар сарзамини Британияи Кабир маншаъ мегирад ва он ба садаи панҷуми пеш аз милод рост меояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки англисҳо таърихи қадимаи адабиёти худро доштаанд ва нишонаҳои нахустини онро дар ҳамосаҳои қадимӣ ба монандии «Беовулф» ва ғайра метавон пайдо намуд. Забони расмии коргузорӣ ва илми даврони қадим – забони лотинӣ буда ва баъдтар, аниқтараш ибтидои садаи XI дар Англия забони англисӣ ҳамчун забони меъёрии расмӣ эътироф гардид. Таърихнигорону донишварон ва адабиётшиносони англис давраи оғози адабиёти Англияро ба охири садаи X ва ибтидои садаи XI нисбат медиҳанд, зеро маҳз дар ҳамин давра нахустин асарҳои адабиву фарҳангномаҳои соҳавӣ таълиф гардидаанд.

Муаллифи фарҳанги мазкур забоншинос Ҷ. Кадон буда, он соли 2013 таълиф шудааст. Дар фарҳанги номбурда зиёда аз 950 истилоҳу ибораистилоҳ шарҳу тафсир ёфтааст. Аксарияти истилоҳоти адабиётшиносии фарҳанги фавқуззикрро истилоҳоте ташкил медиҳанд, ки иқтибосгардида аз забонҳои юнонӣ, лотинӣ, франсавӣ, олмонӣ, испанӣ, италиявӣ, русӣ, арабӣ, японӣ, чинӣ, форсӣ, туркӣ, сербӣ ва ё кореягӣ ва ғ. мебошанд. Масалан, истилоҳи *«anecdote»* бо муодили тоҷикии «латифа, ҳикоёт ва ривоёти мазҳакавӣ, ҳодисаи хандаовар (аҷоиб), қиссаи кӯтоҳ, нақл, ривоят» дар фарҳанги мазкур чунин шарҳ ёфтааст: «A brief account of or a story about an individual or an incident (Лавҳаи кӯтоҳ ё ҳикояе, ки роҷеъ ба як фард ё ки як рӯйдодро ифода менамояд, латифа меноманд)». Истилоҳи мазкур дар шакли ἀνέκδοτον "unpublished", literally "not

given out" дар асри VI аз забони юнонӣ ба забони англисӣ иқтибос шуда, бо маънии зикршуда дар таркиби луғавии забони англисӣ дар радифи вожагони фаъоли забон ба кор меравад. Вожаи мавриди назар ба сифати истилоҳ бори нахуст дар асари таърихнигори Византия Прокопий «Таърихи махфӣ», ки дар он ҳаёти маънавии император Юстиниан ва дарбориёни ӯ тасвир шуда буд, мавриди истифода қарор гирифт.

Миқдори зиёди истилоҳоти фарҳанги мазкурро вожаҳои иқтибосӣ ё худ бегона ташкил медиҳанд ва метавон онҳоро дар расм ба тариқи зайл нишон дод.

Расми 3. Маълумоти омории истилоҳоти адабиётшиносии Ҷ. А.Кадон



Ҳамин тариқ, аз таҳлили оморӣ аён гардид, ки теъдоди истилоҳоти юнонии фарҳанг дар қиёс бо вожаҳои аслии забони англисӣ зиёдтар аст ва ин гувоҳи он аст, ки таъсири осори илмии файласуфону мутафаккирони Юнон, дар мисоли Афлотуну Арасту ва Гераклиту Суқрот ба адабиёти англис назаррас будааст.

ПАЙНАВИШТ

1. Абдулфайзов, С. Лексико-семантический анализ дипломатических терминов таджикского языка // Автореф. дисс… кан. фил. наук: 10.02.22/ Абдулфайзов Саиднуриддин. - Д., 2013. - 27 с.
2. Азимова, М. Н. Сопоставительно-типологическое исследование фразеологической системы таджикского, английского языков / М.Н. Азимова. - Д.: Изд-во РТСУ, 2006. - 241 с.
3. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арноль. - М: Высшая школа, 1973. - 303 с.
4. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. (для спец. Иност. Яз.) Л. 1979. - 256 с.
5. Ахманова, О.С. Очерки по общей и русской лексикологии / О.С. Ахманова. - М: Учпедгиз., 1957. - 295 с.
6. Аксёненко, Л.Г. Деривация как фактор эволюции термин системы (на материале терминологии «Рыночная экономика»): дис… канд. фил. наук: 10.02.20/ Аксёненко Лариса Георгевна. - Краснодар, 2002. - 215 с.
7. Акуленко, В.В. Интернациональные элементы в лексике и терминологии. / В.В. Акуленко. - Х: Выс. школа, 1980. - 208 с.
8. Алексеева, Л.М. Проблемы термина и терминообразования / Л.М. Алексеева. - Пермь: Изд-во Пермского ун-та, 1998. - 120 с.
9. Алмӯъҷам фӣ маойири ашъорил Ачам, таълифи Шамсуддин Муҳаммад бинни Қайс - ар Розӣ, ба тасҳеҳи Муҳаммад бинни Абдулваҳоби Қазвинӣ бо муқобала бо шаш нусхаи хаттии қадимӣ ва тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1338.

THE RECOURSES OF THE REFORMATION AND DEVELOPMENT LITERARY TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with the recourses of the reformation and development literary terms in Tajik and English languages. An author is reviews about the literary terms and process of the development and reformation it, in background of field's dictionary and glossary has researched. This problem is one of the disputable and researched in literature science and oratory and till now do not appearance solved but it has got need researching. In spite of this is one article form researched it was not benefit. From the point of view of the author, the role of Russian languages in comparison to other languages is too great for the formation and development of Tajik terms as well, and through this language, other terms could penetrate into lexical system of the Tajik language.

***Keywords**: term, word, terminology, phonetics, literature, fiction book, politeness, science, speech, verse, hemistich, ruboi, ghezal, devon, novel, episode, literary terms, language, metaphor, riddle, proverb, homonymous, antonym, synonym, polysemy, research, vocabulary, development, reformation, literary of genre, tale, story, roman, resource, autobiography, tarkibband, tarjeband, foot, style, elegy, travelling, analyze etc.*

ИСТОЧНИКИ СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ЛИТЕРАТУРОВЕДЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается источники становление и развитие литературоведческой терминологии в таджикском и английском языках. Автор рассматривается на литературоведческой терминологии и процесс развитие и становление это, в основание сфере словари и глоссарий исследование. Это проблема одного спорный и исследование литература наука и ораторий до сейчас не бил решать появление но это нуждается исследования. По этому это одного форма статья исследование и этом не будущее пользуется. С точки зрения автора, роль русского языка по сравнению с другими языками слишком велика для формирования и развития таджикских термин, и в основном через этот язык другие термины смогли проникнуть в лексический состав таджикского языка.

***Ключевые слова:** термин, слово, терминология, фонетика, литература, художественней литература, вежливость, наук, речь, стихи, полустишие, рубои, газал, девон, навел, эпизод, литературоведческой терминологии, язык, метафора, загадка, пословица, омонимия, антонимия, синонимия, полисемия, исследование, словарь, развитие, становление, художественнее жанр, сказка, рассказ, роман, источник, автобиография, таркиббанд, тарджебанд, стопа, стиль, элегия, путешественнике, анализ.*

Сведения об авторе::

***Джураев Хайём Акрамович**, старший преподаватель кафедры языкознания и сопоставительной типологии ТГПУ им. С.Айни, тел: +992937987373*

***About the author**:*

***Juraev Khayyom Akramovich**, a senior teacher in the Department of Linguistics and Comparative Typology, TSPU named after S. Aini. Tel.: +992937987373.*

УДК 821.09+070 (510)

РУССКИЙ ЯЗЫК И ЛИТЕРАТУРА В ПЕРИОДИЧЕСКИХ ИЗДАНИЯХ: ОПЫТ СИСТЕМАТИЗАЦИИ

Абдусаломова М.А.

Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими

Русская литература в журналистике – явление очень распространенное, а с точки зрения семантики даже близкие друг другу понятия. В «Словаре русских синонимов и сходных по смыслу выражений», опубликованное повторно, это слово имеет несколько значений: «письменность, словесность, печать, пресса, беллетристика, журналистика» [1, с.201.]. В этой веренице слов устанавливаются слова «пресса, печать», входящие в назначение периодической массовых средств информации, работу печатных изданий.

Как указывалось, в словарях С.И. Ожегова и Н.Ю. Шведовой журналистика поясняется как составная часть литературы: «журналист - литературный работник, занимающийся журналистикой» [2, с.195], «журналистика - литературно-публицистическая деятельность в журналах, газетах» [3]. Непосредственно, определяется историей формированием журналистики, средств массовой информации. При зарождении журналистики основной составной частью её являлись литературные произведения, печатались они в газетах, отличительной чертой которых был «официальноказенный характер» [4, с15].

Газетное издание – безусловно, литературное издание. Как говорил Юрий Айхенвальд в XX веке: «Конечно, не всякое слово - словесность: чтобы стать ею, оно должно быть художественным. Но, с другой стороны, и слово служебное, то, каким мы пользуемся и с другими обмениваемся в нашем общежитии, слово полезное, практическое, - оно тоже имеет в себе элемент художественности» [5, с. 416-418].

Так, русская литература являясь кладовой для мудрости и для журналистики является

родителем и верным спутником. При обретении знаний и в средней и в высшей школе, литература изучается как дисциплина в последствии воспринимаются посредством периодических изданий как литературные проявления.

Исследователи в последнее время все больше размышляют об отходе от литературоцентричности и общества и журналистики.

Все большее развитие интернет-технологий уменьшает роль печатных текстов в офлайн-пространственном контексте.

Проведенная 2007 году 7-я Международная конференция всемирной газетной ассоциацией (World Association of Newspapers), исходила из привлечения молодых читателей и по сей день проводит работу по поддержанию программы привлечения читателей.

Данные агентства по печати и массовым коммуникациям Республики Таджикистан констатируют, что молодежь, которая систематически читает с 51% (1991 г.) до 18% (2010)при этом, это явление наблюдается до сих пор.

Навыки чтения, утраченное обществом, является главной проблемой и государства и ВУЗов РТ. В запланированной на 2007-2020 гг. «Национальной программе поддержки и развития чтения» России, говорится о том, что: «Современная ситуация в этом отношении характеризуется как системный кризис читательской культуры, когда страна подошла к критическому пределу пренебрежения чтением... Сегодня в переходном российском обществе главная задача заключается в том, чтобы вызвать у подрастающего поколения интерес к чтению и вернуть в ранг активных читателей» [6].

Студенты и вообще молодежь, хотят получить информацию, при этом главная роль уделяется Интернету, а не печатным изданиям.

Владение словом, хорошее знание языка, литературная грамотность – все это присуще журналисту, корреспонденту, который постоянно подбирает слова, думает, приводит изречения и формулирует быстро и красиво.

Хорошо поставленное художественное слово является фактором, который отличает газету от Интернета и выделяет среди других изданий.

Газета в наше время стало «нелитературным» изданием, то есть они издают ограниченное количество «малых» жанров, типа эпиграммы, сказки, стихи, рассказы и фельетоны.

«Публицистика - сфера, равно относящаяся и к журналистике, и к художественной литературе.»

Различных точек зрения в науке придерживаются исследователи на о системы жанров в периодике.

Особым способом отражения художественной литературы и языка в периодике считают, наравне с жанрами публицистики, художественные фрагменты отличающихся информационным и аналитическим характером.

Русская литература наблюдалась даже в виде литературных ссылок реалий из литературы, при том, что произведения из литературы публиковались всецело на страницах прессы, .

Освещение русского языка и русской литературы в текстах периодики, является свойством характерным для газет, т.е интертекстуальностью - «использование текстов внутри текстов» [7, с. 66]. Сказанное подтверждается философом и филологом из Франции Роланом Бартом «текст соткан из цитат, отсылающих к тысячам культурных источников» [8, с. 429], что кардинально «составляет не его внутренняя, закрытая структура, поддающаяся исчерпывающему изучению, а его выход в другие тексты, другие коды, другие знаки; текст существует лишь в силу межтекстовых отношений, в силу интертекстуальности» [9, с. 200].

В них присутствуют различные русские фразы (фразеологизмы, афоризмы, сентенции, изречения).

В периодике русская литература была основным объектом рассмотрения журналистов. Даже таджикские произведения печатались на русском языке, так это приветствовалась «центром».

При этом здесь освещался окололитературный процесс - «культурный отдел ежедневной газеты может и должен привносить момент “репортажности”….» [10].

Отражение событий литературной жизни, произведений художественной литературы является объектом исследования и журналистики и печатного издания в частности.

В конечном счете можно утверждать, что было рассмотрено четыре способа отражения русской литературы в русскоязычной периодике.

Методами отражения русского языка и художественной литературы в периодической печати:

1. Художественное произведение было рассмотрено как субъект публикации

(художественные произведения на страницах газеты «Ленинабадская правда»).

2. Русская литература как часть публицистики:
Материалы журналистских жанров из художественно-публицистической группы.
3. Публицистская литература как «текст в тексте».
4. Русский язык и литература как объект рассмотрения журналистиких исследований.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абрамов Н. Словарь русских синонимов и сходных по смыслу выражений. М., 1994.
2. Ожегов С., Шведова Н. Толковый словарь русского языка. М., 1999. С. 196.
3. Там же.
4. Есин Б. Возникновение и развитие русской журналистики в XVIII веке // Есин Б. История русской журналистики : учеб.-метод. пособие. М., 2000. С. 16
5. Айхенвальд Ю. Литература и словесность // Литературная энциклопедия: Словарь литературных терминов : в 2 т. М.; Л., 1925. Т. 1: А-П. Стлб. 416-417.
6. Национальная программа поддержки и развития чтения // Сайт Агентства по печати и массовым коммуникациям РФ. URL: http://www.fapmc.ru/files/ download/188_188_file.doc (дата обращения: 21.02.2011).
7. Землянова Л. Зарубежная коммуникативистика в преддверии информационного общества : толковый словарь терминов и концепций. М., 1999. С. 67.
8. Там же. С. 428.
9. Булкина И. Литература в СМИ // Знамя. 2007. № 2. С. 208.

РУССКИЙ ЯЗЫК И ЛИТЕРАТУРА В ПЕРИОДИЧЕСКИХ ИЗДАНИЯХ: ОПЫТ СИСТЕМАТИЗАЦИИ

В статье рассмотрены и анализированы возможные варианты и разновидности существования русского языка и литературы на страницах печатных изданий, прослеживается историческая взаимосвязь и взаимодействие журналистики и русской литературы.

Ключевые слова: *периодика, печатные СМИ, русская литература, газета, художественная литература, печать, пресса.*

RUSSIAN LANGUAGE AND THE LITERATURE IN PERIODICALS: ORDERING EXPERIENCE

The article gives a detailed review and classification of the possible variants of belles-lettres existence on the pages of the printed mass media; a historic correlation and modern collaboration of journalism and literature is traced.

Keywords: *periodicals, literature, belles-lettres, printed mass media, the press, belles-lettres, print.*

Сведения об авторе:

Абдусаломова Мухайё Абдусафоевна *– ассистент кафедры зарубежных языков политехнического института Таджикского технического университета имени академика М. С. Осими, г. Худжанд, abdusalomova1970@mail.ru., Тел. +992929516363*

About the author:

Abdusalomova Mukhayo Abdusafoevna *- Assistant of the Department of Foreign Languages of the Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Khujand, abdusalomova1970@mail.ru., Tel. +992929516363*

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВИСТИИ ОРОНИМҲОИ ВОҲАИ СУРХОН

Турсунова М.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Номҷойҳои ҷуғрофӣ бозгӯйи таърихи зиндаи қавму миллатҳо, расму оин, урфу одат ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти мардум ба шумор мераванд. Вале онҳо, пеш аз ҳама, аз ҷониби забоншиносон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегиранд. Номҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонопазир ва воҳиди зиндаи забонӣ марҳилаҳои дури таърихи забонро аз давраи бостон таҷассум менамоянд ва дар ин замина дар ошкор намудани масъалаву ҳаводиси таърихӣ, ҷуғрофӣ барои риштаҳои сотсиолингвистика ва этнолингвистика мусоидат менамоянд. Ин хусусияти номҳо метавонанд аз давраҳои мухталифи таърихӣ, аз қабили дарки масъалаҳои таърихи забон ва ташаккули миллат дар тӯли таърих афкори

моро густариш диҳанд ва ба муҳаққиқони соҳа имкониятҳои васеъ дар таҳия ва истифодаи усулҳои нави омӯзиши масъала шароит фароҳам оваранд.

Омӯхтану аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ мавриди баррасӣ қарор додани оронимҳои мавзеъҳои алоҳидаи таърихӣ дар айни ҳол хеле муфидовар аст. Воҳаи Сурхон низ яке аз мавзеъҳои бостонии қисмати ҷанубу шимолии вилояти Бохтари бостон ё таърихӣ шуморида шуда, дар қисмати Бухорои Шарқӣ ва ё ба таври дигар дар водии Ҳисор воқеъ гардидааст. Ҳоло ин мавзеи зебову сабзпӯш дар ҳудуди вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекикистон воқеъ буда, яке аз музофотҳои ободу зебо ва маркази фарҳангу маънавиёти тоҷикони вилояти Сурхондарё ба ҳисоб меравад.

Дар ҳудуди ин мавзеи куҳанбунёд чандин кӯҳу дара ва талу теппа мавҷуд аст, ки онҳоро дар илми топонимика аз нигоҳи забоншиносӣ шохаи оронимия мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Тавре маълум гардид, ки **оронимия** як шохаи топонимия [марбут ба сатҳи заминӣ ё релеф аст] буда, номи дараву кӯҳ ва талу теппаҳоро ифода мекунад. Ороним аз ҷузъҳои **ārās**– кӯҳ, **ānām** – ном таркиб ёфта, номи мавзеъҳои сатҳизаминии ба шаклҳои релеф, яъне кӯҳ, талу теппа марбут бударо меомӯзад ва орономия – маҷмӯи чунин номҳо мебошад. Яъне ба маънои дигар номи *кӯҳҳо, теппаҳо, ғорҳо, ҷариҳо, нишебиҳоро* оронимия меноманд.

1). Номи кӯҳҳо. Дар воҳаи Сурхон ба монанди тамоми манотиқи дигари тоҷикнишин кӯҳҳо хеле зиёданд. Метавон ин ҷо номи кӯҳҳои **Боботоғ [**номи қаторкӯҳ дар ҳудудҳои ноҳияҳои Деҳнав, Шӯрчӣ, Сариосиё], **Бодиҳаво [**номи деҳа дар Деҳнав], **Говурган** [номи мавзеи кӯҳӣ дар Деҳнав], **Гегирдак** [номи кӯҳ ва деҳа дар Шеробод], **Дуновгӣ** [номи кӯҳ ва деҳа дар Олтинсой], **Карсагон** [мавзеи кӯҳӣ дар Олтинсой], **Катманчовдӣ** [номи қуллаи кӯҳ дар Бойсун], **Куллисой** [номи қулла дар Шеробод], **Кӯҳи Сафед** [номи кӯҳ дар Бойсун], **Кӯҳи Чош** [номи кӯҳ дар Сариосиё], **Кӯҳтош** [номи қулла дар Сариосиё], **Қирққиз** [номи кӯҳ дар Тирмиз], **Оққоя** [номи қулла дар Бойсун], **Парғут** [номи кӯҳ дар Олтинсой], **Поҷур** [номи доманаи кӯҳ ва деҳа дар Деҳнав], **Тумшуқтоғ** [номи кӯҳ дар Бойсун], **Хурсантоғ** [номи қуллаи кӯҳ дар Сариосиё], **Хуфар** [номи мавзеи қадимаи кӯҳӣ дар Сариосиё], **Хӯбон** [мавзеи кӯҳӣ дар Сариосиё], **Хӯҷабаркӯҳ** [номи кӯҳ дар Олтинсой], **Чакадӣ** [номи қулла дар Сариосиё], **Чашка** [номи қулла дар Қумқурғон], **Човдӣ** [номи кӯҳ дар Бойсун] оварда, ки дар маҷмӯъ ин кӯҳҳо ба таркиби қаторкӯҳи Ҳисор дохил мешаванд. Ҳоло номи кӯҳи Сиёмротаҳлил менамоем:

Вожаи **Сиём** ва шаклҳои тағйирёфтаи он, яъне Сом дар нигоштаҳои муаррихону луғатнигорон ҳамчун номи кӯҳ омада, дар он кӯҳ паноҳ ёфтани Муқаннаъро зикр намудааст, ки яке аз муборизони зидди арабҳо буда, барои озодии халқу меҳанаш зидди онон набард намудааст. Вале маънои луғавии ин вожа дар ягон осори таърихӣ ва луғатномаҳо ба таври возеҳ ва равшан зикр нагардидааст. Бояд гуфт, ки Сиём вожаи тоҷикӣ буда, маънои *кӯҳи азим* ва *баланд* буда, маъноияш бар ифодаи ранги сиёҳ далолат мекунад. Зеро мавқеи ҷуғрофии кӯҳи мазкур ба ин қазия ҷавобгӯ аст.

2) номи дара, баландӣ ва адирҳо. Дар воҳаи Сурхон чандин дараву баландӣ ва адиру чуқурӣ мавҷуд аст, ки бештари онҳо ба забони тоҷикӣ мансуб буда, дар айни замон низ бо ҳамон шаклашон ифода мешаванд: **Бештахта** [номи дашт, Бойсун], **Гӯрбӯзар** [номи адир дар Шеробод], **Пӯстиндара [**номи дара дар Олтинсой], **Гӯри Қалмоқ [**номи мавзеи даштӣ дар Заркамар], **Гӯровон** [номи баландӣ дар Шеробод], **Ғӯритеппа** [номи баландӣ дар Бойсун], **Дарбанд** [номи дара ва деҳа дар Бойсун], **Дашти Калтатой** [номи дашт дар Сариосиё], **Дашти Чинор** [номи дашт ва деҳа дар Олтинсой ё Заркамар], **Даҳана** [номи дара, сой ва деҳа дар Олтинсой ва Деҳнав], **Даҳна** [номи дара дар Бойсун ва Шеробод], **Дуволли** [номи дара дар Бойсун], **Дуғиртош** [номи баландӣ дар Деҳнав], **Зангқӯтон** [номи адир дар Шеробод], **Заравут** [номи дара Шеробод], **Заргус** [номи дара дар Бойсун], **Какайдӣ** [номи баландӣ дар Шӯрчӣ], **Камари Турк** [номи камар дар Олтинсой], **Килкон** [номи адир дар Шеробод], **Кофирқалъа** [номи диж, баландӣ дар Шеробод], **Кӯккарға** [номи дара дар Шеробод], **Кӯлак** [номи баландӣ ва ҷой дар Бойсун], **Кӯрчашма** [номи дара дар Бойсун ва Сариосиё], **Кӯрғов** [номи баландӣ дар Шеробод], **Кӯсан** [номи баландӣ дар Сариосиё], **Қайрақли** [номи баландӣ дар Шеробод], **Қайғи** [номи адир дар Бойсун], **Қайнақлитеппа** [номи баландӣ дар Тирмиз], **Қаритеппа** [номи баландӣ дар Сариосиё], **Қапчиғайлболо [**номи дара дар Бойсун], **Қариқиз** [номи баландӣ дар Тирмиз], **Қизилҳисор** [номи баландӣ дар Деҳнав], **Луқлуқ** [номи сой ва дара дар Бойсун], **Марғзор** [номи адир дар Бойсун], **Морхона** [номи адир ва деҳа дар Олтинсой], **Наврӯзсо**й [номи дара дар Олтинсой], **Ноғорахона** [номи баландӣ дар Ангор], **Нуғайкӯк** [номи

адир дар Бойсун], **Онналӣ** [номи адир дар Бойсун], **Оққапчиғай** [номи адир дар Олтинсой], **Палғар** [номи баландӣ дар Бойсун], **Пашмаклӣ** [номи адир дар Шеробод], Питоб [номи дара ва деҳа дар Бойсун], **Поёндара** [номи дара дар Бойсун], **Регдашт** [номи баландӣ дар Чағониён], **Рӯдақӯл** [номи дара ва сой дар Бойсун], **Сардоба** [номи адир дар Бойсун], **Сарибанд** [номи дара ва сой дар Бойсун], **Саридара** [номи дара ва деҳа дар Олтинсой], **Саричар** [номи жарф ё ҷарӣ дар Сариосиё], **Сариқтеппа** [номи теппа дар Сариосиё], **Сиёрек** [номи баландӣ дар Бойсун], **Талашкон** [номи адир дар Шеробод], **Тешиктош** [номи ғор дар Бойсун], **Тузлоқдара** [номи дара дар Бойсун], **Тумшуқ** [номи ғор дар Бойсун], **Тупроққурғон** [номи баландӣ дар шаҳри Тирмиз], **Туябуноқ** [номи баландӣ дар Бойсун], **Туяқутан** [номи дашт дар Шеробод], **Хумдонак** [номи баландӣ дар Бойсун], **Хӯҷақӯчқор** [номи баландӣ дар Бойсун], **Хӯҷаҳисор** [номи теппа ё баландӣ дар Бойсун], **Чаканда** [номи адир дар Сариосиё], **Чакдара** [номи дара дар Бойсун], **Чақишли** [номи адир дар Шеробод], **Чаҳакдара** [номи адир дар Бойсун], **Чӯянли** [номи адир дар Бойсун], **Ҷартеппа** [номи адир ва деҳа дар Ҷаркӯрғон ва Шӯрчӣ], **Ҷарқӯтан** [номи баландӣ дар Шеробод], **Ҷизакдара** [номи баландӣ дар Сариосиё], **Ҷувозтош** [номи дара, камар дар Шеробод], **Ҷулга** [номи сой, дара дар Бойсун], **Ҷӯробзор [**номи адир дар Шеробод], **Шалқан** [номи баландӣ дар Шеробод], **Шерак** [номи адир дар Шеробод], **Шергаза** [номи баландӣ дар Шеробод], **Шерқутан** [номи адир дар Шеробод], **Шоввасой** [номи сой дар Бойсун], **Шӯрчоб** [номи сой дар Бойсун], **Ӯрдали** [номи баландӣ дар Ҷаркӯрғон] …

Мавзеъҳои марбут ба сатҳи заминӣ ё релефии воҳаи Сурхон аз нигоҳи сохт низ гуногун буда, онҳоро метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд:

-сода: **Парғут** [номи кӯҳ дар Олтинсой], **Поҷур** [номи доманаи кӯҳ ва деҳа дар Деҳнав], **Хуфар** [номи мавзеи қадимаи кӯҳӣ дар Сариосиё], **Сиём** ва шаклҳои тағйирёфтаи он, яъне Сом (номи кӯҳ), **Заравут** [номи дара Шеробод], **Заргус** [номи дара дар Бойсун], **Кӯсан** [номи баландӣ дар Сариосиё], **Қайғи** [номи адир дар Бойсун], **Тумшуқ** [номи ғор дар Бойсун], **Шалқан** [номи баландӣ дар Шеробод] ва ғ.;

-сохта: **Гегирдак** [номи кӯҳ ва деҳа дар Шеробод], **Дуновгӣ** [номи кӯҳ ва деҳа дар Олтинсой], **Карсагон** [мавзеи кӯҳӣ дар Олтинсой], **Катманчовдӣ** [номи қуллаи кӯҳ дар Бойсун], **Хӯбон** [мавзеи кӯҳӣ дар Сариосиё], **Чашка** [номи қулла дар Қумқурғон], **Чакадӣ** [номи қулла дар Сариосиё], **Човдӣ** [номи кӯҳ дар Бойсун], **Даҳана** [номи дара, сой ва деҳа дар Олтинсой ва Деҳнав], **Даҳна** [номи дара дар Бойсун ва Шеробод], **Дуволли** [номи дара дар Бойсун], **Какайдӣ** [номи баландӣ дар Шӯрчӣ], **Килкон** [номи адир дар Шеробод], **Кӯлак** [номи баландӣ ва ҷой дар Бойсун], **Қайрақли** [номи баландӣ дар Шеробод], **Марғзор** [номи адир дар Бойсун], **Онналӣ** [номи адир дар Бойсун], **Пашмаклӣ** [номи адир дар Шеробод], **Чӯянли** [номи адир дар Бойсун], **Ҷулга** [номи сой, дара дар Бойсун], **Ҷӯробзор [**номи адир дар Шеробод], **Шерак** [номи адир дар Шеробод], **Ӯрдали** [номи баландӣ дар Ҷаркӯрғон] ва ғ.;

-мураккаб: **Боботоғ [**номи қаторкӯҳ дар ҳудудҳои ноҳияҳои Деҳнав, Шӯрчӣ, Сариосиё], **Бодиҳаво [**номи деҳа дар Деҳнав], **Куллисой** [номи қулла дар Шеробод], **Кӯҳтош** [номи қулла дар Сариосиё], **Қирққиз** [номи кӯҳ дар Тирмиз], **Оққоя** [номи қулла дар Бойсун], **Тумшуқтоғ** [номи кӯҳ дар Бойсун], **Хурсантоғ** [номи қуллаи кӯҳ дар Сариосиё], **Хӯҷабаркӯҳ** [номи кӯҳ дар Олтинсой], **Бештахта** [номи дашт, Бойсун], **Гӯрбӯзар** [номи адир дар Шеробод], **Пӯстиндара [**номи дара дар Олтинсой], **Ғӯритеппа** [номи баландӣ дар Бойсун], **Дарбанд** [номи дара ва деҳа дар Бойсун], **Дуғиртош** [номи баландӣ дар Деҳнав], **Зангқӯтон** [номи адир дар Шеробод], **Кофирқалъа** [номи диж, баландӣ дар Шеробод], **Кӯккарға** [номи дара дар Шеробод], **Кӯрчашма** [номи дара дар Бойсун ва Сариосиё], **Кӯрғов** [номи баландӣ дар Шеробод], **Қайнақлитеппа** [номи баландӣ дар Тирмиз], **Қаритеппа** [номи баландӣ дар Сариосиё], **Қапчиғайлболо [**номи дара дар Бойсун], **Қариқиз** [номи баландӣ дар Тирмиз], **Қизилҳисор** [номи баландӣ дар Деҳнав], **Морхона** [номи адир ва деҳа дар Олтинсой], **Наврӯзсо**й [номи дара дар Олтинсой], **Ноғорахона** [номи баландӣ дар Ангор], **Нуғайқӯқ** [номи адир дар Бойсун], **Оққапчиғай** [номи адир дар Олтинсой], **Питоб** [номи дара ва деҳа дар Бойсун], **Поёндара** [номи дара дар Бойсун], **Регдашт** [номи баландӣ дар Чағониён], **Рӯдақӯл** [номи дара ва сой дар Бойсун], **Сардоба** [номи адир дар Бойсун], **Сарибанд** [номи дара ва сой дар Бойсун], **Саридара** [номи дара ва деҳа дар Олтинсой], **Саричар** [номи жарф ё ҷарӣ дар Сариосиё], **Сариқтеппа** [номи теппа дар Сариосиё], **Сиёрек** [номи баландӣ дар Бойсун], **Талашкон**

[номи адир дар Шеробод], **Тешиктош** [номи ғор дар Бойсун], **Тузлоқдара** [номи дара дар Бойсун], **Тумшуқ** [номи ғор дар Бойсун], **Тупроққурғон** [номи баландӣ дар шаҳри Тирмиз], **Туябуноқ** [номи баландӣ дар Бойсун], **Туяқутан** [номи дашт дар Шеробод], **Хӯҷақӯчқор** [номи баландӣ дар Бойсун], **Хӯҷаҳисор** [номи теппа ё баландӣ дар Бойсун], **Чакдара** [номи дара дар Бойсун], **Чаҳакдара** [номи адир дар Бойсун], **Ҷартеппа** [номи адир ва деҳа дар Ҷарқӯрғон ва Шӯрчӣ], **Ҷарқӯтан** [номи баландӣ дар Шеробод], **Ҷизакдара** [номи баландӣ дар Сариосиё], **Ҷувозтош** [номи дара, камар дар Шеробод], **Ҷӯробзор [**номи адир дар Шеробод], **Шергаза** [номи баландӣ дар Шеробод], **Шерқутан** [номи адир дар Шеробод], **Шоввасой** [номи сой дар Бойсун], **Шӯрчоб** [номи сой дар Бойсун] ва ғ.;

-ибора-ороним: Кӯҳи Сафед [номи кӯҳ дар Бойсун], **Кӯҳи Чош** [номи кӯҳ дар Сариосиё], **Гӯри Қалмоқ [**номи мавзеи даштӣ дар Заркамар], **Дашти Калтатой** [номи дашт дар Сариосиё], **Дашти Чинор** [номи дашт ва деҳа дар Олтинсой ё Заркамар], **Боботоғ [**номи қаторкӯҳ дар ҳудудҳои ноҳияҳои Деҳнав, Шӯрчӣ, Сариосиё], **Бодиҳаво [**номи деҳа дар Деҳнав], **Говурган** [номи мавзеи кӯҳӣ дар Деҳнав], **Гегирдак** [номи кӯҳ ва деҳа дар Шеробод], **Дуновгӣ** [номи кӯҳ ва деҳа дар Олтинсой], **Карсагон** [мавзеи кӯҳӣ дар Олтинсой], **Катманчовдӣ** [номи қуллаи кӯҳ дар Бойсун], **Куллисой** [номи қулла дар Шеробод], **Кӯҳи Сафед** [номи кӯҳ дар Бойсун], **Кӯҳи Чош** [номи кӯҳ дар Сариосиё], **Гӯри Қалмоқ [**номи мавзеи даштӣ дар Заркамар], **Дашти Калтатой** [номи дашт дар Сариосиё], **Дашти Чинор** [номи дашт ва деҳа дар Олтинсой ё Заркамар] ва ғ.

Ҳамчунин мавзеъҳои марбут ба оронимҳои воҳаи Сурхон аз нигоҳи мансубият ба забонҳо низ гуногун буда, онҳоро метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд:

-тоҷикӣ: Парғут [номи кӯҳ дар Олтинсой], **Поҷур** [номи доманаи кӯҳ ва деҳа дар Деҳнав], **Хуфар** [номи мавзеи қадимаи кӯҳӣ дар Сариосиё], **Сиём** ва шаклҳои тағйирёфтаи он, яъне Сом (номи кӯҳ), **Заравут** [номи дара Шеробод], **Заргус** [номи дара дар Бойсун], **Гегирдак** [номи кӯҳ ва деҳа дар Шеробод], **Карсагон** [мавзеи кӯҳӣ дар Олтинсой], **Хӯбон** [мавзеи кӯҳӣ дар Сариосиё], **Чашка** [номи қулла дар Қумқурғон], **Чакадӣ** [номи қулла дар Сариосиё], **Човдӣ** [номи кӯҳ дар Бойсун], **Даҳана** [номи дара, сой ва деҳа дар Олтинсой ва Деҳнав], **Даҳна** [номи дара дар Бойсун ва Шеробод], **Дуволли** [номи дара дар Бойсун], **Какайдӣ** [номи баландӣ дар Шӯрчӣ], **Килкон** [номи адир дар Шеробод], **Кӯлак** [номи баландӣ ва ҷой дар Бойсун], **Марғзор** [номи адир дар Бойсун], **Ҷулга** [номи сой, дара дар Бойсун], **Ҷӯробзор [**номи адир дар Шеробод], **Шерак** [номи адир дар Шеробод], **Бодиҳаво [**номи деҳа дар Деҳнав], **Хӯҷабаркӯҳ** [номи кӯҳ дар Олтинсой], **Гӯрбӯзар** [номи адир дар Шеробод], **Пӯстиндара [**номи дара дар Олтинсой], **Ғӯритеппа** [номи баландӣ дар Бойсун], **Дарбанд** [номи дара ва деҳа дар Бойсун], **Кӯрчашма** [номи дара дар Бойсун ва Сариосиё], **Кӯрғов** [номи баландӣ дар Шеробод], **Морхона** [номи адир ва деҳа дар Олтинсой], **Ноғорахона** [номи баландӣ дар Ангор], **Питоб** [номи дара ва деҳа дар Бойсун], **Поёндара** [номи дара дар Бойсун], **Регдашт** [номи баландӣ дар Чағониён], **Сардоба** [номи адир дар Бойсун], **Сарибанд** [номи дара ва сой дар Бойсун], **Саридара** [номи дара ва деҳа дар Олтинсой], **Саричар** [номи жарф ё ҷарӣ дар Сариосиё], **Сиёрек** [номи баландӣ дар Бойсун], **Талашкон** [номи адир дар Шеробод], **Чакдара** [номи дара дар Бойсун], **Чаҳакдара** [номи адир дар Бойсун], **Чизакдара** [номи баландӣ дар Сариосиё], **Ҷӯробзор [**номи адир дар Шеробод], **Шергаза** [номи баландӣ дар Шеробод], **Шӯрчоб** [номи сой дар Бойсун], **Кӯҳи Сафед** [номи кӯҳ дар Бойсун], **Кӯҳи Чош** [номи кӯҳ дар Сариосиё], **Дашти Чинор** [номи дашт ва деҳа дар Олтинсой ё Заркамар], **Бодиҳаво [**номи деҳа дар Деҳнав] ва ғ.;

-туркӣ-ӯзбекӣ: Қайғи [номи адир дар Бойсун], **Тумшуқ** [номи ғор дар Бойсун], **Шалқан** [номи баландӣ дар Шеробод], **Катманчовдӣ** [номи қуллаи кӯҳ дар Бойсун], **Онналӣ** [номи адир дар Бойсун], **Ӯрдали** [номи баландӣ дар Ҷарқӯрғон], **Қирққиз** [номи кӯҳ дар Тирмиз], **Оққоя** [номи қулла дар Бойсун], **Тумшуқтоғ** [номи кӯҳ дар Бойсун], **Қайнақлитеппа** [номи баландӣ дар Тирмиз], **Қаритеппа** [номи баландӣ дар Сариосиё], **Қариқиз** [номи баландӣ дар Тирмиз], **Оққапчиғай** [номи адир дар Олтинсой], **Тешиктош** [номи ғор дар Бойсун], **Тумшуқ** [номи ғор дар Бойсун], **Туябуноқ** [номи баландӣ дар Бойсун], **Туяқутан** [номи дашт дар Шеробод], **Ҷарқӯтан** [номи баландӣ дар Шеробод] ва ғ.;

-арабӣ: Кофирқалъа [номи диж, баландӣ дар Шеробод] ва ғ.;

-омехта ё гибрид: Қайрақли [номи баландӣ дар Шеробод], **Пашмаклӣ** [номи адир дар Шеробод], **Чӯянли** [номи адир дар Бойсун], **Боботоғ [**номи қаторкӯҳ дар ҳудудҳои ноҳияҳои Деҳнав, Шӯрчӣ, Сариосиё], **Куллисой** [номи қулла дар Шеробод], **Кӯҳтош** [номи қулла дар Сариосиё], **Хурсантоғ** [номи қуллаи кӯҳ дар Сариосиё], **Дуғиртош** [номи баландӣ дар Деҳнав], **Зангқӯтон** [номи адир дар Шеробод], **Кӯккарға** [номи дара дар Шеробод], **Қапчиғайлболо [**номи дара дар Бойсун], **Қизилҳисор** [номи баландӣ дар Деҳнав], **Наврӯзсо**й [номи дара дар Олтинсой], **Сариқтеппа** [номи теппа дар Сариосиё], **Тузлоқдара** [номи дара дар Бойсун], **Хӯҷақӯчқор** [номи баландӣ дар Бойсун], **Хӯҷаҳисор** [номи теппа ё баландӣ дар Бойсун], **Ҷартеппа** [номи адир ва деҳа дар Ҷаркӯрғон ва Шӯрчӣ], **Ҷарқӯтан** [номи баландӣ дар Шеробод], **Ҷувозтош** [номи дара, камар дар Шеробод], **Шерқутан** [номи адир дар Шеробод], **Дашти Калтатой** [номи дашт дар Сариосиё], **Гӯри Қалмоқ [**номи мавзеи даштӣ дар Заркамар] ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, вожаҳои ифодагари оронимҳои воҳаи Сурхони таърихӣ асосан мутааллиқи забони тоҷикӣ мебошанд ва аз нигоҳи сохт оронимҳо бештар сода, сохта, мураккаб ва ибора-ороним буда, аз ҷиҳати мансубияти забонӣ ба гурӯҳҳои тоҷикӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, арабӣ ва омехта(гибрид) ҷудо шуда, бештари онҳо то имрӯз дар истифода қарор доранд ва бархе то андозае ба тағйирот дучор шуданд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ.11. // С. Айнӣ.- Душанбе, Ирфон, 1976. - С. 11 - 120.
2. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб. // Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 1995. – С. 82 - 110.
3. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар. // А. Девонақулов. - Душанбе, Ирфон, 1989. - С. 48 - 112.
4. Исмоилов Ш. Таҳлили лингвистии топонимҳо. // Ш. Исмоилов. –Душанбе, 1994. -С. 28.
5. Лившиц В. А. Согдийские слова в таджикском языке. // В.А. Лившитс. - Душанбе, 1967.-С.68.
6. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номашиносии тоҷик. // А. Маҳмадҷонов. -Душанбе, 2004. - С. 19.
7. Офардиев Н. Ойконимияи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон. // Н. Офаридаев. -Душанбе, 2001. - С. 125.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.., СЭ, 1969. - Ҷ. 1. – 908 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.., СЭ, 1969. - Ҷ.2. – 910 с.
10. Хромов А. Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана. // А. Л. Хромов. - Душанбе, 1978. - С. 39.
11. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд. // Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2013. - 164 с.
12. Ҳудуд-ул-олам. – Душанбе: Ирфон, 1987.- 165 с.

ЛИНГВИСТИЧЕСКАЯ АНАЛИЗ ОРОНИМОВ ОАЗИС СУРХОНА

В этой статье обсуждаются вопросы, связанные с рельефами оазис Сурхона. Это хорошая идея рассмотреть важность изучения языка отдельных исторических сайтов одновременно. Оазис Сурхон также известен как южная часть южной части южного или центрального Бохтарского региона, расположенная в восточной части Бухары или в долине Гиссара. Теперь этот красивый и зеленый областӣ является один из областей Республике Узбекистан. В территориях этого оазиса имеется некоторых горах, ущелье, долина, , как: ***Бештахта, Гӯрбӯзар, Пӯстиндара, Гӯри Қалмоқ, Даҳана, Даҳна, …***

Ключевая слова: *агроним, топоним, зависимости, таджикский язык, структура, ономастика, поля, рынок, торговль, формант, народ, город, исследованние, учеба,студенты.*

LINGUISTIC ANALYSIS OF ORONYMS IN SURXON

This article discusses issues related to water resources or other areas of Surxon. It is a good idea to consider the importance of learning the language of individual historical sites simultaneously. Oazis Surxon is also known as the southern part of the southern part of the southern or central Bokhtar region, located in the eastern part of Bukhara or in the Gissor valley. Now this beautiful and green city is the capital of the state of Uzbekistan.This article is devoted to the linguistic study of the hydronyms of the city of Surxon as historical and ancient toponyms of the region of Uzbekistan and Central Asia.

Key words: o*ronym, ononym, dependent, related, Tajik language, structure, onomastics, swimming pool, river, lake, formant, people, city, research, research, study, students…*

Сведения об авторе:

Турсунова М. А. *– старший преподаватель кафедры методика преподавание таджикский язык и литературы ТГПУ имена С. Айни. Тел.: 919 –59 – 09–09.*

About the author:

Tursunova M. A. *- Senior Lecturer, Department of Teaching Tajik Language and Literature, TSPU named after S. Aini. Tel .: 919 –59–09–09.*

ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ ЮНОНӢ ДАР «ХАЗИНАИ ТИББИ ҚАДИМ»-И ҲОМИДҶОН ЗОҲИДОВ

Ҳусанбоев Н.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Илми тиб дар сарзамини тоҷикон таърихи куҳан дошта, дар давоми асрҳо инкишоф ёфтааст. Олимони машҳур ба монанди Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Абӯбакр Рабеи Бухороӣ ва дигарон дар пешрафти илми тибби ҷаҳонӣ мавқеву мақоми ба худ хос доранд. Бояд зикр намуд, ки маҳз осори дар соҳаи тиб таълифнамудаи онҳо боиси ба вуҷуд омадани як қатор истилоҳоти тиббӣ гардидааст. Ин анъанаи гузаштагон дар замони муосир низ аз ҷониби баъзе олимон идома пайдо карда истодааст. Аз ҷумла луғатшинос ва табиби халқӣ Ҳомид Зоҳидов, ки муаллифи «Хазинаи тибби қадим» ва «Канзи шифо ба шумор меравад.

«Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомид Зоҳидов ягона асаре мебошад, ки дар он зиёда аз 3600 истилоҳоти тибби қадим шарҳ дода шудааст. Ҳарчанд истилоҳоти соҳаи тиб дар он ба касрат истифода шуда бошанд ҳам, аммо онҳо аз назари илми истилоҳшиносӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Тавре ки муҳаққиқи луғатнигор зикр мекунад, ки дар ин асар «...фақат аз таърихи тӯлонии тибби қадими форсу тоҷик як марҳалаи хурди онро мавриди назар кардем ва ин сайри сатҳию тезгузари мо мақсад надошт, ки таърихи тибби ҳамин давраи кӯтоҳи таърихиро шояду бояд, интихобану ниҳоят мухтасар баён кунем, зеро баёни лозими падидаҳои тиббии ҳар як асари таърихи тамаддуни форсу тоҷик тадқиқоти амиқу бардавоми мутахассисонро тақозо менамояд» [1, 7]. ин гуфтаҳои муаллиф аз он дарак медиҳанд, ки таърихи илми тибби қадим ба омӯзиши ҷиддӣ ниёз дорад. Асарҳои олим Ҳомид Зоҳидов «Канзи шифо» ва «Хазина тибби қадим» имрӯз воситае мебошанд, ки моро бо илми тибби қадимаи тоҷик то қадри имкон наздику ошно месозанд.

Умдатан барои дуруст фаҳмидан ва комилан омӯхтани як соҳаи илм муҳаққиқ бояд бо истилоҳоту вожаҳои хоси ҳамон соҳа пурра ошно бошад ва аз ин сабаб омӯхтани истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм дар мавқеи аввал меистанд.

Баробари омӯхтани истилоҳоти тиббии замони муосир, аз истилоҳоти таърихии ин илм, ки аҷдодони мо дар тӯли садсолаҳо инкишоф додаанд, аз фоида холӣ нест. Аз ин рӯ, мо кӯшиш намудем, ки чанд истилоҳи тиббии ин асарро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳем.

Истилоҳоти тиббӣ дар «Хазинаи тибби қадим» бо риояи анъанаи муосири фарҳангнигории тоҷикӣ аз рӯи тартиби алифбои забони тоҷикӣ ҷой дода шудаанд. Аксари онҳоро вожаҳо ва ибораистилоҳҳои аслии забони тоҷикӣ ва иқтибосии забони арабӣ ташкил медиҳанд. Ба ғайр аз он, боз калима ва ибораистилоҳҳои иқтибосии юнонӣ, суриёнӣ ва ҳиндӣ низ ба назар мерасанд. Боиси тазаккур аст, ки истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ дар осори тиббии қадим мавқеи ба худ хосро ишғол мекунанд. Зеро дастпарварони ин гавҳораи тамаддуни башар на танҳо дар илми фалсаву мантиқ, балки дар улуми дигар, аз ҷумла, тиб низ дорои мақоми махсус буданд ва як гурӯҳ истилоҳоти юнониасли ин соҳа, ки гузаштагон ва имрӯзиён аз онҳо истифода кардаву мекунанд, далели ин гуфтаҳо мебошанд. Табист, ки истилоҳоти юнониасл ба асарҳои марбути ин соҳо ворид гардида, имрӯз низ дар гардиш мебошанд.

Яке аз ин гуна асарҳо «Хазинаи тибби қадим» мебошад, ки дар он зиёда аз 70 истилоҳи тиббии иқтибосии юнонӣ шарҳ дода шудааст, ки ин аз муносибат доштан ва бахӯрдор будани олимони шарқу ғарб аз дастовардҳои илмии ҳамдигар дарак медиҳад. Як зумра олимон, ки имрӯз бо тадқиқоти соҳаҳои гунонгуни илм машғуланд, аз ҷумла таърихнигорон ва ҷуғрофидонон дар ин бора афкори хешро баён намудаанд. Таърихшиноси араб Абдулазиз Солим дар асари худ «Таърихи араб қабл аз Ислом» дар бораи муносибати эрониҳо, арабҳо ва юнониҳо чунин навиштааст: «Ин китобҳо алорағми иштибоҳот ва хатоҳои таърихӣ, ки дар онҳо роҳ ёфта, мутазаммини иттилооти таърихиву ҷуғрофиёии судманде дар бораи араб пеш аз Ислом аст, зеро ки нависандагони ин китобҳо дар таълифоти худ ба ахбору иттилооте такя кардаанд, ки ҷангҷӯёни юнониву румӣ ва сайёҳону бозаргононе фароҳам овардаанд, ки дар сарзаминҳои арабӣ, бахусус дар сарзаминҳои

Набатиён ба сафару саёҳат мепардохтанд ва бо мардум ихтилоту иртибот доштанд. Аз қадимтарин нависандагони ин китобҳо метавон аз афроди зер ном бурд: Ошил ё Осихулуси юнонӣ [525- 456п.а], Ҳирудут [480-425п.а] [3, 25].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки аз замонҳои қадим дар байни мардуми қитъаҳои Осиё ва Аврупо муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангӣ вуҷуд доштааст.

Чунонки зикр гардид, дар китоби Ҳомидҷон Зоҳидов дар баробари калимаҳои аслӣ, истилоҳоти тиббии иқтибосии зиёд ба назар мерасанд, ки дар миёни онҳо вожаҳои юнонӣ мавқеи вижа доранд. Мо дар зер як қатор истилоҳоти тиббии иқтибосии юнониро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар осори мавриди назари Ҳомидҷон Зоҳидов як гурӯҳ калима ва ибораҳои истилоҳии тиббӣ, ки аз забони юнонӣ маншаъ мегиранд, ҳангоми иқтибос шудан бо дарназардошти қонуну қоидаҳои калимасозии тоҷикӣ мутобиқ гардида, ба тағйирот дучор омадаанд ва дар ин асос онҳоро ба тариқи зер гурӯҳбандӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ, ки бе тағйири таркиби овозӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд: Масалан: **абтаритовус [1, 17], абурасмо [1, 17], боритус [1, 77], диёфрағмо [1, 129].**

2. Истилоҳоти тиббии иқтибоси юнонӣ, ки дар шакли муаарраб [арабишуда] ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, ба монанди **акҳал [1, 28], фалғамунӣ [1, 460], диёқудо [1, 129], заёбитус [1, 151]**.

3. Истилоҳоти тиббии омехта, ки ҷузъе аз онҳо юнонӣ буда ва ҷузъи дигарашон тоҷикист. Мисол: **сарсом [1, 369]** ва **барсом [1, 68].** Ин истилоҳҳо аз калимаҳои аслии «**сар**» ва «**бар**» ба воситаи калимаи «сом»-и юнонӣ, ки маънои «варам»-ро дорад, сохта шудаанд.

4. Ибораистилоҳҳои муштарак, ки аз калимаҳои юнонӣ ва арабӣ ё баръакс сохта шудаанд. Ин истилоҳот аз рӯи қоидаҳои синтаксисии забони тоҷикӣ, яъне тавассути бандаки изофӣ бино ёфтаанд: **молихулиёи мирроқӣ [1, 272], зусанториёи миавӣ, зусанториёи кабидӣ [1, 173], ҳуммои инқиёлус [1, 590].**

5. Истилоҳи «**митрутус**», калимаи муштараки суриёнӣ ва юнонӣ шарҳ ёфтааст. Митрутус [مطرطوس] миқдори ченаки моеии юнонӣ ва суриёнист, ки иборат аз 3,38 литр мебошад [1, 271].

Истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонии «Хазинаи тибби қадим»-ро аз ҷиҳати ифода намудани мафҳумҳои тиббӣ ба чунин навъҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Истилоҳоти тиббие, ки номҳои амроз, ахлот, табҳо, исҳолҳоро ифода менамоянд: **зусанториёи кабидӣ** [ذوسنطاریای کبیدی] ин исҳол номи бемориест, ки аз сустии ҷигар ба амал меояд [1, 173], **анбусимо** [عنبوسیما] бемории чашм, ки онро ба арабӣ сулоқ меноманд [1, 35]; **қодлусус** [قادلسوس] таби сӯзон аст [1, 536].

2. Истилоҳоти ифодакунандаи номи аъзои инсон: **диёфрағмо** [دیافرغما] пардаест дар сина, ки дар мобайни дил ва меъда кашида шудааст [1, 129], **тархомотиқун [**طرخاماطقون] шиёфҳои чашм [1, 426], **акҳал [**اکحل] рагеро меноманд дар даст, ки миёни кифол ва бослиқ ҷой гирифтааст, яъне дар хамаки оринҷ аст [1, 28].

3. Вожаҳои ифодакунандаи номи адвия, ахлот, маъҷунҳо ва шаробҳои шифобахш: **иёраҷ** [ایارج] лафзи юнонист ба маънои шариф, ин давоест мураккаби мусҳил [исҳоловар] ва мунаққии [тозакунандаи] мағзи сар [1, 175], **иқлимиё** [اقلمیا] хилте мебошад, ки бад аз гудохтани тилло, нуқра ва дигар фулузот ҷудо мешавад [1, 212], **фалуниё** [فلونیا] маъҷуни кайфовар аст, ки афюн ва базрулбанҷ дар он дохил мекунанд [1, 461], **иксумолӣ** [اکسومالی] сиканҷабин аст, ки аз сирко ва асал тайёр карда мешавад. Баъзеҳо дар он оби шӯр ё намаки баҳрӣ илова мекунанд [1, 176].

4. Истилоҳоти ифодагари мафҳумҳои миқдори ченаки давоҳое, ки ҳангоми табобат ба кор мебаранд: **убулус** [اوبولوس] миқдори вазнест иборат аз се қирот, ки ба 0,57 гр баробар аст [1, 451], **уксубофун** [اوکیسوبافون] миқдори вазнест мутлақи он аз ҳашт қирот иборат буда, 1, 52 граммро ташкил медиҳад [1, 453], **уйқус** [اویقوس] миқдори вазнест баробари як уқия [25, 5 гр] аст [1, 453].

Истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ дар «Хазинаи тибби қадим» дорои хусусиятҳои хос буда, аз калимаҳои аслии забони тоҷикӣ ва иқтибосоти арабӣ аз ҷиҳати таркиби овозӣ ва калимасозӣ тафовути назаррас доранд. Бояд зикр намуд, ки хусусиятҳо асосан дар истифодаи пасвандҳои калимасози забони юнонӣ мебошад. Масалан, пасванди **–ус** [баъзан дар шаклҳои -ис, -уш низ вомехӯрад], ки истифодаи он дар истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонии «Хазинаи тибби қадим» хеле маъмул мебошад: **каймус** [1, 221], **шақоқалус** [1, 500], **фунус** [1, 475], **заёбитус** [1, 151], **таваҳсис** [1, 419], **уротис** [1, 406]**, сумнуш** [1, 406], **унқуш**[1, 424].

Инчунин пасванди **-ё** [баъзан **-о**] низ фаровон истифода шудааст: **молихулиё** [1, 272], **саҷзиниё [**1,389], **фалуниё** [1, 461], **диёқудо** [1, 129], **файқаро** [1,461], **зусанториё** [1,173] ва амсоли инҳо.

Истифодаи пасванди калимасози **–ун**ро**,** ки гоҳе дар шакли **-ин** вомехӯрад, дидан мумкин аст: **уксубофун** [1, 143], **тархомотиқун** [1, 426], **молиқаротин** [1, 274].

Пасванди дигаре, ки нисбатан серистеъмол аст, «**-и**» мебошад: **ақумоли** [1, 149], **иксумоли** [1, 176], **рӯшноӣ** [1, 349], **ва рудумоли** [1, 346].

Аммо ин пасвандҳо ба ҳамаи истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ хос нестанд, вожаҳое ба монанди **тарёқ** [1, 426], **буҳрон** [1, 85], **босликъ [1, 86], акҳал** [1, 28] аз ин қоидаҳо истисно ҳастанд.

Чунонки маълум гашт аксари ин калимаҳо ба гурӯҳи калимаҳои куҳна дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин баъзе истилоҳоти тиббии юнониасл, ки дар тибби суннатии мардуми тоҷик истифода шудаанд, то ҳол корбаст мешаванд, ки вожаҳои **диёфрағмо [диафрагма], тарёк, заёбитус [диабетос]** низ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Зоҳидов Ҳ. Хазинаи тибби қадим. – Душанбе: Ирфон, 1990. - 624 с.
2. Зоҳидов Ҳ. Канзи шифо (нашри дуюм). – Душанбе: Ирфон, 1993. –720 с.
3. Солим А. Таърихи араб қабл аз ислом. – Теҳрон.1383 ҳ.409 с.
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: 2008. – 950 с.
5. Нармафзори «Фарҳанги ҷомеи форсӣ» (Онандроҷ). – Эрон 1363 ҳ.

PECULIARITIES OF GREEK MEDICAL TERMINOLOGY IN “ANCIENT MEDICINE” OF HOMIDJON ZOHIDOV

This valuable work is the best archive of original medical terms and reflects the history of Tajik medicine. Generally, most of them are Greek terms. Because, Greece is the cradle of science and civilization, and not only philosophical and logical science is spreading on this earth, but also other sciences, including medicine that has a large group of terms used in the ancient medical treasury. The author of the article commented on the features of the Greek terminology of medical terminology and supported them with reference to the vocabulary of the Tajik language. Also, based on the expression of medical terms, Greek terms are classified and discussed. It is clear that these terms are mainly name of the diseases, method of treatment and measurement.

Keywords: *medical terms, Greek, citation, terminological characteristics, Greek terms, disease name.*

ОСОБЕННОСТИ ГРЕЧЕСКОЙ МЕДИЦИНСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В «ДРЕВНЕЙ МЕДИЦИНЕ» ХОМИД ЖОН ЗОХИДОВ

Эта ценная работа является лучшим хранилищем оригинальных и оригинальных медицинских терминов и отражает историю таджикской медицины. Вообще говоря, большинство терминов являются греческими. Потому что Греция является колыбелью науки и цивилизации, и на этой земле распространяется не только философская и логическая наука, но и другие науки, в том числе медицина, которая представляет собой большую группу терминов, используемых в древней медицинской сокровищнице. Автор статьи прокомментировал особенности греческой терминологии медицинской терминологии и поддержал их со ссылкой на словарный запас таджикского языка. Также, основываясь на выражении медицинских терминов, греческие термины классифицируются и обсуждаются. Понятно, что эти термины - это в основном название болезни, метод лечения и измерения.

Ключевые слова: *медицинские термины, греческий язык, цитата, терминологические характеристики, греческие термины, название амроза.*

Сведения об авторе:

Хусанбоев Нодир Абдухидович*, старший преподаватель общеуниверситетский кафедры таджикского языка, Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, тел.: 927360227*

About the author:

Husanboev Nodir Abdukhidovich*, Senior Lecturer in the Chair of the Tajik Language of Khujand State University named after academician Bobodzhon Gafurov, тел.: 927360227*

РЕАЛИЯҲОИ ҶУҒРОФИЮ ҶАМЪИЯТӢ-СИЁСӢ ВА ТОПОНИМҲО ДАР МУҚОИСА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Бобоҷонова М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Возеҳан агар атрофи калимаи “реалия” назар пардозем, аз калимаи лотинии “realis” маънояш “моддӣ”, “воқеӣ” мебошад. Калимаи “реалия” ба гурӯҳи истилоҳоти асосии илмҳои тарҷумашиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, луғатнигорӣ, кишваршиносии лингвистӣ, методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дохил мешавад.” [2,52]

Реалияҳо бо вижагиҳои нотакрори фарҳангии як миллат дар робитаи мустақим қарор доранд. Метавон зикр кард, ки оинаи хусусияти фарҳангӣ, одат ва расму русуму ойини ин ё он миллат ба шумор меравад.

Релияҳои ҷамъиятию сиёсӣ гурӯҳи калимаҳои фароҳам омада, ки бо хусусияти миллии мардуми соҳиби забон тавъаманд. “Агар дар номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо), ҳайвоноту наботот махсусияти муҳити табиию ҷуғрофии иҳотакунандаи як гурӯҳи мардум-соҳиби забон инъикос ёбанд, дар номҳои муассисаҳо, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои гуногуни давлативу ҷамъиятӣ хусусияти сохтори давлатию сиёсии ҷомеаи кишваре, ки ин забон дар он хидмат мекунад, таҷассум мегардад” [4, 111]. Лексикаи гурӯҳи мазкур доираи васеи калимаҳоеро дар бар мегирад, ки ниҳодҳо ва мафҳумҳои сиёсӣ, тақсимоти маъмурию ҳудудӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо, касбу кор, унвонҳои гуногун, номҳои рӯзномаҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ширкатҳои бузург, лексикаи соҳаи ҳарбӣ ва ғайраро ифода мекунад. Дар назар бояд дошт, ки дар заминаи равандҳои муштараки сиёсиву таърихӣ, хосатан дар фазои муассири ҷаҳонигардонӣ пешрафтҳои азими технологиву фановарӣ як силсила калима-реалияҳои байналмилалӣ ба ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии халқу миллатҳо бо суръати бесобиқа ворид мегарданд.

Ба қавли С.И. Ожегов “реалияҳо ҳамчун маводҳои фарҳанги моддӣ, зуҳуроти олами объективӣ, предмети ягона, ашё маҳсуб меёбанд” [3, 671].

Дар “Луғати истилоҳоти лингвистӣ”-и О.С. Ахманова, истилоҳи “реалия” ба тариқи зер маънидод шудааст: “реалия (лат. “realia” – моддӣ, воқеӣ) 1. Омилҳои гуногуне, ки аз нигоҳи инъикоси онҳо дар забони мушаххас, дар заминаи низоми давлатдорӣ, таърих, фарҳанг ва робитаҳои забонии миллати воҳид ва ғайра омӯхта мешаванд; 2. Маводи фарҳанги моддӣ” [1, 381].

Дар кишварҳое, ки забонҳои мавриди назари мо амал мекунанд, сохторҳои ба худ хоси ҷамъиятию сиёсие ба мушоҳида мерасад, ки дар онҳо муассисаҳо ва мафҳумҳои марбут ба онҳо аз ҳамдигар тафовут доранд.

Бештари истилоҳоти мазкур дар фосилаи тӯлонии таърихӣ дар баробари такмил ва тараққии ниҳодҳои маъмуриву идорӣ ва афкору ақида ва созмонҳои сиёсӣ шакл гирифтаанд, яъне зодаву парвардаи равандҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ бар пояи вижагиҳои зиндагӣ ва тафаккури миллӣ маҳсуб мешаванд. Дар ин робита баррасӣ ва таҳлили калима-реалияҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсӣ аз рӯи гурӯҳбандии зерин ба мақсад мувофиқ аст:

1. **Калима-реалияҳои ифодакунандаи сохтор ва мафҳумҳои сиёсӣ дар Англия ва ИМА:**

Home Office	Вазорати корҳои дохилӣ
Congress	Конгресс

Senate	Сенат
House of Representatives	Палатаи намояндагон, ИМА
Congressman	узви конгресс
The White House	Кохи Сафед
National Security Council	Шӯрои амнияти миллӣ
Central Intelligence Agency, CIA	Раёсати марказии иктишоф (разведка), ИМА
NASA (National Aeronautics and Space Administration)	Раёсати миллӣ оид ба аэронавтика ва таҳқиқоти фазои кайҳонӣ, ИМА

Бояд тазаккур дод, ки таҳлили муқоисавии калима-реалияҳои сиёсию иҷтимоии забонҳои англисию тоҷикӣ баррасӣ намудани як гуруҳ калимаҳои ифодакунандаи номҳои шаҳру ноҳияҳо ва ашхос – топонимҳо ва антропонимҳоба мақсад мувофиқ аст, зеро онҳо ба гурӯҳи калимаҳои серистифодатарин дохил шуда, хусусияти миллӣ доранд ва ҳангоми муошират бо истифода аз забонҳои англисию тоҷикӣ барои фаҳмидан ё тарҷума кардани онҳо маълумоти иловагӣ ва истифодаи роҳҳои ғайримуқаррарии маънидод ё тарҷума лозим меояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар қатори калима-реалияҳои сиёсӣ барои тарҷумаи ин гурӯҳи калимаҳо низ транскрипсия/транслитератсия ва шарҳу эзоҳҳои иловагӣ лозим аст.

Қобили зикр аст, ки дар забоншиносӣ оид ба антропонимҳо таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидаанд. Мо дар маколаи худ танҳо ба он ҷанбаҳои ин гурӯҳи калимаҳои забони англисӣ ишора хоҳем кард, ки ба назари хонандаи тоҷик ғайриоддӣ метобанд ва шарҳу эзоҳи иловагӣ тақозо мекунанд. Масалан, яке аз хусусияти барҷастаи антропонимҳо – исмҳои шахс ин илова шудани Jr.(= Junior ‘хурдӣ’) ба номи писаре мебошад, ки ном ва насаби падари худро дорад; ба таври васеъ истифода гардидани номҳои Инҷилӣ (Joseph, Samuel, Benjamin, David, Joel, Ezra, Adam); истифодаи шаклҳои ихтисоршудаи исмҳо – Jeffery – Jeff; Joseph – Jo; James – Jim…; тамоюл ба истифодаи сарҳарфҳои номҳои президентон: F.D.R. – Franklin Delano Roosevelt; J.F.K. – John Fitzgerald Kennedy; L.B.J. – Lyndon Baines Johnson [4, 202].

Номҳои ашхоси англиснажод ба номҳои тоҷикӣ млова шудани пасвандҳои навозишӣ хос аст – ҷон барои номҳои мардона – Фирдавсҷон, Акмалҷон ва ғ. ва -хон маъмулан нисбат ба номҳои занона ба мушоҳида мерасад.

1. Реалияҳои ҷуғрофӣ ва топонимҳои англисӣ ва амрикоӣ:

Avon	- Эйвон, дарё;
Glasgow	Глазго, шаҳр;
Cardiff	- Кардифф, шаҳр;
Douglas	- Дуглас, шаҳр;
Liverpool	- Ливерпул, шаҳр;
Oxford	- Оксфорд;
Washington	- Вашингтон;
New York	- Ню Йорк;

Топонимҳои ҷамъиятии тоҷикӣ:

Кӯлоб	- Kulob
Қӯрғонтеппа	- Qurghonteppa
Ҳисор	- Hisor
Файзобод	- Fayzobod

Хулоса, калимоте, ки ифшокунандаи мафҳумҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ономастика дар ду забон гурӯҳи махсусеро ташкил медиҳанд. Таҳқиқ ва таҳлили муқоисавии онҳо ба раванди омӯзиши забонҳо ва тарҷума мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов/ О.С. Ахманова. – М., 1966. – 401с.
2. Иванова, Н.А. Сопоставительно-типологический анализ безэквивалентной лексики (на материале русского, немецкого и французского языков): дисс… канд. филол. наук: 10.02.20 – сравнительно-историческое, типологическое и сопостовательное языкознание / Иванова Наталья Алексеевна. – М., 2004. – 238с.
3. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М.: Азбуковник, 2000. – С.671

4. Томахин, Г.Д. Реалии – американизмы: учеб. пособие для институтов и фак. иностр. яз. / Г.Д. Томахин. – М.: Высшая шк., 1988. – 239с. (Пособие по страноведению).

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ, СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ РЕАЛИЗОВ И ТОПОНИМОВ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье исследуется проблема сравнительного анализа географических, социальных и политических реалий и топонимов на английском и таджикском языках. Автор статей предоставил таблицы географических, социальных и политических реалий английского и таджикского языков, которые показывают различия реалий этих языков. Формирование реализаций также анализируется на обоих языках в статье. Например, в статье представлены некоторые инфиксы, которые можно использовать при формировании личных имен на английском и таджикском языках.

Ключевые слова: реалис, сравнительный анализ, географические, социально-политические реалии и топонимы, английский язык, таджикский язык.

COMPARATIVE ANALYSIS OF GEOGRAPHICAL, SOCIAL AND POLITICAL REALISES AND TOPONYMS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article explores the issue of comparative analysis of geographical, social and political realises and toponyms in English and tajik languages. The author of articles provided the tables of geographical, social and political realises of English and Tajik languages that shows the differences of realises of these languages. The formation of realises are analyzed in both languages in the article as well. For example, some infixes which can be used in the formation of personal names in English and Tajik languages are provided in the article.

Keywords: *realis, comparative analysis, geographical, social and political realises, and toponyms, English language, Tajik language.*

Сведения об авторе:

Бабаджанова Махинабону *- аспирант, преподаватель Худжандского государственного университета им. Б. Гафуров. Телефон: 92-760-60-08, E-mail: babajanova. mahinbonu@mail.ru*

About the author:

Babadjanova Makhinabonu*, post-graduate student, teacher of the Khujand State University. B. Gafurov. tel: 92-760-60-08, E-mail: babajanova. mahinbonu@mail.ru*

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОТТЕНКИ ПРИДАТОЧНЫХ АТРИБУТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Касимов О.Х.
ТГМУ им. Абуали ибн Сино
Нурматова З. Ш.
Кулябского государственного университета им. А. Рудаки

В русском языке, как и в таджикском, для проведения классификации сложноподчиненных предложений на типы применяется семантический принцип. Согласно этому принципу каждый тип отличается в зависимости от средств связи, позиции главного и придаточного предложений, которые входят в состав конкретного сложноподчиненного предложения. Исследователи также выделяют внутри сложноподчиненных предложений придаточные по их синтаксическим функциям по отношению к главному предложению, что позволяет провести более глубокий и подробный анализ синтаксической специфики данного типа сложных предложений.

Все типы сложноподчиненных предложений делятся на две большие группы. Это полифункциональные, которые содержат несколько видов придаточных предложений, и монофункциональные, имеющие в состав один вид придаточного предложения. Полифункциональная группа сложноподчиненных предложений характеризуются следующими типами придаточных предложений [18]:

1) в придаточных атрибутивных предложениях, придаточная часть характеризует признак предмета- существительного или конкретизирует предмет, на который указано местоимение – существительное. Они соединяются с главным предложением только союзными словами: ***который***, ***какой***, ***чей,*** ***где***, ***куда***, ***откуда***, ***кто***, ***что*** *и т.д.* Придаточные атрибутивные предложения имеют подтипы: а) присубстантивно-атрибутивный и б) приместоименно-атрибутивный. В присубстантивно-атрибутивных предложениях одно придаточное предложение является атрибутивным, например: *Я не убил, не украл, я просто не согласен с таким порядком жизни, в котором люди принуждены грабить и убивать друг друга* [8,277]; *Одам накуштаам ва дуздӣ накардаам, ман фақат ба ин тартиботи зиндагонӣ, ки мардумро ба горат кардану куштани якдигарашон водор мекунад, розӣ нестам* [9,352]. Приместоименно-атрибутивные сложноподчиненные предложения имеют четыре вида придаточных: подлежащные, сказуемостные, атрибутивные, дополнительные, например: *Ей необходимо было уравновесить чем-либо ярким и разумным то мрачное, что она видела в этот день и что давило ей голову бессмысленным ужасом, бесстыдной жестокостью* [8,242]; *Барои бартараф намудани ҳодисаҳои гамангези имрӯза, ки бо даҳшати бемаъно ва бешафқатии бешармонаи худ сарашро гаранг карда буданд, ба вай ягон воқеаи равшан ва форамеро ба ёд овардан зарур буд* [9,309].

2) изъяснительный тип, где внутри выделяются придаточные подлежащные, сказуемостные и атрибутивные, например: *Поглаживая свои длинные, покрытые росой усы, он грузно уселся на лошади и с таким видом,* ***как будто*** *забыл что-то или не досказал, прищурил глаза на даль* [15,191]; *Вай мӯйлабҳои дарози қирав зеркардаашро молида истода вазнину бесулуқай ба асп савор шуд ва бо чунин намуде,* ***ки*** *гӯё ким-чиро фаромӯш кард ё то охир гапашро нагуфта монд, чашмонашро нимпӯш карда ба дуродур дӯхт* [16,360].

3) встречаются следующие виды сложноподчиненных предложений внутри сравнительных типов придаточных атрибутивных: *Все происходившее сначала казалось ей лишним и нудным предисловием к чему-то страшному,* ***что*** *появится и сразу раздавит всех холодным ужасом* [8,278]; *Аввал ба назари ӯ чунон намуда буд,* ***ки*** *тамоми ин ҳангомаҳо муқаддимаи барзиёд ва дилтангкунандаи воқеаи хавфноке мебошанд, ки он нохост зоҳир гашта ва бо даҳшати сарди худ ба ҳама фишор медиҳад* [9,353].

4) в сложноподчиненных предложений с грамматическим значением следствия присутствует также оттенок атрибутивных придаточных: *Что вы за такие персоны,* ***что*** *вас даже и смерть не берет?* [15,98]; *Чӣ гуна зоти шариф ҳастед,* ***ки*** *ҳатто аҷал ҳам намегирадатон* [16,249]?

5) в пространственном типе придаточных предложений также выделяются атрибутивные придаточные, которые обеспечивают комментарии к какому либо факту, т.е. даются пояснения: *Далее старик, гневно потрясая руками, описал конские ристалища, бой быков, театры, мастерских художников,* ***где*** *пишут и лепят из глины нагих женщин* [15,294]. *Далее старик, гневно потрясая руками, описал конские ристалища, бой быков, театры, мастерских художников, т.е.* ***там***, ***где*** *пишут и лепят из глины нагих женщин*. В этом примере придаточное предложение поясняет однородные выражения *конские ристалища, бой быков, театры, мастерские художников*. Вышеизложенное предложение можно сформулировать и таким образом, который соответствует конструкции СПП с атрибутивным придаточным: *Далее старик, гневно потрясая руками, описал конские ристалища, бой быков, театры, мастерских художников,* ***которые*** *пишут и лепят из глины нагих женщин* - атрибутивный тип с присубстантивно-атрибутивным придаточным. Ср. в таджикском языке: *Сипас мӯйсафед бо дастони аз шиддати газаб ларзон аз хусуси пойгаи аспон, ҷанги говон, театрҳо, коргоҳҳои рассомон,* ***ки*** *он ҷо сурати занони бараҳнаро мекашанду аз лой месозанд, ҳикоят кард* [16,445].

6) в предложениях временного типа встречаются предложения с атрибутивными придаточными оттенками: *В ясные летние и в суровые осенние ночи или зимою,* ***когда*** *тройку с воем кружит злая метель, трудно уберечься от страшного, жуткого* [15,222]; *Дар шабҳои*

равшани тобистону тирамоҳи сард ё зимистон, ***ки*** *сеаспаро барфбоди шадид гурросзанон дар худ мечархонад, аз хатару дахшат худро ҳифз кардан мушкил аст* [16,399].

7) в условном типе сложноподчиненных предложений также выделяются атрибутивные оттенки: *Был у меня такой же топор, словно* ***как будто*** *поменьше, да сын потерял, Прохор* [15,107]; *Буд аз они ман ҳамин хел табар,* ***гӯё*** *андаке аз ин хурдтар, вале писарам Прохор гум кард* [16,260].

8) оттенок атрибутивных придаточных встречается также и в обобщенно-уступительных придаточных предложениях: *Дом господский стоял одиночкой на юру, то есть на возвышении, открытом всем ветрам,* ***каким*** *только вздумается подуть; покатость горы, на* ***которой*** *он стоял, была одета подстриженным дерном* [6,53]; *Бинои хӯҷаин дар болои тал, яъне дар болои баландие истода буд,* ***ки*** *чор тарафи он кушода буд, ҳар боде, ки мевазид, ба он ҷо мерасид: тарафи нишебии он баландӣ чимзори қайчӣ кардашуда буд* [7,26].

Наиболее общее значение атрибутивности вносится союзным словом ***который*** в сложных предложениях, выражающих атрибутивные отношения, например: *Бричка, въехавшая во двор, остановилась перед небольшим домиком,* ***который*** *за темнотою трудно было рассмотреть* [6,416]; *Ароба ба даруни ҳавлӣ даромада дар рӯ ба рӯи иморати хурдакаке истод,* ***ки*** *дар ин торикӣ чи хел будани онро муайян кардан душвор буд* [7,50].

Вносит дополнительный оттенок принадлежности союзное слово ***чей***, например: *Из траншеи вылезали люди, молча слушали о смерти того,* ***чье*** *имя знал весь мир* [10,318]; *Одамон аз хандақ берун омаданд, хабари марги онеро,* ***ки*** *номаш ба тамоми аҳли олам маълум буд, хомӯшона гӯш мекарданд* [11,388].

Союзные слова ***где, куда, откуда*** употребляются только при именах существительных, имеющие в себе пространственное значение. Например: *Дав лошадям шпоры, полковник с есаулом понеслись галопом к площади,* ***где*** *уже кончался парад* [10,116]; *Подполковник ва ясавул аспонро маҳмез зада ба сӯи майдон,* ***ки*** *парад дар он ҷо нав тамом шуда буд, чорхез гиронда рафтанд* [11,138]. Союзное слово ***когда*** в придаточных атрибутивных предложениях осложняются оттенком временного значения и допустимо только при именах существительных того же значения, т.е. значения времени: *Проглядели мы эту дорогу, нам еще в восемнадцатом,* ***когда*** *против немца бастовали, начинать было* [10,323]; *Мо бояд ба ин кор ҳанӯз дар соли ҳаждаҳум миён мебастем,* ***ки*** *он вақт ба муқобили немисҳо корпартоӣ карда будем* [11,394]. Союзы ***словно, будто, как будто, точно*** вносят в значение придаточной части оттенок сравнения: *В случае если бы рабочие подумали вмешаться, их бы встретили свинцом* [10,75]; *Дар сурати дар коргарон пайдо шудани нияти дахолат, онҳоро бо тир пешвоз мегирифтанд.*

Анализ придаточных атрибутивных предложений в таджикском языке убедил нас в том, что самый легкий путь определения этих видов предложений в таджикском языке присутствие артикля –е после существительного в главном предложении и знака препинания (,) перед союзом **ки**: *Он ҳақиқатеро, ки ҳар рӯз бо пешонаатон бармехӯред, эътироф кардан, ба шароити таърихӣ бо чашми кушод назар карда кор бурдан намехоҳед!* [1,91]; *А ту правду, в которую вы каждый день лбом тычетесь, понять, увидеть не хотите или не можете* [2,67]. Как уже было отмечено, это придаточное атрибутивное предложение определяется при помощи артикля –е, союза **ки** и соотносительного слова **он.** Определять в нем оттенки прямого дополнения мы можем также при помощи вопроса, относящегося к придаточным атрибутивным предложениям и существительным, имеющим послелог –**ро** в главной части. В русском предложении это передаётся при помощи падежного окончания *правд**у***. В русском и таджикском примерах наблюдается одинаковые структурно- семантические соотношения. Если в главном предложении есть собственные существительные или сообщается об их конкретности, то такие предложения не нуждаются в неопределенном артикле.

По традиции обучение видов придаточных предложений в таджикском языке начиналось с разъяснения особенностей придаточных подлежащных предложений, и заканчивалось обучением придаточных обстоятельственных предложений.

По мнению таджикского языковеда Шербоева С., такой подход традиционного метода обучения придаточных предложений не отвечает нормативному требованию [17,393]. Известный ученый-методист хочет добавить, что такой метод обучения для учащихся создает трудности в усвоении соответствующего материала. Суть и структура придаточных

подлежащных и сказуемостных предложений является более сложным, чем другие придаточные предложения. Также они менее употребительны по сравнению с другими придаточными в устной и письменной речи.

Теперь прежняя форма и порядок обучения придаточных предложений в таджикском языке изменились. Новый порядок обучения этих предложений предстоит таким образом: а) придаточное дополнение; б) придаточное определительное; в) придаточное подлежащное, г) придаточное сказуемостное; д) придаточное обстоятельственное и его виды. Специфика любого языка ярко проявляется в процессе сопоставительного анализа конкретных лингвистических фактов. Закономерности и специфика любого языка в частности таджикского и русского, ещё глубже понимаются, когда на них смотришь через призму их отличительных синтаксических черт [13,4]. *Сониян, сарбанди сесадметрае, ки мо соф аз бетон месозем, дар шароити заминҷунбиҳои сахти Осиёи Миёна бақодор буданаш дар гумон аст* [1,105]. *К тому же трёхсотметровая плотина из бетона, которую мы построим в условиях повышенной сейсмичности, ненадёжна* [2,77]. В главном предложении данного примера подлежащим является *сарбанди сесадметрае* и придаточная часть *мо соф аз бетон месозем* поясняет его. Большинство придаточные части в придаточных атрибутивных предложениях в русском языке по расположению занимают постпозицию (т.е. за главным). Данное явление мы наблюдаем в фиксированных выше примерах.

Как отмечает Рустамов Ш. в своей книге «Сложности синтаксиса», придаточные атрибутивные предложения от всех других сложноподчиненных предложений отличается тем, что придаточные части поясняя соотносительные слова в главном определяет его не в отдельности, а вместе соотносительным словом и существительным, поэтому задача определяемых соотносительных слов ограничивается при разделение и определение существительных [12,219].

В следующем придаточном атрибутивном предложении с оттенком дополнения придаточная часть поясняет косвенное дополнение, находящиеся в главном предложении: *Ӯ «бозича» гуфта ба крани хартумдароз ишорат мекард, ки ду чархи қафои платформаи бузурги он зери кӯпрук овезон буд!* [1,120]. *Валерий показал на длиннохоботный кран, два колеса огромной платформы которого свешивались с моста* [2,89]. Главные части придаточные атрибутивные предложения не сильно зависят от придаточных частей, так как, имеют при себе всевозможные компоненты, и подчиняют себе придаточного.

Придаточные атрибутивные предложения в таджикском языке могут пояснять существительное в главном, выражающими различными видами обстоятельства. Больше всего могут иметь оттенки обстоятельство место. Например: *Никакая сила не могла удержать Сережу Брузжака в подвале,* ***где*** *собрались его семья и ближайшие соседи* [10,125]; *Қуввае набуд,* ***ки*** *Серёжа Брузжакро дар таҳхона нигоҳ дошта тавонад* [11,149]. Эти обстоятельства места в главном выражаются существительным с пространственным значением и приобретают дополнительные сведения.

Существительные или словосочетания, которые имеют в конце вспомогательные глаголы «**буд**» являясь сказуемым в главном предложении, поясняются придаточным. В основном главные предложения в придаточных атрибутивных предложениях с оттенками сказуемого в таджикском языке поясняют составные именные сказуемые. Эта задача выполняется группами существительных и глагольными связками. Если действия, происходящие в придаточных атрибутивных предложениях, относятся к прошедшему времени, то сказуемое в главном и придаточном предложении обозначаются различными формами прошедшего времени изъявительного наклонения сказуемого: *Ту аккаи алое ҳастӣ, ки дар сари роҳ нишаста, ба ҳар як ҳарфи дастурамал нӯл мезанӣ!* [1,110]; *Ты сорока, что сидит у дороги и клюёт каждую букву инструкции* [2,82].

Как в русском, так и в таджикском языке, в придаточных атрибутивных предложениях определяемые придаточной частью слова могут выполнять в главной части роль любого члена предложения, поскольку способность их иметь определение в виде придаточной части связана с их лексико-морфологической природой, а не с синтаксической функцией: *Среди них и Лиза,* ***которую*** *задержали как свидетельницу* [10,63]; *Лиза ҳам дар байни онҳо буд,* ***ки*** *ӯро ҳамчун шоҳид нигоҳ дошта буданд* [11,105].

Наблюдения говорят о том, что в русском синтаксисе при проведении двух первых видов классификации сложноподчиненных предложений (традиционной и формальной) придаточные атрибутивные предложения были анализированы не полностью. Их изучение сформировалось либо на общности синтаксических функций компонентов предложения и зависимых частей сложного предложения, либо по связующим средствам главной и придаточной частей. Сложноподчиненные предложения с придаточной атрибутивной частью в таджикском языке в отличие от русского языка имеют все оттенки членов предложения в главном.

Итак, на наш взгляд для современного языкознания свойственно стремление к разработке новых методов синтаксического исследования, которые необходимы для дальнейшего усовершенствования теоретических основ синтаксических конструкций и категорий.

Наше исследование показывает, что придаточные атрибутивные предложения в сопоставляемых нами языках насыщены семантическими оттенками за счет членов предложения в главной части, выраженным существительным. В русском и таджикском языке семантические оттенки в придаточных атрибутивных предложениях могут появиться в результате использования различных союзных и соотносительных слов, примененных в этих предложениях. В данном контексте немаловажное значение приобретает также позиция придаточного предложения по отношении к главному.

ЛИТЕРАТУРА

1. Акобиров Ю. Норак. Асарҳои мунтахаб. /Ю.Акобиров. –Душанбе: Ирфон, 1979. 360 с.
2. Акобиров Ю. Нурек. Произведение./Ю.Акобиров. –М.: Советский писатель, 1980. 264 с.
3. Бабайцева В.В., Максимов Л.Ю. Синтаксис. Пунктуация. Учебное пособие./В.В.Бабайцева., Л.Ю.Максимов. –М.: Просвещение, 1981. 271 с.
4. Белошапкова В.А. Современный русский язык. Синтаксис. Учебное пособие для филологических вузов./В.А.Белошапкова. –М.: Высш. шк., 1977. 248 с.
5. Валгина Н.С., Розенталь Д.Е., Фомина М.И. Современный русский язык. Учебное пособие для филологических спец. вузов./ Н.С.Валгина., Д.Е.Розенталь, М.И.Фомина. 5-е изд., –М .: Высш. шк., 1987. 480 с.
6. Гоголь Н.В. Мёртвые души. Поэма./Н.В.Гоголь. –М.: Худож. лит., 1983. 415с.
7. Гоголь Н.В. Ҷонҳои мурда. Асарҳои мунтахаб./Н.В.Гогол. –Душанбе: Адиб, 1986. 418с.
8. Горький А.М.Мать. Асар/А.М.Горкий. –М.: Современник, 1977. 319 с.
9. Горький А.М. Модар: Роман./А.М.Горкий. –Душанбе: Адиб, 1989. 400с.
10. Островский Н. Как закалялась сталь. Произведение/Н.Островский. –М.: Детская литература, 1973. 384с.
11. Островский Н. Пӯлод чӣ тавр обу тоб ёфтааст.Асар/Н.Островский. –Душанбе: Маориф, 1984. 464с.
12. Рустамов Ш. Сложности синтаксиса (Мушкилоти синтаксис). Учебное пособие для аспирантов/Ш.Рустамов. –Душанбе: Маориф, 1988. 344 с.
13. Салимов Р.Д. Русские инфинитивные предложения и способы их передачи в таджикском языке. Учебное пособие/Р.Д.Салимов. –Душанбе: РТСУ, 2017. 66 с.
14. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. Учебное пособие /А.В.Текучев. –М.: Просвещение, 1980. 414 с. 3-е изд.
15. Чехов А.П. Избранные произведения/А.П.Чехов. Т. 1. Рассказы и повести 1880-1888 гг. –М., Худож. лит., 1976. 480 с.
16. Чехов А.П. Асарҳои мунтахаб. Т. 1. Ҳикояҳо/А.П.Чехов. –Душанбе: Ирфон, 1986. 448 с.
17. Шербоев С. Методика преподавания таджикского языка. (на таджикском языке.). Учебное пособие/С.Шербоев. –Душанбе: Шуҷоиён, 2009. 456 с.
18. Сафаргалиева А.Ы. Придаточные определительные в системе классификаций сложноподчиненных предложений // Гуманитарные научные исследования./А.Ы.Сафаргалиева. 2014. № 10 [Электронный ресурс]. URL: http://human.snauka.ru/2014/10/8009 (дата обращения: 07.02.2019).

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОТТЕНКИ ПРИДАТОЧНЫХ АТРИБУТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье анализируется проблема классификации придаточных атрибутивных предложений в русском и таджикском языках на типы. В русском языке, как и в таджикском, применяется семантический принцип, согласно которому каждый тип отличается в зависимости от средства связи, позиции главного и придаточного предложений. Исследователи также выделяют внутри сложноподчиненных предложений придаточные по их синтаксическим функциям по отношению к главному предложению, что позволяет провести более глубокий и подробный анализ синтаксической специфики данного типа сложных предложений.

На основе изучения и анализа примеров русских и таджикских писателей, автор определяет семантические оттенки в придаточных атрибутивных предложениях способом союзных слов и члены предложения находящиеся в главной части. Как в русском, так и в таджикском языке, в придаточных атрибутивных предложениях определяемые придаточной частью слова могут выполнять в главной части роль любого члена предложения, поскольку способность их иметь определение в виде придаточной части связана с их лексико-морфологической природой, а не с синтаксической функцией. Автор определяет, что придаточные атрибутивные предложения в русском языке насыщены семантическими оттенками не только за счет союзных слов, но и компоненты, находящиеся в главном предложении. В таджикском языкознании придаточные атрибутивные предложения в источниках встречаются более отчетливым образом. Установлено, что они используются только одним союзом ***ки****, и богаты они семантических оттенок за счет членов предложения находящиеся в главной части.*

Ключевые слова: *сложноподчиненные предложения; семантические оттенки; члены предложения; союзные слова; значение; способность; компоненты.*

SEMANTIC SHADES OF ATTRIBUTIVE ATTRIBUTE CLAUSES IN RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

This article analyzes the problem of classifying subordinate attribute clauses in Russian and Tajik into types. In Russian, as in Tajik, the semantic principle is applied, according to which each type differs depending on the means of communication, the position of the main and subordinate clauses. In Russian, as in Tajik, the semantic principle is applied, according to which each type differs depending on the means of communication, the position of the main and subordinate clauses. Researchers also identify subordinate clauses within complex submissions in terms of their syntactic functions with respect to the main sentence, which allows for a more in-depth and detailed analysis of the syntactic specificity of this type of complex sentences.

*Based on the study and analysis of examples of Russian and Tajik writers, the author determines the semantic shades in the subordinate attribute sentences by the method of allied words and the sentence members are in the main part. In both the Russian and Tajik languages, in subordinate attribute sentences, the subordinate part of the word can play the role of any member of the sentence in the main part, since their ability to have definition in the subordinate part is related to their lexical-morphological nature, and not to the syntactic function. The author determines that the subordinate attribute sentences in the Russian language are saturated with semantic nuances not only at the expense of allied words, but also the components that are in the main sentence. In Tajik linguistics, attributive attribute clauses are more clearly defined. It has been established that they are used only by conjunction "****who****", and they are rich in semantic connotations at the expense of the sentence members located in the main part.*

Keywords: *complex sentences; semantic shades; members of the proposal; allied words; value; ability; components.*

Сведения об авторов*:*

Касимов О.Х. *- доктор филологических наук, вед. науч. сотр. ИЯЛ АН РТ, профессор ТГМУ им. Абуали ибн Сино; г.Душанбе, Испечак-м16, д.8; +99237693333, e-mail: olimjonk@yandex.ru;*

Нурматова З. Ш*. - аспирант факультета русской филологии, ассистент кафедры русского языка Кулябского государственного университета им. А.Рудаки, ул. С.Сафарова 16. 735360, Куляб, Хатлонская область, Республики Таджикистан. (+992) 93 911 41 11(м.) ddknzs@mail.ru*

About the authors:

Kasimov O.H. *Doctor of Philology, senior scientific worker, Academy of sciences RT, professor of the TSMU named after Abuali Ibn Sino; Dushanbe, Ispeschak-m. 16, b. 8; +99237693333, e-mail: olimjonk@yandex.ru;*

Nurmatova Z. Sh. *Post-graduate student of the Faculty of Russian Philology, Assistant of the Russian Language at Kulyab State University. A. Rudaki, st. S.Safarova 16, 735360, Kulyab, Khatlon Region, Republic of Tajikistan. (+992) 93 911 41 11(м.) ddknzs@mail.ru*

МАВҚЕИ УСУЛИ КОГНИТИВӢ ДАР ТАҲҚИҚИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ЗАБОН ВА ФАРҲАНГ

Хушматов Н.Р.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар оғози асри XX фарҳангшиноси антропологии амрикоӣ Ф. Боас алоқаи байни забон ва фарҳангро собит намуда, фарҳанги эскимосҳо ва халқиятҳои дигари Америкаи шимолиро тавассути таркиби луғавиашон муқоиса намуд. Маълум шуд, ки забони эскимосҳо дорои қариб 20 калимаест, ки барфро дар ҳолатҳои гуногуни он тасвир мекунанд. Дар айни ҳол аксарияти сокинони Америкаи Шимолӣ барои ифодаи ин мафҳум танҳо аз ду калима истифода мебаранду халос. Тадқиқоти олимони амрикоӣ ба рушдёбии афкори забоншиносӣ таъсири амиқ гузошта, дар натиҷа, ба ташаккулёбии илми *антропология* оварда расонд. Ақидаи асосии илми мазкур дар он аст, ки инсон ҳамчун ҳомили забон ва фарҳанг байни забон ва олами воқеӣ ҷойгир шудааст. Барои ӯ қабул кардан, нигоҳ доштан ва коркард намудани иттилои аз берун воридшаванда хос аст. Маҳз инсон бо тафаккури миллии худ ба объекти омӯзиши забоншиносони нимаи дуюми асри XX – аввали асри XXI табдил ёфт.

Дар мақолаи илмии худ мо масъалаҳои муносибати забону фарҳангро мавриди омӯзиш қарор додаем, зеро ин масъала дар раванди муошират байнифарҳангӣ нақши муҳимтаринро мебозад. Муносибати когнитивӣ дар ин маврид барои беҳтар фаҳмидани равандҳое, ки ҳангоми таъсири мутақобилаи забонҳо ва фарҳангҳо дар доираи муошират байнифарҳангӣ мегузаранд, мусоидат мекунад. Муҳаққиқони муосир бартарияти *забоншиносии когнитивиро* дар он мебинанд, ки вай "дурнамои васеи биниши забонро дар ҳамаи алоқаҳои гуногуншаклаш бо инсон, бо зеҳн ва тафаккури ӯ, бо ҳамаи равандҳои фикрронӣ ва донишандӯзии ӯ ва бо он механизмҳо ва сохторҳое вобаста мекунад, ки дар ниҳоди он маҳфуз ҳастанд" [13].

Чунин гардиши когнитивӣ ва ё ба истилоҳ, инқилоби когнитивӣ дар забоншиносии хориҷӣ бо номҳои Ҷ. Брунер, Ҷ. Миллер, У. Найссер ва дигарон вобаста аст. Ин тағйирёбии равияи забономӯзӣ бо кӯшиши таҳлил кардани ҳодисаҳо дар "таҷассумёбии менталӣ", омӯхтани қобилияти инсон, рамзҳо, мафҳумҳое, ки инсон бо онҳо фикр меронад, вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, равияи мазкури забоншиносии муосир собит месозад, ки инсон ҳамчун намояндаи ҷомеаи муайяни фарҳангӣ, таҳти таъсири он қарор дорад ва бо категорияҳое фикр меронад, ки барои ҳамин фарҳанги забонӣ хос ҳастанд [7, 53-55]. Иловашавии равияи нави илмии забоншиносӣ натиҷаи гардиши умумӣ дар илм ба сӯйи ҷустуҷӯй ва тадқиқи қонуниятҳоест, ки асоси равандҳои қабул, ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва интиқол додани иттилоотро ташкил медиҳад ва ин самт ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон мутааллиқ аст. Барои ҳалли ин вазифа афкори илмии охири асри 20-ум кӯшишҳои фанҳои гуногунро аз қабили равоншиносӣ, забоншиносӣ, технологияҳои компютерӣ, фалсафа, нейрология муттаҳид месозад. Ҷустуҷӯи сабаби пайдоиши ин ё он фикру ақидаро боз чунин равияи илмие дарбар мегирад, ки *бихевиоризм* ном дошта, рафтори инсонро аз нуқтаи назари вуҷуд доштани малакаҳо, ҳавасмандиҳо ва реаксияҳои ӯ баҳо медиҳад. Боз як равияи дигар, *нейроравоншиносӣ*, рафтори инсонро "дар сатҳи равандҳои нейронӣ" мефаҳмонад. Дар фарқият аз ин самтҳо когнитивистон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки "ҳолатҳои менталиро аз ҷиҳати вазифаҳояшон мушаххас гардонанд, яъне таъсири мутақобилаи равандҳои дохилиро дар ҷудошавӣ аз татбиқи моддӣ дар майнаи инсон нишон диҳанд" [5, 18]. Когнитивистон таваҷҷуҳи махсусро на ба раванди қабул, балки ба он медиҳанд, ки чӣ тавр иттилои ба майнаи инсон омада коркард мешавад.

Дар таърихи илми забоншиносӣ усулҳои гуногуни тадқиқи забон мавҷуданд: *муқоисавию таърихӣ*, ки дар асри XIX пайдо шудааст; усули *низому сохторӣ*, ки дар маркази диққати он калима қарор дода шудааст. Забон ҳамчун схемаи умумӣ, "объекти илмии табииёт, берун аз фарҳанг ва алоҳида аз одамоне, ки бо он ҳарф мезананд" [6, 242] омӯхта мешуд. Дар ин маҷро тадқиқотҳои фундаменталие анҷом дода шудаанд, ки манбаи арзишноки маълумот дар бораи қабатҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавии забон на танҳо барои муҳаққиқони муосир, инчунин барои олимоне, ки бо илми антропология сарукор доранд, мебошанд.

Бар ивази самтҳои дар боло зикргардида, ҳоло равияи *антропомаркази* машҳур шуда истодааст, ки ба қавле "ба инсон мавқеи "андозаи ашёҳо"-ро дода, ӯро ба маркази ҷаҳонофаринӣ бозгардондааст" [3, 64]. Дар доираи равияи антропологӣ забон ҳамчун далел баррасӣ мешавад, дар маркази диққат бошад, шахсияти забон меистад. Тафаккури инсон наметавонад берун аз забон вуҷуд дошта бошад. Забон дар ҳамаи равандҳои фикрронӣ иштирок карда, фазои нави менталӣ меофарад, бинобар ин инсон аз чорчӯбаи ашё ва ҳодисаҳои бевосита дида ва шунидааш берун мебарояд. Масалан, бархилофи нуқтаи назари намояндагони забоншиносии сохторӣ, ки бар ақидаи онҳо грамматика барои ибрози фикр танҳо функсияи асбобро мебозад, забоншиносони антрополог чунин мепиндоранд, ки "грамматика худ фикрро ташаккул дода, барнома ва роҳнамои фаъолияти фикрронии фард, воситаи таҳлили таассурот ва синтези он мебошад" [12, 97]. Равияи антропологӣ ақидае пешниҳод мекунад, ки раванди ташаккулёбии фикру ақида қисми грамматикаи ин ё он забон аст, дар айни замон фарқиятҳо метавонанд ҳам начандон калон (масалан, дар забонҳои як гурӯҳ ва ё оилаи забонҳо), ва ҳам хеле чашмрас бошанд (дар забонҳои оилаҳои гуногун). Ҳамин тариқ, инсоне ки ба забони муайян аз кӯдакӣ ҳарф мезанад, мафҳуму образҳои асосии фарҳангиро дар замири худ ҳазм менамояд ва дар худ фарҳанги халқияташро, ки бо ӯ дар давоми тамоми умраш мемонад, ташаккул медиҳад.

Ташаккулёбии забоншиносии когнитивӣ натиҷаи он гардид, ки омӯзиши инсон ҳамчун низоми қабулкунанда, коркардкунанда ва нигоҳдорандаи иттилоъ, ки онро баъдан барои ҳалли вазифаҳои муайян истифода мебарад, оғоз гардид. Азбаски ҳалли вазифаҳои мазкур бо забон вобастагӣ зич дорад, забон мавзӯи омӯзиши забоншиносони когнитолог гардидааст [5, 17]. Нуқтаи назари шумораи зиёди забоншиносон аз он ҷиҳат наздик аст, ки забон воситаи асосии интиқол додану сабт кардани дониш мебошад. В. фон Гумболдт таъкид месозад, ки "забон узвест, ки фикрро созмон медиҳад", зеро "фаъолияти зеҳнӣ … тавассути овоз дар нутқ моддӣ мешавад ва барои дарки эҳсосӣ дастрас мегардад" [4, 75]. Дар ин ҷо нуқтаи назаре таъкид мегардад, ки забон воситаи *моддишавии фикр* аст ва калима як фикрро аз дигараш ҷудо карда, онро на танҳо барои шунаванда, балки, пеш аз ҳама, барои худи гӯянда дастрас мегардонад. Дар идома В. фон Гумболдт кӯшиш мекунад ҳамон ҷузъи сохтори забонро кушояд ва бифаҳмад, ки тавассути он фикри норавшану муғлақ ба мафҳуми равшан ва аниқ табдил меёбад. Бинобар он ки тасаввурот маҳсули фаъолияти маънавӣ аст, он бо ёрии воситаҳои забонӣ шакли воқеӣ пайдо мекунад [4, 78]. Ҳамин тариқ, забон ҳодисаи мураккабтарин мебошад ва мувофиқи ақидаи Э. Бенвенист, якчанд сохтореро дар бар мегирад, ки онҳо барои омӯзиш маводи доманадореро пешкаш месозанд [1, 129-140].

Солҳои охир раванди наздикшавии забоншиносӣ бо маҷмӯи илмҳо ва равияҳо ба назар мерасад, зеро забоншиносӣ ба муайянсозии чунин категорияҳо, ба мисли зеҳн, дониш, таҳқиқи механизми хулосабарорӣ, фаҳмиши воқеият ва равандҳои зиёди дигар, ки бо забон вобастагӣ доранд, ниёз дорад [8, 72]. Азбаски забоншиносӣ, тавре ки маълум шуд, барои иҷро кардани чунин вазифаҳо қодир нест, ба он лозим гардид, ки бо соҳаи байнифаннии омӯзиши фаъолияти фикрронии инсон, яъне илми когнитивӣ ҳамкорӣ намояд. Мувофиқи таъриф, илми когнитивӣ - "илмест оид ба дониш ва маърифат, оид ба натиҷаи дарки дунё ва фаъолияти дарки модии одамон, ки дар шакли иттилооти идрокшуда ва ба низоми муайян даровардашуда ҷамъ гардида, бо кадом як тарзе дар майнаи сари инсон ҷойгир шудаанд ва асоси равандҳои менталӣ ё когнитивиро ташкил медиҳанд" [9, 34-47].

Барои тадқиқи когнитологӣ самтгирии функсионалӣ хос аст, зеро интиқол ва нигоҳдории донишҳои андӯхтаи инсон вазифаи муҳимтарини забон буда, аз нуқтаи назари Фрумкина, "илм доир ба донишҳо наметавонад онро сарфи назар кунад, ки забони табиӣ ҳамчун воситаи сабт кардану интиқол додани дониш дорои афзалияти мутлақ мебошад" [14, 87]. Дар радифи муқоисаи равияҳои сохторӣ ва когнитивии омӯзиши забон ҷиҳатҳои зерини функсионалӣ дар забоншиносии когнитивӣ ҷудо карда мешаванд: 1) таъсири омилҳои экстразабонӣ ба забон ва нутқ, зеро забон на ҳамчун низоми бунбастшуда, балки ҳамчун қисми таркибии низомҳои дигар (фарҳангӣ, иҷтимоӣ) зимни таъсири мутақобила бо онҳо баррасӣ мешавад; 2) ченаки фарҳангшиносии забон, чунки забон ҳамчун асбоби фарҳанг, ки тавассути он овоз ва маъно бо мақсади интиқол додани рамзҳо ҳамроҳ мегарданд, баррасӣ мешавад [6, 271].

Дар давраи муосир муносибати когнитивӣ дар доираи якчанд илм, аз он ҷумла забоншиносӣ татбиқ мешавад, ки дар маркази диққати он "забон ҳамчун механизми умумии когнитивӣ" [5, 21]

баррасӣ мешавад. Забоншиносони когнитивӣ дар назди худ вазифаи тасвир кардан ва шарҳ додани сохтору таҳарруки дохилии когнитивии иштироккунандагони амали коммуникативиро мегузоранд. “Гӯянда-шунаванда чун низоми коркарди иттилоот муоина карда шуда, аз миқдори ниҳоии ҷузъҳои (модулҳои) мустақил иборат аст иттилои забониро дар сатҳҳои гуногун мутаносиб месозад. Мақсади забоншиносии когнитивӣ, мувофиқан, дар тадқиқи чунин низом ва муқаррар намудани принсипҳои муҳимтарини он, на танҳо дар инъикоси низоми ҳодисаҳои забон мебошад. Барои когнитивистон фаҳмидани он ки, тасаввуроти менталии дониши забонӣ бояд чи гуна бошад ва чи тавр ин дониш ба таври “когнитивӣ” коркард мешавад, яъне “воқеияти когнитивии” он чи гуна аст, хеле муҳим мебошад [5, 22].

Аксарияти асарҳои илмӣ доир ба забоншиносии когнитивӣ таваҷҷуҳи худро ба тарзи интиқол додан ва коркард кардани иттилоот ҷалб месозанд. Масалан, равоншиносии когнитивӣ фикр ва рафтори инсон, забоншиносии когнитивӣ бошад, фикр, рафтор ва забонро бо ҳам алоқаманд месозад. Нуқтаи назари муҳаққиқони Ғарб нисбат ба функсияи асосии забон бо нуқтаи назари забоншиносони рус мувофиқ аст. Когнитологҳо забонро ҳамчун низоми мураккаб ва инкишофёфтаи коркарди иттилоот тасаввур мекунанд, ки дар шакли рамзҳо пешниҳод шудааст [15]. Ҷ. Лакофф, ҳангоми таҳлил намудани амсилаҳои когнитивие, ки инсон онҳоро зимни тасаввуроти схематикии олами атроф истифода мебарад, мегӯяд, ки забон навъи бештар махсусгардонидашудаи фаъолияти ақлонии инсон мебошад [10, 31]. Тибқи нуқтаи назари муҳаққиқ, барои фаҳмидани он, ки чи тавр инсон ҳодисаҳо ва объектҳои воқеияти атрофро аз рӯйи категорияҳо тасниф мекунад, дар раванди таснифоти категориалӣ ҳолати табиии забонро фаҳмидан лозим аст. Ҷ. Лакофф 4 навъи категориябандиро нишон медиҳад, ки онҳо механизмҳои сохторбандии забон ва маҷмӯи донишро дар бораи воқеияти атроф ифода мекунанд [10, 31-32].

Инчунин маълумоти таҳқиқоти когнитологҳои ғарбӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки *забон дар майнаи инсон ба таври нейрофизиологӣ нақш бастааст* ва қисмҳои муайяни майнаи сар барои дарк ва ибрози нутқ, аз ҷумла барои амалиёти тафриқавии забон ҷавобгар ҳастанд [15: 219, 193-295].

Забоншиносии когнитивӣ дар натиҷаи аз нав дарккунии табиати забон ва алоқаи он бо тафаккури инсон ба вуҷуд омада, барои дар забоншиносӣ пайдо шудани самтҳое, ки бо тадқиқоти муносибати забону фарҳанг машғуланд, ҳамчун таконе хизмат кард. Ҳанӯз дар давраи нисбатан наздик забон ба ҳайси низоми алоҳида, сохтор, схема баррасӣ мешуд, вале барои муносибати имрӯзаи функсионалӣ нисбат ба омӯзиши забон тадқиқ кардани он на танҳо ҳамчун низоми мустақил, балки инчунин равобити он бо фарҳанг, таъсиррасонии он ба фарҳанг, аз ҷумла моҳияти он ҳамчун асбоби фарҳанг хос аст. Дэн Спербер бар он ақида аст, ки ҳар як инсон ба ҷамъияти муайяни ба худ монандҳо тааллуқ дорад, ӯ дар байни онҳо калон шуда ба воя мерасад, таҳсил мекунад ва ҳамаи таҷрибаи наслҳои пешинаро коркард карда ба наслҳои минбаъда интиқол медиҳад. “Ҳамчун намояндаи ягон ҷамъият инсон, чун дигар организмҳои зинда, аз ибтидо бо инсонҳои дигар дорои сифатҳои якхела, аз он ҷумла қобилияти донишомӯзӣ мебошад. Одамон аз ҳамдигар танҳо бо баъзе сифатҳои сатҳӣ фарқ мекунанду халос” [16]. Вале дар раванди фаъолияти ҳаётӣ инсон ба фарҳанги ҳамон ҷамъияте шомил мегарданд, ки дар он умр ба сар мебарад. Тибқи нуқтаи назари муаллиф, қобилияти тафаккур ва дарксозии инсон бештар ба дарккунии иҷтимоӣ, ба дарккунии бародарони худ, ки инсон бо онҳо ҳамкорӣ ва рақобат дорад, равона карда шудааст. Ҳаёти иҷтимоӣ, дар навбати худ, аз бисёр ҷиҳат ҳаёти фарҳангӣ аст. Фарҳанг, ҳамчун маҷмӯи арзишҳо, аз насл ба насл қоидаҳои дастаҷамъонаи мавҷудиятро, ки барои ҷамъиятҳои мухталифи одамон мансубанд, интиқол медиҳад ва механизми интиқоли мазкур забон мебошад. Ба ҳар як забон нотакрор будан (фарқият дар низомҳои грамматикӣ, луғати беэквивалентӣ) хос аст, ки ин дар забонҳои оилаҳои гуногун махсусан равшан зоҳир мегардад. Ин ҳолатро нигоҳҳои гуногун ба ҷаҳон, тасвирҳои фарқкунандаи он, ки маҷмӯи тасаввуроти халқҳоро дар бораи дунё дар бар мегиранд, шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар вазъи имрӯза дар забоншиносӣ якчанд самт мавҷуд аст, ки бо тадқиқоти масъалаҳои муносибати забону фарҳанг сарукор доранд: *забоншиносии фарҳангӣ* (лингвокультурология), *кишваршиносии забонӣ* (лингвострановедение), *забоншиносии халқият* (этнолингвистика), *забоншиносии когнитивӣ*, *забоншиносии равонии халқият* (этнопсихолингвистика). Вале мушкилоти мазкур мавзӯи тадқиқоти на танҳо илми забоншиносӣ, балки инчунин фалсафа, фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, антропология ва ғ. мебошад. Масъалаи

асосии ҳамаи ин тадқиқот масъалаи таъсири мутақобилаи фарҳанг ва забон аст. Вобаста аз интихоби таъсиррасонии забонӣ ё фарҳангӣ ва ё баробар будани он дар забоншиносии когнитивӣ се равияи асосӣ ташаккул ёфтааст.

Намояндагони равияи аввал бар он ақида мебошанд, ки забон ва фарҳанг алоқамандии танҳо яктарафа доранд: зеро забон воқеиятро инъикос менамояд ва ҷузъи ҷудонопазири он фарҳанг аст, аз ин рӯ забон низ инъикоси содаи фарҳанг мебошад.

Намояндагони равияи дуюм ба омӯзиши таносуби забон ва фарҳанг аҳамият дода, ба саволи таъсири баргардандаи забон ба фарҳанг ҷавоб медиҳанд, ки ин масъала то ба ҳол кушода аст [11, 60]. Асоси равияи мазкурро тахмини он, ки инсон ҷаҳонро тавассути забони модариаш тасаввур мекунад, ҷаҳон ҳамон қадаре, ки он дар забон инъикос ёфтааст, омӯхташаванда мебошад, ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, *ҳомилони забонҳои* гуногун ҷаҳонро ба таври гуногун тасаввур мекунанд ва "манзараи забонии ҷаҳон"-ро ба таври мутафовит мебинанд. Дар доираи равияи мазкур ин масъаларо олимони забоншиноси барҷастаи Ғарб Э. Сепир ва Б. Уорф таҳқиқ намудаанд. Муқаррароти асосии ҳипотезаи онҳо чунин аст: тарзи тафаккур ва дарки ҷаҳон аз он вобаста аст, ки субъект ба кадом забон ҳарф мезанад. "Мо ҷаҳонро ба он самтҳое тақсим мекунем, ки забонамон ба мо талқин мекунад. Мо дар олами ҳодисаҳо ин ё он категорияҳо ва типҳоро на барои он ҷудо мекунем, ки онҳо худ ба худ маълуманд, балки баръакс, ҷаҳон дар назари мо ҳамчун ҷараёни калейдоскопии таассурот ҷилвагар мешавад, ки онро бояд тафаккури мо ташкилу танзим диҳад, яъне асосан аз тарафи низоми забон, ки дар шуури мо нигоҳ дошта мешавад, мураттаб гардад. Мо ҷаҳонро таҷзия сохта, онро дар фаҳмиши худ ташкил медиҳем, мафҳумҳоро ба ин тарз, на ба тарзи дигар тақсим месозем ва ин амалро асосан барои он иҷро мекунем, ки мо иштироккунандагони созише ҳастем, ки чунин банизомдарориро тақозо менамояд. Созиши мазкур барои муайянкунии коллективи забонӣ қувва дошта, дар низоми амсилаҳои забонамон мустаҳкам гардидааст" [12, 174].

Ҳипотезаи мазкури Сепир ва Уорф қобили дастгирӣ гардид ва дар идома аз ҷониби Л. Вайсгерберг коркард шуд, ки ӯ забонро "ҷаҳони мобайнии воқеият ва тафаккур" номидааст. Муҳаққиқ "қонуни забонии инсониятро" кор карда баромад, ки дар он чунин омадааст: "ҳар як забон дар шароити коллективи муайяни одамон вуҷуд дорад, ки барои онҳо ин забон модарӣ аст, яъне дар ҷамъияти забонӣ" [2, 108]. Олим бар он ақида аст, ки забони фард танҳо "бо ёрии ва дар доираи ҷамъияти забонӣ ошкор мегардад" [2, 108], бо ёрии забон инсон тамоми гуногунрангии мураккаби мафҳумҳоро азхуд мекунад, ки онҳо дар зеҳнаш ташаккул меёбанд. Вале забон ба содагардонии "хусусияти хоси воқеият бо ёрии гурӯҳи рамзҳо" ва табдил ёфтани ҷаҳони воқеӣ "ба миқдори ками категорияҳои мафҳумӣ" мусоидат менамояд.

Муқаррароти асосии муносибати сеюм чунин аст: забон қисми фарҳанг, аз ҷумла асбобест, ки бо ёрии он мо фарҳангро дарк месозем. Ҳамин тариқ, забоншиносии когнитивӣ забонро дар таъсири мутақобилаи он бо фарҳанг баррасӣ мекунад. Забон ва фарҳанг ҳамчун ҷузъҳои як мафҳуми бутун мебошанд, вале забоншиносии анъанавӣ забонро аз фарҳанг алоҳида, ҳамчун низоми мустақили автономии семиотикӣ меомӯзад.

Ҳар як инсон ҳомили забон, аз ҷумла ҳомили фарҳанги муайяни забон мебошад. Забон барои ӯ на танҳо воситаи дарк кардани фарҳанг ва воқеияти атроф дар маҷмӯъ, балки инчунин оинаи махсусест, ки дар он тафаккури инсон-ҳомили фарҳанги мазкур инъикос меёбад, яъне забон ҳуввияти фарҳангиву миллии ҳомилони худро акс менамояд.

АДАБИЁТ

1. Бенвенист Э. Общая лингвистика. / Эмиль Бенвенист. - М.: Прогресс, 1974. - 448 с.
2. Вайсгербер Л. Родной язык и формирование духа./Л.Вайсгербер. – М., 1993.
3. Воркачев С.Г. Лингвокультурология, языковая личность, концепт: становление антропоцентрической парадигмы в языкознании // Филологические науки, 2001 - № 1. - С. 64-72.
4. Гумбольдт В. Избранные труды по языкознании./ Вильгельм фон Гумбольдт. - М.: Прогресс, 1984. – 400 с.
5. Демьянков В.З. Когнитивная лингвистика как разновидность интерпретирующего подхода / В.З.Демьянков // Вопросы языкознания, 1994. № 4. С.17-33.
6. Демьянков В. З. Доминирующие лингвистические теории в конце XX века / В.З.Демьянков // Язык и наука конца 20 века. – М.: Институт языкознания РАН, 1995. – С. 239–320.

7. Демьянков В. З., Кубрякова Е. С. Когнитивная лингвистика. / Кубрякова Е.С., Демьянков В.З., Панкрац Ю.Г., Лузина Л.Г. // Краткий словарь когнитивных терминов. – М.: Филол. ф-т МГУ им. М.В.Ломоносова, 1996. – КСКТ, с.53–55.
8. Звегинцев В.А. Новое в зарубежной лингвистике. /В.А. Звегинцев. //Прикладная лингвистика, вып. 12. - Москва: Радуга, 1983. С.72-77.
9. Кубрякова Е.С. Начальные этапы становления когнитивизма: лингвистика, психология, когнитивная наука/ Е.С. Кубрякова. //Вопросы языкознания, 1994. №4. – С. 34-47.
10. Лакофф Дж. Мышление в зеркале классификаторов. / Дж. Лакофф. // Новое в зарубежной лингвистике, вып. 23. – М., 1988. С.18-37.
11. Маслова В.А. Когнитивная лингвистика: учеб. пособие / В.А. Маслова //Мн.: Тетра Системс, 2004. - 256 с.
12. Уорф Г. Новое в языкознании. / Г.Уорф. //Новое в лингвистике, вып.1, М., 1960; перепечатка «Зарубежная лингвистика. I, М., 1999; С.92-106.
13. Федюченко. http://frgf. *****/journal/No20/text09.htm
14. Фрумкина Р.М. Есть ли у современной лингвистики своя эпистемология? / Р.М. Фрумкина // Язык и наука конца XX века./ Ред. Ю.С. Степанов. - М., 1995. - С. 74 - 117.
15. Foundations of cognitive science. MIT Press Cambridge, MA, USA ©1989 table of contents ISBN:0-262-16112-5
16. Sperber: http://perso. club-internet. fr/sperber/mitecs. htm.

МЕСТО КОГНИТИВНОГО ПОДХОДА В ИССЛЕДОВАНИИ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ЯЗЫКА И КУЛЬТУРЫ

Статья посвящена рассмотрению и анализу теоретических предпосылок вопроса взаимоотношений между языком и культурой, так как данный вопрос играет наиболее важную роль в процессе межкультурной коммуникации. Когнитивный подход способствует более глубокому пониманию происходящих при взаимном влиянии языков и культур в рамках межкультурного общения. Изменение направления языкознания взаимосвязано с попытками анализа событий и явлений в ментальной интерпретации, изучения способностей человека, символов, понятий, которыми размышляет человек. В частности, данное направление современной лингвистики доказывает, что человек, как представитель определённого культурного общества, находится под его влиянием и размышляет категориями, которые характерны для данной языковой культуры. Добавление нового направления в науке лингвистике является результатом общего поворота в сторону поисков и исследования закономерностей, составляющих основу приёма, сбора, систематизации и передачи информации и эта система относится к различным сферам человеческой деятельности. Для решения данной задачи научная мысль конца XX века предпринимает попытки объединить такие разные научные отрасли, как психология, лингвистика, компьютерные технологии, философия, нейрология.

Ключевые слова: *когнитивная лингвистика; лингвокультурология; языковое сознание; современный таджикский язык; анализ; современный английский язык; национальные языки; речевое и неречевое поведение.*

THE PLACE OF THE COGNITIVE APPROACH IN THE STUDY OF THE INTERACTION OF LANGUAGE AND CULTURE

The theoretical background of the relationship between language and culture is considered and analyzed in this article, since this issue plays the most important role in the process of intercultural communication. The cognitive approach contributes to a deeper understanding of the mutual influence of languages and cultures in the framework of intercultural communication. Changing the direction of linguistics is connected with attempts to analyze events and phenomena in the mental interpretation, the study of human abilities, symbols and concepts that people think about. In particular, this direction of modern linguistics proves that a person, as a representative of a certain cultural society, is influenced by it and thinks in categories that are characteristic of this language culture. The addition of a new direction in linguistics is the result of a General turn towards the search and study of patterns that form the basis of the reception, collection, systematization and transmission of information and this system concerns to various spheres of human activity. In order to solve this problem, the scientific ideas of the late 20th century attempts to combine such different scientific fields as psychology, linguistics, computer technology, philosophy, and neurology.

Key words: *cognitive linguistics; linguoculturology; language consciousness; modern Tajik language; analysis; modern English language; national languages; speech and non-speech behavior.*

Сведения об авторе:

Хушматов Намоз Рахмонович *– соискатель кафедры лингвистика и сопоставительная типологии, ТГПУ имени С. Айни; E-mail: namoz@mail.ru*

About the author:

Khushmatov Namoz Rahmonovich *– applicant of the Department of linguistics and comparative typology, Tajik state pedagogical University named after Sadriddin Aini E-mail: namoz@mail.ru*

ИСКОННЫЕ СЛОВА В ЗАГОЛОВКАХ ТАДЖИКСКОЙ И АНГЛИЙСКОЙ ПРЕССЫ

Мирзоева М.М., Абдуллаева М.М

Таджикский национальный университет

Лексические единицы языка по своему происхождению (этимологии) разделяются на две большие группы: исконные и заимствованные. В словарном запасе древних, имеющих графику языках, существует от 300 до 450 – 500 тысяч слов. Среди этих единиц исконные слова составляют наименьшее количество. По подсчетам некоторых ученых, исконные слова в этих языках составляют два с половиной – три тысячи.

Исконные слова английских и таджикских языков прошли долгий исторический путь, т.е. имеют древнюю историю. «Исконно таджикские слова отличаются от других лексем словарного состава своими историческими пластами, отличительными лингвистическими свойствами лексико-грамматической соотнесенностью и составляют особую группу лексических единиц языка. Исконно-таджикские слова имеют исторически разную морфологию и среди них можно встретить лексемы индоевропейского, общеиранскогои собственно таджикского происхождения. К этой группе относятся такие слова, как *зан, модар, абрӯ, занах, лаб, гесу, гург, гов саг, ситора, замин дарахт, рост, гарм, равшан, панҷ, даҳ, сад, паз, навис* [3, 162].

Исконно английская лексика составляет около 30% всего словарного состава, но именно она отражает наиболее древние понятия. Следует, впрочем, заметить, что не вся исконная лексика относится к числу наиболее часто употребляемых слов, равно как и самые частотные слова не всегда принадлежат к исконно английским.

Принято различать три группы исконно английской лексики. Первый пласт составляют слова, восходящие к индоевропейскому пласту. В этом случае слово имеет соответствия за пределами германской группы языков, восходя к индоевропейскому пласту лексики. Исконные английские слова индоевропейского происхождения образуют несколько довольно четких семантических групп. В частности, это группа терминов родства, наименований объектов природы, частей тела человека и животного, а также некоторые общеупотребительные глаголы, числительные, прилагательные, обозначающие конкретные качества и свойства и т. д. Таковы, например, moon– английский, термин родства father, аналогичный пример – слово daughter.

Вторая группа исконно английской лексики – слова, восходящие к общегерманскому источнику. Эта группа слов обширнее первой, и слова, в нее входящие, не обнаруживают соответствий за пределами германской ветви индоевропейской семьи языков, хотя и встречаются во всех или почти во всех германских языках.

Наибольшим своеобразием отличается третья группа исконно английской лексики. К ней принадлежат слова, представляющие собой чисто английскую комбинацию различных по происхождению морфем. Каждая из морфем в таких словах имеет параллели в ряде родственных языков, но их комбинация за пределами английского языка не встречается [19, https://englishfull.ru/leksika/analiz-*angliyskoy-leksiki.html*].

В заголовках таджикской и английской прессы наравне с другими пластами часто встречаются и исконные слова. Приведем несколько примеров заголовок из таджикской и английской прессы.

В заголовках различных газет в зависимости от цели журналиста и содержания материала выбирается слово. К примеру, слово ***офтоб*** *(солнце)* встречается в заголовках в прямом и переносном значении. Это многозначное слово, которое является широко употребляемой в газетном стиле: Офтоб – 1. солнце. 2. пер. возлюбленная. 3. пер. вино. В заголовках оно часто употребляется в переносном значение. К примеру:

Офтоби хонасӯз (Солнце, приносящее несчастье) [6]. В статье речь идет о невестке, которая не уважает свою больную, старую свекровь, не присматривает за нею. В этой статье под словом *офтоб – солнце* подразумевается плохая невестка. *Хонасӯз* – домосжигающий. В этом заголовке это слово означает плохой человек, который не любит семью, не защищает её, а живет только для себя. *Офтоби хонасӯз* – заголовок-словосочетание, сформированное как метафорическое выражение, которое означает «плохая невестка».

Офтобро бо доман пӯшонидан намешавад [9] (*посл.* шила в мешке не утаишь)**.** В качестве заголовка использована поговорка. В статье речь идет об исламе и их разделах и о том, как некоторые террористы поменяли свои мазхабы. Журналист, выбрав для своего материала такой заголовок, намерен донести до читателя истинное лицо террориста и указывает на то, что такие случаи в современном мире являются частым явлением**. "Офтобро бо доман пӯшонида намешавад"** соответствует русской пословице "шила в мешке не утаишь», который обозначает то, что плохие поступки нельзя покрывать ни чем, они все-таки выйдут наружу**.**

Офтоби дилҳо [11] Статья рассказывает об учительнице, которую уважают все студенты за ее тактику предподавания, честность и порядочность. Поэтому журналист посредством метафорического выражения *офтоби дилҳо* (солнце сердец) сравнивает учительницу, чья любовь к профессии и к студентам, на солнце, согревающее сердце будущих специалистов. В этом заголовке употребленное слово **дил** (сердце) тоже является таджикским исконным словом, которая часто употребляется в прямом и переносном значениях.

Как упоминали ранее, слово "офтоб" является нейтральным многозначным исконным словом, следовательно, является доминантой синонимического ряда (***офтоб*** – хуршед, шамс, меҳр) в значении "небесного тела". Наравне с этим словом журналисты употребили синоним этой лексемы – *хуршед*. К примеру:

Хуршеди нурполои сулҳ (Солнце, испускающее лучи мира) **[8].** В статье речь идет о единстве народа, о мире и процветании страны, о достижениях таджиков, об их трудолюбии. Слово *хуршед* в этом заголовке также использован в переносном значении и означает "независимость, единство"**.**

Исконные слова наблюдаются и в заголовках английской прессы. К примеру:

Back from the dead: Woman in morque fridge discovered to be alive [17] (Назад из мертвых: Женщина, работающая в морге обнаружила, что мертвая женщина в холодильнике морга жива). В статье говорится о женщине, которая попала в автокатастрофу, и все подумали, что она погибла. Её отвезли в морг, а через несколько часов оказалось, что она выжила. По содержанию заголовка можно узнать о теме материала.

Marawa the Amazing: how one woman with 200 hula-hoops became a teen girl guru [13] (Восхитительная Марва: как одна женщина с 200 обручами стала гуру подростком). Статья рассказывает о женщине, которая своим талантом стала знаменитой во всём мире, и её имя записана в Книге рекордов Гиннеса. Она проводит шоу в цирке, одновременно крутит 200 обручей. Марва пишет книгу для девушек-подростков о том, как они должны любить себя, как можно измениться в лучшую сторону.

В этих двух зголовках употреблено слова **woman –** женщина. Слово **woman** является исконно английской широкоупотребляемой лексемой, пришедшей из древней английской

лексики (wifman). Английская лексика разделяется на три группы: староанглийская, среднеанглийская и новоанглийская. Это слово является старой исконной лексемой англичан.

Зани маккора [2] (Коварная женщина). Слово **зан** это противоположность слову мужчина. Это таджикское исконное слово, выражающее родственные понятия. В статье речь идет о злой, коварной, неверной своему мужу женщине, которая не останавливается ни перед чем и ради своих корыстных целей готова на всё.

One of six officers who fired at Willie McCoy had killed unarmed man in 2018 [15] (Один из шести офицеров, стрелявших по Вилли Маккой, убили безоружного человека в 2018 году)

Статья рассказывает об офицерах, которые стреляли 25 раз в безоружного челов ека, за что и были осуждены. В заголовке использовано слово **man – мужчина** и **человек.** Слово **man** это исконное слово периода староанглийского языка (Old English) – man(n) menn, mannian.

Қиммати мард [4] (Цена мужчины). В статье речь идёт об очень мудром человеке, который своим кропотливым трудом развёл большой красивый сад, и создал музей в Раштском регионе. **Мард –** мужчина, man это исконные слова, выражающие родственные отношения и все они принадлежат языкам – членам индоевропеской семьи.

Мардхо либоси миллӣ мепӯшанд?! [10] Заголовок привлекает внимание читателя своим содержанием. В конце заголовка стоит восклицательный и вопросительный знак, указывающий на цель высказывания. Всегда в таких предложениях стоит вопросительный знак, а затем восклицательный знак как показатель эмоциональной окрашенности. В статье речь идет о том, что Министерство культуры может содействовать тому, что мужчины в Таджикистане носили национальную одежду. Н-р: (джома, сала, токи). Существительное «мардҳо» является широкоупотребительным словом, а элемент «-ҳо» означает множественность предмета. В английском языке множественный знак – это «s».

Шавҳар не, гӯсфанди кар [5](Не муж, а глухая овца). Журналист, цитируя слова героини статьи, выбирает её в качестве заголовка. Героиня сравнивает своего супруга овцой. В статье речь идет о невестке, превратившей своего мужа в подкаблучника. Своим сенсационным тоном заголовок привлекает внимание аудитории: читатель заинтересован ходом события. Подобные заголовки часто употребляются в неофициальной печати.

Оила арзиши муқаддас. [12] Заголовок очень простой, но имеет глубокий смысл и содержание. В статье говорится о семье, о способах её сохранения и укрепления. Слова *оила* (семья – family) обозначает родственные отношения.

В названиях статей таджикской прессы встречаются различные формы заголовок, в которых наблюдаются исконные слова-существительные и глаголы. Проиллюстрируем:

Аз бадӣ бигрез, некӣ пеша кун! [7](Беги от зла, делай добро!). Это заголовок-обращение, потому что в конце стоит восклицательный знак, то есть такой заголовок может звучать как призыв. В статье речь идет о дружбе, автор рассказывает о настоящей и ненастоящей дружбе. Заголовок формирован при помощи двух антонимичных рядов: абстрактных существительных **бадӣ** (зло) и **некӣ** (добро); глаголы **бигрез** (беги) и **пеша кун** (делай). Если в первом ряду использованы лексические антонимы, то во втором – контекстуальные, так как глагол бигрез употреблен в переносном значении и в вышеприведенном примере соответствует глаголу пеша кун.

Синонимы в заголовках дополняют значение друг друга, оценивают событие и точно определяют содержание статьи. Поэтому синонимичные слова позволяют более полно и всесторонне раскрыть и описать суть происходящего. К примеру: **Омӯзгор ва мураббӣ [1]** (Учитель и Педагог).

Слова **омӯзгор** (учитель, преподаватель, педагог) и **мураббӣ** (воспитатель, наставник, педагог) являются синонимами в значении «педагог, воспитатель юного и молодого поколения». Поскольку первая лексема подразумевает человека, дающего только урок, журналист дополнительно применяет арабское слово *мураббӣ* (воспитатель) и этим указывает, что описываемый объект является не только урокодателем, но и воспитателем, т.е. настоящим педагогом. Вторая лексема является более употребительным, нежели первая. В качестве синонима слова **омӯзгор** выступает арабское слово **муаллим** (учитель). Прочитав заголовок, без труда можно понять, что статья

рассказывает о педагоге. В статье речь идет об одном учителе, который очень любит свою работу и любит учить детей. В английском языке существует ряд слов-синонимов лексемы teacher (учитель). Например: lecturer – это слово употребляют в институтах и колледжах; coach – это слово переводится как «тренер», но его используют в качестве синонима teacher.

How we made Moon – by Sam Rockwell and Duncan Jones [16] (Как мы сделали Луну – Сэм Роквелл и Дункан Джонс). В качестве заголовка использовано название фильма, который выйдет на экран. В статье речь идет об актерах и сюжете филма. В этом заглавии употреблено исконное английское слово *Moon* (Луна**)**. Поскольку английский и таджикский языки входят в семью индоевропейских языков, по фонетическому оформлению у них наблюдается сходство: *Moon – Моҳ – Месяц***.**

Ocean Vuong and the new Great American Novel - books podcast [18] (Оушен Вуонг и новый великий американский роман – подкаст книг).

В статье речь идет о вьетнамском писателе, который посвятил свою книгу матери, но она не владела английским языком. Его книга признана великим американским романом. Слово books (книги) формирован во множественном числе. Это слово означает письменное или печатное произведение, состоящее из страниц, склеенных или сшитых вдоль одной стороны и связанных в обложки. Это исконно английское слово.

Lea Salonga review – musicals star evokes whole new world of stories [14] (Обзор Леа Салонга – звезда мюзиклов рассказывает о новой историй мире) Слова world (мир, олам) – (the earth) соответствует значениям «страна» и «люди».

Таким образом, в настоящей статье по мере возможности мы сделали попытку проанализировать таджикскую и английскую исконную лексику. В обоих языках они составляют наименьшее количество, но являются широкоупотребительными словами и жизненно важными понятиями.

ЛИТЕРАТУРА

1. Азимов. Г. Омузгор ва мураби / Г. Азимов // Минбари халк. -2017.27 декабрь. №52(1136).
2. Баходури Ш. Зани маккора / Ш. Баходури // Зан ва Мард. – 2018. -17 январь. - №2 (621).
3. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. / Ш. Бобомуродов, З. Муродов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
4. Диловари М. Қимати мард / М. Диловари // Адабиёт ва санъат. -2018. – 12 июль. – №28 (1947).
5. Дилошуб. Шавҳар не, гӯсфанди кар / Дилошуб // Оила. – 2017. – 30 июль. – №35(916).
6. Мархамат Т. Д. Офтоби хонасӯз / Т.Д. Мархамат. //Оила. – 2018. – 05 сентябрь. – №36 (969).
7. Мирзоева Р. Аз бадӣ бигрез, неки пеша кун! / Р. Мирзоева // Чархи Гардун. – 2018. -17 январь. - №03(1116).
8. Носиров С. Хуршеди нурполои сулҳ / С. Носиров, К. Сатторова // Омузгор. – 2017. – 5 октябрь. – №40 (12109).
9. Саидзод В. Офтобро ба доман пӯшонидан намешавад / В. Саидзод. // Фараж. – 2018. – 11 август. – №28 (606).
10. Саидакбар Л. Мардҳо либоси миллӣ мепӯшанд?! / Л. Саидакбар // Чархи Гардун. – 2018. – 18 апрел. – №16 (1129).
11. Умаров А. Офтоби дилҳо /А. Умаров // Джавонони Тоджикистон. – 2017. – 7 декабрь. – №49 (9527).
12. Хонов А. Оила арзиши муқаддас / А.Хонов., Хамдамов Б. // Минбари халк.-2017. -26 июль. - №30 (1114).
13. Jane Howard. Marawa the Amazing: how one woman with 200 hula hoops became a teen girl guru [Электронныйресурс] URL: https://www.theguardian.com/culture/2019/feb/22/marawa-the-amazing-how-one-woman-with-200-hula-hoops-became-a-teen-girl – guru (22.02.2019).
14. John L. Lea Salonga review – musicals star evokes whole new world of stories [Электронное пособие]. URL: https://www.theguardian.com/stage/2019/jul/23/lea-salonga-review-palladium-london (23.07.2019).
15. Levin S. One of six officers who fired at Willie McCoy had killed unarmed man in 2018. [Электроный ресурс]. URL:www.theguardian.com/us-news/2019/feb/21/willie-mccoy-police-shooting-taco-bell (21.02.2019)
16. Phil Hoad. How we made Moon – by Sam Rockwell and Duncan Jones [Электронный ресурс]. URL: https://www.theguardian.com/film/2019/jul/23/how-we-made-sci-fi-film-moon (23.07. 2019).
17. Sean M. Back from the dead: Woman in morque fridge discovered to be alive. [Электронный ресурс]. URL: https://www.express.co.uk/news/science/985021/back-from-the-dead-life-after-death-morgue-south-africa (6.07.2018).
18. Sian C. ArmitsteadC. Richard L. Chambers. Ocean Vuong and the new Great American Novel – books podcast [Электронный ресурс]. URL: https://www.theguardian.com/books/audio/2019/jul/23/ocean-vuong-and-the-new-great-american-novel-books-podcast(23.07.2019)
19. https://englishfull.ru/leksika/analiz-*angliyskoy-leksiki.html*

ИСКОННЫЕ СЛОВА В ЗАГОЛОВКАХ ТАДЖИКСКОЙ И АНГЛИЙСКОЙ ПРЕССЫ

В статье речь идет о месте исконных таджикских и английских слов в заголовках таджикской и английской прессы. Подчеркивается, что по своему происхождению (этимологии) разделяются на две большие группы: исконные и заимствованные. В словарном составе

древнейших, имеющих графику языках, существует от 300 до 450 – 500 тысяч слов. Среди этих единиц исконные слова составляют наименьшее количество. По подсчетам некоторых ученых, исконные слова в этих языках составляют два с половиной – три тысячи.

Исконные слова английских и таджикских языков прошли долгий исторический путь, т.е. имеют древнюю историю. Они отличаются от других лексем словарного состава своими историческими пластами, отличительными лингвистическими свойствами и лексико-грамматической соотнесенностью и составляют особую группу лексических единиц языка, среди которых можно встретить лексемы индоевропейского, общеиранского и собственно таджикского происхождения. Аналогичная ситуация в английском языке. Исконно английская лексика составляет около 30% всего словарного состава, но именно она отражает наиболее древние понятия. Следует, впрочем, заметить, что не вся исконная лексика относится к числу наиболее часто употребляемых слов, равно как и самые частотные слова не всегда принадлежат к исконно английским. Исконно английскую лексику составляют слова, восходящие к индоевропейскому пласту, общегерманскому источнику, и слова чисто английской комбинации.

***Ключевые слова**: словарный состав, этимология, исконные слова, жизненно важные понятия, понятия родства, наименований объектов природы, частей тела человека и животного.*

ORIGINAL WORDS IN THE HEADINGS OF THE TAJIK AND ENGLISH PRESS

The article deals with the place of the original Tajik and English words in the headlines of the Tajik and English press. It is emphasized that by their origin (etymology) they are divided into two large groups: primordial and borrowed. In the vocabulary of the oldest languages with graphics, there are from 300 to 450 - 500 thousand words. Among these units, the original words are the smallest. According to some scientists, the original words in these languages are two and a half - three thousand.

The original words of the English and Tajik languages have come a long historical way, which is have an ancient history. They differ from other lexemes of the vocabulary by their historical layers, distinctive linguistic properties and lexico-grammatical correlation and constitute a special group of lexical units of the language, among which you can find tokens of Indo-European, Common Iranian and Tajik origin proper. A similar situation is in English Original English vocabulary makes up about 30% of the total vocabulary, but it is it that reflects the most ancient concepts. It should be noted, however, that not all original vocabulary is one of the most frequently used words, just as the most frequent words do not always belong to original English. Original English vocabulary is composed of words dating back to the Indo-European layer, the common German source, and words of a purely English combination.

***Keywords:** vocabulary, etymology, primordial words, vital concepts, concepts of kinship, names of objects of nature, parts of the human and animal body.*

Сведения об авторах:

Мирзоева Мохира Мадиброхимовна – д.ф.н., доцент кафедры стилистики и литературного редактирования ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: (+992) 937-11-30-28.

Абдуллаева Мехрангез Масруровна – аспирантка ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: a_mehrangez@mail.ru. Тел.: (+992) 98 522 0707

About of authors:

Mirzoeva Mohira Madibrohimovna *- Professor of the department of stylistics and literary editing. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue17. Telephone.: (+992) 937-11-30-28.*

Abdulloeva Mehrangez Masrurovna *– Tajik National University, postgraduate student of the Department of history of language and typology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: a_mehrangez90@mail.ru Telephone.: (+992)98 522 07 07*

УДК-4т
ББК-81. 2
Н-43

БУНЁДГУЗОРИ ИЛМИ АРӮЗ ВА ЛУҒАТНИГОРӢ

Насриддинов Ф. А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи ак. Б. Ғафуров

Халил ибни Аҳмад асосгузори илми арӯзу луғат ва адиби номвари асри ҳаштуми мелодист, ки зикраш дар ҷаҳони илму адаб сари забонҳост. Ному насаб ва кунияву нисбаи ӯ бештар ба сурати «Абӯабдурраҳмон Халил ибни Аҳмад ибни Амр ибни Тамими Фароҳидӣ»[1] омадааст. Ибни Халликон ӯро форситабор ва аз насли мулуки аҷам медонад. Он мулуке, ки Анӯшервон онҳоро пас аз фатҳи Яман ба он ҷо фиристода буд [ниг. 4, ҷ. 8, с. 8727]. Ёқути Ҳамавӣ низ ин нуктаро баён намуда, афзудааст, ки ҷадди Халил дар Яман монда бо қабилаи Азд пайванду таборӣ пайдо намудааст [7, ҷ. 3, с. 1260][2]. Падари Халил нахустин нафаре дониста шуда, ки пас аз Пайғамбар (с) бо исми «Аҳмад» номгузорӣ шудааст [1, ҷ. 9, с. 257; 13, с. 67; 15, ҷ. 2, с. 209]. Шурайшӣ навишта, ки исми падараш дар шаклгирии шахсияти пурбаракати Халил таъсиргузор будааст [22, ҷ. 3, с. 187].

Халил ибни Аҳмад соли 100/718 дар Умон чашм ба дунё кушод[3]. Дар синни ҷавонӣ, ки кайҳо аз илм баҳраёб гардида буд, ба Басра омад. Муаллифи «Нуру-л-қабас» оварда, ки Халил чун ба Басра расид, азм намуд, то бо Абӯамр ибн ал-Ало мунозира намояд ва тавони худро дар илми наҳв изҳор дорад [23, с. 38].

Дар Басра маҳзари ориф, муҳаддис ва фақеҳи номӣ Айюби Сахтиёниро дармеёбад. Аз ин донишманд улуми шаръӣ ва ахлоқро меомӯзад. Маҳз рашодати ҳамин устод сабаб мегардад, то ӯ аз инҳирофоти эътиқодӣ барканор монад. Асмаӣ фармудааст: «Агар Худованд Халилро шогирди Айюб намесохт, фирқаи ибозия ӯро ба ҷаҳони эътиқодии худ мекашиданд» [10, с. 48].

Сафои ботинии Айюби Сахтиёнӣ сабаб мегардад, то Халил дар маҳзари ӯ тарбият ёбад. Чунончи Яғмурӣ оварда: «Халил худ гуфта: Чун аз Умон (ба Басра) омадам, ба ҳалқаи муридони Айюби Сахтиёнӣ нишастам. Шунидам, ки мегуфт: «Агар хоҳӣ, ки аз илми устодат огоҳӣ пайдо намоӣ, бо ғайри ӯ бинишин». Дарёфтам, ки ӯ (шахси поктинат аст ва метавонад) ба ман суд расонад. Пас ба ҳалқаи дарсиаш даромадам ва Худованд моро аз ӯ баҳраманд сохт» [23, с. 30].

Илми наҳв ва қироатро назди Абӯамр ибн ал-Ало аз худ намуд. Дар илми қироат аз Исо ибни Умари Сақафӣ, Осим ибни Абӯнаҷуд ва Усмон ибни Ҳозир низ баҳра бурд. Аз Осими Аҳвал, Ғолиби Қаттон, Аввом ибни Ҳавшаб, Осим ибни Абӯнаҷуд, Усмон ибни Ҳозир, Абдуллоҳ ибни Касир ҳадис фаро гирифт [8, ҷ. 7, с. 97; 3, ҷ. 3, с. 176-177; 6, ҷ. 4, с. 217; 11, с. 44; 2, с. 53 ва ғ.].

Донишмандони зиёде чун Сибавайҳ, Асмаӣ, Назр ибни Шумайл, Кисоӣ, Абӯфайд Муарриҷи Садусӣ, Алӣ ибни Насри Ҷаҳзумӣ ва иддае дигар дар домани ӯ тарбият ёфтанд ва аз саромадони илму адаби рӯзгори худ гардиданд.

Халил ибни Аҳмад аз ҳама бештар чун асосгузори илми арӯз маъруф гардидааст. Фармудаанд, ки Халил назди Каъба аз самими қалб дуо кард, то барояш илме ато гардад, ки қабл аз ӯ ба касе муяссар нашуда бошад. Чун аз зиёрати хонаи Худо бозгашт, боби илми арӯз ба рӯяш кушода шуд [16, ҷ. 1, с. 377; 6, ҷ. 4, с. 217; 15, ҷ. 2, с. 207; 2, с. 47].

Дар сарчашмаҳо таъкид гардида, ки ӯ аз илми мусиқӣ низ огоҳии хуб дошт. Халил дар ин замина осоре бо номи «Китобу-н-нағам» ва «Китобу-л-ийқоъ» ба қалам овардааст. Бешак, пайванди арӯзу қофия бо оҳангу мусиқӣ барои муваффақияти ӯ дар кашфи илми арӯз мусоидат намудаанд. Зеро манбаъҳо дар мавриди нақши оҳангу мусиқӣ дар кашфи арӯз ва огоҳии Халил аз ин ҳунар матолиберо нақл намудаанд. Аз ҷумла омада, ки Халил барои муайян намудани авзони арӯз дар хонаи худ хилват мегузид ва таштеро пешорӯи хеш гузошта, бо хониши «фоъилун, мустафъилун, фаъӯлун» бар он мекӯфт. Чун боре писар ё бародараш ин ҳолро аз ӯ мушоҳида менамоянд, мепиндоранд, ки бар ӯ ҷунун расидааст [7, ҷ. 3, с. 1269; 15, ҷ. 2, с. 209; 23, с. 31 ва ғ.].

Халил ибни Аҳмад аз заковати хоса бархурдор буд.

Муҳаммад ибни Фазл фармуда: «Дар Басра марде буд, ки барои афроди чашмонашон заифу хира даво дуруст менамуд ва мардум аз он шифо меёфтанд. Он шахс ногоҳ вафот кард ва ниёзмандонаш ба сахтӣ афтоданд. Чун ниёзи худро пеши Халил изҳор доштанд, фармуд: «Оё нусхае аз он даво ҳаст?» Гуфтанд: «На». Фармуд: «Оё зарфе, ки дар он даворо таҳия менамуд, вуҷуд дорад?» Гуфтанд: «Бале, зарфе ҳаст, ки дар он ҳар ҷинс маводҳоро ба ҳам меомехт». Фармуд: «Онро назди ман биёред». Чун оварданд, онро нек-нек бибӯид ва як-як ҳар навъ гиёҳу асоси даворо муқаррар намуд, то ин ки понздаҳ навъро мушаххас сохт. Сипас, аз миқдору меъёри он пурсид ва даворо дуруст намуда ба мардум тақдим дошт ва мардум дигарбора аз он даво баҳравар гардиданд.

Шурайшӣ оварда: «Подшоҳи Юнон бо забони юнонӣ ба ӯ номае навишт. Халил моҳе хилват гузид ва аз хондану фаҳми он комилан огоҳ гардид. Чун аз асрори муваффақияташ пурсиданд, гуфт: «Ба худ андешидам, ки нома хоҳу нохоҳ бояд бо номи Худову матолибе мисли он оғоз ёбад. Бар ин асос, аввалин ҳарфро пайдо сохтам ва боқӣ бароям равшан гардид» [22, ҷ. 3, с. 188].

Ақлу хиради бемисол ва қудрати идроки хосаи ӯ сабаб мегардид, то вориди ҳар илм, ки шавад, дар он муваффақ гардад ва усулу қонунҳои онро берун оварад. Ҳамин нубуғ буд, ки Ибни Муқаффаъ ӯро сутуд. Қифтӣ оварда: «Шабе то субҳ Халил ва Ибни Муқаффаъ музокира доштанд. Чун аз ҳам ҷудо шуданд, иддае аз Халил дар мавриди Ибни Муқаффаъ пурсиданд. Ӯ дар посух гуфт: «Ӯро марде ёфтам, ки илмаш аз ақлаш бештар аст». Чун ин навъ пурсиш аз Ибни Муқаффаъ сурат гирифт, гуфт: «Халилро марде ёфтам, ки ақлаш аз илмаш афзун аст» [16, ҷ. 1, с. 380]. Ҳамчунин гуфтаанд: «Дар илми араб пас аз саҳоба ҳеҷ кас бо заковате чун Халил арзи ҳастӣ нанамудааст» [16, ҷ. 1, с. 380].

Абӯтайиби Луғавӣ навишта: «Муҳаммад ибни Яҳё аз Қосим ибни Исмоил ва ӯ аз Муҳаммади Туҷӣ чунин нақл намуда: «Дар Макка удабои ҳар шаҳру сарзамин ҷамъ омада аз олимони худ сухан ба миён овардем. Ҳар нафар олими шаҳри худро месутуд ва ӯро аз дигарон пеш мегузошт, то ин ки зикри Халил ба миён омад. Чун аз ӯ ёд гардид, ҳама эътироф намуданд, ки ӯ закитарини даврон аст» [2, с. 46].

Ин ҳама хираду заковат, ки бешак аз мавҳибатҳои хосаи илоҳӣ бар Халил аст, ӯро аз нодирагони рӯзгор сохт ва мӯҷиб гардид, то бузургтарин донишмандон ба ситоишаш пардозанд.

Суфёни Саврӣ мегуфта: «Ҳар кӣ орзуи нигаристан ба мардеро дошта бошад, ки аз тиллову мушк офарида шудааст, пас бояд ба Халил ибни Аҳмад бингарад» [6, ҷ. 4, с. 217].

Вазири Ҳорунаррашид Яҳё ибни Холиди Бармакӣ фармуда: «Чаҳор нафаранд, ки дар дониши худ назир надоранд: Абӯҳанифа, Халил ибни Аҳмад, Ибни Муқаффаъ ва Фазорӣ» [2, с. 52].

Назр ибни Шумайл фармуда: «Ҳеҷ бинандае мисли Халилро надидааст ва Халил низ мисли худро надида» [22, ҷ. 3, с. 188].

Халил ибни Аҳмад бо ин ҳама қадру манзалат дар гӯшаи узлату танҳоӣ мезист. Дар ҳамин хилвату танҳоӣ бар кашфи муаммоҳои илм даст меёфт. Гӯшаи хонааш сайргоҳи андешааш буд. Чун ба хилват менишаст, ҳатто фикри дунёро иҷозат намедод, ки бар он коргоҳи андеша раҳ ёбад. Назр ибни Шумайл аз Халил шунида, ки мегуфт: «Чун дарамро бубандам, ҷуз андешаи илм чизе бар хотирам раҳ намеёбад» [16, ҷ. 1, с. 380].

Халил дар фақр умр ба сар мебурд, аз тамаллуқу ҷоҳҷӯӣ парҳез дошт ва порсоиро баргузида буд.

Назр ибни Шумайл дар мавриди зуҳди Халил фармуда: «Мо бар ин ки аз Ибни Авн[4] ва Халил кадомеро дар зуҳду ибодат пеш гузорем, оҷизӣ мекашидем» [6, ҷ. 4, с. 217].

Рӯзе Сулаймон ибни Ҳабиб, ки волии Форсу Аҳвоз буд, назди Халил нафареро равон сохт, то барои тарбияи фарзандаш ӯро ба боргоҳаш оварад. Халил назди фиристода порае нони хушк берун оварду гуфт: «Бихӯр, ғайр аз ин чизе надорам. Аммо то вақте ки нони хушке наздам ҳаст, маро ба Сулаймон ниёзе нест».

Он гоҳ барояш ашъоре суруд, ки ин абёт аз ҷумлаи онҳост:

Аблиғ Сулаймона аннӣ ъанҳу фӣ сиъатин

Ва фӣ ғинан ғайра аннӣ ласту зо моли…

Ва-л-фақру фи-н-нафси ло фи-л-моли наърифуҳу

Ва мислу зока ал-ғино фи-н-нафси ла-л-моли.

(Яъне: Ба Сулаймон бирасон, ки ман аз ӯ бениёз ҳастам, магар ин ки соҳиби дороии дунё

нестам. Мо нодориро дар нафс мебинем, на дар мол. Ҳамин гуна, тавонгариро низ дар нафс медонем, на дар мол) [7, ҷ. 3, с. 1267].

Наср ибни Алии Ҷаҳзумӣ аз Алӣ ибни Наср нақл намуда, ки мефармуд: «Халил ибни Аҳмад порсотарин ва хештандортарини мардум буд. Подшоҳон ба ӯ рағбат доштанд ва мол пешниҳод мекарданд, то аз онҳо қабул намояд, аммо ӯ таваҷҷуҳ намекард. Рӯзии худро аз бӯстоне дар Хурайба[5], ки аз падар ба мерос ёфта буд, ба даст меовард» [2, с. 46].

Назр ибни Шумайл фармуда: «Халил дар Басра дар кулбае бизист ва ҳатто ба ду танга дастрасӣ пайдо накард, аммо шогирдонаш ба василаи илме, ки аз ӯ ёфтанд, дороиҳои фаровон ба даст оварданд» [16, ҷ. 1, с. 380].

Халил бо чунин зиндагӣ пайваста бар андӯхтани аъмоли шоиста меандешид ва ҷуз он чизеро монданӣ намеҳисобид.

Ваҳб ибни Ҷарир гуфта: «Халил ибни Аҳмад ин байтро бисёр мехонд:

Ва изо ифтақарта ила-з-захоири лам таҷид

Зухран йакуну касолиҳи-л-аъмоли».

(Яъне: Ва агар ба андӯхтаниҳо ниёз пайдо намоӣ, (фаромӯш макун, ки наметавонӣ) андӯхтании судманду мондагореро чун аъмоли некӯ пайдо созӣ) [15, ҷ. 2, с. 210; 16, ҷ. 1, с. 380].

Абдуллоҳ ибни Ҳасани Анбарӣ – қозии Басра аҳёнан назди ҳамсояаш, ки ахтаргӯй буд ва ба василаи ситорагон пешгӯӣ менамуд, меомад. Ин алоқа дар дили ӯ чизҳоеро пайдо сохт. Он гоҳ назди Халил омада дар мавриди он ташвиш суол намуд. Халил барояш гуфт: «Ба ман бигӯ, ки «хо» аз кадом махраҷ берун меояд?» Гуфт: «Аз ҳалқ». Боз пурсид: «Пас аз «бо» бигӯ, ки он аз кадом махраҷ берун меояд?» Гуфт: «Аз ҷониби забон». Он гоҳ фармуд: «Оё тавон дорӣ, ки онро аз махраҷи ин берун оварӣ?» Гуфт: «На». Фармуд: «Пас, бархез, ки ту аҳмақ ҳастӣ».

Сипас, ба сурудани ин абёт пардохт:

Аблағо ъаннийа-л-мунаҷҷима аннӣ

Кофирун биллазӣ қазатҳу-л-кавокиб.

Олимун анна мо йакуну ва мо ко-

на фаҳатмун мина-л-Муҳаймини воҷиб.

(Яъне: Аз ман ба мунаҷҷим бирасон, ки ба он чи ситорагон доварӣ менамоянд, имон надорам. Нек медонам, ки он чи сурат мегардаду он чи сурат гирифтааст, ҳама аз ҷониби Худои Муҳаймин аст ва ҳатман таҳаққуқ меёбад) [7, ҷ. 3, с. 1266].

Халил ибни Аҳмад худ нақл намуда, ки дар яке аз сафарҳоям аз назди савмааи роҳибе мегузаштам. Шаб хеле наздик омада буд ва аз (ин ки шабона роҳи) саҳро пеш гирам, эҳсоси хатар намудам. Дари ӯро кӯфтам ва хоҳиши шабгузаронӣ кардам. Гуфт: «Ту кистӣ?» Гуфтам: «Халил ибни Аҳмад». Гуфт: «Ин туӣ, ки мегӯянд дар илми адаб назире надорӣ?» Гуфтам: «Чунин мегӯянд, аммо дар он поя нестам». Гуфт: «Агар ба се саволи ман ҷавоби қонеъкунанда диҳӣ, дарро ба рӯят мекушоям ва аз ту пазироии хубе менамоям ва илло на». Гуфтам: «Бигӯ, ки саволҳоят чист?» Гуфт: «Оё бар вуҷуди чизе ғоиб аз чизе ҳозиру пайдо далел намегирем?» Гуфтам: «Бале». Гуфт: «Аммо ту мегӯӣ, ки Худои азза ва ҷалла на ҷисм асту на араз. Мо чизеро бо ин сифат намешиносем. Ту мепиндорӣ, ки мардум дар биҳишт мехӯранду менӯшанд, аммо аз онон ғоиту ифлосӣ берун намеояд. Ҳол он ки ҳеҷ хурандаву нӯшандаро наметавонӣ бубинӣ, ки аз берун сохтани ғоиту ифлосӣ бениёз бошад. Ҳамчунин, мегӯӣ, ки наими биҳишт поён намепазирад, дар ҳоле ки фанопазирии тамоми чизҳоро медонӣ».

Барояш гуфтам: «Бо далели ҳозиру пайдо ҳамаи инҳоро посух хоҳам гуфт.

Аввал, бар вуҷуди Худованд аз афъоли Ӯ, ки бар ҳастияш далолат доранд, ҳуҷҷат гирифтам. Далели ҳозиру пайдои он рӯҳест, ки дар ту ва дар тамоми ҷондорон вуҷуд дорад. Нек медонӣ, ки ҳастии онро зери ҳар тори мӯйи ҷисми хеш эҳсос мекунӣ. Аммо намедонем, ки он куҷост, чӣ гуна аст, сифату ҷавҳари он чӣ хел мебошад. Ҳамчунин, медонӣ, ки чун аз инсон берун ояд, одамӣ мемирад ва чизеро, ки аз ӯ берун омадааст, дарнамеёбад. Моён танҳо бо он афъолу ҳаракоте, ки дар вуҷуди мо дорад, аз ҳастияш огоҳӣ пайдо менамоем.

Дувум, посухи ин суолатро, ки бо вуҷуди хӯрдан чӣ гуна аз биҳиштиён ғоит берун намеояд, далели ҳозиру пайдо возеҳ месозад. Оё намебинӣ, ки ҷанин дар батни модар тағзия менамояд, аммо ғоит аз ӯ берун намеояд?!

Савум, посух бар чигунагии пойдории наими биҳишт ин аст, ки мо ҳисобро аз як оғоз мекунем, ҳар қадар онро боло бурдан гирем то беохир, бори дигар онро такрор наменамоем ва он низ аз байн намеравад ва ҳамеша боқӣ мемонад».

Роҳиб чун посухҳоро шунид, дарро боз намуд ва аз ман пазироии хубе кард [7, ҷ. 3, с. 1270].

Халил ибни Аҳмад тамоми умр дар ҷодаи хидмат бар илм зист ва ҳамаи ҳастии худро барои ташаккули маърифат бахшид.

Овардаанд, ки чун аз манзилаш берун меомад, ба он сабаб, ки тамом ғарқи андеша мешуд, бехабар мемонд, ки дар саҳрост ва аз шаҳр берун афтодааст [22, ҷ. 3, с. 188].

Ҳамин навъ худсупурдагӣ ба илм сабаби даргузашти ӯ қарор гирифт. Тибқи гузориши манобеъ, Халил дар ҳоле, ки бар кашфи қоидае аз илми ҳисоб ғарқи фикр буд, ба масҷид даромад. Чун комилан мағзи худро ба он масъала машғул сохта буд, сар бар сутуни масҷид бизад. Дар натиҷа ба замин афтод ва ин сабаби вафоташ гардид [9, ҷ. 2, с. 314; 16, ҷ. 1, с. 381 ва ғ.][6].

Халил ибни Аҳмад умри дароз ёфт ва дар куҳансолӣ дар Басра аз дунё даргузашт. Аксари манобеъ ду таърихро – 170/786 ва 175/791 ҳамчун соли даргузашти ӯ ёд намудаанд[7].

Халил ибни Аҳмад, ки дар илми луғатнигорӣ, арӯз, мусиқиву овошиносӣ ва дигар донишҳо табаҳҳури комил дошт, дар заминаи ин донишҳо осори арзишмандеро ба қалам оварда.

Феҳристи муҳимтарин осори ӯ ба тариқи зайл аст: 1. ал-Айн. 2. ал-Арӯз. 3. Маъонийу-л-ҳуруф. 4. аш-Шавоҳид. 5. ал-Авомил. 6. Тафсиру ҳарфу-л-луғат. 7. ан-Нақту ва-ш-шакл. 8. ан-Нағам. 9. ал-Ҷумалу фи-н-наҳв. 10. ал-Муаммо. 11. ал-Ийқоъ. 12. Фоиту-л-Айн[8].

Шоистаи таъкид аст, ки аз байни ин осор аз ҳама бештар китоби «ал-Айн» машҳур аст. «ал-Айн» дар таърихи илми фарҳангнигории араб аввалин луғатнома шинохта шудааст. Зеро то таълифи ин китоб таваҷҷуҳ танҳо бар луғоти ғарибу мушкил буд. Аммо Халил бо илми комиле, ки дар забоншиносии арабӣ дошт, бори нахуст тарҳи фароҳамоварии тамоми калимаҳои забони мазкурро пешниҳод намуд ва илми луғатнигориро аз қавоиди устувори илмӣ бархурдор сохт. Ӯ китобро на аз рӯи тартиби ҳуруфи алифбо ё абҷад, балки бо таваҷҷуҳ бар махраҷи ҳарфҳо танзим намуд. Тибқи ин қоида ҳарфи «айн» дар аввал қарор мегирад. Аз ин рӯ, ин китоб бо ҳарфи «айн» оғоз ёфтааст. «ал-Айн» ном гирифтани китоб низ то ҷое бар ин нукта пайванд мегирад.

Минбаъд маъруфтарин луғатнигорон дар тадвини фарҳанги худ аз «ал-Айн»-и Халил пайравӣ намуданд, ки «Таҳзибу-л-луғат»-и Азҳарии Ҳиравӣ, «Ҷамҳарату-л-луғат»-и Ибни Дурайд, «ал-Бориъ»-и Қолӣ аз маъруфтарини онҳоянд.

Бояд ёдоварӣ намуд, ки байни донишмандон дар масъалаи тадвини комили китоби «ал-Айн» аз ҷониби Халил ихтилофи назар вуҷуд дорад[9].

Халил ибни Аҳмад дар сурудани ашъор низ устод будааст. Қасидае дар зикри алқоби зиҳофот аз ӯ боқӣ монда, ки нусхаи қаламии шарҳи ин қасида таҳти шумораи 719 дар Туркия нигаҳдорӣ мешавад [17, ҷ. 1, с. 460].

Ашъори ӯ дар дили сарчашмаҳо боқӣ мондааст. Ҳотам Зомин ва Зиёуддин Ҳайдарӣ ашъори ӯро фароҳам оварда, дар маҷаллаи «ал-Балоғ» ба нашр расонидаанд [21, №4, 68-77; №5, 73-79].

Ҳамчунин, аз назарҳои шеършиносии Халил дар манобеъ борҳо сухан рафтааст, ки ин низ табаҳҳури ӯро дар фанни шеър возеҳ месозад.

Чунончи, дар тавзеҳи ийто[10] омада, ки Халил ба такрор омадани як лафзро дар қофияҳо, дар ҳоли ба маънии ягона набудан, аз уюби шеър нашуморидааст. Ба абёти зерини Халил таваҷҷуҳ менамоем, ки калимаи «ғуруб» дар ҳама қофия шуда омадааст:

Йо вайҳа қалбӣ ман давоъи-л-ҳаво.
Из раҳала-л-ҷирону ъинда-л-ғуруб.
Атбаътуҳум тарфӣ ва қад амъану
Ва дамъу ъайнаййа кафайзи-л-ғуруб.
Бону ва фиҳим тафлатун ҳурратун
Тафтару ъан мисли ақоҳи-л-ғуруб [2, с. 49].

«Ғуруб»-и аввал ба маънии маъмули вожа – ҷои фурӯнишинии офтоб, «ғуруб»-и дувум сурати ҷамъи «ғарб», ки далви бузурги пуробро мегӯянд ва «ғуруб»-и сеюм шакли ҷамъи «ғараб» ба маънии замини пасту гӯдол омадааст.

Аз Халил ибни Аҳмад гуфтор ва ҳикматҳои фаровон низ ба мерос мондааст, ки намунаҳои

зерин аз ҷумлаи онҳоянд:

– Мардум чаҳор тоифаанд:

- шахсе, ки медонад ва медонад, ки медонад. Ин хел шахс олим аст, пас аз ӯ пайравӣ бояд кард;

- шахсе, ки медонад, аммо намедонад, ки медонад. Ин гуна шахс худношинохта аст, пас бояд ӯро огоҳ сохт;

- шахсе, ки намедонад ва медонад, ки намедонад. Ин гуна шахс ҷоҳил аст, пас бояд ӯро таълим фармуд;

- шахс, ки намедонад ва намедонад, ки намедонад. Ин навъ шахс аҳмақ аст, бояд худро аз ӯ дур гирифт.

– Чун аз манзил берун оям ва бо ҳар кас аз ин се навъ мардум рӯ ба рӯ гардам, он рӯз ҳатман рӯзи боманфиате хоҳад буд: Шахси донотар аз худ, ки он рӯз бароям рӯзи истифода хоҳад буд; шахси ҳамсанги хеш, ки он рӯз рӯзи музокира ҳисоб хоҳад ёфт ва шахси фурӯтар аз худ, ки он рӯз рӯзи савоб маҳсуб хоҳад гардид.

– Се чиз аст, ки онро барои худ ва барои касе, ки салоҳашро мехоҳам, бисёр дӯст медорам: Назди Худо беҳтарини бандагон, назди мардум миёнаи онон ва назди нафсам бадтарини эшон будан[11].

– Агар мардум бо ҳам хуштабъӣ нанамоянд, ҳамчун гирифторон дар зиндон зиндагӣ хоҳанд кард.

– Донишҳо чун қуфлҳоянд ва суолот бошанд, калиди онҳо.

– Мусибатро се чиз фаромӯш месозад: Гузашти шабу рӯз, ҳамсари зебосурат ва суҳбати ёрон.

– Илм чаҳор навъ аст: Илме, ки ҳам асл дораду ҳам фаръ; илме, ки асл дораду фаръ надорад; илме, ки фаръ дораду асл на ва илме, ки на асл дораду на фаръ. Аммо он илме, ки ҳам асл дораду ҳам фаръ, ҳисоб аст ва бар ин ҳамаи аҳли назар иттифоқ доранд. Он илме, ки асл дораду фаръ надорад, нуҷум аст. Зеро дар он аслу ҳақиқате, ки ба олам таъсиргузор бошад, вуҷуд надорад. Он илме, ки фаръ дораду асл не, тиб аст. Зеро аҳли он то рӯзи қиёмат бо тачрибаву андӯхтаҳо онро ташаккул медиҳанд. Он илме, ки на асл дораду на фаръ, ҷадал аст[12].

– Агар дӯстат айби туро пеш аз он ки аз душманат бишнавӣ, бароят бигӯяд, ба ӯ бисёр ташаккур бигӯ ва насиҳаташро қабул фармо.

Номи Халил ибни Аҳмад дар тамоми мактабҳои илмӣ-адабии ҷаҳон дар садри феҳристи асосгузорони улуми арабӣ қарор дорад. Ин манзалат ба он ишора дорад, ки Халил аз фазилатҳои хоса бархурдор будааст ва дар самтҳои мухталифи илм хидматҳои мондагор анҷом додааст. Метавон чанде аз хусусиятҳои мумтози шахсият ва фаъолияти илмии Халилро ба тариқи зайл баршуморид:

1. Кашфи илми арӯз ва муқаррар сохтани мизони шеър. Халил бо нубуғи хоса ва илҳомоти ғайбӣ давоири панҷгонаи арӯзро – мухталаф, муъталаф, муҷталаб, муштабаҳ, муттафақ падид оварда ва аз онҳо понздаҳ баҳри шеъриро берун кашид.

2. Поягузории луғатнигории араб, ки китоби «ал-Айн» оинаи тамомнамои он мебошад.

3. Аввалин нафаре, ки тамоми ҳарфҳои алифборо дар як байт ҷой дод[13].

4. Нахустин нафаре, ки мусавватаҳои эъробӣ (ҳаракатҳо) – фатҳа, замма, касраро муайян намуд. Ҳамчунин, сукуну ташдидро ихтироъ кард [18, ҷ. 2, с. 160-162].

5. Тарбияи барҷастатарин шогирдони забоншинос, ба мисли Сибавайҳ, Кисоӣ, Асмаӣ ва чанде дигар, ки минбаъд ҳар як донишманди ифтихорофар гардиданд.

6. Бунёдгузории наҳви арабӣ, ки бо баробари хидмати иддае аз донишмандони асри аввали ҳичрӣ ва ҳамрӯзгор бо Халил, гузоштани асосҳои ин дониш ба ӯ нисбат дода мешавад.

Таълиқот:

1. Фароҳидӣ – нисбат ба соҳиби хонаводае аз қабилаи Азд – Фароҳид ибни Молик ибни Фаҳм ибни Абдуллоҳ ибни Молик ибни Музари Аздӣ аст [1, ҷ. 9, с. 256-257; 6, ҷ. 4, с. 217; 22, ҷ. 3, с. 187; 9, ҷ. 2, с. 314]. Барои огоҳии бештар аз ному насаби Халил ва шарҳи он ниг. Вафийёту-л-аъён, ҷ. 2, с. 210; Маротибу-н-наҳвийин, с. 45; Нуру-л-қабас, с. 30.

2. Албатта, дар ин замина байни муҳаққиқон баҳсҳо вуҷуд дорад. Барои намуна ниг. «Муъҷаму-л-удабо», тасҳеҳи Эҳсон Аббос, ҷ. 3, с. 1260; Маротибу-н-наҳвийин, с. 45; Инбоҳу-р-рувот, ҷ. 1, с. 376.

3. Назари дуруст ҳамин аст. Аммо Зириклӣ Басраро маҳалли таваллуди ӯ зикр намудааст [Қомусу-л-аълом, ҷ. 2, с. 314].

4. Ибни Авн – мурод Абдуллоҳ ибни Авн, ки пешво ва олиму парҳезгори аҳли Басра буд. Дар камоли зуҳду рӯҳоният барояш масал зада мешуд. Соли 151/768 вафот кардааст.

5. Хурайба – маконе дар Басра [Муъҷаму-л-булдон, ҷ. 2, с. 363].

6. Шоистаи ёдоварист, ки иддае аз донишмандон ин моҷароро дар андешаи тақтеи баҳре аз арӯз низ навиштаанд [ниг. 16, ҷ. 1, с. 381].

7. Албатта, солҳои дигаре чун 130, 160 ва ғ. [15, ҷ. 2, с. 209; 23, с. 40] низ зикр гардидааст, аммо раъйи роҷеҳтар ҳамонест, ки зикр ёфт.

8. Барои тафсил ниг. ал-Феҳрист, с. 68; Қомусу-л-аълом, ҷ. 2, с. 314; Инбоҳу-р-рувот, ҷ. 1, с. 381; Вафийёту-л-аъён, ҷ. 2, с. 208, Муъҷаму-л-удабо, ҷ. 4, с. 218 ва ғ.

9. Барои огоҳӣ аз муҳимтарин назарҳо ниг. Вафийёту-л-аъён, ҷ. 2, с. 208; ал-Феҳрист, с. 67-69; Маротибу-н-наҳвийин, с. 47-48; Нуру-л-қабас, с. 2 ва ғ.

10.ийто – такрори қофия ва борҳо якхела омадани он, ки айби шеър дониста мешавад.

11.Абдуллоҳ ибни Довуд дар мавриди ин сухани Халил фармуда: «Агар сухане бо тилло навишта шавад, он бояд ҳамин гуфтор бошад» [22, ҷ. 3, с. 189].

12.Абӯбакри Сулӣ дар тавзеҳи илми ҷадале, ки ин ҷо зикраш рафтааст, фармуда: «Мурод ҷадал бар беҳудаву ботил аст» [16, ҷ. 1, с. 371-372].

13. Ин байт чунин аст:

صِفْ خَلْقَ خَوْدٍ كمثل الشمس إذا بزغت

يحظى الضجيعُ بها نجلاءُ معطارُ [**ҷ. 3, с. 1263 ,7**]

АДАБИЁТ

1. Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансур ас-Самъонӣ. ал-Ансоб. -Ҷ. 9. -Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмийя, 1980.
2. Абӯтаййиб ал-Луғавӣ, Абдулвоҳид ибни Алӣ. Маротибу-н-наҳвийин. -Бейрут: Мактубату-л-асрийя, 1984.
3. Бухорӣ, Муҳаммад ибни Исмоил. Таърихи Кабир. -Ҷ. 3. -Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмийя, 2001.
4. Деххудо, Алиакбар. Луғатнома. -Ҷ. 8. -Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1337.
5. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. -Ҷ. 2. -Бейрут: Дору Содир, 1995.
6. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-удабо/Тасҳеҳи Умар Форуқ Таббоъ. -Ҷ. 4. - Бейрут: Муассисату-л-маориф, 1999.
7. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-удабо/Тасҳеҳи Эҳсон Аббос. -Ҷ. 3. - Бейрут: Дору-л-ғарб ал-исломӣ, 1999.
8. Заҳабӣ, Шамсиддин. Сияру аъломи-н-нубало. -Ҷ. 7. -Қоҳира: Дору-л-ҳадис, 2006.
9. Зириклӣ Х. Қомусу-л-аълом. -Ҷ. 2. -Бейрут: Дору-л-малойин, 2005.
10. Зубайдӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҳасани Андалусӣ. Табақоту-н-наҳвийина ва-л-луғавийин. -Қоҳира: Дору-л-маориф, 1984
11. Ибни Анборӣ, Абулбаракот Камолуддин Муҳаммад. Нузҳату-л-алиббо фӣ табақоти-л-удабо. - Қоҳира: Дору-л-фикр ал-арабӣ, 1998.
12. Ибни Муътаз. Табақоту-ш-шуаро. -Қоҳира: Дору-л-маориф, 1976.
13. Ибни Надим. ал-Феҳрист. -Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмийя, 1996. – 790 с.
14. Ибни Салломи Ҷумаҳӣ. Табақоту фуҳули-ш-шуаро. -Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмийя, 2001.
15. Ибни Халликон. Вафийёту-л-аъён. -Ҷ. 2. -Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмийя, 1998.
16. Қифтӣ, Ҷамолуддин Абулҳасан Алӣ ибни Юсуф. Инбоҳу-р-рувот ъало анбоҳи-н-нуҳот. - Ҷ. 1. - Қоҳира: Дору-л-фикр ал-арабӣ, 1986.
17. Рамазон Шишан. Наводиру-л-махтутот ал-арабийя. -Ҷ. 1. -Бейрут, 1995.
18. Суютӣ, Ҷалолуддин. ал-Итқон фӣ улуми-л-қуръон/Тарҷумаи форсӣ ба қалами Сайид Маҳдӣ Ҳоирии Қазвинӣ. -Ҷ. 2. -Теҳрон: Амири Кабир, 1384.
19. Фирӯзободӣ, Маҷдуддин Муҳаммад ибни Яъқуб. ал-Булаға фӣ тароҷими аиммати-н-наҳви ва-л-луға. -Димишқ: Дору Саъдуддин, 2000.
20. Ҳоҷӣ Халифа. Кашфу-з-зунун. -Ҷ. 2. -Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмийя, 2008.
21. Шеър ал-Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ//ал-Балоғ, №4-5, соли 1393 қ.
22. Шурайшӣ, Абулаббос. Шарҳу Мақомот ал-Ҳарирӣ. -Ҷ. 3. -Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмийя, 2006.
23. Яғмурӣ, Юсуф. Нуру-л-қабас. -Висбаден (Олмон), 1996.

ОСНОВОПОЛОЖНИК НАУКИ АРУЗ И ЛЕКСИКОГРАФИИ

В статье представлена личность основоположника науки об арузе и лексикографии Халила ибн Ахмада Фарахиди. В первой части статьи на основании достоверных источников приводится жизнеописание Ахмада ибн Халила. В статье приводятся новые, неизвестные сведения о его жизни, высказаны новые предположения о жизни выдающего ученого. Во второй части статьи

исследован вопрос его научного и социального статуса, его достижений и нововведений, дана оценка научным исследованиям его бесценного наследия. В статье также приведены примечания, в которых изучены спорные вопросы изучаемой темы, исследованы мнения и убеждения ученых.

Ключевые слова: *науки об арузе и рифме, Халил ибн Ахмад, лексикография, "Китаб-ул-айн", Фарахиди, грамматика, языкознание.*

THE FOUNDER OF ARUZ SCIENCE AND LEXICOGRAPHY

The article under consideration dwells on the personality of the founder of Aruz science and lexicography done by Khalil ibn Ahmad Farahidi. In the first part of the article, designing on the premise of reliable sources, the author adduces Ahmad ibn Khalil`s life depiction In his article the author provides new, unknown information concerned with his life, makes new assumptions beset with the life of an outstanding scientist. In the second part of the article, the author canvasses the issue dealing with his scientific and social status, his achievements and innovations, the scientific research of his priceless heritage being taken into account as well. The author adduces proceedings in which the controversial issues in reference to the topic explored, he investigates the opinions and beliefs of scientists.

Key words: *sciences on Aruz and rhyme, Khalil ibn Ahmad, lexicography, Kitab-ul-Ain, Farahidi, grammar, linguistics.*

Сведения об авторе:

Насриддинов Фахриддин Абдуманонович*, доктор филологических наук, профессор кафедры языка и литературы Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Тел: (91) 729 15 03. E-mail: fahr79@mail. ru*

About the author:

Nasriddinov Fakhriddin Abdumanonovich*, Dr. of Philology, Professor of the department of language and literature under Khujand State University named after acad. B. Gafurov. E-mail: fahr79@mail. ru; Tel: (91) 729 15 03.*

АНДЕШАҲО ОИД БА ШАРҲҲОИТУРКИИ ДЕВОНИ ХОҶА ҲОФИЗ

Худойдодов А.О.

Доннишгҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи ба номи С. Айнӣ

Ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз дар замоне, ки пироҳани умр дар бар дошт аз зодгоҳаш Шероз ва ватанаш Эрон берун рафта, кишварҳои дуру наздик ва халқҳои гуногунзабону ҳархелафарҳангро ба ҳалқаи ғазали «Ба сарҳади эъҷоз» (таъбири Мавлоно Ҷомӣ) расидаи худ гирифта буд.

Дар адабиёти тоҷику форс, ки таърихи сеҳазорсола дорад жанри ғазал то замони зуҳури шоирони туркизабон аз ҷиҳати шаклу мазмун бар авҷи аълои инкишоф расида, барои шоирони қавму халқҳои туркӣ мавзӯъ, маънӣ, мазмун, оҳанг ва образҳои дурахшон пешкаш кард ва ин ҳама дар лирикаи адабиёти халқҳои туркзабон ба таври барҷаста ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, доираи эътибор ва таъсири ғазали классикии тоҷику форсро дар адабиёти халқҳои туркигӯй, ба вижа ба ғазалҳои ӯзбекӣ бештар бо назирагӯӣ маҳдуд намудан кори носавоб аст. Ҳол он, ки нақши ғазали тоҷикию форсиро дар лирикаи адабиёти ӯзбек, пеш аз ҳама дар ғазалсароии ӯзбекӣ танҳо дар шакли назирагӯии шоирони ӯзбек надониста ва ё наҳисобида, онро дар мавзӯъ, ситемаи образу бадеиёт ва ҷиҳатҳои дигари ин жанр ҷустан, ёфтан ва дидан лозим аст.

Дар илми ҳофизшиносӣ кайҳо ба субут расидааст, ки ғазалҳои Ҳофиз қуллаи баландарини ғазалсароии адабиёти тоҷику форс мебошад. Дар ин ҷо каромоте нест, зеро басухани ҳофизшиноси номвари тоҷик А. Афсаҳзод: «Ҳофиз дар шакли ғазал ва мавзӯи он таъғироти куллие ба вуҷуд наовардааст. Ғазалҳои ӯ ҳамоно аз ҳафт то чаҳордаҳ байт буда, мисли ғазалҳои Саъдиву Салмон ва Хоҷу авсофи маъшуқа, таърихи ошиқ, тасвири муҳасанноти сурату сирати дилбар, шавқи висол, лаззати дидор, шарҳи аёми ҳиҷрон, ранҷи фироқ барин мазмунҳои баланду дилнишини ишқӣ, ситоиши ҳаёт ва зебоӣ, васфи баҳору хазон, боғу бӯстон барин манзараҳои дилрабои табиат ва амсоли инро тараннум кардааст» [1, с.11].

Ногуфта намонад, ки ғазалҳои Ҳофиз аз ғазалҳои дигарон бо се ҷиҳат фарқ мекунанд:

а) аз ҷиҳати забон равонтар;

б) аз ҷиҳати маънӣ жарфтар;

в) аз ҷиҳати ҳусни адо ба тарзи баён зеботаранд.

Ин се ҷиҳат аст, ки девони Ҳофиз аз замони зиндагии шоир диққати аҳли саводи Шарқ ва Ғарб, аз ҷумла қабилаву қавмҳои туркиро ба худ сахт кашид. Талаботи аҳли саводи қавмҳои туркӣ ба ғазали Ҳофиз то ба дараҷае расида буд, ки беҳтарин ва пурратарин шарҳу тавзеҳот ба ғазали Ҳофиз маҳз дар ҳофизшиносии турк ва аз ҷониби туркҳо ба вуҷуд омадааст.

«Фолнома»-и Мулло Ҳусейни Дидолӣ (с. 1577) ба забони туркӣ, «Шарҳи Сурурӣ» (с. 1559), «Шарҳи Шамъӣ » (с.1574) ва «Шарҳи Судӣ» (с. 1595), ки ҳар се низ ба забони туркӣ сурат гирифта, ба ҳофизшиносӣ дар олами туркҳо таконе бахшид ва ба ҳофизшиносӣ дар олами форсҳо низ бетаъсир намонд.

Сабаби ба девони Ҳофиз рӯ овардан ва шарҳ навиштани аҳли адаби туркро пажӯҳишгарон ҳар хел маънидод кардаанд, вале мо ба мушоҳидаву андешаҳои донишманди тоҷик А.Насриддинов ҳамфикрем. Вай навиштааст, ки «Сабабҳои ба тафсири ашъори Ҳофиз пардохтани муфассирони каломи бадеъиро ба тағйироти заминаҳои тафаккури бадеъии аҳди шоир, кӯҳан гаштани як қисм вожаю таркибот, аз истеъмол хориҷ шудани қисме аз тимсолоти бадеӣ ва ниҳоят барои маърифатгарони ғайри аҷам [туркҳо-А.Х.] номафҳум будани бисёр маънию матлабҳо ҷустуҷӯ бояд кард» [4, с.61].

Ба назари мо, боз як сабаби ниёзмандии аҳли адаби халқҳои туркизабон ба шарҳу тавзеҳи девони Ҳофиз дар он аст, ки оҳангҳои ирфонӣ ва истилоҳоти аҳли ирфон, ки саропои ғазали Ҳофизро фаро гирифтааст, барояшон номафҳум метофт.

Аз сарсухани ба «Шарҳи Судӣ» навиштаи донишманди бузурги Эрон Саид Нафисӣ бармеояд, ки шарҳҳои туркии девони Ҳофиз назар ба шарҳҳои форсии ҳамин девон эътибор ва шӯҳрати бештар пайдо кардааст. Чунончи, ӯ аз тавсифи шарҳи Судӣ навиштааст: «Тардиде нест, ки шарҳи Ҳофиз токунун таълиф кардаанд» [5, с.12].

Ва ҳофизшиноси номдори Эрон Қосим Ғанӣ аз ин хусус афзудааст: «Нусхаи Судӣ яке аз беҳтарин ва саҳеҳтарин нусха аст» [3, с. 417].

Инро ҳам бояд ба вижа қайд намуд, ки нахустин шарҳи туркии девони Ҳофиз на шарҳи Судӣ, балки шарҳи Сурурӣ ҳисоб меёбад.

Сурурӣ [Муслиҳиддин Мустафо ибни Шаъбон, вафоташ 1562] донишманди мумтози забонҳои форсӣ ва арабӣ буда, ин ду адабиётро низ ба таври аъло медонист. Далели аввалу охир аз истеъдоди нодири забондонии ӯ ҳамин аст, ки «Гулистон»-и Саъдиро ба арабӣ, девони Ҳофизро ба туркӣ ва дафтари панҷуми «Маснавии Маънавӣ» -ро ба форсӣ шарҳ навиштааст.

Як нусхаи пурраи шарҳи Сурурӣ, ки шомили ду ҷилд аст дар ганҷинаи дастнависҳои ИШ ба номи Берунии АИ Ӯзбекистон (зери рақами 11109 ва 9497) нигаҳдорӣ мешавад ва мавриди истифодаи мо қарор гирифтааст.

Як хусусияти ҷолиби шарҳи Сурурӣ дар он аст, ки вай аввалан вазни тамоми ғазалҳо ва дигар қитъаҳои шеъри Ҳофизро муайян намуда, сипас ба бозгӯӣ маънои онҳо мепардозад. Сурурӣ асосан эҳтиёҷи хонандаи туркизабонро ба назар гирифта, аксаран ба баёни ҷузъиёти таркибу ифодаҳо ва маъниву матлабро ба мадди аввал мегузорад. Аз ҷумла аз байти зерини ғазали Ҳофиз:

Саҳни бӯстон завқбахшу сӯҳбати ёрон хӯш аст,

Вақти гул хӯш бод, к-аз вай вақти майхорон хуш аст.

Мисраи аввалро чунин шарҳ додааст:

«Саҳни бӯстон» ба маънои майдон аст ва мубтадоест, ба «бӯстон» музоф аст, «завқбахш» - таркиби васфист ва хабари мубтадост, «Сӯҳбат» низ мубтадост ва музофи «ёрон», «хуш аст» хабари он. Ва ин ҷумлаи маътуфия аст ба ҷумлаи аввал. Маънои мисраъ он аст, ки саҳни бӯстон завқбахш ва сӯҳбати ёрон хуш мебошад. Мурод аз саҳни «бӯстон» хонақоҳ астмурод аз «ёрон», «асҳоби тариқат» [Тарҷумаи таҳтуллафз].

А.Насриддинов ин услуби шарҳи тавзеҳи Сурурирро «Таҳқиқи филологии усулҳои таъсири ирфонии ашъори Ҳофиз» [4, с. 63] номидааст.

Пас аз чанд сол Мустафо Дарвеш (тахаллусаш Шамъӣ) ва маъруф аст, ба Мавлоно Шамъӣ шарҳи дигареро ба девони Ҳофиз дар Туркия (соли 1573) ба забони туркӣ анҷом дод. Мавлоно

Шамъӣ [вафоташ 1593] шореҳи заҳматкаш ва донандаи барҷастаи забону адабиёти форсӣ будааст. Вай ба ҷуз шарҳи девони Ҳофиз боз «Шарҳи «Панднома» ва шарҳи «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор,шарҳи «Искандарнома»-и Низомӣ шарҳи «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, шарҳи «Сабҳат-ул-аброр» ва «Баҳористон» -и Мавлоно Ҷомӣ, шарҳи «Маснавии Маънавӣ» -и Ҷалолиддини Румиро ба забони туркӣ навишта бо ҳамин аз як ҷониб барои пешрафти адабиёти турк, ба вижа афкори бадеии он кори бузургеро анҷом дода бошад, аз тарафи дигар, образ ва ормонҳои классикони адабиёти тоҷику форс офарида ва пеш бурдаро ба олами адаби туркӣ ворид сохта, баҳри боз ҳам густариш ёфтани онҳо заминаи мусоид фароҳам овардааст. Боз инро ҳам афзуд, ки дар таърихи пайвандҳои адабии халқҳои эронӣ бо халқҳои туркӣ Мавлоно Шамъӣ мақоми шоиста пайдо намудааст.

Нусхаҳои шарҳи Мавлоно Шамъӣ ба девони Ҳофиз нисбатан каманд. Як нусха дар китобхонаи Донишгоҳи Анқара, як нусха дар институти дастнависҳои Шарқии АИ миллии Озарбойҷон ба номи Фузулӣ ва як нусхаи қаламии он таҳти шумораи 446 дар ганҷинаи дастнависҳои Институти ховаршиносии АИ Ӯзбекистон ба номи Ҳ.Сулаймон нигоҳдорӣ мешавад, ки мо аз он истифода бурдем.

Шарҳи Шамъӣ бар ашъори Ҳофиз бо пешгуфтори форсӣ оғоз ёфта, минбаъд ба туркӣ анҷом меёбад. Шояд ба ҷиҳати ҳамин муқаддима бошад, ки нусхашиносони ӯзбек ба иштибоҳ роҳ дода, ин китоби бузурги шомили 892-саҳифаи туркиро батамом асари форсӣ, ҳисобида онро дар радифи асарҳои форсӣ тавсиф кардаанд. Ҳатто муаллифи асар-Мавлоно Шамъиро ҳам нашинохтаанд [6, с. 81].

Мавлоно Шамъӣ дарпешгуфтори форсии шарҳи туркии девони Ҳофиз сабаби ба ин кор даст заданашро чунин зикр кардааст «…Баъдан ин бандаи камина, яъне Шамъии поймоли ғулум ва шикастаи ҳумум, ки аз даври замон ошӯфтаҳол ва парешонҳол будам, ки тариқи қаноат ихтиёр карда, дар гӯшае нишаста будам.Ногоҳ яке аз бузургтарини ҷаҳон ва каримтарини замон, ки орифи даврон, воҳиди оламиён, фариди ҷаҳон буд…ба шарҳ навиштан Ҳофизро амр кард.Ин бандаи қалилулбизоат ҳарчанд, ки ба сад забони аҷз ба қусури хеш эътироф кардам, мақбул наяфтод. Оқибатуламр ба амри шарифи он бузургтарини бузургон ба шарҳ кардани он шурӯъ кардам ва умед медорам, ки ҳар кас, аз ин шарҳ мустафид гардад, шореҳ ва боисшударо аз дуои хайр фаромӯш накунад » [4, с.63].

Шарҳи Шамъии девони Ҳофиз чанд вижагии хоса дорад ва муҳимтаринашон инҳоанд:

1. Шамъӣ мисли дигарон як байт ё як ғазали томи Ҳофизро шарҳ надода, балки як мисраи онро иқтибос мегирад ва онро дар алоҳидагӣ шарҳ медиҳад.

2. Эҳтиёҷи хонандаи туркро (на форсро) ба назар гирифта, ҳаракати калимотро мегузорад, ки он барои хонандаи форс ҳам хидмати фаровон хоҳад кард.

3. Шамъӣ дар шарҳи мазкур ба тафсилоти матлаб қариб, ки эътибор намедиҳад ва аксаран шарҳу тавзеҳи ӯ баёноти дар наср овардаи матлаби Ҳофизро мемонад.

4. Бисёр ҷолиб аст, ки Шамъӣ зимни шарҳу тавзеҳ ғазали Ҳофизро дар ҳамбастагӣ ба ашъори Саъдӣ, Низомӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҷомӣ шарҳ медиҳад. Ҳатто дар тафсири матлабҳои ҷудогона аз ғазалҳои худи Ҳофиз ҳам далел меоварад.

5. Ба назари мо, Шамъӣ аз нахустин шореҳонест, ки осори адабӣ, яъне ғазали шоирро ҷудо-ҷудо дар баркандагӣ не, балки бо назардошти кулли эҷодиёти адиб тафсир медиҳад ва бо сухани А.Насриддинов ӯ «Дар тафсири матлаб тариқи эъҷозро пеш гирифтааст» [4, с.64].

Барои мисол аз ғазали машҳури «Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад»-и Ҳофиз байти панҷумро гирифта:

Баҳори умр хоҳэй дил, вагарна ин чаман ҳар сол

Чу насрин сад гул орад бору чун булбул ҳазор орад[1].

Мисраи дуюмро чунин шарҳ додааст: «Монанди насрин сад гули раъно ва монанди булбул ҳазор орад ва дар лафзи «ҳазор» санъати иҳом ҷой дорад» [7, в.349] .

[1]Мисраи иқтибос овардаи Шамъӣ чунин аст:
Чу насрин сад гули раънову чун булбул ҳазор орад,

Дере нагузашта шарҳи сеюми туркӣ бар девони Ҳофиз аз ҷониби Судии Буснавӣ [вафоташ 1598] ба вуҷуд оварда шуд. Судӣ аслан аз туркҳои Босни ё Буснаи Югославия буда, аксари умрашро дар Истамбул гузаронида, дар даргоҳи Иброҳимпошшо вазифаи муаллимиро адо кардааст.

Як нуқтаро бояд қайд намуд, ки шурӯҳоти Сурурӣ ва Шамъӣ барои таълифи шархи Судӣ заминаи хубе муҳайё намудааст.

Шарҳи Судӣ бар девони Ҳофиз, ки аз ҷомеътарин ва муҳимтарин шарҳи туркии девони Ҳофиз аст, соли 1250-ҳичрӣ дар Миср бо тасҳеҳи Аҳмад Афандӣ [се ҷилд] ва соли 1288 ҳ. дар Истамбул [ду ҷилд] ба туркӣ аз чоп баромад.

Бояд таъкид кард, ки Судӣ ба ҷуз девони Ҳофиз ба «Бӯстон» ва «Гулистон» -и Саъдӣ, «Маснавии Маънавӣ»- и Мавлонои Румӣ низ шарҳ навишта, донишманди барҷастаи забону адабиёти форсӣ будани худро ба субут расонд.

Шарҳи Судӣ аз маъруфтарин ва марғубтарин китоби ҳофизшиносии олам, бавижа Эрони Бузург, Қафқоз, Русия ва Аврупо гардидааст. Тарҷумаи форсии «Шарҳи Судӣ»-и бар Ҳофиз бо кӯшиши бону Исмат Сатторзода анҷом пазируфта, дар чаҳор ҷилд [ҷ. 1-3 солҳои 1962-66] ва ҷилди охир [1983] дар Теҳрон ба табъ расида, дар ҳофизшиносии Эрон ва хориҷи он ғулғула барангехт.

Аз рӯи пажӯҳиши эроншиноси бузургианглис Э.Браун соли 1824 Брокгауз ғазалиёти Ҳофизро бо шарҳи 80 ғазали аввали девон аз шарҳи Судӣ дар Лейпсиг ба табъ расонидааст. Тарҷумаи пурраи девони Ҳофиз, ки ба қалами Розенберг мансуб аст ва тарҷумаи инглисии он ки кори Вилберфурс Кларк мебошад, дар асоси шарҳи Судӣ сурат гирифтаанд [2, с.403-404].

Соли 1958 Элизабета Бёлке шарҳи Судиро дар муқоиса бо нашри Муҳаммади Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ, ҳамчунин як нусхаи нафиси китобхонаи Айё Суфия [зери рақами 3945] дар Кёлнба табъ расонид. [79, с.64]. Мутаассифона, ин пажӯҳишгар аз нашри туркии «Девон»-и Ҳофиз, ки соли 1944 дар Истамбул ба нашр расидаву онро алломаи Туркия –Абдулбоқӣ Гулпинарлӣ аз рӯи матни дастнависи қадимтарини китобхонаи Айё Суфия [китобати соли 813-814 [1410-1413]ба туркӣ тарҷума ва тавзеҳ дода буд, бехабар мондааст.

Аз рӯи хулосаи аксари ҳофизшиносон шарҳи Судӣ ба ҳофизшиносӣ такони ҷиддӣ дод. Судӣ дар шарҳи худ баандешаҳои ирфонии Ҳофиз чандон кордор нашуд. Баръакс, ба он кӯшид, ки ғазали Ҳофизро аз мавқеъи ҷаҳоншиносии дунявӣ маърифат ва тафсир намояд. Эроншиноси бузург Ҳ. Эте ҳамин ҷиҳати кори Судиро писандида, онро кори мумтоз меҳисобад: «Вай танҳо шореҳест, ки шоирро аз назари башарӣ мебинад ва ашъорашро таҳтулалфоз таъбиру ташреҳ мекунад» [9, с.187] .

Мутаассифона, ховаршинос Г.Галимова «Шарҳи Судиро» бар хилофи Ҳ.Эте ва пажӯҳишгарони дигар маънидоди сӯфиёна хондааст: «…Дар ин асар ба тарзи анъанавӣ ашъори Ҳофиз аз нуқтаи назари талаботи тасаввуфӣ шарҳ ёфтааст» [8, с. 7].

Акнун беихтиёр саволе пеш меояд, ки шарҳи Судӣ ва дигар шарҳҳои туркӣ, ки «тавассути онҳо нақди классикии форсу тоҷик ва турк хеле пеш рафт» [4, с.66] ба Хоразм расида, мавриди истиқболу истифодаи аҳли адаби Хоразм шуда буд ё не?

Гап дар сари он аст, ки ҳар се шарҳи туркӣ дар Туркия (на Хоразм) дар чиҳил соли нимаи дуюми асри XVIба вуҷуд омадааст. Умри Ҳофизи Хоразмӣ зиёда аз як аср пештар, яъне дар нимаи аввали асри XVба охир расидааст. Аз ин се шарҳи туркӣ бохабар ва истифода бурданаш амри ғайривоқеъӣ буд.

Аммо як андешаи нирӯманд моро ба хулосаераҳнамун месозад, ки агар шуруҳоти туркии ашъори Ҳофиз пештар вуҷуд намедошт, дар давоми камтар аз чиҳил сол шарҳҳои бисёр ҷолиб ва оламшумули се адиби турк ба майдон намеомад, пас маълум мегардад, ки шарҳнависӣ бар девони Ҳофиз ва дигар шуарои бузурги эронӣ дар Туркия собиқаи тӯлонӣ доштааст.

ПАЙНАВИШТ

1. .Афсаҳзод А. Ҳофизи Шерозӣ / Ҷамъияти «Дониш»-и РСС Тоҷикистон.- Душанбе, 1971.-31 с.
2. Браун Э. Таърихи адабиёти Эрон.- Теҳрон, 1960.
3. Қосим Ғанӣ. Баҳс дар осору афкор ва аҳволи Ҳофиз.- Теҳрон, 1321.-1326.
4. Насриддинов А. Шурӯҳоти туркии девони Ҳофиз//Изв.АН Тадж.ССР. Сер.: Востоковедение, история, филология.- 1990.- №3.- с. 61-68.
5. Нафисӣ Саид. Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз / Аз туркӣ ба форсӣ тарҷумаи Исмати Сатторзода.- Теҳрон, 1342.- Ҷилди 1: Муқаддима

6. Собрание восточных рукописей Академии наук Ӯзбекской ССР/ / Инст-т востоковедения им. Абу Райхана Беруни.- Ташкент: Фан, 1987.- Т. 11-445 с.
7. Шарҳи Шамъӣ бар девони Ҳофиз.- Ганҷинаи институти дастхатҳои ба номи Ҳ. Сулаймонӣ АИ Ӯзбекистон, № 446.
8. Ҳофизи Шерозӣ. Чиҳилу се ғазал /Бо сарсухан ва кӯшиши. Г. Галимова- Душанбе: Ирфон,1971.-159 с.
9. Эте Ҳ. Таърихи адабиёти форсӣ.-Теҳрон, 1337.

НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЕ ОБ ТУРЕЦКИХ КОММЕНТАРИЯХ ДИВАНА ХАФИЗА

Данная статья посвящена изучением турецких комментариях дивана Хафиза, которые были переведены и написаны в разные времени со стороны Дидоли, Сурури, Шамъи и Суди в Турции. В статье анализируется причины и влияния газели Хафиза на турецких язык.

Ключевые слова: *комментария, турецких, Дидоли, Шамъи,Сурури, Суди, образ, газел, лирика, литература, диван, ритм, значение.*

SOME THOUGHTS REGARDING THE TURKISH COMMENTS OF HOFIZ'S DEVON

This article is dedicated to the study of the Turkish comments of Hafiz's devon which were translated and written in different periods by Didoly, Surury, Shami and Sudy in Turkey. The reasons and influence of Hafiz's ghazel into tyrkish are analyzed as well as.

Keywords: *comments, Turkish, Didoly, Surury, Shami, Sudy, image, ghazel,lyrics, literature, divan, rhythm, meaning.*

Сведение об авторе:

Худойдодов Аъзам Овлододович*–доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: (+992) 919328220. E-mail: khudoidodov1959@mail.ru*

About the author:

Khudoidodov Azam Ovlododovich *– Doctor of Philological Scienves, Professor in the Department of Theory and History of Literature, Tajik Sate Pedagogical University named after Sadriddin Aini.Tel.: [+992] 919328220. E-mail: khudoidodov1959@mail.ru*

МАОРИФПАРВАРӢ ВА ТАВЛИДИ МАТБУОТИ ТОҶИК

Боқиев Ҳ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

«Ҷаридаи ҳар миллат забони гӯёи ҳамон миллат аст ва миллате, ки ҷарида надорад, гӯё забон надорад ва ҳоли одами безабон ҳам ба ҳама кас маълум аст».

Мирзо Сироҷ. Сухан гуфтан // «Бухорои шариф», №19, 1912, 2-юми апрел

Таърих дар ҳама давра ҳаводисеро ба миён меорад, ки боиси тараққию пешравии ҷомеаи инсонӣ мегардад.

Дар ибтидои асри XX дар аморати Бухоро чунин як ҳодисае ба вуқӯъ пайваст, ки сабабгори бедории чашми мулку чашми миллати тоҷик гардида, дар замираш шарораҳои худогоҳию худшиносии миллиро ба алангаҳо бадал намуд. Ин ҳодиса тавлиди матбуоти тоҷик буд. Дар саҳифаи таърих санаи тавлиди матбуоти тоҷик, рӯзи якшанбеи 11-уми марти соли 1912 бо ҳуруфи тиллоӣ ҷовидонӣ сабт ёфтааст. Матбуоти тоҷик дар замоне арзи ҳастӣ намуд, ки аморати Бухоро дар гирдоби таҳаввулоти азиме қарор дошту аз ҷониби Ғарб, аз нуристони Русияи инқилобӣ ба равзанаҳои «дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ва атрофу акнофи он шаъшапошӣ карда, шуури мардуми Осиёи Марказиро равшан менамуд.

Ибтидои асри XX моҳиятан давраи инқилоб буд. Ин айём дар ҳаёти мардуми Осиёи Марказӣ, хусусан барои сокинони аморати Бухоро, як давраи бедории куллӣ буд. Зеро инқилоби соли 1905 мусулмонони Русияро якбора ба шӯр овард ва дар атрофу акнофи он бо номҳои гуногун ба забонҳои

туркию тоторӣ рӯзномаҳо нашр намуданд. Табиист, ки рӯзномаҳои мазкур вориди аморати Бухоро шуда, дар иддае аз аҳолӣ фикрҳои тозаро падидор карданд. Маҳз ҳамин чиз сабаб шуд, ки дар Бухоро, дар байни омма касоне пайдо шуданд, ки ба ҳодисаю воқеаҳои олам бо назари ибрат менигаристанд. Минбаъд, аз соли 1905 то соли 1908 дар Бухоро вазъият хеле дигар шуд. Дар ин солҳо матбуоти турку тотор ва форсӣ, ки дар Русияю Қафқоз, Истамбулу Миср ва Ҳиндустон нашр мегардиданд, дар Бухоро хеле хуб доман густурда буданд. Ба вижа китоби ба форсӣ таълиф ёфтаи «Саёҳатномаи Иброҳимбек» дар Бухоро аз даст ба даст мегашт. Бинобар шаҳодати устод Садриддин Айнӣ: «Мутолиаи ин китоб низ ба дигаргунии фикри баъзе касон сабаб гардид»[1, с. 25].

Бедории фикрӣ ва таблиғу ташвиқи мактабу маорифи ҷадид ба ташкили матбаа ва созмонҳои фарҳангӣ, китобхонаҳо ва рӯзномаву маҷаллаҳо мусоидат намуд. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» чунин ишора мекунад: «Ҷавонони Бухоро кайҳо дар фикри нашри газетае буданд, лекин чораи инро намеёфтанд. Зеро ҳукумати Бухоро, ки ба ягон кори оддии маданӣ роҳ намедод, ба нашри газетае, ки дар пеши назараш чун муфаттише шуданаш мумкин буд, чи гуна роҳ дода метавонист»[1, с106]. Воқеан, ба роҳ мондани нашри рӯзнома дар он вазъияти Бухоро кори ниҳоят сангину мушкил буд, вале равшанфикрони онвақта, хусусан маорифпарварони Бухоро барои ба роҳ мондани нашри он кӯшиши зиёде ба харҷ доданд. Ҳамон тавре ки устод Айнӣ менависад: «Соли 1912 чораи ин корро Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷи Ҳаким ёфтанд»[1, с. 106].

Армуғони бебаҳои аҳли маърифат дар тирашаби аморати Бухоро ҳамон сухани созандаву тафаккури густурда ва нияти поку азми босубот буд. Зеро дарк ва инъикоси пешомади ҷомеа, ҳидояти мардум ба сӯйирӯшноӣ, ба дунёи пурғановати маърифату маънавиёт, ба бунёди ояндаи дурахшони ободу озод, ки саршори муҳаббату садоқат, адолату саодат бошад, орзуву ормони матбуотчиёни нахустин буд, ки имрӯз низ идома дорад. Матбуот, ки саҳифаи тобноки зиндгии мост, чун оинаи мусаффо тамоми ҷузъиёти ҳаёти моро акс кардаву мекунад. Муҳимтарин сарфарозӣ он аст, ки матбуоти тоҷик аз санаи тавлид то ба имрӯз ҳамқадами замон ва ҳамнафаси оммаи васеи мардум буда, ба сифати роҳнамо хидмат карда меояд…

Саду сесол пеш бо ташаббус ва ибтикори фарзонафарзандони миллат Мирзо Сироҷи Ҳакиму Мирзо Муҳиддин Мансуров ва боз чанде дигар нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» роҳандозӣ гардид, ки минбаъд санаи 11-уми март аз даврони соҳибистиқлолии кишвар то ба имрӯз бо тантана таҷлил карда мешавад.

Пас аз омӯзишу баррасии маводи зиёди адабию таърихӣ роҷеъ ба «Бухорои шариф» унвон гирифтани нахустнашрияи матбуоти тоҷик адабиётшинос Абдухолиқи Набавӣ афкори бикр баён намуда, ба чунин натиҷагирӣ мерасад, ки: «интихоби «Бухорои шариф» ба сифати исми рӯзнома амали огоҳонае мебошад. Тасодуфӣ нест, ки яке аз поягузорони рӯзномаҷоти омехта ба забонҳои форсиву туркӣ дар Туркистон Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ аввалин ҷаридаи худро «Самарқанд» номгузорӣ кард. Ба ин маънӣ низ «Бухорои шариф» дар раванди минбаъдаи рӯзноманигорӣ ибрати хуберо ба ҷо гузоштааст»[4, с. 37]. Мо низ асосан ба гуфтаҳои устод мувофиқем, вале чизи дигаре, ки дар зеҳнамон тавлид шуд, ин аст, ки омили асосии «Бухорои шариф» унвон гирифтани нахустнашрияи матбуоти тоҷик гувоҳ аз гаҳвораи тамаддуни тоҷикон будани шаҳри Бухоро мебошад, ки ҳазорсолаҳо маркази интишори илму фарҳанг буд. Маорифпарварон маҳз ба ҳамин хотир ин номро ба рӯзномаи тозатаъсиси худ гузошта буданд, ки аз мавҷудияти миллати тоҷик дар ин билоди муқаддас гувоҳӣ диҳад. Шоҳид барои ин даъвоямон аз навиштаи Амин ибни Расул меорем: «Ин фақара(бахш) касонеро, ки истеъдоди таърихӣ ва қобилияти фитрии Бухороро суроғ доштанд, ҳайрон менамуд. Ҳар кас пеши худ тасаввур мекард, ки оё мувтини(ватани) Ибни Синоҳо, масқатулраъоси Форобиҳо ва Бухориҳо аз ин қофилаи таҷаддуд ақаб монда, ҳаракате нахоҳанд кард?... Оё як Рӯдакии асри пайдо нахоҳад шуд, ки ба иқтидори таҳрир ва нуфузи калимаи худ «моҳро сӯйи осмон» авдат диҳад. Инак, интишори «Бухорои шариф» кулли ин андешаҳоро бартараф намуд»[4, с. 167].

Нашри «Бухорои шариф» шояд аввалин зарбае буд ба унсурҳои бегонапарастонае, ки он замон дар Бухоро тавассути тоторҳо ором-ором роҳандозӣ мешуд, ки баъдан меваи талхашро то ба ин рӯзгор чашидаву мечашем.

Мирзо Сироҷи Ҳаким(1878-1914), ки яке аз шахсиятҳои калидии таъсисёбии матбуоти тоҷик

маҳсуб меёбад ва месазад, ки барҳақ ӯро асосгузори матбуоти тоҷик ва ҳамзамон бо ибораи Абдухолиқи Набавӣ нахустин рӯзноманигори тоҷик[4, с. 130] ном бурд. Зеро дар адабиёти ибтидои асри XX ӯ баҳайси адиб, публитсисти фарохандешу хушсалиқа ва табиби масеҳонафас шинохта шудааст. Ин чеҳраи тобноки илму фарҳанг баъди саёҳатҳои тӯлонии мамолики Осиё ва Аврупо бо ҷаҳонбинию тафаккури пешқадам ба ватани хеш баргашта, ҳар лаҳза паи ислоҳи навоқиси аморати Бухоро кӯшиш намудааст. Мирзо Сироҷи Ҳаким афкори пешқадами хешро бештар дар жанри публитсистика идома додаст. Ӯ дар матбуоти даврагӣ, алалхусус дар рӯзномаю маҷаллаҳои «Бухорои шариф», «Самарқанд», «Оина», «Навбаҳор» ва «Сироҷ-ул-ахбор» мақолаҳои ҷолибе ба табъ расонидааст.

Адиб, табиб ва рӯзноманигори чирадаст Мирзо Сироҷи Ҳаким аз нахустин ноширони рӯзномаи «Бухорои шариф» буда, пайваста дар нигоришоти борикбинонаи хеш роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷомеаро ба ҳамдиёронаш бозгӯй кардааст.

Ҳамаи он чизҳои дидаю мушоҳида кардааш ӯро водор намуданд, ки соли 1912 дар рӯзномаи тозатаъсиси «Бухорои шариф» таҳти унвони «Лозими қироатхона ва китобхона» мақолаи ахлоқӣ ва тарбиявӣ навишта, илмро калиди ҳамаи муаммоҳои зиндагӣ шуморида, афсӯс мехӯрад, ки «чаро дар Бухоро китобхона ва қироатхонаҳои умумӣ нестанд»[2]. Зеро Мирзо Сироҷ хуб дарк карда буд, ки китобхона ва қироатхона барои ҳар як миллат муқаддасот ба ҳисоб мераванд. Дарвоқеъ, дар ин давра дар қаламрави аморати Бухоро тарғиби илму ҳунар ва ислоҳи вазъи таълим яке аз масъалаҳои муҳим ва талаботи айём буд. Маҳз ба туфайли бебаҳра будан аз илми замонавӣ мардум дармони дардҳои худу илоҷи бисёр корҳоро намедонистанд ва аморат яке аз гӯшаҳои қафомондатарини олам ба шумор мерафт. Ин вазъият бисёр равшанфикрону маорифпарваронро ба ташвиш андохта буд ва онҳо илоҷи ягонаи ислоҳи вазъро дар талаби илм медиданд: махсусан, дар асару мақолаҳои Мирзо Сироҷ, Фитрат, Мирзо Ҷалол Юсуфзода ин масъала матраҳ шуда ва ҳамаҷониба баррасӣ мегардид.

Дар мақолаҳои Мирзо Сироҷ ва Мирзо Ҷадлол Юсуфзода ва дигар ҳаммаслаконашон дарду доғи миллат бо сӯзу гудоз мавриди баҳс қарор мегирифт ва дигар тараққихоҳону равшанфикрони тоҷикро аз дигар марказҳои тоҷикнишин ба баҳс водор мекард. Аксарияти баҳсу мунозираҳое, ки дар рӯзномаи «Бухорои шариф» оғоз шуда буданд, дар матбуоти дигари тоҷик идома ёфтаанд, ки то ба ин рӯзгор аҳамияти худро гум накардаанд. Масалан, дар «Мактуб» ном мақолаи Мирзо Сироҷ, ки роҷеъ ба масоили об ва обёрӣ дар Бухоро сухан меравад, рӯзноманигор кӯшидааст, кибо роҳи масъалагузорӣ ва нишон додани роҳи ҳалли масъала ҳукуматдоронро водор намояд, ки баҳри ин амали хайру савоб камари ҳиммат банданд. Ӯ менависад, ки «Ҳама вақт ҳукумат саъй дошта, вале Худо обро баракат ато нафармуда. То Худо баракат надиҳад, ҳаракат ва кӯшиши банда ба ҷое намерасад ва ин фармоиши ҳукуматро ҳам бо камоли итоат қабул дорем. Вале ҳарфи мо дар ин аст, ки як фикри дуруст ва як ҷаҳди балеғ бояд ба харҷ дод, ки ҳама вақт оби Бухоро фаровон бошад… Бояд мо ғами дигарҳоро бихӯрем то фақат муҳтоҷ ва чашм ба роҳи оби Самарқанд(мурод аз оби Самарқанд гуфтани Мирзо Сироҷ ин оби Зарафшон аст. -Ҳ. Б.) набошем. Бояд аз рӯди Ҷайҳун, ки наҳри Омуяш меноманд, ба харҷи пул ва ҳиммати муҳандисин ҳукумати ҷомеаи мо об биёварад, мумкин аст. Бо андак тавҷеҳ тамоми қаламрави Бухороро шодоб ва сероб намуд… Мо чаро ба оби даруни хонаи худ муҳтоҷ буда, даст ба рӯи даст бигузошта бинишинем, он вақт ҳам ба дуо об ва баракати рӯзиро аз Худо бихоҳем… Акнун агар ҳукумати ҷомеа ҳиммати худро бар ин қарор бидиҳад, ҳеҷ вақт оби Бухоро дар норасоӣ ва тангӣ набошад»[2]. Аз ин порчаи дар фавқ овардашуда бараъло маълум мегардад, ки Мирзо Сироҷ на танҳо ба сифати як рӯзноманигор ҷилвагарӣ менамояд, балки ҳамчун як фарди иқтисоддон ва фидоии ватану миллат намудор мегардад. Мақолаи мавриди назар як навъ асари проблемавӣ маҳсуб мешавад.

Рӯзноманигори барҷаста ҳамеша кӯшиш бар он менамуд, ки тавассути рӯзнома ақоиди пешқадами хешро, ки натоиҷи сафарҳои кардааш мебошанд, ба оммаи васеи мардум талқин намояд. Мирзо Сироҷ амсоли дигар равшанфикрони он вақтаи Бухоро ҳамеша дар паи ҷустану пайдо намудани роҳи наҷоти миллат аз ҷаҳолату нодонӣ ва ободии меҳани хеш буд. Адабиётшинос Валӣ Самад дуруст нигоштааст, ки «Маводи ҷолиби диққати рӯзнома (ишора ба «Бухорои шариф»-Ҳ. Б.) махсусан навиштаҳои пурдарду алами Мирзо Муҳиддин, Мирзо Ҷалол, Мирзо Сироҷ, Мирзо Абдулвоҳид, Мирзо Исмоил, Мирзо Нарзулло, Мирхон Порсо, Мирзо Ғаффор, М. Мозандарӣ, Сияҳпӯш чун насими саҳар ба тангкӯчаҳои Бухорои адабпарвару азияткашида вазида ва ё зада

даромада, дари аҳли Бухороро мушти ҷасорат мезад»[5. 145].

Мирзо Сироҷи Ҳаким дар баробари публитсистӣ маълуму машҳур буданаш, инчунин ҳакими тачрибакор низ буд. Аз ҷо-ҷои сафарномааш ҳувайдост, ки шавқу ҳаваси пешаи табибӣ ҳеҷ гоҳ ӯро ором намегузошт. Зеро ӯ ҳангоми сафарҳояш фурсате пайдо намуда бемористонҳои кишварҳои саёҳат кардаашро дида ба тарзи муолиҷаи онҳо таваҷҷуҳи хоса медодааст. Чи тавре ки аз сафарномаи таълифнамудаи ӯ бармеояд, ҳангоме ки маскуни шаҳрҳои Тифлису Сабзавор ва Красноводский буданаш ба андӯхтани донишҳои тиббӣ шуғл кардааст. Ҳамчунин мавриди ёдоварист, ки Мирзо Сироҷ дар аморати Бухорои ибтидои асри ХХ шояд нахустин табиби соҳибҳуҷҷат бошад. Дар хусуси соҳибҳуҷҷат буданаш чунин менависад: «… Баъд имтиҳон дода шаҳодатхат аз устодони худ гирифтам»[3, с. 253]. Баъди гирифтани шаҳодатномаи пизишки арози дохилӣ ва берунӣ дар яке аз бемористонҳои шаҳри Теҳрон ба муолиҷаи беморон машғул мешавад ва малакаи хешро дар муассисаи табобатии амрикоӣ такмил медиҳад. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» бо унвони «Ҳифзуссиҳат» мақолаҳои илмии тиббӣ иншо намуда, бо роҳҳои мушаххас даво бахшидан ба бемориҳоро нишон додаст. Масалан, дар ин силсила мақолаҳои тиббии Мирзо Сироҷ дар хусуси бемориҳои облаҳ[нағзакон], ангушти шашум, мизоҷи одамӣ, қалб, узвҳои ҳозима, хун, инчунин дар тарбияи атфоли навзод ва ғизо додани атфол ва монанди инҳо сухан рафтааст.

Рӯзноманигор дар саҳафоти рӯзномаи «Бухорои шариф» бо унвони «Вазифашиносӣ»[2] мақолот ба чоп расонидааст, ки мардумро ба омӯхтани илм ва касбу ҳунар даъват менамояд. Проблемаи илмомӯзӣ дар тамоми навиштаҳои Мирзо Сироҷ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Зеро адиби маорифпарвар ҳини сафарҳояш баракати илмро дар ободу зебо гаштани шаҳрҳо ва фикрронии мардумони кишварҳои Аврупо борҳо шоҳид гашааст. Мирзо Сироҷ омӯхтани илмро зарур шуморида, таъкид месозад, ки бояд омӯхтани дониш низ аз ҷониби мутахассисон сурат пазирад: «Дар мактабҳо, ҳар як фан: забони тоҷикӣ, расмкашӣ, забони русӣ, забони арабӣ, ҳисоб ва ҷуғрофия аз тарафи мутахассисони он таълим дода шавад, муаллими ҳар фан бояд фанни худро донад» Дар баробари ин Мирзо Сироҷ омӯхтану донистани забони хориҷиро зарур меҳисобад. Бино ба қавли ӯ «донистани забони хориҷӣ барои тараққии тиҷорат ва саноат бар мо фарз аст, бо надонистани он саноат ва тиҷорати мо бар ҳеҷ ваҷҳ тараққӣ нахоҳад намуд»[3, с. 65].

Рӯзноманигори маорифпарвар дар рӯзномаи «Бухорои шариф» бо имзоҳои «Мирзо Сироҷ», «Мирзо Хурдуф» ва имзои мустаори «М. С. » мақолаҳо рӯйи чоп овардааст. Дар нигоштаҳои ӯ масоили мубрами ҳаёт ҳамеша ифода ёфтаанд. Мирзо Сироҷ ҳамчун як фарди дардошною равшанзамир ҳамеша паи ислоҳи навоқиси ҷойдоштаи аморати Бухоро талош варзидааст. Ӯ матбуотро воситаи тарғибу ташвиқи ақоиди маорифпарваронаи худ қарор дода, ҳамеша нуқсони ҷойдоштаро фош менамуд.

Ҳадафи асосии Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигар маорифпарварон аз таъсиси матбуоти даврӣ дар он буд, ки онҳо мехостанд дар байни омма ғояҳои тараққипарварона ва навгониҳои илму техникаи ҷадидро тавассути жанрҳои публитсистӣ ташвиқу тарғиб намоянд. Зеро дар шароити он рӯзаи Бухоро танҳо матбуот метавонист, ки барои инқилоби фикрии мардум замина муҳайё созад. Аз ин лиҳоз, тамоми равшанфикрон ақоиди пешқадами худро тавассути рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» ба халқ мерасониданд. Ҳақ ба ҷониби устод Айнист, ки навиштааст: «Ба мағзи ҷавонон фикри хондан, қалам ва адабиётро ҷойгир карданд(ин ҷо ишора ба рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон»-Ҳ. Б.), ба хотири падарон хаёлҳои тарбия ва хонондани бачагонро оварданд. Аз ин таъсирҳо мадраса ҳам хушк намонд. Шогирдони мадраса ислоҳи ҷадвалҳои дарсро талаб мекарданд»[1, с. 110].

Ҳамин тариқ аз рӯйи мушоҳидаҳо ва мутолиаи манобеъ ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ возеҳу равшан гардид, ки рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» дар байни мардум обрӯ ва хонандагони зиёдеро пайдо намуда буданд. Аз ин рӯ, ҳукуматдорони рус ва ҳокимони маҳаллӣ барои ҳарчи зудтар қатъ сохтани фаъолияти рӯзномаҳои мазкур чораҳои душманона меандешиданд. Ин буд, ки «12-уми январи соли 1913 ба идораи газетаи «Бухорои шариф» аз номи элчихонаи рус бо имзои Петров ба ин мазмун як мактуб омад: «Бо хоҳиши ҷаноби олӣ амири Бухоро аз ҳамин рӯз эътиборан газетаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» аз нашр боздошта мешаванд», - менависад дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» устод Айнӣ»[1, с. 108].

Ҷои афсӯс аст, ки нахустнашрияи матбуоти тоҷик беш аз дах моҳ фаъолият накарда, бо дастони ҷоҳилонаи ҳукуматдорони маҳаллию хориҷӣ буғӣ карда шуд. Вале, шодиовар он аст, ки арзи ҳастӣ намудани рӯзномаи «Бухорои шариф» далели қотеъи мавҷудияти миллати тоҷик буд ва мо бо сарафрозӣ аз ин падидаи маънавии миллат ҳамсола ёд кардаву мекунем.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. -Душанбе: Адиб, 1987.
2. Бухорои Шариф, 1912, №№84, 85, 86, 91, 93, 98.
3. Мирзо Сирочиддин бинни Ҳочӣ Мизо Абдурауф. Туҳафи аҳли Бухоро. -Бухоро: Когон, 1911.
4. Набавӣ. А. «Бухорои шариф»-сароғози матбуоти миллӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012.
5. Самад В. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. -Душанбе: Маориф, 1991.

ПРОСВЕТИТЕЛЬСТВО И РОЖДЕНИЕ ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ

Данная статья посвящена важнейшему радующему явлению начала XX века, которое для таджикской нации имеет важную историческую ценность. В начале XX века в Бухарском эмирате произошло событие, являющее причиной пробуждения таджикской нации, котороезаменил в душе искры самосознания и национального самопознания на пламени. Это событие было рождением таджикской печати. На страницах истории дата рождения таджикской печати - воскресение 11 марта 1912 года, занесены вечными золотыми буквами. Так как, таджикская печать существовала в то время, когда Бухарский эмират был в пучине огромного преобразования, со стороны Запада, с революционной России сверкая в окно «двенадцать ворот Бухары» и окрестностей, освещало сознание народов Центральной Азии.

Ключевые слова: *важное, феномен, век, историческая ценность, самосознание, самопознание, пламя, дата рождения, таджикская пресса, огромные, двенадцать ворот Бухары, Средней Азии и др.*

ENLIGHTENMENT AND THE BIRTH OF THE TAJIK PRESS

This article is devoted to the most important pleasing phenomenon of the early twentieth century, which for the Tajik nation has important historical value. In the early twentieth century, an event occurred in the Bukhara emirate that caused the awakening of the Tajik nation, which replaced the sparks of self-consciousness and national self-knowledge in the flame of the soul. This event was the birth of the Tajik press. On the pages of history, the date of birth of the Tajik press is Sunday, March 11, 1912, are entered in eternal golden letters.

Since the Tajik press existed at a time when the Emirate of Bukhara was in the midst of a huge transformation, from the West, from the revolutionary Russia, "twelve gates of Bukhara" and its environs glittered through the window, illuminated the consciousness of the peoples of Central Asia.

Keywords: *important, phenomenon, century, historical value, self-consciousness, self-knowledge, flame, date of birth, Tajik press, huge, twelve gates of Bukhara, Central Asia etc.*

Сведения об авторе:

Бокиев Хамза *- кандидат филологических наук, доцент кафедра таджикского языка и литература Таджикского государственного университета имена С. Айни. Тел. (+992)935382604*

About the author:

Bokiev Hamza *-associate Professor in the Department of Tajik Philology, Tajik Stead Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Phone: (+992) 935382604*

МУШТАРАКОТИ АДАБИИ ШАМСИДДИН ШОҲИН ВА ТОШХОҶА АСИРӢ

Ҳамидова Ш. М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Таърихи ҳар як сарзамин бо таърихи илму фарҳанги маҳалҳои он сахт пайванд мебошад. Аз ҷумла адабиёти тоҷик дар садаи XIX доманаи васеъ дошта, дар ҳудуди чуғрофии васеъ густариш ёфта буд. Ин адабиёт дар тамоми сарзамини Осиёи Марказӣ аз Самарқанд то Бухоро аз Хуқанд то Балху Бадахшон арзи вуҷуд мекард. Дар асри XIX ва ибтидои асри XX дар баробари доираҳои адабии шаҳрҳои бузурги марказӣ ҳамчун Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд дар шаҳрҳои музофотӣ ва вилоятҳои нисбатан хурд монанди Кеш, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Кӯлоб. Қаротегин, Дарвоз, Бадахшон ва ноҳияҳои дигар низ доираҳои адабии маҳаллӣ вуҷуд доштанд.

Яке аз ситораҳои дурахшони адабиёти форсу тоҷики охири асри XIX ин Шамсиддин – махдуми Шоҳин мебошад, ки номи ӯ ба воситаи номи падараш Мулло Амон, ки аз донишмандон ва мударрисони машҳури Бухоро будааст, бо номи Кулобӣ алоқаманд аст. Устод Садриддии Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин фармудаанд: «Падари Шоҳин Мулло Амон ном кӯлобист, ... аз ватани аслияш ба нияти таҳсили илм ба Бухоро омада, дар ин ҷо таваттун ва издивоҷ карда; Шоҳин дар Бухоро таваллуд ёфта ва касбу камол намудааст». [1, 247].

Шоҳин соли 1859 дар Бухоро таваллуд ёфтаву дар он ҷо камол меёбад. Ҳамаи илмҳои замонаашро омӯхта, таҳсилашро дар мадраса давом медиҳад. Ба гуфти худаш дар синни ҳафтсолагӣ девони Ҳофизро аз бар мекунад. Баъди хатми мадраса муддате бекор ва баъдан дар якчанд ҷойҳо фаъолият бурдааст. Дар синни 35-36 солагӣ соли 1895 дар сафар баъди вуруд аз шаҳри Қаршӣ вафот кардааст.

Шоҳин ҳарчанд умри кӯтоҳ ва пур аз мусибату андӯҳ дидааст, аммо аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштааст. Ин мерос аз девони ғазалиёт, маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун», маснавии нотамоми «Тӯҳфаи дӯстон», рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» иборат аст.

Шоҳин дар вақти зинда буданаш фурсат надошт, ки ашъори худро ҷамъ намояд. Девони нисбатан мукаммали шоирро яке аз фозилон ва хаттотони Бухоро Мирзо Муҳаммад Қобили Савдоӣ соли 1936 ба таври анъанавӣ тартиб дода буд. Чунон ки худи вай дар муқаддимаи девон менависад, вай дар зарфи 40-сол ашъори шоирро аз баёзу дастнависҳо ҷустуҷӯ карда ба шакли девон даровардааст. Ҳарчанд ин девон тамоми эҷодиёти Шоҳинро дар бар нагирад ҳам, аммо ҳоло маҷмӯаи калонтарини ашъори Шоҳин ба ҳисоб меравад.

Шоҳин шоири забардасти замони худ буда, афкори пешқадам ва ғояҳои маорифпарварӣ, танқиди ҷамъияти он давр, эътирози иҷтимоӣ, идеалҳои олии ишқ, ғояҳои инсондӯстӣ ва дар баробари ин маҳдудияти таърихии ҷаҳонбинӣ ва ихтилофи назари ӯ дар даврaҳои гуногуни эҷодиаш ба назар мерасад.

Мавзӯи ишқ ва образи ошиқ, ки дар назми классикии форсу тоҷик мавзӯи ҷовидонӣ ва анъанавӣ ба шумор мерафт, дар назми Шоҳин низ мавқеи муҳим ва арзишмандро дорост.

Шеърҳои ӯ дар шароити гуногун, дар ҳолатҳои гуногуни рӯҳӣ, дар лаҳзаҳои талху ширин, яъсу нокомӣ ва шодиву хурсандӣ иншо шудааст.

Дар қисми зиёди ашъори лирикии шоир махсусан дар ғазалиёташ – мо эҳсоси фараҳангези ишқ ва ҳиссиёти некбинонаи шоирро дучор меоем. Дар ғазали зер, ки мавриди баррасии мо қарор мегирад, шоир дар роҳи ишқ ҳарчанд ноком аст, аммо аз ишқи нокоми худ менозад. Аз ин рӯ, суханвар чунин таъкид мекунад, ки аз ашки чашмони ман, ки дамодам ва пайдарпай меояд, хонаи мардум метавонад хароб шавад. Ҳар нафаре, ки ошиқ асту аз дарди дили ман огаҳӣ дорад, мефаҳмад, ки дар чашмони ман чӣ қадар дарду алами фироқ ҷӯш мезанад, мисли баҳрест беканор. Чун дар ёди наргиси дилфиребу пурхумори ӯ мегирям, ашки ман шабеҳи шаробест, ки аз шиша мерезад. Бар муҳити ашк оби чашмонам мисли ҳубобест, ки осмону абр гиряро аз чашмони ман омӯзанд. Шабона гар ба ёди чеҳраи зебои ӯ маро хоб равад, он субҳ мисли офтоб чашмони ман равшанӣ мегиранд. Хоҳиши ман ҳусни ӯро бепарда яъне бениқоб дидан аст, ки ӯ бо ғалат чеҳраи зебояшро аз чашмони ман мепӯшад. Чашми маро метавон ба зарфи ҳино ташбеҳ дод, зеро аз ашки хунин чашмонам ин рангро гирифтаанд. Ту метавонӣ аз сурхии чашмони ман ба дастони нозукат ҳино бибандӣ. Бе ту паҳлӯи осоишро ман дар санг, дар қабр мебинам, зеро аз фироқи ту умрҳост, ки чашмони ман осоишу роҳату хоб надидааст.

Гар чунин ояд дамодам сели об аз чашми ман,
Хонаи мардум шавад охир хароб аз чашми ман.
Ҳар касе равшансаводи нусхаи сӯзи дил аст,
Мекунад мазмуни сад баҳр интихоб аз чашми ман.
Баски мегирям ба ёди наргиси махмури ӯ,
Чун гулӯи шиша меояд шароб аз чашми ман.
Бар муҳити ашк биншонад фалакро чун ҳубоб.
Гар тариқи гиря омӯзад саҳоб аз чашми ман.
Шаб ба ёди талъати ту [ӯ] гар ниҳам паҳлӯ ба хоб,
Мешавад равшан саҳаргах офтоб аз чашми ман.
Иқтизои ҳусни саркаш як қалам бепардагист,

Ӯ ғалат бар чеҳра мепӯшад ниқоб аз чашми ман.
Чашми ман аз ашки хунин гашта чун зарфи ҳино,
То кунӣ бар дасти худ, эй маҳ, хизоб аз чашми ман.
Баски омад бе туам паҳлӯи осоиш ба санг,
Умрҳо шуд рахт барбастаст хоб аз чашми ман.
Гар касе пурсад зи ман кайфияти тӯфони Нӯҳ,
Медиҳад, Шоҳин, гузори дил ҷавоб аз чашми ман.

Шоҳин дар эҷоди ғазал ба ду устоди бузурги назм- Ҳофиз ва Бедил пайравӣ намудааст. Ин пайравии ӯ ҳам дар бисёр ғазалҳое, ки дар татаббӯи ашъори Ҳофизу Бедил иншо шудааст ва ҳам дар рӯҳи мазмуни шеърҳои ғайри татаббӯъ навиштаи ӯ маълум шуда меистад.

Ғазалҳое, ки Шоҳин дар пайравии ғазалиёти Бедил гуфтааст, аз ҷиҳати матонати сухан ва баёни маънӣ дар ҳамин равияи пешқадами сабки бедилӣ буд, ки бисёр шоирони пешқадами он замон дар ин роҳ иқдом намудаанд. Ёдовар бояд шуд, ки дар адабиёти нимаи дувуми асри нуздаҳ ва аввали асри бист маҳз мавҷудияти ҷараёнҳои ягонаи адабӣ омил шудааст, то суханварони адабиёти форсу тоҷик дар робита бо ҳамдигар эҷод намуда, ҳатто аз тариқи каломи ҳамдигар дигар шоирони гузаштаро пайравӣ намояд. Дар ин ҷода Шамсиддин Шоҳин ҳамин гуна нақши устодиро дорад, ки инро ҳатто шоири маъруфи он давр Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ эътироф намудааст. Вобаста ба ин таҳлили муқоисавии ашъори Шамсиддин Шоҳин бо дигар шоирони ин давра низ бозгӯи он аст, ки таъсири ҳунарии ин суханвар бо онон низ қобили мулоҳиза мебошад.

Яке аз чеҳраҳои намоёни ин давра, ки бо эҷодиёти пурғановати худ ба ин шахсиятҳои бузург пайравӣ ва арҷ гузоштааст, ин Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ мебошад.

Асирӣ аз донандагони хуби забонҳои арабӣ ва туркӣ буд. Бештари ашъорашро ба забони форсии тоҷикӣ гуфтааст. Ба забонҳои туркию арабӣ низ ашъор дорад. Ӯ бо шуарои машҳури даврони хеш Зуфархон Ҷавҳарӣ, Зокирҷон Фурқат, Садриддин Айнӣ, Муҳаммадамин Муқимӣ, Убайдуллоҳи Завқӣ дӯстӣ ва иртиботи қавӣ дошт.

Асирӣ аз ҷумлаи шуарои таҷаддудгаро ва маорифпарвар маҳсуб мешавад. Дар осори манзуми ӯ ислоҳи усулҳои таълим дар мадорис, ба роҳ гузоштани улуми замонавӣ ва масоили умда мебошад. Андешаҳои таҷаддудгароӣ ва маорифпарварии Асирӣ дар маснавияш, ки «Тимсоли Асирӣ» унвон дорад, зикр шудааст. Ин маснавияшро ба маснавии «Миръоти ибрат»-и Аҳзии Самарқандӣ пайравӣ намуда таълиф кардааст, ки шомили чаҳорсад байт мебошад. Тошхоҷаи Асирӣ бештар ба осори намояндагони сабки ҳиндӣ аз ҷумла Бедили Деҳлавӣ гироиш дошт. Асирӣ 3-уми марти соли 1915 фавт кардааст.

Асирӣ низ ба мисли Шамсиддин Шоҳин дар вақти зинда буданаш ашъорашро ҷамъ ва гирдоварӣ накарда буд. Мероси адабии ӯ асосан аз назм иборат буда, ашъори ӯ аз ҷиҳати жанр ғазал, қитъа, рубоӣ, мухаммас ва чанде маснавиро дарбар мегирад. Аз ҷиҳати мавзӯъ бошад, мероси манзуми ӯро шеърҳои лирикӣ, ҳачвӣ, маснавиҳои хурд, инчунин шеърҳои гуногун дар мавзӯъҳои ҳаёту зиндагии мардум навишташуда ташкил медиҳанд.

Асирӣ дар аввали эҷоди худ ҳанӯз дар зери назми тақлидӣ буд. Аммо аз асри ХХ сар карда дар шеърҳои ӯ таъсири ҷараёни нави адабӣ хеле авҷ гирифт. Асирӣ аз тараннуми анъанавии ишқу ошиқӣ даст кашида, ба ҳаёти воқеӣ ба масъалаҳои рӯзмарраи одамон бештар аҳамият медодагӣ шуд. Дар шеърҳои вай мавзӯъҳои муҳиме, ки аҳли ҷамъияти он замонаро ба ҳаяҷон меоварданд, торафт зиёдтар роҳ меёфтанд. Яке аз мавзӯъҳои муҳимме, ки аҳли он замонро бештар ба ҳаяҷон оварда буд, ин ба сӯйи мактаби нав, ба омӯхтани илмҳои дунявӣ [ба муқобили илмҳои динӣ] тарғибу ташвиқ кардан буд. Асирӣ мехост, ки Осиёи Миёна низ ба усулҳои типи нави мактаб корбарӣ кунад, зеро манфиат ва фоидаи чунин мактабҳоро медонист. Вай медид, ки мактабҳои усули кӯҳна, ба бачагон саводро бо тарзи хеле бад меомӯзанд, дар натиҷа бачагон аз мактаб танҳо дуову оятро кӯр-кӯрона азёд мекарданду лекин хатро намеомӯхтанд. Бинобар ин Асирӣ ба муқобили арбоби дини ислом ва муллоҳои кӯҳнапараст нотарсона баромад карда, онҳоро сахт танқид кардааст:

Ин ғазалро Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ бо мазмуни зайл чунин офарида

Гар чунин ҷӯшад бурун тӯфони об аз чашми ман,
Чашмаҳо печанд ҷӯшон пур-ҳубоб аз чашми ман.
Дида чун қаҳру ғазаб гарми итоб аз чашми ту,
Дар чаман шабнам-гулоби изтироб, аз чашми ман.
Нестӣ- ҷӯ сӯфиён ҳам маҳви доғи ҳастиянд.
Дорад анқои нигаҳ боли ғуроб аз чашми ман.
Ҳар куҷо наззораам бо зулфи ӯ гардад дучор
Сурма гирад нури чашми моҳтоб аз чашми ман.
Гар кунад зулфи намоёнаш нигоҳамро суол,
Ҷои мижгон, шона меболад-хитоб аз чашми ман!
Осмон пирояи ранге зи ашкам баст шом,

Дасти бедоди фалак дорад хизоб аз чашми ман.
Аз нигоҳи ӯ, Асирӣ, дар тамошогоҳи шавқ,
Тоза гардад дарду доғи шайху шоб, аз чашми ман!

Муқоисаи таҳлили ҳар ду ғазал баёнгари он ҳаст, ки миёни ин сурудаҳо пайванди муҳкаме ба мушоҳида мерасад. Агарчӣ Шамсиддин Шоҳин дар байти аввали хеш сухан аз сели оби ашки хеш ба забон меоварад, ки дар мисраи дувум тамсили "хонаи мардум шавад охир хароб аз чашми ман" дар таъйиди он зикр гардидааст:

Гар чунин ояд дамодам сели об аз чашми ман,
Хонаи мардум шавад охир хароб аз чашми ман

Мисраи аввали ғазали Асирӣ низ аз нигоҳи мазмун пайванде ба ғазали Шоҳин дорад, ки сухан аз ҷорӣ гардидани ашки чашм меравад. Танҳо тарзи ифодаи шоир нисбат ба Шоҳин фарқият дорад. Асирӣ ба ҷои сели об туфони обро истифод намудааст.

Гар чунин ҷӯшад бурун тӯфони об аз чашми ман,
Чашмаҳо печанд ҷӯшон пур-ҳубоб аз чашми ман.

Муқоисаи абёти баъдӣ низ баёнгари он аст, ки аз назари сабк низ миёни ҳар ду ғазал робитаҳое мавҷуд аст. Унсурҳои сабки ҳиндӣ дар ҳар ду ғазал ба чашм мерасад.

Дар байти дувуми ғазали Шоҳин корбурди таркибҳои "равшансаводи нусхаи сӯзи дил", "мазмуни сад баҳр интихоб" бозгӯи унсурҳои сабки ҳиндӣ мебошад ва шоир таъкид дорад, ки аз саводи сузи дили ман дигарон мазмуни сад баҳр интихобро эҳсос мекунанд:

Ҳар касе равшансаводи нусхаи сӯзи дил аст,
Мекунад мазмуни сад баҳр интихоб аз чашми ман.

Дар идомаи ҳамон матлаби қаблӣ Асирӣ низ ҳамин андешаро дигарбора талқин намуда, таъкид медорад, ки дида аз қаҳру ғазаб аз дасти чашми ту гарми итоб аст, мисол он ки дар чаман шабнам ба гули изтироб аз дасти чашми ман бадал гардидааст:

Дида чун қаҳру ғазаб гарми итоб аз чашми ту,
Дар чаман шабнам-гулоби изтироб, аз чашми ман.

Аммо мушоҳида ва муқоисаи байти мақтаъи ҳар ду ғазал фарқиятҳоеро миёни онҳо муқаррар месозад, ки ҳам аз назари сохторӣ ва ҳам муҳтавоӣ ба чашм мерасанд. Шамсиддин Шоҳин ҳамоно дар идомаи матлаби аслии сухани хеш аз кайфияти туфони Нуҳ, ки киноя аз оби чашм аст ва дар мисраи аввали Асирӣ аз он сухан рафтааст, изҳори назар мекунад, ки посухи онро чашми ман медиҳад мегӯяд:

Гар касе пурсад зи ман кайфияти тӯфони Нӯҳ,
Медиҳад, Шоҳин, гузори дил ҷавоб аз чашми ман.

Аммо Асирӣ асосан диду назари иҷтимоии хешро бо шиква аз дасти шайху шоб дар мақтаъи ғазал тафсир мекунад. Вале ҳамоно дар ҷавҳари он сухани Асирӣ низ мавзуи ишқу муҳаббат қарор дорад, ки ҳатто дарду доғи шайху шобро ҳам тавассути ҷорӣ шудани он аз чашми шоир тоза мегардонад:

Аз нигоҳи ӯ, Асирӣ, дар тамошогоҳи шавқ,
Тоза гардад дарду доғи шайху шоб, аз чашми ман!

Таҳлили қиёсии ҳар ду ғазал муқаррар менамояд, ки дар вуҷуди онҳо дидгоҳҳои мушобеҳ ба ҳамдигар зиёд ҷой доранд. Дар навбати аввал мавзӯи ягонаи ишқ, шеваи нигориши борвар аз унсурҳои сабки ҳиндӣ, усули сохтмони калимоту таркибҳо онҳоро ба ҳамдигар қаробат бахшидааст. Дар канори ин, дидгоҳҳои муштараки суханварони аҳди мазкур дар қиёси ду ғазали ин суханварон муҷассам мегардад, ки ин амр бори дигар аз таъсиргузории Шоҳин ба шоирони ҳамасари хеш низ паём мерасонад.

Ба таври умум, муқоисаи поэтикии ин ғазалҳои Шоҳин ва Асирӣ далолат бар он дорад, ки вуҷуди ҷараёнҳои муштараки шеърӣ ба шеъри суханварони ин аҳд таъсир гузоштааст, ки дар натиҷа пайвандҳои ҳунариву мавзуӣ миёни суханварон ба вуҷуд омадааст. Бар асоси пайвандҳои мазкур ҳатто омилҳое арзи ҳастӣ намудааст, ки бархе аз суханварони ин давра бар асоси пайравӣ ва истиқбол аз шеъри шоирони ҳамзамони хеш аз сабки қудамо пайравӣ намудаанд, ки намунаи барҷастаи он муқоисаи ин ду ғазал мебошад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик/ С. Айнӣ. –Москва, 1926. - 448с .
2. Афсаҳзод А., Сулаймонова Л. Гулшани адаб. [Намунаҳои назми тоҷик асрҳои XVIII ва ибтидои асри XX]/ А. Афсаҳзод, Л. Сулаймонова, Ҷ. Додалишоев, А. Девонақулов, А. Муҳаммадӣ. Душанбе: Ирфон, 1980.-460 с.
3. Миров, Т., Каримов М. Хрестоматияи адабиёти тоҷик/ Т. Миров, М. Каримов. Душанбе: Маориф, 1985. –С. 315; 332.

4. Мусулмонқулов, Р. Назарияи адабиёт. Муқаддимаи адабиётшиносӣ/ Р. Мусулмонқулов.-Душанбе: Маориф, 1987. 320 с.- 1 қ.
5. Насриддин, А. Тазкираи шуарои Хуҷанд/ А. Насриддин. –Хуҷанд: Ношир, 2015.- С.361-370.
6. Нурзод, Н. Парниёнии сабзи андеша/ Н. Нурзод–Хуҷанд: Меъроҷ, 2014.- 308 с.
7. Нурзод, Н. Султони авранги сухан./ Н. Нурзод. – Хуҷанд: Ношир, 2015.- 296 с.
8. Хӯҷаев, Ҷ. Тошхӯҷа Асирӣ. Мунтахаби ашъор./ Ҷ. Хӯҷаев.- Сталинобод, 1960.
9. Хӯҷаев, Ҷ. Асирӣ ва эҷодиёти ӯ./ Ҷ. Хӯҷаев.-Хучанд: Нури маърифат, 2005.
10. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик. [асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX]/ Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев.- Душанбе: Маориф, 1988.

АНАЛИЗ И ПОЭТИЧЕСКОЕ СРАВНЕНИЕ ГАЗЕЛЕЙ ШАХИНА И АСИРИ

Данная статья посвящена глубокому изучению творческой взаимно связанности произведений известных поэтов XIX века Шамсиддина Шахина Бухорои и Тошходжа Асири Худжанди. Автор в процессе изучения творчества поэта, указывая на схожесть производенний, определил, что Тошходжа Асири брал вдохновения с газелей Шахина.

Многие поэты XIX века вдохновлялись газелями Шахина и считали его своим наставником. Автор статьи вышеуказанные наблюдения показал на примере поэта Тошходжа Асири.

Ключавые слова: *Шахин, газель, любовь и влюблённость, индийский стиль, Тошходжа Асири, персидско-таджикская литература, мой взгляд, подражание.*

ANALYSIS AND POETIC COMPARISON OF THE GAZELLES OF SHAHIN AND ASIRI

This article is devoted to a deep study of the creative interconnectedness of the works of famous poets of the XIX century Shamsiddin Shahin Bukhoroi and Toshhodzha Asiri Khujandi. The author in the process of studying the poet's work, pointing to the similarity of production, determined that Toshhodzha Asiri took inspiration from the Shahin gazelles.

Many poets of the 19th century were inspired by Shahin's gazelles and considered him their mentor. The author of the article showed the above observations on the example of the poet Toshhodzha Asiri.

Key words: *Shahin, gazelle, love and love, Indian style, Toshhodzha Asiri, Persian-Tajik literature, my opinion, imitation.*

Сведения об авторе:

Хамидова Шамсия Мирзорустамовна, *докторант (PhD) –третего курса, кафедры классический литературы Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд).*

About the author:

Khamidova Shamsia Mirzorustamovna, *third-year doctoral candidate [PhD], Department of Classical Literature, Khujand State University named after Academician B. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand).*

БАРРАСИИ БАРХЕ АЗ ХУСУСИЁТИ АШЪОРИ САПЕДИ ГУЛНОЗ

Ризобоева Н. М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Шеъри сапед ё ба истилоҳи дигар мудерн дар адабиёти муосири тоҷик асосан шуруъ аз поёни асри бистум ва ибтидои қарни бистуякум нуфуз касб намуд. Адабиётшиноси номвари тоҷик Носирҷон Салимӣ роҷеъ ба заминаҳои вуруди ин навъи шеър ба адабиёти тоҷик навиштааст, ки «ҳарчанд ба мафоҳими шеъри нав ва таҷрибаҳои нахустини он шоирони даврони аввали адабиёти имрӯзи мо, чун Айниву Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ дар партави ашъори инқилбоии шуарои рус ошноӣ пайдо намуда, дар ин ҷода қадамҳое гузоштаанд, вале ҷавҳари андешаи касрати таъсири шеъри муосири Эрон ба шеъри нави тоҷикӣ пеш аз ҳама интишори пурвусъати намунаҳои шеъри ҷадиди Эрон дар Тоҷикистон, тайи солҳои охир аст, ки дар ин раҳгузор воқеан таъсири ашъори шуарое чун Фуруғи Фаррухзод, Нодири Нодирпур, Сухроби Сипеҳрӣ, Аҳмади Шомлу, Маҳдии Ахавони Солис ва дигаронро метаовн ёдовар шуд.» [6, 4]. Албатта дар ин маврид манзур аз шеъри нав ҳамон тарҳи маъруф ба нимоӣ, ки онро арӯзи озод ҳам меноманд, ки он дорои вазн ҳам мебошад ва ҳамзамон ҳамин шеъри сапед ё мудерн баробар дар назар дошта мешавад. Ҳарчанд гунаҳои

мухталифи шеъри нав дар сурудаҳои устодони сухан чун Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулназар, Фарзона ва дигарон ба мушоҳида мерасанд, аммо намунаҳои барҷастаи шеъри нав ё ба истилоҳ мудерн бо ҳузури шоири сапедсарои тоҷик Доро Наҷот нуфузи пайваста пайдо намуда, минбаъд дар сурудаҳои Суруш, Адиба Гулноз, Нуралии Нурзод, Дилором ва дигарон ривоҷи тамом касб намуд. Худи Доро Наҷот дар мавриди фарқияти шеъри нав аз шеъри нимоӣ дар мақолае аз худ навиштааст: «Ва аммо маҳфуми шеъри нав дар худии худ иборат аз шеъри сапед нест. Шеъри нав як шохаи бузургест, ки рӯйида аз соқаи нимоии худ. Ва ин шеърест, ки пас аз нимо бо шохаҳо ва навдаҳои худ рушд кард. Шеъри нав низ равишҳои мухталифро ба худ касб кард: равишҳое бо рангу буйи нимоӣ, яъне риояти авзону қофия, ки онро шеъри сапед, мудерн, мансур ва ҳамчунин хусравонӣ гӯянд: Ба иборати дигар, ин шеър сарбаркашидаест аз бузургшохаҳои шеъри нав» [5,74].

Ҳарчанд дар мавриди сарчашмашиносии шеъри нав андешаҳо мухталифанд ва бархе онро баромада аз шеъри мудерни фаронса ва дар умум маҳсули ғарб мешуморанд, вале боз ҳам Доро Наҷот ба ин назар аст, ки «аввалан вежаи Ғарб будани он ба ҳайси шеъри муосир ҳарчанд дуруст аст, аммо мегӯям: ин шеър омада аз ғарб нест, балки зодаву парвардаи шарқ аст ва эронзамини бостон гоҳвораву меҳани ин намуди шеър аст» [5,75].

Дар адабиёти гузаштаи мо мафоҳиши «шеъри мансур» ва «насри шоирона» ҷой дорад, ки бештар дар мавриди насри сӯфиёна ба кор рафтааст.

Шафеии Кадканӣ дар китоби «Мусиқии шеър» дар робита ба тавзеҳи ин маънӣ ба ду мафҳум – «шеъри мансур» ва «насри шоирона» менависад, ки дар «насри шоирона» ҳолу ҳавои наср (мафоҳими мантиқӣ ва гузоришӣ ва ҳақоиқи ғайришеърӣ) аст, ки хомаи қофия (сахъ) ва санооти шеъриро ба тан кардааст (мисли «Калила ва Димна»- и Насруллоҳи Муншӣ ва «Марзбоннома» дар забони форсӣ) ва дар шеъри мансур ба маънии хос калимаи хаҳонбинӣ ва ҳавои шеър, ба вижа шеъри ҷиноӣ аст, ки бар асар ҳукумат мекунад, вале дар хомаи назм зоҳир нашудааст.. [3, 242].

Ҳатто ҷои дигар дар мақолае аз худ Шафеии Кадканӣ бо номи «Наҳзати илмии исломӣ» менависад, ки «Бояд донист, ки Машриқ ҷодаи ҷадидеро барои урупоиён боз кард, то дар таъсири нуфузи сабки шоирони араб қарор гирифтанд. [4,5-6]

Ҳамин тавр, бо такя бар дидгоҳҳои аҳли таҳқиқ метавон бар ин натиҷа расид, ки унсурҳои шеъри нави форсӣ дар таркиби гуфтор ва аквоми суфиёна, хоса насри шоирона ё шеъри мансур ҷой дошта, дар асри имрӯз дубора ба сурати хоса ё ҳамчун навъи мустақили шеърӣ арзи ҳастӣ намуданд.

Шоира Гулноз яке аз суханварони насли имрӯз ба шумор меравад, ки дар баробари дасти тавоно дар ғазалсароӣ, анвоъи мухталифи шеъри суннатӣ доштанд, таҷрибаҳои муваффақонае дар шеъри нав низ анҷом додааст. Роҷеъ ба ҷойгоҳи шеъри нав дар эҷодиёти Гулноз аллакай мулоҳизоте аз ҷониби шоирон ва олимони тоҷик Носирҷон Салимӣ, Аскар Ҳаким, Доро Наҷот, Нуралӣ Нурзод ва дигарон баён шудаанд.

Таваҷҷуҳ ба ашъори ба истилоҳ сапед ё мудернии Гулноз моро ба ин андеша мерасонад, ки дар ҳақиқат ӯ таҷрибаҳои шоистае дар ин арса аз худ ба намоиш гузоштааст. Маълум аст, ки имконоти шеъри сапед дар ифодаи тафаккури шоирона ва дидгоҳҳои фалсафиву иҷтимоии суханвар бештар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, Гулноз низ дар партави андешаҳои фалсафӣ, тасвири манозири табиат ба хотири ифодаи афкори худ аз ин имконот фаровон ва ба таври зарурӣ ба кор гирифтааст. Дар шеъри «Нушобаи тағйири ашкол», ки аз ҷумлаи ин навъ шеъри шоира ба шумор меравад, ин вежагӣ ва истифодаи муфид аз имконоти шеъри нав ҷилваи равшан дорад. Ҳатто ручуъ ба таркиби унвони шеър ҳам хонандаро ба андеша водор мекунад, ки ин кадом нӯшобае аст, ки инсониро метавонад ба тағирот рӯ ба рӯ намояд. Вақте ба худи шеър мурур мешавад, посух ба ин суоли фалсафӣ пайдо мешавад:

Ин
нӯшобаи тағйирии ашкол аст.
баъди ҷуръае нӯшидан аз он
чанд лаҳза
тарҳи зебои кабӯтарро
ба худ гирам.
ва пешорӯи ту,

дар моварои панҷара
ором биншинам,
ба шакли ҷоизи паррандае бас зебову бас маъсум...[2,129]

Ин ҷо дар заминаи тасвирҳои шоирона ё ҳатто сужаи хаёлии муаллифи шеър мо ба он суол посух меёбем, яъне пеш аз ҳама вусъати хаёли шоирона дар шеъри сапед бемисл аст. Шоира ин ҷо худ ба худ дар бораи нушобае руъёӣ, ки дар адабиёти куҳани мо бо номҳои «оби ануша», «обе, ки аз гиёҳи ҳаома» таҳия мешавад ва дар адабиёти ирфонии мо ҳамон «майи арғувонӣ» ё «бодаи илоҳӣ»-ро мегирад, сухан мекунад, ки қудрат дорад, вуҷуди инсонро тағир диҳад. Ҳофиз он бодаро дар шеъри худ мардафкан унвон намуда буд, ки тавассути он аз дунёву шару шураш даме осоиш пайдо мекунад:

Шароби талх мехоҳам, ки мардафкан бувад зураш,
Ки то як дам биосоям зи дунёву шару шураш.

Ҳамакнун Гулноз фаротар аз ин андешаҳо дар ҷаҳони фикрии хеш аз нушобае сухан мекунад, ки шакли зоҳирии инсонҳоро тағир медиҳад ва ӯ мехоҳад тавассути нушидани он ба паррандае ё дақиқат кабутаре моно гардад, то паси панҷараи маҳбуб бинишинад, то ба суи васл роҳ кушояд.

Ин ошиқи сурат парандагирифта дар минқори худ хуршеде дорад, ки мехоҳад ба рӯи мизи ошиқ бигузорад. Ин ҷо дар баробари он ки ҳолу ҳавои ошиқонаи сурати орифона касб намуда тасвир мешавад, шеъри сапеди шоира як тарҳи куллии сужаи хаёлиеро ҳам соҳиб гардидааст, ки маҳсули андеша ва тахаюли суханвар ба шумор меравад. Ҷолиб он аст, ки ҳарчанд тахаюлоти шоирона дар ин суруда нуфуз дорад, аммо пушти панҷара нишастани кабутар, рӯи миз гузоштани хуршед ва амсоли ин бозтоби рӯҳияи замонӣ ва ба истилоҳ мудернияти каломи суханварро муҷассам мегардонанд.

Дар фароварди ин шеър нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки шоира суханашро ба он ҷамъбаст мекунад, ки ҳарчанд ман сурати парандаеро дарёфтаам аз асари нӯшидани нушобаи тағйири шаклкунанда аммо, ба маҳбуб муроҷиат карда мегӯяд, ки ҳеҷ маро намешиносӣ ва аммо ман ҳам наметавонам дигар ба асли худ баргаштан:

Маро зинҳор нашносӣ,
Ки дигар ҳеҷ натвонам
Ба асли хеш баргаштан.. [2,129]

Руҷуи шоира ба паранда беҳикмат нест ва ҳамоно моро ба хаёли достонҳои маъруфи марбут ба парандагон мебарад, яъне ба таъбири дигар ин шеър сурати мудернии ҳамон достонҳои парандагони Аттору дигар суханварони мост, ки дар симои онҳо инсони солик ва роҳрави тариқат манзур аст. Ин паранда рӯҳи инсони солик аст, ки ба сӯи асли хеш ҳаракат дорад. Дар идомаи ҳамин рамзпардозии классикӣ шоира Гулноз низ сурати худ, яъне инсони ошиқро ба кабутаре медароварад, ки ба самти маҳбуб ҳаракат мекунад ва рӯи мизи ӯ хуршед, яъне ишқро мегузорад.

Дар шеъри дигари суханвар, ки номи «Садоямро бароят ҳадя хоҳам кард» низ ҷилваи мудернии афкори шоира муҷассам мегардад. Он ҷо ки шоира сареҳан ишорат мекунад, ки:

Гуфта будӣ: «Дуст медорам садоятро»
Кошкӣ!

Ҷавҳари аншедаи шоирона ва тасвири он ба ҷилва меояд. Яъне, ҳамин лутфу иноятӣ маҳбуб аст, ки ба шоир нерӯ ато мекунад, то ба таъбири худи вай «Иқтидори руҳпайдои садояшро дар диске сабт намояд. Шунидани ин садост, ки бар асоси он бодҳо маҳзун мешаванду обҳо мазмун мегиранд:

Иқтидори рӯҳпаймои садоямро
Ба диске сабт хоҳам кард.
То аз ин ово
Бодҳо маҳзун шаванд,
Обҳо мазмун шаванд,
Чашмҳо ҷӯи равони хун шаванд. [2,131]

Ин ҷо дар баробари тасвири таъсири садои саршори ишқ ва сарчашмаи муҳаббат эҳсос мешавад, ки агарчӣ тарҳи шеър мудернӣ аст, аммо корбурди вожаҳои маҳзун, мазмун ва хун навъе қофия ва шаванд радиф шуда омада, дар таркиби ин навъи шеърӣ ҷой гирифтани

аносири шеъри суннатиро ҷилвагарӣ мекунанд. Ин албатта аз ҳунари шоирии Гулноз дар муҷассам намудани аносири шеъри суннатӣ дар таркиб шеъри нав маҳсуб меёбад.

Дар ниҳоят шеър ҳам шоира ҷамъбасти ҷолибе аз тарҳи кулии матолиби хеш мекунад, ки:

«Ман садоямро бароят ҳадя хоҳам кард.

Бесадо як умр хоҳам монд».

Ин ҳам як тарҳи ҷолиби тасвири сидқу ихлосу иродат аст, ки дар умум бофти қавӣ ва мустаҳками шеъри навро нишон медиҳад, зеро агарчӣ шеър бо ҳамон ҷумла оғоз мешавад, ки гуфта будӣ: «Дӯст медорам садоятро», натиҷагирии шоира ҳам посух ҳам ҳамин муҳаббати маҳбуб аст, яъне агаркӣ ту дустдори садоям ҳастӣ, пас ман садоямро бароят ҳадя мекунам ва умре бесадо хоҳам монд. Ин баёнот шореҳи садоқати фаротар аз муҳаббати маҳбуб аст, ки дар қобили шеъри нав бо таҷассуми олитарин эҳсоси инсонӣ баён шудааст.

Муроҷиат ба ду шеъри сапеди шоира Гулноз худ гувоҳи равшани таҷрибаҳои ҳунарии барҷастаи суханвар дар ин навъи шеърӣ маҳсуб мешавад, ки саршор аз тафаккури шоирона, тасвирҳои нодир ва андешаҳои баландпарвозанд. Муҳим он аст, ки дар баробари дигар анвоъи шеърӣ Гулноз дар шеъри сапед низ ба ҷустуҷуи роҳу шева ва сухани худ аст, ки тарфсир ин ду сурудаи ҷолиби таваҷҷуҳи вай ҳақиқати ин андашаҳоро ҷилвагар месозад.

АДАБИЁТ

1. Гулноз. Парвози дунё. Хуҷанд: Ношир, 2008. – 224 с.
2. Гулноз. Чатри наҷоти садо. Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. Меъроҷ, 2018.- 224.
3. Кадканӣ, Шафеӣ. Мусиқии шеър. Теҳрон, 1371.
4. Кадканӣ. Шафеӣ. Неҳзати илмии исломӣ. Маҷ. Ирфон, 1374, шумораи панҷум ва шашум.
5. Наҷот, Доро. Нимо ва намои шеъри нав. /Нуралӣ Нурзод. Меъроҷе то хуршедии висол. Душанбе: Деваштич, 2003. 100 с.
6. Салимӣ, Носирҷон. Номаи маърифати шеър. /Нуралӣ Нурзод. Меъроҷе то хуршедии висол. Душанбе: Деваштич, 2003. 100 с.

АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ БЕЛЫХ СТИХОТВОРЕНИЙ ГУЛНОЗ

В данной статье проводится исследование творческих и изобразительных поисков поэзии Гулноза. На основе творчества прогрессивных поэтов данной эпохи автором подробно показано изобразительное мастерство в современной поэзии. Основная цель статьи – показать изобразительное мастерство и существенные перемены в современной поэзии. На примере творчества передовых поэтов данной эпохи автором сделана попытка показать изменения современной поэзии с сущностной позиции и творческого мастерства. В статье особое внимание обращено факторам развития образа и взглядов на тематику того времени с новой точки зрения. С этих позиций рассматривается и развитие современной поэзии с действительным и гармоничным изображением реальной жизни народа, связь поэзии с природой и др. Автор также подробно исследует вопрос взаимовлияния поэтов друг на друга своим творчеством на примере искусства творения образа и поэтического мастерства, результаты которого могут стать для читателя вводным материалом по поэтическому мастерству.

Ключевые слова: *творческие поиски, изобразительное искусство, литературы, поэзия, реальные образы, связь природы с поэзией, советский период, сущность.*

ANALYSIS IF SOME PECULIARITIES OF GULNOZ'S WHITE POEMS

In this article is carried out the research of creative and pictorial searches of poetry of Gulnaz. On the basis of creativity of progressive poets of this epoch the author in detail shows fine skill in modern poetry. The main purpose of the article is to show the fine art and significant changes in modern poetry. On the example of the creativity of the advanced poets of this era, the author makes an attempt to show the changes in modern poetry from an essential position and creative skill. In the article special attention is paid to the factors of image development and views on the topics of that time from a new field of view. From this point of view, the development of modern poetry with a real and harmonious image of the real life of the people, the connection of poetry with nature, etc., is considered. The author also explores in detail the issue of mutual influence of poets on each other with his work on the example of fine art and poetic skill, the results of which can become an introductory material for the reader on fine art and poetic skill.

Keywords: *creative searches, fine arts, literature, poetry, real descriptions, connection of nature with poetry, Soviet, meaning.*

Сведения об авторе:

Ризобоева Наргис Мамадкаримовна*, соискатель кафедры современной таджикской литературы ХГУ имени академика Бобочон Гафурова (Республика Таджикистан, г. Ходжент), E-mail: rizoboeva@bk.ru*

About the author:

Rizoboeva Nargis Mamadkarimovna*, editor of the Department of Modern Tajik History of Tajik Studies named after Academician Bobojon Ghafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), E-mail: rizoboeva@bk.ru*

УДК: 891.550-1:82

МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ФАЪОЛИЯТИ ТАФСИРНИГОРИИ ҲУСАЙН ВОИЗ БА ҚУРЪОНИ КАРИМ

Абдуқодирзода С.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баҳсҳо ва ҷусторҳо дар бораи Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва фаъолиятҳои гуногунпаҳлӯи вай собиқаи дерина дошта, ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт буданаш оғоз гардидааст. Муаллифони сарчашмаҳои ҳамзамони ӯ, ба монанди Амир Алишери Навоӣ дар тазкираи “Маҷолис-ун-нафоис”, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”, Фахриддин Алии Сафӣ дар “Рашаҳоти айнулҳаёт”, Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ дар китоби “Мақомоти Ҷомӣ”, Хондамир дар ҷилди ҳафтуми китоби таърихии “Равзат-ус-сафо фӣ сирати-л-анбиё ва-л-мулук ва-л-хулафо”дар бораи шахсияти Ҳусайн Воизи Кошифӣ, равиши зиндагӣ ва таснифоту таълифоти ӯ, аксар ба таври пароканда ва баъзан нисбатан ба таври ҷомеъ ва муфассал, ахбори судманд дарҷ кардаанд.

Огоҳиҳое, ки аз асарҳои муаррихону тазкиранигорон ва нависандагони муосири Ҳусайн Воиз ба даст меояд, бештар ба ҷойгоҳ ва мақоми илмии адиб марбут ҳастанд. Бевосита дар хусуси фаъолияти тафсирнигории Кошифӣ ва чигунагии корҳои дар ин замина анҷомдодаи вай дар асарҳои мазкур баҳсе сурат нагирифтааст. Дар ин бора бештар муҳаққиқони муосир, аз ҷумла қуръонпажӯҳон, таваҷҷуҳ кардаанд.

Аз мусташриқони хориҷӣ, ки ба ҳаёт ва осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ишора кардаанд, яке донишманди фаронсавӣ Шорл Шифр мебошад. Ин донишманд бо номи “Мунтахаботи форсӣ” китобе тартиб дода, дар он “Рисолаи Ҳотамия”-и Кошифиро дохил карда, дар иртибот ба он ба шарҳи ҳол ва осори Кошифӣ ҳам пардохтааст. Кори Шорл аз норасоиҳо орӣ набудааст, ки ба онҳо муҳаққиқон Ҳазратӣ ва Ҷалоли Ноинӣ ишораҳо кардаанд[12, с.133; ,20 с.118]. Мусташриқи дигари фаронсавӣ Силвестер де Сосӣ (Sylvestre de Sacy) дар муқаддимае, ки ба китоби “Калила ва Димна” навишта буду он дар соли 1816 ба чоп расидааст ва дар асоси маводҳое, ки дар соли 1818 аз китобхонаи миллии Париж ба даст оварда буд, оид ба Кошифӣ ва асари мазкуру дигар таснифоту таълифоташ баҳсу пажӯҳиши фарогире анҷом дода будааст [20, с. 124-125].

Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ, ки аз ҷумлаи машҳуртарин ҳофизшиносон ва қуръонпажӯҳони варзидаи замони муосир маҳсуб мешавад, перомуни масоили марбут ба тарҷумаву тафсирҳои Қуръон дар гузаштаву имрӯз ва равишҳои маърифатии Қуръони карим силсилаи мақола ва китобҳои зиёде таълиф карда, ҳини баррасии “таърихчае кӯтоҳ аз тарҷумаҳои форсии Қуръони маҷид” китоби тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ “Тафсири мавоҳиби Алийя”, ё худ, “Тафсири Ҳусайнӣ”-ро ҳам зикр кардааст [15, с. 620]. Аз равиши пажӯҳишии Хуррамшоҳӣ маълум мешавад, ки вай дар таълифи мазкур китобҳои тафсир ва тарҷумаро аз ҳам ҷудо накарда, оноро дар маҷмӯъ муаррифӣ кардааст. Андешаҳои ин донишманд, ки зимни баррасии масъалаҳои рӯъёи тарҷумаҳои беғалати Қуръон, тарҷумаи дастаҷамъии Қуръон, масоилу мушкилоти тарҷумаи Қуръони карим, таъсири масоили эътиқодӣ дар тарҷума, муқтазиёти забони мақсад, яъне забоне, ки Қуръон ба он тарҷума шудааст ё мешавад [15, с.626-

640] ва дар мақолаҳои “Қуръон ва қуръонпажӯҳӣ” [15, с.652-671], “Таҳрифнопазирии Қуръони карим” [15, с.672-681], “Фаҳми Қуръон бо Қуръон” [15, с.682-687], “Калимоти форсӣ дар Қуръони маҷид” [15, с.688-694]ироа шудаанд, барои ҳалли бахше аз мабоҳиси марбут ба мавзӯи мавриди назар ҳамчун манбаи назарӣ кӯмак мекунанд. Махсусан, андешаҳои донишманди мазкур дар атрофи масъалаи фарҳангофаринии Қуръон аз назари фарогирии матолиби маърифатие, ба мисли мавҷудияти таърихи мустанад дар Қуръон, фалсафаи таърихӣ, реша дар Қуръон доштани тасаввуфи ирфонӣ, зуҳду порсоӣ ва ишқи мутақобили инсон ба Худо ва Худо ба инсон, таолими ахлоқӣ дар Қуръон, бар мабнои “таъбироту забону баёну шавоҳиду мисолҳои қуръонӣ” шакл гирифтани донишҳои балоғӣ, аз ҷумла маонию баёну бадеъ, нуфузи бузурги Қуръон дар адабиёти арабию форсию туркию урду ва дигар забонҳои ҷаҳони ислом, нуфузи Қуръон дар фарҳанги омма ва зиндагии ҳамарӯзаи мусулмонон [15, с.667-669] қобили таваҷҷуҳанд. Аз рӯйи нукоти мазкур ба муайян кардани ҷиҳатҳои адабии Қуръони карим ва бархе аз тафсирҳое, ки ба он навишта шудаанд, пардохтан мумкин аст. Дар ҳақиқат, дар миёни китобҳои муқаддас ҳеҷ китобе “ҳамонанду ҳамчанди Қуръон дар тамаддуну фарҳанг ва зиндагии рӯзмарраи пайравонаш нуфуз” [15, с. 669] надоштааст.

Алиасғари Муҳаммадхонӣ дар мақолаи муфассале таҳти унвони “Тафсири Қуръон дар адаби форсӣ”, ки дар “Фарҳангномаи адабии форсӣ” ба чоп расидааст [17, с. 383-394], сайри таърихии тафсирнависӣ ба Қуръони каримро баррасӣ карда, ба тартиби таърихият ба тафсирҳои Ҳусайн Воиз ҳам ишора кардааст.

Гурӯҳе аз донишмандони эронӣ, ба монанди Ҳасан Ҳазратӣ ва Ғуломҳусайн Муқимӣ, Маҳдӣ Фароҳонии Мунфарид, Ҷаъфариён Расул нисбатан бештар ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҳусайн Воизи Кошифӣ таваҷҷуҳ карда, дар доираи мақолоти ҷудогона ковишҳое анҷом додаанд, ки судманд ҳастанд [12, 18; 11]. Дар мақолаҳои ҳамин гурӯҳи муҳаққиқон дар баробари масъалаҳои ҳаёт ва эҷодиёт оид ба фаъолияти тафсирнигории Кошифӣ ҳам матолиб дарҷ шудаанд, ки бештар хусусияти муаррифкуниро молик ҳастанд. Эроди асосие, ки дар кори муҳаққиқони фавқуззикр ворид аст, маҳдудияти фикрӣ дар хусуси муайян кардани тамоюлоти фикрию ақидатӣ ва ҷаҳонбинии Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад. Кулли муҳаққиқони мазкур фаъолияти тафсирнигории Кошифиро таъйид карда, тафсирҳои вайро номбар карда, таъкид кардаанд, ки Ҳусайн Воиз тафсирҳои худро ба равиши мактаби фиқҳии аҳли суннат ва ҷамоат таълиф кардааст.

Муҳаққиқони тоҷик ҳам дар муаррифии ҳаёту эҷодиёти Ҳусайн Воизи Кошифӣ саҳми қобили таваҷҷуҳ гузошта, гузашта аз ин, перомуни баъзе масъалаҳои алоқаманд ба мабоҳиси аслии мавриди назари мо таълифот анҷом додаанд. Мирзо Аҳмадов ва Аълохон Афсаҳзод дар мақолаҳои энсиклопедӣ Ҳусайн Воизи Кошифиро ба аҳли илму адаби тоҷик шинос кардаанд [1; 2]. Профессорон Раҳими Мусулмонқулӣ, Урватулло Тоиров, Расул Ҳодизода, Қурбон Восеъ дар муаррифии асарҳои ҷудогонаи Ҳусайн Воиз, ба чоп омода кардани баъзе асарҳои ӯ ба таври пурра ва порчаҳо аз осори ҷудогонаи адиб саҳм гузошта, дар муқаддимаҳое, ки навиштаанд, муҳтавои асарҳои мавриди назарашон ва баъзе таълифоту таснифоти дигари адибро ба таври мухтасар бозгӯ кардаанд. Аммо дар ҳеч кадом аз корҳои анҷомшуда аз ҷониби муҳаққиқони мазкур фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воиз мавриди назар набудааст.

Адабиётшинос Мисбоҳиддини Нарзиқул дар китоби “Адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV” оид ба ҷараёни шарҳнигорӣ дар адабиётшиносии асримиёнагии форсу тоҷик таваҷҷуҳ карда, дар радифи шарҳнигорӣ ба осори илмӣ ва адабӣ навиштани тафсир, таъвил ва танзили Қуръонро аз ҷумлаи равишҳои асосии фаъолияти адабиётшиносӣ дар асрҳои миёна ҳисобидааст [7, с. 17-18]. Аз ин нуқтаи назар кори тафсирнависии Ҳусайн Воизро, ки фарогир ва шомили нукоти адабӣ ҳам ҳаст, метавон навъе аз фаъолияти адабиётшиносӣ дар замонааш ҳисобид.

Профессор Абдулманнони Насриддин дар таълифи арзишманди хеш бо унвони “Ошноӣ бо тарҷумаҳои форсии Қуръони карим дар Эрон ва Тоҷикистон” [9] ва мақолаи “Тарҷума ва тафсирҳои варорудӣ дар феҳристи Чарлз Сторӣ” дар муаррифии тафсирҳои форсӣ-тоҷикӣ

саҳми арзанда гузоштааст.Таълифи мазбури донишманди мазкур ба сурати бахшбандӣ ва мақолоти ҷудогона дар ҷилди ҳафтуми “Куллиёти осор”-и эшон низ чоп шудааст[8]. Ин муаллиф дар вақти муаррифии тарҷумаи Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ аз “нашрҳои мутааддиди он якҷоя бо “Тафсири Ҳусайнӣ” ишора кардааст [8, с.285].

Масъалаи арзишҳои адабии тафсирҳои куҳан ҳам аз назари муҳаққиқони тоҷик дур намондааст. Аз ҷумла, ба қалами Умеда Ғаффорова таҳти унвони “Арзишҳои адабии “Тафсири Ҳусайнӣ” мақолаи мухтасаре таълиф шудааст, ки аз нигоҳи масъалагузорӣ муҳим мебошад. Муаллиф ба масъалаи “дар мавридҳои зарурӣ сухани худро бо гуфтаҳои шоирон, маълумоти кутуби мазҳабию ирфонӣ ва ғайраҳо тақвият” бахшидани Ҳусайн Воизи Кошифӣ ишора карда, таъкид мекунад, ки дар ин бора бояд “баҳси алоҳида сурат гирад” [4, с.283].Мақолаи донишманди дигари тоҷик Файзулло Бобоев “Арзиши адабии “Тарҷумаи Тафсири Табари” дар муқорана бо “Таърихи Балъамӣ”[3]дар баррасиҳои мо аз назари равиши таҳқиқ ҳамоҳангӣ дорад.

Адабиётшинос Фахриддин Насриддинов дар китоби арзишманду фарогири “Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсии тоҷикӣ” [10], ки дар адабпажӯҳии тоҷик то кунун “фарогиртарин таҳқиқ дар тарҷумаву тафсирнависии форсу тоҷик аз оғоз то поёни асри XII буда, баррасии нукоти адабии ин гурӯҳи манобеъро дар меҳвари таҳқиқи худ қарор додааст” [10, с.2], оид ба вазъи омӯзиши тарҷума ва тафсирҳои форсӣ-тоҷикии Қуръони маҷид сухан карда, зарурати таҳқиқи ин даста аз манобеъро, дар мисоли баъзе аз онҳо, ки дар фосилаи муайяни замонӣ: асрҳои X-XII ба миён омадаанд, ба таври зерин ба хубӣ таъйин кардааст: “Китобҳои тафсирӣ, махсусан, тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ аз асрҳои X-XII ба омӯзиш ва таҳқиқи густарда ниёз доранд. Зеро тарҷума ва тафосири форсӣ-тоҷикии ин даврa муҳимтарин бахши мероси хаттиро ба худ ихтисос додаанд. Нусхаҳои тасҳеҳу нашрёфтаи онҳо дар ҳаҷми бештар аз ҳафтод муҷаллад, ки тақрибан 40000 сафҳаро мегиранд, ҳуҷҷати равшане ба ин назар мебошад, то чӣ расад ба нусхаҳои қаламию то ҳол тасҳеҳнаёфта ва мутуни арзишманди истинсохӣ аз онҳо, ки ҳазорон намуна ба сурати аслӣ дар китобхонаву марокизи мероси хаттии ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд [10, с.8].

Дар муқаддимаи монографияи мазбури адабиётшиноси мазкур аз хидматҳои дар заминаи масъалаҳои куллии марбут ба шинохти Қуръон ва баъзе тафсирҳо анҷом додаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ба монанди донишмандони тоҷик Расул Ҳодизода, Абудманнони Насриддин, Худоӣ Шарифов, Носирҷон Салимов, Мирзо Муллоаҳмадов, Абдушукури Абдусаттор, Умеда Ғаффорова, Абдуҷамол Ҳасанов, Ҷӯрабек Назриев, Файзулло Бобоев ва дигарон ёд шудааст, ки аз ин ҷиҳат моро аз такрор бениёз мегардонад[10, с.6-15]. Аммо дар масъалаи мавриди назари мо бояд гуфт, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ ҳамчун муфассири Қуръон аз назари муҳаққиқ дур намонда [10, с. 5], дар бахши тавзеҳот ва таълифот номгӯи тафосири Ҳусайн Воизи Кошифӣ зикр шудаанд.

Яке аз равишҳои пажӯҳишӣ перомуни фаъолияти тафсирнигории Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар заминаи ба чоп омода кардани китобҳои тафсири ӯ навиштани муқаддима мебошад. Китоби “Тафсири мавоҳиби Алийя”-ро, ки бештар бо номи “Тафсири Ҳусайнӣ” машҳур аст, Ҷалоли Ноинӣ таҳти унвони “Мавоҳиби Алийя” ё “Тафсири Ҳусайнӣ” ба чоп омода карда, ба он муқаддимаи муҳаққиқонаи муфассале нигоштааст[20, с.7-113]. Дар ин муқаддимаи бениҳоят арзишманду муфассал, ки бо ҷаҳонбинии нисбатан озод аз ҳама гуна қайду бандҳои мафкуравӣ таълиф шудааст, мулоҳизаҳои қобили таваҷҷуҳе оид ба шахсияти Ҳусайн Воизи Кошифӣ, асарҳои бозмонда аз ӯ ва тафсирҳояш баён гардида, муҳимтарин тафсири Ҳусайн Воиз дар бахши алоҳидае бо унвони “Мавоҳиби Алийя ё Тафсири Ҳусайнӣ (тафсири ҳозир)” муаррифӣ шудааст. Муаллифи муқаддимаи мазкур қабл аз он ки ба мухтассоти “Мавоҳиби Алийя” бипардозад, ёдовар шудааст, ки “дар чӣ замоне шурӯъ ба нигоштани Қуръон ба форсӣ шуда”, “муаллифони тафсирҳои машҳур киёнанд” ва бархе матолиби зарурии дигарррo низ хотиррасон кардааст.

Асари дигаре, ки шомили пажӯҳиши муқаддамотӣ мебошад, бо унвони “Ҳазор соли тафсири форсӣ (сайре дар мутуни куҳани тафсирии порсӣ)” ба қалами дуктур Сайид Ҳасан Содоти Носирӣ ва Манучеҳри Донишпажӯҳ таълиф шудааст. Ин асар “баргузидае аз мутуни

тафсирӣ дар насри порсӣ аст, ки бо ҳавошию мулҳақоти матн, ки ба сурати маҷмӯае аз оёту аҳком ва қасасу эълом гирд омада" [19, с.5], фароҳам омадааст. Дар ин асар баргузидае аз мутуни бисту ҳашт тафсири куҳани порсӣ бо шарҳу тавзеҳот ба ҳам оварда шудаанд. Аз шумори тафсирҳои дар ин маҷмӯа ворид шуда яке "Мавоҳиби Алийя" ё "Тафсири Ҳусайнӣ" мебошад. Муаллифон матни тафсири сураи "Ҳуд"-ро аз тафсири мазкур интихоб карда, ба он муқаддимаи кӯтоҳе навишта, бо таълиқоти лозим дар китоб ҷой додаанд [19, с.541-609]. Аз тафсирҳои дигари Ҳусайн Воиз дар ин асар интихоб нашудааст.

Дар кишвари мо матни пурраи "Тафсири Ҳусайнӣ" то ҳанӯз баргардон ва чоп нашудааст, аммо иҷрои ин кор амре муҳимму аз назари маърифатӣ арзишманд мебошад. То кунун танҳо сураи "Юсуф" аз "Тафсири Ҳусайнӣ"-и Кошифӣ дар таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва шарҳи луғату таркибот аз ҷониби А. Хоҷаев ва М. Зайниддинов ба амал омадааасту бас [6].

Аз баррасии мазкур маълум мешавад, ки ҳанӯз масъалаҳои марбут ба шахсияти адабӣ, камолоти касбӣ, мероси ғании бадеӣ, илмӣ ва фаъолиятҳои дигари Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ, махсусан китобҳои дар тафсири Қуръон навиштаи вай, ҳанӯз ба таври монографӣ баррасӣ ва таҳқиқ нашудаанд. Барои анҷоми чунин таҳқиқи фарогир бахшбандии дақиқи матолиб, дастабандии мавзӯӣ зарур буда, дар доираи чандин мавзӯи илмӣ ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ин миён таҳқиқи масъалаи фаъолияти тафсирнигории Ҳусайн Воиз ба Қуръони карим дар таъйини саҳми адибу муҳаққиқи тавоно дар ташаккули тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ ва муаррифии китобҳои тафсири вай ҳамчун манобеи арзишманди адабӣ дорои аҳаммият ва арзиши илмию назарӣ мебошад. Дар баррасии ин мавзӯъ бояд ҳалли масъалаҳои зерин ҳамчун муҳимтарин вазифаҳои таҳқиқ мавриди назар қарор дода шаванд:

- зиндагинома, масъалаҳои марбут ба таҳсилот, касби камол ва ҷаҳонбинии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ;

- табақабандии мавзӯии мероси илмию адабии Ҳусайн Воиз: таснифоти адабӣ, фаъолияти шоирӣ, таълифоти илмӣ, китобҳои тафсир, асарҳо дар мавзӯъҳои дигар ва таъйини мақоми китобҳои тафсир дар он миён;

- суннати тафсирнигорӣ бар Қуръон ба забонии форсии тоҷикӣ то замони Ҳусайн Воиз;

- тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба порсӣ ва тафсирҳои таълифӣ ба забони форсии тоҷикӣ;

- нусхаҳои хаттӣ ва чопии "Мавоҳиби Алийя";

- "Тафсири Ҳусайнӣ" аз назари сарчашмашиносӣ, таъйини манобеъ ва маохизи асосӣ дар таълифи тафсир;

- арзишҳои илмию адабии "Тафсири Ҳусайнӣ": фарогирии ашъори арабию форсӣ, истиқболи суханони арбоби таҳқиқ, истишҳод ба қасаси машҳури анбиё ва ҳикоёт, баҳрагирӣ аз гуфтаҳо ва андешаҳои орифону сӯфиёни машҳур;

- шинохти "Тафсири Ҳусайнӣ" аз ҷиҳати вижагиҳои сабкии асар;

-пайравони Ҳусайн Воиз дар тафсирнигорӣ.

Фарзияҳои асосии таҳқиқро дар омӯзиши масъалаи мазкур нукоти зерин мушаххас мекунад:

Ба тафсирнависии Қуръони маҷид ба забони форсӣ машғул шудани Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва таълифи се китоби тафсир бо номҳои "Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-амир", "Мавоҳиби Алийя", ё худ "Тафсири Ҳусайнӣ", "Ҷомеъ-ус-ситтин" ва таснифи чандин асар дар заминаи улуми адабӣ ва дигар шохаҳои илму дониш ба ин забон иноятӣ махсуси Кошифиро ба забони порсӣ нишон медиҳад.

Машҳуртирин китоби тафсири Ҳусайн Воиз "Мавоҳиби Алийя" мебошад. Ин асар, ки дар миёни аксари мардум бо номи "Тафсири Ҳусайнӣ" машҳур аст, дар шаҳри Ҳирот ба номи Султон Ҳусайни Бойқаро навишта шудааст. Таърихи итмоми тафсир ба соли 899 ҳичрӣ, мутобиқ ба 1493-1494 мелодӣ баробар мебошад.

"Тафсири Ҳусайнӣ" мухтасаре аз "Ҷавоҳиру-т-тафсир"-и худи Ҳусайн Воизи Кошифӣ буда, ба мисли он ба равиши аҳли суннат ва ҷамоат таълиф шудааст. Муҳимтарин вижагии ин тафсир, ки ҷиҳати илмию адабии онро ба намоиш мегузорад, равиши ҷадиди тафсирнигориро

интихоб кардани муаллиф, дар заминаи тафсири оятҳо овардани қасас, ашъори ширину дилпазири форсӣ ва калимоти ирфонӣ мебошад.

Аз китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” то ба замони мо нусахи хаттии зиёде боқӣ мондааст. Нусхаҳои қаламии китоб аз назари сифат ва фарогирии матн гуногун буда, баъзе комил ва бархе фарогири фақат бахше аз сураҳо мебошанд. Аз миёни нусхаҳои хаттии “Тафсири Ҳусайнӣ” яке аз муҳимтаринашон нусхае мебошад, ки таҳти рақами 726 дар Ганҷинаи нусахи хаттии Китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад[5]. Дар миёни нусхаҳои чопии “Тафсири Ҳусайнӣ” машҳуртар аз ҳама нусхаи чопи Ҳиндустон мебошад [13; 14].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тафсирнависии худ пойбанди масоили сарфию наҳвӣ набуда ва ба масъалаҳои марбут ба маонию баён ҳам чандон алоқа нишон надодааст, вай бештар ба тарҷумаю тафсири оятҳои каломи раббонӣ пардохта, дар зимни тавзеҳи никоти зарурӣ аз шеъри форсию суханони ирфонӣ моҳирона истифода кардааст.

Кошифӣ дар овардани шеърҳои форсӣ равиши озодро интихоб карда, шеърҳоеро интихоб кардааст, ки қабл аз ӯ тафсирнигорони дигар ба онҳо таваҷҷуҳ накардаанд. Аммо дар овардани каломи орифона муаллифи “Тафсири Ҳусайнӣ” ибтикоре аз худ нишон надодааст. Вай суханони ирфониеро, ки дар тафсирҳои дигар ва китобҳои арабию форсӣ зикр шудаанд, дар тафсири худ тарҷума ва нақл кардааст.

АДАБИЁТ

1.Афсаҳзод, А. Кошифӣ / А. Афсаҳзод, М. Аҳмадов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1989. – Ҷилди 2. – С. 68.

2.Аҳмадов, М. Кошифӣ / М. Аҳмадов // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1981. – Ҷилди 3. – С. 497.

3.Бобоев, Ф. Арзиши адабии “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” дар муқорана бо “Таърихи Балъамӣ”// Номаи оли Сомон (маҷмӯаи мақолот) / Ф. Бобоев. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1378. – С. 884-892.

4.Ғаффорова, У. Арзишҳои адабии “Тафсири Ҳусайнӣ” / У. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ : нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2014. – № 6 (61). – С. 282-286.

5.Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Тафсири Ҳусайнӣ / Ҳусайн Воизи Кошифӣ : нусхаи хаттии № 726, маҳфуз дар Ганҷинаи нусахи хаттии китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – ۳۴3 варақ.

6.Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Тафсири Ҳусайнӣ. Сураи “Юсуф” / Ҳусайн Воизи Кошифӣ : таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва шарҳи луғату таркибот аз А. Хоҷаев ва М. Зайниддинов. – Душнбе, 2004. – 56 саҳ.

7.Нарзиқул, М. Адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 1998. – 112 саҳ.

8.Насриддин, А. Ошноӣ бо тарҷумаҳои форсии Қуръони карим дар Эрон ва Тоҷикистон / А. Насриддин // Абдулманнони Насриддин. Куллиёти осор. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷилди чорум. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 584 с. – С.259-349.

9.Насриддин, А. Ошноӣ бо тарҷумаҳои форсии Қуръони карим дар Эрон ва Тоҷикистон / А. Насриддин. – Теҳрон: Митро, 1385. – 152 с.

10. Насриддинов, Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ / Ф. Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.

۱۱. جعفریان، رسول. ملا حسین واعظ کاشفی و کتاب روضهٔ الشهدا / رسول جعفریان // آیینهٔ پژوهش. شهریور ۱۳۷۶. – شمارهٔ ۳۳. – صص. ۲۰-۳۸.

۱۲. حضرتی، حسن.نگاهی اجمالی به: حیات و اندیشهٔ سیاسی ملا حسین واعظ کاشفی/حضرتی، غلامحسن مقیمی // حکومت مهر. سال سوم.– شمارهٔ سوم.– صص.۱۲۵-۱۵۱.

۱۳. قرآن مجید مترجم مع تفسیر حسینی : ترجمه از حضرت شاه ولی الله محدث دهلوی، تفسیر از حضرت ملا حسین الواعظ الکاشفی.– لاهور: تاج کمپنی لمیطد.۱۳۷۳. –۱۳۹۴ صح.

۱۴. قرآن مجید مترجم مع تفسیر حسینی : ترجمه از حضرت شاه ولی الله محدث دهلوی، تفسیر از حضرت ملا حسین الواعظ الکاشفی.– لاهور: تاج کمپنی لمیطد.۱۳۷۳. –۱۳۸۴ صح.

۱۵. قرآن کریم، همراه با ترجمه، توضیحات، واژه نامه : مترجم بهاءالدین خرّمشاهی.سوم.– تهران۱۳۷۶. –۹۰۲ صح.

۱۶. کاشفی، کمال الدین حسین.واهب علیّه یا تفسیر حسینی؛ تصحیح و مقدمه و حاشیه نگاری سیّد محمّد رضا جلال نایینی.جلد یکم.– تهران.۱۳۱۷ هجری شمسی.–۵۰۱ صح.– ص.۷-۱۱۳.

۱۷. محمدخانی، علی اصغر. تفسیر قرآن در ادب فارسی / علی اصغر محمدخانی // فرهنگ نامهٔ ادب فارسی دانش نامهٔ ادب فارسی : به سرپرستی جلدنوشه. – تهران: وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی، سازمان چاپ و انتشارات، –۱۵۳۷ صح.
۱۸. منفرد، مهدی فرهانی. نکته هایی چند در بارهٔ کمال الدین حسین واعظ کاشفی / مهدی فرهانی منفرد // مقالات و بررسی‌ها. – زمستان۷۸. – صص. ۱۹۳-۲۰۴.
۱۹. ناصری، دکترسید حسن سادات. هزار سال تفسیر فارسی (سیری در متن کهن تفسیری پارسی)سید حسن سادات ناصری، منوچهر دانش.پژوتهران: نشر البرز۱۳۶۹. –۸۸ صح.
۲۰. نایینی،سیّد محمّد رضا جلال. در آمد تفسیر مواهب علیکاشفی، کمال الدین حسینمواهب علیّه یا تفسیر حسینیبا تصحیح و مقدمه و حاشیه نگاری سیّد محمّد رضا جلال نایینی: جلد یکم.– تهران۱۳۱۷ هجری شمسی.–۵۰۱ صح.– ص.۷-۱۱۳.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ХУСАЙНА ВОИЗА ПО КОММЕНТАРИЯМ К КОРАНУ

В статье проанализированы методологические вопросы изучения комментарий Хусайна Воиза к Корану на таджикском языке. Автор после уяснения степени исследования данной темы и подробного разбора проблем изучения литературной личности Хусайна Воиза, его профессионального роста, научного, художественного и других сфер наследия великого литератора и мыслителя, в особенности его книг, посвященных Корану и его комментариям, отмечает, что эти проблемные вопросы по настоящее время монографически не исследованы. Далее автор отмечает, что для всестороннего разбора и исследования эих вопросов необходим научно обоснованный подход по выявлению этих вопросов и их решению путем точного и достоверного анализа, упорядочив их в отдельные ряды и таким образом, основательно подойти к их исследованию.

В статье отмечается, что научная деятельность Хусайна Воиза по комментариям к Корану имеет большое значение не только для литературоведения и друх смежных наук, но и для выяснения и выявления научно-теоретических подходов и принципов данного автора применительно к дальнейшему развитию герменевтики. Таким образом, данная тема и проблемы, поставленные в настоящей статье в таджикском литературоведении, рассматриваются в указанном ракурсе впервые. При всей важности и значительности ряда исследований, охватывающих отдельные аспекты комментариев Хусайна Воиза Кошифи, на сегодняшний день отсутствует работа, которая рассматривала бы труд данного мыслителя как ценный литературный источник. Исходя из этого, в настоящей работе впервые обращено внимание на такие аспекты этих комментариев, которые в предыдущих работах почти не затрагивались.

***Ключевые слова**: Хусайн Воиз Кошифи, Коран, комментарий, "Джавохир-ут-тафсир литухфат-ил-амир", "Мавохиби Алийя", "Джоме-ус-саттин", методология, источник, смысл, сравнительно-исторический подход, коранические предания, литературно-художественное значение, лексика, герменевтика, подход, познание, сравнение, лексикологические особенности, источниковедение.*

METHODOLOGICAL ISSUES OF STUDYING THE ACTIVITIES OF HUSAINE WOIZA ON COMMENTS ON THE QURAN

The article analyzes the methodological issues of studying the commentary of Husayn Voiz to the Koran in the Tajik language. The author, after understanding the degree of research on this topic and a detailed analysis of the problems of studying the literary personality of Husayn Voiz, his professional growth, scientific, artistic and other areas of the heritage of the great writer and thinker, especially his books on the Koran and his comments, notes that these are problematic issues to date monographically not investigated. Further, the author notes that for a comprehensive analysis and study of these issues, a scientifically based approach is needed to identify these issues and solve them by accurate and reliable analysis, ordering them in separate rows and, thus, thoroughly approach their study.

The article notes that the scientific activities of Husayn Voiz according to the comments on the Qur'an are of great importance not only for literary studies and other related sciences, but also for the clarification and identification of the scientific and theoretical approaches and principles of this author in relation to the further development of hermeneutics. Thus, this topic and the problems posed in this article in Tajik literary criticism are considered in this perspective for the first time. Despite the

importance and significance of a number of studies covering certain aspects of Husayn Voiz Koshifi's comments, there is currently no work that would consider the work of this thinker as a valuable literary source. Based on this, in the present work for the first time attention was paid to such aspects of these comments that were hardly touched upon in previous papers.

Keywords: *Usain Voiz Koshifi, Quran, commentary, "Jawohir-ut-tafsir lituhfat-il-amir", "Mawohibi Aliyya", "Jome-us-sittin", methodology, source, meaning, comparative historical approach, Quranic traditions , literary and artistic significance, vocabulary, hermeneutics, approach, cognition, comparison, lexicological features, source study*

Сведения об авторе:

Абдукодирзода Саидмукаррам- *дотсент кафедры международных отношений факултета международных отношений (дипломатия) Таджикского государственного национального университета.*

About the author:

Abduqodirzoda Saidmukarram *- Associate Professor in the Department of International Relation of the International Relation Faculty, Tajik national university*

ББК 84 тоҷик 7-5, К-52
УДК 891.550-1

МАХСУСИЯТИ АФКОРИ ИҶТИМОИИ ШЕЪРИ ҚУТБИ КИРОМ

Латифзода А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар ибтидои солҳои шастум ба майдони суханварӣ адибони тозанигоҳу навпардозе ворид шуданд, ки дар назди онҳо масъулияти ҳунари эҷод ва балоғати тасвир қарор гирифта буд. Ҳадаф ва моҳияти тафаккури нафисро анъана, ворисияти таърихӣ, заминаҳои суннатӣ аз ҷиҳати ҳунари эҷод муайян менамуданд. Дар ин радиф адибони ҷавон аз қабили Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Пулод Толис, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Бозор Собир, Гулназар ва чанд тани дигар баҳри дарди замонро дар дили замон ба ҷунбиш овардан кӯшиш намудаанд.

Адибон ба таърихи гузашта ва урфу одати мардум такя намуда, кӯшидаанд адабиётро дар хидмати замон ва онро дар саҳафоти адабиёт таҷассум созанд. Ҳамчунин, вазъи зиндагии даврони зиндгиашонро ба риштаи тасвир кашида, дарду армони мардумро дар сатрҳои шеърии худ бозгу менамуданд.

Қутбӣ Киром аз байни шоирони рӯзгори худ аз афродест, ки нисбат ба масоили иҷтимоии замон диди ҳассос ва интиқодӣ дорад. Шоир дар офридани маъниҳои ғановатманд ва эҷодӣ ифодаҳои тозаи шоирона комёб шуда, дар тасвири манзара ё ва мавзӯъҳои мушаххас бештар воқеияти ҳаётро ба риштаи тахайюлоти бадеӣ кашида, маъниофаринию саҳнасозиро аз махсусияти ашъор меҳисобад. Чунин тасвирсозиҳо ба шоир имконият медиҳад, ки чаҳони рангини зебоишинохтиро дарк намоем ва аз биниши тозае, ки ҷузъиёти ҳаёт ва табиатро мунъакис сохтааст, баҳрманд гардем.

Қутбӣ Киром бештар ба мавзӯи иҷтимоии зиндагӣ даст зада, кӯшидааст зиндагиро ба ҳама дарду ормонаш воқеъбинона ба тасвир кашида, бо диди хоси шоирона ба ҳаёт менигарад:

Аз шабнами рухи алаф оина кардам ман,
Бар хеш менигоҳаму бар вазъи рузгор.
Авроқи панди ман бувад ҳар барги фарқи тар,
Дар рӯи лола мешавад шеъри ман интишор [... Ёр меояд, 15].

Дар ҳақиқат, яке аз мушаххасоти шеъри муосири тоҷик баъд аз солҳои 60-ум таваҷҷуҳи сареҳ ва огоҳона ба масоили иҷтимоӣ буда, дар адабиёти гузаштаи мо таваҷҷуҳ ба авзоъ ва аҳволи иҷтимоӣва сиёсии замон мушоҳида мешавад, аммо дар адабиёти муосир бештар мавқеъ дороад. Шоир дар шеъри «Дар ҳифзи бозсозӣ» ба мавзӯъ ва дарки он фаҳмиш ва моҳияти тозаеро ворид намуа, ба сиёсати бозсозӣ бо умеде менигарад ва дигаргуниҳои ҷиддию сифатиро интизор аст.

То замони бозсозӣ, ростгӯиҳои мо,
Ҳамчу тифле по ба по оварда дунёбин шавад.
Минбари зери ҳақиқатнописандон бишаканад,
Коми талхи ҳақталабҳои ҷаҳон ширин шавад [Нафаси озод, 29].

Қутбӣ Киром дар мазраи шеър сабку услули махсус ва завқу гуфтори тоза ва шоиронаву дилангез дошта, аз сеҳри суханаш таровати чашмасорон ва шаҳомати кӯҳсорон бармеояд:

Ман номбарии шодӣ, барҳамзани андӯҳам,
Ман ҳамнафаси чашма, ман ҳамчигари кӯҳам [Чашми дил, саҳ, 13].

Шоир ҷисму ҷон ва қалби беолоиши хешро умре дар оташи меҳру муҳаббати Ватан гудохта, ҳаводорони шеъри худро ба нангу номус, шаъну шараф, тавозӯъмандиву қаноатпешагӣ, якруву яксубудан ҳидоят доштааст:

Як умр дар шафоати меҳри Ватан будам,
Чун ҷони тоза ҳар замон ӯро ба тан будам [Ёр меояд, саҳ. 21].

Воқеияти даврон ин буд, ки мардум аз раванди бозсозӣ дигаргунсозиро ба нафъи ҷомеа умед доштанд ва оқибат пушаймон шуданд. Шоир ин рӯҳияи баршикасти мардумро бо алам қаламдод карда, чунин тасвиру маъниҳои байёнгари умедҳои барбодрафтаи мардумро баён сохта, дар шеъри «Шеъри сафеди рӯзи сиёҳ» вазъи вазнину ногувори мардумро дар даврони вуруди иқтисоди бозоргонӣ, ки маҳсули сиёсати бозсозӯбуд, чунин бо алам баён месозад:

Ғуландинго ғалчаҳо сармоя доранд,
Сустришу калчаҳо сармоя доранд.
Шеъри ту ба гӯши пулмастон нафорад,
Мурдаи ё зиндаи коре надорад.
То намонад деги ҳастият зи ҷӯш,
Рав матоъ арзон хару қиммат фурӯш! [... Ёр меояд, 3].

Дар ин радиф дар шеъри «Дӯстам, ҳушёр бош!» шоир бозсозиро як падидае тоза пиндошта, ҳамзамон ҳушёрӣ ва хештаншиносиро таъкид намуда чунин андешаро баён месозад:

Бозсозӣ чашми мардум боз кард, дӯстам, ҳушёр бош!
Саҳфае аз рӯзи нав оғоз кард, дидаи бедор бош [Нафаси озод, 38]!

Дар баробари ин, дар шеъри «Бо хавои дор-дорон» аз бозсозӣ шиква намуда, аз бесарусомонӣ ва нуқсонҳои ҷомеа хавотир аст:

Гардам аз ин бозсозӣ,
Айбҳоро мухтасар кард.
Муҳтараамтар бе сару по,
Муҳтарамро тоҷвар кард [... Ёр меояд, 47].

Бадбахтиҳои бозсозӣ бо ин анҷом намеёбад. Акнун аз ин бесомониҳо бӯи нобаробариҳои беадолатона эҳсос мешаванд. Шоир инро ба мушоҳида мегирад ва дар шеъри «Раҳзан» чунин менигорад:

...Ангуштари зар ба даст карда,
Ҳар марди замона мисли зан шуд.
Марди зи даҳон фитод, алҳақ,
Номардӣ шукӯҳи ин ватан шуд [... Ёр меояд, 44].

Дар чунин айём ҷомеаро инсонҳое роҳбарӣ мекунанд, ки мисли гурги гурусна аз пайи ғорат кардани мардумон буданд. Шоир дар шеъри «Гург» ин қабил одамонро ба гурги гурусна шабех дониста, чунин хулоса мекунад:

Шиквае ман надорам аз гургон,
Ки сиришtан разилу хунхоранд.
Ҳайфам ояд зи одамие чанд,
Савлати гурги гушнаро доранд [Нафаси озод, 15].

Шоир дар ин шеъри «Дарди миллат» пеш омадани рӯзи тақдири миллатро эхсос мекунад ва дилшикаста, аз Худо наҷоти ин мардуми гумроҳро металабад.

Худоё, тоҷиконатро амон бахшо зи худхоҳӣ,
Дилам садпора шуд аз маншаи «инҷоӣ» - «онҷоӣ».
Ба ҳар ки бингарам, теғи забонаш қатл мехоҳад,

Дареғо шарбате, нуқле, наботе, мағзу ҳалвое [... Ёр меояд, 35].

Ҳамзамон, мавзӯи иҷтимоӣ гоҳо шоирро ба тасвирофариниҳои пуралам низ маҷбур сохтааст, ки дар натиҷа ғуссаи худро пинҳон надошта, чунин тасвирҳои шоиронаро пайдо менамояд:

Бар моро, бар баҳр харох кун,
Соф гардам чу дар чаман қатра.
Арал аз дастчангии чанде,
Зор гашта ба ҳамчу ман қатра [... Ёр меояд, 77].

Шоир дар шеъри «Ту мапиндор» ба тасвири вазъи мардуми парешони замин аламу дарди беинтиҳои мардумро баён месозад:

Он қадар ҷабр кашидааст башар,
Он қадар заҳр чашида аст башар.
Бори ӯро накашад чархи барин,
Заҳри ӯро набарад зарфи замин [Нафаси озод, 21].

Бо вуҷуди ин аз назари муҳаққиқон каломи бадеи баъзе шеъри Қутбӣ Киром берун намондааст. Дар ин радиф, Х. Шарифов ҳунари суханофариниши шоирро эътироф намуда, қайд менамояд, ки «дарёфти маънӣ дар абёти шеъри Қутбӣ Киром аз роҳи ҳунару суханварист, на ба сузу соз ва ба ҳама алангаю дурахши назарбанд, ин оташро андаке гармӣ намерасад». Ба ин маънӣ, М. Шукуров ин андешаро ҷонибдорӣ намуда, чунин таъкид менамояд: «Дар ҳақиқат шеър гоҳ аз андешаву дард бегона ва бештар аз ситоишу накуҳиши маҳз аст».

Маҷмӯаи шеърҳои «Дафтари Яғноб», «Дафтари Пориж», «Фалғар», «Ҳаё, вопасин сухани Туғрал», «Бӯи нон», «Шеъри аввалин», «Пабло Неруда» ва ғайра маҳз маҳсули дарду ормонҳои шоиранд. Ситоиши накуҳишҳои шоир нисбати шахсиятҳои маъруф шояд оҳанги замони худи шоирро ифода созанд, дигар ин ки ҷамбаи тарбиявиашонро ҳаргиз гум карда наметавонанд. Шоир дар шеъри «Сафедор», ких еле рамзӣ аст, шояд зиндагии ба сар кардаи худро бо оҳанги пандомез ба қалам медиҳад.

Ашъори устод Қутбӣ Киром баҳри беканореро мемонад, ки баҳри ба соҳили маъниҳои он расидан диле ҳамчун дарё мебояд, то чун гавҳаршинос аз умқи он ҳама амвоҷу туфонҳо ҷавҳари маънидарёбӣ ва аз асрори ниҳони дили шоир огоҳӣ пайдо намоӣ:

Ман он ошиқ, ки аз асрордорӣ баҳо гардидам,
Ҷаҳон абтар шавад, гар во кунам лабҳои хомӯшам [Ёр меояд с. 43].

Қутбӣ Киром роздори дили мардум буд, борҳо дар ашъораш муҳити нобасомониҳои рӯзгорро равшан сохта, хислату мардонагии мардони диёрро тараннум менамояд. Муҳимтар он ки дар шеъри Қутбӣ Киром дар баробари таҷассум ёфтани руҳияи замон, ҳамзамон воқеаву ҳаводиси гузаштаи таърих хеле устокорона ифода ёфтаву ба садои дили шоир ҳамҷурӣ пайдо карданд. Дар шеъри «Сангпул», ки соли 1967 сурудааст, шоир хеле бо эҳтиёт лаб ба шиква кушода, таърих ва ҳодисаҳои онро, ки аз рӯзҳои шуми ба сари миллат омада шаҳодат медиҳанд, бозгу мегардад. Нангу номус рӯҳияи шикастанопазири миллати тоҷик пурра дар «ман»-и шоир маҳдуд гаштаву барои ифодаи матлаб мутобиқ омадааст.

Дар рӯи ман ғубори рах кам нест бингаред,
Аз рӯи абру аз таги дарё гузаштаам.
Умре пиёда рефтаам дар вориди хаёл,
Аз сангпули асрҳо пиёда гузаштаам.
Бар нокасони зиндагӣ гардан надодаам,
Аз зери теғ бо сари боло гузаштаам.
Гоҳе дар оби дидаҳо ман гарқ гаштаам,
Гоҳе зи тангроҳаи дилҳо гузаштаам.
Чун доштам зи домани дилдори назми хеш,
Аз баҳри хешу аз сари дунё гузаштаам [Нафаси озод, 218]

Ба ҳамин тариқ, дар эчодиёти Қутбӣ Киром ашъори ифодагари вазъи сиёсиву иҷтимоии замон фаровон буда, дар онҳо ҳунари тасвиркорӣ ва бадеияти калом истифода нашудааст. Вазъи вазнину сангину рӯзгори мардум ва мавзӯи доғи рӯз ба шоир имкон надодааст, ки ба

тасвирофарӣ бештар комёб гардад. Ин талаботи табиати мавзӯи иҷтимоӣ буда, рӯҳияи замонро дар шеър ифода сохтааст. Дили ҳассос ва дардошнои шоир намегузошт, ки гӯшаеро ихтиёр карда, интизори воқеъияти тоза бошанд. Шоир ҳамроҳ ва ҳамдарди халқи заҳматкашу пуралами тоҷик андешаю умеди рӯзҳои некро дар дил мепарварид. Чанбаҳои ҳунарии шеъри Қутбӣ Киром паҳлӯи муҳими эҷодиёти ӯ буда, аз ҷониби муҳаққиқон мавриди эътироф қарор гирифтааст. Мавзӯи иҷтимоӣ бештар шоирро ба офариниши сужет роҳнамоӣ кунад ҳам, имкони офаридани тасвирҳои шоирона, манзараофарӣ ва суханофариро маҳдуд месозад.

АДАБИЁТ

1. Қутбӣ Киром. Сари баланд: (Осори мунтахаб). - Душанбе: Ирфон, 1982. - 452 с.
2. Қутбӣ Киром. Нишот. Достонҳо ва шеърҳо. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 24 с.
3. Қутбӣ Киром. Нафаси озод. Маҷмӯаи шеърҳо. - Душанбе: Адиб, 1992. - 336 с.
4. Қутбӣ Киром. Ёр меояд. - Душанбе: Адиб, 2002.
5. Қутбӣ Киром. Чашми дил. Душанбе: Ирфон, 1976.
6. Х. Шарифов. Адабиёт ва санъат. №9(1408), 28.02.2008-10с

ОСОБЕННОСТИ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ СТИХОТВОРЕНИЯХ КУТБИ КИРОМА

Автор этой статьи постарался, что определить мысли общество Кутби Кирома. На основе критического стихотворения Кутби Кирома автор статые смог высоко иуверенно оценить тогдашнюю политическую обстановку и социально экономические положение тогдашнего времена. Из содержание стихотворения понятно, что поэт изменивиши этап перестройку хотел покозать как новое явление и одновременно призывал вселе быть патриотомь своей Родины и любить свою Родину и самаму себя. После анализа поэзии поэта определяме, что Кутби Киром сохраневшие тайны народа являлся, его поэзия отражался неуетроенности повседневной жизни, показатель мужественного характера является отвожного края.

А так же в статье говорится об имеющиеся исскуство поэта Кутби Кирома, даётся конкретное сведение отличающейся.

Ключевые слова: Кутби Киром, особенности, общество, объэктивно реалист, стихотворение, новое поэтическое, цложение поэта, Родина, изображение, престройка.

PACULIRITY OF SOCIAL KUTBI KIROM,S POETRY

The author of the article tried, to find the opinion of social in Kutbi Kirom,s poetry. In Kutbi Kirom,s poetry the author of the article could see the real facts of political and social condition.

From the text analyzed, the poet considers the turbulent stage of reconstruction as a new phenomenon, but also emphasirees good ness and self knowledole.

Analyzing the opinion of the author it is become clear, that Kutbi Kirom,s is a reflection of the heat of the people, and it is a reflection of the chaotic environment of the country, an indicator of the character and masculinity of the men of the country. The article also provides specific information on the poetic genre of Kutbi Kirom,s.

***Keywords**: Kutbi Kirom,s, social, features, clairvoyant, poetry, pure, poetic, expressions, homeland, picture, renovation.*

Сведение об автора:

***Латифзода Анзурат**- доктор (Ph.D) – кафедры теория и истории литературы ТГПУ имени С. Айни. 938928183, 988954666. Адрес: Таджикистан, 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.*

About the author:

Latifzoda Anzurat** – PhD doctoral student of the Department of Theory and literature of the state Pedagogical university of Tajikistan named after Sadriddin Aini. 938928183, 988954666. **Address:** Tajikistan 734003, city Dushanbe street Rudaki 121. **938928183, 988954666

УДК: 930(34)

АДИБ ВА МУБОРИЗИ ШЎЪЛАВАРИ ХАЛҚИ ҲИНДУСТОН

Раҷабов Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Ғаффоров Н. У.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

Таърихи мардумони Ҳиндустонро дар асри XX бе назардошти фаъолияти шахсиятҳои бузурге, ба мисли Маҳатма Гандӣ, Ҷавоҳирлол Неҳру ва Индира Гандӣ тасаввур кардан мумкин нест. Ин се шоҳсутуни бинои нави ҷомеаи Ҳинд болои шонаи худ бори гарони муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ, мудҳишоти дар натиҷаи тақсимшавии Ҳиндустон дар шакли бародаркушии мусулмонҳо ва ҳиндувон бавуҷудомада ва эъмори давлати соҳибистиқлолро ҳар яке дар давру замони худ бо ифтихор бардошта, то манзили дилхоҳ далеронаю бошарафона расонидаанд. Дар Тоҷикистон насли куҳансол, хусусан онҳое, ки дар солҳои панҷоҳуму шастуми асри XX даври ҷавонӣ доштанд, бо номи Ҷавоҳирлол Неҳру хуб ошно ҳастанд, аммо насли ҷавони имрӯз аз зиндагӣ ва фаъолияти ин марди бузург кам огоҳӣ доранд. Ин сарбози воқеии роҳи озодӣ ҳанӯз аз овони ҷавонӣ барои раҳоӣ ёфтани Ҳиндустон аз зулми мустамликадорӣ паёпай талошҳо мекард. Пас аз соҳибистиқлол шудани Ҳиндустон соли 1947 вай дар давоми 17 сол, яъне то 27 майи соли 1964 сарвазири ин мамлакат буд. Дар давоми умри бобаракати хеш ба ҳазорҳо чун бародар ба ҳазорони дигар падар, барои садҳо нафар ҳамсангар ва барои миллионҳо ҳамчун сарвар ва накуномтарин роҳбар буд. Биёед назаре кунем, ки ин маҳбуби миллионҳо ҳиндувон чи гуна зиндагӣ ва фаъолияте дошт ва чи гуна хислатҳоеро доро буд, ки сол то сол иззаташ бештару шӯҳраташ афзунтар мешуду мешавад.

Ҷавоҳирлол Неҳру 14 ноябри соли 1889 дар оилаи яке аз шахсиятҳои намоёни ҳаракатҳои миллӣ- озодихоҳии Ҳиндустон Мотилал Неҳру (1861-1931) дар шаҳри Оллоҳобод ба дунё омадааст. Мотилал, ки худ инсони оқилу бомаърифат буд, дар тарбияи писараш ҳеҷ чизро дареғ намедошт ва барои босаводу соҳибмаълумот шуданаш бисёр кӯшиш мекард.

Вақте ки Ҷавоҳирлол Неҳру ба синни шонздаҳсолагӣ расид, падараш ӯро барои дарёфти маълумоти аврупоӣ бо худ ба Англия гирифта бурд. Ин сафар дар киштии «Македония» дар моҳи майи соли 1905 сурат гирифт. Дар Лондон Мотилал писарашро барои таҳсил ба мактаби дар ҳамон вақт хеле машҳури Харрод бурд, ки он ҷо аслан фарзандони одамони сарватманду ашрофзодаҳо таҳсил мекарданд. Ҷавоҳирлол Неҳру ду сол он ҷо бо шавқу рағбати зиёд таҳсил намуда, соли 1907 ба Донишгоҳи Кембриҷ дохил шуд. Пас аз панҷ соли таҳсил соли 1912 вай ба Ҳиндустон баргашта, дар суди олии Оллоҳобод ҳамчун адвокат ба кор шурӯъ намуд.

Ҷавоҳирлол Неҳру аз он вақте ки мустақилона фикр мекардагӣ шуд, зиёдтар ба масъалаҳои сиёсӣ эътибор медод ва нисбати тақдири халқу ватани азияткашидаи хеш андешаҳо мекард. Ҳаракатҳои миллӣ- озодихоҳии даҳсолаҳои аввали асри XX чун мавҷҳои пуртуғёни баҳрҳои бо соҳилҳо набарддоштаро мемонданд, ки ҷӯшу хурӯшашон беисту бепоён идома меёфт. Нисбати ин ҳаракатҳо Неҳруи ватандӯст бетафовут набуд. Аз аввалин рӯзҳои ба Ҳиндустон баргаштан бо ин мавҷҳо омезиш гирифт ва соли 1912 аъзои Конгресси Миллии Ҳиндустон шудани ӯ низ натиҷаи ҳамин омезиш буд.

31 марти соли 2014 дар шаҳри Душанбе вохӯрии соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистону Чин бо роҳбарии президенти ширкати «ХУАТЭ»-и Ҷумҳури Мардумии Хитой Ден Веншен баргузор гардид. Мақсади вохӯри пеш аз ҳама барқарор ва рушди ҳамкории дуҷониба дар соҳаи савдои электронӣ, тайёр намудани технологияи иттилооти барои ба вуҷуд овардани шабакаҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин истифодаи он дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва фаъолноккунии алоқаҳои тиҷоратию иқтисодии ду кишвари ба ҳам дӯсту ҳамсоя буд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо зарурати вусъати муколама миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хитойро таъкид намуда, қайд карданд, ки муносибатҳои ду кишвар дар сатҳи ҳамкории мутоқобилан судманд қарор дорад. Масоили ҳамкори дар соҳаи технологияи иттилоотӣ, рушди тиҷорати электронӣ, ба вуҷуд овардани инфрасохторҳои мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамкории минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гарифт. Дар интиҳои мулоқот протоколи сеҷонибаи беғаразона дар бораи ҳамкори дар соҳаи тиҷорати электронӣ ва технологияи иттилоотӣ байни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСШП «ШИС» (технологияи баланд) ва ширкати «ХУАТЭ» ба имзо расид.

Соҳибкорони чинӣ иброз доштанд, ки муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистону Чин решаҳои қадими дошта, убури «Роҳи абрешим» аз ин кишвар ба муносибатҳои дуҷониба такони тоза мебахшад. Онҳо аз қонунгозории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ширкатҳои хориҷӣ изҳори хушнуди намуда, ҷиҳати ба роҳ мондани робитаҳои ҳасана бо соҳибкорони тоҷик изҳори омодагӣ намуданд.

Ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири шарикии стратегӣ ва кумакҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар соҳаи тиҷорату иқтисод ва дигар соҳаҳои алоқаманд ба рушди иқтисоди кишвар ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТаҷЧина-2013»-ро аз андоз аз арзиши изофа ва боҷи гумруки озод намуд. Яъне ширкати мазкур барои ворид намудани техника, таҷҳизоти технологӣ ва масолеҳӣ сохтмонӣ барои бунёди корхонаи семент дар шаҳри Ваҳдат андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумруки озод карда мешавад.

Корхонаи мазкур бо технологияи ҳозиразамон муҷаҳаз буда, мутобиқ ба стандартҳои экологӣ сохта мешавад, ки иқтидори истеҳсоли солонааш 600 ҳаз. т. семент аст. Корхонаи мазкур дар зарфи 10 моҳ сохта шуда, он имкон медиҳад, ки талаботи бозори дохилии кишвар бо семент беҳтар гардонида шавад.

Ширкатҳои чинӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон чун анъана бо нақшаҳои дарозмуддат ворид мешаванд. Онҳо лоиҳаҳои бузургро амали гардонида, истеҳсолоти наву ҷойҳои нави кори бунёд ва технологияи пешқадамро ҷори мекунанд. Захираҳои бойи табии ва мавҷудияти қувваи кории баландихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамбастагӣ бо имкониятҳои бузурги сармоягузории Хитой барои ҳамкории самарабахш дар кишвари мо заминаи мусоид фароҳам меорад. Бо сармоягузории Хитой технологияи навтарин, таҷҳизоти ҳозирзамон ба иқтисодиёти кишвар ворид гардида, сафи корхонаҳои муштарак ва кооператсияро дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат меафзояд.

Дар давоми солҳои 2016-2017 якчанд созишномаҳои муҳим миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой ба имзо расид, ки ҳамкориҳоро дар соҳаҳои гуногун вусъат мебахшанд.

Аз ҷумла - созишнома миёни Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва Бонки давлатии рушди Хитой доир ба маблағгузории соҳаи кишоварзӣ ва омодасозии кадрҳои соҳаи молия ва бонкдорӣ;

- ёддошти тафоҳум миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати давлатии назорати техникӣ ва карантини сифати молҳои Ҷумҳурии Мардумии Хитой оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи нозирот ва карантини растанӣ; [15].

- ёддошти ҳусни тафоҳуми Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораи геологияи ангишти музофоти Хэнани Ҷумҳурии Мардумии Хитой;

- созишномаи ҳамкорӣ миёни Корхонаи воҳиди давлатии «ширкати алюминии тоҷик» (TALKO) ва ширкати миллии масолеҳи сохтмонии Хитой (CNBM). Тибқи созишнома миёни ин ду ширкат, бояд дар ноҳияи Шаҳритуси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харҷи беш аз 600 миллион доллари амрикоӣ як корхонаи сементбарорӣ бо номи «CNBM-TALKO» бунёд ёбад. Иқтидори солонаи корхона 3 миллион тонна сементи навъи 620 ташкил хоҳад дод. Ин корхона бо навтарин техникаю технология муҷаҳаз шуда бо истифода аз ашёи хоми маҳалли аввалин шуда, дар минтақаи Осиёи Марказӣ навъи баланди сементро истеҳсол хоҳад кард. Тибқи нақшаи қаблӣ, навбати аввали он бо иқтидори солонаи 1 млн. тонна семент бояд дар зарфи 14 моҳ сохта, ба истифода дода шавад. [17. 25].

Дар сурати пурра ба кор даромадани корхона 5 ҳазор нафар шаҳрвандон соҳиби ҷойи кор хоҳанд шуд.

Инчунин соли ҷорӣ тибқи нақшаи таҳияшуда дар ҳамкорӣ бо ширкати «Тебиан электрик аппаратус (TBEA)» масоили бунёд ва таҷдиди як зумра иншооти энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуд. Таваҷҷӯҳи зиёд ба сохтмони хатти 500 киловаттаи интиқоли нерӯи барқи Оби гарм-Душанбе ва Марказӣ барқу гармидиҳии Душанбе - 2 зоҳир гардид.

Сохтмони Марказӣ барқу гармидиҳии Душанбе - 2 бошад, тибқи тавофуқоти дар сатҳи олии сиёсӣ ҳосилшуда бояд тезонида шуда, дар зарфи як сол ба поён мерасад, ки аллакай як қисми он ба истифода дода шудааст. Инчунин созишнома оиди ҳамкори бо директори ширкати «Жонгсинг» телекомуникейшн Эквипмент (ZTE) имзо расид, ки масоили ҳамкори дар соҳаи алоқа ва телерадиокомуникатсияро пешбини менамояд. Таъқид гардид, ки чунин ҳамкорӣ барои ҳамқадами рушди техникаю технологияи пешқадами ҷаҳонӣ шудан ва амалӣ намудани ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим аст.

16 январи соли 2018 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин нишасти матбуотӣ бахшида ба натиҷаҳои ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соли 2017 ва дурнамои рушди онҳо барои соли 2018, инчунин нуқтаҳои асосии Паём имсолонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. [17].

Дар рафти чорабинии мазкур ба хабарнигорон оид ба рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ ва иқтисодӣ миёни ду давлат дар соли 2017 анҷом ёфта ва дар соли 2018 ба нақша гирифта шуда маълумот дода шуд. «Дар соли 2017 чун ҳамеша равобити кишварҳои мо дӯстона ва мутақобилан судманд дар рафти фаъолият ба тадриҷ тавсеа ёфтанд» – тазаккур дод Сафири Тоҷикистон дар ҶМЧ Парвиз Давлатзода. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷонибҳо пайваста дар сатҳи олӣ ва баланди муколамаи пурмаҳсулро пеш мебаранд. Дар давоми соли 2017, ки 25–умин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ буд, Пешвоёни муҳтарами Тоҷикистону Чин се вохӯрию музокироти пурмуҳтаворо дар шаҳрҳои Остона, Пекин ва Сямэн баргузор намуданд. Соли 2017 Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба Чин бо сафари давлатӣ ташриф оварданд ва дар Муколамаи БРИКС бо давлатҳо ва иқтисодҳои ру батараққӣ иштирок намуданд.

Дар ибтидои моҳи декабри соли 2017 дар доираи ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон)-и давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Сочии Россия, вохӯрии Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода бо Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ли Кэтсян баргузор шуд.

Дар соли сипаришуда миёни ҷонибҳо мубодилаи беш аз 40 ҳайати баландмақоми мухталиф ҷо ёфта буданд. [18. 72].

Тамоюли тавсиаи муносибатҳои созанда дар соли ҷорӣ чун солҳои сипаришуда боқӣ хоҳад монд. Ҳамин тавр моҳи июни соли 2018 Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар кори ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ, ки дар шаҳри Тсиндаои Хитой баргузор гардид, иштирок намуд. Инчунин қайд шуд, ки тирамоҳи соли 2018 бо иштироки Сарвазири Шӯрои давлатии ҶМЧ Ли Кэтсян дар шаҳри Душанбе ҷаласаи навбатии Шӯрои сарониҳукуматҳо (сарвазирон)-и давлатҳои аъзои СҲШ баргузор мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 дар Тоҷикистон «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шудааст. Тайи солҳои охир ба рушди ҳамкориҳои судманди Тоҷикистон ва Чин дар соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон зоҳир мегардид. Банибар ин ҳангоми нишаст бо намояндагони васоити ахбори оммаи хитой Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Давлатзода дар бораи имтиёзҳо ва авлавиятҳои соҳаи сайёҳии Тоҷикистон маълумот дода шуд. Дар доираи нишасти матбуотӣ иштироккунандагони чорабинӣ бо саҳифаи интернетии миллии сайёҳии www. traveltajikistan. tj, ки аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст, шинос гардиданд. Қайд карда шуд, ки ин саҳифаи интернетӣ барои соҳибкорон ва сайёҳони чиние, ки мехоҳанд мустақим ба имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон маълумоти бештар дастрас намоянд, сарчашмаи бағоят бамаврид хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, дар даврони истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо сиёсати озмудашуда ва мутавозини хориҷӣ бо назардошти манфиатҳои миллии робитаҳои гуногунҷанбаи сиёсӣ ва иқтисодӣ бо ҳамсоякишвари бузурги худро ба роҳ монда, натиҷаҳои судманд ба даст оварад. Робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар даврони навин ба марҳилаи шарикии стратегӣ табдил ёфта, ба манфиати халқҳои тоҷику чин хизмат мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Холикназаров Х. Республика Таджикистан и Китайская Народная Республика-сотрудничество во имя развития. Душанбе -2012. Стр-27
2. Тоҷикистон ба Чин гузашт кард»// Фараж -2011, 19 январ. №7
3. Мирзоев. Н. М. Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар даврони истиқлолият// «Уфуқҳои ҳамкорӣ» Душанбе 2016 саҳ.. 21.
4. Внешняя политика Республика Таджикистан на современном этапе, Душанбе 2016. с. 277
5. Мирзоев. Н. М. Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар даврони истиқлолият// «Уфуқҳои ҳамкорӣ», Душанбе, 2016 саҳ. 19
6. President. tjcnt/10445gp=812208
7. http://amcu. gki. tj/taj/images/FAR_2015/far_2015_tj. pdf
8. Саидов З. Таджикистан:межгосударственные отношения в период становления внешней политики. Душанбе 2012 стр-56
9. Тоҷикистон ба Чин гузашт кард»// Фараж -2011, 19 январ. №3.
10. Адиб, 1994, №9-10. с. 3-4.
11. www. «President» tj
12. http://amcu. gki. tj/taj/images/FAR_2015/far_2015_tj. pdf
13. Тоҷикистон ба Чин гузашт кард»// Фараж -2011, 19 январ. №3.
14. Саидов З. Таджикистан:межгосударственные отношения в период становления внешней политики. Душанбе 2012 стр-59
15. Джалилов К. Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон дар «Бозии бузурги нав». («Бозии бузурги нав» ва накшахои когазии хукумати Точикистон). № 86 аз 24. 07 2013 с. 1, 4.
16. Саидов З. Таджикистан:межгосударственные отношения в период становления внешней политики. Душанбе 2012 стр-62
17. Бойматов Л. Д. Сообщения Рашид-ад-дина по истории Китая. // Великий Октябрь и некоторые вопросы исторической науки. -Фрунзе, 1987 сах 25-27.
18. Саидов З. Таджикистан:межгосударственные отношения в период становления внешней политики. Душанбе 2012 стр-72

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ КНР И РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В последние годы Таджикско-китайские отношение приобрели новую динамику и развития. Взаимоотношения двух стран охватывает все сферы экономики, торговли, сельского хозяйства,

науки и культуры. При содействии китайской инвестиционной поддержки в РТ осуществлены многочисленные народно-хозяйственные объекты имеющие большое экономическую и социальную важность в РТ успешно функцианирует более 140 совместных таджикско-китайских предприятий. Важность сферы взаимоотношений двух стран является научно-культурные связи в Таджикистане растет число учашейся молодежи изучающие китайский язык и культуру. В РТ успешно функционирует культурный центр Конфуций. В статье освещается основные этапы и направления взаимовыгодного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Китайской народной Республики.

***Ключевые слова**: сотрудничество, экономика, наука, культура, центр, взаимоотношения, страна, инвестиция, язык, литература, предприятия, объекты, молодеж, учеба.*

THE CURRENT STATE AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF INTERSTATE RELATIONS BETWEEN THE PRC AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In recent years, Tajik-Chinese relations have gained new momentum and development. The relationship between the two countries covers all areas of the economy, trade, agriculture, science and culture. With the assistance of Chinese investment support in the Republic of Tajikistan, numerous national economic facilities of great economic and social importance have been implemented in the Republic of Tajikistan; more than 140 joint Tajik-Chinese enterprises are successfully operating. The importance of the sphere of relations between the two countries is scientific and cultural ties in Tajikistan, the number of students studying the Chinese language and culture is growing. The Republic of Tatarstan successfully operates the cultural center of Confucius. The article highlights the main stages and directions of mutually beneficial cooperation between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China.

***Keywords:** cooperation, economy, science, culture, center, relationships, country, investment, language, literature, enterprises, objects, youth, study.*

Сведения об авторе:

***Мирзоев Н. М.** доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук НИИ ТНУ. **Адрес:** Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru Телефон: (+992) 919-16-00-26*

About the author:

***Mirzoev N. M-** doctor of historical Sciences, Professor chief researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: Tajikistan Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru Phone: (+992) 919-16-00-26*

УДК:930(575. 3+575)

ОБЕСПЕЧЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ГАРАНТ РЕГИОНАЛЬНОЙ СТАБИЛЬНОСТИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Мирзоев Н. М., Комилова Х.

Таджикский национальный университет

Национальная безопасность как категория политики является конкретизацией национальных интересов в одном из важных аспектов жизнедеятельности страны , фокусируясь во внешней политике государства. Она отражает связь безопасности с нацией, то есть с определенной территориально-государственной общностью, основанной на устойчивых социально-политических экономических и культурных связях. Территориально государственной общностью Таджикистана является таджикистанцы. Следовательно, при обеспечении безопасности первым делом государство должно обеспечить безопасность граждан. Изучая проблему безопасности государства необходимо также различать виды безопасности, так как в современном мире типология понятийного аппарата безопасности варьируется. Безусловно, диалектическая связь между различными видами и уровнями

безопасности существует, однако подходы к обеспечению той или иной сфер безопасности весьма различны. Законодательство Республики Таджикистан в области безопасности основывается на Конституции Республики Таджикистан и состоит из Закона о безопасности и иных нормативных правовых актов Республики Таджикистан, а также международных правовых актов, признанных Таджикистаном. Основным законом в сфере национальной безопасности Республики Таджикистана является Закон Республики Таджикистан от 28 июня 2011 года No721 «О безопасности», Позже в 15. 03. 2016 он был редактирован. [1, 12] Закон определяет правовые основы обеспечения безопасности человека и гражданина, общества и государства, регулирует систему обеспечения безопасности, ее функции, цели и основные направления, устанавливает полномочия Президента Республики Таджикистан, органов государственной власти.

В законе РТ о безопасности рассматривается несколько видов безопасности, которые составляют основу национальной безопасности

экономическая безопасность – состояние защищенности национальной экономики от внутренних и внешних условий, процессов и факторов, ставящих под угрозу ее устойчивое развитие и экономическую независимость;

– ***продовольственная безопасность*** – *защищенности* экономики государства, при котором за счет собственного производства обеспечивается продовольственная безопасность страны и гарантируется физическая доступность, необходимая для активной и здоровой жизни, обеспечения демографического роста всего населения **(ЗРТ от 15. 03. 2016 г., No 1283)**;

– ***общественная безопасность*** – политико-правовая, духовно-нравственная и социальная защищенность жизни, здоровья и благополучия граждан Республики Таджикистан , а также ценностей общества от возможных опасностей и угроз, способных нанести им ущерб;

– ***военная безопасность*** – состояние защищенности Республики Таджикистан от реальных и потенциальных угроз и посягательств военного характера на независимость и территориальную целостность страны;

– ***экологическая безопасность*** – состояние защищенности жизненно важных интересов человека и гражданина, общества и государства от угроз, возникающих в результате антропогенных и иных воздействий на окружающую среду;

– ***информационная безопасность*** – состояние защищенности государственных информационных ресурсов, а также прав человека и гражданина и интересов общества в информационной сфере;

– ***внешняя безопасность*** – состояние защищенности национальных интересов Республики Таджикистан от угроз, исходящих со стороны иностранных государств, организаций и граждан;

– ***внутренняя безопасность*** – *состояние защищенности жизненно важных интересов личности, общества и государства от внутренних угроз*; **(ЗРТ от 27. 11. 14 г., No 1137)**

Анализируя закон о национальной безопасности можно смело придти к выводу, что все указанные выше сферы обеспечение безопасности имеют прямую связь с внешними силами и акторами. Исходя и теории региональной безопасности выдвинутой Копенгагенской школой международных, видными представителями которой являются **Б. Бузан** и **О. Вэйвер**. [2, 24]Подчеркивается, что уровни системы, рассматриваемые неореализмом, имеют три слабости в изучении безопасности.

Во-первых, она переоценивает важность глобальной полярности и не учитывает региональные последствия.

Во-вторых, неореализм акцентирует внимание на военной безопасности и на государстве.

И в-третьих, чрезмерный объективистский подход неореализма заставляет его не обращать внимания на социальное строительство регионов. Теория безопасности, в центре внимания которой находятся географические факторы. Подчеркивает, что региональный уровень изучения не означает, что мир не ориентирован на государство, но стремится объяснить, что государства больше взаимодействуют в сфере безопасности между соседями, чем между государствами, расположенными в разных областях. Другими словами, близость создает угрозы для более легкого передвижения. Поэтому смежность - основа формирования интересов в других областях мира. Только сверхдержавы способны иметь широкие интересы на всей планете. Важно отметить, что правило смежности более применимо в вопросах безопасности, а не в экономических вопросах.

Исходя из этого можно придти к выводу что особую роль для обеспечение безопасности в Таджикистане играет Центральная Азия.

Приоритетность региона также указана во внешнеполитической концепции Таджикистана. Процессы, происходящие в регионе имеют прямое влияние на каждого актора региональной арены. Рассматривая проблему обеспечения безопасности в ЦА необходимо, прежде всего, рассмотреть основные проблемы и противоречия, существующие в регионе и проанализировать взгляды политических элит стран ЦА. Политические системы, утверждающиеся в ЦАР, служат убедительной иллюстрацией давно отмеченной политической философией закономерности: «образ правления» государства зависит от его пространственно-географических характеристик. Этногеографическая близость населения обширного пространства, раскинувшегося от Каспийского моря до Большого Хингана, от сибирской тайги до Гималайских гор и далее от Персидского залива до западных границ Китая и от Индийского океана до отрогов Южного Урала, позволяет, по мнению некоторых ученых, рассматривать Центральную Азию как отдельный макрорегион, как современную геополитическую единицу.

После распада СССР в регионе, как известно, начался процесс поиска путей интеграции в различных сферах и в том числе в сфере безопасности, однако до сегодняшнего дня в ЦА не существует чисто региональной организации с компонентом безопасности. На наш взгляд одним из предпосылок отсутствия такого рода организации в регионе является то что в соответствии с теорией региональной безопасности в регионе отсутствуют явно дружественные или явно враждебные отношения, очевидный региональный лидер а также региональное структурирование. Страны Центральной Азии не считают друг друга не потенциальными врагами, не потенциальными союзниками с точки зрения традиционной (военной) безопасности. Таким образом, региональная безопасность просто не рассматривается с точки зрения дилеммы безопасности.

Таджикские ученные Махмадов и Асадуллоев в своей книге [3, 67]сравнивают национальную безопасность Таджикистана с матрешкой которая состоит из нескольких кругов или уровней и в данном формате важное место матрёшке занимает ШОС следовательно Таджикистану необходимо гармонизация внешней политики с основными акторами ШОС, а именно с Россией и Китаем, однако авторы не затрагивают роли и место стран Центральной Азии в данной матрице, хотя именно страны ЦА являются определяющими звеньями обеспечения безопасности в регионе. Если отталкиваться от той же теории матрешек то можно с уверенностью сказать, что обеспечение безопасности в регионе ЦА также представляют из себя матрешку с несколькими секторами, которые в совокупности и образуют региональную систему безопасности, например Шарипов А. [4, 56] в своей статье указывает на несколько групп угроз, которые существуют в регионе ЦА.

1. Геополитичсекое положение государства
2. Ситуация в Афганистане, (наркопроизводтсво и наркотрафик, а также увеличения пространств, контролируемых неафганскими террористическим организациями
3. Деятельность ИГИЛ
4. Активность религиозно-экстремистских организаций Хизб -ут -Тахрир и Ансор-ул- Лах
5. Угроза сырьевой ориентации государства.

На наш взгляд в данном деление отсутствуют отдельные аспекты, игнорирование которых в обеспечение системы безопасности региона невозможна.

Этно-территориальные споры- Одним из важных регионов для обеспечения безопасности в ЦА является Ферганская долина, так как она является потенциальным очагом для конфликтных ситуаций. Если попытаться провести аналогию с теорией высказанной З. Бжезинский в своей книге [5, 89] то Ферганскую долину можно сравнить с европейскими Балканами, так как она также как и Балканы является пороховой бочкой Центральной Азии. Этно-территориальные проблемы являются наследием СССР, так как границы национально-территориального размежевания за время существования советского союза нередко проводились произвольно, без учета этнических и политических реалий. Политико-административное деление региона очень часто перекраивалось, причем руководство СССР того времени не очень беспокоили национальные и этнические соображения. А национальная политика Коммунистической партии исходила из того, что по мере продвижения страны по пути социалистического развития национальные различия вообще будут стираться. Таким образом, Ферганская долина стала одним из ярких примеров промаха политики национально-территориального размежевание. Ферганская долина расположена на территории трех государств ЦА Согдийская область Таджикистана, Ошская, Джелал-Абадская и Баткенская области Киргизии, Ферганская, Наманганская и Андижанская области Узбекистана. Территория Ферганской долины отличается высоким уровнем перенаселенности (7 млн человек, из них 75% в сельской местности). Также именно на территории Ферганской долины сосредоточены этно-территориальные и погранично-территориальные споры, которые на сегодняшний день являются одним из самых актуальных в фарватере регионального взаимодействия. Наиболее острым

моментом в вопросе урегулирования границ является проблема этнических анклавов, представляющая собой постоянный фактор напряженности в отношениях Таджикистана, Киргизии и Узбекистана. Всего на территории Ферганской долины расположено восемь анклавов, три из которых принадлежат Таджикистану, два – Киргизии и один – Узбекистану. Ферганская долина представляет собой самый густонаселенный, исламизированный и конфликтогенный район в Центральной Азии. Конфликты чаще всего здесь возникают из-за дефицита воды, пастбищ, сельхозугодий, а также в знак протеста против постоянно ожесточающегося режима пересечения границ. В этой связи было бы целесообразного включит в повестку дня региональных взаимоотношений урегулирования проблем в Ферганской долине. Организовать экспертную комиссию, в состав которой будут входить эксперты ЦА для разрешения и урегулирования спорных ситуаций в Ферганской долине. Было бы целесообразно пригласить не только экспертов трех стран, которые имеют территорию в Ферганской долине, но также и экспертов третьих стран региона Казахстана и Туркменистана которые могли бы стать своего рода арбитрами данных групп. Политический фон, который уже создан в рамках регионального сотрудничества у стран региона может стать фундаментом для решения острых проблем. Например в 2002-2003 гг. между Кыргызстаном и Таджикистаном была проведена процедура возврата арендованной Таджикистаном территории с 1942 г. В 57, 8 тыс. га Кыргызстану(поселок Сарымгол). Согласование спорных участков границ состоялся ряд заседаний таджикско-кыргызской Межправительственной комиссии по комплексному рассмотрению двусторонних вопросов. Из 970 км общей кыргызско таджикско границы было согласовано 541км. Учитывая сложную историю формирования современных границ не только РТ и КР, но и всех государств ЦА, обе стороны осознают, что политизация этого вопроса не допустима и не должна быть источником какого либо негативных явлений в межэтнических взаимодействиях приграничного населения. [6, 78]

Несмотря на наличие проблем в регионе до сегодняшнего дня не было открытого противостояние в регионе, данный факт свидетельствует о самом главном, о том, что в странах существует политическая воля для мирного решения споров, а также выработки взаимовыгодных соглашений двустороннего и многостороннего формата. Несмотря на геополитические императивы, которые диктуют иногда определённые русло и вектор сотрудничества принципы регионального партнёрства должны базироваться на столпах взаимного доверии, паритетности и координации.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ГАРАНТ РЕГИОНАЛЬНОЙ СТАБИЛЬНОСТИ В ЦА

В данной статье рассматривается и анализируется обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан в рамках региональных взаимоотношений. Стратегические интересы и внешнеполитические приоритеты Душанбе рассматриваются через призму обеспечение безопасности и ее влияние на региональную безопасность всей Центральной Азии.

Необходимо отметить, что в регионе существует ряд вызовов и угроз которые необходимо решать коллективно странами региона. Клубок противоречий который существует регионе необходимо решать методом политического диалога и консенсуса. Авторы затрагивают одну из основных проблем которые существует в региональном формате взаимоотношений, а именно этно-территориальный фактор.

Ключевые слова: *Региональная подсистема, национальная безопасность, актор, Центральная Азия, Таджикистан, стратегия*

ENSURING THE NATIONAL SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS A GUARANTOR OF REGIONAL STABILITY IN THE CENTRAL AFRICAN REPUBLIC

This article considers and analyzes the national security of the Republic of Tajikistan within the framework of regional relations. Dushanbe 's strategic interests and foreign policy priorities are viewed through the lens of security and its impact on regional security throughout Central Asia.

It should be noted that there are a number of challenges and threats in the region that need to be addressed collectively by the countries of the region. The tangle of contradictions that exists in the region needs to be resolved through political dialogue and consensus. The authors raise one of the main problems that exists in the regional format of relations, namely the ethno-territorial factor.

Keywords*: strategy, regional subsystem, actor, national security, Central Asia, Tajikistan.*

Сведения об авторах:

Мирзоев Ниёз Мирзоевич – *д. и. н., профессор отдела экономических и гуманитарных наук НИИ ТНУ Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: 919160023.*

Комилова Хосият *– докторант отдела социально- экономических и гуманитарных наук НИИ ТНУ Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: 985622323.*

About authors:

Mirzoev N. M. *- doctor of historical Sciences, Professor chief researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: Tajikistan Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru Phone: (+992) 919-16-00-26*

Komilova Khosiyat *– PhD student, Department of Social, Economic and Humanitarian Sciences, Research Institute of TNU Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Phone: 985622323.*

ЛИТЕРАТУРА

1. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2011 г., No 6, ст. 434; 2014 г., No11, ст. 646; Закон РТ от 15. 03. 2016 г., No 1283)
2. Buzan, Barry; Wæver, Ole (2003). *Regions and Powers: The Structure of International Society*. Cambridge, United Kingdom: The Press Syndicate of the University of Cambridge. pp. 6–20, 41–47, 77–82.
3. А. Н. Махмадов, И. К. Асадуллаев. Национальный интерес Таджикистана. Душанбе 2009
4. Шарипов А. Новые угрозы безопасности государств Центральной Азии в условиях формирования полицентричного мира. Материалы конференции. Новые государства Центральной Азии в условиях формирования полицентричного мира (Душанбе, 16 марта 2017г.)-Душанбе: Ртсу, 2017. -265
5. Бжезинский З. Великая шахматная доска. Господство Америки и его геостратегические императивы. М.: Международные отношения, 1998.
6. Керим Н. Кыргызстан- Таджикистан: Развитие концепта «малых стран» и укрепление политических и экономических позиций в Центральной Азии. /Кыргызстан-Таджикистан курс на укрпеление партнерства в контексте региональных связей.. Бишкек. 2010. -117с

УДК:930(575. 3+510)

ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИИ ЧИН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИИ РОБИТАҲО

Мирзоев Н. М., Мирзоев Ҳ., Нурова Л.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Мардумии Чин ба қатори он кишварҳое дохил мешавад, ки дар рушди иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон накши бузург дорад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишвари бузурги минтақа ҳамкории зичро ба рох мондааст. Имрузҳо гардиши мол байни ду кишвар милиардҳо доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин Комиссияи байниҳукуматии тоҷикию чинӣ доир ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ амал мекунад. Робитаҳои Тоҷикистону Чин бо суръат рушд намуда хамеша дар холати тагйирёбии мусби карор доранд. Ин кишвари ҳамҷавор аллакай дар аввали солҳои навадуми асри гузашта, замони ба истиқлоли давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба як кишвари бузург аз нигоҳи иқтисодӣ табдил ёфта буд. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ, даромади пасти аҳолӣ ва набуди гузаргоҳи сарҳадии мустақим имконият намедод то гардиши умумии молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Чин ба таври назаррас зиёд гардад. Танҳо аз соли 2004 сар карда, гардиши умумии мол бо суръати баланд афзоиш ёфт, ки ҳиссаи содироти Чин дар он ба маротиб аз содироти Тоҷикистон зиёд буд. Сабаби суръат гирифтани тиҷорат бартараф шудани ноамнӣ, зиёд шудани даромади мардум ва кушода шудани гузаргоҳи сарҳадии Кулма-Қаросу миёни Тоҷикистону Чин буд.

Бо вуҷуди он ки дар замони муосир роҳҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ рушди зиёд карданд ва аксари молҳои тиҷоратии Чин ба воситаи баҳрҳо ва уқёнусҳо ба бозорҳои минтақа ва ҷаҳонӣ бароварда мешавад, хатти заминии «Роҳи Абрешим» аҳамияти худро гум накардааст. Мушкилоти амниятӣ дар роҳҳои баҳрӣ ва гаронии боркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ сабаб гардидааст, ки ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин барномаи бозсозии «Роҳи бузургӣ Абрешим»-ро рӯйи даст гирад ва дар баробари амалӣ сохтани он ба кишварҳои минтақа маблағҳои зиёдеро дар шакли қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуддатро бидиҳад. Кишварҳои минтақа бо истифода аз ин маблағҳо роҳҳои автомобигард

ва роҳҳои оҳан месозанд ва ё роҳҳои фарсудаи мавчударо бозсозӣ мекунанд. Қубурҳои интиқоли газ низ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Руссия ба Чин сохта шудаанд ё дар ҳоли сохта шудан ҳастанд, ки дар солҳои наздик мавриди истифода қарор мегиранд.

Пурра сохта шудани хатти тиҷоратии «Шоҳроҳи Абрешим» шароити расидани маҳсулоти чиниро ба бозорҳои Осиёи Миёна, Федератсияи Руссия, Қафқоз осон мегардонад ва Чин метавонад ашёи хом ва нафтро аз ин минтақаҳо дастрас кунад. Дар шароити пайдо шудани мушкилот дар роҳи баҳрӣ «Роҳи абрешим» аҳамияти чандкарата пайдо карда, Чинро аз инҳисори иқтисодӣ раҳо мекунад. Бинобар ин, Чин бо сарфи миллиардҳо доллари амрикоӣ барои сохта ба истифода додани шоҳроҳи мазкур мусоидат карда истодааст. [9, С 126-127]

Дар баробари омилҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин, дар доираи масъалаҳои амниятӣ ҳам ба роҳ монда шудаанд ва пешравиҳои мушаххас дорад. Дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай масъалаҳои амниятӣ ва мушкилоти марзӣ миёни кишварҳои аъзо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Махсусан, бар зидди вабои асри нав терроризм, Созмони мазкур мубориза бурда истодааст. Бо роҳи ҳамкориҳои амниятӣ дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай Чин мехоҳад бо се мушкил, ки онҳоро «се бадӣ» меномад мубориза барад. Ин се бадӣ терроризм, сепаратизм ва экстремизм мебошанд, ки ба худи Чин хатари бузург доранд. [9, С 126-127]

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Чин ҳам дар соҳаи тиҷорат ва ҳам дар масоили амниятӣ тули солҳои истиқлолияти Тоҷикистон рушди бемайлон доштанд. Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон захираҳои нафту газ надорад, аммо ҳамкориҳо иқтисодӣ вуҷуд доранд ва Чин яке аз шарикони асосии тиҷоратӣ ва бузургтарин сармоягузор барои кишвари мо маҳсуб меёбад. Дар ҷадвали 1 маълумот оиди содироту воридоти Тоҷикистон ба Чин, гардиши умумии молу маҳсулот миёни ду кишвар ва касри тиҷории Тоҷикистон бо ин кишвар оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Тиҷорати Тоҷикистону Чин (1992-2017) (милл. долл. ИМА)

Солҳо	**Воридот (милл. долл. ИМА)**	**Содирот (милл. долл. ИМА)**	**Гардиши умумии мол**	**Касри тиҷорӣ**
1992	1, 95	0, 80	2, 76	1, 15
1993	6, 48	5, 88	12, 35	0, 60
1994	0, 67	2, 50	3, 18	-1, 83
1995	14, 61	9, 24	23, 86	5, 37
1996	7, 64	4, 08	11, 71	3, 56
1997	11, 04	9, 18	20, 23	1, 86
1998	11, 03	8, 19	19, 22	2, 85
1999	2, 30	5, 74	8, 04	-3, 45
2000	6, 79	10, 38	17, 17	-3, 58
2001	5, 30	5, 45	10, 75	-0, 15
2002	6, 50	5, 89	12, 39	0, 62
2003	20, 81	18, 01	38, 82	2, 80
2004	53, 56	15, 37	68, 93	38, 19
2005	143, 74	14, 20	157, 94	129, 54
2006	305, 78	18, 00	323, 78	287, 78
2007	513, 77	10, 28	524, 05	503, 48
2008	1479, 68	20, 24	1499, 93	1459, 44
2009	1217, 57	184, 98	1402, 56	1032, 59
2010	1376, 50	56, 05	1432, 55	1320, 45
2011	1996, 78	72, 23	2069, 01	1924, 55
2012	1747, 87	108, 83	1856, 70	1639, 04
2013	1869, 36	88, 75	1958, 11	1780, 61
2014	2468, 24	47, 70	2515, 94	2420, 54
2015	1795, 39	52, 03	1847, 42	1743, 35
2016	1725, 08	31, 24	1756, 33	1693, 84
2017	1301, 37	46, 74	1348, 11	1254, 64

Манбаъ: сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ[12]

Тиҷорати Тоҷикистон бо Чин дар тули ин солҳо рушди назаррас доштааст. Агар солҳои навадумро бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ сарфи назар кунем аз соли 2001 то 2017 гардиши умумии молу маҳсулот тақрибан 125 маротиба зиёд шудааст. Мутаасифона, содироти Тоҷикистон қариб дар ҳама солҳо аз воридот кам будааст. Касри тиҷории кишвари мо бо Чин дар соли 2017 ба 1 254 миллион доллари ИМА баробар шудааст. Дар ин сол агар Тоҷикистон аз Чин ба маблағи 1 301 миллион доллари ИМА молу маҳсулот ворид карда бошад, содирот ба ин кишвар тақрибан 47 миллион доллари ИМА будааст. [10]

Гароиши тиҷорати Тоҷикистон бо Чинро дар солҳои 1992-2017 дар намудори 1 дида метавонем.

Намудори 1. Гароиши содироту воридот



Дар намудори 1 дида метавонем, ки аз агар то соли 2004 содироту воридот аз якдигар фарқияти баланд надошта бошанд, аз соли 2005 воридоти мо аз Чин бо суръат боло рафтааст. Содирот ба ин кишвар аз Тоҷикистон натавонистааст бо ҳамон суръат боло равад. Танҳо дар солҳои 2008-2009 қисман пешравии назаррасро дида метавонем. Вале пас аз сар задани буҳрони молиявии ҷаҳонӣ боз ин омор рӯй ба коҳишёби овардааст. Баландтарин адад дар воридоти Тоҷикистон аз Чин ба соли 2014 рост меояд, ки он 2 468 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекунад. Содирот бошад дар соли 2008 аз ҳама баландтар буд ва он ба 185 миллион доллари ИМА баробар буд [13]. Дар намудори 2 гароиши гардиши умумии молу маҳсулот миёни ду кишвар нишон дода шудааст.

Намудори 2. Гардиши умумии мол



Азбаски саҳми воридоти Тоҷикистон аз Чин аз саҳми содироти мо ба ин кишвар ба маротиб зиёд аст, тасвири гардиши умумии мол шакли гароиши воридотро мегирад, ки дар намудори 1 оварда шудааст. Гардиши умумии молу саҳсулот ба монанди воридоти мо аз Чин дар соли 2014 аз ҳама бештар аст, ки он 2 516 миллион доллари ИМА-ро ташкил кардааст. Пас аз он дар се соли оянда бо сабабҳои муайян он гароиши манфӣ дорад ва дар соли 2017 ба 1 348 миллион доллари ИМА баробар шудааст. Яъне қариб ду баробар кам шудааст. [14]

Чин бузургтарин сармоягузор ва қарздиҳандаи Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин кишвар дар соли 2018 ба иқтисодиёти Тоҷикистон маблағи баробар ба 330, 5 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ кардааст, ки ин 51, 3 дарсади сармояи умумии хориҷӣ дар Тоҷикистонро дар ин сол ташкил медиҳад. Тибқи маълумот аз сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маблағ ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ, олақа, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноати сохтмонӣ, истихроҷ ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ ва газӣ ва кишоварзӣ равона карда шудаанд. Аз маълумоти сомонаи мазкур бармеояд, ки аз соли 2007 то соли 2018 дар миёни 61 кишваре, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузорӣ кардаанд, Чин ҷойи якумро ишғол менамояд. Ин кишвар дар ин давра дар маҷмуъ сармоягузории баробар ба 2 580, 5 миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон кардааст, ки 27, 9%-и сармоягузории умумии кишварҳои хориҷӣ дар Тоҷикистонро ташкил медиҳад[15]


Дар намудори 3 панҷ кишвари асосии сармоягузори Тоҷикистон оварда шудааст, ки сармояи умумии онҳо дар ин давра 65, 5 дарсади сармояи умумии хориҷиро ба кишвари мо ташкил медиҳад. [7]

Намудори 3. Кишварҳои асосии сармоягузори Тоҷикистон дар солҳои 2007-2018




Дар баробари тиҷорат ва сармоягузории мустақим, Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Тоҷикистон қарзҳои имтиёзнок медиҳад. Маблағҳои қарзӣ асосан барои маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ истифода мешаванд, ки барои рушди иқтисодии кишвар зарур мебошанд. Агар ба сохтори қарзи хориҷии Тоҷикистон дар соли 2016 назар кунем, Чин тавассути Эскимобонк аз ҳама зиёд ба Тоҷикистон қарз додааст. Ҳаҷми он дар соли 2016 ба 1 197, 31 миллион доллари амрикоӣ баробар буда, 52, 65 дарсади ҳаҷми умумии қарзи хориҷии кишварро ташкил медиҳад. Сохтори қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016, тибқи маълумоти Вазорати молияи Тоҷикистон, дар намудори 4 оварда шудааст. [15]

Намудори 4. Сохтори қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2016



Дар боло қайд карда шуд, ки сабаби суръат гирифтани тиҷорат бартараф шудани ноамнӣ, зиёд шудани даромади мардум ва кушода шудани гузаргоҳи сарҳадии Кулма-Қаросу миёни Тоҷикистону Чин буд. Аммо омили асосии болоравии нишондиҳандаҳои тиҷоратӣ кадом буд? Албатта амният ва оромие, ки фароҳам шуда буд, заминаи хубе барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар буд ва кушодашавии гузаргоҳи сарҳадии Кулма-Қаросу шароитро барои зиёдшавии тиҷорати Тоҷикистону Чин фароҳам меовард. Аммо даромади аҳолӣ бе шак дар ин ҷо нақши калидӣ дошт ва даромади аҳолӣ дар ду даҳаи охир бештар ба муҳоҷират рабт дошт. Бинобар ин, санҷиши омории ҳамбастагии тағйирёбандаи гардиши умумии мол миёни Тоҷикистону Чин бо маблағи интиқолшудаи муҳоҷирони тоҷикистонӣ аз хориҷи кишвар дар ин ҷо мувофиқи мақсад аст. Бо ҳамин мақсад нахуст ҳамбастагии ин ду нишондиҳандаро дар солҳои 2002-2017 дар шакли намудори нуқтаӣ дида мебароем.

Намудори 5. Ҳамбастагии гардиши мол миёни Тоҷикистону Чин бо интиқоли пули муҳоҷирони тоҷикистонӣ аз хориҷи кишвар



Аз намудор ба осонӣ метавон дид, ки рушди тиҷорат миёни Тоҷикистону Чин бо маблағи интиқолкардаи муҳоҷирон вобастагии зич дорад. Яъне бо зиёд шудани маблағи интиқолшуда гардиши мол миёни ду кишвар зиёд мешавад.

Бо вуҷуди он ки рушди тиҷорат вобастагии бештар ба даромади муҳоҷирон дорад, сармоягузории мустақим ва ғайримустақими Чин дар Тоҷикистон натиҷаи ба роҳ мондани сиёсати дуруст аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳамсояҳои худ ба роҳ мондааст. Тоҷикистон ва Чин ҳануз дар моҳи майи соли 2013 тавофуқномаи ҳамкории стратегиро ба имзо расонида буданд, ки заминасози тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ гардид. Дар доираи ин тавофуқнома ду кишвар дар соҳаҳои энергетика, инфрасохтор, истихроҷ, кишоварзӣ ва ғайра ҳамкориҳоро бештар карданд, ки дар натиҷа сармоягузории Чин дар Тоҷикистон зиёдтар шуд. [5, с.86-88]

Дар муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Чин як чанд мушкилро метавон номбар кард. Пеш аз ҳама ин мушкилии қарз мебошад, ки метавонад як кишвари кучакро вобастаи Чини бузург гардонад. Дар ҳолати пайдо шудани мушкилӣ дар пас гардонидани маблағҳои қарзӣ, Чин метавонад иншоотҳоеро, ки дар он маблағҳои мазкур сарф шудаанд, бо шароити ба худ мувофиқ, иҷораи дарозмуддат гирад. Таҷрибаи кишвари Шри Ланка далели ин гумонҳо буда метавонад. Баъдан, мушкили муҳити зист вуҷуд дорад. Корхонаҳое, ки бо сармояи чинӣ фаъол мешаванд бештар хосияти олудасозии муҳитро доранд. Аз ҷумла, корхонаҳои истеҳсоли семент ва арматур чунин характерро доро мебошанд. Коркарди конҳо низ дар худ нигарониҳои муҳити зистиро доранд.

Бартараф сохтани мушкилоти номбаршуда пеш аз ҳама ба фаъолияти дурусти мақомоти давлатии худи Тоҷикистон вобаста аст. Идораи дурусти қарзи давлатӣ, ки ба сари вақт баргардонидани маблағҳои қарзӣ мусоидат мекунад, мушкили қарзҳоро бартараф хоҳад кард. Пурзӯр кардани назорат аз болои фаъолияти корхонаҳое, ки эҳтимолияти ифлос кардани муҳити зистро доранд ва бозбинии талаботҳо барои фаъолияти чунин корхонаҳо, мушкили муҳити зистро низ бартараф карда метавонад.

Таҳлили раванди ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Чин дар гузашта нишон дод, ки дар тули ин солҳо ҳамкориҳо гароиши мусбӣ доштаанд. Дар асоси ин метавон гуфт, ки дар оянда ин

ҳамкориҳо боз ҳам зичтар хоҳанд шуд. Пайванди роҳҳои заминӣ ва ҳавоӣ ва мавҷудияти заминаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба рушди ин ҳамкориҳо мусоидат мекунанд. Дар оянда хати қубурии интиқоли газ аз Туркманистон тавассути Узбакистон, Тоҷикистон ва Қизғизистон ба Чин як саҳифаи дигарро дар муносибатҳои ду кишвар изофа хоҳад кард. Ду кишвари ҳамҷавор аз ҳама имкониятҳо истифода бурда, ҳамкориҳои иқтисодии мутақобилан судманди худро зиёдтар карда метавонанд.

АДАБИЁТ

1. Бергер Я. М. Экономическая стратегия Китая. М. 2009. стр. 140.
2. Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана Душанбе -2010 стр. 31.
3. Корсун. В. А. Внешняя политика Китая на пороге XX1 века. М. 2002.
4. Лузянин С. Г. Россия и Китай в Центральной Азии. М. 2005. стр. 34-37.
5. Саидов З. Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан. Д. 2017. стр. 86.
6. Строительство таджикского участка газопровода. [манбаиэлектронӣ] URL:https://www. south-invest. com/xh-stroitelstvo-tadzhikskogo-ushastka-gazoprovoda(30. 03. 17)
7. Саидов З. Таджикистан:межгосударственные отношения в период становления внешней политики. Душанбе. 2012 стр. 67.
8. Холиқназаров Х. Республика Таджикистан и Китайская Народная Республика – сотрудничество во имя развития. Душанбе. 2012. с. 60
9. Экономический диалог «Китай – Центральная Азия»: проблемы и возможные перспективы» //Китай в мировой и региональной политике. Выпуск XI. М. :ИДВ РАН, 2006. С. 179-211.
10. Яковлев А. Г. Россия, Китай и мир. М. 2002. стр. 150.
11. Cinese Product exports to and imports from Tajikistan 2017 (https://wits. worldbank. org/countryprofile/en/country/jpn/year/2017/tradeflow/expimp/partner/tjk/product/all-groups#)
12. Омори сармоягузории хориҷӣ https://investcom. tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-h ori. html
13. China, Tajikistan establish strategic partnership http://www. chinadaily. com. cn/china/201305/20/content_16513300. htm
14. В Таджикистане потенциального загрязнителя воздуха освободили от уплаты налога на прибыль https://teletype. in/@asiaplus/s1ihjfxds?fbclid=iwar0akugvoonrsmwfyxsax9y3mqwqbau3cfdvsm3y1vksk3cqq4a0kv-m0vk
15. Ҳамкориҳои иқтисодӣ https://tajikembassychina. org/tj/podpisanie-aktov/
16. China’s economic penetration into Post-soviet Central Asia and Eastern Europe http://lfpr. lt/wp-content/uploads/2015/09/lfpr-30-andrijauskas. pdf
17. Study on China’s Investment In Central Asia https://ijier. net/index. php/ijier/article/view/1409

ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА

Статья посвящена обзору межгосударственных, финансово-экономических отношений Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в новую эпоху. В статье анализируются межгосударственные документы, приоритетные направления экономического сотрудничества Таджикистана и Китая, проблемы и перспективы сотрудничества в этой области, а также оцениваются положительные и эффективные результаты этого сотрудничества. Китайская Народная Республика была одной из первых стран, которые развили свои экономические связи с Республикой Таджикистан и стали стратегическим партнером в этой области сотрудничества. На сегодняшний день финансирование этого крупного соседа завершается рядом стратегических проектов, и также ожидается, что в будущем это будет способствовать реализации энергетических проектов в нашей стране, включая строительство тепловых и гидроэлектростанций. Таджикистан будет. Укрепление экономических и финансовых связей является логическим продолжением дружественных отношений между двумя дружественными странами, хорошим признаком развития экономических и политических отношений между двумя соседними странами.

Ключевые слова: *наука, академия наук, институт, независимость, отношения, сотрудничество, экономика, договор, образования культура, суверенитет, стратегия, развития, перспективы, безопасности.*

ECONOMIC COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA: PROBLEMS AND PROSPECTS OF COOPERATION

The article is devoted to the review of interstate, financial and economic relations of the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China in the new era. The article analyzes interstate documents, priority areas of economic cooperation between Tajikistan and China, problems and prospects of cooperation in this area, as well as evaluates the positive and effective results of this cooperation. The People's Republic of China was one of the first countries to develop its economic ties with the Republic of

Tajikistan and become a strategic partner in this area of cooperation. Today, financing of this large neighbor is being completed with a number of strategic projects, and it is also expected that in the future it will contribute to the implementation of energy projects in our country, including the construction of thermal and hydroelectric power plants. Tajikistan will be. Strengthening economic and financial ties is a logical continuation of friendly relations between two friendly countries, a good sign of the development of economic and political relations between two neighboring countries.

Keywords: *science, academy of sciences, institute, independence, relations, cooperation, economy, contract, education culture, sovereignty, strategy, development, prospects, security.*

Сведения об авторах:

Мирзоев Н. М. *- доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук НИИ ТНУ.* ***Адрес:*** *Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru Телефон: (+992) 919-16-00-26*

Мирзоев Хабибджон - научный сотрудник Научно исследовательского института Таджикского национального университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон 933-60-94-94. E –mail: diplomat.tj94@mail.ru

Нурова Лутфия Нуровна *– младший научный сотрудник Научно-исследовательского института Таджикского национального университета.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон:****919-50-99-50****. E-mail: lutfiyanurova. 83@mail. ru*

About the authors:

Mirzoev N. M. *- doctor of historical Sciences, Professor chief researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: Tajikistan Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru Phone: (+992) 919-16-00-26*

Mirzoev Habibjon *- researcher of scientific research Institute of the Tajik national University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 933-60-94-94. E –mail: diplomat. tj94@mail.ru*

Nurova Lutfia Nurowna *– Junior researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. Phone: 919-50-99-50. E-mail: lutfiyanurova. 83@mail. ru*

УДК:930(575. 3+510)

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ДОИРАИ СҲШ

Мирзоев Н. М., Мирзоев Ҳ. Т.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 пас аз соҳибистиқлол шудан ба марҳилаи сифатан нави таърихи давлатдории худ гом гузошт, имконияти воқеии рушд ва таҳкими истиқлоли давлатӣ ба даст овард ва фаъолона ба раванди муносибатҳои сиёсию иқтисодии системаи ҷаҳонӣ ҳамроҳ шуд. Ба даст овардани истиқлоли комили сиёсӣ ба Тоҷикистон шароит фароҳам овард то сиёсати хориҷии худро мустақилона пеш барад ва ҳамзамон самтҳои афзалиятноки равобити байнидавлатиро муайян намояд.

Зимнан маврид ба зикр аст, ки сиёсати хориҷии ҶТ дар асоси муқаррароти Конститутсия, Эъломия дар бораи соҳибистиқлолии давлатӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ки ба марҳалаи нави таърихи фаъолияти байналмилалии ҶТ мусоидат мекунад, равона аст. Ташаккулии сиёсати берунии Тоҷикистон дар шароити навини таърихӣ, муташаккилшавии вазъи ҷаҳонӣ, рушди босуръати технологияи навин рақобатҳои геостратегию геополитикии давлатҳои абарқудрат ба амал омад. Баъди соҳибистиқлолии кишвар расман зиёда аз 130 давлати дунё шинохт ва анқариб 90 кишвар равобити дипломатиро бо ҶТ барқарор намуд, ки аз он 44 кишвар сафирони доимии худро доранд. Имрӯз ҶТ ба ҳайати ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ шомил аст, инчунин ҳамкориҳои

дӯстонаро бо даҳҳо давлатҳои ҷаҳон мустаҳкам намуда, бо бузургтарин ширкатҳои молиявӣ ва бонкӣ равобити ҳасана дорад. Дар кишвар зиёда аз 67 намояндаҳои хориҷӣ, 20 намояндаҳои байниҳукуматӣ ва 18 намояндаҳои ташкилотҳои ғайридавлатӣ аккредитатсия шудаанд. Дар робита бо ҳамкориҳои ҶТ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ метавон гуфт, ки кишвар сиёсати муваффақонаи бисёрсамтаи худро дар чаҳорчуби ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз қабили СММ, Иттиҳоди Аврупо, САД, ИДМ, СҲШ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва амсоли он ба роҳ мондааст. Маврид ба зикр аст ки кишвар зиёда ба 170 конвенсияҳои муҳими байналмилалӣ шомил гардидааст. [1]

Ҳамкориҳои бисёрсамтаи ҶТ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ комилан ба манофеи миллии кишвар мувофиқат мекунад, ва ин ҳамкориҳо имрӯз дар тамоми самтҳои манофеи умумӣ – сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, савдо, илму техника, фарҳанг ва маориф дар ҳоли рушд қарор дорад.

Дар раванди ташаккули сиёсати хориҷии ҶТ яке аз самтҳои афзалиятҳои ҳамкориҳои кишвар бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ин ҳамкориҳо бо кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) ба шумор мерафт. Шаклгирии ин созмони нодири минтақавии байналмилалӣ амалан, давра ба давра, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар чараёни музокирот оид ба масоили марзӣ байни Гурӯҳи муттаҳидаи ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ, ки бо Хитой марзи муштарак доранд, аз як тараф ва Ҷумҳурии Халқии Хитой аз чониби дигар, оғоз шуда буд[2]. Ин музокирот асосан, аз соли 1992 то соли 2000 гузашта, дар соли 1997 аллакай асос барои ташаккули «Панҷгонаи Шанхай» маҳфили (клуби) сиёсии кишварҳои алоқаманд ба ҳалли масоили сарҳадӣ, гузошта шуд. Маҳз дар заминаи ин маҳфили сиёсӣ, 15 июни соли 2001 «Созмони Ҳамкории Шанхай» арзи вуҷуд намуд. Мубрамияти ҳамкории ҶТ Бо СҲШ аз чандин сабабҳо иборат аст. Бешубҳа яке аз сабабҳои асоси ин тағйир ёфтани низоми тартиботи ҷаҳонӣ. Махсусан, аз системаи сиёсии ҷаҳон берун шудани ИҶШС(СССР), эҷоди низоми бисёрсамта, ташкили давлатҳои нав, масоилҳои нави мушкилотии ҷаҳонӣ кишварҳоро водор намуд, ки роҳҳалҳое барои баркарории тавозун сиёсӣ, амният ва масоили иқтисодиро дар муҳити ҳамкориҳои бисёрҷониба дар чаҳорчуби ташкилоту созмонҳо ба роҳ монанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз пайомадҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба равандҳои муосири ҳамгироии ҷаҳонӣ фаъолона ворид шуд ва сиёсати пешгирифтаи давлат махсусан сиёсати «дарҳои боз» имкон фароҳам овард то ки муносибатҳои дустонаро бо соири кишварҳо бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва воқеияти геополитикаи ҷаҳонӣ моҳирона ба миён гузорад. Ҳамзамон кишвар кӯшишҳои зиёдеро ҷиҳати демократикунонии ҷомеа ба амал овард.

Аслан андешаи таъсиси Панҷгонаи Шанхай дар раванди музокироти марзӣ миёни Чин бо Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омад. Муваффақона ҳал гардидани баҳсҳои марзӣ имкони ҳамкориҳои кишварҳои болозикрро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитариродар шакли модели нав ба роҳ монад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз муасисони Созмони ҳамкории Шанхай мебошад, асоси иштироки фаъол дар СҲШ тайи 18 солро омилҳои зерин ташкил доданд: ҳифзи сулҳу субот дар минтақа, муборизаи муштарак бо терроризми байналмилалӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа; дурнамои иштирок дар ҳамкории минтақавии тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар ҳудуди васеи аврупоосиёӣ; ҷалби сармояи иловагии берунӣ ба бахши энергетикаи кишвар ва имконияти азхудкунии муштараки сарватҳои табии мамлакат.

Кишварҳои узви СҲШ фаъолона дар доираи созмон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда стратегия ва сохтори идоракуниро ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои созмон коркард намудаанд.

Ҳамкориҳо дар доираи созмон барои ҶТ яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ба шумор меравад. Гузашта аз он барои дипломатияи тоҷик СҲШ тамоман саҳифаи нав аст.

Ҷумҳурии мардумии Чин (ҶМЧ), ки метавон онро яке аз муассисони асосии созмон гуфт муҳимтарин актори амалкунандаи сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аст.

Робитаҳо байни халқҳои тоҷику чин ба умқи қарнҳо расида, ҳанӯз аз даврони қадим халқҳои тоҷику чин байни якдигар робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ дошта, дар тӯли асрҳо тавассути Шоҳроҳи бузурги абрешим бо ҳамдигар муносибатҳои доманадор доштанд. Дар тули 150 соли охир бо тасарруфи Осиёи Миёна аз тарафи Россия Хитой ба ин минтақа таваҷҷӯҳ намекард ва дар ин солҳо Осиёи Миёна таҳти тасарруфи Россияи подшоҳӣ, баъдан дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ қарор дошт.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ вазъият дар Осиёи Миёна комилан дигар шуд. Дар Осиёи Миёна ҷумҳуриҳои нави соҳибистиқлол ба вуҷуд омаданд. Дар даврони навин робитаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хитой мазмун ва мундариҷа, характер ва самтҳои нав ба худ касб намуданд. Ҷумҳурии Мардумии Чин низ яке аз кишварҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тоҷикистон бо ин ҳамсоякишвари шарқӣ робитаҳои густурдаи иқтисодӣ ва сиёсиро дар сатҳи шарокати стратегӣ ба роҳ мондааст. 4 – уми январи соли 1992 байни ин ду кишвар робитаҳои дипломатӣ барқарор гардида, пас аз як моҳ 12 – уми марти ҳамон сол сафорати дипломатии он кишвар дар Душанбе ба фаъолият оғоз намуд.

Дар сиёсати пешгирифтаи ҶТ ҳамкорӣ бо ҶМЧ мавқеи махсус дорад. Заминаҳои асосии ҳуқуқии ҳамкориҳои ҶТ ва ҶМЧ ин «Баёнияи муштарак оиди барқарор намудани равобити дипломати миёни ҶТ ва ҶМЧ» аз 4 январи соли 1992, инчунин «Аҳднома дар бораи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни ҶТ ва ҶМЧ» ба шумор меравад. Дар ҳоли ҳозир зиёда аз 100 шартномаҳои муҳим, ки метавонад ба рушди ояндаи равобити ҳамсогӣ мусоидат кунад, ба имзо расидааст. Ҳамкориҳои густардаи кишвар бо ҶМЧ бештар дар самти иқтисодӣ ва сармоягузорӣ назаррас буда, дар рушди иқтисоди ҶТ нақши муҳим дорад.

Сарфи назар аз таъсири манфии буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, гардиши савдои хориҷӣ миёни кишварҳо афзоиш дорад. Ҳаҷми мубодилаи молу маҳсулот дар соли 2018 651, 2 млн. дол. ИМА ро ташкил дода нисбати соли 2017 59, 6 млн. дол. ИМА коҳиш ёфтааст. Бояд қайд кард, ки ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба иқтисодиёти ҶТ аз соли 2007 то соли 2019 9, 36 млрд. дол. ИМАро ташкил додааст, ки ҳиссаи сармоя аз ҶМЧ 28, 3%ро дар бар мегирад. Махсусан таҷрибаи реформа дар ҶМЧ нишон дод, ки сарчашмаи муҳими равандҳои иқтисодӣ ин сармоягузориҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Робитаҳои иқтисодию тиҷоратиӣ миёни тарафҳо рушд карда, сармоягузориҳои ширкатҳои чинӣ ба иқтисоди ҶТ рӯз то рӯз афзоиш меёбад. Дар кишвар зиёда аз 50 лоиҳаи иқтисодӣ бо сармояи Чин амалӣ гардиданд

Метавон за ҳамкории ширкати TALCO ва CNBM дар н. Шаҳритуси в. Хатлон ба маблағи зиёда аз 600 млн. дол. ИМА барои сохтани корхонаи сементбарорӣ ном бурд. [3]

Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар ба ҳисоб меравад. Ҷониби Чин манфиатдор аст, дар рушди деҳоти ҶТ сармоягузорӣ намояд. Бо ворид намудани технологияи нав ба хоҷагии деҳот ҷиҳати рушди парвариши пахта ва ба даст овардани фоидаи мутақобил ба назар мерасад.

ҶМЧ инчунин манфиатдор аст, ки дар барқарорсозӣ ва модернизатсияи системаҳои телекомуникатсионӣ Тоҷикистон ҳамкорӣ намояд. Имрӯз дар бозори телекомуникатсияи кишвар корхонаҳои ТК Mobile ва «М-ТЕСО» ширкати муштараки тоҷикию чинӣ ба шумор меравад. Дар кишвар зиёда аз 40 корхонаҳои муштарак амал мекунанд.

Аз қарзи пешниҳод намудаи ҶМЧ ба кишварҳои узви СҲШ, ки дар ҳаҷми 900 млн. дол. ИМА ро ташкил медод, ҶТ 639 млн. дол. ИМА ро қабул намуд. Амалисозии шартномаҳои қарзӣ ва лоиҳаҳое, ки июни соли 2006 дар ҷаласаи саронии давлатҳои узви СҲШ қабул шуда буд, имонияти дар амал татбиқ намудани лоиҳаи хати баландшиддати барқи «Лолазор Хатлон» ба вуҷуд омад. [4] Ҳамзамон декабри соли 2009 аз ҷониби мутахассисони чинӣ тарҳи «хати интиқоли барқӣ 500 кв Ҷануб Шимол» ба роҳ монда шуд. Дар солҳои охир тарҳҳои муштарак афзуда ширкатҳои чинӣ дар инфраструктураи меъмории кишвар саҳми зиёд доранд.

ҶТ ва ҶМЧ дар самти саноати кӯҳӣ имконияти бузурги ҳамкорӣ доранд. Пас аз ба роҳ мондани равобити дипломатӣ, ширкатҳои истихроҷи чинӣ ва сармоягузорони онҳо дар Тоҷикистон дар ҳоли рушд аст, алалхусус дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, ки аз сарватҳои зеризаминӣ ва табиӣ бой аст. Ширкатҳои чинӣ Zijin ва Tacheng, «Металли рангаи чинӣ», «Тайбо» ва «Чжонда» дар бозори Тоҷикистон яке бар замми дигаре сармоягузорӣ менамоянд. [5]

Инчунин тибқи нақшаи таҳияшуда дар ҳамкорӣ бо ширкати «Тебиан электрик аппаратус (ТВЕА)» масоили бунёд ва таҷдиди як зумра иншооти энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуд. Таваҷҷӯҳи зиёд ба сохтмони хатти 500 киловаттаи интиқоли нерӯи барқи Оби гарм-Душанбе ва Марказӣ барқу гармидиҳии Душанбе - 2 зоҳир гардид.

Сохтмони Марказӣ барқу гармидиҳии Душанбе - 2 бошад, тибқи тавофуқоти дар сатҳи олии сиёсӣ ҳосилшуда бояд тезонида шуда, дар зарфи як сол ба поён мерасад, ки аллакай як қисми он ба

истифода дода шудааст. Инчунин созишнома оиди ҳамкори бо директори ширкати «Жонгсинг» телекомуникейшн Эквипмент (ZTE) имзо расид, ки масоили ҳамкори дар соҳаи алоқа ва телерадиокомуникатсияро пешбини менамояд. Таъқид гардид, ки чунин ҳамкорӣ барои ҳамқадами рушди техникаю технологияи пешқадами ҷаҳонӣ шудан ва амалӣ намудани ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим аст.

Дар баробари ҳамкориҳои гуногунҷанбаи иқтисодӣ ҷумҳурии мо бо Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар соҳаи фарҳанг, илму моариф робитаҳои густурдаи ба роҳ андохтааст. Вазорати фарҳанг Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар амал тадбиқ намудани Созишнома дар бораи ҳамкориҳои фарҳангӣ, ки 27 декабри соли 1993 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Хитой имзо гардида буд, чораҳои мушаххас меандешад. [6] Тибқи ин Созишнома барномаи ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни вазоратҳои ду кишвар таҳия гардида як силсила чорабиниҳои хотирмони фарҳангӣ гузаронида шуданд. Соли 2006 рӯзҳои фарҳангӣ Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар шаҳри Душанбе намоиши асбобҳои мусиқии халқии чиниро ташкил намуд, рӯзҳои кинои чинӣ доир гардид. Дар шаҳри Душанбе маркази омӯзиши забони чинӣ таъсис ёфт. 28 декабри соли 2006 дар китобхонаи миллии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ гушаи «Фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Хитой» ташкил шуд, ки бинандагон бо мароқи зиёд аз он дидан мекарданд. Моҳи августи соли 2008, дар давоми сафари расмии Ху Цзинтао ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар созишномаи байни Донишгоҳи Давлатии миллии Тоҷикистон ва идораи асосии Институти Конфутсий ва ҳамкорӣ дар бунёди «Маркази фарҳангии таълимии Конфутсий дар Донишгоҳи Давлатии миллии Тоҷикистон" ба имзо расид. Аз моҳи марти соли 2009, Марказ дарҳои худро ба рӯи шунавандагони бешумораш боз намуд.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар соҳаи маориф хеле назаррас аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ ба илм ва фарҳанги Хитой хеле зиёд аст. Аз ин рӯ сафи омӯзандагонӣ забони чинӣ сол то сол бамаротиб меафзояд. Дар донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ гурӯҳҳои забони чинӣ амал мекунанд. Дар Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази Конфутсия фаъолият менамояд, ки дар он донишҷӯёни тоҷик забон, фарҳанг, расму ойин ва анъанаҳои халқи чинро меомӯзанд.

Ҳамин тариқ дар даврони истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо сиёсати озмудашуда ва мутавозини хориҷӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ робитаҳои гуногунҷанбаи сиёсӣ ва иқтисодӣ бо ҳамсоякишвари бузурги худ ба роҳ монда натиҷаҳои судманд ба даст оварад.

Робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар даврони навин ба марҳилаи шарикии стратегӣ табдил ёфта ба манфиати халқҳои тоҷику чин хизмат мекунанд.

Рӯ овардан ба гузашта муҳим аст, аммо гузаштаи дур барои бунёди ояндаи умумӣ кифояткунанда нест. Муносибатҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин баъди барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ(1992) оғоз ёфтанд. Баъди баимзорасонии шартномаи Пекинӣ январи соли 2007 дар бораи ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкории дуҷониба, мураттабу комплексӣ омили фарҳанг ба руи кор омад. Ҳарду ҷониб бар он назаранд, ки инкишоф ва рушд додани муколамаи фарҳангҳо, эҳтироми расму оин ва анъанаҳои миллии якдигар натанҳо ба рушди дохилии кишварҳо, балки ба рушди робитаҳои дуҷониба оварда мерасонад. [7]

Дар давоми ду даҳсола таҷрибаи калони ҳамкорӣ дар доираи фарҳанг андухта шуд. Муносибатҳои фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар пояи меъёрҳои байналмилалӣ ва бо эътибори манфиатҳои тарафайн қарор дорад.

Заминаи ҳуқуқии муносибатҳои фарҳангии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитойро ҳуҷҷатҳои баимзорасонидаи зерин ташкил медиҳанд:

1. Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ (27 декабри соли 1993).

2. Барномаи табодули фарҳангӣ байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Халқии Хитой барои солҳои 2012-2014 (4 июни соли 2012 ш. Пекин).

3. Барномаи табодули фарҳангӣ байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Халқии Хитой барои солҳои 2015-2018 зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2015 дар шаҳри Пекин ба имзо расонида шуд.

Ҷиҳати иҷрои муқаррароти санадҳои мазкур ҳамасола табодули фарҳангӣ идома дошта, иштироки гурӯҳҳои ҳунарӣ дар баргузориии чорабиниҳои сатҳи байналмилалии ҳарду ҷониб таъмин мегарданд. Таваҷҷуҳи тадқиқоти олимон дар мавзуи Роҳи бузурги абрешим, ки аз ҳазораи II пеш аз мелод тавассути Осиёи Марказӣ гузашта империяи Чинро ба баҳри Миёназамин ва Аврупо пайваст намуда, инчунин тавлидгари равобити фарҳангӣ аз замонҳои қадим гаштааст сол аз сол меафзояд, хосатан дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Аён аст, ки да ин ҷо нақши асосиро натанҳо омили ҳамчаворӣ, рушди босурръати ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷорӣ мебозад, балки манфиатҳои амиқи дуҷониба ва муштараки таърихии бой низ нақши бориз дорад. Имрузҳо таърихшиносон ва сиёсатмадорон нақш ва мазмуни эҳёшавии Роҳи бузурги абрешимро ба як тарҳи нав баҳо медиҳанд. [8] Дар ин бора Президенти кишвар муҳтарам Эмомли Раҳмон дар китоби худ «Тоҷикион дар оинаи таърих» боварибахшона ва равшан қайд намудааст.

Таҳаввулоти босуръати геоиқтисодии замони муосир ва тамоюлҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ муҷиби аҳамияти беш аз пеш пайдо кардани дипломатияи иқтисодӣ ва пайваста афзудани нақши унсури иқтисодии масъалаҳои умдаи сиёсати байналмилалӣ гардиданд. Аз ин рӯ, истифодаи муассир ва самараноки тариқаву василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои милливу давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Тоҷикистон дар меҳвари гузинаи нави бозии бузурги асри XXI мебошад, ки ба он ИМА, Русия ва Чин ворид шудаанд. » Сониян, Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ кишвари асосиест, ки дар сафи пеши мубориза ба чолишҳои замони муосир аст. Тоҷикистон дар яке аз чорроҳаҳои ҷоддаҳои Осиё қарор дошта, метавонад мақоми пули пайвасткунандаи байни Чин ва кишварҳои дигари ҳамсарҳади минтақаро дошта бошад. Аз ин ҷост, ки ҷонибҳо манфиатдоранд, ҳамкориҳоро ҷиҳати расидан ба раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ дар Тоҷикистон ба роҳ монанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомали Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки: «Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи то соли 2030 ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро бо ҷалби беш аз 12 миллиард сомонӣ амалӣ гардонидааст. »[9]

Анҷоми давраи Ҷанги Сард ва зуҳури субъектҳои нави байналхалқӣ низоми муносибатҳои байналмиллалиро тағйир дода, тадричан зуҳуроти нави ғайрианъанавиро ба миён оварда. Аллакай, дар баробари муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ таваҷҷуҳи кишварҳо ба масоили амнияти низ зиёд гашт. Зеро асоси пешравӣ ва рушди ҳар як кишвар дар сулҳу субот ва амнияту устувории он мебошад. Ин таваҷҷуҳи кишварҳо махсусан дар оғози асри XXI(баъди воқеаҳои 11-сентябр-2001) хислати ҷиддиро дар худ гирифт. Аз ин пайомадҳо махсусан кишварҳои абарқудрате, ки дар он бисёрмиллатӣ ё проблемаҳои этникӣ дида мешавад, зиёд ташвишовар мебошад.

Мушкилии раванди мустаҳкам гаштани истиқлолияти давлатҳои баъд аз шӯравӣ натанҳо бо заифгаштани нишондоди рушди бозоргони ва бо бад будани вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ мансуб дошт, балки боз зарур буд, ки барои ҳифозати сохти конститутсионӣ, инчунин барпо намудани сохторҳои давлатӣ, тамоми қуввахои вуҷуддоштаи худашонро равона намоянд. [10] Илова бар ин, дар пеши давлатҳои навтаъсис масъалаи устувор намудани усулҳои пайдо кардани боварӣ ба якдигар ва пойдор сохтани амният дар сарҳад, истода буд.

Раванди минтақакунонии нави Осиёи Марказӣ пас аз соли 1991 бо ақидаи мутахассисон, бо тарзи кофӣ табии буд. Дар заминаи ҳамаи ин равандҳо, яъне бозсозиҳои сохторҳои давлатӣ ва проблемаҳои минтақавӣ, боз ихтилофҳои динии экстремистӣ ба вуҷуд омад, ки вазъияти бе он ҳам ғайриоддии давлатҳоро бениҳоят муташаниҷ сохт. [11]

Вазъияти муоссири глабаликунонӣ қариб ҳамаи соҳаҳои зиндагии ҷомеъаи байналхалқӣ, инчунин васеъ гардидани хатар дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, хамаи давлатҳоро водор сохт, ки зимни масъалаҳои амниятӣ ва мувозинаи сулҳу суботи минтақа, дар шакли дуҷониба ё муштарак бо ҳамаи давлатҳои минтақа, ҷидди назар кунанд. Пеш аз ҳама зарурияти аввалини ин манотиқ, - ҷустани роҳҳои ҳалли ихтилофҳои фундаменталистиву гуруҳҳои мусалаҳонаи дохили давлати Афғонистон мебошад, чунки вазъият дар ин минтақа бо даргириҳои нав ру ба ру шуда истодааст. Ин масъаларо танҳо як ё ду давлати минтақа наметавонанд баррасӣ намоянд, воқеан бояд инро дар якҷоягӣ бо шарикони ҳамбаставу манфиатдоштаи ин минтақа, аз он ҷумла бо Чин, ба роҳ монд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар маҷмуае дохил мешаванд бо номи

«комплекси амниятӣ», ки аз гуруҳи давлатҳои бо мавқеи географӣ наздик буда, иборат аст. Мақсадҳои ин гурӯҳи давлатҳо дар алоҳидаги аз якдигар баррасӣ карда намешаванд. Дар ин хусус, ҳамкориҳои Тоҷикистону Чинро дар соҳаи амниятӣ ҳамчун омили муҳими мувозинату осоиштагӣ дар Осиёи Марказӣ, инчунин дар тамоми Авруосиё, маънидод менамоянд. [12]

Ҳангоми баррасӣ намудани тамоми ҳатарҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, мисли терроризм, экстремизм, сепаратизм, қашоқгароӣ, Президенти ҶТ Э. Раҳмон қайд менамояд, ки бояд бо сохторҳои дахлдори давлатҳои ҷаҳон ҳамкорӣ кард. Вобаста ба ин хавфу хатарҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои таъсирбахши дуҷонибаю ҳамаҷонибаро бо кишварҳои узви ИДМ ва давлатҳои иштирокчии САД, СҲШ (РАТС), ба роҳ мондааст. [13] Ҳамкориҳои ҳарбии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия, қариб ҳамаи заминаҳои масъалаҳои ҳарбиро дар бар мегирад ва дар принсипҳои баробари қарор гирифта, хислати фаъолро дорост. Ҳамчунон равобит, махсусан зимни рушди муносибатҳои байни ҶТ ва Чин дар соҳаи амнияти хислатнок гаштааст. [14] Тоҷикистону Чин аз рузҳои аввали барқарории муносибатҳои дипломатӣ ба таъминоти амниятӣ, оромиву мувозинат дар минтақа ва мубориза зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ ва ғайра диққати ҷиддӣ доданд.

Равобити созандаву самарабахш ва ҳамкориву ҳамдастии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Мардумии Чин сол аз сол ҳам дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ ва ҳам дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай вусъати тоза пайдо намуда, соҳаҳои навро дар бар мегиранд. Бешубҳа, Чин дар ҳоли имрӯз, бо афзоиши бесобиқаи иқтисодиаш дар ҷаҳон нақши муассиреро касб намудааст ва барои Тоҷикистон доштани равобити иқтисодӣ, бо чунин кишвари қудратманд, аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам сиёсию низомӣ ба манфиат мебошад.

Бо итминони комил метавон иброз намуд, ки ҳамкори миёни ин ду кишвар бо манфиати ҷонибҳо буда дар оянда низ инкишофи он бо манфиат хоҳад буд, ки ин дар замони тагирёбандагии ҷаҳони муосир доштани чунин як шарики стратеги ниҳоят муҳим аст. Дар ҳоле ки тоҷикистон низ аз доираи бозиҳои геопалитикии кишварҳои абарқудрат берун нест.

Метавон чунин хулосабарорӣ кард, ки ҶМЧ ва Тоҷикистон ҳамкориҳои дӯстонаи дерина доранд. ҶМЧ ҳамсоякишварӣ дӯст, шарики боэътимод барои Тоҷикистон буд, ҳаст ва хоҳад монд. Ҷонибҳо дар ҳалли масъалаҳои калидии минтақа ва ҷаҳон аз ҳимояи якдигарӣ бархурдоранд. Дар равобити ҳасанаи ҷонибҳо метавон чандин нуктаро қайдкард:

- Сатҳи баланди эътимоди мутақобилаи сиёсӣ миёни ҶМЧ ва ҶТ. Роҳбарони ҳарду ҷониб борҳо таъкид намудаанд, ки муносибатҳо дӯстонаанд ва аз ҳимояти якдигар дар сати минтақавию ҷаҳонӣ бархурдоранд;
- ҶМЧ бо дар назардошти риояи анъанаҳои хуби ҳамсоягӣ ба ҶТ кумакҳои иқтисодӣ менамояд;
- Дар равобити ҷонибҳо хислати баробарӣ мавҷуд буда, суистифода аз зарфияти сиёсию иқтисодӣ ба назар намерасад;
- Тарафҳо роҳи интихоб намудаи халқҳои ду ҷонибро комилан бо тамоми нозукиҳояш, мутобиқи таъриху анъанаву фарҳангу тамаддун эҳтиром менамоянд.

Ба муносибатҳои имрӯзаи Тоҷикистону Чин назар карда бо боварӣ метавон гуфт, ки он дар оянда низ рушди устуворро бархурдор хоҳад буд. Умуман мо метавонем чунин хулоса барорем, ки ҶМЧ дар доираи СҲШ муносибатҳои дарозмуддати стратегӣ бо Тоҷикистонро бунёд мекунад ва тибқи ҳадафҳои геополитикии худ манфиатдор низ ҳаст. Ҳамкорӣ дар чаҳорчуби СҲШ барои ҶТ ва дигар кишварҳои узв ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ муҳим ва муассир хоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Дипломатия Таджикистана: Вчера и сегодня. -Т. 1. -Душанбе: Ирфон, 2009
2. Завершение визита Президента Эмомали Рахмона в Китай/Народная газета. -31 янв. -2007
3. Ниятбеков В. А. Национальные интересы Республики Таджикистан и новые геополитические ориентации Китая в Центральной Азии. // Таджикистан и современный мир. -2003. -№1(2)
4. Саидов З. Ш. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации. -ДушанбеАвасто, 2004
5. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). -Душанбе: Госкомстат РТ, 2008
6. Сяньжун Фань. 20 лет добрососедства и дружбы /Минбари халк. -29 декабря. 2011

7. Рахмонов на саммите ШОС в Шанхае / Народная газета. - 21 июня. 2006
8. Умаров Х. У. О некоторых проблемах экономических отношений между КНР и РТ на современном этапе. // Таджикистан и современный мир. -2006
9. Алимов Р. К. Таджикистан-Китай: на пути друг к другу. Возможен ли равноправный и взаимовыгодный диалог? М.: ИДВ РАН, 2012. - С. 46.
10. Речь Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона на республиканском совещании с участием представителей правоохранительных органов и силовых структур 31 мая 2002 г. // Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005 гг.). - Душанбе, 2006. - С. 369.
11. Алимов Р. К. Таджикистан-Китай: на пути друг к другу. Возможен ли равноправный и взаимовыгодный диалог? М.: ИДВ РАН, 2012. - С. 47.
12. Назаров Т. Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. Д., 2004. С. 3; Вовк В., Харитонова Н. Внешнеполитические приоритеты Центральной Азии / Analitika. org от 19 сентября 2006 г. URL: http://centrasia. org
13. Воскресенский А. Д., Лузянин С. Г. Китайский и российский факторы в Центральной Азии: традиционные вызовы и новые возможности // Северо-Восточная и Центральная Азия. Динамика международных и межрегиональных взаимодействий / под ред. А. Д. Воскресенского). - М.: РОССПЭН, 2004. - С. 398.
14. Эмомали Раҳмон. Роҳи бузурги абрешим- пул байни гузашта, имруза ва оянда; «Тоҷикон дар оинаи таърих»
15. Алимов Р. К. Таджикистан-Китай: на пути друг к другу. Возможен ли равноправный диалог? М.: ИДВ РАН, 2012. - С. 153
16. Алимов Р. К. Таджикско-китайское культурное сотрудничество как важный аспект двустороннего стратегического партнерства / Китай в мировой и региональной политике. История и современность. Выпуск XVII. М.: ИДВ РАН, 2012. - С. 197
17. Худойберди Х. Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской Организации Сотрудничество. Душанбе 2016.

ВЗАИМООТНОШЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И КНР В РАМКАХ ШОС

В статье рассматривается взаимоотношение РТ и КНР в рамках международной региональной организации ШОС. В последнее время ШОС превратилась в мощную политико-экономическую организацию, которое объединяет более 4млрд. население земли и восьми крупных государств мира. Таджикистан являясь одним из основателей этой организации сыграет большую роль в формировании и развития межгосударственных отношений между её членами. ШОС воспользуюсь своей экономической мощью оказывает большую помощь в решении многих внутренних проблем региона. С вводом в эту организацию Индии и Пакистана приумножилось и удвоилось её экономическая и финансовая мощь. Таджикистан может пользоваться благоприятными условиями, поставленными ШОС для решения своих внутренних проблем.

***Ключевые слова**: Организация, сотрудничества, Азия, Индия, Пакистан, финансы, экономика, политика, политическое руководство, члены, направления, преимущество, прогнозирование, мир, этап.*

RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND CHINA WITHIN THE SCO

The article discusses the relationship between the Republic of Tajikistan and China within the framework of the SCO international regional organization. Recently, the SCO has turned into a powerful political and economic organization, which unites more than 4 billion. population of the earth and eight major states of the world. Tajikistan, being one of the founders of this organization, will play a large role in the formation and development of interstate relations between its members. The SCO will use its economic power to greatly help in solving many of the region's internal problems. With the introduction of India and Pakistan into this organization, its economic and financial power has increased and doubled. Tajikistan can take advantage of the favorable conditions set by the SCO to resolve its internal problems.

***Keywords:** organization, cooperation, Asia, India, Pakistan, finance, economics, politics, political leadership, members, directions, advantage, forecasting, world, stage.*

Сведения об авторах:

***Мирзоев Н. М.** - доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук НИИ ТНУ. **Адрес:** Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru, телефон: (+992) 919-16-00-26*

Мирзоев Хабибджон *- научный сотрудник Научно исследовательского института Таджикского национального университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон 933-60-94-94. E –mail: diplomat. tj94@mail. ru*

About the authors:

Mirzoev N. M. *- doctor of historical Sciences, Professor chief researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: Tajikistan Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru Phone: (+992) 919-16-00-26*

Mirzoev Habibjon *- researcher of scientific research Institute of the Tajik national University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 933-60-94-94. E –mail: diplomat.tj94@mail.ru*

УДК:930 (575. 3+575. 1)

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ҲАМКОРИҲОИ ГУМАНИТАРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ НАВИН

Мирзоев Н. М., Нурова Л. Н., Мирзоев Ҳ. Т.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ муносибатҳои наздики миллатҳо ва давлатҳоро тавсеаи бесобиқа бахшида, дастрасӣ ба комёбиҳои навину арзишманди башарӣ ва баҳрабардорӣ аз дастовардҳои тафаккури созандаи инсониро барои аҳли башар муяссар мегардонад. Дар баробари ин, мушкилоти моддиву маънавӣ ва ахлоқии башар низ хислати глобалӣ касб карда, ин амр боиси торафт афзудани фишор ба сохторҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо ва ангезиши бархурди тамаддунҳо мегардад. Дар ин шароит яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии чунин дипломатияи фарҳангӣ ва гуманитарист, ки он бо назардошти тамоилоти мусбиву манфии раванди ҷаҳонишавӣ ба таъмини ҳастии маънавӣ ва ҳифзи арзишҳои асили миллии фарҳангиву ахлоқии халқи тоҷик, муаррифии шоистаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари дорои фарҳангу тамаддуни қадима ва давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд, тавсеаи ҳамкориҳои самарабахши фарҳангию башардӯстона бо кишварҳои олам бо мақсади таҳкими шинохти мусбати Тоҷикистон ва мардуми он мусоидат намояд. Расидан ба ҳадафҳои мазкури дипломатияи гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати хориҷии кишвар иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо мекунад:

- таҳкими пояҳои шартномавию ҳуқуқии робитаҳои фарҳангӣ ва башардӯстона бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ;

- ҳимояи фаъолонаи ҳуқуқ, манфиатҳо ва эътибори шаҳрвандон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа тавассути эҷоди заминаҳои фарогири ҳуқуқӣ ва тавсеаи ҳузури консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои иқомати шаҳрвандони кишвар дар хориҷа;

- дастгирии ҳуқуқӣ ва фарҳангию маърифатии ҳамватанони бурунмарзӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат ба иттиҳоди ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳифзи вежагиҳои этнофарҳангӣ, аз ҷумла забони модарӣ дар чаҳорчӯбаи қонунҳои кишварҳои будубоши онҳо;

- мусоидат ба фаъолияти созандаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ҷиҳати таҳкими робитаҳои кишвар бо ҳамватанони бурунмарзӣ, ҷалби зарфиятҳои онҳо барои рушди ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ ва маънавиву фарҳангӣ, эҷоди ҳусни таваҷҷуҳ ва муносибати хайрхоҳона ба Тоҷикистон ва мардуми он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва доираҳои сиёсии байналмилалӣ;

- мусоидат ба фароҳам овардани шароити фарогиру муносиб барои будубош ва сафарҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба Тоҷикистон ҷиҳати рушди туризми байналмилалӣ ва ҷалби сайёҳон ба мамлакат;

- мусоидат ба роҳандозии муколамаи байни тамаддунҳо ва динҳо бо такя ба таҷриба ва саҳми таърихии тоҷикон дар ташаккули таҳаммулгароии динӣ ва тамаддунӣ.

Пошхурии Иттиҳоди шуравӣ аз воқеаҳои бузурги геополитикии ҷаҳони муосир буд, ки ба саҳнаи байналхалқӣ ҷумҳуриҳои тозаистиқлолро ворид намуд. Ҳамзамон фоҷиаи бузурге буд, ки алоқаҳои пештараи халқҳои ҳамҷавор, ҳамкориҳои илмиву фарҳангиро низ қатъ кард ва робитаи байниҳамдигарии миллатҳои як замон бародарро муташанниҷ кард. Дар баробари ин даҳсолаҳои аввали баъди соҳибихтиёрӣ зарурияти эҳё ва тақвияти муносибатҳои дустона ва ҳамкориҳои судмандро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ борҳо таъкид намудааст. Дастёбии ҳар ду кишвари ҳамҷавор– Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба соҳибихтиёрии давлатӣ дар назди онҳо имкониятҳои васеи пешбурди сиёсати мустақилонаи хориҷӣ, ҷустуҷуи роҳҳои хоси ворид шудан ба ҷомеаи байналхалқӣ, таҳияи самтҳо ва афзалиятҳои робитаҳои байнидавлатиро кушод. Мутаассифона, ин марҳилаи сарнавиштсоз барои ҳар ду миллати дусту бародар осон ва ҳамвор набуд[11, с.24].

Бо вуҷуди мушкилот ва маҳрумиятҳои солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз ва таҳкими муносибатҳои бародарона ва дустонаро бо кишварҳои ҳамҷавор ва пеш аз ҳама Ӯзбекистон аз авлавиятҳои аввалини сиёсати хориҷии худ эълон кард ва дар аҳди худ устувор монд. Дар аввалин суханрониҳои худ сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 28 сентябри соли 1993 дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин изҳор намуд: «Барои мо тоҷикон муносибати дӯстона, мустаҳкам ва тулонӣ бо Ӯзбекистон ҳам тақозои таърихӣ ва ҳам ниёзи мардумист» [5, 12]. Ҳамин аст, ки аз рузҳои аввали соҳибихтиёрӣ ҳар ду кишвари тозаистиқлол даст ба эътироф ва устуворсозоии робитаҳои дипломативу сиёсӣ заданд. 22 декабри соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон барқарор гардид. Аз соли 1995 сафорати Тоҷикистон фаъолияти худро дар шаҳри Тошкент оғоз намуд. Аз соли 1992 то имрӯз миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бештар аз 115 созишномаву аҳдномаву қарордодҳо ба имзо расидаанд, ки ҳамкориҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, техникӣ, илмиву фарҳангиро фаро мегиранд. Дар миёни силсиласанадҳое, ки байни ду давлат дар сатҳи роҳбарони он ба имзо расидаанд, Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 4 январи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июли соли 2000 муҳимтарин санадҳои байнидавлатӣ ба ҳисоб мераванд. [5, 22]

Аҳдномаи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории соли 1993 бо Ӯзбекистон ба имзо расида аввалин Аҳдномаи дӯстӣ ба шумор меравад, ки Тоҷикистон бо давлати хориҷӣ баъди дарёфти истиқлолияти давлатӣ имзо намудааст. Дар санад усули аслии робитаҳои дуҷониба аз ҷумла, эҳтироми ҳамдигарии соҳибихтиёрии давлатӣ, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, кӯшишҳои мутақобила ҷиҳати устуворсозии робитаҳои шарикии иқтисодии барои ҳарду ҷониб судманд ҳам дар сатҳи байнидавлатӣ ва ҳам дар сатҳи субектҳои хоҷагидории ду кишвар дарҷ шуданд. Дар Аҳднома дар бораи дӯстии абадии ҷонибҳо бо назардошти дурнамо барқарор кардани шакли нави муносибатҳо миёни кишварҳои минтақа, уфуқҳои ҷадиди ҳамкории давлатиро муайян намуданд ва усулҳои асосии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро моҳиятан васеъ карданд. Дар заминаи ин ва даҳҳо санадҳои қарордодӣ ва ҳуқуқӣ Тоҷикистон пайваста кушидааст, ки муносибатҳои ду кишвари ҳамҷавор дар маҷрои ҳусни ҳамсоягии нек ва ҳамкории мутақобилан судманд инкишоф ёбанд[6,6 с.25]..

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Тоҷикистон 15 июни соли 2000 дар таърихи робитаҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон марҳилаи муҳим ба ҳисоб мерафт. Мулоқот ва вохӯриҳои сарони ҳарду давлат Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз майлу рағбати тарафҳо дар мавриди таҳким бахшидан ба раванди муносибатҳои некуҳамсоягии ду кишвар башорат медод. Идомаи мантиқии чунин сиёсат имзои Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ буд, ки сарони ҳарду давлат Ислом Каримов ва Эмомалӣ Раҳмон 15 июли соли 2000 имзо намуданд. Аҳдномаи дӯстии абадӣ санади фаъолсозандаи робитаҳои ду кишвар ба ҳисоб мерафт, ки майлу хоҳиши ҳар ду халқҳои ҳамсоя манфиати онҳоро ифода мекард. Ҳангоми сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 27 декабри соли 2001 сарвари давлати Ӯзбекистон изҳор намуд, ки «халқҳои ду мамлакати мо таърихи умумӣ доранд ва асрҳо паҳлуи ҳамдигар мезистанд… бо ҳам будан сарнавишти мост ва мо бояд бо кушишҳои якҷоя ин мушкилиҳое, ки мардумони кишварҳои мо бо онҳо рӯ ба рӯ омадаанд, бартараф намоем». [11, с. 100]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон тайи ин даврон муносибатҳои дипломатии пайгирона мекушид, ки бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон сиёсати дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судмандро пеш барад, ки ба манфиати ҳар ду халқҳост. Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар амри

таҳкими сулҳ ва амният дар минтақа фаъолона иштирок карда, роҳи сиёсии Президенти Тоҷикистонро, ки ба таъмини пешрафти ҷумҳурӣ дар роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ равона шуда буд, ҳамаҷониба ҷонибдорӣ кард. Дар ин бора Президенти вақти Ӯзбекистон Ислом Каримов изҳор дошта буд: «Мо раванди сулҳро дар ин кишвар комилан дастгирӣ мекунем. Ман кушоду равшан мегуям – роҳи дигари раванди музокирот, ҳалли сиёсии дастёбӣ ба сулҳ дар сарзамини азияткашидаи Тоҷикистон вуҷуд надорад. Танҳо халқи Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои хеш метавонад мушкилоти хеш, тақдири хешро ҳал карда ҳаёти осоишта ва шукуфоии кишвари худро таъмин карда метавонад» [8, с. 240-241]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро муштаракоти зиёде, аз қабили таърих, фарҳанг, дин ба ҳам муттаҳид карда, риштаҳом қаробати тоҷикону узбекон садсолаҳо мустаҳкам гардидаанд. Таърих собит сохтааст, ки ин ду халқ бо ҳам бародар ва давлатҳои соҳибихтиёри онҳо – Тоҷикистону Ӯзбекистон бо ҳам ҳамҷавор гардидаанд. Аз ин рӯ, устувор, инкишоф ва татбиқи ҳаётии ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва тиҷорат, фарҳанг, илм ва маориф, тандурустӣ, варзиш ва амсоли онҳо байни ҷумҳуриҳои дусту бародар тақозои замон буда, самараи неки чунин ҳамкориҳо ба нафъи манфиатҳо ва ормонҳои халқҳои ҳар ду мамлакат мебошанд.

Бо ба сари қудрат омадани мақомоти нави роҳбарии Ӯзбекистон робитаи хешро бо кишварҳои ҳамҷавор, пеш аз ҳама бо Тоҷикистон тағйир ёфт. Дар силсилаи воҳуриҳои наздики роҳбарияти ду кишвар масъалаҳои вобаста ба робитаҳои дуҷониба, аз ҷумла масоили алоқаманд ба рафъи маҳдудиятҳои тиҷоратӣ, содда кардани низоми тартиби рафтуомади шаҳрвандони ду кишвар, коҳиш додани тарифҳои содиротӣ, эҳёи роҳҳои оҳани мавҷуда, тоза кардани ҳудудҳои сарҳадӣ аз минаҳо, кушодани бунгоҳҳои назоратӣ роҳдиҳӣ ва баррасии масоили бахшида ба марзҳои давлатӣ муҳокима карда шуданд. Силсилаи иқдомоти тайи солҳои охир пешгирифтаи раёсати кишварҳои ба ҳам дусту қарини Тоҷикистон ва Ӯзбекистон моро муътақид месозанд, ки ҳар ду кишвар дар аҳди эълон кардаи хеш устувор монда минбаъд ҳам дар роҳи устувору вусъат бахшидани дустиву ҳамсоягии нек талош хоҳанд варзид. Тавре ки сарвари давлати Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев изҳор дошт: «Мо дар ин дунё абадӣ нестем ва ҳамсояи бадро ҳеҷ кас намебахшад. Мо барои ба роҳ мондани робитаҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи ҳамсоягонамон омодаем »[7, с. 15-16]. Дар ин маънӣ метавон дар бораи марҳилаи усулан нав дар муносибатҳои ҳар ду давлат ҳарф зад, вақте ки ҳадафи асосии сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа шарикии воқеӣ бо ҳамсоягони наздик хоҳад буд. Тавре, ки президенти Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев изҳор кард:»Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ният доранд ки ҳамкориҳои худро бо роҳи бастани як қатор созишномаҳо аз ҷумла дар соҳаҳои роҳи оҳан ва энергетика васеъ кунанд. Барои ба роҳ мондани робитаҳои конструктивии неки ҳамсоягӣ вақт зарур аст, зарур аст, ки яхи 20 сола нарм шавад, ин бошад чандон осон нест». – изҳор дошта буд президенти Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев.

Дар баркияи табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев бахшида ба 25 умин солгарди устувор шудани робитаҳои дипломатии ду кишвар аз 20. 10. 2017 аз ҷумла омадааст: «Ӯзбекистони дӯст, аз аввалинҳо шуда, робитаҳои дипломатиашро бо Тоҷикистон дар давраи мураккабу печидаи ташаккул ёфтани кишвари мо ба ҳайси давлати соҳибихтиёр ба роҳ монд. Мо муносибатҳои имрузаи дустӣ ва ҳусни ҳамҷавории миёни кишварҳо ва мардумонамонро арзишманд медонем. Бо изҳори қаноатмандӣ раванди мусбати мутобиқ ба тақозои замон рушд ёфтани ҳамкориҳои ду кишварро тайи вақтҳои охир таъкид карданиам. Қобили таҳсин аст, ки ин соли ҷашнӣ бо сурат пазируфтани як силсила чорабиниҳои дуҷонибаи муҳим дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, аз ҷумла намоишгоҳҳои тиҷоративу саноатӣ ва рузҳои фарҳангӣ, ки ба тавсеаи миқёси робитаҳои мутақобилаи мо такон бахшиданд, таҷлил мегардад. Итминон дорам, ки Шумо дар оянда низ аз тамоми иқдомот ҷиҳати бо намунаҳои нави созанда афзун ва ғанӣ гардонидани муносибатҳои гуногунҷанбаи мо, ки решаҳои амиқи таърихӣ доранд, ҷонибдорӣ хоҳед кард. Мо аз ҷониби худ барои мунтазам тақвият бахшидан ба ҳамдастию ҳамкории Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки ҷавобгӯи манфиатҳои аслии ду халқи ба ҳам бародар мебошанд, тамоми кушишҳои заруриро ба харҷ хоҳем дод»[5, с.42].

Силсилаи боздидҳо ва гуфтушунидҳо ва иқдомоти андешидаи мақомоти раҳбарии ҳар ду давлат аз он шаҳодат медиҳанд, ки муносибатҳои онҳо рӯ ба устуворӣ оварда истодаанд ва метавонанд ҳамкориҳоро ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам чандҷониба давом диҳанд. Аз ҷумла тайи соли 2017 дар Тошканд ва Душанбе як силсила намоишгоҳҳои миллӣ ва бизнес-форумҳо баргузор гардиданд, ки ба васеъ шудани алоқаҳо дар байни доираҳои соҳибкор, бастани созишномаҳо ва шартномаҳои тиҷоратӣ мусоидат карданд. Худи ҳамон сол роҳҳои ҳавоии байни ду пойтахтшаҳрҳо кушода шуда, рузҳои фарҳангӣ дар сатҳи баланд доир гардиданд. Ба эътидол омадани муносибатҳои ду давлатро дар мисоли рушди робитаҳои тиҷоративу

иқтисодӣ метавон дид. Аз ҷумла, гардиши мол дар соли 2017 ба 240 миллион доллар расид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар бист соли охир буд. [14, с. 242] Ҳиссаи асосиро дар гардиши мол воситаҳои нақлиёт, сервис, маҳсулоти нассоҷӣ ва пластикӣ, техникаи маишӣ ташкил додаанд. Тибқи маълумоти мавҷуда гардиши мол дар 11 моҳи соли 2018 258, 8 миллион долларро ташкил додааст.

Дар мулоқотҳо ва боздидҳои роҳбарони ду давлат, ки дар муҳити дустона ва конструктивӣ баргузор гардиданд, масъалаҳои пешомадҳои тавсеаи минбаъда ва амиқгардонии ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиёт ва иртиботот, фарҳангиву гуманитарӣ, инчунин ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва глобалӣ мавриди муҳокима қарор мегиранд. Ҳарду кишвар ҳамкориҳои хешро дар чаҳорчубаи СММ, ИДМ, СҲШ, СҲИ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ пайгирона давом дода истодаанд. Аз ҷумла, Тоҷикистон пешниҳодҳои Президенти Ӯзбекистонро дар мавриди қабули қатъномаи Маҷмаъи умумии СММ «Оиди таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ ҷиҳати таъмини сулҳ, субот ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», «Дар бораи маориф ва таҳаммулпазирии динӣ», Инчунин Эъломияи СММ оид ба ҳуқуқи ҷавонон дастгирӣ кард. Дар рафти боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба кишвари мо дар моҳи марти соли 2018 Изҳороти муштарак оиди таҳкими дустӣ ва ҳамсоягии нек ва Аҳднома дар бораи баъзе қитъаҳои сарҳади давлатии Ӯзбекистону Тоҷикистон ва инчунин 27 санади муҳим ба имзо расиданд, ки ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорат, иқтисод, сармоягузорӣ, молия, ҳамлу нақл, кишоварзӣ, обу барқ, андозҳо, умури гумрукӣ, туризм, маориф ва илм, беҳдошт, фарҳанг, ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи амният ва муқовимат ба ҷиноятқорӣ равона шуда буданд[7, с.11].

Муҳимтарин руйдод дар таърихи муносибатҳои солҳои охир имзои Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон буд, ки 17 августи соли 2018 дар рафти бозиди расмии Пешвои миллат, Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид. Хамзамон дар рафти боздид боз 26 санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд, ки нишондиҳандаи муносибатҳои неки ҳамчаворӣ ва дустиву ҳамкориҳои ду мамлакати дусту боровар мебошанд. [5, с. 22].

Ҳамин тавр, бо назардошти омилҳои зикршуда метавон робитаҳои ду кишварро натиҷагирӣ кард:

Дар робитаҳои байни Тоҷикистону Ӯзбекистон амалан ҳамаи масъалаҳои асосии минтақа таҷассум ёфта нишонгари онанд, ки ташдиди робитаҳо чи гуна метавонанд ба муҳити умумии сиёсии минтақа таъсир расонанд. Аз субот ва тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон шаклгирии суроби геополитикии минтақа низ вобастагӣ дорад: Аз як ҷониб ҳар ду давлат дар ҳалли қазияи Афғонистон ва муқовимат ба таҳдидоте, ки аз ин кишвар бармеояд, нақши калидӣ доранд, аз ҷониби дигар иқтидори геополитикии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон метавонад барои ҳалли масъалаҳои мубрами минтақа мусоидат менамояд. [5, с.23].

АДАБИЁТ

1. Эмомали Рахмонов. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Состоит из 4-х томов. Том первый - Душанбе 2004г. С. 115
2. Ф. Темуров, З. Сайидзода. Нигоҳе ба таърихнигории равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ дар пасманзари ҳамкориҳои Тоҷикистон дар фазои ИДМ (солҳои 1991-2015). – Душанбе, 2015. С. 52.
3. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009, с. 79.
4. От слов к делу газета События. 40 (116). 1 октября 2008.
5. Лед тронулся: Узбекистан и Таджикистан положат конец спорам о границе: https://ru. sputniknews-uz. com/world/20171121/6877262/Uzbekistan-i-Tadzhikistan-polozhat-konec-sporam-o-granice. Html
6. Андрей Дёгтев. Таджикистан и Узбекистан: надежда на примирение http:// eurazvitiye. org/publication/20150310
7. Мубодилаи барқияҳои табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ЭмомалӣРаҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев20. 10. 2017 http: // www. prezident. tj/node/16446
8. Таджикистан и Узбекистан подписали 26 новых документов о сотрудничестве http://avesta. tj/2018/08/17/tadzhikistan-i-uzbekistan-podpisali-26-novyh-dokumentov-o-sotrudnichestve/
9. А. Мамадазимов, Ф. Толипов. Таджикистан и Узбекистан: перезагрузка отношений в региональной перспективе. Март 5, 2018http://caa-network. org/ archives/ 12564
10. Зафар Саидов. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате. Душанбе, Авасто, 2001. 112 с.
11. Иброҳим Усмонов. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, «Нури маърифат», Хуҷанд, 2003. 178 с.
12. Мансур Бобохонов. Таърихи тоҷикони ҷаҳон, Душанбе, Маориф, 1999.

13. Рӯзномаи Овози тоҷик. 2006. №23 (12317).
14. Созмони Ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ: ташаккул, таҳаввул, дурнамо. Маркази тадқиқоти стратегии назди президенти ҶТ. Душанбе. 2005. 123 с.

ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ГУМАНИТАРНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И УЗБЕКИСТАНОМ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

В современых условиях глобализации установление и развитие разносторонних отношений между народами является важным фактором устойчивого развития, всеобщей безопасности и стабильности государств. В современных условиях взаимоотношения между Таджикистаном и Узбекистаном обрели новое содержание и форму. Не смотря на трудности и барьеры которые встречались в 90 х годов – 20в. и в первом десятилетии 21 в. обе республики смогли преодолеть трудности и барьеры и дали новый импульс добрососедским отношениям. Общность истории и культуры, народные обычаи и традиции общяя граница становятся важной апорой для развития многосторонних отношений для двух государств. В последнее время с приходом нового политического руководства Узбекистана отношения двух стран приобрели новую динамику и развития. Взаимоотношения двух стран охватывает все сферы экономики науки, культуры. Развития и их взаимовыгодных отношений направлены на решении важных стратегических задач и отвечает интересам народов Таджикистана и Узбекистана. Они служат в интересах и отвечает требованием народов Таджикистана и Узбекистана. В статье рассматривается гуманитарное сотрудниество между двумя соседнеми странами на современном этапе.

Ключевые слова: *сотрудничество, приоритет, направления, гуманитария, дружба, наука, культура, страна, Таджикистан, Узбекистан, новые, этап.*

PRIORITY DIRECTIONS OF HUMANITARIAN COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND UZBEKISTAN AT THE PRESENT STAGE

In the modern conditions of globalization, the establishment and development of multifaceted relations between peoples is an important factor of sustainable development, universal security and stability of States. In modern conditions, relations between Tajikistan and Uzbekistan have acquired a new content and form. Despite the difficulties and barriers that met in the 90s-20th century. and in the first decade of the 21st century. both republics were able to overcome the difficulties and barriers and gave a new impetus to good relations. Common history and culture, folk customs and traditions common border become an important support for the development of multilateral relations for the two States. Recently, with the arrival of the new political leadership of Uzbekistan, relations between the two countries have acquired a new dynamic and development. The relations between the two countries cover all spheres of economy, science and culture. Development and their mutually beneficial relations are aimed at solving important strategic tasks and meets the interests of the peoples of Tajikistan and Uzbekistan. They serve the interests and meet the demands of the peoples of Tajikistan and Uzbekistan. The article deals with the humanitarian partnership between the two neighboring countries at the present stage.

Keywords: *cooperation, priority, directions, Humanities, friendship, science, culture, country, Tajikistan, Uzbekistan, new, stage.*

Сведения об авторах:

Мирзоев Н. М. *- доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук НИИ ТНУ.* ***Адрес:*** *Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru Телефон: (+992) 919-16-00-26*

Нурова Лутфия Нуровна *– младший научный сотрудник Научно-исследовательского института Таджикского национального университета.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон:****919-50-99-50****. E-mail: lutfiyanurova. 83@mail. ru*

Мирзоев Хабибджон Табрикджонович *- научный сотрудник Научно-исследовательского института Таджикского национального университета.*

Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон 933-60-94-94. E – mail: diplomat.tj94@mail.ru

About the authors:

Mirzoev N. M- *doctor of historical Sciences, Professor chief researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: Tajikistan Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 E-mail: nmmirzoev@mail. ru Phone: (+992) 919-16-00-26*

Nurova Lutfia Nurowna – *Junior researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. Phone: 919-50-99-50. E-mail: lutfiyanurova. 83@mail. ru*
Mirzoev, Habibjon - *researcher of scientific research Institute of the Tajik national University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 933-60-94-94. E –mail: diplomat.tj94@mail.ru*

УДК: 930 (55+575. 3)

ВКЛАД ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН ПО БОРЬБЕ С МЕЖДУНАРОДНЫМ ТЕРРОРИЗМОМ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Холикназар Х.
Таджикский национальный университет
Наимов И. Н.
Российско-таджикский (славянский) университет

Исламская Республика Иран располагается на очень важной геополитической, геостратегической и геоэкономической территории Западной Азии. В связи с этим любое расшатывание региональной безопасности оказывает сильное влияние на эту страну. В этом ключе нужно упомянуть активизацию в регионе террористической деятельности разных групп, который может распространиться не только по всему региону, а также и по всему миру. Таким образом, Исламская Республика Иран используя свой потенциал и опыт в борьбе против терроризма, может серьезно укрепить свои позиции в регионе.

Необходимо отметить, что для анализа факторов влияющих на формирование антитеррористического потенциала Исламской Республики Иран, прежде всего, нужно опираться и ссылаться детальным образом на ее внешнюю политику в этой области. Нужно также отметить, что на сегодняшний день Иран находится в авангарде антитеррористических событий, как в регионе, так и в глобальном масштабе, что актуализирует вдвойне изучение данного феномена.

Справедливо отмечают исследователи, что «сегодня международный терроризм стал настоящим вызовом для глобальной безопасности и, можно сказать, человеческой цивилизации в целом. Этот сложный социально-политический феномен пока не подается должному теоретическому осмыслению ввиду своей гибкости и постоянной трансформации своих методов, идеологических мотивов и деструктивных практик» [2]. В связи с этим на наш взгляд, без детального и всеобъемлющего изучения такого явления как терроризм, невозможно разработать комплекс мер по борьбе с международным терроризмом.

Таким образом, можно утверждать, что в международных отношениях и мировой политике проблема противоборства с международным терроризмом на современном этапе становится архиважной и приобретает стратегически важную направленность. В связи с этим борьба с международным терроризмом на сегодняшний день считается одним и приоритетных и важных направлений во внешней политике Исламской Республики Иран.

Необходимо подчеркнуть, что одной из наиболее важных задач современного руководства Исламской Республики Иран является сохранение целостности исламского государства в контексте ее полиэтничности. Западные страны очень часто критикуют проводимую национальную политику ИРИ в области обеспечения прав и свобод представителям национальных меньшинств и обвиняют Исламскую Республику в дискриминации. Существуют различные взгляды на проблему этнического национализма. Одни считают, что этносы - уже дело прошлого. Согласно другой точке зрения этнические конфликты – это результат политических, социальных, культурных и др. изменений в обществе. Все это приводит к конфронтации и политизации противоречий. Однако, несмотря на наличие обстоятельств, активизировавших временами центробежные тенденции, Иран сохраняет единство своей макросоциальной структуры, состоящей из множества этнических социальных систем. В основе политики Ирана в национальном вопросе находится приверженность

религиозной идее (шиизму) и этатизму. Вышеупомянутые факторы являются катализаторами террористической активности как в самом Иране, так и за ее пределами.

«Несмотря на влияние идеалов Исламской революции на внешнюю политику и ее идеологизированность, приводящие к разногласиям с некоторыми ведущими державами, особенно с США и некоторыми государствами Персидского залива, Иран в проведении внешней политики и построении конструктивного взаимодействия руководствуется стратегией «Иран-2025». Этот прагматичный документ, принятый в 2005 г., стал главным стратегическим планом развития Ирана по всем направлениям. Планируется развитие и улучшение стратегических отношений с арабскими государствами и международным сообществом в целом. Документ, рассчитанный на 20-летний период, в основном направлен на развитие международных связей Ирана, на повышение его конструктивного и активного потенциала в мировой политике»[3, с. 666].

Проблема терроризма на региональном и международном уровне занимает важное место во внешней политике Исламской Республики Иран. На это есть веские причины и факты. За последние годы Исламская Республика Иран не раз подверглась террористическим атакам. Началом интенсивной волны террора можно считать 2005 год, так как ранее в течение нескольких лет наблюдалось практически полное отсутствие террористической угрозы. С 2005 террористическая активность в стране резко увеличивалась. Акторы, совершавшие террористические акты на территории ИРИ в последние годы, до 2005 года, никак не проявляли себя, находясь в неподвижном состоянии. Однако, как оказалось эти группировки совершенно новые террористические организации, которые пришли на смену Организации моджахедов иранского народа (ОМИН), группировки, прекратившей вооруженную борьбу в 2003 году. Наиболее активно проявили себя такие группировки, как: «Джундуллах», «Партия свободной жизни Курдистана», «Арабское движение борьбы за освобождение Ахваза». Таким образом, ситуация усугубляется тем, что данные террористические группировки созданы представителями этнических меньшинств, проживавших на территории ИРИ.

Необходимо отметить, что по нашим подсчетам начиная с 2007 года до настоящего времени (по состоянию на январь 2019 года) в Иране было совершено 12 крупных террористических атак, в которых погибли около 180 человек и получили ранения разного степени тяжести более 800 человек. Мы бы хотели подчеркнуть некоторые совершенные теракты, которые унесли жизни десятков человек. Например, 19 августа 2007 в 40 километрах от границы с Пакистаном на трассе Чахарбах – Ираншахр в провинции Систан и Белуджистан вооруженные бандиты, имеющие связи с главой террористической группировки «Джундалла» Абдольмалеком Риги, обстреляли восемь проезжающих мимо автомобилей и захватили в заложники 12 пассажиров и водителей этих машин. 15 февраля того же года в городе Заходан на юго-востоке Ирана взорвался начиненный взрывчаткой легковой автомобиль, когда мимо него проезжал автобус, принадлежащий сухопутным войскам элитного Корпуса стражей исламской революции. В результате погибли 11 сотрудников Корпуса стражей исламской революции (КСИР), 31 получил ранения. Ответственность за преступление взяла на себя суннитская экстремистская группировка «Джундалла», которая имеет связи с «Аль-Каидой».

Последним событием является теракт совершенный 22 сентября 2018 во время военного парада в городе Ахваз в Иране. Жертвами стали не менее восьми военнослужащих Корпуса стражей исламской революции, еще семеро получили ранения. По данным Иранских СМИ также пострадали 20 человек. Силы безопасности ликвидировали двух боевиков[4].

Примечательно, что совсем недавно власти Ирана отчитывались о ликвидации террористических ячеек на территории исламской республики. В распространённом в августе 2018 года заявлении Министерства информации Ирана, которым руководит глава спецслужб страны, аятолла Махмуд Алави, говорилось, что местные органы безопасности ликвидировали как минимум две террористические ячейки, планировавшие серию атак. В частности, мишенью боевиков могли стать провинции Хузестан и Курдистан. В своей оценке причин террористического нападения официальный Тегеран остается категоричным. В частности, власти основными виновниками считают США и Израиль. Так, официальный представитель иранских ВС бригадный генерал Абольфазль Шекарчи заявил, что участники теракта были связаны с Соединёнными Штатами и с

израильской службой внешней разведки «Моссад». Однако теракт, который произошёл в важный для Ирана день, сложно назвать результатом напряжённых отношений республики со странами региона и глобальными игроками. Речь, по всей видимости, может идти о внутренних проблемах Ирана которые год с годом прибавляются.

Таким образом, можно сказать, что одной из особенностей террористической активности в Иране за последние годы является этническая составляющая. Иранские власти вели против террористов непрекращающуюся борьбу, достигнув определенных успехов. Сообщения об арестах или уничтожении боевиков террористических организаций поступали из Ирана достаточно часто. В организации совершенных террористических актов официальный Тегеран часто обвинял спецслужбы США и Великобритании. В целом, за последние годы в ИРИ прослеживалось несколько тенденций.

Во-первых, в последние годы на территории ИРИ появилось значительное число новых этнических террористических организаций, которые в отдельных случаях успешно противостояли иранским вооруженным силам.

Во-вторых, необходимо отметить разнообразие действий этих террористических групп, что проявлялись во взрывах, организации заказных убийств, в вооруженных нападениях и взятии заложников.

В-третьих, с 2007 по 2018 при относительно небольшом количестве терактов наблюдалось значительное число жертв. Эти акции, как правило, были очень хорошо спланированы, что может указывать на помощь в их проведении спецслужб иностранных государств.

В-четвертых, за последние несколько лет каждый год наблюдается динамика увеличения числа убитых людей в результате террористических действий.

Также мы бы хотели подчеркнуть некоторые внутренние проблемы Исламской Республики Иран в контексте их влияния на современные международные отношения. В настоящее время можно выстроить целую цепочку тех, у кого есть «основания» совершать прямые нападки на иранское руководство и приближённых к верховной власти. Это и леворадикальная Организация моджахедов иранского народа (ОМИН), удостоившаяся внимания нынешнего помощника президента США по национальной безопасности Джона Болтона, и различные курдские группировки, против которых Иран в настоящее время активизировал борьбу в соседнем Ираке.

Арабские и белуджские группировки также находятся в числе потенциально опасных. Ахваз уже на протяжении двух десятилетий является мишенью для боевиков, грозящих об отделении провинции Хузестан с преимущественно арабским населением. В связи с этим говорить, что террористическая активность на территории Ирана, может быть вызвана проблемами самого Ирана, вполне допустимо.

Также важным является рассмотрение правовых рамок, которые определяют внешнюю и внутреннюю политику Ирана в борьбе против терроризма на глобальном уровне. Нужно отметить, что Исламская Республика Иран, имеет богатый опыт в борьбе против терроризма. По словам исследователей «правовые элементы и практические действия, которые определяют антитеррористическую политику Ирана на национальном и международном уровнях состоят из комплекса правовых актов и международных соглашений, определяющих принципы, формы борьбы с терроризмом. Они определяют международную антитеррористическую политику Ирана»[3, с. 669].

Исламская Республика Иран принципиально не присоединяется к некоторым международным антитеррористическим документам, мотивируя это разным образом. Анализ показывает, что помимо существующих проблем, в основном это происходит из-за мнения США и его союзников, которые обвиняют Иран в пособничестве террористам и террористическим организациям в странах Ближнего Востока. Хотя, Исламская Республика в рамках внутреннего законодательного режима принимает схожие законы, которые в свою очередь направлены на борьбу против терроризма на любых уровнях.

Самыми важными документами в этом направлении, международного и национального значения, считаются подписание в 2008 году конвенция Организации исламского сотрудничества «по борьбе с международным терроризмом от 1999 года» и «Закон о борьбе с финансированием

терроризма» принятый в 2006 году. Нужно упомянуть, что другим важным вкладом Ирана в борьбе против международного терроризма считается принятый в 2015 году новый закон «О борьбе с финансированием терроризма от 2015 г. ». По сути эти документы отражают и охватывают две стрежневые международные документы которые направлены против этого феномена, Международную конвенцию о борьбе с финансированием терроризма 1999 г. и Резолюцию 1373 СБ ООН о борьбе с международным терроризмом от 28 сентября 2001 г.

Особого внимания достойны международные инициативы Исламской Республики Иран в борьбе против международного терроризма. В этом направлении Иран вносит достаточно важный вклад не только для региона, но и для всего мира. Как подчеркивают исследователи, «появление такого опасного террористического квазигосударства как ИГИЛ, в непосредственной близости иранских границ, стало серьезным вызовом его безопасности. Этот вызов не подвергает опасности сущность сложившегося в Иране политического строя, но он может создать риски для политического влияния Ирана и усложнить его ситуацию в плане безопасности. Этот факт ставит Иран в авангард международного сообщества по борьбе с терроризмом в регионе. » [3, с. 670].

В связи с этим Исламская Республика Иран достаточно часто с высоких международных трибун призывает к основательной и всеобъемлющей борьбе против терроризма. К примеру, во время своего выступления на юбилейной 70-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН в 2015 году, нынешний президент Ирана Хасан Рухани предложил подписать международный документ о борьбе против терроризма. Однако данная инициатива так и не нашла отклик со стороны других членов мирового сообщества.

Огромным вкладом Исламской Республики Иран в борьбе против терроризма является, то, что Исламская Республика активно сотрудничает в этом направлении с другими странами мирового сообщества. Активнее всего Исламская Республика взаимодействует с Ираком, Сирией и Россией. Так, например, в 2015 году этими странами был создан информационный центр в столице Ирака в городе Багдад для координации действий против террористов и сбора необходимой информации о ситуации в регионе.

Также серьезным шагом в этом направлении является и разрешение на использование ВВС России аэродрома Хамадан. Именно от сюда в августе 2016 года, российскими военными была нанесена стратегически важные удары по позициям террористов в Сирии. Именно благодаря этим действиям в Сирии была окончательно подорвана деятельность террористической организации ИГИЛ, который изменил своим появлением характер и конфигурацией взаимодействии стран региона в негативную сторону.

«В борьбе с международным терроризмом Иран пытается использовать и форматы международных организаций. Одним из таких институтов является Организация исламского сотрудничества. Однако внутренние разногласия, политические амбиции стран – участниц организации мешают ее сплоченности и выработке общей согласованной позиции по важным международным вопросам»[7, с. 30]. В связи с этим международные инициативы Ирана в рамках данной организации не всегда находят поддержку. Например, в 2016 году в ходе 13 саммита ОИС в Стамбуле, Президент Ирана Хасан Рухани представил миру план консолидации усилий и серьезной борьбы в деле борьбы против международного терроризма и экстремизма[5]. Однако к этому не относились всерьез, и Иран даже подвергся критике за вмешательство в дела соседних стран, в первую очередь в Сирии и Ираке[1].

Также Иран активно взаимодействует в рамках таких международных организации как ОДКБ и ШОС. Статус наблюдателя никак не считается препятствием для развития сотрудничества в борьбе против терроризма между Ираном и странами-членами данной организации. В связи с активизацией ИГИЛ и других террористических объединении и организации в соседнем Афганистане, Иран начал активно сотрудничать с главным органом ШОС, Региональной Антитеррористической Структурой (РАТС ШОС), который занимается вопросами борьбы с терроризмом.

«Сотрудничает Иран и с ОДКБ. Если раньше это сотрудничество ограничивалось совместными антинаркотическими операциями под эгидой ОДКБ, то с усилением транснациональной террористической угрозы страны взаимодействуют в борьбе против распространения опасной экстремистской идеологии, с каналами вербовки террористов и маршрутами передвижения

боевиков. В 2015 г. Иран совместно с ОДКБ и Китаем договорились о выработке совместных согласованных подходов в этом направлении»[6].

Таким образом, Иран считается на современном этапе активным игроком на антитеррористическом фронте. Также, Иран превращается в одного из важных ключевых субъектов в борьбе против терроризма на Ближнем Востоке. По словам исследователей «это стало возможным благодаря различным факторам, которые формируют антитеррористический потенциал Ирана в мировой политике и могут повлиять на место страны в системе современных международных отношений»[3, с. 671].

В связи с этим подводя итоги, мы бы хотели охарактеризовать вклад Исламской Республики Иран следующими тезисами:

Во-первых, потенциал Исламской Республики Иран в борьбе с международным терроризмом формируется из таких явлений как географическое расположения страны, потому что в регионе Ближнего Востока действуют немалое количество террористических групп. В связи с этим такое соседство требует огромных материальных ресурсов для защиты национальной безопасности и интересов в регионе. Важным аспектом в этом направлении, помимо экономических возможностей и материальных ресурсов Исламской Республики Иран, важным элементом является и опыт его вооруженных сил. Помимо прочего в Иране существует четкое стратегическое видение развития страны, которая определяется стратегией «Иран-2025».

Во-вторых, борьба Ирана с терроризмом имеет четкое правовое оформление. Она оформлена законами по борьбе с отмыванием денег и источниками финансирования терроризма, основанными на аналогичных документах ООН, и международными соглашениями, важнейшим из которых является Конвенция ОИС по борьбе с терроризмом.

И, в-третьих, в борьбе с терроризмом использования одних только силовых методов недостаточно.

Таким образом, можно констатировать, что в краткосрочной перспективе на наш взгляд мы можем стать наблюдателями еще большей силовой вовлеченности Ирана в антитеррористическую борьбу на сопредельных территориях, а также расширение форматов двустороннего и многостороннего сотрудничества в этом направлении.

ЛИТЕРАТУРА

1. Final Communique of the 13th Islamic Summit Conference (Unity and Solidarity for Justice and Peace) Istanbul, Republic of Turkey, 14–15 April 2016. URL: http://www. oic-oci. org/ oicv3/upload/conferences/is/13/en/13_is_final_com_en. pdf (дата доступа: 01. 09. 2019)
2. Джаббари Н. Х. Подходы России и Ирана к борьбе с международным терроризмом: диссертация ... кандидата политических наук: 23. 00. 04 / Джаббари Насир Хасан; [Место защиты: ФГБУ МГИМО МИД РФ]. - Москва, 2018. - 235 с.
3. Джаббари Насир Хасан. «Потенциал Ирана в борьбе с международным терроризмом». Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Международные отношения. №4. 2016. - 665-676 с.
4. Крупные теракты в Иране в 2007-2018 годах. Статья. РИА Новости от 22. 09. 2018. [электронный ресурс]. URL: https://ria. ru/spravka/20180922/1529129830. html. (дата обращения: 25. 06. 2019)
5. Иран представил мусульманскому миру план единства и серьезной борьбы против терроризма. URL: http://www3. irna. ir/ru/News/3064953 (дата доступа: 27. 09. 2019).
6. О совещании заместителей секретарей советов безопасности государств – членов ОДКБ по вопросам международной и региональной безопасности. Официальный сайт ОДКБ. URL: http://odkb-csto. org/news/detail. php?ELEMENT_ID=5614&SECTION_ID=91&sphrase_ id=18737 (дата доступа: 15. 09. 2019).
7. Сулейманов А. Саудовская Аравия, Иран, Турция и Пакистан: взаимоотношения в рамках ОИК // Вестник РУДН. Серия «Международные отношения». 2010. № 4. С. 29–35.

8. Январев И. Террористы открывают в Иране внутренний фронт. Статья. [электронный ресурс]. URL: https://mnenia. zahav. ru/articles/10852/terroristi_otkrivaut_v_irane_vnutrennyi_front. (дата обращения: 22. 09. 2019)

ВКЛАД ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН ПО БОРЬБЕ С МЕЖДУНАРОДНЫМ ТЕРРОРИЗМОМ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

В статье, рассматривается актуальная проблема современных международных отношений на современном этапе. Проблема борьбы с международным терроризмом ставится на повестке дня любой международной организации и политических форумов. В этой связи Ближний Восток как сверхконфликтогенный регион, является стратегически важным районом и очагом напряженности, обусловленный разными общеизвестными факторами. Исламская Республика Иран как важное звено системы региональных отношений занимает видное место в деле борьбы против международного терроризма.

В статье отмечается, что Исламская Республика Иран остается важным субъектом на антитеррористическом фронте. Исламская Республика очень активна в плане предложения инициатив в борьбе против международного терроризма. Также нужно отметить, что в Исламской Республике Иран существует достаточно основательная договорно-правовая база борьбы с терроризмом на национальном и глобальном уровне. Активным образом кооперирует Иран по этой проблеме в рамках международных организаций.

Таким образом, Иран превращается в одного из важного ключевого субъекта в борьбе против терроризма в регионе Ближний Восток.

Ключевые слова: *терроризм, Ближний Восток, Исламская Республика Иран, международный терроризм, международные организации, договорно-прововая база борьбы с международным терроризмом, международные инициативы Ирана, региональная безопасность.*

CONTRIBUTION OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN IN COMBATING INTERNATIONAL TERRORISM AT THE PRESENT STAGE

The article deals with the actual problem of modern international relations at the present stage. The problem of combating international terrorism is on the agenda of any international organization and political forums. In this regard, the middle East, as a super-conflict region, is a strategically important area and a hotbed of tension, due to various well-known factors. The Islamic Republic of Iran, as an important link in the system of regional relations, occupies a prominent place in the fight against international terrorism.

The article notes that the Islamic Republic of Iran remains an important actor on the anti-terrorist front. The Islamic Republic is very active in offering initiatives in the fight against international terrorism. It should also be noted that the Islamic Republic of Iran has a fairly solid legal framework for combating terrorism at the national and global levels. Iran is actively cooperating on this issue within the framework of international organizations.

Thus, Iran is becoming one of the important key actors in the fight against terrorism in the middle East region.

Keywords: *terrorism, middle East, Islamic Republic of Iran, international terrorism, international organizations, legal framework for combating international terrorism, international initiatives of Iran, regional security.*

Сведение об авторе:

Холикназар Х. *доктор исторических наук, страший научный сотрудник НИИ ТНУ.* ***Адрес:*** *Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:+992 918 60 65 19*

Наимов Исмоил Нуруллоевич *– Российско-Таджикский (Славянский) Университет, преподаватель кафедры международных отношений и дипломатии.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзаде, 30, Душанбе. E-mail:* ***naimov_ismoil@list. ru*** *Тел: +992 918 44 75 34*

About the author:

Kholiknazar H. *Doctor of Historical Sciences, senior researcher at the Research Institute of TNU. Address: Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: +992 918 60 65 19*
Naimov Ismoil Nurulloevich *– Russian-Tajik (Slavonic) University, teacher of the Department of International Relations and Diplomacy.* ***Address:*** *734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade street 30. E-mail:* ***naimov_ismoil@list.ru*** *Tel: +992 918 44 75 34*

УДК:93. 327(575. 3) (572. 2)

МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛИ РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН ДАР ДАВРОНИ НАВИН

Нурова Л. Н.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз заруратҳои таъхирнопазири даврони истиқлолият ин ташаккул ва инкишофи муносибатҳо бо кишварҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама бо кишварҳои Осиёи Марказӣ буд. Зеро, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор дошт ин омил тақозо мекард, ки ҳамкорӣ ва муносибатҳо бо кишварҳои хориҷи дуру наздик алалхусус бо давлатҳои ҳамҷавор барқарор ва густариш ёбанд.

Ҳанӯз дар нахустин баёнияи худ 19 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар «Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон», «мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон»-ро яке вазифаҳои аввалиндараҷаи ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон нишон дода буд. [1. 37]

Ҷумҳурии Қазоқистон давлатест, ки бо ҷумҳурии мо пайванди таърихӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ дорад. Ҳамзамон, зиндагии 70 – сола дар низоми сиёсӣ ва ягонаи хоҷагидории Иттиҳоди Шӯравӣ, вобастагии мутақобилаи соҳаҳои иқтисодӣ, энергетикӣ, саноат ва хоҷагии қишлоқ зарурати барқарор намудани муносибатҳои дипломатиро бо ин кишвари дӯсту ҳамсоя пеш оварда. Бо назардошти ин омили бунёдӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози истиқлол бо Қазоқистон муносибатҳои дипломатӣ ва сиёсиро барқарор намуд.

Илова ба ин раванди ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон бо назардошти омилҳо ва нуқоти зикршуда аҳамияти хоси илмӣ ва амалӣ доранд, зеро;

Аввалан, Қазоқистон модели муваффақи берун омадан аз бухрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таъмини рушди босуръати босуботи иқтисодиро амалӣ намуд, ки он барои кишварҳои дигар омӯзанда аст;

Дуввум, сохторҳои сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ва Қазоқистон тақрибан монанд буда, имконоти бузурги ҳамкории судманд дар ҳама арсаҳо ва соҳаҳо мавҷуд аст;

Саввум, ҳар ду кишвар ба молҳои ҳамдигар зарурати хос доранд:

-Тоҷикистон қисмати аъзами маводи ғаллагӣ ва маводи сузишвориро аз Қазоқистон ворид менамояд; ҳамзамон Қазоқистон ба нерӯи барқи арзон, алюминий, пахта ва маҳсулоти гуногуни кишоварзии Тоҷикистон ниёзманд аст. Ин ниёзҳо дар соҳаҳои дигар низ возеҳанд.

-Чаҳорум, ҳар ду кишвар ҷонибдори ҳамкории минтақавӣ мебошанд ва дар ин раванд нақши амалан пешгомӣ доранд.

-Панҷум, манфиатҳои сиёсӣ, миллӣ ва глобалии ҳар ду давлат тақрибан муштарак мебошад.

Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Қазоқистон 7-уми январи соли 1993 тавассути табодули нотаҳои дипломатӣ барқарор гаштанд.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба муносибатҳои ду кишвар 13 январи соли 1993 сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қазоқистон сафари корӣ анҷом дод.

Дар ҷараёни сафар нахустин санади муҳими байнидавлатӣ, Аҳднома дар бораи асосҳои муносибат байни Тоҷикистон ва Қазоқистон ба имзо расид, ки ба густариши робитаҳо байни ду

кишвар заминаи боэътимод гузошт. Аҳднома аз 25 модда иборат буда ба муддати 10 сол бо ҳуқуқи тамдид имзо гардид. [2. 117]

Дар санад омадааст, ки тарафҳо дар муносибатҳои мутақобила ва фаъолияти байналмилалӣ ба сифати давлатҳои соҳибихтиёр, баробарҳуқуқ ва ба ҳам дӯст амал мекунанд ва муносибатҳои худро дар асоси принсипҳои эҳтироми мустақилият ва соҳибихтиёрии давлатӣ, баробарҳуқуқӣ ва мудохила накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар инкишоф медиҳанд. Тарафҳо ба инкишоф ва мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстона байни давлатҳо, ҳимояи ҳуқуқи инсон таъмини амнияти халқҳо ҳамчунин вусъат ва густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ – техникӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва экологии дуҷониба мусоидат мекунанд. (моддаи 3)

Дар моддаи 5 омадааст, ки «тарафҳои олимақоми Аҳдкунанда ба мустаҳкам сохтани дӯстии байни халқҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон мусоидат мекунанд, ба анъанаҳои таърихӣ такя намуда, ба таҳким ва густариши муносибатҳои онҳо дар соҳаҳои маданият, адабиёт, санъат ва инкишофи саёҳату варзиш шароит фароҳам меоранд». [3. 230]

Дар роҳи поягузории робитаҳо миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон ифтитоҳи намояндагии дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон, ки дар санаи 17 июни соли 1993 сурат гирифт, нақши босазо гузошт. 18 январи соли 1994 намояндагӣ ба сафорат табдил дода шуд. Аввалин сафири Тоҷикистон дар Қазоқистон С. Ш. Шарипов мебошад.

Тавре маълум аст баъди фурупошии давлати Шӯравӣ ҷумҳуриҳои тозаистиқлол бо хатарҳои нави ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ гаштанд. Масъалаи ҳассоси муносибатҳои байни кишварҳо дар ин давра масъалаи сарҳадҳои ҷанубии ИДМ маҳсуб меёфт. Аз ин рӯ сарварони кишварҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Россия, Ӯзбекистон ва Қирғизистон 7-уми августи соли 1993 «Эъломияи дахлнопазири сарҳадҳои ИДМ»-ро имзо намуданд. Дар эъломия дахлнопазирии сарҳадҳои давлатии ИДМ эълон гардида, қайд мегардид, ки ҳамагуна сарҳадшиканиҳо чун амалҳои қонуншиканӣ ва душманона баҳо дода шуда, ҷавоби мувофиқ дода хоҳад шуд. Дар эъломия омадааст, ки сарҳади Тоҷикистону Афғонистон чун марзи ҷанубии давлатҳои ИДМ ҳисобида мешавад. Эъломия аҳамияти муҳими сиёсӣ ва амниятӣ дошта ба мустаҳкам нигоҳ доштани сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон хизмат менамуд. Дар эъломия аз кишварҳои ИДМ даъват карда мешуд, ки ба Тоҷикистон, ки гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ аст, ёрӣ расонида шавад.

Аз рӯзҳои аввали даргириҳои сиёсии солҳои 90 – ум Қазоқистон мекӯшид, ки зудтар дар ҷумҳурии мо сулҳу салоҳ барқарор гардад. Саҳми Ҷумҳурии Қазоқистон ва Президенти он Нурсултон Абишевич Назарбоев дар барқарор кардани сулҳу субот дар Тоҷикистон хеле калон аст. Ҳанӯз 5 сентябри соли 1992 Президентҳои Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон Муроҷиатнома оид ба вазъи сиёсии Тоҷикистон қабул намуданд. Дар он амадааст: «Вақтҳои охир вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шадидан муташанниҷ гардидааст. Муборизаҳои сиёсӣ мамлакатро ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд. Дар натиҷаи ҷанг аҳолии осоишта талафоти зиёди ҷонӣ дида, хуни садҳо ашхоси бегуноҳ рехта истодааст. Ба сохти конститутсионӣ, дигаргуниҳои демократӣ таҳдидҳо ба амал омадааст. Сарҳадҳои ҷанубии ИДМ мудом вайрон карда шуда, қочоқи яроқу аслиҳа авҷ гирифтааст.

Ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ба принсипҳои гуманистӣ ва ахлоқӣ такя намуда, мо халалнопазирии пайвандҳои бародарии халқҳоямон, дахлнопазирии сарҳадҳои ҷанубиро эълон намуда, қатъ кардани ҷанги шаҳрвандиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амнияти давлатҳо ва суботи сиёсии минтақаро халалдор месозад, тақозо менамоем.

Мо, ба халқи бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамоем, ки барои барқарор намудани сулҳу субот ва ризояти миллӣ дар мамлакат тамоми қувваро истифода намояд». [4. 211]

6 – 8 октябри соли 1992 барои омӯзиши вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ба Тоҷикистон намояндагони се ҷумҳурӣ – Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ташриф оварданд. Мавзӯи Тоҷикистон мавриди муҳокимаи ҷаласаи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои ИДМ дар Бишкек 8 – 9 октябри соли 1992 қарор гирифт. Дар асоси таҳкими вазъи дохилии мамлакат ва оқибатҳои манфии таъсири он ба амнияти минтақа қарор дода шуд, ки ба Тоҷикистон нерӯҳои сулҳофари ИДМ ворид карда шавад.

24-уми сентябри соли 1993 мутобиқи қарори мулоқоти сарони кишварҳои ИДМ нерӯҳои дастаҷамъии ҳофизи сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ба ҳайати он як баталион аз Қазоқистон низ дохил буд. Намояндагони Қазоқистон аз рӯзи аввали музокираи сулҳи тоҷикон дар

Москва аз 5 – уми апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар гуфтушунидҳо иштирок намуда, баъди анҷоми музокирот ҳамчун кафили сулҳи тоҷикон дар қатори Россия, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон ва Туркманистон ширкат варзиданд. Мардуми қазоқ гурезаҳои иҷбории тоҷикро паноҳ дода, ҳангоми вазъи бӯҳронии кишвар ёрии башардӯстонаи хешро низ дареғ надоштанд. Аз соли 1993 то 2001 дар ҳудуди Тоҷикистон 5 ҳазор намояндагони қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Қазоқистон адои хизмат намуда, аз онҳо 35 нафарашон баҳри иҷрои қарзи ҳарбии хеш дар марзи кишвари мо ҳалок гардиданд.

Қазоқистон баъди Федератсияи Россия дуввумин кишваре мебошад, ки теъдоди зиёди тоҷиконро дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар паноҳи худ ҷой дода ба онҳо шароити зисту кор муҳайё намуд. Аз рӯи маълумотҳои профессор М. Б. Бобохонов дар он солҳо дар ҳудуди Қазоқистон анқариб 300 ҳазор нафар тоҷикон мезистанд. [5. 110]

Дар таҳкими муносибатҳои дуҷониба сафарҳои ҳайатҳои олимақоми кишварҳо аҳамияти муҳим доштанд.

Моҳи ноябри соли 1995, моҳи майи соли 2006 ва майи соли 2007 сафарҳои корӣ ва расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон сурат гирифт. Зимни сафарҳо ва мулоқотҳои расмӣ беш аз 15 санадҳои ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон ба имзо расиданд. [6. 120]

Сафарҳои ҳайатҳои ҳукуматии Қазоқистон моҳи декабри соли 1999 дар ҳайати Сарвазири Қазоқистон Қ. Токаев бо имзои маҷмӯи санадҳое анҷом ёфт, ки соҳаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаро дарбар гирифта, барои таҳкими минбаъдаи онҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ-техникӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ба миён оварданд.

Дар таърихи муносибатҳои ду давлат нахустин сафари расмии президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ки моҳи июни соли 2000 сурат гирифт нақши муҳим мебозад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба сафари расмии Президенти Қазоқистон баҳои баланд дода, онро воқеаи муҳими сиёсӣ номид.

Ӯ қайд намуд, ки гуфтушунидҳо байни сарони ҳарду кишвар дар фазои нарму конструктивӣ гузашта бо имзои якчанд санадҳои байниҳукуматӣ оид ба шарикӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар асри XXI анҷом ёфтанд.

Дар суханронии худ Н. Назарбоев ҳавасмандии Қазоқистонро дар рушду равнақи ҳамкориҳои бисёрҷониба дастгирӣ намуда, муносибатҳои Қазоқистон ва Тоҷикистонро «самимона ва эътимодбахш» номид, ки барои ҳамгироии минтақавии Осиёи Марказӣ таҳкурсии мустаҳкам мегузоранд.

Президентҳои Қазоқистон ва Тоҷикистон ба ҷонибдории муносибатҳои соф, эътимодбахш ва кушоди байнидавлатии Осиёи Марказӣ изҳори ақида намуданд. Президенти Қазоқистон пешниҳоди Президенти Тоҷикистонро дар мавриди дар атрофи Афғонистон эҷод намудани камарбанди амнияти зидди нашъамандӣ бамаврид ҳисобида дастгирӣ намуд.

Дар ҷараёни сафар 8 ҳуҷҷати байнидавлатӣ ва байниидоравӣ ба имзо расид, ки барои рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ - техникӣ ва гумрук такони нав мебахшид.

Аз ҷумла:

- Эъломия дар бораи инкишофи минбаъдаи муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Созишнома дар бораи мубориза бар зидди қочоқи маводи нашъаовар ва маводи психотропӣ;
- Созишнома миёни кумитаи амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хадамоти муҳофизати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон «Оид ба ҳамкорӣ ва баҳамсозӣ»;
- Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди қочоқ ва қонуншикании гумрукӣ.

Эъломия дар бораи инкишофи минбаъдаи муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон санади бунёдӣ ба ҳисоб рафта робитаҳои байнидавлатиро вусъати тоза мебахшид. Дар он ҳама гуна зуҳуроти таҷовуз, экстремизми динӣ ва сиёсӣ, терроризм ва сепаратизм, ки ба амнияту суботи давлатҳо таҳдид, мекунад қотеъона маҳкум карда мешуд. Самтҳои нави ҳамкорӣ дар ҷараёни сафари навбатии расмии президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 – 13 сентябри соли 2007 баррасӣ гардида бо имзои 6 созишномаи байниҳукуматӣ анҷом пазируфт. Сарони ҳарду давлат дар ҷараёни гуфтушунид оид ба ташкил намудани Фонди маблағгузориҳои мустақими Тоҷикистону Қазоқистон ба мувофиқа

расиданд. Мақсади ин фонд татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва Қазоқистон мебошад.

12 – 13 майи соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафари расмӣ анҷом дод. Дар ҷараёни сафар Президенти Тоҷикистон бо Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ва дигар шахсони расмӣ мулоқот ва гуфтушунидҳо намуд. Дар сӯҳбатҳо бо қаноатмандӣ қайд гардид, ки ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ миёни ду кишвар инкишоф ёфта истодаанд. Қазоқистон дар соҳаҳои истеҳсол ва истихроҷи маъдан, фулузоти ранга, саноати сабук, мошинсозӣ, кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия саҳмгузор аст. Аз Ҷумҳурии Қазоқистон ба Тоҷикистон асосан гандум ва орд, маҳсулоти нафт, фулузоти сиёҳ ва маҳсулоти кимиёвӣ ворид мегардад. Аз Тоҷикистон ба Қазоқистон пахта, алюминий, меваю сабзавот, матоъҳои пахтагин содир карда мешавад.

Мулоқотҳои сатҳи олӣ ба фаъолияти Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмиву техникӣ таъсири мусбӣ расонида, кори онро хеле ҷоннок намуд. Ҷаласаҳои кории ин комиссия солҳои 2001, 2004, 2005, 2006, 2007, 2008 баргузор гардида, муҳимтарин масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Қазоқистон бар он ақида аст, ки истифодаи захираҳои фаровони обии энергетикии Тоҷикистон ба манфиат, рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва ҳамгироии минтақа мусоидат менамояд. Аз ин рӯ Ҷумҳурии Қазоқистон ба пешниҳоди Тоҷикистон дар мавриди азҳудкунии захираҳои обӣ-энергетикӣ мароқ зоҳир намуд ва дар доираи консорсиуми байналмилалӣ оид ба сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ дар ҳудуди Тоҷикистон иштирок хоҳад кард. [7. 104]

Барои рушди ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвар мунтазам гузаронидани тадбирҳо ва чорабиниҳои муштарак муҳим аст. 25 марти соли 2005 дар шаҳри Алмаато форуми тиҷоратии Қазоқистон – Тоҷикистон доир гардид. Дар он роҳбарони муассисаҳо, корхонаҳо ва баъзе вазоратҳо иштирок карда, байни худ қарордодҳои ҳамкорӣ имзо намуданд. Ҳамин гуна форуми тиҷоратии Тоҷикистон – Қазоқистон 13 сентябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар он Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуданд. Форумҳои тиҷоратӣ дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, баррасии лоиҳаҳои инвеститсионӣ нақши муҳим бозиданд.

Фаъолияти бонкҳои қазоқӣ дар Тоҷикистон солҳои охир хеле назаррас аст. Соли 2009 шӯъбаи бонкҳои бонуфузи қазоқӣ «Туранлем», «Казкоммерсбанк», «Фонди инвеститсионии Қазоқистон» дар Душанбе ифтитоҳ ёфта ба сохторҳои молиявӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон ҳамкории самарабахш барқарор намудаанд.

Мутаносибан бо рушди робитаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Қазоқистон ҳамкориҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ низ инкишоф меёбанд. Дар ин росто нахуст аз ҳама ба забони тоҷикӣ тарҷума шудани китоби Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев «Дар селоби таърих» мебошад, ки соли 2001 ба табъ расид.

Таъсиси ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон – Қазоқистон 23 октябри соли 2001 саҳифаи тозаи равобити фарҳангӣ гуманитарии миёни ду кишвар гардид. Дар расми кушодашавии он Калонова М. Ю. раиси ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, Кобландин К. И. намояндаи дипломатии Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тағоев Д. С. ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва дигарон иштирок намуданд. Робитаҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон дар доираи СҲШ низ босуръат ҷараён мегирад. 11 – 12 апрели соли 2012 дар Пекин аввалин машварати вазирони фарҳанги давлатҳои аъзои СҲШ баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаи вусъат додани ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни давлатҳои аъзои Созмон баррасӣ карда шуданд. [8. 87]

Нақши калонро дар тавсеаи робитаҳои фарҳангӣ ва тарғиби он марказҳои миллӣ – фарҳангии тоҷикон дар ҳудуди Қазоқистон мебозанд. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳашт шаҳр ва марказҳои вилоят, марказҳои фарҳангии тоҷикон амал мекунанд.

Соли 2003 ин марказҳо ба Ассотсиатсияи ягонаи фарҳангии тоҷикони Қазоқистон «Сомониён» табдил дода шуд. Роҳбари он Шарифов С. М. интихоб шуд. Фаъолияти Ассотсиатсияи тоҷикон дар тарғибу ташвиқи расму ойин ва анъанаҳои фарҳангии тоҷикон саҳми муносиб мегузарад. Ассотсиатсияи мазкур узви Иттиҳодияи Ассамблеяи Халқҳои Қазоқистон мебошад.

Бо мақсади таҳкими робитаҳои фарҳангӣ моҳи майи соли 2004 дар шаҳри Алмаато ҷамъияти дӯстии «Қазоқистон – Тоҷикистон» таъсис дода шуд, ки ба он ходимони намоёни ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз ҷумла ректори Донишгоҳи ба номи Д. Кунаев профессор О. К. Конабаев ректори Академияи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ профессор Б. М. Бабаева, академик А. К. Кошанов ва дигарон аъзо буданд. Раиси шӯъбаи ҷамъияти дӯстии «Қазоқистон – Тоҷикистон» директори Институти шарқшиносӣ, профессор М. Х. Абусеитова мебошад. Бо ташаббуси ин ҷамъият мунтазам дар кишварҳои якдигар рузҳои фарҳангӣ, ҳафтаи кино, тарғибу ташвиқи дастовардҳои илмӣ, адабӣ, фарҳангии тоҷику қазоқ доир мегардад, ки ба наздикшавии онҳо кӯмак мерасонад. Дар Қазоқистон беш аз 30 ҳаз. тоҷикон умр ба сар мебаранд, ки дар марказҳои фарҳангӣ ба монанди «Сомониён», «Панҷ», «Зарафшон» муттаҳид гардидаанд. Фаъолияти фарҳангии онҳо дар солҳои охир хеле назаррасанд. Аз ҷумла 21 – 24 октябри соли 2008 дар Тоҷикистон рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардиданд. Адибон ва санъаткорони қазоқ дар шаҳру навоии ҷумҳурӣ бо аҳолӣ мулоқот ороста, ҳунарҳои худро ба маърази намоиш гузошта буданд. [9. 73]

Баргузории рузҳои синамои кишварҳои якдигар низ ба ҳукми анъана даромадааст. Аз ҷумла 19 то 23 августи соли 2003 дар Душанбе «Рӯзҳои синамои Қазоқистон» дар Тоҷикистон баргузор гардид, ки ба тамошобинони тоҷик хеле писанд омад.

16 декабри соли 2006 ансамбли ва инчунин як гурӯҳи шахсиятҳои маркази фарҳанги тоҷикони Қазоқистон «Панҷ» ба Душанбе барои намоиши санъати худ омаданд.

Ҷумҳурии Қазоқистон бо назардошти имкониятҳои иқтисодӣ ва суръати тараққиёт тавонистааст, ки дар даҳсолаи наздик ба қатори 50 мамлакати пешрафтаи ҷаҳон дохил гардад. Дар амалисозӣ чунин нақшаи стратегии кишвар саҳми тоҷикони Қазоқистон низ назаррас буда, аз пешравиҳои иқтисодӣ ва фарҳангии ин кишвар тоҷикони муқими он низ баҳравар хоҳанд шуд. Робитаҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аз ҷумла ИДМ, ОДКБ, Созмони итифоқи исломӣ ва ғ. рӯ ба инкишоф буда, дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятии минтақа таъсиргузораст.

Бо чунин давлати мутараққӣ ва соҳибкудрати Осиёи Марказӣ пойдор нигоҳ доштани робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатовар аст.

АДАБИЁТ

1. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. Монография/ Э. Шарипов. – Душанбе: «Ирфон», 1995, 208с.
2. Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (многовекторность в действии). Монография/ А. Сатторзода. –Душанбе: «График Арт», 2014. -520с.
3. Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004). Монография/ З. Саидов. – Душанбе: «Ирфон», 2010. -310с.
4. Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики: Седьмое дополненное издание. Монография/ З. Саидов. – Душанбе: ООО «Контраст», 2014. -636с.
5. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон. Монография/ М. Бобохонов. – Душанбе: «Ирфон», 2011. 320с.
6. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик. Монография/ Т. Назаров. – Душанбе: «Ирфон», 2006. -310с.
7. Назаров Т. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. Монография/ Т. Назаров. – Душанбе: УИ МИД РТ, 2004. -284с.
8. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости 1992г. Монография/ Д. Назриев. – Душанбе: «Ирфон», 2005. -250с.
9. Кушкумбаев С. К. Центральная Азия на путях интеграции: геополитика, этничность, безопасность. Монография/ С. К. Кушкумбаев – Алматы: «Алтын Тамга», 2002г. – 89с.

ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЕ ТАДЖИКИСТАНА И КАЗАХСТАНА В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД

Государственная независимость Республики Таджикистан, провозглашенная в сентябре 1991 года, создала благоприятные условия для формирования и развития качественно новых международных отношений. Установление двусторонних и многосторонних отношений со странами Содружества Независимых Государств, прежде всего, со странами Центральной Азии, являлись приоритетными направлениями во внешней политике Республики Таджикистан. В настоящей статье рассматривается история формирования и развития межгосударственных отношений между Казахстаном и Таджикистаном в годы независимости. В статье подробно освещаются этапы становления и развития торгово-экономических, научно-культурных и гуманитарных взаимоотношений между Таджикистаном и Казахстаном.

Ключевые слова: *республика, межгосударственные отношения, сотрудничество, отношения, экономика, дружба, наука, культура, развитие, дипломатия, независимость, соглашения, договор, суверенитет.*

STAGES OF FORMATION OF TAJIKISTAN AND KAZAKHSTAN IN MODERN PERIOD

The state independence of the Republic of Tajikistan, proclaimed in September 1991, created favorable conditions for the formation and development of qualitatively new international relations. The establishment of bilateral and multilateral relations with the countries of the Commonwealth of Independent States, primarily with the countries of Central Asia, was a priority in the foreign policy of the Republic of Tajikistan. This article examines the history of formation and development of interstate relations between Kazakhstan and Tajikistan during the years of independence. The article describes in details the stages of formation and development of trade, economic, scientific, cultural and humanitarian relations between Tajikistan and Kazakhstan.

Keywords: *republic, inter-state relations, cooperation, relations, economy, friendship, science, culture, development, diplomacy, independence, agreements, Treaty, sovereignty.*

Сведения об авторе:

Нурова Лутфия Нуровна *– младший научный сотрудник Научно-исследовательского института Таджикского национального университета.* **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. *Телефон:**919-50-99-50**. E-mail: lutfiyanurova.83@mail.ru*

About the author:

Nurova Lutfiya Nurowna *– Junior researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. Phone: 919-50-99-50. E-mail: lutfiyanurova.83@mail.ru*

УДК: 930(575. 3+55)

ҲАМКОРИҲОИ САМАРАБАХШИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН

Расулиён Қ., Ҷумаева П. А.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Давраи нав дар таърихи муносибатҳои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991, яъне аз рӯзи эълон гардидани Эъломияи истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёр гардидани Ҷумхурии Тоҷикистон оғозгардидааст. Аз ҳамон рӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқӣ байналхалқӣ хамкориро дар байни тамоми мамолики дунё аз рӯи усули дарҳои боз, сиёсати бисёрҷабҳаи хориҷӣ, риояи муносибатҳои неку ҳасана, дахолат накардан дар масоили дохилии дигар кишварҳо, ҳифзи манфиатҳои молию давлатии худ ба роҳ мондааст.

Дар баробари эълони «сиёсати дарҳои боз» Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати хориҷии хешро муайян намудааст. Авлавиятҳои самти мазкур ба ҳамкориҳо пеш аз ҳама бо кишварҳои аъзои ИДМ, кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҷаҳони ислом ва кишварҳои абаркудрати минтақа ва ҷаҳон бахшида шудааст. Боиси таъкид аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиати солинавии хеш аз 31 декабри соли 2002 аввалин маротиба расман изҳор намуд, ки «сиёсати дарҳои кушод»-ро пеш гирифтааст. Иқдоми мазкур аз бисёрсамта ва мутавозин будани сиёсати хориҷии кишвар шаҳодат медиҳад, ки яке аз принсипҳои бунёдии рушди ғояи сиёсати хориҷӣ маҳсуб мегардад.

Маҳз бо шарофати сиёсати муваффақонаву боровари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ва азму ҷасорати қавӣ, талошҳои пайвастаи Сарвари давлат дар роҳи ободиву осоиши Ватан, арҷгузорӣ ба таърихи пурғановати миллати бостонии тоҷик ва ташаббусҳои созандаву некбинонаи ӯ бо нигоҳи боэътимод ва хайрхоҳона назар дорад. Ин аст, ки Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ аз минтақаи даргир ба маркази баргузории чорабиниҳои минтақавию ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Қобили зикр аст, ки марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Иҷлосияи таърихии XVI дар ш. Хуҷанд оғоз шуд. Усули асосии сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони сохибихтиёр ва сохибистиқлол 16 ноябри соли 1992 аз тарафи Раиси Шурои Олии тозаинтихоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар «Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» эълон гардид, ки онро ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушӣ пазируфт.

Имрӯз Тоҷикистон бо аксарияти кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, 161 давлат истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман эътироф кардааст. Яке аз ин давлатҳо Ҷумҳурии исломии Покистон мебошад, ки истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, аз 6 июни соли 1992 алоқаҳои дипломатии худро эҷод намуд ва аз ҳамин давра марҳилаи наве дар муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон оғоз гардид.

Ҷумҳурии исломии Покистон аз ҷумлаи аввалин кишварҳо буд, ки дар шаҳри Душанбе намояндагии худро ифтитоҳ намудааст.

Намояндагони расмии Ҷумҳурии исломии Покистон 16 июни соли 1992 дар шаҳри Душанбе дар сатҳи консулгарӣ ифтитоҳ гардид ва аз ҳамин вақт сар карда, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон робитаи дипломатӣ барқарор шуд. Ин консулгарӣ баъди боздиди аввалини Раиси Шурои ОлииЧумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон аз Ҷумҳурии исломии Покистон соли 1995 то ба пояи сафоратхона бардошта шуд.

Таъмини сулҳу субот дар минтақа яке аз ҳадафҳои стратегӣ ва аввалиндараҷаи муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон ба шумор рафта, мубориза алайҳи терроризм ва экстремизми байналмилалӣ, соҳаи энергетика ва интиқоли нерӯи барқи арзон самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистону Покистон маҳсуб мегарданд.

Воқеан, густариши равобити сиёсӣ ба рушди равобити иқтисодӣ- тиҷоратӣ, илмӣ-фарҳангӣ мусоидат мекунад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани равобити сиёсӣ, ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ назаррас рушд меёбанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори шарикии босубот бо кулли кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла олами ислом, пеш аз ҳама Покистон ва хоҳони ҳамкориҳои васеву воқеӣ бо онҳо дар ҳама самтҳои зикргардида мебошад. Зимни ирсоли Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар соли 2012 чунин зикр намуда буданд: «Сиёсати хориҷии созанда ва ба ҳамкории густурдаву васеъ равонгардидаи мо дар маҷмуъ бояд вазифаи анъанавии худ-мусоидати ҳамаҷониба ба рушди устувори кишвар, таъмини амнияту оромии мамлакат ва сатҳи шоистаи зиндагии мардуми онро ба тариқи беҳтарин иҷро намуда, фардои ободи Тоҷикистонро таъмин намояд» [3]. Табиист, ки ин нуқта меҳвари муносиботи Тоҷикистон бо кулли кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Покистонро ташкил медиҳад. Ҷумҳурии исломии Покистон аз зумраи он кишварҳоест, ки дар гуфтушуниди сулҳи тоҷикон ҳамчун кишвари кафил баромад карда, дар раванди дастёбӣ ба сулҳ дар Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштааст.

Дар марҳилаи кунун тиҷорати байналмилалӣ воситаи асосии рушди хоҷагии кишварҳо, минтақаҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Тиҷоратӣ байналмилалӣ омили асосии рушди иқтисод аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти кишварҳои минтақа ва ҷаҳон равобити тиҷоратӣ-иқтисодии худро ривоҷ дода истодааст, ки дар ин самт Ҷумҳурии исломии Покистон мавқеи хос дорад. *Покистон давлати муҳимми минтақа мебошад ва метавонад ба мисли дигар дустони наздики мо яке аз сармоягузорони асосӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон гардад.* Гардиши мол миёни кишвар беш аз 50 млн долл. ташкил медиҳад. Аз Тоҷикистон ба ҳамсоякишвари Покистон маҳсулоти боғдорӣ, нахи пахта ва аз Покистон ба Тоҷикистон маҳсулоти саноати сабук ва кишоварзӣ ворид мегардад. Яке аз самтҳои ояндадори ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Покистон бунёди корхонаи нерӯи барқ ва интиқоли он ба Покистон мебошад. Иншооти бузурги стратегии ин ду кишвар бунёди хати интиқоли нерӯи барқ бо унвони «CASA-1000» мебошад, ки соли 2015 сохтмони он оғоз ёфта, тавассути он нерӯи барқи арзон аз Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Афғонистон ва Покистон интиқол дода мешавад.

Маълум аст, ки барои тараққӣ ва инкишоф додани иқтисодиёт нерӯи барқ хеле муҳим аст. Барқ муҳимтарин соҳаи рушд барои ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Ин тарҳ норасоии барқро коҳиш дода, дар ташаккули бозори энергетикӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратии кишварҳои шарик, таъсиси ҷойҳои корӣ бо дарназардошти як қатор манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҳиссагузор хоҳад буд. Ҳамин тавр, робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон дар ин самт метавонад баҳри интиқол ва савдои минтақавии барқи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ мусоидат намуда муносибати ин ду қитъаро боз мустаҳкамтар гардонад.

Боиси хушнудист, ки пас аз талошҳои муваффақона, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид (ЭКОСОК) интихоб гардид. Ин як дастоварди

дигари сиёсати хориҷӣ, нишонаи обрӯ ва эътибори кишвар ва роҳбарияти олии он дар назди созмонҳои байналмилалист.

Густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо Покистон-кишваре, ки бо он алоқаҳои таърихӣ-фарҳангӣ тӯли асрҳо ҷовидонист, яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Яке аз муҳимтарин омиле, ки Тоҷикистонро бо Покистон мепайвандад, умумияти таърихӣ ва фарҳангии ин халқҳо мебошад. Густариши забон ва адабиёти форсии дарӣ дар сарзамини зебои Кашмир аз асри XVI оғоз ёфта, Бобо Ҳоқӣ, Мулло Фирӯзи Кашмирӣ, Шайх Яъқуби Сарфии Кашмирӣ ва дигарон аз аввалин сухансароёни форсизабони Кашмир буданд.

Дар нимаи дувуми асри XIX ва асри XX намояндагони барҷастаи назми форсииПокистону Ҳиндустон Аллома Муҳаммад Иқбол, Мирзо Асадулло Ғолиб, Файз Аҳмад Файз ва дигарон ба шумор мераванд. Бо ташаббуси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дастгирии ҳамаҷонибаи Сафорати Покистон дар Душанбе Анҷумани Иқбол таъсис ёфт. Консули Покистон ҷаноби Саид Ҳасани Ҷовид ва олими шинохтаи точик, профессор Расул Ҳодизода хамраисони ин анҷуман интихоб гардиданд.

Фаъолияти "Анҷумани Иқбол" аз ҳар ҷихат боиси дастгирӣ ва сазовори тахсин аст, зеро он дар рушду инкишофи равобити илмиву фарҳангии ду кишвар саҳми арзанда мегузорад. Ҳадафи аслии он натанҳо омӯзиш, таҳия ва табъу нашри осори Иқбол, балки ошно сохтани мардуми тоҷик бо симоҳои барҷастаи адабиёти Покистон, тарҷума ва табъу нашри осори онҳо, гузаронидани ҳар гуна шабнишиниҳо ва чорабиниҳои дигари илмиву фарҳангӣ мебошад.

Боиси хушнудист, ки муҳаққиқони тоҷик рисолаҳо оиди омӯзиш фарҳанг, тамаддун, таърих, забон ва адабиёти мамлакатҳои Шарқ, аз ҷумла Ҳиндустон ва Покистон омода намудаанд. Бояд қайд намуд, ки чунин асарҳо барои таҳким ёфтани робитаҳои дӯстии мардумони Тоҷикистону Покистон ва боз ҳам қавитару наздиктар шудани фарҳангии ҳарду кишвар мусоидат менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Покистон дар соҳаи маориф низ ҳамкориҳоро тавсеа мебахшанд. Созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, ки 13 маи соли 2004 дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии исломии Покистон ба имзо расида буд, имрӯзҳо мавриди истифодаи тарафҳо қарор дорад.

Бояд зикр намуд, ки айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии исломии Покистон дар доираи барномаҳои мухталиф зиёда 200 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Дар навбати худ имрӯзҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 100 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии исломии Покистон дар риштаҳои гуногун ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд байни ду кишвар дар соҳаи маориф дар мулоқоти вазирони маорифи Тоҷикистон ва Покистон, ки 26 июни 2006 дар ҷараёни баргузории вохурии вазирони маорифи кишварҳои исломӣ дар шаҳри Исфаҳони Ҷумҳурии исломии Эрон доир гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд.

Таҷрибаи муносибатҳои дуҷониба нишон медиҳад, ки дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон имкони рушди тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, саноат, саноати сабук, саноати кимиёвӣ, саноати коркарди кӯҳӣ, хоҷагии об, саноати хӯрокворӣ, кишоварзӣ, энергетика ва сайру сайёҳӣ мавҷуд аст.

Бояд қайд кард, ки дар соҳаи тандурустӣ имконияти васеъ барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар соҳаи тайёр намудани дорувориҳо бо истифодаи имконияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва технологияи ҳозиразамони Покистон вуҷуд доранд.

Вохӯриҳои мунтазами ҷонибҳо инчунин дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Конфронси Исломӣ, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО) ва хусусан нишасти кишварҳои «Чоргонаи Душанбе» (Афғонистон, Покистон, Россия ва Тоҷикистон) қобили тазаккур аст. Дар самти сиёсӣва миқёси байналмилалӣ дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ Тоҷикистону Покистон ҳамеша мавқеъҳои якдигарро дастгирӣ менамоянд, ки ин аз ҳамоҳангии хуб ва наздик будани мавқеъҳои сиёсӣ ва байналмилалии ҳарду кишвар шаҳодат медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 27 соли истиқлолияти хеш тавонист, ки бо барқарор намудани муносибатҳои судманд бо кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ марҳала ба марҳала мавқеи сиёсии худро дар арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам гардонад. Бояд гуфт, ки тӯли ин муддат робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумурии исломии Покистон ҷараёни мунтазам дар сатҳи олӣ ва дигар соҳаҳо, ташаббусҳои фаъоли тиҷоратӣ қадамҳои мушаххаси байни

кишварҳоямон, дар якҷоягӣ бо натиҷаҳои мушаххас, фаҳмиши дақиқи муҳим ва манфиатҳои тарафайн дар муносибатҳои дуҷониба расиданд. Имрӯз Тоҷикистон робитаҳои байналмилалии худро бо кишварҳои бо ҳам дӯст ба монанди Ҷумҳурии исломии Покистон бо пайгирӣ аз сиёсати «дарҳои боз» муваффақона пеш мебарад.

Ҳамин тариқ, сиёсати «дарҳои боз» ба мо имкон дод, ки робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, барои вусъати муносибатҳои ҳамаҷониба бо кишварҳои ба ҳам дӯсту ҳамсоя заминаҳои нави воқеиро ба вуҷуд оварем.

АДАБИЁТ

1. Зарифӣ Ҳ. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз. Монография/Ҳ. Зарифӣ. - Д. : Ирфон, 2009. – 296с. Ҷ. 1.
2. Назаров Т. Н. Экономическая реформа, сотрудничество и безопасность. Монография/ Т. Н. Назаров. – Д. : Эр-граф, 2013. 264с.
3. Оймаҳмадов М. Иқтисоди ҷаҳон. Монография/ М. Оймаҳмадов, М. Муртазоев. -Т., 2001. - 127с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22. 12. 2016 [манбаи электронӣ]. URL:http://www. president. tj/node/6930
5. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (14. 11. 2014) http://mfa. tj/bsdhsueqrh. html?l=tj&cat=8&art=674
6. Файз Аҳмад Файз. Рӯҳи озод/ Ф. А. Файз. -Д., 1977. -122с.
7. Ғаффоров Абдулло. Назми Форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри Х1Х ва асри ХХ / А. Ғаффоров. -Д., 1975. -144с.
8. Ғаффоров Абдулло. Муҳаммад Иқбол/А. Ғаффоров. -Д., 1973. -32с.
9. Пресс-центр ТПП Таджикистана. http://tpp. tj/2018/10/16/peregovory-sharif-saida-s-sopredsedatelem-soveta-predprinimatelej-pakistan-tadzhikistan
10. Холов Ҷовид. Адабиёти урду дар садаи бистум/ Ҷ. Холов. -Душанбе, 2010. -154с.

МНОГОГРАННОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ ПАКИСТАН

В данной статье автор глубоко проанализировал 27 летний период установления дипломатических и политических отношений между двумя странами. Автор последовательно исследует ход становления этапы развития взаимовыгодных отношений между двумя странами.

Республика Таджикистан и Исламская Республика Пакистан имеют стабильные, давние и дружеские отношения. Две страны имеют прочные политические, культурные, торговые и экономические связи. Связь между двумя странами имеет давнюю историю и основана на общих обычаях и традициях.

Перспективы внешней политики Таджикистана в отношении Пакистана в концепции внешней политики Таджикистана, утвержденной указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, выглядят следующим образом: «Для Республики Таджикистан укрепление политических отношений и расширение взаимовыгодного сотрудничества с Исламской Республикой Пакистан, учитывая торгово- экономические возможности и ее геостратегическое положение, имеет особое значение». Следует отметить, что обе страны заинтересованы в дальнейшем упрочении и укреплении дипломатических, политических, экономических отношений во имя стабильности и безопасности региона.

Ключевые слова: *двусторонние отношения, сотрудничество, независимость, энергетика, регион, экономика, торговля, интерес, страна, наука, культура.*

MULTIFACETED COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE ISLAMIC REPUBLIC OF PAKISTAN

In this article the author analyzed in depth over a 27-year period the establishment of diplomatic relations between the two countries, through regular contacts at the highest and other levels, active diplomatic initiatives and concrete steps between our countries.

The Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Pakistan have stable, long-standing and friendly relations. The two countries have strong political, cultural, trade, and economic ties. The relationship between the two countries has a long history and is based on common customs and traditions.

The prospects of Tajikistan's foreign policy with regard to Pakistan in the concept of Tajikistan's foreign policy, approved by decree of the President of the Republic of Tajikistan dated January 27, 2015, are as follows: «For the Republic of Tajikistan, strengthening political relations and expanding mutually beneficial cooperation with the Islamic Republic of Pakistan, taking into account trade and economic

opportunities and its geostrategic position is of particular importance. « It should be noted that both countries are interested in further strengthening and strengthening diplomatic relations and the political situation in the region.

Key words: *bilateral relations, cooperation, independence, energy, region, economy, trade, interest, country, science, culture.*

Сведения об авторах:

Расулиён Кахор *– д. и. н., профессор кафедры истории таджикского народа ТНУ Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: 904887177.*

Джумаева Парвона Абдувохидовна *– старший научный сотрудник отдела социально-экономических и гуманитарных наук НИИ ТНУ*

Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон:985394000.

About the authors:

Rasulien Kahor *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Department of History of the Tajik People, TNU Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Phone: 904887177.*

Jumaeva Parvona Abduvohidovna *researcher of scientific research Institute of the Tajik National University, 17 Prospekt Rudaki, Dushanbe, 734025 Tajikistan, 985394000.*

УДК: 930(1-87+575. 3)

САҲМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР ОМӮЗИШИ ҲИНДУСТОН

Раҷабов Ҳ.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бобоҷон Ғафуров натанҳо дар омӯзиши Ҳиндустон, балки ҳамчун сарвари чунин як Институти боэътибори Иттиҳоди Шӯравӣ - Институти Шарқшиносӣ, ҳамчун шарқшиноси асил дар омӯзиши масъалаҳои мубрами тамоми мамлакатҳои Шарқ саҳм гузоштааст. Вале бештар зоҳир мешуд, ки мавсуф ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи ҳиндшиносӣ диққати махсус медоданд. На танҳо шумораи зиёди олимони Ҳиндустон, балки сарварони ин мамлакат Бобоҷон Ғафуровро шахсан мешинохтанд. Аз ҷумла яке аз сарвазирони Ҳиндустон Индира Гандӣ, ки духтари Ҷавоҳирлол Неҳру буд, дар симои аллома беҳтарин дӯсти Ҳиндустонро дарёфта буд.

Ҳамин саҳми назарраси академик Бобоҷон Ғафуров буд, ки соли 1968 ин олими забардасти Иттиҳоди Шӯравӣ, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори мукофоти Ҷавоҳирлол Неҳру шуданд. Ин худ нишондиҳандаи он мебошад, ки заҳматҳои академик Бобоҷон Ғафуров дар бахши омӯзиши Ҳиндустон, барои фарохтару қавитар намудани муносибатоҳои илмӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву иқтисодии Ҳиндустону Иттиҳоди Шӯрвӣ ниҳоят бузург аст. Ёдовар мешавем, ки пеш аз директори институт шудани Бобоҷон Ғафуров, калонтарин Институти шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳоли табоҳе дошт. Он вақт аз ҷониби комиссияи махсуси Комитети марказӣ камбудиҳои зиёде дар фаъолияти институт ошкор мегардад ва Кумитаи мазкур бо ҳамин сабаб директори ҳамонвақтаи институт академик Александр Андреевич Губерро аз вазифа сабукдӯш намуда буд. Маҳз дар ҳамон даврае, ки устод сарвари институти номбурда шуданд, сол то сол шумораи кормандони баландихтисоси он аз ҷумлаи олимони шинохтаи шарқшинос ва ҷавонони боистеъдод зиёд мешуд, секторҳо ва шуъбаҳои нав ташкил меёфтанд. Нуфуз ва эътибори институт на танҳо дар байни дигар чунин институтҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи Илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, балки берун аз Иттиҳоди Шӯравӣ миёни мамлакатҳои Шарқу Ғарб сол то сол афзоиш меёфт.

Замони директории Бобоҷон Ғафуров ҳарчанд Иттиҳоди Шӯравӣ замони оромиву осудагӣ бошад ҳам, дар айни ҳол замони баъдичангӣ, замони ҷанги сард ва замони ошкору ниҳон бо ҳам муборизаи шадид бурдани ду система–системаи сотсиалистиву системаи капиталистӣ буд. Ҳар кадом системаро лозим меомад, ки аз сиёсат ва идеологияи худ дифоъ кунад ва дар ҳамин вазъият фаъолона баромад кардан, сиёсати инсондӯстонаи Иттиҳоди Шӯравиро баён карда тавонистан, яке аз вазифаҳои асосии кормандони Институти шарқшиносӣ буд, ки дурусту боманфиат ба роҳ

мондани кори ҳар яке аз онҳо бевосита бо раҳнамоии академик Бобоҷон Ғафуров сурат мегирифт. Дар Институти шарқшиносӣ маҳз бо талоши Бобоҷон Ғафуров шуъбаҳои омӯзиши масъалаҳои мухталифи таърих, фарҳанг, сиёсат, иқтисодиёт ва забонҳои ҳиндустонӣ, аз ҷумла забонҳои ҳиндӣ, урду, банголӣ ва ғайра дар шакле ташкил ёфт, ки собиқа надошт. Чандин ҳиндшиносони Тоҷикистону Ӯзбекистон, Гурҷистон ва ҷумҳуриҳои назди Балтика маҳз дар ҳамин шуъба рисолаҳои илмии номзадӣ ва докторӣ навишта, дар ин ҷумҳуриҳо марказҳои ҳиндшиносӣ кушода, худашон боз дигар шогирдони ҳиндшинос тайёр мекарданду ҳоло ҳам тайёр мекунанд. Академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун таърихшинос шахсан ба институт чандин мутахассисони ҷавонро ба кор даъват намуда, онҳоро барои омӯзиши таърих, забон, адабиёт, иқтисодиёт, мардумшиносӣ ва фарҳанги Ҳиндустон ҳидоят намуда буданд.

Академик Бобоҷон Ғафуров барои дар Тоҷикистон бунёд шудани ҳиндшиносӣ пайваста кӯшиш мекарданд. Дар оғози солҳои шастуми асри гузашта худашон шахсан ду нафар тоҷикро, ки якеашон шодравон Абдуллоҷон Ғаффоров ва дигаре Шарафнисо Пӯлодова мебошанд, ба Ҳиндустон фиристониданд. Ҳадаф ин буд, ки онҳо дар Ҳиндустон ба омӯхтани адабиёти форсизабони Ҳиндустон машғул шаванд ва баробари ин забони урдуро низ аз худ кунанд. Маҳз ҳамин ду нафар бо маслиҳати аллома роҷеъ ба Мирзо Ғолибу Муҳаммад Иқбол рисолаҳои илмӣ навишта, номи ин ду намояндаи барҷастаи адабиёти форсизабони Ҳиндустонро ба мардуми тоҷик ошно намуданд.

Банда низ, шахсан, бо маслиҳат ва дастгирии устод Бобоҷон Ғафуров шуъбаи забонҳои ҳиндӣ ва урдуи факултети Шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинградро хатм карда, таҳсили аспирантураро дар институте, ки худашон сарвар буданд, гузарондам. Ҳанӯз пеш аз он ки қадам ба Донишгоҳи Ленинград монам, устод мо чор нафар ҷавонони тоҷикро дар майдони ҳавоии шаҳри Маскав пешвоз гирифта, аввал ба меҳмонхонаи «Будапешт» расонда, барои мо ҷой гирифта пулашро худашон пардохт намуданд. Пас ба хонаи худашон, ки дар кӯчаи Горкий воқеъ буд, бурданд ва меҳмондорӣ намуданд. Дар ҳамин меҳмондорӣ маълумоти бисёр дилчаспу ҷолибро роҷеъ ба Ҳиндустон мо аз устоди муҳтарам шунидем. Он кас боз таъкид намуданд, ки худашон ба Ҳиндустон таваҷҷуҳи хос доранд. Моро насиҳат карданд, ки мо ба омӯзиши Ҳиндустон ҷиддӣ машғул шавем ва дар оянда ба ташкили мактаби ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон аввалин шуда замина гузорем. Дигарбора моро то меҳмонхона, ки ба хонаашон хеле наздик буд, пиёда-пиёда гирифта бурданд. Ман аз ҳама рафиқонам хурдсол будам. Ҳамагӣ 17 сол умр доштам, дигарон аз се то панҷ сол аз ман калон буданд. Дар хонаашон худашон ва ҳамсарашон ба ман бештар саволҳо дода буданд ва ман кӣ ҳастаму чи ҳоле дорам, нақл карда будам. Дар меҳмонхона дигаронро монда, гуфтанд, ки «ҳамин рафиқатон маро гусел мекунад». Бо устод суҳбаткунон чун ба хонаашон назик шудем, аз пешамон ҳайкали Юрий Долглрукий баромад. Дар майдончаи назди ҳайкал харакҳои дароз - дароз меистоданд. Устод гуфтанд, ки ана ҳамин ҷо каме мешинем. Он ҷо тақрибан ним соат маро насиҳат карданд. Чун ман аз деҳа будам, он кас дар шаҳр чи тавр зистан ва дар донишгоҳ чи гуна худро нигоҳ доштан, ҳамаашро муфассал фаҳмонданд. Дар охир инро низ гуфтанд, ки «дар Ленинград шумоёнро боз хабар мегирам» ва шиносномаашон (визитка)-ро, ки бо ду забон буд, дода гуфтанд, ки мушкилие пеш ояд, телефон кунам... Рӯзи дигар барои мо тамошои Маскавро ташкил намуда, бегоҳ ба Ленинград, аз тариқи қатора гусел карданд. Субҳ соати шаш дар Ленинград дар вокзали «Маскав» директори Институти шарқшиносии Ленинград Юрий Ашотович Петросян шахсан моро пешвоз гирифтанду ҳар кумаке барои мо лозим буд дареғ надоштанд. Албатта, ин ҳамааш бо хоҳиши муҳтарам Бобоҷон Ғафуров муяссар шуда буд. Бо гузаштани бештар аз панҷоҳу шаш сол то имрӯз ҳайронам ва арзишмандтарин сухане ёфта наметавонам, то арзи сипосгузорӣ намоям ва бо мукаммалтарин андоза бигӯям, ки ин шахсияти бузург чи қадар хоксор буданд. Муносибаташон бо бачаҳои ҷавони ношинос - дараҷаи олии инсони хоксору накукор ва нотакрор буданашонро ифода мекард.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар Ҳиндустон дӯстони зиёд доштанд ва ҳар кадоми онҳо алломаро барои дар ҳиндшиносӣ саҳми бузург доштанашон ва ҳамчун олими барҷастаи шарқшинос бисёр эҳтиром мекарданд ва имрӯзҳо низ ин муҳаббату эҳтироми мардуми Ҳинд нисбат ба устод заррае кам нашудааст. Ҳангоми дар Донишгоҳи Ҷавоҳирлол Неҳру муддате таҳсил кардан ба устодоне вохӯрдам, ки Бобоҷон Ғафуровро хуб мешинохтанд ва эҳтиромона аз устод ёдовар мешуданд.

Бахшида ба зодрӯзи Бобоҷон Ғафуров ва мероси илмии ӯ дар Ҳиндустон чандин нишастҳо ва конференсияҳои илмӣ баргузор шудаанд, ки дар яке аз онҳо банда низ ширкат ва суханронӣ доштам. Моҳи ноябри соли 1989 дар шаҳри Деҳлӣ бо кӯшиши яке аз шогирдони Бобоҷон Ғафуров – профессор Девендра Каушик устоди Донишгоҳи ба номи Ҷавоҳирлол Неҳру, конференсияи илмие баргузор шуд, ки ба 80 - солагии Бобоҷон Ғафуров бахшида шуда буд. Дар ин конференсия аз Тоҷикистон академикҳо Мухторову Осимӣ ва боз олимони шинохта Маниёзову Ғафоров, инчунин, Равшан Раҳмонӣ ва ман иштирок доштем. Худи ҳамин далел, ки олимони ҳинду бо таваҷҷуҳи хоса ва рағбати зиёд чунин як конференсияро ташкил карда буданд, нишони он аст, ки Аллома чи қадру эҳтироме дар ин кишвар доранд ва ин қадрдонӣ маълум аст, ки ҳамааш ҳамин хел оддӣ ва худ ба худ ба вуҷуд намеояд. Олимони ҳиндустонӣ, ширкаткунандагони конференсия, аз ҷумла худи профессор Девендра Каушик, ҳар кадом Бобоҷон Ғафуровро маъруфтарин шарқшинос ва беҳтарин роҳбар гуфта, илова мекарданд, ки аз ошноӣ бо Бобоҷон Ғафуров ва шогирди аллома буданашон ифтихор доранд. Ҳар кадом махсус таъкид менамуданд, ки маҳз бо кӯшиши Бобоҷон Ғафуров гардиши дигари дилхоҳу назаррасе дар муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҳиндустону Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омад. Омӯзиши масъалаҳои гуногуни Ҳиндустон мардумони ин ду мамлакатро бо ҳам боз наздиктар намудааст. Дар ҷавоби таваҷҷуҳи Бобоҷон Ғафуров нисбат ба Ҳиндустон, агар хоҳем маълум кунем, ки ҳиндувон чи андешае доранд, кофист ба ёд биёрем, ки Шаши Бҳушан – олими Ҳинд бахшида ба аллома чиҳо мегӯяду чиҳо навиштааст. Китоби ӯ зери унвони «Академик Бобоҷон Ғафуров» соли 1977 дар Шаҳри Деҳлӣ ба забони англисӣ чоп шудааст. Дар пешлафзи ин китоб, ки бо қалами Сайид Нурул Ҳасан (1921-1993) собиқ сафири Ҳиндустон дар Иттиҳоди Шӯравӣ тааллуқ дорад, ишора ба он шудааст, ки мардумони Ҳинд саҳми Бобоҷон Ғафуровро дар тақвияти ҳиндшиносӣ ва омӯзиши Шарқ беҳамто меҳисобанд.

Ҳамин тариқ, Бобоҷон Ғафуров омӯзиши забонҳои ҳиндустонӣ, адабиёти Ҳиндустон ва таъриху иқтисодиёти Ҳиндустонро бениҳоят боаҳамият дониста, дар ин самт заҳматҳои зиёд кашидааст, ки бо ин васила муҳаббату эҳтироми мардуми ин кишварро барҳақ сазовор шудааст.

АДАБИЁТ

1. А. Мухтаров. Академик Гафуров Бободжон Гафурович. / А. Мухторов. – Д., 1979. - 35с.
2. Усмонҷон Ғаффоров. Равшангари таърих. /Ғаффоров У. – Д., 1990. –208с.
3. Ахрор Мухторов. Бобоҷон Ғафуров (хотирахо). /Мухторов А. – Д., 1992 – 152 с.
4. Усмонҷон Ғаффоров. Бобоҷон Ғафуров- фарзанди фарзонаи миллат. /Ғаффоров У. – Д., 1996. – 55 с.
5. А. Мухторов. Академик Бобобҷон Гафуров. / Мухторов А. – Д., 1998 – 183с.
6. С. А. Абдуллаев, Г. Х. Хайдаров Великий сын Таджикистана Х., 1998.– 220 стр.
7. Курбон Афсонов. Бобочон Гафуров – библиограф. / Афсонов К. – Д., 1998 - 20 с.
8. Бабаев А. Д, Розибеков А. Г. Достойный потомок Саманидов. /А. Бобоев, А. Розибеков. – Х., 1998 - 78 с.
9. А. М. Пулатов. Академик Гафуров - гордость нации, факель знания. /Пулатов А. М. – Д., 1998 46с.
10. В. Набиев, М. Наимов Академик Бободжан Гафуров и проблемы межнациональных отношений Д., 1999 16 стр.

ВКЛАД АКАДЕМИКА БОБОДЖОНА ГАФУРОВА В ИЗУЧЕНИИ ИНДИИ

Академик Б. Гафуров является крупным ученым востоковедом, который сыграл выдающуюся роль в развитии советского востоковедения. Академик Б. Гафуров в течении долгого времени возглавлял крупнейший центр советского востоковедения институт востоковедения АН СССР. На этом поприще он уделял большое внимание изучению различных проблем стран Востока, в том числе Индии. На посту директора института академик Гафуров приложил максимум усилий для подготовки индийских научных кадров и развитии индологии в СССР. Он пользовался большим уважением и авторитетом в Индии. Многие политические деятели Индии, в частности, премьер-министр Индии Индира Ганди неоднократно встречалась с академиком Б. Гафуровым и отзывалась о нем как о большом друге Индии. Заслуги Б. Гафурова были отмечены государственой премии Индии имени Джавахарлала Неру. В статье рассматривается вклад академика Б. Гафурова в изучении истории, литературы и культуры Индии.

Ключевые слова: *академик, востоковедение, Индия, премия, премьер-министр, Гафуров, изучение, история, культура, наука, институт, друг, награда, вклад, политика, экономика.*

CONTRIBUTION OF ACADEMICIAN BOBOJON GAFUROV TO THE STUDY OF INDIA

Academician B. Gafurov is a major Oriental scholar, who played an outstanding role in the development of Soviet oriental studies. Academician B. Gafurov for a long time headed the largest center of

Soviet Oriental Studies, the Institute of Oriental Studies of the USSR Academy of Sciences. In this field, he paid great attention to the study of various problems of the countries of the East, including India. As director of the institute, Academician Gafurov made every effort to train Indian scientific personnel and develop indology in the USSR. He enjoyed great respect and authority in India. Many Indian politicians, in particular, Indian Prime Minister Indira Gandhi, met with academician B. Gafurov and spoke of him as a great friend of India. The merits of B. Gafurov were awarded the State Prize of India named after Jawaharlal Nehru. The article considers the contribution of academician B. Gafurov in the study of the history, literature and culture of India.

Keywords: *academician, oriental studies, India, award, prime minister, Gafurov, study, history, culture, science, institute, friend, award, contribution, politics, economics.*

Сведение об авторе:

Раджабов Ҳайбулло *– Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры индологии ТНУ.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: +(992) 907 96 30 00*

About the author:

Rajabov Haibullo *– Tajik national University doctor of Philology, Professor of the Department of Indology of TNU.* ***Address:*** *17 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734025. Phone: +(992) 907 96 30 00*

УДК 9+339.543 (575.3)

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАҚОМОТИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Азизов Ш.С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Мақомоти гумрук аз рӯзҳои аввали ташкилёбии худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол таъмини амнияти иқтисодиёти миллӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои қонунгузории гумрукӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва прекурсорҳо, яроқ, ҳифзи сарватҳои моддию фарҳангӣ, таҳкими сиёсати тиҷорати хориҷӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатии ҷумҳуриро ба роҳ монда, инчунин дар ҷабҳаи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм бо дигар мақомоти низомии кишвар мусоидат намуда, то имрӯз ин вазифаҳоро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории кишвар оид ба фаъолияти гумрукӣ иҷро менамояд. Чунки таъмини амнияти милливу давлатӣ, ҳифзи амнияти иқтисодӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои давлати миллӣ ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ вазифаи муқаддас, пурифтихор ва пуршарафест, ки иҷрои он ба зиммаи кормандони гумруки мамлакат вогузор карда шудааст.Ва ин матлаб дар моддаи 462-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон «Вазифаҳои мақомоти гумрук» муайян карда шудааст. [1]

Мақомоти гумруки миллӣ дар Тоҷикистон замоне ташкил карда шуд, ки кишвар дар марҳилаи ҳассоси таърихӣ қарор дошт. Мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ саросари кишварро фаро гирифта буд.

Дар чунин замони ҳассостарин, ки кишвар рӯ ба инқироз ниҳода буд ва тамоми сохторҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати фалаҷшавӣ қарор доштанд, бо мақсади таъмини амнияти иқтисодии кишвар, пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, ки талаботи қонунгузории гумрукӣ муайян намудааст, риояи қоидаҳои муқарраргардидаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт ва ҳифз намудани неъматҳое, ки тавассути Истиқлолияти давлатӣ ба даст омадааст, 22 январи соли 1992 дар асоси қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №14 Саридораи назорати гумрукии назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд.[2]

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ инфрасохтори гумрукӣ ва мутахассисони соҳаи гумрук берун аз сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон монданд ва дар ҳудуди Тоҷикистони азиз танҳо дидбонгоҳи гумрукии Панҷи Поён, ки зиёда аз 4000 километр сарҳадоти маъмурии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо кишвари ҳамсоя Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дарбар мегирифт бо 7 нафар штати корӣ дар

ихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мерос монд. Дар ин замон хавфу хатари қуввахои мусаллахи дохиливу беруна аз байн нарафта буд. Гуруҳҳои муташаккили силоҳбадаст мехостанд, ки молу маҳсулот, воситахои нақлиёту техникахои гуногун ва сарватҳои моддию фарҳангиро бидуни барасмиятдарории гумрукӣ ва ба таври ғайриқонунӣ аз ҳудуди ҷумҳурии тозаистиқлол ба хориҷи кишвар интиқол диҳанд.

Новобаста аз мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин муноқишахои ҷангҷӯёнаи гуруҳхои алоҳидаи ифротгаро бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин гуна давраи ҳассос гумруки миллӣ ташкил ёфт.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ташаккулёбии ҷомеаи чаҳонӣ амалӣ кардани ислоҳоти иқтисодию идоравии сохтори Ҳукумат бо назардошти рушди иқтисоди миллӣ зарурияти таҳия намудани санадҳои ҳуқуқию меъёрии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти гумруки миллӣ ба миён омад.

Навобаста аз мушкилоти даргириҳои сиёсӣ ва таназзули иқтисодиёти кишвар бо кушишу пайгириҳои роҳбарият ва кормандони ҳамонвақтаи мақомоти навтаъсиси гумрук нахустин лоиҳаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарифи гумрукӣ » таҳия гардид ва дар таъихи 16 ноябри соли 1992, дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди қабул гардид, ки асноди мазкур барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳоии иқтисодии кишвар, ташкили назорати гумрукӣ, пешгирии муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, яроқу аслиҳа, қочоқи молу маҳсулот ва муборизаи бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ заминаҳои аввалини ҳуқуқӣ гузоштанд.

Минбаъд бо мақсади таъмини ҳамоҳангсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои ҳуқуқу қонунгузориҳои байналмиллалӣ Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2004 бо таҳрири наву иловаҳои зарурӣ қабул гардида, аз 01 январи соли 2005 мавриди амал қарор дода шуд.

Бо назардошти вазъи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтисодиёти миллӣ ва уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди институтҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин бо мақсади ҷалби сармоягузории хориҷиву дохилӣ барои пешрафти иқтисодиёти миллӣ ва рушди соҳибкорӣ тибқи қонунгузории мамлакат ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки аз чораҳои саривақтӣ ва зарури ҷомеа меёфтанд.

Ин тағйироту иловаҳо бо мақсади ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии миллӣ амалӣ карда шуданд:

- мутобиқ намудани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи меъёриву ҳуқуқии байналмиллалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

- таъмини мутобиқати комили муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Конвенсияи Киото оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ (дар таҳрири соли 1999), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2010 таҳти рақами №255 ба он ҳамроҳ шудааст;

- таъмини мутобиқати муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ;

- содагардонӣ ва суръатбахшӣ ба марҳилаи барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар қаламрави гумрукии кишвар.

Тағйиру иловаҳои ҷоригардида заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалиро барои рушду таҳкими минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ муҳайё намуда, ба содагардонии расмиёти гумрукӣ, афзоиш ёфтани гардиши мол ва равнақ ёфтани тиҷорати хориҷӣ мусоидат намуданд.

Барои содагардонидани расмиёти гумрукӣ ва дар ин замина таъмин намудани шаффофияти амалиёти барасмиятдарории гумрукӣ, инчунин андешидани чораҳои зарурӣ дар масъалаи барасмиятдарории саривақтии гумрукӣ ва аз байн бурдани монеаҳои ҳангоми воридоту содироти молу воситаҳои нақлиёт вуҷуддошта ҳадамоти гумруки Тоҷикистон тартиби декларатсиякунонии молу воситаҳои нақлиёт ва содагардонии расмиёти гумрукиро мутобиқи Ҳуҷҷати ягонаи маъмурии дар мамлакатҳои Аврупо истифодашаванда, ки ҷавобгӯи талаботи стандартҳо ва дорои асосҳои ҳуқуқию меъёрии байналмилалӣ мебошад, ҳанӯз дар соли 2010 мавриди татбиқ қарор додааст.

Инчунин мутобиқи тағйироту иловаҳое, ки ба банди панҷуми моддаи 131 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, теъдоди ҳуҷҷатҳои ҳангоми декларатсия кардани молу воситаҳои нақлиёт пешниҳодшаванда, аз 12 номгӯй ба 5 номгӯй паст фароварда шудааст.

Дар баробари ин, ҷиҳати риоя намудани принсипҳои интихобӣ ва кифоягии назорати гумрукӣ, таҳкими имкониятҳои мақомоти гумрук дар ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, низоми идоракунии таваккал ба роҳ монда шуда, бо фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои пур кардани ҳисобот дар бораи натиҷаҳои татбиқи тадбирҳо доир ба кам кардани таваккал ба тасвиб расид ва мавриди амал қарор дода шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади таъмини назорат аз болои истифодаи мақсадноки молҳои воридотии бархурдор аз имтиёзҳо татбиқи назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ бо усулҳои аудит тибқи тартиби муқарраршуда мавриди амал қарор дода шуд.

Бо назардошти он, ки беш аз 60%-и воридоти молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз имтиёзҳо бархурдоранд, ҷорӣ намудани чунин шакли назорат аҳамияти калон дошт ва он ба самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ҳангоми воридоти молҳои имтиёзнок ва ба афзоиши сатҳи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ мусоидат намуд. Ҳамзамон дар мақомоти гумрук барои соҳибкороне, ки дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бенуқсон фаъолият менамоянд, расмиёти содагардонидашудаи махсус муқаррар гардидааст.

Бо мақсади такмил додан ва мутобиқ намудани меъёрҳои андози аксизии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳдадориҳои байналмиллалӣ бо пешниҳоди мақомоти гумруки кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2014 таҳти № 102 «Дар бораи меъёрҳои андози аксизии барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истехсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда» қарор қабул гардидааст ва он мавриди амал қарор дорад.

Дар баробари ин, бо мақсади мутобиқ гардонидани муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мушаххас намудани намудҳои молҳои зераксизии тамғаҳои аксизӣ гузошташаванда, такмил додани масъалаҳои андозу андозбандӣ ва пешгирӣ намудани заминаҳои пайдоиши ҳолатҳои корупсионӣ Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якчоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи молҳои зераксизии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, ки ба онҳо тамғаи аксизӣ гузошта мешавад» таҳия карда шуд, ки он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаи 38-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 51-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори № 92 аз 25 феврали соли 2017 зерқонуни мазкур «Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро тасдиқ намуд ва аз моҳи июли соли 2017 мавриди амал карор дода шуд. Дар асоси банди 2-и ҳамин қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори аз 5 феврали соли 2003 таҳти №44 ба тасвибрасида «Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи Номгӯи умумии молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Иттиҳоди иқтисодии ЕврАзия » - ро, ки то ин замон дар мақомоти гумрук мавриди истифода қарор дошт, аз эътибор соқит намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 инҷониб узви Созмони умумиҷаҳонии гумрукӣ (СУГ) буда, бо бештар аз 100 конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмиллалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ шомил мебошад.Дар айни замон, беш аз 48 созишномаҳои байналмиллалии байниҳукуматӣ ва байниидоравии соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба имзо расида, мавриди амал қарор гирифтааст. Созишномаҳои мазкур бо мамлакатҳое чун Афғонистон, Арманистон, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Туркия, Туркманистон, Украина, Чин, Эрон ва дигар давлатҳо ба имзо расидаанд.

Дар соли 2010 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳагсозии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото), ки аз 18 майи соли 1973 қабул гардида, аз 26 июни соли 1999 дар шаҳри Брюсели Ҷумҳурии Белгия дар таҳрири нав қабул карда шудааст, ҳамроҳ гардид, ки он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори ин ниҳод таҳти № 127 аз 1-уми октябри соли 2015 тасдиқ карда шудааст.

Ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи Киото барои бартараф намудани монеаҳои беруна дар муносибатҳои иқтисодии мамлакат бо давлатҳои хориҷӣ, рушди тиҷорати хориҷӣ ва беҳ намудани фазои соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмиллалӣ ҳамкориҳои самаранокро ба роҳ монда, аз кӯмаки техникии онҳо дар мустаҳкамгардонии инфрасохтори гумрукӣ, таҷҳизонидани объектҳои гумрукии наздисарҳадӣ, модернизатсияи мақомоти гумрук, инноватсия дар мақомоти гумрук, аз ҷумла автоматикунонии равандҳои фаъолияти гумрукӣ бархурдор мебошад. Ба ғайр аз ин, Хадамоти гумрук дар доираи ваколатҳои худ иштироки бонуфузи мамлакатро оид ба масъалаҳои хамкориҳои байналмиллалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, Барномаи минтақавии ҳамкориҳои иқтисодии Осиёи Марказӣ ва Кумитаи ҳамкориҳои гумрукии Бонки осиёии рушд доир ба масъалаҳои ташкил намудани минтақаи савдои озод, ҷорӣ намудани тартиби ягонаи андозбандӣ, мубодилаи ахбор байни мақомоти гумрук ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба таъмин намуда истодааст.

Аз ҷумла, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои бисёрҷониба дар соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ ва идораи таваккал лоиҳаи Меморандуми байни хадамоти гумруки давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи рушд ва татбиқи системаи идоракунии таваккал ва лоиҳаи Протокол дар бораи ҳамкории мақомоти гумруки давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ба имзо расонида шудааст.Бо мақсади ба роҳ мондани мубодилаи иттилоот ин масъала дар заминаи созишнома моҳи сентябри соли 2014 аз ҷониби мутахассисони Конфронси Созмони Миллали Муттаҳид оид ба савдо ва рушди имкониятҳо Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи мақомоти гумрук мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷиҳати ба амал баровардани мубодилаи маълумот оид ба тиҷорати хориҷӣ барномаи махсус таҳрезӣ гардид ва дар ҳамкорӣ ба мақомоти гумруки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Системаи мубодилаи электронӣ ҷорӣ карда шуд.

Дар баробари ин моҳи апрели соли 2015 ҷиҳати таъмини заминаҳои ҳуқуқӣ бо мақомоти гумрукӣ Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Протокол оид ба мубодилаи иттилоот ба имзо расонида шуд.

Инчунин Созишнома дар бораи ҳамкории иттилоотӣ байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии гумруки Федератсияи Россия дар соҳаи мухолифат намудан ба қонунигардонии даромадҳо, ки бо роҳи ҷиноятқорӣ ба даст омадаанд ва пешгирии маблағгузории терроризм ҳангоми интиқоли пули нақд аз ҷониби шахсони воқеӣ таҳия гардида, бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2014 таҳти № 736 маъқул дониста шуд.

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии гумруки Федератсияи Россия дар доираи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ вобаста ба интиқоли молҳо тавассути нақлиёти ҳавоӣ Протокол оид ба ҳамкорӣ дар мувофиқа бо вазорату идораҳаҳои дахлдор ба имзо расониданд. .

Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон мақомоти гумрук ба як фишанги муҳими татбиқи сиёсати иқтисодии мамлакат ва институти муқтадири таъминкунандаи амнияти миллии иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ мубаддал гашт.

Дар айни замон сохтори мақомоти гумруки кишвар аз Дастгоҳи марказӣ, Донишкадаи такмили ихтисос, Лабораторияи марказии гумрукӣ, Маҷаллаи «Гумрук», Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази равзанаи ягона», Корхонаи воҳиди давлатии «Матбааи хадамоти гумрук», Корхонаи воҳиди давлатии «Таъмиру сохтмон» ва аз панҷ Раёсати минтақавии гумрукӣ иборат буда, назорат ва барасмиятдарории гумрукии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт дар 24 гузаргоҳи наздисарҳадии автомобилгузар, 4 гузаргоҳи роҳи оҳан, 1 гузаргоҳи дарёӣ, 5 гузаргоҳи нақлиёти ҳавоӣ, 17 гумрук ва 21 дидбонгоҳи гумрукии дохилӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон таҳти №221 аз 02 майи соли 2018 дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва гумрукҳо дар низоми шабонарӯзӣ фаъолият намуда, дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкорони ватанию хориҷӣ ва дигар шахсони воқеию ҳуқукӣ хизмат

мерасонанд. Айни замон дар мақомоти гумруки кишвар 22 гузаргоҳҳои автомобилӣ, 4 гузаргоҳҳои роҳи оҳан, 1 гузаргоҳи дарёӣ, 5 гузаргоҳҳои ҳавопаймоӣ 17 гумрукҳои дохилӣ ва 18 дидбонгоҳҳои дохилӣ фаъолият менамоянд. Дар низоми шабонарӯзӣ 2 гумрук ва 22 дидбонгоҳи гумрукӣ ва дар низоми рӯзона бошад 17 гумрук ва 35 дидбонгоҳи гумрукӣ барои фаъолият фаро гирифта шудаанд. Танҳо дар давоми солхои 2018 ва 2019 дар сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишвари дӯсту ҳамсоя Ҷумҳурии Ӯзбекистон 12 дидбонгоҳҳои гумрукӣ дар гузаргоҳҳои автомобилӣ ва 14 дидбонгоҳҳои гумрукӣ дар гузаргоҳҳои роҳи оҳан фаъолияти худро ба таври доимӣ барқарор намуданд.

Бо мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти гумрук ва стандартикунонии расмиёти гумрукӣ аз 1-уми январи соли 2012 системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона дар мақомоти гумрук роҳандозӣ карда шуд, ки айни замон, дар низоми вақти воқеӣ фаъолият намуда, ба ҳама воҳидҳои сохтории Хадамоти гумрук пайваст мебошад. Тавассути системаи мазкур барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар шакли электронӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи мақомоти гумрук шабакаи боэътимод буда, ҳимояи маълумоти интиқолшударо кафолат медиҳад, ки сохтани инфрасохтори ягонаро дар байни воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук ва Дастгоҳи марказии Хадамоти гумрук бо ташкили дастрасии истифодабарандагон ба захираҳои марказии махзани маълумот ва таъминоти барномавӣ дарбар мегирад ва он имкон медиҳад, ки назорат аз болои интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ дар вақти воқеӣ ба амал бароварда шавад. Дар системаи мазкур дар ин баробар зерсистемаҳои назорат ва барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт, ба мисли зерсистемаи «Ҳисобу назорати уҳдадориҳо ва пардохтҳо» мавриди истифода қарор дорад, ки тавассути он ҳангоми барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт пардохтҳои гумрукӣ ба таври автоматонидашуда ҳисоб карда мешаванд. Зерсистемаи мазкур имконият медиҳад, ки ҳама намудҳои пардохтҳои гумрукӣ, аз он ҷумла хироҷҳои гумрукӣ, боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ба таври шаффоф мавриди ҳисоб қарор гирифта, маъмурикунонии онҳо беҳтар гардад ва пешниҳоди ҳисобот низ ба таври автоматикунонидашуда сурат гирад. Инчунин дар асоси муқаррароти банди 11-и моддаи 2-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши Хадамоти гумруки назди ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон «Дастурамал оид ба тартиби ҳисоб кардан ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ»[3] ба тасвиб расидааст, ки тартиби ҳисобу пардохт намудани пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои гумрукиро муайян менамояд.

Дар баробари ин, бо мақсади содагардонии расмиёти содиротию воридотӣ, андешидани чораҳои зарурӣ дар масъалаҳои барасмиятдарории саривақтию шаффоф, аз байн бурдани монеаҳо дар тиҷорати хориҷӣ чорабиниҳо ҷиҳати таъсиси Системаи равзанаи ягона оид ба амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад.

Барномаи мазкур ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти содагардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии расмиёти маъмурӣ дар тиҷорати хориҷӣ муайян намуда, ба амал баровардани онро бо роҳи ҷорӣ намудани системаи электронии коркарду мубодилаи иттилоот байни мақомоти манфиатдори давлатӣ ва субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар назар дорад.

Дар роҳи рушди тиҷорати хориҷӣ ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои мавҷудбуда аз ҷониби Хадамоти гумрук дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор як қатор чорабиниҳо дар самти татбиқи принсипи «Истгоҳи ягона» ва Системаи равзанаи ягона таҳия ва амалӣ карда шуд. Аз ҷумла, бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти назоратӣ дар гузаргоҳҳои автомобилгузари наздисарҳадӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои ҳамоҳангсозии мақомоти назоратӣ дар гузаргоҳҳои автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи принсипи «Истгоҳи ягона» 3-уми июли соли 2014 ба имзо расид.

Дар айни замон, расмиёти содагардонидашуда дар ҳама гузаргоҳҳои автомобилии наздисарҳадӣ тибқи принсипи «Истгоҳи ягона» ба роҳ монда шудааст ва ин низом имконият медиҳад, ки назорати молу воситаҳои нақлиёт дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ дар асоси технологияи муосир ба тарзи вақти муайяну ба таври муштарак содда гардонида шуда, шаффоф ва самарабахш сурат пазируфта, барои рушди соҳибкорӣ заминаи боэтимод фароҳам овардааст.

Ҳамзамон мутобиқи созишнома «Дар бораи пешниҳод намудани грант» таҳти №TAJ-0341(SF) аз 23 апрели соли 2013 миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд дар назди Хадамоти гумрук бо мақсади амалисозии созишномаи зикргардида Гуруҳи татбиқи лоиҳаи ҳамкории минтақавии Осиёи Марказӣ оид ба беҳтар намудани хизматрасониҳои наздисарҳадӣ таъсис дода шудааст. Ҷорӣ ва минбаъд такмил намудани системаи иттилоотии Равзанаи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қисматҳои асосии лоиҳаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Оид ба ҳамкории байни Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2012 Созишнома ба имзо расида, дар заминаи он як қатор санадҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ҳамкорӣ ва таъмини техникиву барномавӣ таҳия ва қабул гардидааст.

Такмил намудани заминаҳои моддию техникии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи самаранокии фаъолияти мақомоти мазкур ба шумор меравад ва чорабиниҳои мақсаднок дар ин самт бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст.

Аз рӯи нуқтаи назари мо кумруки кишвар 4 марҳиларо паси сар гузаронидааст: якум марҳилаи ташкилӣ, ки солҳои 1992 то 1997-ро дар бар мегирад, дуюм марҳилаи такмил, ки давраи солҳои 1997 то 2007-ро дар бар мегирад ва солҳои 2007-2013 марҳилаи сеюм ин таҷдиди мақомот мебошад. Марҳилаи чорум аз соли 2013 то ҳоло марҳилаи мутобиқнамоӣ ба низоми гумрукии байналмиллалӣ ва рушди мақомоти гумруки миллӣ мебошад. Дар айни замон мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи ташаккулёбии худро ба анҷом расонида, такмилнамудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва моддию техникии худро вобаста ба раванди иқтисодиёти ҷаҳонӣ идома дода истодааст ва дар партави сиёсати иқтисодии кишвар бобати рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангию таърихӣ босубот қадам мегузорад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо назардошти тағйироту иловаҳо). -Душанбе, КВД «Матбаа»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон, 2013. -438 саҳифа
2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ГУП «Типография МГДС РТ», Душанбе.2006
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо назардошти тағйироту иловаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, Шарқи озод, 2017-671саҳифа
4. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) мураттиб М.О.Оймаҳмадов). – Душанбе, Ирфон, 1998
5. Орифов А.О., Азизов Ф.Ҳ. Танзими муносибатҳои иқтисодии гумрукӣ (Дастури методӣ), Хуҷанд. Хуросон, 2009. – 159 с.
6. Орифов А., Блиничкина Н. Гумрук (васоити таълимӣ –методӣ), Хуҷанд, нашриёти «Ношир», 2013. – 366 с.
7. Хасанов К.Х. Таможня Республики Таджикистан: создание и становление, Душанбе, Шарқи озод, 1998. – 158 с.

ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается вопросы формирования, развития и деятельности таможенных органов Республики Таджикистан. Автор исследует проблемы правовых основ организации национального таможенного органа на территории республики и организации таможенного контроля.Также приводится исторические материалы о формирования независимых таможенных органов в годы государственной независимости Республики Таджикистан.

Определено, что в Республике Таджикистан таможенные органы были образованы 22 января 1992 года в соответствии с Постановлением Совета Министров Республики Таджикистан за № 14 от 22 января 1992 года.

Данная статья имеет большое научно-практическое значение для ученых, специалистов таможенных органов и общественности республики.

HISTORY OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF CUSTOMS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article explores the development of foundations and evolution of custom agency's organization from the scientific point of view in the custom territory of the Republic of Tajikistan. Therefore, legal basis

and norms of national custom's activity and organization of custom control are studied for the detailed investigation and analysis of custom's activity. It is identified that in custom territory of the independent Tajikistan custom agency was founded from January 22, 1992 based on the Order Board of Ministries of the Republic of Tajikistan # 14 for protecting goods of state independence. The material of the investigation is useful for researchers and specialists of the sphere.

Сведения об авторе:

Азизов Шоазиз Самиевич. *– кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни, 734003 г. Душанбе, проспект Рудаки 121, E-mail: shoaziz2007@mail.ru, тел. 935671997*

About the author:

Azizov Shoaziz Samievich*- candidate of economic sciences, head of the Chair of Economy Theory, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, 734003, Dushanbe city, 121 Rudaki av.tel.: +992 918661997, E-mail: shoaziiz2007@mail.ru*

НИГОҲЕ БА ВАЗЪИ ЗАНОНИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

Зарипова Г.С.

Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Осиёи Миёна яке аз марказҳои тамаддуни инсонӣ ба ҳисоб рафта, таърихи инсоният дар ин ҷо ба қаъри асрҳо мерасад. Дар тамоми марҳилаҳои таърихи инсоният занон дар пешрафти рӯзгор иштирок менамуданд.

Оид ба вазъи занони аморати Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳарф задан хеле мушкил аст. Зеро мадракҳои таърихӣ дар ин бора кам маълумот медиҳанд. Фузун бар ин дар ин давра аморатро бесару сомонӣ, ихтилофи дарборӣ, зулму истибдод ва фармонфармоии амирон фаро гирифта буд. Худкомии аъёну ашроф вазъи мардуми музлимро боз ҳам вазнинтар намуда, бенавову қашшоқ мегардонид.

Махсусан ҳукмронии амир Насрулло (1826-1860)-ро давраи бедодгарӣ ва хунхориҳои аз ҳад зиёд унвон намудаанд. Академик Б.Ғафуров такя ба истиноди А.А.Семёнов менависад, ки амир Насрулло аз болои ҷасади ду бародари худ – ворисони қонунии салтанат Ҳусайн ва Умар гузашта, ба тахт нишаст ва дар давоми як моҳи пас аз ҷулуси худ рӯзе 50-100 касро ба қатл мерасонид [6, с.578].

Дар чунин вазъияти дохилии аморат ва хунхории амир оид ба вазъи занон гуфтан амри маҳол аст. Аз маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ аён мегардад, ки занон низ аз муносибати золимонаву бераҳмона бархурдор буданд. Масалан, аз рӯи баъзе ривоятҳо зани ба зӯрӣ гирифтаиНасрулло – духтари волии Шаҳрисабз – Кенагасхоним ҳангоми хоб будани амир ба гӯшаш симоб рехтааст. Амир аз дарди ҷонкоҳ бедор шуда, пеш аз марг фармудааст, ки он зан ва ҳамаи бачаҳои вайро кушта, ба чоҳ партоянд [6, с.580].

Аз ҳодисаи зикргардида маълум мегардад, ки амир Насрулло ҳатто ба ҳамсари худ муносибати инсонона надоштааст ва зулму ситамро нисбати оилаи худ раво медидааст.

Дигар аз масоиле, ки ба вазъи занон дар аморати Бухоро таъсиргузор буд, ин мавҷудияти тартиботи ғуломдорӣ мебошад. Ин масъала дар байни олимон баҳсҳои зиёдро ба миён овардааст [5, с.420]. Қаҳрамони халқи тоҷик Садриддин Айнӣ дар романи машҳури худ «Ғуломон» вазъи ғуломон ва масоили ғуломдориро возеҳу равшан тасвир намудааст [1].

Дар давраи мазкур марказҳои ғуломфурӯшӣ амал мекарданд, ки муҳимтарини онҳо шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тошкент, Қарақул ва Қаршӣ буданд [4, с.150].

Муаррих Исмоилова Б., масоили вазъи аморати Бухороро дар давраи амир Ҳайдарро амиқ таҳлил намуда, такя бар маълумоти сайёҳон ва таҳлилгарон вобаста ба ғуломфурӯшӣ дар ин минтақа менависад, ки занон нисбат ба мардҳо арзонтар фурӯхта мешуданд. Масалан, агар ғуломзан ҷавон ва зебо бошад аз 100 то 150 тилло (аз 1600 то 2400 рубли ассигнатсиягӣ) арзиш доштанд [3, с.110].

Дар таърихи мардуми тоҷик Маздак яке аз симоҳои дурахшоне маҳсуб меёбад, ки номи худро дар саҳфҳаҳои ҳаракати озодфикрии ҷаҳон ба таври абадӣ сабт намудааст. Бо вуҷуди он ки ин мазҳаб дар охири давраи сулолаи сосонӣ ба вуҷуд омада, номи Хусрави Анушервонро дар Шарқ маъруфу маъмул гардонид, нерӯи таълимоти ӯ роҳи муборизаи озодихоҳонаи мардуми моро бар муқобили истисморгарони аҷнабӣ равшан намуда, баъдан яке аз омилҳои ташаккули давлатҳои форсизабон - Саффориён, Тоҳириҳо ва Сомониён гардид. Дар зери таъсири таълимоти Маздак дар асрҳои миёна дар дини ислом даҳҳо ҷараёну фирқаҳо зуҳур намуда, фаъолияти бисёр гурӯҳҳои динӣ ва фирқаҳои ифротӣ аз қабили исмоилия, ҳашишия, афридия, абӯмуслимия, хуррамия, бобакия, бобия аз он сарчашма гирифтаанд [3, с. 164].

Мувофиқи нишондоди муҳаққиқони тоҷик Маздак дар соли 460 мелодӣ ба таваллуд шудааст. Муаррихи асримиёнагӣ Муҳаммад Ҷарири Табарӣ зодгоҳи ӯро Нисо (ҷанубӣ Ашқободи кунунӣ) номидааст [2, с. 36]. Ин аз он ҷиҳат ҳам дуруст мебошад, ки аксар муаррихон падари ӯ Бомдодро яке аз мубадони номдори Нишопур нишон додаанд. Муаррихони дигар ватани ӯро Истахр, Табрез, Мадария воқеъ дар соҳили шарқии дарёи Даҷла ва ғайра донистаанд. Муаррихи дигари асримиёнагии тоҷик Низомулмулк номи зани ӯро Хуррама овардааст. Дар асоси маълумоти Ибн-ал-Асир, худи Маздак ҳам дар аввал мубади парҳезкору гушанишине будааст. Мувоифқи маълумоти муаррихони асримиёнагӣ Маздак китобе бо номи «Диснод» ва ё «Занд» навиштааст, ки онро Ибни Муқаффаъ ба арабӣ тарҷума намудааст. Шаҳобуддин Аҳмади Хаффочӣ дар бораи ин китоб чунин навиштааст: «Занд касеро мегуфтанд, ки пайрави китоби Маздак буда ва арабишудааш зиндикро барои пайравони Монӣ ва Маздак ба кор мебурданд» [9, с. 825].

Бояд қайд намуд, ки ҳаракати маздакия, ки дар охири садаи V ва аввали VI империяи бузурги сосониро ба ларза даровард, императорони гирду атроф, аз ҷумла Руму Юнонро ба воҳима оварда буд, нахустин ҳаракати васли иҷтимоию динӣ ва ҳатто мардумӣ мебошад, ки мушкилии нобаробарии иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳалли онро дар миён гузошт ва барои ҳалли он амалан ҷаҳду талош кард.

Дар асоси маълумотҳои муҳаққиқони тоҷик қайд намудан ҷоиз аст, ки таҳқурсии ҷомеаи эронии даврони сосониро ду рукни асосӣ ташкил медод: моликият ва хун. Тибқи ахбори «Номаи Тансар», дар аҳди поягузории давлати сосонӣ Ардашери Бобакон миёни ашроф ва авом масофаи зиёде вуҷуд дошт. Ба таври дигар гӯем, дар Эроншаҳри бостон мавқеи табақа ва дараҷаҳои иҷтимоъ аз бисёр ҷиҳат ба кастаҳои ҳиндуён монандӣ дошт. Табақаҳои поёнӣ, бахусус деҳқонон ва косибон аз ҳуқуқҳои оддӣ маҳрум буда, дар зери истисмори чандҷониба қарор доштанд. Табақаи баландтарини ашроф, ки наздикону атрофиёни шоҳ, марзбонон ва шоҳзодагони сосонӣ буданд, барои худ расму анъанаҳои махсусро доштанд.

Дар хусуси ҳифзи хуни хонадони салтанатӣ «Форснома»-и Ибн Балхӣ чунин менависад: «Одати мулуки Форс ва акосира он будӣ, ки аз ҳама мулуки атроф чун Син, Рум, Турк ва Ҳинд духтарон ситодандӣ ва пайванд сохтандӣ ва ҳаргиз духтаре ба эшон надодандӣ. Духтаронро ҷуз ба касоне, ки аз аҳли байти эшон будандӣ, мувосилат накардандӣ» [1, с. 32].

Синфи ҳоким, бахусус ашрофи сосонӣ аз тамоми табақаҳои дигар духтар мегирифтанд, вале ба ягон табақаи поёнӣ духтар намедоданд. Қонуни давлат тиҷорати амволи ашрофро ба табақаи поён манъ намуда буд. Агар касе тасодуфан чизе аз моли табақаи ашрофро харидорӣ намояд, мол пас гирифта шуда, шахси харида ба маҳкама кашида мешуд [4, с. 331].

Бояд тазаккур дод, ки хонаводаи сосонӣ аз шохаҳои зиёд иборат буд ва дар ҳар яке даҳҳо шоҳзодагон тарбия мешуданд, дар даврони ҳарҷу марҷ ва ба хусус, дар вақти интихоби шоҳ аксари онҳо довталаби тоҷу тахт мегардиданд. Пас аз марги Яздигурди 2 дар соли 457 нооромиҳо ва заъфу сустии ҳукумати марказӣ боло гирифта, то соли 488, яъне то ба тахт нишастани Қубод чаҳор подшоҳ паси ҳам ҳукмронӣ кардаанд. Ҷангҳои тӯлонии Фирӯз (459-484) ва шикастҳои пай дар пайи вай аз эфталитҳо, задухӯрдҳо дар сарҳадоти Рум вазъияти хориҷии мамлакатро низ беш аз пеш бадтар карда буд.

Яке аз сабабҳое, ки гурӯҳҳои мардумиро такони ҷиддӣ дода, ононро ба мубориза даъват намуд ва вазъияти воқеан инқилобӣ падид овард, дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми садаи V ба сари Эрон фуруд омадани хушксолиҳои чандинсолаи пай дар пай маҳсуб меёфт. Тибқи ахбори муаллифи «Таърихи адён ва мазоҳиби ҷаҳон», соли 491, ки соли зуҳури Маздак қаламдод шудааст, соли ҳафтуми хушксолӣ будааст. Хушксолиҳои даврони Қубод дар «Шоҳнома» низ ёд шудааст.

Идеология ва инқилоби иҷтимоии Маздак аввалин ҳаракати мардумие мебошад, ки баробарӣ ва мусоваи тамоми одамонро ҳадафу мароми хеш қарор дода, муддате онро дар ҳаёти иҷтимоӣ амалӣ намуд, бинобар ҳамин дар таърихи муборизаи сиёсии инсоният мавқеи хоссе дорад. Хусрави I (531–579), ки дар таърихи мардуми мо ҳамчун Анӯшервони Одил маъруф аст ва дар бораи адлу инсофаш ҳикояту афсонаҳои бешуморе навишта шудааст, шахсест, ки Маздак ва ҳазорон идеологҳои маздакиро дар як шаб сар бурида, дар муддати кӯтоҳе даҳҳо ҳазор тарафдорони ин ҷунбишро нест намуд. Ӯ дар муддати шоҳаншоҳии беш аз 40-солаи хеш талош намуд, ки дар Эрон ягон чизе ёдовари номи Маздак ва тарафдорони ӯ набошад. Ин кина чунон шадид буд, ки осори маздакия ва ислоҳоти иҷтимоии вай комилан аз миён бурда шуд. Ҳамчунин дар он сарчашмаҳое, ки номи ӯ зикр шудааст, ба таҳқир ва аксаран бо тӯҳмат ёдоварӣ гардидааст.

Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ дар «Милал в-ан-ниҳал», Абумансур Абдулқоҳири Бағдодӣ дар «Ал-фарқ байн-ал-фирақ», Ибн Надим дар «Ал-феҳраст», Ибн Хурдодбеҳ дар «Ал-масолик-ва-л-мамолик», Абу Ҳанифаи Динаврӣ дар «Ахбор-ул-тавол», Табарӣ, Ашъарӣ, Истахрӣ, Яъқубӣ, Саолабӣ ва дигарон дар осори худ пиромуни ин ҷунбиш ва моҳияти он маълумоти ночизе дода, бештар ба паҳлӯҳои манфии он таваҷҷӯҳ намудаанд.

Яке аз ҳамзамононии Маздак Стилит аз фирқаи илҳодӣ дар дохили дини маздаясно ёдоварӣ карда, онро бо исми зардуштакон ном мебарад. Вай ҳодисаҳои солҳои аввали навадуми садаи 5 мелодиро тасвир карда, дар фаслҳои 23-25 менависад: «Қуболи зиндиқаи палид, муғони зардуштакониро, ки шораш муштарак будани занон буд ва ба ҳар марде иҷозат медод то бо ҳар зане, ки мавриди назараш аст, робитаи ҷинсӣ барқарор кунад, эҳё кард. Дере нагузашт, ки тамоми машоихи эронӣ аз Қубод мутанаффир шуданд, зеро ба ин тартиб подшоҳ ба занони онон иҷозати зино дода буд».

Муҳаққиқи эронӣ Аббоси Қадёнӣ, ки дар ин мавзӯъ пажӯҳиш анҷом додааст, дар бораи аз ҷониби Қубод қабул шудани мазҳаби Маздак ақидаи дигаре дорад, ки ба ҳақиқат наздиктар аст. Ӯ менависад; «Қубод толиби ислоҳоте дар умури иҷтимоии Эрон буд ва аз биму тарси мубадон ва ашрофи кишвар ҷуръати иқдом ба ин корро намекард. Дар ин замон худхоҳии динии муғон ба ҳадди худсарии динӣ расида буд. Чунин вазъияте ба ҳеҷ вачҳ ба асолати оини Зардушт тааллуқ надошт. Қубод вуҷуди марди суханвареро мисли Маздак, ки ҳавохоҳони бисёре аз мардуми мустаманд дошт, ғанимат шумурда, бар он шуд, ки ба дасти вай ислоҳоте дар сарвати умумӣ ба амал оварад ва ба ислоҳоти иҷтимоӣ бипардозад. Аммо ин иқдомот барои ҷомеаи он рӯз бисёр зуд буд».

Мувофиқи ақидаи Маздак, чун сабаби асосии кина ва носозгорӣ нобаробарии мардумон аст, пас ноилоҷ ин нобаробарӣ бояд аз миён бардошта шавад. Нобаробарии иҷтимоӣ сабаби он гардидааст, ки инсонҳо ба якдигар эҳсосоти шадиди манфӣ нишон диҳанд, ҳамдигарро бад бинанд, душманӣ варзанд ва боиси падид омадани ҳодисаҳои ногувор шаванд.

Маздак қайд намуда буд: мисле ки Аҳурамаздо худованди бузург, чор унсури муқаддас - об, хок ҳаво ва оташро ба вуҷуд оварда, онро моли ҳамагон ҳисобид ва онҳоро миёни одамон тақсим накард, он нишонаи мусоворти одамон дар баробари худо ва табиат мебошад. Ибни Балхӣ, дар «Форснома»-аш овардааст, ки дар замони Қубод «Маздаки зиндиқ падид омад ва абоҳат падид оварда ва онро «мазҳаби адл» ном ниҳод ва ибодати эзиди азза ва зикра аз мардум бардошт ва гуфт: «Банӣ одам ҳама аз як падар ва як модаранд ва моли ҷаҳон миёнаи эшон мерос аст, аммо ба фазлу қуввату зулм қавме бармедоранд ва дигаронро маҳрум мегузоранд ва ман омадам, то ба воҷиб орам». Аз навиштаҳои «Форснома» бармеояд, фазлу қувват ба гурӯҳе имкон фароҳам медорад, ки ба гурӯҳи дигар зулм раво дошта, моли ҷаҳонро соҳибӣ кунанд. Мувофиқи ақидаи Маздак, нобаробарии иҷтимоӣ боиси падид омадани панҷ эҳсоси бадтарини инсон гардида, мусовот ва баробарию бародариро дар ҳам мешиканад ва байни одамон фосилаҳо барқарор менамояд.

Ба ақидаи Маздак агар баробарии иҷтимоӣ риоят гардад, ин панҷ дев аз миён рафта, баробарию мусоворо ҷорӣ менамояд.

Ба таври дигар, худованд тамоми васоили маишатро дар рӯи замин дар дастраси мардумон қарор додааст, то афроди башар аз он дар мусоворту баробарӣ истифода намоянд, тавре ки касе беш аз дигар ҳамнавъони худ чизе надошта бошад. Пас бояд аз тавонгарон гирифт ва ба камбизоатон тақсим намуд ва миёни эшон баробариро барқарор кард. Аз рӯи навиштаи Шаҳристонӣ, ба ақидаи Маздак «ин амал хайр буда, учру подоши азим дорад ва дар ин баробар аз тамоми инҳо, дастгирии мардумон аз якдигар амалест, ки хушнудии худовандро фароҳам медорад» [4, с. 367].

Шариати Маздак на танҳо қатл, балки озори мардумонро мамнӯъ эълон намуда буд. Меҳмонро новобаста аз тоифа ё миллат эҳтиром мекард ва чунин мешуморид, ки набояд аз ӯ чизеро дареғ дошт. Ба назари онҳо, ҳатто нисбат ба душманон ҳам бояд бо меҳрубонию шафқат рафтор намоянд. Маздакиён покию нақобатро дар мақоми аввал гузошта, монанди монавиҳо қатли ҳайвонро ҳаром медонистанд. Аз ин ҷиҳат маздакиён аз хӯрдани гӯшт худдорӣ манамуданд.

Мақсаду мароми таълимоти Маздак аз ду қисмат иборат буд: қисмати аввал беҳбудӣ бахшидан ба аҳволи табақаҳои васеи заҳматкашон ва эҳёи ҳуқуқи моддию маънавии эшон дар ҷомеаи сосонӣ ва қисмати дуюм интишори таълими ахлоқии маздакия, ки асоси он бар рӯи санавият, дугонапарастӣ ва зӯҳду тақвои монавӣ устувор буд. Решаи сухани Маздак ва ҷавҳари инқилоби ӯ дар иштироки моликият мебошад, ки аз фикри ҳукумати иштирокӣ ва ширкати ҳамагон дар ҳокимияти миллӣ маншаъ гирифтааст. Шояд ҳамин ҷиҳати таълимоти башардӯстонаи Маздак аст, ки Муҳаммад Иқбол - шоир ва файласуфи маъруфи покистонӣ ӯро паёмбари мардумдӯсти Эрони бостон ба қалам додааст.

Таълимоти мазкур ҳам монанди оини Монӣ масъалаи робитаи моддаи аслии қадимӣ, яъне нуру зулматро мавриди баҳсу мунозара қарор додааст. Фарқият миёни ақидаи Монӣ ва Маздак иборат аз он буд, ки Маздак мегуфт: ҳаракати аслии зулмат ё торикӣ аз рӯи ирода ва нақшаи қаблӣ набуда, дар асари тасодуфу иттифоқ ва бар хилофи он, ҳаракати аслии нур мутобиқи ирода ва нақшаи пешакӣ сурат мегирад. Омезишу ихтилоти тирагию рӯшноӣ, ки аз он олами маҳсуси моддӣ пайдо шудааст, бар хилофи таълимоти Монӣ, натиҷаи нақшаю тарҳи пешакӣ набуда, аз рӯи тасодуф ба вуҷуд омадааст. Дар оини Маздак нисбат ба Монӣ, ҳаракати нур дорои мақсаду мароми муайян буда, бартарии ақлонӣ дорад. Ин суханон бо гуфтаҳои Малалас, ки дар ин бора ақидаи Бундос - поягузори назариявии маздакияро овардааст, мувофиқат менамояд. Ӯ қайд намудааст: эътиқоди Бундос дар ин асос ёфта буд, ки худои хайр (нур) бар худои шарр (зулмат) ғалаба кардааст, аз ин рӯ ғолибро бояд ситоиш намуд. Вале ин ҳанӯз пирӯзии комил нест, зеро олами моддӣ, ки ҳанӯз омехта аз ду асли қадим аст, боқӣ мондааст. Ҳадафи охирини такомули олами моддӣ, наҷоти зарраҳои нур аст, ки ҳанӯз бо зарраҳои торикӣ омехта аст. Бахши охирини ақидаи маздакиён бо суханони Монӣ мувофиқат менамояд. Маздак дар муқобили Монӣ, ки нурро аз панҷ қисмат медонист, аз се бахш медонад; об, оташ, хок. Ба ақидаи маздакиён худои нур ҳам аз ин се унсур ба вуҷуд омадааст.

Дар айни ҳол ҷаҳон дар даврони омезиши нуру зулмот қарор дорад. Мувофиқи ақидаи Шаҳристонӣ, маздакиён чунин мешумориданд: чун омезиши нуру зулмат аз рӯи иттифоқ ва

тасодуфӣ ба амал омадааст, ҷудоию имтизоҷи нур аз зулмат низ бидуни қасду ихтиёр тасодуфан сурат хоҳад гирифт. Бояд қайд намуд, ки дар ин ҷо маздакия роҳу равиши пешқадами худро дигаргун сохта, боз ба оғӯши монавия меояд ва роҳи наҷоти инсонро монанди монавия дар он мебинад, ки инсон пайвастагии худро аз моддиёт ва зиндагии моддӣ кам кунад. Ба ақидаи онҳо канорагирӣ аз ҳар чизе, ки пояи моддии зиндагиро мустаҳкам менамояд, инсонро ба ҳадаф наздиктар месозад [4, с. 365].

Қайд намудан ба маврид аст, ки Зардушт - паёмбари дини маздаясно ва Маздак, ҳарду дар таълимоти динию фалсафии хеш инсонро дар маркази кайҳон қарор дода, таъкид намудаанд, ки вай аз рӯи табиати худ унсури фаъол буда, зиндагӣ ва сарнавишти худро худаш муайян менамояд. Ҳамин аст, ки пайравони оини Маздак на танҳо қатл, балки зарар ба шахси дигарро муҷоз намешуморанд.

Ҳамин тавар, муаллифони ҳамасри Қубод ва муаррихони вопасин ҳамақида мебошанд, ки Қубод бо сабабҳое дини Маздакро қабул кард. Баъзеҳо қайд намудаанд, ки вай дини навро аз рӯи эътиқод қабул кард ва ба ин васила барои беҳбуди зиндагии тӯдаҳои васеи мардум даст ба ислоҳоти ҷасурона зад. Дигарон боварии комил доранд, ки Қубод таълимоти навро дар зери фишори тӯдаҳои мардум пазируфт. Аммо Нёлдеке - яке аз авестошиносони маъруфи немис ақидаи дигаре дорад. Ба фикри ӯ Қубод, ки ду маротиба тахти аз даст рафтаи худро бо ҷасорату диловарӣ ба даст оварда, лашкариёни Рум (Византия)-ро борҳо шикаст додааст, яке аз подшоҳони нерӯманди сосонӣ мебошад. Ба назари ӯ, Қубод таълимоти Маздакро аз он ҷиҳат қабул намуд, ки мехост аз зуру фишори табақаи олияи дарбори сосонӣ, лаҷомгусехтагии онҳо, аз уламои зардуштӣ, аз дастдарозии эшон ба тахти подшоҳӣ шона холӣ кунад [4, с. 368].

Назари Нёлдекеро тақвият дода ба гуфтаҳои ӯ илова кардан ба маврид аст, ки Қубод ҳамчун сиёсатмадори ҳассос, бо фаро расидани хушксолиҳои пай дар пай ва қаҳтӣ аз вазъи фалокатбори мардум огаҳӣ ёфта, хостааст тавассути ин роҳ вазъи оммаро хуб намояд. Ҳақиқати хулосаи моро ин нуқта тасдиқ менамояд, ки Қубод дар охир ба хотири беҳбуди аҳволи тӯдаҳои васеи мардум ба як силсила ислоҳот даст зад, вале дар зиндагии худ онро амалӣ карда натавонист. Раванди амалӣ намудани онро писараш Хусрави Анӯшервон ба поён расонд.

Муносибати қонунҳои ҷадид (агар мавҷуд бошад) бо никоҳ чӣ гуна будааст, ҳамчунин маълум нест. Аммо дақиқан маълум аст, ки подшоҳ никоҳро бекор накарда буд. Ба ақидаи Артур Кристенсен «шояд ӯ (Қубод) бо вазъи қавонини ҷадид як навъ издивоҷи озодтаре барқарор намуда бошад».

Дар ҳеҷ як аз сарчашмаҳои марбут ба давраи ҳукумронии Қубод дар бораи ислоҳот дар умури моликият ё қонунҳое дар боби умумӣ ва муштарак будани амвол сухан нарафтааст. Танҳо дар «Худойномак» ба он ишораи номушаххасе шудааст. Ин баёнгари он аст, ки агар ислоҳоте ҳам дар ин замина сурат гирифта бошад, чандон амиқ набудааст ва он дар зиндагии иҷтимоӣ таъсири муҳим надоштааст. Муаррихи олмонӣ О. Клима чунин ақида дорад, ки агар дар ин бора қонунҳое ҳам бароварда шуда бошад, иборат аз андоз ва молиётҳои фавқулодда бар сарватмандон ва тавонгарон барои беҳбуди вазъи фуқарою тиҳидастон будааст [2, с. 172].

Воқеаҳое, ки дар боло қайд карда шуд, дар миёни солҳои 90-уми асри V ба амал омаданд. Ашрофи бузурги сосонӣ ва уламои зардуштӣ аз иттиҳоди Қуboду Зардушт, бахусус аз тағйироти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба ташвиш афтода, соли 496 ё 497 Қубодро аз тахти шоҳии Эрон барканор карданд. Ба тахти подшоҳӣ бародари вай Ҷомосп ҷулус кард. Қубод аз зиндон ба кӯмаки хоҳар ва зани худ фирор карда, ба назди подшоҳи эфталитҳо дар Осиёи Миёна паноҳ бурд. Дар соли 498 ё 499 вай бо кӯмаки сипоҳи эфталитҳо ба Тайсафун бозгашта, тахти шоҳиро дубора тасхир намуд. Агар аксари муаррихон то сарнагун шудан аз тахти подшоҳӣ ҷидду ҷаҳд, сарсупурдагӣ ва садоқати Қубодро ба таълимоти Маздак таъкид намуда бошанд, пас аз бозгашти дубора камаҳамиятӣ ва бетаваҷҷӯҳии ӯро ба ин ҳаракат нишон додаанд. Чун худи подшоҳ пайрави таълимоти Маздак шуда буд, микдори фаровони ашроф низ аз ӯ пайравӣ карда буданд. Бо вуҷуди он, ки Қубод пас аз ба ҳокимият соҳиб шудан нисбат ба ин ҳаракат бетафовут гардид, идеологияи маздакӣ тамоми зинаҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта, тарафдорони он дар саросари мамлакат ислоҳот мегузаронданд.

Таълимоти маздакӣ дар оғоз ҷанбаи динӣ дошта, бунёдгузори онро дар ҳақиқат метавон шахсе номид, ки ҳомии содиқу сарсупурдаи ислоҳоти амиқи иҷтимоию иқтисодӣ дар зиндагии тӯдаҳои васеи мардум будааст. Таълимоти динию фалсафии Маздак дар марҳилаи аввал самимӣ ва холӣ аз ғараз буда, толиби беҳбуди аҳволи зиндагии табақаи заҳматкаш будааст. Ба таври дигар А. Кристенсен қайд намудааст, ки «афкори коммунистии ин фирқа дар омма рафта-рафта русухе пайдо кард ва дар оғоз ба оҳистагӣ ва пас аз чанде бо суръат интишор пайдо кард. Сипас мубаллиғин ва сардастаҳое қиём карданд, ки на имон доштанд ва на худотарс буданд ва на мисли Маздак беғаразу ислоҳотталаб ҳисоб мешуданд...» [4, с. 362].

Маздак зоҳиран, барномаи мушаххаси ислоҳот надошт ва тарафдоронаш таълимоти ӯро мутобиқи фаҳмиш ва манфиати худ дарк мекарданд, ислоҳоти иҷтимоӣ ва адолату баробарӣ аз рӯи фаҳмишу дониш ва бо майлу хоҳиши онҳо гузаронида мешуд. Муаррихони асримиёнагии араб доманаи харобии кишварро, ки баъдан Хусрави Анӯшервон ба ислоҳи он даст зад, хеле васеъ тавсиф намудаанд. Қубод соли 519 Хусрав - писари сеюми худро меросбари тахти шоҳӣ эълон намуда, оҳиста-оҳиста роҳи ба ҳам омадан бо уламои дини зардуштиро пеша кард. Дар интиҳои соли 528 ё аввали 529 Хусрав тамоми сардорону фаъолони ҷунбиши васеи иҷтимоии маздакияро аз саросари мамлакат ҷамъ оварда, ҳамаашонро сар бурид.

Ба тарзи дигар, таълимоти Маздак ва татбиқи амалии он замони тӯлоние (аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри V то соли 529) идома пайдо намуда, дар таърих ва зиндагии мардуми империяи сосонӣ ва мардуми ҷаҳон осор ва хотираҳои фаровон боқӣ гузоштааст. Мақому мартабаи ин ҳаракат бо ҳуҷуми арабҳо бештар гардида, дар рафти муборизаҳои озодихоҳонаи мардуми ориёӣ ва сарчашмаи дар дини ислом падидор гардидани даҳҳо фирқаҳои мухолиф шуд**.**

АДАБИЁТ

1 Ибни Балхӣ. Форснома / Ибни Балхӣ. - Душанбе, 1989. - с. 374.
2 Балъамӣ А. Таърихи Табарӣ / А. Балъамӣ. – Душанбе, 1992. – с. 518.
3 Клима О. Таърихчаи мактаби Маздак / О. Клима. – Теҳрон, 1372. – с. 164.
4 Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён/ А. Кристенсен. Теҳрон, 1389. – с. 197.
5 Машкур М. Эрон дар аҳди бостон/ М. Машкур. - Теҳрон, 1343. –с 183.
6 Низомулмулк. Сиёсатнома. Монография /Низомулмулк. - Душанбе, 1989 –с. 146.
7 Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 2006. -374 с.
8 Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ/ Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 2006. -367 с.
9 Ризоӣ А. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрон / А. Ризоӣ. - с. 825.
10 Раҳмонов Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмонов.-Душанбе: Эр-граф, 2016.-361 с.

ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ДВИЖЕНИЯ МАЗДАКИЗМА В РАБОТАХ ТАДЖИКСКИХ СРЕДНЕВЕКОВЫХ УЧЕНЫХ

В этой статье автор пытается предоставить сравнительную информацию на основе исторических источников, особенно работ средневековых таджикских историков, об особенностях маздакского движения и его значении в истории таджикского народа. Анализ работ средневековых историков свидетельствует о том, что основанная в Маздаке религиозно-философская школа приобрела в свое время особое место и распространилась на восток Китая и на средиземноморское побережье на запад. В это время было бы невозможно реализовать эти идеи свободы, которые на практике требовали возвращения к первобытному обществу.

Следует отметить, что образовательная доктрина с самого начала имеет религиозное измерение, и ее основателем действительно можно назвать человека, который был убежденным сторонником глубоких социально-экономических реформ в жизни широкого круга людей. У Маздака, по-видимому, не было конкретной программы реформ, и его сторонники понимали его учения в соответствии с их пониманием и интересами, а социальная и справедливая реформа проводилась с их пониманием и желанием. Учение, как и Монизм Луны, оспаривает связь между древним материалом, Светом и Тьмой. Разница между мнением Мони и Маздака заключалась в том, что Маздак сказал, что основное движение тьмы или тьмы было не в соответствии с волей и первоначальным планом, а в результате совпадения и противоречия первоначальному движению света в соответствии с волей и строить планы. Путаница и растерянность, вызванные материальным миром, вопреки доктрине Мони, были не результатом заранее определенных планов, а совпадением.

Ключевые слова: *Движения Маздакизм, Мони, Восток, Запад, источник, Кубад, Зардушт, Шахнаме, Фарс.*

HIGHLIGHTS OF SPECIAL FEATURES OF THE MOVEMENT MAZDAKIZM IN THE WORKS OF THE TAJIK MEDIEVAL SCHOLARS

In this article, the author tries to provide comparative information based on historical sources, especially the works of medieval Tajik historians on the peculiarities of the Mazdakian movement and its importance in the history of the Tajik people. An analysis of the works of medieval historians testify that the Mazdak-based religious and philosophical school has acquired a special place in its time and spread to the east of China and to the Mediterranean coast to the west. At this time, it would not have been possible to implement these ideas of freedom, which in practice required a return to the primitive society.

It should be noted that the educational doctrine, at the outset, has a religious dimension, and its founder can truly be called a person who has been a devout advocate of deep socio-economic reforms in the lives of a wide range of people. Mazdak, apparently, did not have a specific reform agenda and his supporters understood his teachings in accordance with their understanding and interests, and social and justice reform was carried out on their understanding and willingness. The doctrine, like the Monism of the Moon, has disputed the connection between the ancient material, the Light and the Darkness. The difference between Moni's and Mazdak's view was that Mazdak said that the underlying movement of darkness or darkness was not according to the will and the original plan, but in the result of coincidence and contrary to the original movement of light according to the will and the plan. The confusion and confusion caused by the material world, contrary to the doctrine of Moni, was not the result of predetermined plans, but a coincidence.

Keywords: *Mazdakism, Moni, East, West, source, Kubad, Zardusht, Shahnameh, Fars.*

Сведения об авторе:

Муродов Назирмат *- ассистент кафедры истории таджикского народа, Таджикского националного универистета.* ***Адрес:*** *Таджикистан, 119454, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: H.hnt.r@mail.ru. Телефон. 901660003*

About the author:

Murodov Nazirmat *- asisstent of the Department of history tajik national, Tajik National University.* ***Address:*** *Prospect Rudaki. E-mail: н.hnt.r@mail.ru. Tell. 901660003.*

ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСИИ ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИЮ СИЁСИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

Носирова Ф.И.

Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Давлат ҳамчун сохтори сиёсӣ, ки вазифаи он танзими муносибатҳо дар ҷомеа, ташаккули муносибатҳои созанда байни аъзои ҷомеа, ташаккули ниҳодҳои сиёсӣ, ки баҳри таъмини ҳокимият заруранд ба ҳисоб рафта, ҳамчун механизми таъминкунандаи иродаи як ҷониб аз болои ҷониби дигар доимо ба фаъолияти мунтазам, мақсаднок ва фарогири ниҳодҳо ва субъектҳое ниёз дорад, ки онҳо тавассути ба амал баровардани функсияҳои муайяншуда метавонанд дар амалинамоии иродаи ҳокимият нақши муҳим дошта бошанд. Вобаста ба ин, низоми муайяни идоракунӣ ташаккул ёфта, вазифаҳои он муайян шудаанд, ки таърихи беш аз ҳазорсола дошта, дар ҳар давру замон бо назардошти талаботи мавҷуда, то ба имрӯз амал намуда истодааст. Ин навъи фаъолиятро дар давлат ҳамчун «хизмати давлатӣ» маънидод менамоянд.

Таҳлилгарони соҳаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ чунин меҳисобанд, ки хизмати давлатӣ дар баробари чунин зуҳурот ба монанди давлат, ҳокимияти давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ, идоракунии давлатӣ қарор дошта, бо онҳо алоқаманд мебошад[1, с.199]. Масъалаи баҳсноке, ки дар доираҳои гуногуни илмӣ мавҷуданд ин масъалаи ташаккул ва истифодаи мафҳуми “хизмат” мебошад, ки маҳз вобаста ба фаъолият дар соҳаи идоракунии давлатӣ истифода бурда мешавад. Мафҳуми хизмат яке аз намуди фаъолияти инсон бо мазмунҳои гуногун: ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ба сифати низоми махсуси мақоми давлатӣ, фаъолияти маънавӣ ва ғайра истифода бурда мешавад. Дар муносибат ба идоракунии давлатӣ ва фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ мафҳуми “хизмати

давлатӣ” истифода мешавад, ки ифодакунандаи фаъолияти мақсадноки инсон дар давлат ва ҷомеа хизмат мебошад.

Хизмат дар амалӣ кардани идоракунӣ, баамалбарории фаъолияти давлатӣ, таъмини худидоракунӣ, таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ-фарҳангии одамон ифода меёбад.

Таърихи ташаккулёбӣ ва мавқеи таърихии хизмати давлатӣ ба таърихи пайдоиши давлат ва ҳуқуқ робитаи асосӣ дорад. Баъдан ин мафҳум ба маъниҳои «демократҳо - азнавсозандагон», «низоми маъмурии гурӯҳӣ» ифода мегардид ва гарчанде, ки дар дастовардҳои илмии соҳа асоснок нагардида бошанд ҳам, раванди таърихии шаклгирии ниҳоди хизмати давлатӣ ба ин мафҳумҳо иртибот дорад.

Зуҳуроти ба вуҷуд омадани ин падида ва мафҳумҳои хизмати давлатӣ ва хизматчии давлатиро дар таърихи давраи Эҳё метавон ҷустуҷӯ намуд.

Давлат функсияҳои худро тавассути хизматчиён амалӣ мегардонад. Ин ниҳод дар марҳилаҳои фаъолияти Конститусияи буржуазӣ мураккабтар гардид. Гуфтан мумкин аст, то қабули Конститутсия дар давлатҳои буржуазӣ ҳануз хизмати давлатӣ он қадар фаъол набуд, вале то қабули Конститутсияҳои навишташуда арзи вуҷуд доштани хизмати давлатиро касе инкор накардааст.

Дар марҳилаҳои аввалини пайдоиши рушду ташкилёбии ҷомеаи инсонӣ шаклҳои ташкили ҳамроҳшавии одамон дар асоси хамзистӣ ва меҳнатӣ якҷоя, тақсимоти меҳнат дар оила, оила, авлод, қабила, миллату халқиятҳо ба вуҷуд омаданд[2, с.9].

Дар марҳилаи ваҳшоният одамон асосан ба мақсади таъминоти озуқа ба ғундоштани он маҳсулоте, ки табиат ба онҳо ато намудааст, машғул мегардиданд, ки онҳо иборат аз алафҳо, меваҳо ва шикори ҳайвонот буд. Инҳо аввалин кушишҳо барои таъминоти зист, василаи ташкили қувваҳои истеҳсолӣ буда, сатҳи рушди онро ба сифр метавон баробар намуд.

Аввалин тақсимоти ҷаҳонии меҳнат дар марҳилаи ҳаёти ҷамъияти инсонӣ - ин чорводорӣ маҳсуб меёбад. Гарчанде, ки кушишҳои одамон барои таъмини озуқа, парвариш намудани ҳайвонот муваффақиятҳои калон набошад ҳам, худтаъминсозии одамон нишондиҳандаҳои баланд ба ҳисоб мераванд.

Инсон дигар тобеи табиат набуд ва метавонист ҳаёти ҳаррузаи худро тарҳрезӣ намояд. Асрҳои минбаъда бошад, одамон имкониятҳои васеи тақсимоти меҳнатро ба даст оварда, кушишҳои онҳо баҳри ташкили таъминоти зиндагӣ натиҷаҳои бештар дода, дар баробари ин шаклгирии ҷамъият ба вуҷуд омад.

Дуюмин тақсимоти калони меҳнат – зуҳур гардидани истеҳсолот ва коргарон мебошанд. Мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ –хизматчиёни давлатӣ – дар марҳилаи тамаддун, ки шаклгирии давлат арзи ҳастӣ намуданд.

Хизмати давлатӣ баробари шаклгирии давлат, яъне зуҳур гардидани шакли давлатии ташкили ҳаёти ҷамъият ба вуҷуд омадааст. Ташакулёбии заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар марҳилаи минбаъдаи рушди инсонӣ, капитализм мустаҳкам гардиданд

Бо пайдо гардидани ин зуҳурот мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ ба шаклгирии синфи нави пешгом дар ҷомеа – зиёиён роҳ кушод.

А.Ф. Ноздрачев[3, с. 14] хизмати давлатиро ҳамчун «баркароркунандагони давлат, ифодакунандагони меъёрҳо, шаҳрвандони институти ҳуқуқ, муайянкунандагони амалии ҳокимияти давлатӣ ва қабулкунандагони ҳаррузаи қонуният дар миқёси тамоми ҷамъият ва замони воқеӣ» муайян кардааст.

Ин ифодаро то он замоне, ки аввалин нишонаҳои муайяни хизмати давлатӣ, танҳо дар таҷрибаи Британияи Кабир ба назар мерасид ва уҳдадориҳои хизматчиёни давлатӣ расман шакли меъёрӣ нагирифта буданд, истифода мегардид.

Муайян гардидани таърихи ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки хусусият, пайдоиши заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолият ва рушди тамоюлҳои ташаккулёбии падидаи мазкур сабабҳои ҳастии хизмати давлатиро ҷиҳати амалӣ сохтани фаъолияти тамоми вазифаҳои давлатии барои ташкили ҷомеа зарур, муқаррар менамояд.

Муқаррар гардидааст, ки марҳилаҳои идоракунии фаъолият хизмати давлатиро аз қарорҳои идорӣ то амалисозии фаъолият пайгирӣ менамояд**.**

Хамин тарик, марҳилаи кабули меъёрҳо бо ҷамъ намудани маълумотҳои воридотӣ оид ба раванди идоракунӣ, коркарди консепсияи танзими ҳуқуқӣ, ба тасвиб расидани санадҳои ҳуқуқии

идоракунӣ, сабти санад ва номнавис гардидан дар вазорати адлия, нашр гардонидан ва пешбурди он то раванди идоракуни, ҷамъбаст мегардад.

Ба ғайр аз мансубият ба низоми алоҳидаи ҳуқуқии дар самти амалисозии ҳуқуқии хизмати давлатӣ иҷрои масъалаҳои зиёд дар муносибатҳои меҳнатӣ ва хизматӣ пайдо мегардиданд.

Бинобари ин, хизмати давлатӣ бояд ин муносибатҳоро дар ду нақша –дар нақшаи муносибатҳои хизмати давлатӣ бо давлат ва ё намояндагони давлат, ки дар он ҷо фаъолият менамояд ва нақшаи муносибатҳои хизмати давлатӣ бо шаҳрвандоне, ки ба хизмати давлатӣ тобеъ нестанд, аммо қисмати асосии вақти кории хизматчии давлатӣ дар иртиботанд, баррасӣ намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки вазифаҳои дар назди давлат истодаро шахсан хизматчиёни давлатӣ иҷро менамоянд. Дар фаъолияти худ хизматчиёни давлатӣ аз воситаҳои муайяни технологӣ истифода менамоянд ва асосан дастоварда, самаранокии фаолияти тамоми дастгоҳи давдатӣ аз ташкили меҳнат, маҳорати касбӣ ва малакаҳои корӣ, бовиҷдонӣ ва масъулиятшиносии хизматчии давлатӣ вобастагӣ дорад.

Таҳлилу тадқиқи идоракунии ин ё он давлат аз хусусиятҳои дастгоҳи давлатӣ ҳайати он ва хизматчиёни давлатӣ башорат медиҳад, ки барои тасдиқи фикр ба таърихи идоракунии давлатии аҷдодони хеш ва дигар халқияту миллатҳо рӯ оварем.

Дар илми ватани таърихи хизмати давлатӣ ва идоракунии ҳайат масъалаҳои вобаста ба кадрҳо, интихоб ва ҷобаҷогузории онҳо, гузаронидани озмуну имтиҳонҳо ва ташаккул додани захираи кадрҳо масъалаҳое мебошанд, ки бояд ба таври дахлдор мавриди омузиш ва таҳқиқ қарор дода шаванд, зеро аҷдодони мо дар таърихи давлатдории худ назария, таҷриба ва амалияи маъмурӣ идоракунии худро кор карда баромадаанд.

Точикон дар таърихи башарият ҳамчун миллати таҷрибаи ғании идоракунии давлатӣ дошта эътироф гардидаанд. Аз таҷрибаи давлатдории точикон қавмҳои ҳамҷавори он дар тули садсолаҳо баҳрабардорӣ намудаанд. Давлатдории сомониён намунаи барчастаи ин гуфтахост.

«Пушида нест, ки точикон аз аҳдии бостон дар таъйиди муҳимтарин равандҳои таърихии машрикзамин ва бад-ин васила ҷомеаи башарӣ нақши умда ва созанда доштанд. Аз зикри долоили фаровон дар таърихи қадиму ҷадид худдорӣ варзида фақат ин нуқтаро гушзад меоварем, ки дастгоҳҳои муназам ва комили идорӣ, ки Сомониён бунёд ниҳодаанд, дар тули чанд қарни баъдина барои силсилаҳои Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмиён ва ғайра сармашқ ва чароғи ҳидоят буд»[4, с.19].

Сомониён дар идоракунии давлатӣ низоми мукаммали идоракунӣ ба вуҷуд овардаанд, ки «ин давронро метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори тамаддуни миллӣ ва авҷи камолоти идоракунӣ, ташаккули шахсиятҳои баруманд номид. Нируи аклу заковат ва созандагию эҷодкорӣ маҳз дар ҳамин даврон ба авҷи аъло расид».

Мувофиқи маълумотҳои баъзе маъхазҳои хаттӣ дар аҳди Сомониён барои хизмати давлатӣ ин ё он инъом дода мешуд ва дар натиҷаи тадқиқотҳои таърихи 14 намуд инъом кашф гардид, ки барои хизмати давлатӣ дода мешуданд.

Хизмати бузурги таърихии Сомониён он буд, ки низоми муназзами одилонаю оқилона ва фаъоли идораи марказӣ ва маҳаллиро асос гузоштанд. Ин низом, ки бо номи девони Сомониён машҳур аст, на фақат давлати соҳибқудрату нерӯмандро эҷод кард ва таҳким бахшид, балки муносибати оқилона ва гуногуншаклро дар байни марказ ва вилоятҳо бунёд гузошт.

Сохтори идоракунии давлати Сомониён,ки дар он бехтарин анъанаҳои давлатдории Сосониён ва Аббосиён таҷассум меёфт, бо низоми саҳеҳтару мукаммалтар фаъолият менамуд. «Хизмати бузурги Исмоили Сомонӣ ва ниёгони ӯ зикр менамояд - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон - дар он буд, ки низоми ниҳоят муназзам, муассир ва фаъоли идораи марказӣ ва маҳаллиро бунёд гузоштанд. Ин низом унсурҳо ва арзишҳои муҳимтарини давлатдории ориёиро эҳё намуда, онҳоро бо арзишҳои тамаддуни гузаштаву мавҷудаи давр омезиш доданд»[1, с.149].

Оини давлатдорӣ ва идоракунии аҷдодони мо дар даврони Сосониён ба авҷи аъло расидааст, ки таҳлилгарон ин даврароҳамчун марҳилаи рушду камоли давлатдории халқҳои ориёӣ маҳсуб медонанд.

Тартиби мансубият ва тобеияти воҳидҳои сохтории мақомот ва таъиноти кадрҳо дар замони Сомониён бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки асосҳои рушд ва такмили идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ асосан дар давраи Сомониён тавлид ёфтаанд.

Бо гузашти бештар аз ҳазор сол таҷрибаи идоракунии давлатӣ, тартиби тобеияти воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ, таъиноти кадрҳои давлати Сомониён дар шакли ташаккулёфта ва муосир дар амалияи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Тоҷикистони соҳибитсиқлол истифода мешаванд.

Дар асрҳои баъдина низ масъалаҳои идоракунӣ, баланд бардоштани самаранокии он аз мадди назари олимони тоҷик дур набуд ва таҳлилу тадқиқи масъалаҳои гуногуни сиёсию фалсафӣ то андозае ба ин падидаи иҷтимоӣ равшанӣ андохта, дар инкишофи он саҳм гирифтаанд.

Дар ин ҷода афкори сиёсӣ ва фалсафии Абунасри Форобӣ (853-950) Абуали ибни Сино, Асадии Тусӣ (101-1092) назарас арзёбӣ гардидаанд. Инкишофи институти идоракунӣ ва хизмати давлатӣ, албатта ба рушди дастгоҳи давлатӣ ва ҳайати дар он фаъолияткунада бетаъсир наемонад.

Аз тарафи дигар, маҳз ҳамон ҳайати идоракунандаи касбӣ, яъне хизматчиёни давлатии сарсупурда буданд, ки оини давлатдорӣ ва идоракунии аҷдодони мо дар замони Сосониён ва Сомониён ба авҷи аъло расид ва девонсолорӣ ба ҳайси як низоми мураттаби идоракунӣ густариш ёфт.

Имрӯз зери мафҳуми хизмати давлатӣ – ҳамчун институти иҷтимоӣ шакли устувори таърихии ташкили фаъолияти дастаҷамъонаи одамон фаҳмида мешавад, ки дар раванди хизмати давлатӣ амалӣ мегардад ва ҳадаф аз мақсадҳои асосии он таъмини қонунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҷиҳати ташкили шароити мусоид барои таъмини амният, осоиштагӣ ва ҳаёти арзишманди аҳолӣ равона гардидааст.

Дар ин мафҳум оид ба муайян кардани мазмуни хизмати давлатӣ, вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва функсияи давлат, ки дар мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатӣ ифода меёбанд, аз як тараф ба фаъолияти меҳнатӣ оид ба баамалбарории функсияҳои давлат ва ҳалли вазифаҳои мушаххаси мақомоти давлатӣ аз тарафи дигар, фарқ карда мешавад.

Ин падида фаъолияти махсуси бошууронаи инсоният буда, заминахои сиёси, иктисоди. ичтимои, хукуки ва фархангии он асосхои илмии худро доранд, махсул ва тахайюли субъективи набуда, бо хусусияти объективии худ натичаи пайдоиш, ташаккул ва инкишофи дуру дарози чунин падидахои ичтимои-сиёси: чомеа, давлат, фарҳанг, ҳуқуқӣ, шуури ҷамъиятӣ, дастгоҳ ва имакомоти давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ғ. мебошад.

Ҳамин тариқ, хизмати давлатӣ на танҳо вазифа ва функсияи давлатро иҷро намуда, нишонаҳои асосии онро инъикос менамояд, балкӣ мавҷудияти амалии онро таъмин менамояд. Дар барқарорӣ ва устувори ҳама намуд ва шакли давлатдорӣ хизмати давлатӣ ба сифати василаи аввалияи ташкилии рисолати давлат баромад менамояд.

Хулоса ташаккули хизмати давлатӣ бо таърихи навтарини давлати тоҷикон вобаста мебошад ва дастёбӣ ба истиқлолияти давлатӣ зарурати ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатиро ба миён овард. Қобили зикр аст, ки дар Тоҷикистони даврони Шӯравӣ мақоми хизматчии дастгоҳи давлатӣ бо қонуни махсус танзим намешуд.

Дар тӯли солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, дар радифи дигар тағйироти куллӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор рафта, ҳамеша дар маркази диққати Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаҳои идоракунӣ ва такмили низоми он аҳамияти амиқ дода мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои муҳими сёсию ҳуқуқӣ ислоҳоти идоракунӣ чун «яке аз самтҳои муҳими таъмини рушди мамлакат» эътироф мегардад.

Дар рушди давлатдори пойдории он накши институти хизмати давлати хеле калон аст, сиёсати давлати тавассути ин ниход амали гардонида мешавад. Институти хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи инкишоф мебошад. Конститусияи ҳозираи амалкунандаи давлат пояҳои асосии ташакулёбии онро гузошт. Вале бисёр саволҳои муҳим дар ин соҳа ё аз нуқтаи назари қонунгузорӣ ё аз танзими меъёрҳо берун монданд. Нишон додан, таҳлил намудани ин гуна норасогиҳо, фикрҳои назариявӣ ва амалӣ намудани онҳо барои пешрафт ва муккамалтар такмил додани қонунгузори дар ин соҳа, дар оянда натиҷаи хуб хоҳад дод.

Бо талошхои зиёди Президенти Чумхурии Точикистон тамоми ҷиду ҷахд ба он равона гардидааст, ки дар Ҷумхурии Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи ҷахонии ташкил ва фаъолияти хизмати давлатӣ дастгоҳи босалиқаи олии касбии давлатӣ созмон дода шавад, ки дарвокеъ аз давлатдории навини тоҷикон шаҳодат медиҳад.

Моҳияти асоси таъсиси институти хизмати давлатӣ таҳким ва такмили рукнҳои давлатдорӣ маҳсуб мегардад. Иҷрои ин вазифа, пеш аз ҳама омӯзиши ҳамаҷонибаи хизмати давлатиро ҳамчун тамоюли яклухти иҷтимоӣ тақозо менамояд.

Маҳз чунин муносибат имконият медиҳад, ки ба институти давлатдорӣ аз мавқеи идоракунӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ҳатто гуфтан мумкин аст ахлоқи назар карда шавад.

Низоми хизмати давлатии Тоҷикистон минбаъд ҳам рушду такомул хоҳад ёфт. Ба ин мақсад таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ва такмили санадҳои амалкунанда пешбинӣ мешавад.

Имрӯз вазифа ва мақсади асосии хизмати давлатӣ дар ҳаёт татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, густариши робита бо ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дар ин самт хизматчиёни давлатӣ рисолати худро анҷом дода меоянд.

АДАБИЁТ

1. Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы: история, теория, закон, практика. М.: РАГС. 2004. –С.199
2. Демин А.А. Государственная служба: учебные пособие. М. книгодел. 2009. -С. 9.
3. Ноздрачев А.Ф. Государственная служба: Учебник для подготовки государственных служащих. М.: Статус., 1999. –С.14.
4. Каримов К.М. Аз таърихи рушди захираи кадрҳо // Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №4. 2009. –С.19.
5. Раҳмонов Э.Ш. Точикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе. 200. –С. 9.
6. Раҳмонов Э.Ш. Давлатдории тоҷикон : аз Сомониён то оғози асри XXI// Тоҷикистон даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди сеюм, Душанбе, Ирфон, 2001.С.149

АНАЛИЗ И РАССМОТРЕНИЕ ПОЛИТИКО-ИСТОРИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЛУЖБА

В статье анализируются исторические и политические аспекты государственной службы как профессиональной деятельности, а впоследствии как систематически повторяющихся отношений в социальной сфере.

Автор отмечает, что анализ и рассмотрение исторических и политических аспектов государственной службы является очень сложным и многогранным вопросом, включая такие институты как государство, государственное управление, политика и так другие. В связи с этим в данной статье рассматриваются аспекты государственной службы как исторический аспект.

Ключевые слова: *становление, государственная служба, политика, социальный институт, государственное управление, пофессиональная деятелность, социальные отношения, общества.*

THEME: ANALYSIS AND CONSIDERATION OF POLITICAL AND HISTORICAL ASPEKTOS OF PUBLIC SERVICE

The article analyzes the historical and political aspects of public service as a professional activity, and subsequently as systematically repeated relations in the social sphere.

The author notes that the analysis and consideration of the historical and political aspects of public service is a very complex and multifaceted issue, including such institutions as the state, public administration, politics and so on. In this regard, this article discusses aspects of public service as a historical aspect.

Key words: *formation, public service, politics, social institution, public administration, professional activity, social relations, societies.*

Сведения об авторе:

Носирова Ф.И.*- ассистент кафедры государственного управления Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе,ул. Саида Носир 33, тел:(+99237) 2289220, 901031387, E-mail: farzona.did@mail.ru*

About the author:

Nosirova F.I. *– assistant of the public administration Department, Public Administration Institute under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 2289220, 901031387, e-mail:farzona.did@mail.ru*

АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА РУШДИ УСТУВОРИ СИЁСАТ ВА МУҲИТИ НИҲОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Нодиров М. А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар ин қисмат хусусиятҳои амалӣ намудани сиёсати озуқаворӣ ва роҳҳои рушди он дар Тоҷикистон баррасӣ мегардад. Қайд кардан лозим аст, ки пеш аз таҳқиқи ин масъала дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол, мо чунин меҳисобем, ки ба хусусиятҳои хоси кишвари мо дар муқоиса бо дигар мамлакатҳои ИДМ бояд назар андохта шавад.

Таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон яке аз кишварҳоест, ки таърихи қадима дошта, шароитҳои гуногуни географӣ ва боигариҳои беҳамто дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати ҷанубу шарқии Осиёи Миёна ҷойгир буда, масоҳати он 143, 1 ҳазор киллометри мураббаъ, аҳолияш 7529, 6 ҳазор нафарро дар бар мегирад. Тоҷикистон кишвари кӯҳистон буда, 93 % масоҳаташро кӯҳҳо ташкил медиҳанд.

Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар иқтисоди кишвар нақши муҳим дорад. Беҳтар шудани некуаҳволии халқ ва таъмини амнияти озуқавории кишвар аз вазъи хоҷагии қишлоқ вобаста аст[1]. Дар соли 1997 маҳз хоҷагии қишлоқ аҳолии кишварро бо маводи ғизоии аввалия таъмин намуда, имкон дод, ки дар шароити вазнин ҳаёти аҳолӣ аз гуруснагӣ наҷот дода шавад. Чуноне ки маълум аст, саҳми хоҷагии қишлоқ дар шуғли аҳолӣ нисбати саҳми он дар ММД хеле зиёдтар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хоҷагии қишлоқ ба ғайр аз вазифаи истеҳсолии худ боз як вазифаи муҳими дигар—бо ҷои кор таъмин кардани аҳолиро низ мебозад, ҳарчанд ин дар сатҳи ҳосилнокии меҳнати ин соҳа таъсири номатлуб дошта бошад ҳам, хоҷагии қишлоқ дар тиҷорати берунаи Тоҷикистон саҳми калон дорад. Дар қатори молҳои содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон нахи пахта, матоъҳои пахтагӣ шарбати меваҳо, хамираи помидор, пиёз, нок, себ, ангур, биҳӣ, меваҳои хушк ва ғайра дохил мешаванд. Сохтори иқтисод, ки аз соли 1991 мерос монда буд, дар муҳити иқтисодии нав рақобатнопазир баромад, ҷанги шаҳрвандӣ бошад татбиқи ислоҳоти навро ба ақиб андохт. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим омад, ки вазифаи иваз намудани шакли иқтисодро ҳал намояд, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро ва, инчунин, зарарҳои офати табииро бартараф кунад. Дар натиҷаи татбиқ намудани якчанд чорабиниҳо дар соҳаи татбиқи ислоҳоти иқтисод дар Тоҷикистон пешравиҳои назаррасе дар босубот сохтани макроэкономика ва молиёт ба даст оварда шуд. Як қатор чораю тадбирҳо барои дигаргун намудани сохторҳо, ки барои фаъолияти босамари иқтисоди бозорӣ муҳим буданд, қабул гардиданд.

Бо ҳамин мақсад як қатор ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ки авлавиятҳоро дар кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамуданд, таҳия ва ба тавсиб расонида шуд. Дар қатори онҳо Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, Санади стратегии паст намудани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2002-2006, Барномаи рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ ва ғайраҳо.

Тоҷикистон дар қатори 191 давлат дар соли 2000 ба Декларатсияи ҳазорсола ҳамроҳ шуд. Ҳуҷҷати мазкур ба сифати глобалӣ ҳашт ҳадафи ҳазорсоларо муайян менамояд:аз байн бурдани қашшоқӣ ва гуруснагӣ, таъмини таҳсилоти ҳамагонии ибтидоӣ, эътирофи баробарҳуқуқии зану мард, тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон, коҳиш додани марги кӯдакон, беҳбуд бахшидани ҳифзи модарӣ, мубориза бо ВИЧ/ ВНМБО, варақа ва дигар бемориҳо, таъмини устувории экологӣ. Ҳама масъалаҳои номбаршуда ва роҳи ҳалли онҳо дар маркази диққати Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон меистанд.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ дар соли 2003 шарҳи "Дастоварди ҳадафҳои ҳазорсола" [2]. чоп шуд, ки дар он пешравиҳо дар ҷараёни амалисозии ДҲҲ ва масъалаҳои ҳалталаби он инъикос ёфта буданд. Дар тафсири он қайд шуда буд, ки стратегияҳои миллии инкишоф ва анҷом додани сиёсат бояд бо авлавиятҳои ДҲҲ алоқаманд бошанд ва бояд захираҳои молиётии муваффақ шудани ин авлавиятҳо муайян карда шаванд. Дар моҳи июни соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Мушовири Махсуси котиби Генералии СММ оиди ДҲҲ,

профессор Ҷефри Сакс оиди Баҳогузориҳои талаботҳои ДҲҲ конфронси матбуотӣ дошт. Дар августи соли 2004 бо супориши Президент панҷ гурӯҳи корӣ бо роҳбарии ҷонишинони дахлдори Сарвазир барои таҳияи сиёсати соҳавӣ ва баҳогузории хароҷоти молӣ барои ноил шудан ба вазифаҳои доираи ДҲҲ дар чунин соҳаҳо ташкил карда шуд:

- амнияти озуқаворӣ ва маводи ғизоӣ;
- маориф
- тандурустӣ;
- обтаъминкунӣ ва беҳдошт;
- масъалаҳои тендерӣ.

Тоҷикистон яке аз ҳашт кишварест, ки лоиҳаи пилотӣ оиди баҳогузории талаботҳои ДҲҲ ва шарикӣ бо Лоиҳаи Ҳазорсола дар Ню Йорк гузаронида шуд. Ҷумҳурӣ яке аз аввалинҳо шуда, баҳогузории талаботҳои ноилшавӣ ба ДҲҲ-ро таҳияю баррасӣ намуд. Мубориза бо гуруснагӣ ва пурзурнамоии амнияти озуқаворӣ мақсадҳои асосии Тоҷикистон мебошанд. Хароҷоти молиётӣ барои маҳдудсозии камбизоатӣ ва гуруснагӣ дар ҳалати афзоиши миёнаи ММД тақрибан 6, 2млрд доллар ё 74, 1доллар ба сари нуфус ро ташкил медиҳад. Хароҷоти ҷорӣ, ки қисмати калони захираҳоро ташкил медоданд, ба 5, 35 млрд. доллари ИМА, хароҷотҳои сармоявӣ 900, 5 млн. доллари ИМА баҳогузорӣ шуда буданд. Интизорӣ меравад, ки қисми калони ин маблағ (қариб 4, 3 млрд.) ба соҳаҳои хусусӣ дода мешавад, ғайр аз ин ҳама маблағгузориҳои ғайримустақим дар қонунгузорӣ, ислоҳоти ниҳодӣ ва масъалаи пардохти қарзҳо, мисли барномаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати хоҷагидорон бояд аз тарафи Ҳукумат ва донорҳо маблағгузорӣ шаванд[3, с. 9].

Дар соли 2005 ба мақсади инкишофи сатҳи зиндагии аҳолӣ бо ибтикори Президенти кишвар таҳлили стратегияи миллии дарозмуддати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои то соли 2015 пешниҳод намуд ва қисми таркибии он Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 қабул шуданд.

Ба мақсади бунёди барномаи амалиёти инкишофи кишвар бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2005 барномаи дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳия шуд, ки бояд таснифоти раванди инкишофи мамлакатро дар муҳлати дарозмуддат дар мувофиқа бо ДҲҲ мусоидат намояд[4]. Буҷаи давлатӣ ва сиёсати андозу буҷавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои аввалияи рушди кишвар воситаи калидӣ ба ҳисоб меравад, ба воситаи Вазорати молия ва дигар муассисаҳои дахлдори давлатӣ иҷро карда мешавад. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви иттиҳодияи ҷаҳонӣ бӯҳрони иқтисодию молии ҷаҳон бетаъсир намонд, ин ба камшавии даромадҳои буҷаи давлатӣ, вайрон шудани тавозуни содироту воридот, кам шудани ҳаҷми инвеститсияи хориҷӣ ва бӯҳрони системаҳои бонкӣ оварда расонд. Сарфи назар аз чораю тадбирҳои қабулшуда, масъалаи пӯшондани дефитсиди буҷаи давлатӣ масъалаи ҳалношуда монда, бинобар ин, маблағгузориҳо барои рушди комплекси агросаноатии кишвар аз ҳисоби ҳаҷми воқеии буҷа иҷро карда мешаванд. Дар соли 2008 дар бораи дигар намудани механизми маблағгузории хоҷагии қишлоқ қарор қабул шуда буд ва дар назар медошт, ки ба хоҷагии қишлоқ аз ҳисоби депозитҳои маҳдуди буҷаи ҷумҳурӣ тавассути бонк қарзҳои имтиёзнок дода шавад. Дар марҳалаҳои гузашта аз депозитҳои буҷаи Ҷумҳурӣ барои дастгирии хоҷагии қишлоқ дар ҳаҷми умумии 430, 0 млн сомонӣ ҷудо шуда, мутаносибан дар соли 2008-140, 0 млн. сомонӣ, дар соли 2009-180, 0 млн. сомонӣ, дар соли 2010-110, 0 млн. сомонӣ маблағ ҷудо шуда буд[5].

Ҳамзамон барои дастгирии хоҷагии қишлоқи кишвар аз тарафи Ҳукумати мамлакат қарор дар бораи реструктуризатсияи муҳлати баргардонидани қарзҳои солҳои 2008-2010 қабул шуда буд. Илова бар ин, имконияти маҳдуди буҷаи давлатро ба эътибор гирифта, зарур аст, ки саҳми Ҳукуматро дар маблағгузории хоҷагии қишлоқ кам намуда, системаи бонкиро дар маблағгузории қарзии хоҷагии қишлоқ ва ҷалб намудани инвеститсияҳои бевосита фаъол намоем.

Ба ҳисоби миёна буҷаи хоҷагии қишлоқ дар соли 2010 95% ҳам дар миқёси Ҷумҳурӣ ва ҳам маҳаллӣ иҷро карда шуд. Аз ҳама нишондиҳандаи паст оиди аз худ намудани маблағҳо дар моддаи 10. 107 ба назар мерасид. Чорабиниҳои системаи обёрӣ мувофиқи нақша 84 % нақша иҷро шудааст (моддаи 10. 108). Дигар намуди фаъолиятҳои хоҷагии халқ мувофиқи73 % нақша иҷро шудаанд.

Барои амалӣ намудани стратегияҳои стратегияҳои буҷавӣ дар мувофиқа бо намунаҳои беҳтарини амалияи ҷаҳонӣ, авлавиятҳои калидии буҷа барои соли буҷавии оянда ва марҳалаҳои миёнамуҳлат бояд дар ибтидои раванди буҷавӣ дар давраи стратегии банақшагирӣ (бояд ба назар гирифт, ки ҳадди ниҳоии буҷа барои тамоми раванди буҷа устувор ва саҳеҳ бошад) муайян карда шаванд. Мувофиқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 таҳти № 147, ҳангоми таҳияи нишондиҳандаҳои буҷаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013-2015, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон авлавиятҳои буҷавӣ ва ҳадди ниҳоии хароҷотҳои секторҳо ва соҳаҳоро барои солҳои 2013-2015 баррасӣ намуда тасдиқ менамояд.

Барои муайян кардани авлавиятҳои буҷавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми Вазоратҳо на зиёда аз се авлавияти калидии буҷавиро барои марҳалаи миёнамуҳлат (барои солҳои 2013-2015) муайян менамоянд ва дархостҳои афзалиятҳои буҷавиро (бо тартиби муайян, ки аз дараҷаи афзалиятнокияш аз авлавияти якум то сеюм муайян мешавад) ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1- апрели соли 2012 пешниҳод менамояд[7]. Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии хоҷагии қишлоқ дар тамоми категорияҳояш дар январ –сентябри соли 2011 9962, 3 млн. (бо нархҳои ҷорӣ) сомониро ташкил медод. Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 9, 1 % зиёд шуда, аз ҷумла кишоварзӣ 7622, 1млн. сомонӣ ё 9, 9 % ва чорводорӣ 2340, 2 млн. сомонӣ ё 6, 6% зиёдтар маҳсулот истеҳсол шуд. Дар январ-сентябри соли 2011 дар тамоми категорияҳои хоҷагӣ 870495 тонна ғалладона, 299896 тонна пахта, 552829 тонна картошка, 829376 тонна сабзавот, 330876 тонна полезиҳо, 179746 тонна мева, 92989 тонна ангур истеҳсол шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта пахта 69, 9 %, картошка 26, 1 %, сабзавот 7, 1 %, мева 16, 8 %, ангур42, 9 % зиёд истеҳсол шуда буд.

Вазъият ба 1 октябри соли 2011 чунин буд: хоҷагиҳои умумии деҳқонӣ дар майдони 3837 га кишти тирамоҳӣ анҷом дода буданд. Аз ҳаҷми умумии кишт 3047 га сабзавот, 780 га растаниҳои ғизоӣ кишта буданд. Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта дар тамоми ҷумҳурӣ сабзавот 36 % ва зироатҳои ғизоӣ 56 % зиёдтар кишт шуда буд[8].

Ба санаи 1 октябри соли 2011 саршумори чорвои калон дар тамоми категорияи хоҷагиҳо 1921, 2 ҳаз. сар буд, ки 56, 7 ҳазор сар ё ба андозаи 3, 0 % нисбати соли гузашта зиёдтар буд. Дар ин муддат саршумори гӯсфанду буз ба 128, 2 сар ё ба андозаи 2, 9 % нисбати пешӣ бештар буд. Аз шумори умумии ҳайвонот саҳми хоҷагиҳои аҳолӣ 92, 0 % чорвои калон, бузу гӯсфанд 81, 9 %-ро ташкил медод. Дар муқоиса бо соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли гӯшт дар тамоми категорияҳои хоҷагӣ дар давоми январ- сентябри 2011 ба андозаи 5, 2% зиёд шуда, 92365 тоннаро дар бар мегирифт ; истеҳсоли шир дар умум ба андозаи 5, 6 % зиёд шуда, 466391 тонна;тухм 14, 4 % зиёд шуда, 186340 ҳазор донаро ташкил медод[9].

Андозаи озуқа ба сари нуфус тавассути тавозуни маҳсулот ҳисоб карда мешавад. Дар тавозуни маҳсулот барои ҳар маҳсулоти асосии хӯрокворӣ мавҷудияти умумии табиии он ва истеъмоли он дар замони муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. **Мавҷудияти умумии табиӣ** ҷамъи захира дар аввали замон, истеҳсол ва воридоти маҳсулоти мазкур дар муддти замони муайян мебошад. **Истеъмоли умумӣ** ҳосили ҷамъи истифода барои хӯроки чорво, тухмӣ, талафот, содирот ва захираи охири сол мебошад. Дар ҳар марҳалаи замон мавҷудият ва истеъмоли ҳар маҳсулот бояд бо ҳам мувофиқат дошта бошанд. Дар сурати мавҷудияти тавозуни маҳсулот дар муддати якчанд сол, аз рӯи он рафти тағйирёбии ҳаҷми умумӣ, воридот, содирот, хӯроки чорво ва истеъмоли аҳолиро омӯхтан мумкин аст. Агар ҳаҷми мавҷудаи умумии захираи озуқаро ба миқдори аҳолӣ тақсми кунем, нишондиҳандаи муҳимтарини ҳисоби миёнаи миқдори маҳсулотро ба сари аҳолӣ дар як сол бароварда метавонем. Нишондиҳандаи мазкур дар миқёси кишвар гирифта шуда, ҳисоби миёна мебошад ва дар он ҷанбаҳои дастрасии хонавода, имконияти истеҳсол, харидан ё соҳиби маҳсулот шудан бо ягон роҳи дигар ба ҳисоб гирифта намешавад. Омилҳои болоро хулоса карда, қайд кардан лозим аст, ки амнияти озуқаворӣ танҳо аз зиёд шудани систематикии захираҳои асосӣ вобастагӣ дорад.

Чи гунае ки аз маълумотҳои дар боло оварда маълум мешавад, аз ибтидои соли 2011 бештар аз ҳама ин маводҳо қимат шудаанд: карам 1, 7 баробар, гӯшти гӯсфанд-34, 8 %, гӯшти гов-31, 3%, равғани пахта-30, 3 %, сабзӣ-25, 7%, шакар18, 8 %, тухм-18, 1 % гӯшти мурғи хонагӣ-17, 8% шир-16, 9 %, ҳасиб-16, 5%, гӯштҳои нимфабрикат-14, 2 %, ярмаи ҷав-11, 4%, орди гандуми навъи якум-10, 8

%, арақ-8, 8 %, моҳии зинда-7, 2 %, равғани ҳайвонот-7, 1%, биринҷ-6, 8 %, маҳсулоти ҷурғотӣ-6, 5%, оби минералӣ 6, 1%, шарбатҳои сабзавотию мевагӣ-5, 9 %, ярмаи гречка-5, 2 %, ширфалла(творог)-5, 1 %, конфету шоколадҳо-5, 0 %, ярмаи арзан -4, 8 %, маҳсулоти тамоку-3, 0 % қаҳва ва қандкулчаҳо-2, 8 %, макарон-2, 6 %, картошка-2, 3 %, қаймоқ -2, 0 %, чой-1, 2 %, намак-0, 9 %. Дар баробари инҳо, нархи ин маҳсулотҳо арзон шуданд:помидор 56, 0 %, бодиринг-51, 8 %, себ-35, 4 % ва пиёз-14, 8 %[10, с.]. Нишондиҳандаи ниҳоии амнияти озуқаворӣ вазъи истеъмоли аҳолӣ мебошад. Яке аз усулҳои муайян намудани таъмин набудани аҳолӣ бо маҳсулот ва истеъмоли хушсифат ҳисоби тағзия бо килокалория ба сари ҳар аъзои оила дар як рӯз мебошад. Дар давоми соли 2010 истеъмоли килокалория ба сари ҳар аъзои оила дар шабонарӯз кам шуда, 2209, 5 килокалория бар муқобили 2246, 40 килокалорияи соли 2009-ро нишон дод, ки аз меъёри нишондодаи Ташкилоти Тандурустии Умумиҷаҳонӣ (2100 килокалория дар рӯз) каме зиёдтар аст. Дар нуҳ моҳи соли 2011 истеъмоли килокалория ба сари нуфуси оила дар шабонарӯз кам шуда, 2202, 69 килокалорияро дар баробари нуҳ моҳи соли 2010-2233, 9 килокалорияро ташкил дод.

Дар нуҳ моҳи соли 2011 истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ 22, 3 % зиёдтар аз меъёри тиббӣ шуд, истеъмоли нон 115, 2 кг. ба ҳисоби миёна ба сари аъзои хонавода рост меояд, ки барои тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ хос мебошад. Дар тамоми Ҷумҳурӣ дар нуҳ моҳи соли 2011 истеъмоли картошка ба сари нуфус 26, 1кг. , сабзавоту полезӣ-106, 2 кг. , шир ва маҳсулоти ширӣ 48, 6 кг. , гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ-8, 1 кг, равғани растанӣ-10, 8 кг. , тухм-36 дона, қанд ва маҳсулоти қандӣ-9 кг. , мева-35, 1 кг.. Аз ҳама хароҷоти зиёди оилаҳо барои хариди маҳсулоти озуқа ба хариди маҳсулоти нонӣ нонӣ-36, 7 % сарф мешавад.

Дар айни замон қайд кардан лозим аст, ки истеъмоли озуқаворӣ дар байни гурӯҳҳо якхела нест. Масалан, истеъмоли картошка дар нуҳ моҳи соли 2011 ба ҳисоби миёна ба ҳар аъзои оила дар 10 фисади гурӯҳи бобизоаттар 1, 5 маротиба зиёдтар аз 10 фисади гурӯҳи камбизоати аҳолӣ буд, мутаносибан гушт ва маҳсулоти гӯштӣ-3 маротиба, тухм-2, 3 баробар, мева-2, 7 баробар[11].

Миқёс ва вазифаҳои иҷтимоии амнияти озуқаворӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, махсусан, дар кишварҳои ИДМ сол то сол зиёд мешаванд. Масъалаҳои амнияти озуқаворӣ ва таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ то рафт ба масъалаи глобалии башарият табдил ёфта истодааст. Ин масъала доимӣ дар маркази диққати Федератсияи Русия ва Тоҷикистони соҳибистиқлол қарор дорад. Дар солҳои охир олимони машҳури Федератсияи Русия А. Емелянов, И. Королёв, Т. Филонова, Е. Л. Воловик, Р. Гумеров ва дигарон[12] масъалаҳои муҳимтарини амнияти озуқаворӣ ва хусусиятҳои хоси онро таҳқиқу баррасӣ намудаанд. Олимони маъруфи тоҷик мисли Э. М. Эргашев, А. Шарифов, Д. Гулаҳмедов ва дигарон дар ин ҷода саҳми арзанда гузоштаанд[13].

Иқтидори зиёди аграрии ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки ба сифати вазифаи миёнамуҳлат ноил шудан ба худкифоии пурраи маҳсулотҳои(стратегии) аввалия(ғалла, сабзавот, мева), дар сурати воридоти (бо дарназардошти тахассуси байналхалқӣ ва мувофиқати иқтисодӣ) танҳо навъҳои муайяни маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ҳамзамон, рушди содироти рақобатпазири маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ватанӣ, пеш аз ҳама, маҳсулоти боғдориро ба роҳ монем.

Шакливазкунии бозории иқтисоди Тоҷикистонро афзун шудани тамоюлоти номатлуб дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, бо кам шудани табодули байниминтақавӣ ва ба таври агрессивӣ зиёд шудани воридоти маҳсулот, ки сатҳи амнияти озуқавории кишварро паст мекунад, ҳамроҳ амалӣ шуда истодааст. Афзудани бартариҳои рақобатпазири комплекси истеҳсолоти ватанӣ шароит фароҳам меоварад, ки сатҳи худкифоии кишвар бо озуқа таъмин шавад. Ин вазифае мегузорад, ки усулҳои самараноки танзими содироти маҳсулот дар шароитӣи душвор роҳи ҳалли худро ёбад. Ноил шудан ба худкифоии озуқавории кишвар бе бозсозии сохтори комплекси агросаноатӣ ва ташаккули бозори мутамаддини кишоварзӣ номумкин аст.

Баъди озод намудани нархҳо, пеш аз ҳама, нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ, масъалаи норасоии маҳсулоти босифати ватанӣ бо роҳи воридоти зиёди молҳои беруна зуд ҳал карда шуд ва он аз нисф зиёди маҳсулоти озуқавориро, махсусан, дар пойтахт зиёда аз 60 % ташкил медод. Дар мавриди гузаронидани ислоҳот вазъият дар соҳаи аграрӣ хеле беҳтар шуд, аммо бисёр ислоҳотҳои ниҳодӣ нотамом монданд, ки сабаби ин як қатор маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ буд, ки боиси боз ҳам зиёд шудани воридот, аз он ҷумла, воридоти маҳсулоти озуқаворӣ гардид; дар ҳоле ки рушди ММД дар соли 2010 6, 5 5% буд, воридоти мол-18, 3 % ва содирот-3, 4 % -ро ташкил медод[14].

Дар замони ҳозира бештар маълум шуда истодааст, ки ҳалли масъалаҳои ҷамъшудаи хоҷагии қишлоқ бо усулҳои либералӣ кунондани бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ, бе дигаргуниҳои сохтори куллӣ дар самти ноил шудан ба худкифоии озуқаворӣ имкон намедиҳад, ки сатҳи амнияти озуқавориро дар ҷумҳурӣ баланд намоем.

Маълум аст, ки ҳалли масъалаи амнияти озуқаворӣ аз сатҳи иқтисоди миллӣ сар мешавад ва он дар сатҳи таъминоти аҳолии минтақа бо озуқаворӣ тақассум меёбад. Аз ин рӯ, зарурати амалӣ намудани усулҳои бархӯрди системавӣ дар таҳияи механизми таъминоти амнияти озуқаворӣ дар асоси пуштибонии худкифоии кишвар ва манотиқи он ба миён меояд.

АДАБИЁТ

1. Ниг. Отчёт по мониторинговому исследованию оценки хода реализации LCC- Душанбе, 2005. -С.5.
2. Доклад Президента Э.Рахмонова на торжественном собрания в честь 10-ой годовщины xvi Верховного Совета РТ // Экономика Таджикистана: стратегия развития.Душанбе, 2002№ 4, -с.11.
3. Ниг:материалыРеспубликанской научно – практической конференции «продовольственная безапасносиить»Республики Таджикистан. – Душанбе -2005.с.55
4. Ниг:Материалы Республиканской научно – практической конференции «продовольственной безапасности Республики Таджикистан».Душанбе, 2005, с.176.
5. Данные Государственного комитета по землеустройству. Душанбе, 2003.
6. Данные Государственного комитета по землеустройству. Душанбе, 2003
7. Эргашев М. - Проблемы плодородность почвы и продовольственная безопасность Таджикистана.(Материалы конференции по продовольственной безопасности Республики Таджикистан)- Душанбе, 2005.С.182.
8. Гулмахмадов Д. Земляные ресурсы Республики Таджикистан (Материалы конференции по продовольственной безопасности Республики Таджикистан). – Душанбе, 2005, с.41
9. Шарипов А. Саҳми хоҷагиҳои деҳқонӣ дар таъминоти бехатарии озуқаворӣ. (Материалы конференции по продовольственной безопасности Респулики Таджикистан) – Душанбе, 2005.с.41
10. //Азия плюс, 2004, аз 20 май
11. Материалы республиканской научно-практической конференции (продовольственной безопасности Республики Таджикистан). – Душанбе-2005. -с.25.
12. ГулмахмадовД. -Земельные ресурсы Республики Таджикистан.(материалы конференции по продовольсьвенной безопасности Республики Таджикистан). -Душанбе, 2005, с.58;
13. Шарипов А. -Саньми хољагиньои деньќонї дар таъминоти бехатарии озуќаворї (материалы конференции по продовольственной безопасности). -Душанбе, 2005. -С.41
14. .Ниг. Агентство по статистике при Президента Республики Таджикистан за 2010-2011годы.

ПРОДОВОЛЬСТВЕННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ И УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ И ИНСТИТУТОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Данная статья посвящена исследованию особенности реализации продовольственной политики и пути ее развития в Таджикистане. Исторический опыт и анализ ресурсов в Таджикистан является одной из стран с древней историей, уникальными географическими условиями и богатством. Большой аграрный потенциал республики позволит достичь полной самообеспеченности стратегическими (первичными) продуктами (зерно, овощи, фрукты) в среднесрочной перспективе при условии импорта определенных видов сельскохозяйственной продукции (с учетом международной квалификации и экономической пригодности). Развитие конкурентоспособного экспорта отечественной сельскохозяйственной продукции, прежде всего, садоводства.

FOOD SECURITY AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF INSTITUTIONAL POLICIES AND INSTITUTIONS IN TAJIKISTAN

This article is devoted to the study of the peculiarities of the implementation of food policy and the ways of its development in Tajikistan. The historical experience and analysis of resources in Tajikistan is one of the countries with ancient history, unique geographical conditions and wealth. The large agricultural potential of the republic will make it possible to achieve full self-sufficiency in strategic (primary) products (grain, vegetables, fruits) in the medium term, provided that certain types of agricultural products are

imported (taking into account international qualifications and economic suitability). Development of competitive export of domestic agricultural products, primarily gardening.

Сведения об автора:

Нодиров Музаффар Абдуллоевич *– соискатель кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, E-mail: mnodirov59@mail.ru*

About the author:

Nodirov Muzaffar Abdulloevich *- applicant for the Department of Political Science, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, E-mail: mnodirov59@mail.ru*

АЗ ТАЪРИХИ ТАШКИЛЁБИИ АВВАЛИН ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН
(охири солҳои 80-ум – оғози солҳои 90-уми асри XX)

Набиев В. М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Истиқлолияти давлатие, ки онро тоҷикон дар ибтидои солҳои 90-ум соҳиб гардиданд решаи қадимаву устувори маънавӣ дорад ва ибтидои давлатдории онҳо ба аҳди кавониён рафта мерасад.

«Тоҷикон, - қайд намудааст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, - аз азал бо арзишҳои инсондӯстонаву муносибатҳои хайрхоҳона ва меҳнати бунёдкорона шӯҳрат ёфтаанд ва бисёр анъанаву суннатҳои неки онҳо ба хазинаи умумибашарӣ ворид шудаанд.

Давлати ҷавони тоҷик аз рӯзҳои нахустини таъсисёбиаш асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракуниро дар шароити нав танзим намуда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дод ва барои ягонагии халқи тоҷик ва таъмини якпорчагии сарзаминамон саъю кӯшиши зиёде кард. Зимни талошҳои пайдарпайи халқи Тоҷикистон соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии мамлакат таъмин гардид ва кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёр шинохта шуд». [10,436-437]

Яке аз дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол ин аст, ки барои фаъолияти озодонаи ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ имконияти васеъ дода шудааст.

Дар ин раванд мақоми хосаро иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ишғол менамоянд. Ҳаракати ҷавонони Тоҷикистон рӯз то рӯз қавитар гардида собитқадамона ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар ворид мегардад.

Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳои аҳолиаш ҷавон буда, синни миёнаи он 24 сола мебошад ва 35 фоизи аҳолиро ҷавонони синни аз 14 то 30 сола ташкил медиҳанд. Онҳо нерӯи такондиҳанда ва пешбарандаи ҳаёти ҷамъиятӣ буда, ҳама чиз вобаста ба он аст, ки аз ин нерӯи азим чӣ тавр истифода бурда мешавад. Ва сарвари кишвари тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ чунин иброз менамояд: «Ҷавонон бояд хуб дарк намоянд, ки тақдири ояндаи халқу давлат ба дӯши онҳо гузошта шудааст. Ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани Ватани ободу рушдёбанда масъулияти бузург дорад ва ҳар фарди ҷавонро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстӣ кӯшишу талош намояд».

Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳаракати муташаккилонаи ҷавонони Тоҷикистон аз охири солҳои 80-уми асри XX оғоз меёбад. Дар Иттиҳоди Шӯравии ҳамонвақта дар фазои бозсозӣ афкори эҷодӣ, худшиносии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон ба ҷунбиш омада буд.

Фаъолнокии шаҳравандӣ дар Тоҷикистон бо ду тарз инкишоф меёфт. Аз як тараф, ташаббусҳои сершумор аз «поён» ба амал омада, мустаҳкам мегардиданд. Аз тарафи дигар бошад, фаъолият «аз боло», аз ҷумла комсомол сурат мегирифт, ки мавқеи худро дар сохтори таҷаддудёфтаи сиёсӣ ҷустуҷӯ менамуд. Ин амалиёт ба таъсиси якчанд клубҳои сиёсии мубоҳисавӣ оварда расонид.

Дар охири феврали соли 1989 дар шаҳри Душанбе мавҷи баромадҳои донишҷуён, зиёиёни ҷавони тоҷик ба амал омад, ки онро табақаҳои гуногуни аҳолии шаҳр дастгирӣ намуданд. Баромадҳо ба гирдиҳамоии 24 феврали соли 1989 оварда расонид. Ин албатта амали стихиявӣ набуда, балки натиҷаи фаъолияти гурӯҳи ташаббускор буд. Бо мақсади ба як ҷараёни солим равона кардани ҳаракати ҷавонон намояндагони КМ комсомоли Тоҷикистон таклиф намуданд, ки клубе дар шакли ринги (майдончаи) сиёсӣ ташкил намоянд. Баъди ба даст овардани мувофиқа дар рӯзномаҳои «Ҷавononи Тоҷикистон» (26 апрели соли 1989), «Адабиёт ва санъат» (27 апрели соли 1989), «Комсомолеӣ Тадҷикистана» (3 май) оиди ҷаласаи нахустини клуб хабарнома чоп шуда буд.

4 майи соли 1989 ҷаласаи аввалини клуби мубоҳисавӣ баргузор гардид ва вай номи «Рӯ ба рӯ»-ро гирифт.

Тибқи Низомномаи «Рӯ ба рӯ» – вай иттиҳодияи ихтиёрӣ ва худфаъолиятии шаҳравандони аз ҷиҳати сиёси фаъол буда дар асоси ғояи марксизм –ленинизм ташаккул ёфта, амал менамояд. Шакли асосии фаъолияти он вохӯрии аҳли ҷамоатчигӣ бо роҳбарони ҷумҳурӣ, олимон ва шахсони наҷиб буд.

14 июни соли 1989 Шӯрои клуб дар ҳайати Зафар Саидов – мудири шӯъбаи идеологияи КМ ИЛКҶ Тоҷикистон (раис), Салим Аюбов – мудири бахши идораи рӯзномаи «Адабиёт ва санъат», Абдуқодир Холиқзода – дотсенти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, Мирзо Салимпур – донишҷӯи факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, Барот Мақсудов – инҷенери калони кафедраи физикаи ядроии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, Ҳоким Абдуллоев – корманди калони илмии лабораторияи Иттиҳодияи ҳисоби хоҷагии тадқиқоти илмии Вазорати хизмати маишии ҶШС Тоҷикистон, Саймуддин Оймаҳмадов – ҷонишини раиси шӯъбаи тоҷикистонии Бунёди фарҳанг, Сафар Мастонзод – коргари фабрикаи пойафзолдӯзии № 1, Ҷумъахон Исоев – ходими илмии факултаи химияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин интихоб карда шуд.

Клуби сиёсӣ аз бахшҳои масъалаҳои иқтисодӣ ва мустақилияти иқтисодӣ, забон ва фарҳанг, ислоҳот ва инкишофи мактаби миллӣ, давлат ва ҳуқуқ, демократия, матбуот ва нашриёт, гурӯҳи тадқиқотҳои сотсиологӣ ва масъалаи ҷавонон иборат буд.

Дар давраи аввал клуби «Рӯ ба рӯ» таҳти роҳбарии КМ ИЛКҶ Тоҷикистон фаъолият намуд. Дар муддати як соли мавҷудият клуб бешубҳа роли катализатори шуури сиёсии ҷамъиятии пойтахти ҷумҳуриро бозид. Вале тадриҷан комсомол ҳамчун яке аз муассисони клуби мазкур ташаббуси ташкилӣ ва идеологиро нигоҳ дошта натавонист. Намояндагони он ташаккули равандҳои алҳтернативиро дар ҳаракати оммавии шаҳрвандӣ на фақат пешгирӣ, балки назорат карда натавонистанд.

Ва ташаббусро дар клуби «Рӯ ба рӯ» фаъолони «Растохез» –и ташаккул наёфта гирифта буданд.

Дар соли 1989 дар назди кумитаи комсомоли шаҳри Норак клуби сиёсии мубоҳисавии «Дирафши Ковиён» таъсис ёфт. Аъзоёни клуб асосан аз зиёиёни шаҳр ва деҳоти атроф иборат буд. Аъзоёни клуб ба ҷаласаҳои худ роҳбарони ҳизбӣ ва комсомолии маҳаллиро таклиф намуда, аксар вақт ба ҳалли мавқеи мухолифи худ ба мисли масъалаҳои начандон муҳим – иваз кардани номи кӯчаҳо ва шаҳр ё ташаккули нақшаи тараққиёти иҷтимоӣ дар соли ҷорӣ машғул мешуданд.

Дар охири солҳои 80 –ум боз якчанд клубҳои сиёсӣ таъсис ёфтанд, аммо зуд аз байн рафтанд.

Чунончӣ бо ташаббуси депутатҳои ҷавони Шӯрои ноҳиявии Вахш клуби ҷамъиятию сиёсии «Таҷдид» («Барқароршавӣ») таъсис ёфт, ки мақсади асосиаш омӯхтан ва тарғиб намудани маводҳои Ҳизби коммунистӣ ва Давлати Шӯравӣ, эҳёи таърих, анъана ва фарҳанги мардуми ноҳия, эҳё ва баргардонидани номҳои таърихӣ ба маҳалҳо, колхозу совхозҳо, ҷустуҷӯи номҳои иштирокчиёни ҷанги гумномшуда, «доғҳои сафед»-и таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон буд.

Ё ин ки гурӯҳи ташаббускорон барои таъсис додани ҷамъияти «Эҳё» дар назди КМ ИЛКҶ

Тоҷикистон баромад карданд. Барнома ва Оинномаи таҳия намудаашон ҷолиби диққат буд. Мувофиқи Барнома фаъолияти ҷамъияти «Эҳё» баҳри эҳёи анъанаҳои пашқадами халқи тоҷик, муҳайё намудани шароит барои омӯзиш ва такмили забонҳои тоҷикӣ, яғнобӣ ва гурӯҳи забонҳои помирӣ, адабиёт, афкори фалсафӣ, тарғиби омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик инчунин тибқи дигаргунсозӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти маънавии ҷомеа равона мегашт.

Дар ноҳияи Ховалинг бошад соли 1989 Иттифоқи ҷавонони демократ – «Бохтар» арзи ҳастӣ намуд, ки ҳадафи асосиаш дигаргунсозии сиёсати иқтисодӣ дар ноҳия буд.

Боиси таассуф аст, ки аксарияти ин созмонҳо то қадри имкон амал карда натавониста нопадид гардиданд ва ё ба ташкилотҳои ғайридавлатии нисбатан пуркуваттар ҳамроҳ шуданд. Таҳлилҳои аналитикӣ нишон медиҳанд, ки сабабҳои ба чунин ҳолатҳо гирифтор шудани созмонҳои ғайриҳукуматии навтаъсиси ҷавонон набудани асосҳои моддӣ, нокифоягии фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаббускорон, ба созмонҳо ҷалб карда натавонистани доираи васеъи ҷавонони ҳамфикру ҳамақида мебошанд.

Мавҷи «бозсозиҳои» ибтидои солҳои 90 –ум ба ҳаракати ҷавонон боз як таконе дода буд. Дар назди сарварони ҳаракатҳои ҷамъиятии ҷавонон ду роҳ, яке таъсис додани созмонҳои нав, дигаре нигоҳ доштани ташкилотҳои мавҷуда ва ҷустуҷӯи шаклу усулҳои такмили фаъолияти онҳо буданд.

Дар ибтидои соли 1991 гурӯҳи ташаббускорон барои таъсиси «Созмони ҷавонони озоди Тоҷикистон» ба фаъолият шурӯъ намуд. Сарпарастони гурӯҳ Ҳизби демократии Тоҷикистон ва Ҳаракати мардумии «Растохез» буданд.

Бори аввал гурӯҳи ташаббускор 11 июни соли 1991 дар гулгашти назди Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҷамъ омада, ба он рӯзноманигорони мустақил ва лидери ҳаракати мардумии «Растохез» Тоҳири Абдуҷаббборро даъват кард.

Аъзоёни гурӯҳи ташаббускор мухбири телевизиони Тоҷикистон Мирзохони Раҳмон ва донишҷӯёни факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин Меҳрӯз Хоҷазод ва Комил Аюбзода тазаккур доданд, ки ҳайати асосии гурӯҳ аз намояндагони комиссияи кор бо ҷавонони Ҳизби демократии Тоҷикистон ва тарафдорони ғояҳои «Растохез» иборат буда, ҳамаи онҳо як сол қабл аз сафи комсомол баромадаанд.

Конфренсияи муассисони Созмони ҷавонони озоди Тоҷикистон дар ноҳияи Ленин дар хонаи шахсӣ бо иштироки намояндагони Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳаракатҳои мардумии «Растохез» ва «Ошкоро» баргузор гардид. 15 августи соли 1991 бошад Созмони ҷавонони озоди Тоҷикистон нахустин конфренсияи матбуотиро гузаронида иброз карданд, ки мақсади асосии онҳо мубориза барои истиқлолияти Тоҷикистон мебошад.

Дар моҳи апрели соли 1991 дар назди кумитаи комсомоли вилояти Ленинобод созмони маданӣ-маърифатии донишҷӯёни тоҷики мактабҳои олии Хуҷанд – фиристодагони ҷумҳурҳои ҳамсоя – «Дирафши Ковиёна» таъсис ёфта буд. Вай манфиати 500 нафар донишҷӯён намояндагони ҷумҳуриҳои ҳамсояро пуштибонӣ менамуд. Мақсади мустаҳкам кардани робитаи дӯстонаи хуҷандиён бо бародарони ҳамхуни худ – муқими Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон, гузаронидани чорабиниҳои якҷоя, мусоидат намудан ба зиёдшавии довталабон аз ҷумҳуриҳои ҳамсояро дошт. Нахустин раиси «Дирафши Ковиёна» Ш.Домуллоев, ҷонишинон – Ш.Фаридов ва Ғ.Мадалиев интихоб шуданд. «Дирафши Ковиёна» дар давраи мавҷудияташ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии шаҳр фаъолона иштирок намуда буд.

Равандҳои сиёсии ибтидои солҳои 90-ум дар ҳаёти ҷамъияти сиёсии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ҳам ташкилотҳои комсомолӣ таҳаввулоти бузургеро ба амал оварда буд. Анҷумани XX11 фавқуллодаи Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонони Умумииттифоқ дар бораи худпарокандагӣ қарор қабул намуд.

9 сентябри соли 1991 истиқлолияти давлатии Тоҷикистон эълон карда шуд.

Дигаргуншавии вазъият талаб мекард, ки фавран анҷумани Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонони Тоҷикистонро гузаронида, тақдири минбаъдаи он ҳал карда шавад. Дар чунин сурат бояд ду сабаби муҳим ба асос гирифта мешуд:

Якум. Сохтори созмон бояд вобаста ба комилан мустақил шудани ҷумҳурӣ дигаргун ва ба талаботи замон мувофиқтар шавад.

Дуюм. Созмон бояд аз ҳамаи монеаҳое даст кашад, ки фаъолияти ҳамаҷонибаашро халалдор карда, дар бисёр ҳолатҳо ба он таъсири манфӣ мерасонанд. Ин ҷо сухан пеш аз ҳама дар бораи даст кашидани созмон аз ҳама идеологияи ҳукмрон ва вобаста набудан аз ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ меравад.

12 октябри соли 1991 анҷумани XXVI фавқуллодаи комсомоли Тоҷикистон барпо гардид.

Чуноне, ки дар маърӯзаи ҳисоботии КМ ИЛҚ Тоҷикистон қайд карда шуд, комсомол то ин замон ҳамнафаси ҷавонон буд ва аз он воқеаҳое, ки дар ҷумҳурият ба вуҷуд меомаданд худро дар канор гирифта наметавонист. Дар радифи комсомол бошад ташкилотҳои нави ҷавонон пайдо шуда истода буданд, вале ин маънои онро надошт, ки комсомол бояд пароканда гардад, балки мебоист ҳамкориро бо онҳо дуруст ба роҳ монад.

Дар анҷуман ташкилот ба худ номи Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистонро гирифт ва худро вориси ягонаи ИЛКҶ Тоҷикистон эълон намуд. Дар Оинномаи Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон нисбат ба маромномаи он чунин суханҳо сабт шудаанд: «Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон созмони ҷамъиятии умумиҷумҳуриявии мустақил буда, дар асоси Маромнома ва Оинномаи худ тибқи Конститутсия, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ амал мекунад, ҷавононро новобаста аз назариёти сиёсӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва мансубияти динию миллӣ муттаҳид месозад.

Мақсади асосии Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон инъикос, ҳимоя ва амалӣ кардани ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни созмон, фароҳам овардани шароит барои инкишофи озод, худшиносӣ, ваҳдат, ошкор кардани қобилияти эҷодӣ, ғанӣ гардонидани маданияти маънавию сиёсии ҷавонон, мададкорӣ дар бунёди ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёду инсонпарвар мебошад.

Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон аз ягон идеология ва ҳизби сиёсӣ вобаста набуда, робитаҳои мутақобиларо бо сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷавонон, ки дар доираи Қонун амал мекунанд аз рӯзи принсипи умумияти мақсадкории сиёсӣ ва боварии ҷонибан созмон медиҳад.

Шиори Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон «Барои ваҳдат ва пешрафти Тоҷикистон» мебошад.

Дар пленуми дуюми Шӯрои Марказии Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон моҳи марти соли 1992 «Барги сабзи чанор» ҳамчун рамзи ИҶТ тасдиқ карда шуд.

Дар соли 1991 таҳти роҳбарии ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ Раҷаб Сафаров кумитаи ташкилии Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон ҳамномаи Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ кард.

Кумитаи мазкур дар таҳия намудани ҳуҷҷатҳои барномавии худ кӯшиши бисёре кард. Мақсади асосии ин Иттифоқ пеш аз ҳама фаъолона мувофиқат кардан дар Тоҷикистон барои барпо кардани давлати соҳибистиқлолу демократӣ, кор карда баромадани стратегияи худии муносибатҳои байниҳамдигарии халқҳо, миллатҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шаҳрвандоне, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекарданд, иборат буд.

Инчунин дар маркази диққати Иттифоқ масъалаҳои баланд бардоштани дараҷаи зиндагии шаҳрвандон, инкишофи мадании ҷумҳурӣ, ҳамкорӣ дар гузаронидани ислоҳотҳои маърифатии халқ, ҳарбӣ, кор карда баромадани консепсияи худии сиёсати ҷавонон меистад.

Вале созмони мазкур таъсис наёфта аз харитаи сиёсии Тоҷикистон нопадид гардид.

Кашмакашҳои маҳалгароиву сиёсии солҳои 1990-1992 ҷавононро низ ба гирдоби худ кашид. Гурӯҳҳои мансабхоҳ ҷавононро баҳри амалӣ кардани ҳадафу мақсадҳои худ истифода бурданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд менамояд: «Зиндагӣ худаш устоди ҳақиқатнигор аст, неку бадро дар ин давра оқибат ба ҷояш гузошта, симои воқеии мансабталошҳову сиёсатмадорҳоро мекушояд. Онҳое, ки то дирӯз лофи демократия мезаданд, насли калонсолро таҳқиру таънасор менамуданд, худро «ватанпарвар» - ӯ «ҳомии миллат» метарошиданд, ба ҳукумати қонунӣ фишор оварда, даст ба хонасӯзию одамкушӣ, дуздию ғоратгарӣ, таъқиби намояндагони ноҳияву маҳалҳои ҷудогонаи Тоҷикистон заданд. Мардумро ба ҷои меҳнати ҳалол дар мавсими кишт ба гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ кашида, ба ҷони ҷавонони гумроҳ раҳм накарда, ба тақсими мансабу сарват, молу

манод ва таҳқири шарафи одамӣ пардохтанд, доираи қонун, ҳуқуқ ва одоби сиёсиро поймол намуданд».

Ибтидои ин кашмакашҳо гирдиҳамоии моҳҳои сентябр-октябри соли 1991 буд. Чуноне, ки далелҳо шаҳодат медиҳанд, аксарияти гирдиҳамомадагонро ҷавонон ташкил мекарданд. Кор ба ҷое расида буд, ки баъзе устодони «ошуфтаи» донишгоҳу донишкадаҳо донишҷӯёнро барои дар гирдиҳамои иштирок намудан даъват карда, рӯйи рост ба онҳо муроҷиат менамуданд, ки «падару модарони шумо дар майдонанду шумо ин ҷо беақлона дарс мехонед». Дар кори ташкилу гузаронидани ин гирдиҳамоии сиёсӣ саҳми Созмони ҷавонони озоди Тоҷикистон хеле назаррас буд. Вай дар байни донишҷӯён таблиғу ташвиқот бурда онҳоро ба майдон меовард. Рӯзномаи «демократии» «Сухан» фараҳмандона чунин навишта буд: «Гирдиҳамоии чаҳордаҳрӯзаи нерӯҳои мардумӣ саҳифаи дурхшонест дар таърихи халқи тоҷик. Дар он даҳҳо ҳазор аҳли заҳмати ҷумҳурӣ ҳам ҷавонони бедору далер ва ҳам пирони равшанзамир ширкат варзиданд. Бори аввал дар таърих беш аз 170 нафар гирдиҳамомадагон, ки дар байнашон баробари ҷавонон эшонҳои маъруфи ҷумҳурӣ ва ҳатто занону духтарон буданд, чандин рӯз гуруснанишинӣ карданд.

Чанд тан аз аъзои Созмони ҷавонони озод бошанд, ба мушкилтарин ва хавфноктарин шакли мубориза даст зада се рӯзи расо дар даромадгоҳи Шӯрои Олӣ рост истода гуруснанишинӣ намуданд».

Тоҷикистон аз феврали соли 1990 сар карда, ба гурӯҳҳои ба ном «тарафдорони бозсозӣ» ва мухолифони бозсозӣ тақсим шуд. Ҷудоии мардуми Тоҷикистон на танҳо аз рӯи мансубияти миллӣ, балки бештар аз рӯи мансубияти маҳал сурат гирифт.

Раванди мазкур дар давраи маъракаи интихоби Президенти ҷумҳур пуршидаттар гардид. Дар Тоҷикистон ба мансаби Президенти ҷумҳур 10 номзад пешбарӣ карда шуд. Дар моҳи октябри соли 1992 дар анҷумани XXVI фавқуллодаи комсомоли Тоҷикистон вориси он - Иттифоқи Ҷавонони ҷумҳурӣ номзадии Давлат Худойназаровро ба вазифаи президентӣ пешниҳод ва дастгирӣ намуд.

Дар интихоботи моҳи ноябри соли 1991 Раҳмон Набиев бо аксарияти овозҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Созмони ҷавонони озод ҳамрадифи ҳизбҳои демократӣ ва наҳзати исломӣ, ҳаракатҳои мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон» гардида, дар муносибат ба Ҳукумати Тоҷикистон дар мавқеи оппозитсия буд.

Тоҷикистон ба давраи нави муборизаи сиёсӣ вуруд гашта буд.

Мухолифати тарафайн дар навбати худ ба гирдиҳамоии тӯлонии моҳҳои март-майи соли 1992 оварда расонид.

Дар асл ин ду майдон – «Шаҳидон» ва «Озодӣ» ду сангари ба ҳам мухолиф буда, ҳар яке ҳадафи худро дошт. Дар ҳар ду майдон ҷавонони ғаюр, ки дирӯз дар як ҷо мехонданд, мезистанд, кор мекарданд ба ҳам теғи назар мекашиданд.

Маҳз дар ин давра истилоҳи «ҷавонони шаҳрӣ» пайдо шуд.

7 майи соли 1992 Протоколи созиши Раиси ҷумҳур, Девони вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон ба имзо расид. Мувофиқи он бояд Ҳукумати Мусолиҳаи миллӣ ташкил карда мешуд. Шӯрои Президентӣ барҳам дода, ба ҷои он Мушовараи Олӣ таъсис дода мешуд. Дар навбати худ аҳзоби сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумӣ барои фавран ва комилан озод кардани майдонҳо ва то охири соли 1992 бас кардани ҳамагуна гирдиҳамоӣ ва роҳпаймоӣ ӯҳдадор шуданд.

Дар натиҷаи гуфтушуниди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Набиев ва нерӯҳои демократӣ 11 майи моли 1992 Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ташкил карда шуд.

Ташкилшавии Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ҷараёни бақайдгирии Созмони ҷавонони озоди Тоҷикистонро тезонид. Баъди дар моҳи майи соли 1992 ба қайд гирифта шудани Созмони мазкур, мувофиқи Ойиннома фақат шахсоне ба он аъзо шуда метавонанд, ки дини исломро эътироф намоянд.

Созмони ҷавонони озод ҳамон ҳукуматеро эътироф ва дастгирӣ мекард, ки дорои тафаккуру таасубҳои омиёна бошад ва сиёсати мустақили дохилию хориҷиро ба амал

барорад.

Созмони ҷавонони озод зидди ба созмонҳои Аврупо дохил шудани Тоҷикистон буд. Мувофиқи ақидаи Созмони ҷавонони озод барои давлати тоҷикон расидан ба оромии Ватан ва раҳоӣ аз варта дар иқтидори исломи асил аст ва танҳо ислом метавонад иттиҳоди миллатро ба вуҷуд орад ва парокандагиро барандозад.

7 сентябри соли 1992 дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе ҷавонони силоҳбадаст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиевро маҷбур карданд, ки аризаи истеъфояшро нависад. Амалиёти ғайриқонунии «ҷавонони душанбегӣ» боиси ташкили Ҳаракати халқӣ-ватандӯстии «Ватан» гардид. Ҳаракати «Ватан» моҳи сентябри соли 1992 таъсис ёфта, ташаббускори он раиси Кумитаи кор бо ҷавонони кумитаи иҷроияи шаҳри Хуҷанд Б.Худойбердиев буд. Маҷлиси муассисони Ҳаракат 19 сентябри соли 1992 баргузор гардид, ки дар он 106 вакил ва даъватшудагон аз шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Чкаловск, Ӯротеппа, Исфара, Ашт ва дигар ноҳияҳо ширкат доштанд. Дар маърӯзаи Б.Худойбердиев ва баромадҳои музокирачиён вазъи ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ ҳаматарафа таҳлил гардида, вазифаҳои аъзоёни Ҳаракат дар баркарор кардани сохти конститутсионӣ муайян карда шуда буданд.

Ба ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ Б.Худойбердиев (раис), С.Ҷӯраев, И.Иброҳимов, М.Марачабов, Я.Раҳимов, А. Якубов дохил гардиданд.

Мақсади асосии Ҳаракати «Ватан» мусоидат намудан ба баркарории сулҳ ва оромӣ, қонуният, таҳкими дӯстӣ ва бародарии шаҳрвандони Тоҷикистон, барпо кардани иқтисодиёти озоду тамоюли сотсиалистӣ –ҳамчун шарти асосии бунёди давлати ҳуқуқӣ, демократӣ, дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Ҳаракати «Ватан» 2 октябри соли 1992 дар Идораи адлияи вилояти Ленинобод сабти ном шуда, тибқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард. «Ватан» нақши муҳимеро дар омода ва гузаронидани сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, сафарбар намудани ҷавонони вилояти Ленинобод баҳри ҳифзи сохти конститутсионӣ дар ҷумҳурият бозидааст.

Моҳи ноябри соли 1992 сессияи XVI таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти конститутсиониро дар ҷумҳурият баркарор ва Эмомалӣ Шарифович Раҳмоновро сарвари кишвари тоҷикон интихоб намуд.

Аз рӯзҳои аввали баркарор гардидани сохти конститутсионӣ Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон роҳи пешгирифтаи ҳукумати нави ҷумҳуриро маъқул шуморид. Дар изҳороти Раёсати Шӯрои Марказии ИҶТ аз 16 январи соли 1993 қайд карда шуд, ки Иттифоқ ҳамаи имкониятҳои худро барои кӯмаку дастгирии Ҳукумати конститутсионӣ истифода мебарад.

Роҳбарияти ҷумҳурӣ ба ҷавонон ва ташкилоти онҳо – ИҶТ, ташабуссу марому мақсади онро таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунанд. Ин буд, ки 2 феврали соли 1993 бо ташаббуси Раиси Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов вохӯрии роҳбарияти ҷумҳурӣ бо намояндагони ҷавонон барпо гардид.

Сипас дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ҳамин гуна вохӯриҳои роҳбарон бо ҷавонон доир гардиданд, ки дар ҳамаи онҳо сухан дар бораи такя кардани ҳукумат ба ҷавонон, дастгирии ташаббус ва истифодаи нерӯи онҳо, аз ҷониби давлат мерафт.

6 ноябри соли 1994 дар натиҷаи райъдиҳии умумихалқӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Эмомалӣ Раҳмон бошад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

“Ҷумҳурии Тоҷикистон, -гуфта шудааст дар моддаи 1 Конститутсия и (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад”.

Ин боиси баланд шудани фаъолнокии сиёсии табақаҳои гуногуни аҳолӣ гардид. Дар ҳар ҷомеаи демократӣ афзоиши таваҷҷӯҳи аҳолӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва кӯшиши он барои ширкат дар дигаргунсозиҳои ҷомеа яке аз шартҳои муҳимтарини инкишофи давлат мебошад.

Ислоҳотҳои сиёсӣ шароит ва имкониятҳои заруриро барои ворид намудани шаҳрвандони

мамлакат ба раванди идоракунии ҷомеа фароҳам оварданд. Ин шароиту имкониятҳо пеш аз ҳама дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба шаҳрвандон кафолати имкониятҳои баробарро дар ташкил ва фаъолият намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ медиҳанд, таҷассум ёфтаанд. Асоси ҳуқуқии амалиёти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон инчунин дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон”, “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” зикр гардидаанд.

Мавҷудияти чунин асоси ҳуқуқӣ фаъолнокии баланди ҷавононро дар бунёд намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва таъсири амқи иштироки онҳоро дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа таъмин намуд.

Агар соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 иттиҳодияҳои ғайриҳукуматии ҷавонон амал дошта бошанд, айни замон шумораи онҳо зиёда аз 155 мебошад.

Ин далелҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки давлати мо ба инкишофи созмонҳои ғайриҳукуматии ҷавонон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамояд ва дар онҳо шарики боэътимодии иҷтимоиро мебинад.

Шаклҳои ҳамкории сохторҳои мақомоти давлатӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии гуногуни ҷавонон аз таҳияи лоиҳаҳои якҷоя то иштироки намояндагони давлат дар чорабиниҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматии ҷавонон иборат мебошад.

Шакли муҳими ҳамкории иҷтимоии давлат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ доир ба муттаҳид сохтани ҷомеа ва таҳкими сулҳ Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон гардид.

9 марти соли 1996 дар баробари роҳбарони қариб 30 ташкилоти сиёсию ҷамъиятии ҷумҳурӣ, роҳбарони Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ҳуқуқдонҳои ҷавон Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро имзо намуданд.

27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳоди мухолифини тоҷик имзо шуд. Ин санад ба музокироти байни тоҷикон, ки таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид беш аз се сол идома ёфт, ҳусни хотима бахшид.

Баимзорасии Созишномаи умумӣ саҳифаи нави фаъолияти ҳизбҳою ҳаракатҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро оғоз намуд.

Аҳамият ва мақоми Аҳдномаи ризоияти ҷомеаро дар марҳилаи татбиқи Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ, дигаргунсозиҳои муҳими дар пеш истода ба ҳисоб гирифта Шӯрои ҷамъиятӣ қарор намуд, ки мӯҳлати Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ба муддати се сол тамдид карда шавад.

Тамдиди Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро Иттифоқи Ҷавонони Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ҳуқуқдонҳои Тоҷикистон, Фонди тарбияи эстетикӣ ва маънавии наврасон ва ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷавонӣ», ташкилотҳои ғайрихукуматии «Нидои дӯстон», «Фидокор», Парастор», «Тоҷик спейшл олимпикс» низ имзо намуданд.

Тадриҷан ба эътидол омадани вазъи сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистон ба рушду камолоти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон мусоидат намуд.

1 июни соли 1995 анҷумани барқароркунии Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонони Тоҷикистон баргузор гардид. Анҷуман оид ба эҳёи фаъолияти комсомоли Тоҷикистон қарор қабул кард. Иштирокчиёни анҷуман ҳамаи созмонҳо ва иттиҳодияи ҷамъиятию сиёсии ҷавононро ба ягонагӣ ва ҳамкорӣ баҳри сулҳи шаҳрвандӣ, ризоияти ҷомеа ва гулгулшукуфии Тоҷикистон даъват намуданд.

Демократикунонии ҳаёти ҷомеа имконият дод, ки як қатор ташкилотҳои ғайридавлатии донишҷӯён таъсис дода шавад. Бо мақсади мусоидат ба рушди умуми тиб ва маориф дар ҷумҳурӣ, иртифоъи сатҳи назариявӣ ва амалии он, такмили протсесси таҳияи кадрҳои тиб, таҳкими принсипҳои инсондӯстӣ дар байни ҷавонони олами тиб моҳи ноябри соли 1991 Ассотсиатсияи донишҷӯёни тибби Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуд.

Ассотсиатсияи донишҷӯён ва мутахассисони ҷавони тибби Тоҷикистон аъзои 145-уми Ассотсиатсияи байналхалқии табибон мебошад. Мавриди зикр аст, ки Ассотсиатсия ба асоси баҳрабардорӣ аз таҷрибаи дигар кишварҳо дурнамои фаъолияти хешро муайян намуда, баҳри фаъолияти пурсамар мекӯшад, то натиҷаи дилхоҳеро ба даст орад.

Дар моҳи августи соли 1997 Ассотсиатсияи донишҷӯёни варзишгар созмон дода шуд. Ҳадафҳои асосии фаъолияти он равнақи варзиш дар байни ҷавонони ҷумҳурӣ, такмил бахшидани намудҳои гуногуни варзиши миллию муосир, дар рӯҳияи садоқату ватандӯстӣ ва солимӣ тарбия намудани насли наврас, фароҳам овардани шароит барои инкишофи варзиш дар кишвар мебошад.

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин Ассотсиатсияи донишҷӯён “КАРП”-ро сабти ном кардааст.

Яке аз соҳаҳои муҳими фаъолияти созмонҳои ғайридавлатии ҷавонон ҳарчӣ бештар ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷалб кардани ҷавонони болаёқат мебошад. Ҳанӯз соли 1992 гурӯҳи ташаббускорон Шӯрои ҷумҳуриявии олимон ва мутахассисонт ҷавонро таъсис доданд, ки дар ибтидои фаъолияташ якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар гузаронида буд.

Дар солҳои 1994-1998 Ассотсиатсияи ҳуқуқдонҳои ҷавон, Ассотсиатсияи мустақили сотсиологҳои ҷавон, Ассотсиатсияи иқтисодшиносони ҷавон таъсис ёфтанд.

Раванди ташаккулёбии ташкилотҳои ғайрихукуматии ҷавонон баъди ба имзорасии Созишномаи умумии сулҳ рӯз аз рӯз вусъат ёфт. Яке аз чунин ташкилотҳо, театри бачагонаи “Гули умед” моҳи апрели соли 1998 арзи ҳастӣ намуд. Сарварии театри мазкурро Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Майрам Исоева ба ӯҳда дорад.

Таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои ҷавонон марҳилаи навро ибтидо гузошт. Бо мақсади барқарор намудани робитаи мунтазам бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар назди Кумита Идораи робита бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои миллӣ ташкил карда шуд. Идораи мазкур дар як муддати кӯтоҳ корҳои шоёнеро ба анҷом расонид.

16 феврали соли 1999 дар ҳаёти ташкилотҳои ғайридавлатии ҷавонон ва наврасон саҳифаи нав боз гардид. дар Маркази эҷодии ҷавонон ва наврасони шаҳри Душанбе 19 ташкилотҳои ғайридавлатии ҷавонону наврасон дар бораи таъсис додани Шӯрои ҳамоҳангсозии иттиҳодияҳои ҷамъиятии наврасон ва ҷавонон шартнома имзо карданд.

Дар моҳи августи соли 2000 бошад дар заминаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ Ассотсиатсияи миллии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва наврасон таъсис ёфт.

Бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, такмили қонунгузарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина тақвият бахшидани сиёсати давлатии ҷавонон, фароҳам овардани фазои мусоидаткунандаи меъёрию ҳуқуқи сиёсати давлатии ҷавонон зарурат ба ворид намудани тағйротҳо ба Қонуни асосии ҷавонон ба миён омад.

Моҳи июни соли 2004 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»-ро қабул кард. Боби 5 ба Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ба вазъи ҳуқуқӣ, дастгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, таъсиси Шӯрои кор бо ҷавонон бахшида шудааст.

29 апрели соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 15-солагии Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷавонону занон, аҳли илм, иттиҳодияҳои эҷодӣ барои ба вуҷуд овардани фазои мусоид дар муколамаи ҳақиқии байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандии нав ташаккулёбанда тоҷик, сулҳу ваҳдати миллӣ баҳои арзанда дода ҳамзамон чунин вазифагузорӣ намуд: «…Шӯрои ҷамъиятиро лозим аст, ки дар доираи салоҳиятҳои худ фаъолтар амал карда, ҷиҳати ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ ҳарчӣ пурраву хубтар фаҳмонида додани моҳияти сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ, вазъияти имрӯзаи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда кӯшиш ба харҷ диҳад.

Ин амр тақозо мекунад, ки фаъолони Шӯро бо мардуми касбу кори гуногун, бахусус ҷавонон робитаи мустаҳкам дошта бошанд ва бо онҳо вохӯрии доимӣ барпо намоянд. Дар ин амри пурмасъулият мо ҳама бояд якҷо, яктану якмаром бошем, тамоми мардумро пеш аз ҳама ба ваҳдат, созандагиву бунёдкорӣ, ободсозии Ватани азизамон, баланд бардоштани нуфузи эътибори байналмилалии Тоҷикистон… раҳнамун созем».

Ҳамин тавр, далелҳои мӯътамад аз он шаҳодат медиҳанд, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар болоравии эҳсоси худшиносӣ, ифтихори миллӣ, тарбияи ватандӯстиву

ватанпарастии насли наврас мақоми хосае доранд.

ПАЙНАВИШТ

1. Абдуллоҳ, М. Ифтихори миллӣ мебояд / М.Абдуллоҳ // Тоҷикистон. – 1992. – 1 май.
2. Возрожден комсомол Таджикистана // Голос Таджикистана. –1995. –9 –15 июн.
3. Комсомолец Таджикистана. – 1991. – 13 сентябр.
4. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – 86 с.
5. Кульчик, Ю.Г. Гражданские политические движения в Таджикистане (1989 г. – март 1990 г.) / Ю.Кульчик, С.И. Румянцев. – Душанбе, 1990 – 76 с.
6. Набиев, В. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол / В.Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 340 с.
7. О комсомоле, президенте и нашем выборе // Вечерний Душанбе. –1991. –22 октябр.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон". 26 декабри соли 2018. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – 48 с.
9. Программные документы гражданских движений в Таджикистане / Составители Ю.Кульчик, С.И. Румянцев, З.Ш.Саидов. – М.: ЦИМО, 1990. – С.115-180.
10. Раҳмонов, Э. Табрикоти телевизионӣ ба муносибати 9-солагии Рӯзи истиқлолият 8 сентябри соли 2000 / Э.Раҳмонов // Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: Даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷ.3. – С.436-444.
11. Садои мардум. – 1992. – 7 май.
12. Сухан. – 1991. – 11 октябр.
13. Ҷавонони Тоҷикистон. – 1994. – 15-21 июн.
14. Шарипов, Х. "Ватан" / Х.Шарипов // Хуҷанд: "Энциклопедия". – Душанбе, 1999. – С.194.
15. Шарипов, Х. "Дирафши Ковиёна" / Х.Шарипов // Хуҷанд: "Энциклопедия". – Душанбе, 1999. – С.283.

ИЗ ИСТОРИИ ОБРАЗОВАНИИ ПЕРВЫХ МОЛОДЕЖНЫХ ОБЩЕСТВЕННЫХ ОБЪЕДИНЕНИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ
(конец 80-х – начало 90-х годов XX века)

В статье на основе фактических материалов освещаются образование первых молодежных общественных объединений в период горбачевской перестройки и суверенного Таджикистана. Подчеркивается, что государсвенная независимость Таджикистана создала благоприятные условия для образования молодежных общественных объединений. Особо отмечается заслуга Основателя мира и национального единства – Лидеру нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в поддержке начинаний и инициатив молодежи. Автор делает вывод о том, что молодежные общественные объединения занимают особое место в повышении чувства самопознания, национальной гордости и патриотического воспитания подрастающего поколения.

Ключевые слова: *перестройка, самопознание молодежи, молодежные общественные объединения, суверенность, политические противоборства, Союз молодежи Таджикистана, комсомол*

FROM THE HISTORY OF THE FORMATION OF THE FIRST YOUTH PUBLIC ASSOCIATIONS IN TAJIKISTAN
(late 80's-early 90's years of XX century)

The article highlights the formation of the first youth public associations in the period of Gorbachev's perestroika and sovereign Tajikistan on the basis of factual materials. It is emphasized that the state independence of Tajikistan has created favorable conditions for the formation of youth public associations. The merit of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of Tajikistan Emomali Rahmon in supporting the initiatives of young people is particularly noted. The author concludes that youth public associations occupy a special place in increasing the sense of self-knowledge, national pride and Patriotic education of the younger generation.

Key words: *adjustment, self-knowledge of youth, youth associations, sovereignty, political confrontation, the Youth Union of Tajikistan, the Comsomol (young Communist League)*

Сведения об авторе:

Набиев Вахоб Машрафович, *доктор исторических наук, профессор, заведующий кафедрой Отечественной истории ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

About the author

Nabiev Vakhob Mashrafovich, *Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Patriotic History Department of the SEX «Khujand State University named after Bobojon Gafurov» (Tajikistan, Khujand)*

УДК: 338.984, 338.001.36

ТАДЖИКСКАЯ ЖЕНСКАЯ ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Бобоходжаева Г.Д.

Таджикский государственный университет коммерции

Один из важных особенностей таджикского общества в первые годы независимости стала женская таджикская трудовая миграция, которая была непредставляемым ранне для менталитета таджикского общества. Таджикские женщины прежде никогда не представляли себе самостоятельный поиск работы за границей родины, тем более что основные работы семьи всегда приходилось на долю мужчин. Жинщина всегда считалась (и ныне тоже считаются) хранительницей домашнего очага, честь и совестью семьи и мужчины, защиту о которой как всегда лежала на плече сильного пола.

Так что же послужило причиной того, что в современном глобализационном мире таджикские женщины как и на равне с мужчинами начали отправлятся на заработки за пределов Таджикистана? Прежде всего необходимо отметит, что современный глобализационный мир, модернизировала духовную сущность и приравнивала мужчин и женщин как по правовым так и по трудовым объязанностями. Женщины Таджикистана в годы Советского Союза обучались самостоятельно трудиться и зарабатывать себе на жизнь и стали более современее прежнего. Их можно было встречать как за рулем у тракторов и комбайнов в совхозах и кольхозах, так и в крупных заводах и фабриках в качестве простых рабочих, а также как руководителей различных предприятий и организации. [1]. Не мало было и женщинь-таджичков среди участников Великой Отечественной Войны: снайперы и саперы, даже летчицы-таджички верностью послужили своей родине – СССР: сотни девушек и женщин из Таджикистана добровольцами пошли на войну и воевали против нацисткой Германии плечо к плечу с мужчинами. Историк и профессор Таджикского государственного университета Рохат Набиева, которая исследует вклад таджикских женщин в борьбе против фашизма в своей книге «Занони Точикистон дар солхои Чанги Бузурги Ватани» («Таджикские женщины в годы Великой Отечественной Войны») подвела итоги своей многолетней работы по этой теме. Рохат Набиева пишет, что 32 тысячи девушек и жещин из Таджикистана принимали активные участия в борьбе против фашистских захватчиков: 350 из них были снайперами. Махбуба Турсунова в свои 18 лет работала разведчицей в Афганистане. Теперь ей 93 года и она отправилась на парад в Москву для празднования 70 летия победы над фашистской Германии. Вклад Махбубы Турсуновой в раскрытии группы диверсантов, которых через Афганистан заслал в Хатлонскую область Таджикистана «Абвер» – одна из разведслужб Германии, не мал.

Немало было и женщин-таджиков – героев соцтруда в годы строительства социализма. Например, Мамлакат Нахангова и многие другие.

Женщинь-таджички постепенно наполняли ряды трудовых мигрантов во втором половине декады независимоти Таджикистана, когда явно ощутили семейные финансовые проблемы и дольгие отсутствия мужчин-мигрантов. Для отражения более ясной картины происходящего в современном таджикском обществе в этом направлени следует разделит на несколько категорий причин миграции женщины Таджикистана: 1. Женщины-трудовые мигрантки, которые являются старшими в семье и более нет другого кормилица-мужчины. 2. Женщины-трудовые мигрантки, которые вместе со своими родителями, братями и мужями идут в зарубежные страны как на заработки так и на поиски временных или постоянных место жительства. 3. Женщины-трудовые временные или сезонные мигрантки, которые идут в ближные зарубжья в поиске более оптимальной работы с более высокой заработной платой для решения своих семейных и финансовых проблем на родине. 4. Женщины-трудовые мигрантки-одиночки, желающие обустроит свою личную жизнь, ища различные пути решения своих проблем. [2,ст.37].

Женщины-трудовые мигрантки первой категории очень редко встречаются среди сезонных трудовых мигранток, так как таджикские семьи обычно бывают многодетными и мужская часть семьи не позволяють своим старшим сестрам и матерям ради них идти в дальный или близкий зарубеж на поиски их пропитания. В некотором случае родственники семьи заботяться о их

финансовом проблеме, не позволяя женщинам этой семьи идти на риск без особой на то причины. Это ситуация относиться к отдаленным и горным селениям, однако городские женщины, адаптирующиеся в современных условиях глобализационного мира, если они являются старшими в семье, то берут на себя все объязательство обеспечения семьи и им не помеха народные традиции.

